# ФАРҲАНГИ ИБОРАҲОИ РЕХТА

НАШРИЁТИ
„ИРФОН“
*Душанбе—1964*

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ А. РӮДАКӢ

# ФАРҲАНГИ ИБОРАҲОИ РЕХТАИ ЗАБОНИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

## (ФАРҲАНГИ ФРАЗЕОЛОГӢ)

*Ҷилди дуюм,*

С — Ҷ

13003
... АН Тоҷ. ССР
... ТЕКА

НАШРИЁТИ „ИРФОН“
*Душанбе—1964*

Тартибдиҳанда *М. ФОЗИЛОВ*

Таҳрири *РАҲИМ ҲОШИМ*

# С

**САБАҚ**

### 1. Сабақ гирифтан

аз чизе барои худ хулоса баровардан, ибрат гирифтан, мутанаббеҳ шудан.

Ӯ ҳабс шудааст, маҳкум шудааст. Вале маълумотҳое, ки ба прокуратураи район аз одамони гуногун, аз колхозчиёни оддӣ меоянд, тасдиқ мекунанд, ки Саиднуриддин ҳанӯз сабақ нагирифтааст ва майнаи аҳолиро гиҷ карда, одамонро гумроҳ менамояд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 2. Сабақи касеро додан

адаби касеро додан, ҷазои касеро додан.

Сабур бошад, худ ба худ «муаллим боб карда сабақашро медиҳад» мегуфт...

*М. Шарқӣ, «Ваъдаи қатъӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 3. Дар (ба) чизе касеро сабақ додан

дар коре ниҳоят моҳир будан.

Ба порахӯрӣ ҳамаи оқсаққолҳоро сабақ медиҳад...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 4. Сабақ шудан

дарси ибрат шудан, аз хотир фаромӯшнашаванда гардидан.

Не, ин суханро вай барои он гуфт, ки дар ичрои ин кори бузург дар қишлоқ Муқим барин ёридиҳанда кам дошт. Ба вай одам лозим буд, Муқим барин касон лозим буданд, ки ёрӣ диҳанд.

— Хайр,— гуфт вай ба гапаш давом кард,— майлаш, ин сабақи калон шуд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**САБИЛ**

### 5. Сабил монад

бесоҳиб монад, бало ба сараш, зор монад (дар мавриди дилхунукшавӣ аз касе ё чизе гуфта мешавад).

1. Аз риштаи фикрам ҳимел,
Шуд ҳай дуруғи хел-хел
Зору сабил монад, вале
Ҳаргиз намеистад ба бел!

*С. Ҷавҳаризода, «Ҳадья ба диловари ватан».*

2.— Сабил монад ин корҳо!

*«Тоҷикистони советӣ».*

**САБР**

### 6. Сабр (сабру тоқат)-ро аз даст додан

беқарор, бетоқат шудан, ба чизе бардошт карда натавонистан.

1. Ҳар кас ки дида, он наврасида,
Аз даст дода сабру дилу ҳуш.—

*С. Айнӣ, «Ашъори мунтахаб».*

2. Муҳаббат, ки ҳамаи ин гапҳоро шунида истода буд, ниҳоят сабру тоқатро аз даст дода ба хона зада даромада, ба таври қатъӣ эътироз баён кард...

*«Газетаи муаллимон».*

## 7. (Гар) сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад

агар сабру бурдборӣ кунӣ, хар корат ба натиҷа хоҳад расид, ба душвориҳо таҳаммул кунӣ, ба мақсади худ мерасӣ.

1.— Метарсам, ки баръакс боз чигил накунад,— ҷавоб дод Ҷобиров, дар ҳолате ки ба дурустии ин шубҳа худаш ҳам чандон дилпур набуд.

— «Сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад» гуфтаанд, лейтенант. Канӣ, бинем, Насими шумо чӣ хел махлуқ аст. Аз паяш шавед, ҷӯра.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

2.— Парво накун, ин ҳукумат бо техникаи худаш ҷигари кӯҳро чок мекунад, мана дар он вақт роҳи мо як қадам мешавад.

— Дуруст, аммо кай мешавад?

— « Сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад» гуфтаанд...

*«Маориф ва маданият».*

## 8. Сабру тоқат аз даст рафтан

*Ниг.* Сабрро аз даст додан.

С у л т о н. Озодамоҳ! Озодамоҳ, сабр кунед, хоҳиш мекунам, сабр кунед!

О з о д а м о ҳ... Сабру тоқат кайҳо аз даст рафт. На шуморо дидан мехоҳам ва на бо шумо ҳамсӯҳбат шуданро.

*Қ. Носиров, «Орияг».*

## 9. Сабру қарорро аз даст додан

*Ниг.* Сабрро аз даст додан.

Вай дигар сабру қарорро аз даст дода, бо садои хеле баланди ларзон ва дар айни ҳол таҳдидомез гуфт...

*Ҳ. Карим, «Дар маҷлис»*
*(«Шарқи сурх»).*

**САБУК**

## 10. Сабук будан

1. бетамкин, беқарор будан; дар кирдору рафтор вазнин набудан, 2. бемулоҳиза, беандеша будан.

— Ба назарам, вай ин хел сабук набуд-ку!

*«Маориф ва маданият».*

## 11. Сабук гардидан

*Ниг.* Сабук шудан.

Муҳаммадҷон ин меҳрубонӣ ва хушзабонии Қудратро дида сабук ва хурсанд гардид.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

## 12. Сабук шудан

1. худро хуб ҳис кардан, сиҳат ёфтан, 2. зоидан, 3. бемулоҳиза, беандеша шудан, 4. кам шудан.

1. Чои гармро ки хӯрдам, насиб бошад, арақ мебиёрад, арақ ки омад, хеле сабук мешавам.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Келинатон сабук шуд.

*Ш. Киёмов, «Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат шав!» («Пьесаҳои якпардагӣ»).*

3. Наход, ки ту ҳамин қадар сабук шуда мондӣ? Кас, ҳа гуфта, аз ҳар чизи майда-чуйда натиҷа баровардан намегирад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»)*

4. Мо бояд басабр бошем, сабук нашавем...

*Р. Ҷалил, «Фаранҷии охирин» («Шарқи сурх»).*

5. Пас аз он, одамкушӣ хеле сабук шуда бошад ҳам, фоҷиа бартараф нашуда буд, обхона ҳеҷ гоҳ аз бандиёни кушташуданӣ холӣ намемонд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**САБУКПО**

### 13. Сабукпо шудан

1. булҳавас гардидан, 2. бадахлоқ шудан, ҳарзагард шудан.

Ман ёд надорам, ки ягон зани косиби бечора ва ё ки зани деҳқон сабукпо шуда бошад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**САБУКӢ**

### 14. Сабукӣ кардан

бемулоҳизагӣ, беандешагӣ кардан, дар гуфтор ва рафтор пешхезӣ кардан.

1. Яке аз онҳо дар вақти пурсуков хеле сабукиҳо кард. Вай гоҳо гириста худро ба зери пои майор партофтанӣ мешуд, гоҳо зорӣ ва тавалло карда амон мехост.

*Ҷ. Икромӣ, «Достони марди танкшикан».*

2.— Лекин шумо ҳам, хоҳар, сабукӣ кардед. Магар кас ба домани одами зандор часпида гирифта, ҳамроҳи вай ба шаҳри дигар гурехта меравад?

*К. Носиров, «Орият».*

3. Фақат гоҳе сабукӣ мекард, он ҳам шояд хислати ҷавонӣ бошад...

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

**САВДО**

### 15. Савдои чизеро дидан

савдо кардан, баҳои охирини чизеро муайян кардан.

— Ана, савдоша дидан гиред, думаш дар хӯрҷин!

*«Латифаҳои тоҷикӣ».*

### 16. Аз савдо кану хӯрок зан

дар харид ва рӯзғори худ сарфа кардан.

Шумо ҳам ба кавли «аз савдо канед, хӯрок занед», ҳар моҳ як чиз-ним чизи ба пул меарзидагӣ харида, ба хонаи ман оварда монед.

*«Занони Тоҷикистон».*

### 17. Савдои умр

аҳду паймони якумра, зану шавҳаршавӣ.

— Ба ҳар ҳол, пеш аз ҳама раъи худи духтар бояд бошад... Ин савдои умр аст, падар.

*Ф. Ансорӣ, «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 18. Савдои хом шудан

бенатиҷа шудан, ба даст надаромадани натиҷаи манзур.

Ба ҳимояти лашкари Ли Син-Ман бисьёр пул харҷ кард, ба вай аз худо мадад ва зафар хост.. Лекин «ин ҳам нашуд муяссару савдои хом шуд!»

*«Хорпуштак».*

### 19. Савдои хона ба бозор рост намеояд

нақшаю қарори пешакӣ, ки бидуни ба назар гирифтани шароит кашида шудааст, амалӣ намегардад, иҷро намешавад.

— Баромаданашон даркор буд,— гуфт дар ҷавоб Самадзода.

— Аммо савдои хона ба бозор рост намеояд гуфтагӣ барин, дирӯз ба Искандаркӯл баромада рафтанд.

*«Газетаи муаллимон».*

### 20. Ба савдое афтидан

ба ҳолати ногуворе, мушкилие гирифтор шудан.

Ба аҷаб савдое афтидам... Ба духтари худам хӯчаинӣ карда наметавонам...

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ»*
*(Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

**САВЛАТ**

### 21. Аз савлаташ об ях мекунад

хеле ҳавобаланд ва мутакаббир аст.

Аз савлати вай, мегӯянд, об ях мекунад.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

**САВОД**

**22. Саводи касе пухта шудан**

нағз савод баровардан, босавод шудан.

— Хайр, ҳамин китоби дар дасташ будагиро тамом кунад, саводаш пухта мешудааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**САВОЛ**

**23. Савол аз осмону ҷавоб аз ресмон**

ба савол ҷавоби мувофиқ нагуфтан, бемаитиқ, беробита ҷавоб додан.

— Ту, уко, «савол аз осмону ҷавоб аз ресмон» гуфтагӣ барин, худро беҳуда ба нодонию девонагӣ наандоз...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**24. Ба саволу ҷавоб даромадан**

ба саволу ҷавоб сар кардан, ба пурсиш шурӯъ намудан.

Бо вай ба саволу ҷавоб даромаданд.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт»*
*(«Маориф ва маданият»).*

**САВОРА**

**25. Савораро чӣ ғами пиёда**

*Ниг.* Ишками сер чӣ парвои ишками гурусна.

— Як сари қадам фуромада ба ҳолпурсӣ кардан ҳам вақташон набудааст-дия?...

— Э, мӯйсафед,— ба гап ҳамроҳ шуд шарики ӯ,— савораро чӣ ғами пиёда гуфтаанд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

## САГ

### 26. Саг ба соҳиби худ нигоҳ намекард

*Ниг.* Саг соҳибашро намешинохт.

Дар роҳи кӯҳ бошад, саг ба соҳибаш нигоҳ намекард, ҳар кас дар ғами ҷони худ буд.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 27. Саг барин кӯфта шудан

ниҳоят хаставу монда гардидан.

Аз чойхона саг барин кӯфта шуда омадаму худамро ба рӯи бистар партофтам.

*П. Толис, «Тобистон».*

### 28. Сагро занӣ ба болои касе, чизе меафтад

хеле зиёд будани чизе, ё касони ба ҳам монанд.

Зеро уламои динӣ он қадар бисьёранд, ки агар сагро занӣ ба болои онҳо меафтад...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 29. Саги киро тур гуфтем?

киро ранҷонидем? ба кӣ азият расондем?

1.— Ману ту чӣ кор кардем? «Хари киро иш!, пишаки киро пишт! ва саги киро тур гуфтем!» Гуноҳи ман аст, ки баъд аз даҳ сол хидмат кардан як пул музд гирифта натавониста аз дари хонаи Ҷалолиддин Амини Ғиҷдувонӣ гурехтам...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2.— Нестам аз ту ман забонкӯтоҳ,
Пӯш барвақттар даҳонатро!
Ҳасан оё саги туро «тур» гуфт,
Ё ки кардааст нима нонатро?

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

**30. Саги сафед ҳам сагу саги сиёҳ ҳам саг —**

бад дар чӣ шакл ва қиёфате набошад, бад аст.

Иброҳимашро дида будем, акнун Анвараш меомадааст.

— Анвар босмачӣ не-ку?
— Барои мо, фуқарои камбағал, саги сафед ҳам сагу саги сиёҳ ҳам саг.

*Р. Ҳайдар, «Зафар»*
*(«Шарқи сурх»).*

**31. Саг соҳибашро намешинохт (намеёфт)**

хеле бетартибӣ, бесаранҷомӣ буд, ҳар касе дар паи кори худ буд, ҳама дар ғаму ташвиши худ буд.

1. Набошад, дар як вақте ки саг соҳибашро намешиносад, киро ба кӣ кораш ҳаст!

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. — Бибиҷон, аҷоиб дилвасеъ шудед-дия! Ҳозир бе шумо дар поён саг соҳибашро намеёбад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**САД**

**32. Сад ба сад**

сад фоиз, ҳамагӣ, комилан.

— Ман чорае андешидаам, ки бо вай сад ба сад дар кори худ комьёб хоҳам шуд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**33. Аз сад гулаш як гулаш нашукуфтааст**

лаззати ҳаётро начашидааст, ҳанӯз ҷавон аст.

1. — Ҳайф аст, ҷавоне ки аз сад гулаш як гулаш нашукуфтааст, худро бо як беандешагӣ нобуд кунад.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. — Сейӯмиро бо ана ин хел шамшер қалам-қалам мекунад ва ин бачаи бегуноҳ номаш чӣ буд, ҳа, Давлатро кӣ медонад, чӣ мекунанд...
— Бечора, аз сад гулаш як гулаш нашукуфта хазон мешавад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

3. Маро пир гумон накунед. Аз сад гулам як гулам ҳам нашукуфтааст.

*Ш. Қиёмов, «Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат шав». («Пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 34. Сад задани сӯзангару як задани оҳангар

зарба аз зарба фарқ дорад.

Як худам дахтои ин ҳезалакҳоро каллапоча карда мемонам. «Сад задани сӯзангару як задани оҳангар» гуфтаанд. Дар тирдони милтиқи панҷтира тир шибба бошад, як лак сӯфию имом думашро хода карда мегурезаду ба ҷириндиҳо ҷо мешавад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

### 35. Сад кунад...

1. ҳарчи бошад ҳам, ҳар коре мекарда бошад ҳам, 2. ҳар қадар кӯшишу ҳаракат кунад ҳам.

1. Сад кунад фарзанд фарзанд аст. Модари мушфиқ аз як тараф аз хулқу одоби нозеби писараш афсӯс хӯрад, аз тарафи дуйӯм ба ҷигарпораи худ—Тимофей раҳмаш меомад.

*«Маориф ва маданият».*

2. Дӯст надоранд, агар сад кунӣ,
Сад ҳунар аз ёд чу абҷад кунӣ.

*Ғ. Мирзо, «Тоҷи давлат».*

### 36. Ба сад мақом

ба ҳар тариқ, бо роҳҳои гуногун.

Ба сад мақом гирифта гап занам, қабул накард.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 37. Сад тилло

1. ниҳоят хуб, аз ҳама беҳтар, 2. ғанимат аст.
— Ҳамин тавр, кайф карда гаштагем сад тилло!

*Ҷ. Икромӣ ва А. Одинцов, «Аҷоиботи сафар» («Шарқи сурх»).*

### 38. (Агар) Сад ҷон дошта бошад, якеаш халос намешавад

*Ниг.* Аз сад ҷони касе як ҷонаш саломат намемонад.

Агар ясавул сад ҷон дошта бошад, якеаш халос намешавад.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 39. Аз сад ҷони касе як ҷонаш саломат (амон) намемонад

бо ҳеҷ роҳ халосӣ ёфта наметавонад, ҳатман кушта мешавад, ҳеҷ роҳи наҷот нест.

Агар вай (номаи инқилобӣ—М. Ф.) аз пеши мо ёфт мешуд, аз сад ҷонамон як ҷонамон ҳам саломат намемонд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон»*

## САДАҚА

### 40. Садақаи сар кардан

1. касе ё чизеро барои саломатӣ, осоиштагии касе қурбон кардан, 2. чизеро аз сари худ, дафъ ва соқит намудан.

— Баред, ҳар дуяшро ҳам садақаи сари ҳазрат кунед!...

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 41. Садақаи сар шудан

дафъ, нест шуда рафтан; мурдан.

— Худи ҳамон шаби тӯй садақаи сар шудааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 42. Садақаи сарат (ҷонат) гардам, (шавам)

қурбонат шавам

1. — Садақаи сарат гардам, ба ман нигоҳ кун, дарди дилатро ба ман бигӯ!

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидон» («Шарқи сурх»).*

2. — Садақаи шумо шавам! — гуфт аз хурсандӣ Асо...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**САД(Д)**

### 43. Садди роҳ шудан

дар коре ба касе монеъ шудан, ба пешрафти касе халал расондан.

1. Шояд вай маро дар ҳақиқат дӯст медорад, дар ин роҳ Набиҷон садди роҳ шуда наметавонад.

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

2. Кист он касе ки садди роҳи раис мешавад? Кист он касе ки пишаки ӯро пишт гуфта тавонад?

*«Тоҷикистони советӣ».*

**САДҚА**

### 44. Касе, чизеро садқаи чизе кардан

чизе, касеро ба эътибор нагирифтан, аҳамият надодан, ба чизе лоиқу сазовор надонистан.

Мо ба онҳо ҳеҷ чиз намегӯем. Онҳоро садқаи суханамон мекунем.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

### 45. Садқаи сар

1. қурбон, фидо, 2. майлаш, боке нест.

1. Вай дастгир шавад, садқаи сар, аз куҷо ва чикора будани вайро мо намедонем...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2.— Чӣ мекардем? Як дона тир ҳам садқаи сари ин, «хас каму ҷаҳон пок»,— гуфта яке аз ярокдорон милтиқи худро рост кард.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3. — Хайр, хайр,— ӯро бозмедорад Саҳл,— Осиё ҳам садқаи саратон. Додам!

*С. Улуғзода, «Қисмати шоир».*

4. — Майлаш, бригадаи ман ҳар чӣ шавад, шудан гирад! Садқаи сари шумо.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

5. — Маро фиреб надиҳед, ман аниқ фаҳмидам.

— Фаҳмида бошӣ, садқаи сарам. Хоҳӣ, ман ҳамин хел одам, нахоҳӣ, роҳ кушода, ба куҷое ки хоҳӣ, рафтан гир.

*«Маориф ва маданият».*

## 46. Садқаи чизе шудан

1. лоиқ, сазовори чизе, касе набудан, наарзидан, 2. қурбон, фидо шудан.

1. Бо як авоми чапани нодон гап заданро ба худ ор медонам, бинобар ин «садқаи гап шавед» гуфта ҷавоб надодам, вагарна ман ҳам ӯро соз мекардам.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

2. Садқаи ҳукумати одил шавам.

*С. Саидмуродов, «Ибрат» («Занони Тоҷикистон»).*

3. — Қодирҷон, садқаи чашмонат шавам, бачам!

*Қ. Носиров, «Орият».*

4. — Садқаи як бурда нон шавӣ.

*«Тоҷикистони советӣ».*

5. Чунки ин хел ҷасадҳои ифлоси номардонро об албатта тез бароварда мепартояд. Садқаи об шавед!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

6. — Хуб, магар не мегӯям,— гуфт хоҳараш,— садқаи писарат шавам...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

САЗО

## 47. Сазои сари касе

1. ҷазои худ, азоби худ, 2. ҷазои беақлӣ, подоши беандешагӣ.

Дар ин район одати аҷоибе мавҷуд буд: ҳамин ки ягон коркуни ташкилоти районӣ сустӣ кард, фавран ӯро сазои сараш гӯён ба раисии колхоз тавсия мекарданд...

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*



13003

**САЙР**

### 48. Сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам (сайр)

зарар надорад, ҳар чӣ бодобод.

1. Аммо ҳоло дигар чора набуд, кайҳо чорьяки роҳро тай карда будем. «Ҳар чӣ бодобод!— гуфтам дар дилам,— сайр ҳам сайр асту саргардонӣ ҳам.

*Ф. Муҳаммадиев, «Дар роҳи нав» («Шарқи сурх»).*

2. Аммо ҳисси кунҷковӣ моро пеш ронд ва сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам сайр гӯён азми саёҳат намудем.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

**САЛАВОТ**

### 49. Салавот хондан

фаромӯш кардан, чизеро ношуда пиндоштан.

Ба гапҳои гузашта салавот хонда, хушӣ ба хушӣ боз зиндагӣ мекунед...

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

**САЛАНГ-**

### 50. Саланг-саланг гаштан

бекор гаштан.

— Дар ин ҷоҳо саланг-саланг чӣ кор карда гаштӣ?...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

**САЛЛА**

### 51. Салла биёред (гиред) гӯянд, калла меоварад (мегирад)

дар иҷрои коре ифрот кардан, барои хушомад ё худнамоӣ кореро аз даркораиш зиёдтар иҷро намудан.

1. Маъмурони ҳукумати Бухоро, ки агар амир ба онҳо: «салла биёред» гӯяд «кала меоварданд», аз деҳқонон ҳам салла ва ҳам каллаашонро гирифта, онҳоро ба пӯст кандан даромадаанд.

*С. Айнӣ, «Еддоштҳо», қ. I.*

2. Ҳоким ба одамони худ фармуд, ки моро аз ҳам ҷудо карда, ба хона—аз пеши ӯ бароранд. Одамони ҳоким, ки агар ба онҳо «салла биёред» гуфта фармон диҳад, «онҳо калларо меоранд», маро аз ҳам ҷудо карда, ҳар дуямонро зада-зада аз ҳокимхона ба кӯча бароварда пеш карданд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

3. Аз он ҷо-аз боло мефармоянд, ки саллаашро гир, дар ин ҷо калларо мегиранд.

*Р. Ҷалил, «Шуроб».*

**САЛМА**

### 52. Салмаи сар шудан

бори зиёд, нодаркор шудан, сарборӣ шудан.

Қампир ба ман салмаи сар шуд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**САЛОМ**

### 53. Ба саломи касе алек нагирифтан

ҳавобаланд, мағрур, касношинос шудан.

Дигаре пурсид, ки чаро коммунист Ш. шахсан ин қадар бовиқор аст ва аксар ба саломи кас алек намегирад...

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 54. Саломy алекро насия кардан

салом надодан, илтифот накардан.

Саломy алекро насия карда, ба зердастонаш фармон дод...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 55. Салом додан

баъд аз якчанд вақт ҳақ будани худро дар коре исбот кардан ё хотирнишон намудан.

1. — Вақташ ояд, баъд худам салом медиҳам.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. — Агар мард бошед, ба ҳамин гапатон истед! Як вақт «салом медиҳам».

*«Маориф ва маданият».*

**САЛОҲ**

### 56. Салоҳ донистан

дуруст, хуб, раво донистан, чизеро маслиҳат дидан.

Абӯалӣ ибни Сино дигар ба Ҷурҷон монданро ба худ салоҳ надониста аз он ҷо ба «Деҳистон» рафт.

*С. Айнӣ, «Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино».*

### 57. Салоҳи мамлакату мулк хисравон донанд

беҳбудии ҳар корро оқилон, соҳибони кор медоданд.

1. — Эй мардум! Ношукрии шумо гирифт, осоиш аз миён рафт, пас аз ин дар фалокат, дар ғурбат умргузаронӣ мекунед. Шумо қадри ҷаноби олиро надонистед, ба ҳар кори он кас забон расондед, надонистед, ки кори подшоҳон беҳикмат нест; надонистед, ки «салоҳи мамлакату мулк хисравон донанд».

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — «Салоҳи мамлакату мулк хисравон донанд» — гуфтаанд, ки ин бисьёр дуруст аст,— гуфт ва ба нотиқи охирӣ хитоб карда давом намуд: — шумо мегӯед, ки «фарзи айн надонистагонро 39 дарра мезананд». Куҷои ин кор аҷиб аст? Магар ин кор мухолифи шариат аст? Агар ҷоҳилонро назананд, дар андак вақт дин аз даст меравад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

### 58. Ба салоҳ овардани кор

ба роҳи дуруст даровардани коре, ба ифоқа овардани коре.

Ба салоҳ овардани ин кор танҳо аз дасти шумо меояд.

**САНГ**

### 59. Ба санг бархӯрдани тири касе

*Ниг.* Тири касе ба санг хӯрдан.

Чунки дар он вақт «ба санг бархӯрдани тири одамкушиашон ба ҳар кас маълум шуда, сабаби шикастани шаънашон мешуд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

## 60. Санги вазнинро об намебарад

оқибати тамкин, вазнинӣ, мулоҳизакорӣ хуб аст, касе ки дар кори худ собитқадам ва устувор аст, ба мақсади худ муваффақ мешавад.

1. — Санги вазнинро об намебарад, хоҳарам, вазнину ботамкин шудан лозим, бо шӯру ғавғо кор буд намешавад...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. — Ҳеҷ гап не, духтарам,— боз монанди ҳар дафъа насиҳат намуд модараш,— муросо кун. Агар ба хурсандӣ ҷавоб диҳад, ба ягон ҷой даромада кор мекунӣ. Не, ҷавоб надиҳад, худсарӣ накун. Санги вазнинро об набурдааст.

*А. Мусаввада, «Сабоҳат»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

3. Давлат ҳам, ки сабру токатро аз даст дода буду аз дилгирӣ мехост ба ҷои аз одам дуртар рафта гириста гирад, ба масали «санги вазнинро об намебарад» амал намуда, бо силаю сипа кардани бузғола худро машғул месохт.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

## 61. Санги даркорӣ вазнинӣ надорад

чизи даркорӣ ба кас бори зиёд намешавад, чизи даркорӣ ҳаргиз зиёдатӣ нест.

1. Рӯзе аз рӯзҳо занаш ба дасти ӯ рӯйхати чизҳои заруриро дода, хоҳиш кард, ки пеш аз зимистон ғами онҳоро хӯрда монад.

— «Хари кӯру оғили танг» гуфтагӣ барин дар хоначаи хурди мо ин қадар чиз барои чӣ лозим!— гуфт Умарҷон.

— Санги даркорӣ вазнинӣ надорад.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

2. — Охир бе ин ҳам машинаю тракторатон аз ҳад зиёд аст-ку!— Аҷаб содда будед, «санги даркорӣ вазнинӣ надорад» гуфтаанд.

*«Хорпуштак».*

### 62. Қасеро санг задан

касеро сарзаниш кардан, таъна, маломат намудан.

Устоамак бо ин сухани худ худи Азизхоҷаро девона гуфта буд ва инчунин эшонҳои девонахони он деҳаро низ санг зада буд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 63. Санг намедиҳад, ки бар (ба) сар занам

аз касе ҳатто чизи беарзиш, бекораеро дареғ доштан.

1. Инҳо соддаанд, ки ба ману ту нон медиҳанд, агар чӣ будани моро донанд, сангро намедиҳанд, ки бар сарамон занем.

*С. Айнӣ «Дохунда».*

2. Ба Азимшоҳ ман санги кӯҳро намедиҳам, ки ба сараш занад.

*Ҷ. Икромӣ, «Дохунда» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»)*

### 64. Санги ногаҳонӣ шудан

зарбаи ғайри интизорӣ шудани чизе.

Ҳақиқатан барои Холматов, ки умед ва орзуҳои зиёд дошт, ин санги ногаҳонӣ шуд.

*Ҷ. Икромӣ, «Зуҳра».*

### 65. Санг об шудан

ниҳоят таъсирбахш будан, хеле дилсӯз будан.

— Ба оби гирьяю нола санг об мешавад.

*Ҳ. Карим ва Дунган, «Соли 1916». («Шарқи сурх»)*

### 66. Санги сари роҳи касе шудан

*Миг.* Садди роҳ шудан, пеши роҳи касеро гирифтан.

— Барои чӣ шумо ӯро таъриф мекунед? Вай-ку санги сари роҳи шумо шуд. Шумо понздаҳ сол боз механик шуда кор мекунед, понздаҳ сол! Вай бошад се моҳ ҳам кор накарда, ҷои шуморо гирифт.

*Ҷ. Одинаев, «Механики нав» («Шарқи сурх»).*

### 67. Санги хона ба бозор рост намеояд

*Ниг.* Савдои хона ба бозор рост намеояд.

Охир, санги хона ба бозор рост наояд, ман чӣ кор кунам?

*«Хорпуштак».*

### 68. Санги қаноат ба дил бастан

қаноат кардан, ба нобуданӣ, эҳтиёҷ тан додан.

Ман на гадою на зи аҳли нифоқ
Ризқи ҳалолам бувад ин нони қоқ
Санги қаноат ба дилам бастаам,
Аз тамау дарбадарӣ растаам.

*С. Ҷавҳаризода, «Гулшани афрӯхта».*

**САНГДИЛ**

### 69. Сангдил будан

бе шафқат, бе мурувват, бе раҳм будан.

— Ту агар фарзанди ман бошӣ ва агар аз ҳад зиёд сангдил ҳам бошӣ, ба ҳоли ман раҳм кун...

*«Маориф ва маданият».*

**САНГДИЛӢ**

### 70. Сангдилӣ кардан

бешафқатӣ, бемурувватӣ, бераҳмӣ кардан.

Онҳо нисбат ба модари худ сангдилӣ мекунанд....

*«Маориф ва маданият».*

**САНГЗАН**

### 71. Сангзанро сангшикан бош

ба озордиҳанда муқобилати билмисл кун, бо бадикунанда бад бош.

— Лекин ғалабаи ман дар ин аст, ки заминҳоямро аз дасти Арбоб халос карда гирифтам, ӯро дар миёнаи дусту душман сарпаст кардам ва одамон фаҳмиданд, ки «сангзанро сангшикан» ҳам будааст.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

**САНГПАРРОНӢ**

## 72. Ба касе сангпарронӣ кардан

*Ниг.* Қасеро санг задан.

Пас аз вай аз шогирдони Абдураҳмони Ҷомӣ — мулло Абдулғафури Лорӣ ба «Шарҳи мулло» ҳошия баста, Ҷомиро мудофиа ва гуфтаҳои мулло Исомиддинро рад кардааст. Баъд аз вай, аз шогирдони мулло Абдулғафур — Лабиб ном касе як ҳошия баста гуфтаҳои Ҷомӣ ва Абдулғафурро эзоҳ карда, ба мулло Исомиддин сангпарронӣ кардааст.

*С Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

**САНОҶ**

## 73. Саноҷи холӣ рост намеистад

*Ниг.* Халтаи холӣ рост намеистад.

Охир, аз рӯи ҳукми зарурат ва қонуни ҳаёт одам бояд нӯшад ва хӯрад. Беҳуда нагуфтаанд, ки: «Саноҷи холӣ рост намеистад».

*«Тоҷикистони советӣ».*

**САР**

## 74. Сар аз куҷо, по аз куҷо

1. бе аслу насаб, 2. бе сару сомон, 3. бе молу чиз, бе макон, пойлуч.

1. Дар Маскав ҷаноби олиро бисьёр риоя мекунанд ва намехоҳанд бо як подшоҳе, ки ҷонишини Темур аст, ба гапи якчанд нафар ҷадид ва большевикони «сар аз куҷо, пой аз куҷо» даромада бад шаванд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Охир, маро ба кӣ ба шавҳар доданӣ ҳастанд?
— Ман нашунидаам ба кӣ, албатта, ки ба ман не! Маро гуреза мегӯянд... сар аз куҷо, по аз куҷо мегӯянд...

*Ҷ. Икромӣ, «Дохунда» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»)*

## 75. Сари касе аз санг шудан

1. ба ҳар сахтӣ тобовар шудан, пуртобу тоқат шудан, 2. дарозумр шудан.

1. — Ака бой, сари ғуломатон аз санг шавад, назрашро бароред!

*С. Айнӣ, «Ғуломон»*

2. — Боракалло, шери бобо!— гуфтам,— сарат аз сангу китфу бозӯят аз пӯлод шавад!

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

## 76. Ба сари касе алами худро рехтан

алами худро аз касе гирифтан.

Ин ҳол модарро ба шӯр меоварад, вай ҳама аламу коҳиши худро ба сари писарам рехтанӣ мешавад.

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман, «Гуноҳи кӣ?».*

## 77. Чизеро ба сари касе андохтан

1. чизеро ба касе ҳавола кардан, ба ӯҳдаи касе вогузор намудан, 2. касеро гирифтори чизе кардан.

Ин чӣ фитна буд, ки бар сари ман андохтӣ?

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари ноком».*

## 78. Ба сари касе афтидан

1. гирифтори бало ва мусибате шудан, мубталои фалокате гардидан, 2. дар орзу ва ҳаваси чизе будан.

1. Илоҳӣ рӯзи мо ба сари шумо афтад.

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор»*

2. Завқи ҷаҳонгардӣ, ки ба сарам афтода буд ва дар муддати ин чанд моҳи истиқомат дар Арабистон забони арабиро ва дар Бағдод буданам — забони курдиро хеле ёд гирифта будам...

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»).*

### 79. Сари касе ба бало мондан

1. ба нохушӣ, мусибат, фалокат гирифтор шудан,
2. ҷавобгар шудан.

— Эҳтиёт бошед, аз мо ба ҳеҷ кас ниққӣ накунед, ки сари худатон ба бало мемонад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 80. Сари касеро ба бод додан

касеро нобуд кардан, ҳалок намудан.

Хост душман по ниходан бар замину оби мо,
Сар ба бод уро диҳад шамшери оташтоби мо.

*С. Ҷавҳаризода, «Ҳадья ба диловарони ватан».*

### 81. Сари касе ба девор расидан

азоб кашида, танбеҳ дида хатои худро фаҳмидан, сахтӣ дида нодурустии рафтори худро донистан.

1. Илтимос дорам, ки ин бачаро ба ҳабс гирифта танбеҳ кунед, ки ба бачагони сарсаригарди дигар ибрат шавад. Ҳаргоҳ, ки сараш ба девор расида аз карда пушаймон шавад, ба ман оварда супоредаш...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Охиру оқибат маъмурияти мактаби миёнаи ба номи Ильич «шояд сари Олим ба девор расида, ислоҳ шуда бошад» гуён уро ба муаллимии синфи III қабул кардааст.

*«Маориф ва маданият».*

### 82. Сари касе ба дор рафтан

ба дор овехта шудан.

Варна бе шакку шубха,
Сарат меравад ба дор.

*С. Ҷавҳаризода, «Гулшани афрӯхта».*

## 83. Сари касе ба осмон расидан

ниҳоят шод, хурсанд, мамнун шудан.

1. Ман дар мактаби кӯҳна ҳам бошад, ба хондан тайёр будам ва агар ин муяссар мешуд, сарам ба осмон мерасид.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

2.— Якто гӯсфанду ду пуд орд харида диҳед, сари занак ба осмон мерасад.

*Қ. Наимӣ, «Рӯзи равшан».*

3. Истода ба тӯй сардорӣ кунӣ, сарам ба осмон мерасид.

*Ф. Ансорӣ, «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 84. Сари касеро ба осмон расондан

касеро ниҳоят шод, хурсанд, сарфароз кардан.

1.— Лекин шумо ба пои худ омада сарамро ба осмон расондед, раҳмат!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Онҳо ҳеҷ гоҳ ба шаъни оила, диёр ва халқашон иснод наоварда, бо ҷонбозии худ сари моро, албатта, ба осмон мерасонанд...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

## 85. Сар ба паноҳ бурдан

1. ба ҷое panaҳ шудан, 2. дар паноҳи касе, чизе будан.

1. Дар тобистон барои қӯрғонтеппагиҳо ягона ҷое, ки аз гармӣ сар ба паноҳ мебаранд ва ё шабҳои худро хуш мегузаронанд, боғи истироҳатии шаҳр мебошад.

*«Хорпуштак».*

2. Дар интернат сар ба паноҳ намебурд, кӣ медонад, ки ҳоли ӯ чӣ мешуд?

*Ф. Муҳаммадиев, «Меҳри диёр»*
*(«Чароғи ирфон»).*

## 86. Сари касе ба санг хӯрдан

1. шикаст, зарба дидан, 2. ба сахтӣ дучор шудан.

— Мебинем, ҳеҷ воқеа не, ин сари қоқи мо ба санг як бор нахӯрдааст...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

## 87. Сар ба сар

аз сар то охир, битамом.

Халқи руси шӯравӣ имдод кард,
Мулки моро сар ба сар обод кард.

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт», ҷ. II.*

## 88. Бо касе сар ба сар шудан

1. баробарӣ кардан, қувваозмоӣ намудан, 2. занушӯй шудан.

1. Вай медонист, ки бо ин паҳлавони тавоно сар ба сар шудан кори осон нест.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

2.— Эҳтимол ба ягон баҳодури дастонаш пӯлодин расад, вагарна каси дигар бо ӯ сар ба сар шуда наметавонад.

*М. Шарқӣ, «Марҳабо»*
*(«Шарқи сурх»).*

3.— Аз афташ ту бо Хосият сар ба сар шуданӣ. Ҳушьёр бош, ки йӯрға мегирам гуфта аз лӯккаи худат маҳрум нашавӣ...

## 89. Сари касеро ба касе супоридан

ҷавобгарии сиҳат саломат, зинда будани касеро ба касе вогузор кардан.

— Магар сари Сайфро ба мо супурда будӣ? Мурда бошад, ба мо чӣ?

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи*
*«Бадоеъ-ул-Вақоеъ».*

### 90. Сари касеро ба ягон ҷой баста мондан

*Ниг.* Сари касеро банд кардан.

Аввал, вақт ғанимат гуфта зудтар саратро ба ягон ҷо баста мондан даркор.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II.*

### 91. Сари касеро ба ҷое банд кардан

*Ниг.* Сари касеро банд кардан.

Пас аз ду-се сол сарашро ба ягон чо банд карда, дар паи хонадор карданаш афтоданат даркор аст.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 92. Сари кас баланд будан

1. ифтихорманд будан, 2. хушбахт будан.

Сари ман баланд аст, оре баланд
Ки Шарқи Советист фирӯзманд.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

### 93. Сари касе баланд шудан (гардидан)

1. ифтихорманд гардидан, 2. хушбахт шудан.

1. Ҳамаи кӯшиши ман барои обрӯи ту, ба хотири ту шуда меҳмон даъват кардам. Дар байни чор кас сарат баланд шавад, гуфтам.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев, «Саодат» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 94. Ба сар бало овардан

ба сари касе ғаму ғусса, мусибате овардан, касеро ба фалокат гирифтор намудан.

Аммо дар замони гузаштаи асорат ва беҳуқуқӣ пахта ба сарашон бало меовард.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 95. Ба сари касе бало шудан

боиси ғаму андӯҳ, мусибат, ташвиши касе шудани чизе ё касе.

— Ман пешакӣ медонистам, ки илму дониши ин ҷавон як рӯз ба сараш бало мешавад.

*С. Улуғзода ва Виткович, «Ибни Сино».*

### 96 Сари касе банд будан

1. ба касе номзад будан, номзад доштан (-и духтар ё ҷавоне), 2. ба коре андармон будан.

1. Духтари ман соҳиб дорад ва сараш банд аст.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

2. Агар сараш ба Қаримов банд намебуд, ҳозир бе ҳеҷ андешаву тааммул ба Ҷӯрабек мегуфт: «Ҳамаи ин гапҳо бекор, ман шуморо гирифта мебарам. Мову шумо пештара барин зану шӯй ҳастем».

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат».*

### 97. Сари касеро банд кардан

духтару писарро бо ҳам номзад кардан, дар бораи занушӯӣ пешакӣ гуфтугӯ карда мондан.

Ва ҳатто ба хонаи Лутфияино хостгор фиристодааст, ки сари духтарро банд карда монад.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 98. Сар (бар) задан

рӯй додан, ба амал омадани коре.

1. Агар аз инҳо ҳаракати баде сар барзанад, дарҳол дастгир карда ҷазо додан даркор аст.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Ман ба меҳрубониҳои ту фирефта шудам ва ин кор аз ман сар зад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари аком».*

3. Ҳатто дар вақти кушода будани роҳ ҳам ё тарма мекӯчиду ё дигар ҳодисаҳои ногаҳонӣ сар зада, роҳгузарон ҳалок мешуданд.

*Т. Усмон, «Қашфи асрор».*

4. Акнун вай мефаҳмид, ки ҳама кор аз Обидова сар задааст.

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 99. Сару бар шудан

1. ҳомӣ, парастор шудан, 2. ба касе кӯмак расондан, дастьёр шудан.

1.— Ту ба ҳамаи сахтиҳо мардвор тоқат карда, ба бачагон сару бар шудӣ.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

2. Аз падару модар хурдакак монд. Сару бар шуда калон кардам.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

3. Ҳамсояи дасти ростатро гӯй, зудтар омада, сару бар шавад.

*С. Ғанӣ, «Магнитофон»*
*(«Маориф ва маданият»).*

### 100. Сари касеро бар бод додан

*Ниг.* Сари касеро ба бод додан.

— Дохунда, оҳистатар гап зан, ки ҳам сари маро бар бод медиҳӣ, ҳам сари худатро...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 101. Сар ба бод рафтан

нобуд гардидан, талаф шудан.

Ман намехоҳам, ки барои шумо шуда, сарам бар бод равад!

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 102. Сар бардоштан

зид, муқобил баромадан, қиём, исьён кардан, бар зидди касе хестан.

1. Бенавоён сар бардошта хонаи бойҳоро тороҷ хоҳанд кард.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Бадиянишинон сар бардоштаанд, ба мулки Бухоро тохтутоз овардаанд.

*С. Улуғзода ва В. Виткович, «Ибни Сино».*

3.— Мо бояд ин фармоишро ба Ғаюрбек, Исматуллобек ва дигарон низ расонида ҳамаамон аз ҳар ҷо баробар сар бардорем...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 103. Ҷоеро ба сар бардоштан

1. шӯру ғавғо кардан, тӯпаланг кардан, 2. ниҳоят сахт овоз баровардан.

1. Магар ин ҳамон Шукуров аст, ки дар вақти сардори бригада будан ягон чизи ба бригада зарурро ёфта натавониста тамоми трестро ба сари худ мебардошт?

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Бисьёр дер накашид, садои «гумбур-гумбур», ки деҳаро ба сараш бардошта меомад, бо ҳавлии колхоз наздик шуда ва қатори шутурони пурбор ба ҳавлӣ даромад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

3.— Ба меҳмон гӯй, дам шавад! — хашмгинона амр кард падарам: — Хонаро ба сараш бардошт-ку! Овози вайро дар меҳмонхона будагиҳо шунида нишастаанд.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

4. Бо хурроки баланди хуштакдораш хонаро ба сараш бардоштааст.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

## 104. Касеро ба сар бардоштан

касеро ниҳоят иззату эҳтиром кардан.

1. Шумо ҷонбозонро ба сар набардорем, боз киро мебардорем...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2.— Илоҳӣ писарам Ҳайдар зинда монад, саломат ба хона баргардад, ба сарам мебардорам...

*Ҷ. Икромӣ ва В. Мительман, «Гуноҳи кӣ?».*

### 105. Ба сари касе баромада гирифтан

*Ниг.* Ба болои сари касе баромада гирифтан.

— Ҳай-ҳай нагӯем, бутун ба сари мо баромада мегирӣ, ҳушьёр шав, духтари берӯ, агар ин хел кардан гирӣ, забонатро мебурам...

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 106. Сару баршаванда

1. ҳимоякунанда, пуштпаноҳ, 2. парастор.

Вай бечора ҳам ба ғайр аз шумо дигар сару баршавандае надорад.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ» («Шарқи сурх».*

### 107. Сари касе бастагӣ

*Ниг.* Сари касе банд будан.

Ба онҳо «духтарам номзад дорад, ва сараш бастагӣ» намегуфтааст...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 108. Сари бекас

одами танҳо, беёрдамчӣ, бедастьёр; бе зан, бе шавҳар.

Боз ихтиёр ба дасти бахтьёр, хоҳед ки шавҳаратон ҳам ба сари бачаҳотон ва ҳам ба сари бекаси худатон паноҳ гардад, ба гапҳои гузашта салавот хонда, хушӣ ба хушӣ боз зиндагӣ мекунед, нахоҳед ҳам худатон медонед...

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

### 109. Сари бетана шудан

ҳайрон мондан, чӣ кор кардани худро надонистан.

— Ана ҳамин ҳосилгарав кардани замин маро ба андеша андохта, кас намедонад, ки оқибати ин кор чӣ мешуда бошад? Аз барои ҳамин сари бетана шуда омада истодаам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 110. Сар бурун кардан

1. берун баромадан, 2. сар бардоштан, 3. намоён, зоҳир гардидан.

Шаб хаймаи ихтиёр ғун кард,
Субҳ аз паси кӯҳ сар бурун кард.

*Ғ. Мирзо, «Тоҷи давлат».*

### 111. Сари бечора — хонаи хаёл

бечора ҳамеша дар хаёли ба даст даровардани лавозимоти зиндагӣ, дар талоши аз гуруснагӣ намурдан, бечора ҳамеша дар талоши василаҳои ҳаёт.

«Сари бечора — хонаи хаёл» мегуфт ҳикмати халқ дар гузашта... Калимаҳои «роҳат», «фароғат», «осудагӣ» барои одами бечора, ки сараш ҳамеша банди хаёлоти талоши ҳаёт буд, калимаҳои номафҳум буданд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 112. Сари беғурбати худро ба ғурбат монондан

ба коре иқдом карда ё ҳамроҳ шуда худро ба ташвиш андохтан.

1. Онҳо «сари беғурбатамонро ба ғурбат мононда мегардем-мӣ, боимҷон арзону харчакҳо дорад» гӯён дасташонро ба оби хунук намезадаанд.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

2. Лекин раис розӣ нашуд. «Мон, гуфт ӯ, планро вайрон карда, сари беғурбатамонро ба ғурбат мондан чӣ лозим...»

*Ф. Муҳаммадиев, «Дар роҳи нав» («Шарқи сурх»).*

### 113. Сари бечанҷоли худро ба ҷанҷол монондан (гузоштан)

*Ниг.* сари беғурбати худро ба ғурбат монондан.

1.— Муйсафед, Толибҷон рост мегӯяд, сари бечанҷолатонро ба ҷанҷол монондан чӣ ҳоҷат?

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз, «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»).*

2. Ситораро ёфтеду сари бечанчоли моро ба чанчол гузоштед.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»)*

### 114. Сар бошад, туппӣ қаҳат не

*Ниг.* сар саломат бошад, каллапӯш ёфт мешавад.

«Мӯсо! Пеш аз он ки аз чӣ иборат будани ин хабарро баён намоям, хоҳиш мекунам, ки шумо худро мардонавор нигоҳ доред. Маъюс нашавед, аз рӯҳ наафтед, ки «сар бошад, туппӣ қаҳат не!»

*Р. Ҳайдаров, «Хати беимзо» («Шарқи сурх»).*

### 115. Дар сари касе будан

дар коре ё ба гурӯҳи касоне сардорӣ, роҳбарӣ кардан.

Чор нафар пахтакаши «даҳонкалонро», ки Рустам дар сари онҳо буд, дастгир карда ба дарахтҳо бастанд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 116. Ба сар бурдан

*Ниг.* аз сар гузаронидан.

1. Ҳафт шаб бо аробакаш ҳамроҳ
Сахтии роҳро ба сар бурдем.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

2. Охир азобу кулфати ба сар бурдаи маро ҳам медонед-ку?

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 117. (Дар) сари вақт

1. дар айни вақт, дар мавридаш, вақташро нагузаронда, ҳануз вақт нагузашта, 2. дар вақти муқарраршуда.

1. Бояд шаб ба ман мефаҳмондӣ, ки сари вақташ расида аҷинаро мебастем...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2.— Беҳтар аст, ки баргардем,— гуфт вазир ба шоҳ.
— Ҳанӯз сари вакт аст.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

3. Духтари ба қад расидагиро дар сари вақт баровардан беҳтар аст!

*Ҷ. Икромӣ, «Дохунда» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

4. — Биё ҳоло ҳам сари вақт, равем...

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

5. Дар сари вақт пахтаҳои худро чида мегирифтанд!

*Ҷ. Икромӣ, «Сафар кардан— ҷаҳон дидан» («Шарқи сурх»).*

### 118. Ба сари гап истодан

1. дар гуфтаи худ исрор кардан, дар гапи худ устувор истодан, 2. ба қавл ва аҳди худ вафо кардан.

Ҳоло мир ба сари ин гап сахт истодаанд, лекин агар ту ба савобдиди оқсаққол розӣ шавӣ, ман мешавам, оқсаққол мешаванд ва хӯҷаинро ҳам бо худ мегирем, як навъ карда мирро розӣ мекунем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 119. Сари гапро кушодан

1. воқеа, сирреро ба гуфтан оғоз намудан, 2. дар бораи матлабе гап сар кардан.

Худи Ҳабиба сари гапро кушод ва имрӯз дер омаданашро гуфта илова намуд, ки пагоҳ ба район, ба пленуми комитети районии комсомол меравад.

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

### 120. Сари гапро қапидан

ба гапе бовар кардан.

Барака надонам барои чӣ сари ин гапро маҳкам қапида, боварӣ ҳосил кардааст, ки занаш ба вай хиёнаткор аст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 121. Сари касеро каранг кардан

касеро сарсон, овора кардан.

1. Сониҳо фаҳмидам, ки ғайр аз Зиёда сари якчанд шпону духтарони дигарро ҳам гаранг карда фиребашон додааст.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

2. Охир, худи шумо сари маро гаранг кардед, нагуфта будед-мӣ, ки «аз дур даромад кардан даркор».

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев, «Саодат» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 122. Сари касе гаранг шудан

чӣ кор кардани худро надониста мондан, ҳайрон, мушавваш гардидан.

Аз муваффақиятҳо саратон гаранг нашавад.

### 123. Сари касеро гардондан

1. касеро гӯл додан, фиреб кардан, 2. касеро ба роҳи худ даровардан, тобеи худ кардан.

1. Зани афсунгарат саратро гардондааст...

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. Сари ӯро гардонида, ба доми худ даровардани шуд...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. Аз анбори холӣ ба ман сад ман шолӣ инъом додаанду сарамро гардонда духтарамро никоҳ карда гирифтанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Хурсанда» («Шарқи сурх»)*

### 124. Сари касе гаштан

чарх задани сар, беҳол, бетоқат шудан.

1. Ятим, ки ин ҳолро дида чашмонаш сиёҳ рафта сараш гаштан гирифтааст, гӯё осмон ба сари ӯ фуру омада, монанди санги осиё гардида, танашро гандумвор орд мекарда бошад, тамоми баданаш ба ларзиш даромадааст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

2.— Дилам танг шуда, сарам гашта рафта истодааст, аҳволам хеле бад шуда истодааст.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 125. Сари гиреҳи кор ёфт шудан

ёфт шудани роҳ ва тариқи ҳалли масъалае.

Ин мактуб ҷавоби арзи Сафар буд, ки дар бораи ҳуҷҷатҳояш ба штаби қисми худ навишта буд. Аз штаб навиштаанд, ки Сафар дар хусуси воқеаҳои охирини аз сар гузарондааш ва шоҳидони ин воқеаҳо як рапорти муфассал нависад ва агар аз госпиталь равад, ба штаби қисм фиристад. Баъди санҷишу тафтишҳо натиҷаашро ба ӯ хоҳанд навишт.

— Дидӣ, додар,— хурсанд шуда гуфт Осьмухин,— сари гиреҳи кор ёфт шуд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 126. Чизеро аз сар гирифтан (гирифта партофтан)

1. чизеро фаромӯш кардан, дар бораи чизе дигар фикр накардан, 2. кореро аз нав оғоз кардан.

1.— Ин фикри хомро аз сарат гирифта парто!

*Қ. Наимӣ, «Соли 1916».*

2. Фақирон зиндагӣ аз сар гирифтанд
Далерон роҳи фатҳовар гирифтанд.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 127. Сари касеро гирифтан

касеро куштан.

Падарам қасам ёд мекунад, ки сари бои лаънатиро мегирад.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 128. Сари кореро гирифтан

ба касбу коре машғул шудан.

1. Саҳл нагузашта даромади кафшдӯзӣ ба таъмини оилааш нарасида монд. Ӯ сари касби дигарро гирифт.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

2. Агар ин Пӯлод дар ҳамин шаҳр сари ягон кори калонтарро гирифта монад, одамонеро, ки ба вай маъқул намешаванд, буз барин бозӣ медорад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 129. Сари касеро гиҷ кардан

*Ниг.* сари касеро гаранг кардан.

Сергапии онҳо сари маро гиҷ карда буд.

### 130. Сари касе гиҷ шудан

*Ниг.* сари касе гаранг шудан.

Умуман сарам гиҷ шуда буд. Мантиқро гум карда мондам.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 131. Аз сар гузаронидан

*Ниг.* Аз сар гузаштан (-и воқеае)

1. Мирзо Абдулқодири Бедил дар солҳои 1644—1721 зиндагонӣ кардааст ва дар муддати 77-сола ҳаёти худ замони 11 подшоҳро аз сар гузаронидааст...

*С. Айнӣ, «Мирзо Абдулқодири Бедил».*

2. Дар ин давра республика воқеаҳои пурифтихори таърихии худро аз сар мегузаронд.

*Р. Ҳошим, «Ёдат ба хайр, Пайрав».*
*(«Шарқи сурх»)*

3. — Сахтиҳое ки мо дар ин ҷо бе шумо кашидем, ба машаққатҳои шумоён дар ҷанг аз сар гузаронидагӣ нӯги остин намешавад,— гуфт Ҳалима...

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 132. Аз сари касе гузаштани чизе

аз хаёли касе гузаштани чизе, ба хотир расидани чизе.

Ҳар хел фикрҳои бесару нӯг аз сараш гузаштан мегирад.

*Р. Амонов, «Дар доманаи*
*кӯҳҳои кабуд».*

### 133. Аз сари чизе гузаштан

аз чизе даст кашидан, рӯ тофтан.

1. Ҳамроҳбой аз сари келин кардани Гулнор гузашт...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Калоншавандагон аз дунболи Бибиоиша рафта ба ӯ рӯй андохтанд ва аз сари он даъво гузаштанашро хоҳиш карданд

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб».*

3. Бо вуҷуди ин барои хурсандии шумоён ва салоҳи кори аҳолӣ ин навбат ҳам аз сари орзӯи худ мегузарам.

*С. Айнӣ, «Алишер Навоӣ».*

### 134. Аз сари касе гузаштан (-и воқеае)

ба касе рӯй додани ҳодисае, шоҳид будани касе ба воқеае, шахсан иштирок доштани касе дар коре.

1. Воқеаҳоеро, ки дирӯз боз аз сарат гузаштааст, ягон-ягон гап зада деҳ!...

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. Наход ки хеч дигаргунӣ рӯй надода бошад?—фикр мекардам ман.—Охир, дар ин муддат аз сари ман чиҳое нагузашт.

*С. Улугзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

3.— Ҳоло магар намедонед, ки аз сари мамлакат чиҳо гузашта истодааст?

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 135. Ба сар давидан

ба коре аз дилу ҷон иқдом намудан, бо иштиёқ ва рағбати тамом кореро кардан.

Сад роҳ дар интизорат то пушти дар давидам,
Поям зи кор афтод, он гаҳ ба сар давидам.

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт», ҷ. II.*

**136. Сари касе дар ғавғо будан**

дар ташвиш, ғурбат будан.

Ана акнун ба касофати ин бетамиз сари ҳамаамон дар ғавғо мебошад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

**137. Ба сари касе даст бардоштан**

касеро заданӣ шудан, ба касе таҳдид кардан

1. Наход ин ки ба сари мани пири бегуноҳ даст бардоранд?

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов, «Тӯфон».*

2. Қурнамак туӣ, ки нону намаки халқро мехӯрию боз ба сари вай даст мебардорӣ.

*П. Толис, «Тобистон».*

**138. Аз сари дастурхон хестан**

1. хӯрокхӯриро тамом накарда дар паи коре шудан, 2. сер шудани шикам.

Аз сари дастурхон хестан ва барои як кас шуда бори дигар магазинро кушодан ба ӯ хуш наомад.

*«Маориф ва маданият».*

**139. Касеро сар додан**

1. касеро раҳо кардан, дигар кордор нашудан, 2. талоқ додан, дигар бо ҳам занушӯ нашудан.

1.—Сар деҳ маро бевазан,—фарьёд мезад Роман аз гиребони Сима дошта.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Маро сар деҳ, баъд бо ҳазор кас ишқбозӣ кун!

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

**140. Дар сари касе донак шикастан**

1. касеро азобу азият додан, 2. безор кардан.

1. Акнун дар сари ман дукаса донак мешикастанд, ҳатто як бурда нони мехӯрдагиамро таъна мекарданд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. «Ваъда додагӣ ту, ичро кун!» — гӯён дар сари ман донак мешиканад.

*Ҷ. Икромӣ ва М. Қосимов, «Роҳи бахт».*

### 141. Аз сари касе дур нашудани чизе

фаромӯш нашудан, аз лавҳи хотир нарафтани чизе.

Орзӯи дидани дидори ин зани меҳрубон ҳаргиз аз сари ман дур намешуд.

### 142. Сари касеро дуто кардан

касеро зандор ё шавҳардор кардан.

— Саратро дуто карда, орзӯямро шиканам мегӯям.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

### 143. Сар зада гаштан (ба ҷои)

ҳар ҷо-ҳар ҷо гаштан, беҳудагардӣ кардан.

Ана имрӯз даракаш нест, надонам ба куҷо сар зада гашта бошад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 144. Қасеро сар задан

*Ниг.* Сари касеро гирифтан.

Ё бурда сар мезананд ва ё ба зиндон мепартоянд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 145. Сар задан

нӯг баровардан, зоҳир шудан, баромадан.

1. Майсаҳо акнун сар зада буданд, ки жола борид.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Мадда... сар зад...

### 146. Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре

агар ту бо ман рафиқ, дӯст ё зан шудан нахоҳӣ, каси дигареро меёбам, агар ту не гӯӣ (қабул накунӣ), дигаре ёфт мешавад.

1. Бозор аз бемурувватиҳои Яъқуббой ҳам акнун он қадар озурда набуд:

— Ҳар чӣ кард, ба худ кард, хоҳ нек кард, хоҳ бад кард. Агар вай бад кард, ба ҷои вай худо монанди Азимшоҳ як марди хайрхоҳро ба ман рост овард,— мегуфт ва дар ҳаққи Яъқуббой:

— Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре,— гуфта ёди вайро аз хотири худ тамоман метарошид.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Модарам даҳон андохт, падару модараш рад карданд. Хайр, барои ман фарқ надорад. «Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре!»

*Ф. Ансорӣ, «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 147. Ба сари инсоф омадан

инсоф кардан, аз рӯи инсоф муомила намудан.

Муаллифони зикршуда агар ба сари инсоф омада, қатъи назар аз дигар сарчашмаҳои таърихӣ, худи «Муҳокамат-ул-луғатайн»-ро ҳам дурусттар дида мебаромаданд, масъала худ аз худ равшан мегардид.

*М. Мирзоев, «Биноӣ».*

### 148. Ба сари итоат

итоат карда, таслим шуда.

Баъд аз ба Астаробод ҳоким шуда рафтани Навоӣ ҳамаашон ба ихтиёри худ ба сари итоат ба ҳукумат тобеъ шуданд.

*С. Айнӣ, «Алишер Навоӣ».*

### 149. Сари итоат хам кардан (фуруд овардан)

мутеъ шудан, таслим гардидан.

1. Акнун Сир ба соҳилнишонҳои худ сари итоат хам кардааст...

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

2. Оқибат кӯҳи азимҷуссаву бовиқор дар назди одам сари итоат фуруд овард ва дари хонаи худро ба рӯи онҳо боз намуд.

*«Тоҷикистон».*

### 150. Сари калоба

асос, моҳияти чизе.

Аммо ҳоло ғайрат, фақат ғайрат ва меҳнат лозим аст. Сари калобаи ҳамаи орзӯҳо ҳамин аст!

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

### 151. Сари калобаи чизеро гум кардан

илоҷи ҳалли масъалаеро наёфтан, чӣ кор кардани худро надониста мондан.

1. Ҳақиқатан дар колхоз дар вақтҳои охир сари калобаи корро гум кардаанд...

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Саволҳоро саросемаву бетартиб, яку якбора додаамон сари калобаи ҷавобҳоятонро гум карда монд-мӣ?

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 152. Сари калоба (-и корро) ёфтан

роҳи ҳалли масъалае, мушкилиеро ёфтан.

1.— Одам ба сарбозии амир чӣ гуна даромада метавонад?—Ёдгор пурсид; ӯ сари калобаи кори худро ёфта буд, агар мумкин бошад, ба сарбозии амир даромада ба тарафи кӯҳистон рафтанӣ буд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Мо ҳар ду бародарони калонсол, ҳарчанд бо ҳам машварат кардем, сари калобаи ин корро наёфтем.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

3. Ё магар ин бача ба ишқи духтаре гирифтор аст ва аз аламу нотавонӣ ба ҳамин кӯчаҳо афтидааст? — Зайнаббибӣ гӯё сари калобаро ёфт. Вай аз кашфи худ мамнун шуда табассуме кард...

*Ф. Ниёзӣ, «Ҳақиқати ҳаёт ва нависанда» («Шарқи сурх»).*

### 153. Сари калобаи худро гум кардан

1. парешонхотир, мушавваш гардидан, 2. ба вазъияти мушкил афтодан, чӣ кор кардани худро надониста мондан.

1. Немисҳо аз ин шабохун задани ҷанговарони советӣ ба ваҳму ҳарос афтоданд ва сари калобаи худро гум карда, бе тартиб аз чаҳор тараф тир кушодан гирифтанд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. — Аз шодӣ сари калобаи худро гум карда хидмат мекард.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3. — Раҳмат-е, бибиҷон, хайрият шумо ҳастед, набошад мо сари калобаи худро тамоман гум карда мемонем.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

### 154. Сар кафад — таги (зери) тоқӣ (каллапӯш), даст шиканад — зери остин

сирри одамон пӯшида беҳтар.

1. «Сар кафад дар таги тоқию даст шиканад — зери остин» гуфта то ба ҳамин дам аз вай ба касе шикоят накардам.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Анзурат, зинҳор, ту дар ин хусус
Назди усто бош, чун моҳӣ хомӯш.
— Хуб. Акнун бо шумо ҳамроз ман,
«Сар кафад, монад ба зери каллапӯш».

*А. Баҳорӣ, «Сарахбори зиндагӣ».*

### 155. Сари кафида дар таги токӣ будан

пинҳон будани сирре, махфӣ будани коре.

Ҳоло ҳозир сари кафида дар таги токӣ бошад ҳам, ин воқеа даҳон ба дахон дар шаҳр овоза мешавад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 156. Сари кафида зери токӣ беҳ

*Ниг.* Сар кафад, таги токӣ, даст шиканад зери остин.

Шумо «ба рӯи шавҳар сахт нигоҳ кардан гуноҳ аст» гӯён хомӯш гаштед. Ман бошам «сари кафида зери токӣ беҳ» ҳарчи ҳам бошад, вай ба ман падар аст» гуфта дам фурӯ кашидам.

*Л. Саид, «Фарзанди ҳазрати Одам» («Шарқи сурх»).*

### 157. Аз чизе сар кашидан

1. ба чизе розӣ нашудан, 2. чизеро қабул накардан, 3. итоат накардан.

1. Аз имзо кардан ба наряд сар кашидааст...

*«Хорпуштак».*

2. Бале, танҳо ҳамин кампир аст, ки аз гуфтаи ман сар намекашад...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 158. Сар кашидан

қад кашидан, дароз шудан.

1. Гандуми тиллоранг сар кашида, пухта ва мунтазири дарав меистод.

*Ҷ. Икромӣ, «Сафар кардан — ҷаҳон дидан» («Шарқи сурх»).*

2. Мӯйлаби сиёҳаш, ки ба сӯи гӯшаш сар кашида буд, ба ҳаракат даромад...

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»).*

## 159. Сару кор

кору бор, машғулият.

1. Аммо ба фикри ман ташкилоти комсомолии ин ҷо бояд аз ҳама ҷо ҳам сераъзотар шавад. Зеро ки ҷавононамон бисьёранд. Ту сару коратро дуруст кун, баъд ҳоли дид.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Дер ва ё зуд ба ин сару кор хотима додан лозим мешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

3. Зеро, ки вай дигар ба хизмати ман эҳтиёҷ надошт ва нағз медонист, ки на сарояш мемонаду на сару кори дигараш!

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

## 160. Ба сари кор

ба ҷое, ки кор давом дорад, ба ҷои кор.

1. Ман ҳозир ба сари кор меравам, канӣ, раисро мебинам-мӣ?

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2.— Ҳамаи мардум рӯзона ба сари кори худ мераванд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 161. Дар сари кор будан

1. *Ниг.* Ба сари кор, 2. ҳозир, омодаи кор будан.

1. Бояд дар сари ҳар кор худам бошам.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Агар кунӣ талаби кор, бош дар сари кор,
Бубину бишнаву дар кор бош бо ҳама ёр!

*М. Аминзода, «Шеърҳо».*

## 162. Дар сари кор айёру дар сари ош тайёр

дар ҳаққи каси танбал ва муғамбир гуфта мешавад.

Барои ҳамин қилиқамон «дар сари кор айёру дар сари ош тайёр» гӯед, қаҳрамон намеояд.

*«Маориф ва маданият»*

### 163. Ба сари касе кор афтидан

гирифтори мушкилӣ шудан, ба мусибате дучор шудан.

Монанди ту ба сараш кор афтодагонро як моҳ, ду моҳ дар ҳуҷрем пинҳон карда нигоҳ дорам...

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 164. Бо касе, чизе сару кор будан

*Ниг.* Сару кор доштан.

Маро бо гандуми холаш сару кор аст, эй воиз,
Ҳадиси ҷаннату кавсар бигӯ бо одами дигар.

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт» ҷ. I.*

### 165. Сари кореро гирифтан

1. ба иҷрои коре шурӯъ намудан, бо касбу коре машғул шудан, 2. мутасаддӣ, роҳбари коре шудан.

1. Аз худи кон сари ягон кореро мегирам.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Зан мехост гӯяд, ки бино ба қавли худат бесару барӣ, ҳоло сари кореро нагирифтаӣ ва худат чӣ тавр умр ба сар мебарӣ, муайян несту ба парасторӣ ҷаро бача мегирӣ?

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

3.— Акнун худатон тӯйбошӣ шуда сари корро нагиред, намешавад.

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 166. Сару кор доштан

1. кор доштан, кордор будан, 2. муомила доштан.

1. Вай ҳам бо котиби Совети қишлоқ — бо Мухтор рафту омад дорад. Кӣ медонад, ки онҳо чӣ сару коре доранд?

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Журнали навбаромади ҳаҷвӣ бо танбалон, муфтхӯрон, исрофкорон... сару кор дорад.

*«Хорпуштак».*

3. То ба касе сару кор надошта бошед, чӣ гуна одам будани ӯро фаҳмидан мушкил аст.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 167. Ба сари кор истодан

ба кор роҳбарӣ кардан, маслиҳатгӯй будан.

1.— Андешаи шумо такдор аст,— гуфт Саидаҳмад,— худатон ба сари кор истед, барои йигитҳои вай ҷой омода кунед.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Худи раисхола ба сари кор истод.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 168. Ба сари кор нишастан

машғули коре шудан.

Аз мактабу дарди сари он дида ба сари кори давлат нишастан хуб нест?

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 169. Бо касе сару кор пайдо кардан

1. кори касе ба касе афтидан, 2. бо касе муомилае доштан.

На ин ки зану духтарон, балки мардони ҷавон ва калонсолҳо ҳам, ки иттифоқан ба ӯ сару коре пайдо карда мемонданд, ... зудтар худро аз ӯ ба канор мекашиданд.

*Ҷ. Икромӣ. «Ман гунаҳкорим»*

### 170. Ба сари касе кулфат афтидан

*Пиг.* Ба сари касе мушкилӣ афтидан.

Ба сари кӣ кулфате афтад, ӯ балогардон, дар хонаи кӣ туюу сур шавад, ӯ саркор.

*Ҳ. Содиқ, «Ҳазли падар»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 171. Сару кори худро ба роҳ мондан

кори вайрону бесарунӯгшудаи худро аз нав ба тартиб андохтан, кори худро равнақ додан, пеш бурдан.

Қудрат ба ин район омада, гумон карда буд, ки дар натиҷаи ёрмандии Қалоншоҳ ва Холмирзо барин касон сару кори худро боз ба роҳ мемонад: пул ва давлат пайдо карда бой мешавад...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 172. Ба сари кори худ нишастан

1. ба ҷои кории худ нишастан, 2. ба кори худ шурӯъ кардан, оғоз кардан.

Бо даромадани мо ӯ аз ҷояш хеста ба мо салом дод ва боз ба сари кораш нишаста кори худро давом кунондан гирифт.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 173. Ба сари мақсад омадан

мақсади асосиро гуфтан, дар бораи матлаби асосӣ гап задан.

1.— Ана ҳамин! Охир ба сари мақсадатон омадед! Дар ин ҷо, дар вақти кор ин хел гапҳо намешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

2. Мехост тезтар ба сари мақсад ояд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3.— Ман ба шумо як воқеаи майдаро гуфта диҳам, аз саргузаштҳои худам, баъд боз ба сари мақсад меоем.

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»).*

### 174. Сар медиҳаду сир намедиҳад

1. бо таҳдиди марг ҳам аз роҳи худ намегардад, 2. ҳарчи шавад ҳам, тан намедиҳад, мурад ҳам, розӣ намешавад, 3. дар ҳеҷ ҳол сирро ошкор нахоҳад кард.

1. Дар ин ҷо бист нафар ёрони озмуда ҳастанд, ки «сар медиҳанд, сир намедиҳанд».

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Аҷаб мадор, ки сар доду сир надод ба душман,
Ҷуз ин сифот зи Лоҳутӣ интизор надорам.

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт», ҷ. I.*

3. Қориишкамба бошад, дар бобати қарздиҳӣ ва пулгирӣ сар медиҳад, ки сир намедиҳад.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

4. Амаки Ғуломалӣ аз они худӣ, сар медиҳаду сир намедиҳад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## 175. Сари мор кӯфта беҳ

барои пешгирии хатар душманро маҳв намудан беҳтар аст, сазои душман ҳалок намудани он аст.

«Сари мор кӯфта беҳ» гуфтаанд, агар хоҳед, ки дигар таги по нашавем ва бе хавфу хатар, осудаҳолона зиндагӣ кунем, бояд дастаи Темурро нест кунем.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 176. Ба сари касе мушкилӣ афтидан

гирифтори мушкилӣ шудан, дар сахтӣ ва тангӣ мондан.

Ба сари ҳар кас мушкилӣ афтад, назди Мӯминов мерафт.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 177. Аз чизе сар набардоштан

ҳамеша машғули коре будан.

Аз кораш сар намебардошт.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 178. Аз сари нав

боз, дуйӯмбора, такроран.

Гулъузор боз аз сари нав ба кор часпид.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## 179. Сари чизе надоштан

майл, хоҳиши чизе надоштан, ҳавсалаи кардани кореро надоштан.

1. Чун мо сари ҷангу ҷадал надоштем, ба одамҳои корталабе, ки дар интизори мо буданд, гуфтем...

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Чой таклиф намуд, вале маро сари нишастан ба чойнӯшӣ набуд.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»).*

### 180. Сари касе, чизеро ниёз кардан

(расмест, ки касони фарзанднадида ва ё фарзанддоршаванда барои ба фарзанд нарасидани осебе сарашро ба мазоре назр карда, ба сараш кокул мегузоранд. Пас аз чанд сол боз ба ҳамон мазор ҷонваре қурбонӣ карда, кокули бачаро мебурранд) касеро ба касе банд, номзад кардан.

1. Сари Гулрӯйро ба мазори қишлоқ, ки муллоён онро «қадамгоҳи ҳазрати Алӣ» меномиданд, ниёз карда буданд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2.— Сари ин духтарро кайҳо ба Ёрмат ниёз карда буданд, шумо дер мондед.

### 181. Сару нӯги коре, чизе гум будан

дарҳам-барҳам будан, чигил будан, саргум, печ дар печ будани гап, мақсади асосӣ.

1. Азбаски сари нӯги кор гум буд, пеш бурдани он барои мо як дараҷа мушкил гардид.

2. Ҳар ду ҷим буданд. Сару нӯги гап гум буд.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 182. Сару нӯги корро гум кардан

1. кореро дарҳам-барҳам кардан, 2. риштаи корро аз даст додан.

— Фурсати қулайро аз даст додан, сару нӯги корро гум кардан аст,— фаҳмонд Мӯминов.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»).*

### 183. Сару нӯги чизеро ёфтан

1. роҳи ҳалли масъалаи мушкилу сарпечеро ёфтан, 2. моҳияти кореро фаҳмида гирифтан.

1. Хӯш, то як сару нӯги корро ёфта гирифтан, чароғро хомӯш намекунем.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Имшаб ба сари ман як фикри савоб омад, лекин ҳоло сару нӯгашро наёфтам.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

3. Дина чӣ моҷаро шуд? Сару нӯгашро наёфтам.

*М. Зокиров, «Шодиёна» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 184. Сари обро гирифтан

чораи кореро дар сари вақташ дидан, илоҷи воқеаеро пеш аз рӯй додани он кардан.

Баъд маълум шуд, ки ин касали гузарандаи хавфнок буда, дар қишлоқ паҳн шуда истода будааст, ки духтурҳои омадагӣ сари обашро гирифтанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

### 185. Ба сари касе, чизе об рехтан

1. касе, чизеро маҳв, нобуд кардан, барбод додан, 2. касеро гирифтори бадбахтӣ, мусибате намудан, 3. беҳуда сарф кардан.

1.— Не, ин ҷанг ба сари ӯ ҳам об рехт, устои цехи заводи тракторсозии ҳамин ҷо буд, дар вақти ҳуҷуми самолётҳои немисҳо дар болои кор аз таркиши бомба ҳалок гардид.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Агар Шодӣ акем ёрӣ намедод, ин Холмирзо ва даҳанкалонҳои дигар кайҳо ба сари ман об мерехтанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

3. «Исто, ман ҳозир ба сари ту, лофзан, об мерезам»— гуфт гург...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

4.— Ба сари 20 танга ҳам об рехтем гӯй-чӣ?— гуфта Ҳаити гург боз оташин шуд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

5. Ҳамин ҳақгӯиаш ба сараш об рехт. Мегӯянд, ки дастгир кардаанд ва ба ҳабс андохтаанд, ҳаромиҳо.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

6. «Ба сари Ҳасан бошад, гӯё ки об рехтам, акнун обрӯю эътибори пештараи ӯ намондааст».

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 186. Ба сари касе чизеро овардан

касеро гирифтори нохушие намудан.

Сабр кун, ба сарат чунон найрангҳоро орам, ки чашмонат мош барин кушода шаванд.

*Ғ. Абдулло, «Шери занҷиршикан».*

### 187. Сар омадан

ба охир расидан, тамом шудан.

Сар омад меҳнати дирӯзии дил,
Шуд охир васли ҷонон рӯзии дил,
Кунун бо дил яке шуд дилбари ӯ,
Муборак бод ин пирӯзии дил.

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт», ҷ. II.*

### 188. Ба сари касе омадани (ҳодисае)

ба касе рӯй додани ҳодисае.

1. Хайр, ин гуна ҳодиса ба сари ҳар кас ҳам меояд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

2. Ин ба сари ҳар кас меояд... Тағоиятон мурдааст.

*Қ. Носиров, «Орият».*

### 189. Ба сари касе оташ даргирондан

ба сари касе мусибатеро овардан, касеро ба фалокати сахте гирифтор кардан.

Дар он вақт аввал ба сари аъзои марказ, ки Нуриддинхӯҷа аст, агар об резанд, баъд аз он ба сари мо оташ хоҳанд даргиронд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 190. Ба сари касе офтоб баромадан

кори касе барор гирифтан; бахти касе тохтан.

1. Дар идораи савдои молҳои саноатии шаҳр ба Умарҷон маслиҳат доданд, ки илоҷе карда, дандон ба дандон монда гардад, ягон рӯз ба сари коркунони савдо офтоб баромада аз Шарқи Дур қашав меояду аз Боку сурмадон, аз Одесса сарпӯши дегу аз Тошкент тасмачаи соат.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

2. Плани моҳи майро бо як мӯъҷизае иҷро карданд. — Ба сари мо ҳам офтоб мебаромадааст-дия,— гуфтанд...

*«Хорпуштак».*

### 191. Аз чизе сар печидан

*Ниг.* Аз чизе сар кашидан.

1. Чу сар печидӣ аз роҳи наҷоти фаълаву деҳқон,
Яқин кардам, ки то охир қадам гумроҳ хоҳӣ шуд.

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт», ҷ. II.*

2.— Агар ҳар кас аз фармони Олӣ сар печад ва гардан тобад, ба ҳамин ҳол, ки яҳудиён афтоданд, гирифтор мешавад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3. Агар ту гуӣ, аз ҳеҷ коре сар намепечад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ғусса» («Шарқи сурх»).*

4. Аз сухану фармони ӯ ҳеҷ кас сар намепечад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 192. Сар равад (ҳам) сир наравад

ҳар чӣ шавад, шаваду сир ошкор нагардад.

Ҳар чӣ бошад «сар равад ҳам сир наравад» — гӯён аз ин фикр ҳам гашт ва зӯраш боз ба гирья расид.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 193. Ба сари чизе расида омадан

дар айни саршавии кори омадан, дар ибтидои коре ҳозир шудан.

Хуб дар вақти нағз ба сари тӯй расида омадӣ...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 194. Ба сари касе расидани коре, чизе

боиси нохушӣ, фалокати касе гардидани коре.

Чӣ мегӯед, ки ана ҳамин фаранҷифурӯшиаш ба сараш расид.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 195. Сар рафтан

ҳалок шудан, мурдан.

1. Аммо исбот карда додан осон не, бача! Дар ин кор саратон мераваду сир гирифта наметавонед!

*Ҷ. Икромӣ, «Дохунда» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

2. Лекин агар ана ин касро дар хонаи мо дида монанд, ҳам сари ман меравад, ҳам сари ин кас.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 196. Ба сар рафтан

бо ҷону дил, бо хурсандӣ рафтан.

Гуфтам: эй шайх, ба майхона равӣ ё наравӣ
Гуфт: билоҳӣ ба сар меравам, ар зар бидиханд.

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт», ҷ. I.*

### 197. Ба сари касе рехтан

ба болои касе банохост ҳуҷум овардани гурӯҳе.

Лекин ба сари аскарони сурх рехтани босмачиён ҳамон буду тут барин рехтанашон ҳам ҳамон...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 198. Сари риштаи чизеро гум кардан

*Ниг.* Сару нӯги кореро гум кардан.

Сари риштаи ин корро гум карда, ҳайрон нишастаам.

### 199. Сари роҳ

аз ҷое гузашта истода, ба ҷое равона буда.

1. — Аз райком, сари роҳ шуморо диданӣ шуда омадам, ки даратон қуфл будааст.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. — Сари роҳатон, ҳамон устоҳои таъмириро гуфта монед.

*М. Сайфиддинов, «Ҳусни оламоро» («Шарқи сурх»).*

### 200. Дар сари роҳи касе

дар таи, пеши роҳе, ки касе бо он равон аст.

Ҳавлии ман дар сари роҳи ту мебошад...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 201. Сари роҳи касеро гирифтан

ба рафтани касе мамониат кардан, халал расондан.

1. Мехоҳад, ки ба ҷустуҷӯи қишлоқи тиллоӣ бароял... аммо ту бошӣ сари роҳашро гирифтаӣ...

*М. Миршакар, «Қишлоқи тиллоӣ».*

2. — Аммо онҳо сари роҳи тую маро гирифта наметавонанд, ҷӯраҷон!

*П. Толис, «Ҳикояҳо».*

### 202. Сари роҳи касеро поидан

1. интизори касе шудан, 2. дар камини касе будан.

Дуздони ғоратгар борҳо сари роҳи ӯро поиданд.

*Т. Усмон, «Робиа қаҳрамони даврон шуд» («Машъал»).*

### 203. Аз сари роҳ касеро рӯфта партофтан

монеаеро аз байн бурдан, аз миён бардоштан, бартараф кардан, шахси монеъшавандаеро несту нобуд кардан, маҳв намудан.

Ҳар кас ки халал расонд, аз сари роҳ рӯфта партофтан лозим...

*Ғ. Абдулло, «Шери занҷиршикан».*

### 204. Ба сари роҳи касе санг шудан

ба пешрафти касе монеъ шудан.

— Ба хондани Сокина кори шумо чӣ-а? Ба сари роҳи вай санг шуда чӣ мекунед?

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

### 205. Аз сари роҳи худ (касеро) дур андохтан

мамониати касеро бартараф кардан; каси мамониатдиҳандаро маҳв кардан.

Дар қасди аз сари роҳи худ дур андохтани ӯ афтода буданд...

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 206. Сари роҳи худро тоза кардан

*Ниг.* Аз сари роҳи худ (касеро) дур андохтан.

Ҷанги даст ба гиребон сар шуд. Пӯлод сари роҳашро тоза карда мерафт.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 207. Ба (дар) сари касе рӯзи сахт афтидан.

гирифтори нохушӣ, мусибате шудан, ба фалокате гирифтор гардидан.

1. — Ба сарам як рӯзи бисьёр сахт афтод, додарам якбора бемор шуда аз пой ва забон монд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Аз ваҷоҳати бой маълум мешуд, ки дар сараш рӯзи хеле сахт афтодааст.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

3. «Ба сари ман ин хел рӯзи сахт омадааст...»

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 208. Ба сари касе савдои касе, чизе афтидан

дар касе пайдо шудани орзую ҳаваси чизе, рағбат ва иштиёқи сахт ба чизе.

Якбора ким-чӣ шуд гӯеду ба сараш савдои Мирзочӯл афтида, меравам гуфту нишаст.

### 209. Сару савдо

ҳавову ҳавас, майлу орзуи булҳавасона.

«Хат навиштам, шеър навишта додам, дар бораи ишқ гап задам, вале дар ҳақиқат он ишқ набуд, як сару савдои муваққатӣ буду гузашт...».

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 210. Аз сари савдои чизе гузаштан

тарки орзу, ҳаваси чизеро кардан, аз баҳри чизе гузаштан.

«Агар шумо дар ҳақиқат аз сари савдои босмачигарӣ гузаштанӣ бошед, бе қилу қол бо ҳама навкар ва ароқҳои худ омада ба мо таслим шавед» мегӯянд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 211. Сари савдои чизе доштан

дар орзу, ҳаваси чизе будан, чизеро хостан.

Ҳарчанд Чингиз сари савдое ба Халифа ёрӣ додан надошт, балки билакс, дар охир маҳв кардани Халифа низ дар нақшаи ҳарбии ӯ бошад ҳам, ин мактуб ба ӯ хеле ёрӣ дод...

*С. Айнӣ, «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик».*

### 212. Ба сари касе савдое овардан

касеро ба нохушӣ, фалокате гирифтор кардан.

— Бачагонам, нағз накардаед, ки аз ин сир хабардор шудаед, донистани он ба саратон савдое меоварад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 213. Сар саломат (сиҳат) бошад, каллапӯш ёфт мешавад

агар одам саломат бошад, пулу моли дуньёро меёбад, асоси ҳама чиз саломатист.

— Хафа нашав, бачем, сар саломат бошад, каллапӯш ёфт мешавад.

*Ҳ. Карим ва Дунган, «Соли 1916»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 214. Ба сари касе санги маломат боридан

гирифтори маломат, таънаи зиёд шудан.

Баъд аз ин овозаҳо ба сари Зебӣ санги маломат боридан гирифт.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 215. Ба сари касе санги осиё (осиёб) гардондан

касеро сахт азоб, озор додан.

Бар сарам хоҳанд гардонанд санги осиё,
Дар роҳат собит намоям ваъдаи мардонаро.

*М. Турсунзода, «Ман*
*аз Шарқи озод».*

### 216. Ба сари касе санги осиё шудан (-и касе, чизе)

боиси азобу уқубат шудани чизе ба касе, бори вазнинии зиёдӣ шудани чизе ё касе.

— Раҳимҷон, ман ба марги Маҳбуба ин қадар насӯхта будам, дар фироқи ӯ ин андоза азоб накашида будам, ин духтари беқайд ба сарам санги осиё шуд.

*Р. Амонов, «Меҳрӣ» («Шарқи сурх»).*

### 217. Сари касеро сила кардан

1. касеро навозиш кардан, 2. ба касе ғамхорӣ намудан, шафқат кардан.

Мо падар, модари хуб — муаллим ва муаллимаҳо дорем, ки сари моро сила мекунанд, ёрӣ мерасонанд, дастгирӣ менамоянд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 218. Сару сомон ёфтан

1. асбобу ускунадор шудан, 2. осуда шудан.

Мо бо зӯри бозуи падарам аз нав соҳиби хонаю ҷо шудем ва сару сомон ёфтем.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 219. Сару сомони худро гум кардан

ҳаросон, саросема, гаранг шудан, чӣ кор кардани худро надониста мондан.

1. Фақат як худи Тоҷӣ не, ман ҳам сару сомонамро гум кардам. Чӣ кор карданамро, чӣ гуфтанамро намефаҳмам.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Дар ин кори сермағал дигар кас мебуд, кайҳо сару сомонашро гум мекард.

*С. Саидмуродов, «Шӯҳрати «Хорпуштак»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 220. Ба сари касе соя шудан

ҳимоягар, ёрдамчии касе шудан, касеро ба паноҳи худ гирифтан.

Хайр, гуфтам, чӣ ки хоҳӣ куну ба сарам соя шуда гард.

*М. Ҳӯҷаев, «Дадомонанд»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 221. Сару тан

либос, пӯшок.

Сару танаш бошад, мои ки сарашро хӯрад.

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 222. (Бо) сари танҳо

1. якка, танҳо, 2. муҷаррад.

1. — Агар туро дӯст намедоштам, дар ин нимишабӣ, дар кӯчаи торик, ки мардон дар вай бе фонус рафта наметавонанд, бо сари танҳо магар аз думболи ту давида мегаштам?

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Таклифи ҳамхонагиро — хонадоршавиро мекунам... сари танҳо гаштан бас аст.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

## 223. Сари таслим хам кардан

1. изҳори итоат кардан, 2. қоил шудан.

1. Ба ҳунаратон, ба меҳнат ва маҳорати аҳли бригадаи шумо қоил шуда, сари таслим хам мекунад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Мактуби дӯст»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Дар ҳақиқат қисми зиёди шаҳр ба дасти душман даромада бошад ҳам, ин шаҳри қаҳрамон сари таслим хам накарда буд...

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

## 224. Сар то по

аз сар то охир, мукаммал, муфассал, тамом.

Қудрат воқеаро сар то по ба оқсаққол нақл карда, дар охири суханаш гуфт...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 225. Сар то по гӯш шудан

хеле бодиққат гӯш кардан, бо мароқи том шунавидан.

Полвон-Араб бо ҳамин ваҳму хаёл сар то по гӯш шуда, ба тарафи ятимони дар даҳлез нишастаи худ дода шуда буд...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 226. Сар то по чашм гаштан

ниҳоят бодиққат нигоҳ кардан.

Ман ҳам сар то по чашм гашта ба сӯи онҳо дӯхта ва ҳама тан гӯш гардида ба тарафи онҳо дода шудам.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 227. Сар то по чашму гӯш шудан

ниҳоят диққат кардан.

Ҳушьёр бошед, сар то поятон ҳама чашму гӯш шавед!

*С. Улуғзода, «Дар оташ».*

### 228. Сар то сар

*Ниг.* Сар то по.

1. Сар то сар бомаш монанди дутаҳои иморатҳои баланд кушода мебошад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Бо вуҷуди ин онҳо то ба Ҳаштархон расидани мо дар киштии рейд сар то сари роҳ магаси шилқин барин гӯшу мийяи маро бурданд.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 229. Аз чизе сар тофтан

*Ниг.* Аз чизе сар кашидан.

1. Аз ҷавоб сар тофт.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Ҳар касе ки аз фармони ман сар тобад, ҷо ба ҷо мепарронам!

*С. Улуғзода, «Қалтакдорони сурх».*

3. Дигар чӣ илоҷ? «Намеравам» гуфта сар тофтан намешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

4. Ман то ҷон дар бадан дорам, аз хизмати ту сар намегобам...

*С. Айнӣ, «Ятим».*

### 230. Бо сар тохтан

*Ниг.* Ба сар давидан.

Аз лутф ишорат куну ман тохта бо сар,
Ду даст ба бар, гӯш ба фармони ту бошам.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

### 231. Сар фаровардан

1. тобеъ шудан, итоат кардан, 2. розӣ шудан.

1. Қасе ки ба хоҳиши ӯ муқобил барояд, ба ҳамин рӯзе ки Соро афтидааст, меафтад ва дар охир ба сар фаровардан маҷбур мешавад.

*С. Айнӣ, «Ятим».*

2. Қабилаҳои ноороми кӯҳистонӣ ки ба ҳеҷ подшоҳ сар намефаровbooyанд, ба давлати темуриён ҳамроҳ карда шуданд.

*С. Айнӣ, «Мирзо Абдулқодири Бедил ва эҷодиёти ӯ» («Шарқи сурх»).*

3. Ё духтарро розӣ кунед, ки ба ман сар фурорад ва ё ин ки ҳазор тангаи маро бо хароҷоти тӯй баргашта диҳед...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

4. Вахши саркаш ба иқтидори одамони онвақта сар намефуровард.

*А. Деҳотӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 232. Ба ҷое сар халонидан

ба ҷое як даромада баромадан.

1. Ба ҳамаи магазинҳои гирду пеш сар халонида дид...

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

2. Ҳоло илоҷ надорад, ки ба ҳар магазин як бор сар нахалонад...

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

3. — Вай ҳам агар ба шаҳр ояд, албатта, ба хонаи мо сар нахалонида намеравад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Дар роҳи нав» («Шарқи сурх»).*

## 233. Сари касеро хам кардан

1. касеро шарманда, забонкӯтоҳ кардан, 2. касеро ба итоати худ даровардан.

1. Рости гапа гӯям, ин фаранҷии зормонда сари маро ҳам хам карда истодааст. Биё, акнун аз баҳраш гузару парто!

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

2. Не, не ман намемонам, ки вай сари оилаи моро хам кунад.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз, «Дил дили Зайнаб, («Шарқи сурх»).*

3. — Ба сарамон ҳар чӣ қадар рӯзҳои сахт омада бошад ҳам, аммо душман сарамонро хам карда натавонист.

*Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

## 234. Сари касе хам шудан

шарманда, забонкӯтоҳ шудан.

1. — Э, раис, асло парво накунед, як зӯр зада дар мобайни ду-се рӯз ҳамаи камбудиҳои мактабро, ки буд кардем, боз дасти шумо болою сари дигарон хам шуда мемонад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Пушту паҳлӯи корро фикр накарда, як номаъқулӣ кард, ки бо ҳамон сари мо то мурдан хам шуда монд.

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро» («Шарқи сурх»).*

### 235. Қасеро (чизеро) ба сари касе (чизе) хезондан

касе, чизеро бар зидди касе, чизе барангехтан.

Ҳатто дарвозӣ, вахьёӣ қаротегинӣ ва ғармӣ гуфта вилоятро бар сари вилояти дигар мехезонданд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 236. Ба сари хок

дар болои гӯр, дар қабристон.

Пас аз адои намози ҷаноза ва гӯронидани мурда йиртиш ва хайрот тақсим шуд, се рӯзи дигар фотеҳахонӣ ба сари хок давом кард.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 237. Сар хоридан

1. тааммул, таваққуф кардан, 2. фикру мулоҳиза намудан.

1. Охир, агар Бевзюк конро тарконидан мехост, минаро дар бағал ё кисааш меоварду ба ҷои дилхоҳаш гузошта, дар вақти дилхоҳаш метарконид. Худаш ҳам дар ин гирду пеш сар хорида намегашт.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

2. Ҳама дар ин бора сар мехориданд, аммо ба як қарори ба умум маъқул омада наметавонистанд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

3. Милиционере дар як гӯша сар хорида, аз ин тамошои бепул завқ мебурд.

*«Хорпуштак».*

### 238. Ба сар хоридан вақт надоштан (наёфтан)

ниҳоят серкор будан.

1. Ба сар хоридан вақт надорем...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. Агар ба ҷанг дароядан, ба сар хоридан ҳам вақт намеёбад.

*Ҷ. Икромӣ, «Достони марди танкшикан».*

### 239. Ба сар хоридан даст нарасидан

*Ниг.* Ба сар хоридан вақт надоштан.

1. Рӯзҳои имтиҳон ба сар хоридан даст нарасида монд.

*Қ. Наимӣ, «Баҳор»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

2. Вай гоҳ ба магазин медавид, гоҳ ба идораҳо метохт ва гоҳ ба сӯи театру филармония мерафт, меҳмон хабар мекард, одамҳоро ҷо ба ҷо мегузошт, қисса кӯтоҳ, ба сар хоридан дасташ намерасид.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

### 240. Ба сари худ

мустақилона, бе ёрдами касе.

1. Лекин дар вақте ки ман мехоҳам акнун ба сари худ кор карда ба сари худ зиндагонӣ кунам, шумоён ҳамин чор таноб заминро ҳам аз дасти ман гирифтанӣ шавед, ман розӣ шуда наметавонам.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Вай имрӯз ба сари худаш мана аз обчигӣ холӣ кард...

*С. Улуғзода, «Шодмон».*

3. Ҳар кас ба сари худ гап зада, чизеро исбот менамояд.

*«Хорпуштак».*

4. Бе маслиҳати мудири ҳосилот ба сари худ рафтор карданн ту хатост!

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 241. Сари худро ба бало гирифтор кардан (монондан)

худро мубталои нохушӣ, фалокате намудан.

1. Писарам, беандешагӣ карда боз сари ҷавонатро ба шон бало гирифтор накунӣ.

*С. Улуғзода, «Калтакдорони сурх».*

2. Ба молу мулки ҷамъият ин хел сарсарӣ рафтор карда, сари худамро ба бало мононданро намехоҳам.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 242. Сари худро ба ҳар дар даровардан

*Ниг.* 1. Ба ҷое сар халонидан, 2. ба ҳар кор мудохилат кардан.

Сари худро ба ҳар дар медарорем.
Миси ин одамонро мебарорем.

*М. Аминзода, «Шеърҳо».*

### 243. Сари худро ба куҷо занад?

чӣ илоҷ, чӣ чора кунад? ба куҷо равад?

1.— Вагон надиҳанд, ман чӣ кор кунам? Сарамро ба куҷо занаму ба кӣ рафта дод гӯям, канӣ гӯй?

*Р Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Вай аз бой ҳам, аз Гулбаҳор ҳам қасд гирифтан меҳоҳад. Чӣ кор кунад? Сарашро ба куҷо занад!

*Ҷ. Икромӣ, «Дар меҳмонии бародарони ӯзбек» («Шарқи сурх»).*

### 244. Сари худро ба санг задан

бисьёр зӯр задан, ҷидду ҷаҳд кардан.

1. Агар бахтамон тобаду димоғи рафиқ... каме чоқ бошад, он гоҳ машина мерӯяд, агар табъи латифашон андак хира бошад, сарамонро ба санг занем ҳам, аз ӯ парахае намерӯяд.

*«Хорпуштак».*

2. Сарамро ба санг мезанаму ба мақсадам мерасам...

*«Газетаи муаллимон».*

### 245. Сари худро ба хок судан

ба касе зорию тавалло кардан, изҳори аҷз кардан, бисьёр зорию тавалло намудан.

Дар пои сарви қадди ту сар судаам ба хок,
Бингар маро чӣ гуна баланд аст обрӯй

*А. Лоҳутӣ, «Нидои зиндагӣ».*

## 246. Сари худро ба чор тараф задан

1. кӯшишу ғайрат кардан, 2. аз ҳеҷ коре рӯй натофтан; ҳама чораҳоро дидан.

Хайрии серғайрат ва меҳнатдӯст, худаш танҳо, сарашро ба чор тараф зада ризқу рӯзии бачагонашро пайдо мекард.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

## 247. Сари худро ба ғурбат монондан

худро ба ташвиш андохтан.

Лекин раис розӣ нашуд: «Мон, гуфт ӯ, планро вайрон карда, сари беғурбатамонро ба ғурбат монондан чӣ лозим...»

*Ф. Муҳаммадиев, «Дар роҳи нав», («Шарқи сурх»).*

## 248. Сари худро ба қимор мондан

ҳаёти худро ба таҳлука андохтан, ягон кори хатарнокро таваккалан кардан.

Дар ин ҷо агар касе барои як пула гап касеро кушта ба чоҳи зиндон андозад, ҳеҷ кас лаб во карда наметавонад, чӣ ҷои он ки ҳамаи мо якзабон шуда, сарҳоморо ба қимор монда бошем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 249. Бо сари худ бозӣ кардан

ҳаёти худро ба таҳлука андохтан.

Он кӣ ба мо дастдарозӣ кунад,
Бо сараш албатта ки бозӣ кунад.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

## 250. Сари худро боло бардошта гаштан

боифтихор, сарбаланд зиндагонӣ кардан, дар ҳеҷ чизе забонкӯтоҳ набудан.

Аз ҳамин сабаб регариҳо, ҳисориҳо, ӯротеппагиҳо, куйбышевиҳо, қурғонтеппагиҳо, колхозободиҳо, панҷиҳо,

пролетарихо ва дигарон ба ваъдаашон вафо карда, имрӯз мисли мардони майдон сарашонро боло бардошта мегарданд.

*«Хорпуштак».*

### 251. Чизеро аз сари худ гирифта партофтан

*Ниг.* Аз сари худ дур кардан.

— Э, ҳоло ҳам ин гапро аз сарат гирифта напартофтӣ, Маҳбуб?

*П. Толис, «Вақте ки заводҳо гудоки саҳарӣ мезананд» («Шарқи сурх»).*

### 252. Сари худро гирифта (баромада) рафтан

ҷоеро тарк намудан, ҷалои ватан кардан.

1. Бинобар ин он беҳ, ки сари худро гирифта аз ин диёр биравад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Гоҳо фикр мекардам, ки аз хона сарамро гирифта меравам.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

3. — Э, монед, модар, ба ман ин хел зиндагӣ даркор нест! Сарамро гирифта ба ягон тараф баромада меравам.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев, «Саодат» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

4. Дар дилам мегуфтам, ки «Мухторро мебинам, баъд аз он сарамро гирифта баромада меравам, ҳар чӣ бодобод!»

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 253. Қасеро ба сари худ гузоштан

1. касеро ба ҳоли худаш мондан, ихтиёри касеро ба худаш додан, 2. касеро бепарастор ва беназорат мондан.

Занашро дашном дод, ки ӯ ҷаро духтари «қадраси ба шавҳар бароянда»-ро ба сари худ гузоштааст, ки дар пеши ҷавонони номаҳрам бозӣ карда гардад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

### 254. Аз сари худ дафъ кардан

худро аз касе, чизи бад халос намудан.

1. — Махсуме як хари лоғари пешпохӯр ва халахӯр дошт. Ба бозор бурд, ки вайро фурӯхта аз сари худ дафъ кунад.

*«Латифаҳои тоҷикӣ».*

2. Имрӯз не, пагоҳ оқпошоро аз сари худ дафъ мекунанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 255. Аз сари худ дур кардан

фикреро аз хаёли худ дур кардан, фаромӯш кардан.

1. Ман он вақтҳо хаёли Бухоро рафта хонданро тамоман аз сари худ дур карда будам.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

2. Бо таъсири ин ҳиҷрон ва алами тоқатфарсо Гулнор ҳар як мулоҳизаро аз сар дур карда, бе ибо ба пеши ясавул давид...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 256. Касе, чизеро ба сари худ задан

ба касе ҳеҷ лозим набудани касе, чизе.

1. — Гунаҳкори калон туӣ. Духтаратро акнун ба сарат зан!

*Қ. Наимӣ, «Рӯзи равшан».*

2. — Оё падарашро ба сарам мезанам-мӣ? Барои падараш шуда маро зинда ба зиндон ва ба оташ мепартоед-мӣ?

*С. Ғанӣ, «Туй».*

3. Иваз кардан нахоҳӣ, лаби ҷуйро ба сарат зан!

*С. Улуғзода, «Навобод»,*

### 257. Сари худро заданӣ ҷой наёфтан

*Ина.* Сари худро намедонад, ки ба куҷо занад.

Баъзан вақте ки ба ягон сабаб дилтангу зиқ мешавам ва чӣ хеле ки мегӯянд, сарамро заданӣ ҷой намеёбам, пешвар мехоҳам, ки дар ҷамъияти мӯйсафедон бошам ва онҳо ба таври орзушикан ба ман насиҳат кунанд.

*А. Баҳорӣ, «Хотираҳои саёҳати бистрӯза» («Шарқи сурх»).*

### 258. Қасеро сари худ карда мондан

*Ниг.* Қасеро ба сари худ гузоштан.

Ҳамаи гуноҳ аз худам, ки аз аввал туро сари худ карда мондам, яккаву танҳо ба хондан фиристодам...

*Ҷ. Икромӣ, «Сангалӣ» («Шарқи сурх»).*

### 259. Сари худро луч карда...

1. аз таҳти дил, 2. гарму ҷӯшон, бо кӯшиши тамом.

1. Ва шабу рӯз сарамро луч карда, хонаму хонаму хонам!

*Ҷ. Икромӣ ва М. Қосимов, «Роҳи бахт».*

2. Дар курси нест кардани бесаводӣ ба ибораи ӯ «сарашро лучу ҳафтоду ду тори асабашро якта карда» мехонд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 260. Сари худро намедонад, ки ба кучо занад

1. илоҷу чораи чизеро намедонад, ҳайрон, ҳаросон мебошад, 2. ба куҷо, ба паноҳи кӣ рафтанашро намедонад.

1. — Ҳолаш бад, гирья мекунад, сарашро намедонад, ки ба куҷо занад.

*Ҷ. Икромӣ, «Зӯҳра».*

2. Ба милиционер маълум намудам, ки ятим ҳастам, аз деҳа омадаам ва намедонам, ки сарамро ба куҷо занам.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 261. Аз сари худ соқит кардан

масъулияти касе, чизеро аз гардани худ дур кардан, худро ба чизе чавобгар надонистан.

1. Бо ҳамин, ин корро аз сари худ соқит мекунанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. «Ин хабарро тафтиш карда, аз натичааш шахсан маро огохонед» гӯён... аз сараш соқит кардааст.

*«Хорпуштак».*

### 262. Сари худро хам кардан

1. худро шарманда, беобрӯ кардан, 2. таслим шудан, тан додан, қоил шудан, 3. дар пеши касе фурӯтанӣ, зорӣ, тавалло, илтичою илтимос кардан.

1. Чӯра дар пеши касе сар хам накардааст, сар хам кардани ҳам нест!

*П. Толис, «Муаллим»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Ин ном касро мачбур мекунад, ки босабру пуртоқат бошад, дар назди душвориҳо сар хам накунад, сарбаланд истад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Ба ҳеч кас сар хам намекарданд, чунки он кас далер буданд, аз болои ҳунар ва меҳнаташон дағ-дағa мекарданд...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

4. Хулоса, рақибони мо ҳам мачбур шуданд, ки дар назди санъати баланди советӣ ва истеъдоди баланди артистонамон сар хам кунанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 263. Ба сари худ хок бехтан

1. ёрдам, имдод талабидан, 2. доду фарьёд, нолаву афғон кардан.

Бозор бетоқатӣ мекард: гоҳо аз рафиқони худ дуртар ба каноре рафта ба сари худ хок мебехт, гоҳо ба канори Дарғам нишаста дар ғами ин воқеа аз чашмони худ хун мерехт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 264. Сари худро хӯрдан

1. худро нобуд кардан, 2. худро гирифтори мусибат кардан.

— Зуд аз ин чо равед! — гуфт Холмирзо.— Ҳам сари худатонро мехӯред, ҳам ба мо касофати шумо мерасад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

## 265. Ба сари худ шудан

1. соҳибихтиёр шудан, мустақил шудан, 2. худсар шудан.

1. — Ҳоло сарбозҳо ҳама ба сари худ шудагӣ, соҳиб надоранд, ҳар чӣ ки хоҳанд, кардан мегиранд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

2. — Абдулло нест,— гуфт бикаи калонӣ, ба гап сар карда.

— Хизматгору ятимҳои ҳавлии берун ба сари худ шудагӣ.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## 266. Сари хушку ҷони қоқ

бе касу бе чиз, бе хонумон, танҳо.

Бисьёр бечорагони бехонумоншуда, ки буду шуди худро аз даст дода «ба сари хушку ҷони қоқ» ба ҳар тараф гурехта рафта буданд, боз гашта ба ватани худ меомаданд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

## 267. Сари касеро хӯрдан

1. боиси нобудии касе шудан, ба қатли касе сабаб шудан, 2. несту нобуд кардани касе.

1. Ҳамин ҳосили аз одат зиёд аст, ки сари падаратро хӯрд.

*С. Айнӣ, «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам».*

2. Гитлер сари ҳамаи хешу табори маро хӯрд.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

3. Сари ин пири хирадмандро ҳам хӯрданд. Ман дидам, вай ин пагоҳ аз шаҳр баромада рафт.

*С. Улуғзода, «Қисмати шоир».*

4. — Хайрият, дар вақти набудани одам афтодааст, вагарна ин ҳам сари як шахтёри шӯрабахтро мехӯрд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 268. Ба сару чашм

*Ниг.* Аз чону дил.

— Ин тавр бошад, корро сар кардан даркор аст.
— Ба сару чашм...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 269. Сари чигилро кушодан

муаммо, масъалаи мушкилеро ҳал намудан.

Агар касе барои гирифтани маблағе ба назди... равад, вай, албатта, ба кори он кас ягон ишкеле меандозад. То вақте ки харҷи кисааш нарӯяд, ӯ сари чигилро намекушояд.

*«Хорпуштак».*

### 270. Ба сари касе чормағз шикастан

ба касе зулму ситам кардан, касеро аз ҷонаш сер кардан.

1. Аммо ба ивази ин писараш Маҳмуд амирест қоҳир, бераҳм ва хунрез. Вай ба сари дигарон чормағз шикаста метавонад!

*С. Улуғзода ва В. Виткович, «Ибни Сино».*

2. Вай алалхусус, ҳангоме, ки аз ягон меҳмонӣ гашта меомад, бардурӯғ либосу палоси мардумро аз ҳад зиёд таърифу тавсиф карда, ба сари шавҳар чормағз мешикаст.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

3. Сездаҳ сол раисӣ кардем, ҳеҷ гап набуд, рафиқ Сабуров, ана акнун ба ин рӯз омада ба сари мо чормағз мешикастагиҳо ҳам пайдо шуда монданд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 271. Ба сари касе чӯб шикастан

*Ниг.* Ба сари касе чормағз шикастан.

Нигоҳ карда ист, духтарам ҳам ба сари мо чӯб мешиканад.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз, «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»).*

## 272. Қасеро ба сари касе шӯрондан

касеро ба муқобили касе барангехтан.

Қасе иғво карда, ӯро ба сари ман шӯрондааст.

*Ф. Ансорӣ, «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 273. Ба сари касе қазое афтидан

ба касе ҳодисаи ногуворе, фалокате рӯй додан.

1. Аммо рафту ба сари ман, ё ба сари ту ягон қазое афтода, додугирифти ману ту ба фарзандонамон, ки ҳанӯз сағиранд, гузарад, маълум нест, ки «онҳо ҳақ ба ҳақдор» карда метавонанд, ё не?

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Бародар Соқибой, ба сар қазое афтода, дар шаҳри шумо мусофир шудам...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

## 274. Сари қоқ

1. каси яккаву ягона, муҷаррад, 2. каси бенаво, бечизу чора.

1. Ба рӯзҳои инқилоб Раҳимҷон бо сари қоқаш омада баромад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Як сари қоқаш бошад ҳам, ба мисли коргарони оиладор хонаи алоҳида доштааст.

*П. Толис, «Тобистон».*

3. — Мебинем, ҳеҷ воқеа не, ин сари қоқи мо ба санг як бор нахӯрдааст,— гуфт Олим...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», к. II.*

## 275. Сари касеро бо касе қӯша кардан

*Ниг.* Сари касеро ҷуфт кардан.

— Биё, тезтар дар зинда буданамон сари ҳар дуятонро қӯша карда монем мегӯяд.

*С. Улуғзода, «Шодмон».*

### 276. Аз сари касе ҳавои чизеро берун кардан

орзўю ҳаваси касеро ба чизе аз байн бурдан, касеро аз нияти чизе баргардондан.

Иштироккунандагони муҳокима ӯро дошта назада бошанд ҳам, бо суханҳои обдор нағзакак кўфтанду аз сараш қариб тамоми ҳавои драматургшавиро берун намуданд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 277. Дар сари ҳар гап

1. дар болои ҳар гап, дар ҳар маврид, 2. ҳамеша.

Дар сари ҳар гап шавҳари марҳумашро ба ёд меоварад...

*Ҷ. Икромӣ, «Ишқу вафо»*
*(«Тоҷикистони советӣ»).*

### 278. Дар сари ҳар чиз

дар болои ҳар чиз, дар ҳар бобат.

Ӯ бо занаш дар сари ҳар чиз муноқиша мекунад.

### 279. Сари ҳисоби касе, чизеро ёфтан

илоҷ, роҳи ҳалли чизеро ёфтан, банди асосии масъалаеро ёфтан.

1. Дар бригада кор хоб рафтааст. Омада сару ҳисоби кори маро ёфта диҳед.

*А. Сидқӣ, «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

2. Вай ҳамин қадар қахру ҷахл карда буд, ки агар сари ҳисоби вайро намеёфтам, бе гап маро мекушт.

*Р. Ҷалил, «Нақли Холи воруҳӣ»*
*(«Тоҷикистони советӣ»).*

3. — Хайр, модом, ки меҳмон овардӣ, сари ҳисоби ягон рўшноиро (чароғро — *М. Ф.*) меёбам...

*Р. Ҷалил, «Шўроб».*

## 280. Сари ҳисобу китобро чигил кардан

ҳисобро дарҳам-барҳам, саргум кардан, ҳисоботро чатоқ кардан.

Онҳо сари ҳисобу китобро чигил карда, режими технологии нигоҳ доштани ашьёи хом ва кор карда баромадани онро беибо ва беандеша вайрон менамудаанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## 281. Ба сари касе ҷанҷол баровардан

ба баҳонае боиси ташвиши касе шудан, касеро ба фалокате андохтан.

Агар ба гуфтаи онҳо надарояд, ба сараш чанд ҷанҷоли дигар мебароранд, ба қозихонааш мекашанд, аз қишлоқаш ронда мекунанд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 282. Ба сари ҷаҳл омадан

бадҷаҳл шудан, дар ҷаҳл будан.

Модари Шамсия, ки ба сари ҷаҳл омада буд, ҳатто Шамсияро як-ду мушт кӯфт...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## 283. Дар сари ҷиноят

дар маҳалли ҷиноят, дар аснои содиршавии ҷиноят.

Дар охир Моҳрӯ ва ҳамкоронашро дар сари ҷиноят ба даст даровbooked.

*Ҳ. Аскар, «Нишони одамият»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 284. Сари касеро ҷуфт кардан (намудан)

касеро зандор, шавҳардор кардан, зану шӯ кардан.

1. Баъд сари Арслоналиамонро ҷуфт кунем.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Дар пиронсолӣ орзӯю ҳавас мекарданд, ки сари духтари худро ҷуфт кунанд...

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

3. Мехоҳам арвоҳи акаамро шод намуда, сари ҳаминҳоро ҷуфт намоям.

*А. Мусаввада, «Гаҳворабахш» («Шарқи сурх»).*

**САРАМ**

### 285. (Бо) Сарам-дилам кор кардан

бе рағбат кор кардан, бо дили нохоҳам кор кардан.

1. Хиштро ниҳоят беаҳамиятона, сарам-дилам мечинд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

2. — Гуфтан мехоҳам, ки ба дастгоҳҳо сарам-дилам нею дурустакак нигоҳ кун!

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Мисли пештара колхозчиёни бинокор бо сардории ӯ сарам-дилам кор мекунанд.

*«Хорпуштак».*

### 286. Сарам зинда бошад

агар сиҳат-саломат бошам.

— Ҷӯра, як кас гуфта будааст, ки сарам зинда бошад, ғами тӯппӣ надорам. Занро меёбӣ, аммо падару модарро ҳазор сол гардӣ ҳам ёфта наметавонӣ.

*«Маориф ва маданият».*

**САРАНҶОМ**

### 287. Саранҷом кардан

1. кореро ба интиҳо расонидан, тамом кардан, 2. кори касеро сохтан.

1. Ҳамин ки корҳои металлтайёркуниро саранҷом кардем, пахта ҳам мешукуфад.

*«Тоҷикистон».*

2. Исломро бошад, аскарони сурхе ки аз тарафи Фарғона ба қишлоқи Ворух наздик омадаанд, саранҷом мекунанд.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 288. Аз сарат монад

дашном: насиб накунад, саратро хӯрад.

1. — Уфф!... зиқ шуда мурдем. Аз сари Акталӣ монад, ин актҳои дурмадарози бесару нӯг.

*А. Деҳотӣ ва Б. Раҳимзода, «Фоизҷон Таърифхӯҷаев» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

2. Пулатон аз саратон монад!

*Р. Ҷалил, Шӯроб».*

**САРАТ**

### 289. Аз сарат наояд

ахлоқу сифати бадат бо худат бошад.

— Ӯ-ҳу, аз сари худатон ин сӯ наояд.
— Чӣ? Аз сари ман? Урфу одати кӯҳна?

*«Хорпуштак».*

### 290. Ба сарат рӯзи касе наояд

бало, мусибате, ки ба фалонӣ рӯй додааст, ба ту рӯй надиҳад.

— Эҳтиёт шавед, ки ба саратон рӯзи ман наояд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**САРАШ**

### 291. Сарашро аз санг кунад

дуо: танаш сиҳат бошад, офате набинад.

Чӣ кунем, худо сарашро аз санг кунаду ҷонаш саломат бошад, кор кунад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид».*

### 292. Аз сараш гардам

қурбонаш шавам.

1. Одами нағза аз сараш гардам.

2. Ҷӯрабозиро аз сараш гардам, хуб чизи нағз-дия.

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 293. Сараш дар Қӯқанд думаш дар Хуҷанд

чизе бе робита, гапи бемантиқ, коре, ки сару дунболаш пайдо нест.

Вай маро аз дӯстони маҳрами худ дониста, дар байни сӯҳбатҳои сараш дар Қӯқанду думаш дар Хуҷанди худ баъзан аз ишқу муҳаббаташ, ба кадом духтар дил бой доданаш, кадом духтар мӯрчамиёну кадом духтар офати ҷон буданаш ҳам гап зада мемонд.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

### 294. Сарашу равғанаш

ихтиёр ба худаш, ихтиёраш, чизе ки хоҳад.

1. Лекин нафсуламри гапро гӯям, ба ман аз берун дида боз ҳамин гӯри торик (шахта — *М. Ф.*) ҳазор бор беҳтар аст. Чаро гӯй? Чунки ин ҷо на амалдор «Улпонпулӣ деҳ»— гуфта танг намекунад, на оху нолаи бачагони гуруснаатро мешунавӣ, на тани бараҳнаи онҳоро дида, аз ғам адо мешавӣ. «Сарашу равғанаш»— мегӯию партофта ба ин ҷо мегурезӣ.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. — Куҷое ки равед, рафтан гиред, саратону равғанатон — гуфт ӯ...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 295. Сарашро хӯрад

дашном: аз сараш монад, боиси маргаш шавад.

Дилата сиёҳ накун, тӯяш сараша хӯрад.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 296. Сараш чандта?

1. агар сараш якчандта бошад ҳам, яктааш намемонад, 2. чӣ ҳад дорад?

— Келини ман гапамро гардонда бинад, чӣ оҳо. Сараш чандта?

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев, «Саодат» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 297. Сарбаланд будан

*Ниг.* Сари касе баланд будан.

Имрӯз ман чунон шод, чунон сарбаланд ҳастам, ки тасаввур карда наметавонӣ! Ба ин нигар, мо гӯё мис мекофтему тилло ёфтем!

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 298. Сарбаланд гардидан

*Ниг.* Сари касе баланд шудан.

Агар Арбоб-Қамол ба ҷои Гуландом, Гулбибиро ба даст даровварда тавонад, аз як тараф бе хароҷот соҳиби келин мешуд, аз тарафи дигар аз Бибиоиша ва Одина интиқоми худро кашида дар миёни мардум сарбаланд мегардид...

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

## САРГАРДОН

### 299. Саргардон кардан

сарсон, овора кардан.

— Бинед, Гитлери хонасалот, хонаи занбӯри асалро вайрон кардагӣ барин, одамонро аз куҷоҳо ба куҷоҳо саргардон кард.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 300. Саргардон шудан

сарсон, овора шудан.

1. Ба онҳо дарди дил мегуфтам, маслиҳат мепурсидам, саргардон мешудам, ва гузаштани вақту соати бадбахтро надониста мемондам.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Агар ин нопок ба даст афтад, ин гурӯҳи бенаво ҳамин рӯз бояд дар ҷустуҷӯи кор ба кӯчаҳо афтода, сарсону саргардон шаванд.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»).*

**САРГАРМ**

### 301. Саргарми чизе будан

ба чизе сахт машғул, андармон будан, ба чизе сахт дода шудан.

1. Фазила чунон бо диққати том саргарми кор буд, ки ба итмом расидани вақти корро надониста монд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Ман дар он солҳо саргарми хондан будам.

### 302. Саргарм шудан

борағбат, тамоман машғул шудан, ба коре сахт дода шудан.

1. Мани бадбахт саргарми тӯй шуда, ҳеҷ чизро ба ҳисоб нагирифтаам.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

2. Вай ба кори нав саргарм шуда, муддате ҳикоянависиро тарк кард.

*С. Улуғзода, «Ерони боҳиммат».*

**САРГУМ**

### 303. Саргум будан

бесару нӯг будан, бемаънӣ, бемантиқ будан.

— Гапҳои шумо ҳама саргум аст, ман ҳеҷ чиз нафаҳмидам.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**САРГУРЕЗ**

### 304. Саргурез кардан

гурезондан, ба гурехтан водор кардан, гуреза кардан.

Ин ҳамон дараест, ки бо фурӯхта шудани калонони худ чорсад нафар савори уротеппагӣ ва хуҷандии худи уро саргурез кард.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 305. Саргурез шудан

ба гурехтан маҷбур шудан, гуреза гардидан.

1. Дар ин мулк зиндагонӣ карда наметавонад, бояд саргурез шавад...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Акнун ки вай саргурез шуд, ин ба кӣ такья карда бадӣ мекунад?

*«Роҳбари дониш».*

**САРЗАНИШ**

### 306. Сарзаниш кардан

маломат, коҳиш кардан.

1. Барои ҳамин қадар кори осон ҳам магар ақлат намерасад?— гӯён он шириниро сарзаниш кардааст.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Барои наовардани чунин китоб худро сарзаниш кард.

*«Хорпуштак».*

**САРКАШӢ**

### 307. Саркашӣ кардан

1. нофармонӣ кардан, аз итоат сар тофтан, 2. чизеро рад кардан, ба чизе розӣ нашудан.

1. Бинобар ин ба тадбири давлат муқобилат ва аз фармони ӯ саркашӣ кардан маҳзи хатост.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

2. Саркашӣ мекард сир дар дил ниҳон дарьёи Сир,
Буд дар водӣ саропо ҳукмрон дарьёи Сир...

*М. Аминзода, «Шеърҳо».*

3. Раиса аз сабаби кӯдак доштанаш аз ин кор саркашӣ кард...

*«Хорпуштак».*

**САРМАСТ**

### 308. Сармаст гардидан

ба кайф омадан, нашъаманд шудан.

Кулол ҳам сармасти оҳанги форам гардид.

*«Машъал».*

### 309. Сармаст кардан Равшанфикр Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ

ба кайф овардан.

Нашъаи баҳори хандон ӯро сармаст мекард...

*Р. Амонов, «Ду қатра ашк» («Шарқи сурх»).*

## САРОПО

### 310. Саропо гӯш шудан

*Ниг.* Сар то по гӯш шудан.

1. Онҳо саропо гӯш шуда, нутқи ӯро дар маҷлиси машваратии пешқадамони мусобиқа барои гирифтани номи бригадаи зарбдорони меҳнати Коммунистӣ мешунавиданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Гӯшу ҳуши мо ба шумо» («Тоҷикистон»).*

2. Пиразан, ки то ҳол саропо гӯш шуда суханони Содиқро мешунавид ва ба назар ғамгину афсурда менамуд, гуфт...

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидон» («Шарқи сурх»).*

## САРПАНОҲ

### 311. Сарпаноҳ шуда гаштан

пинҳон шуда гаштан, худро пинҳон карда гаштан.

Вай дар шаҳри Нисо сарпаноҳ шуда гаштааст.... Вайро ҷустуҷӯ кун..,

*С. Улуғзода ва В. Виткович, «Ибни Сино»*

## САРПАСТ

### 312. Касеро сарпаст кардан

касеро шарманда, забонкутоҳ, мулзам кардан.

1. Ӯро дар миёнаи дӯсту душман сарпаст карданд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. «Онҳоро чунон сарпаст кард, ки ба касе чашм ало намуда нигоҳ карда наметавонанд».

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

САРРИШТА

### 313. Сарриштаи кореро ёфтан

роҳи асосии ҳалли корро ёфтан.

— Қор дар ин ҷо сахттар, зӯртар аст, ҳамин ки мо сарриштаи корро ёфтем, рафиқон ба бригадаҳои худ бар мегарданд.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 314. Сарриштаи худро гум кардан

чӣ кор кардани худро надонистан, саросема шуда ҷораю тадбири кори худро гум кардан.

Ин савол барои онҳо тамоман ногаҳонӣ буд. Онҳо сарриштаи худро гум карда, харосон ба аъзоёни комиссия, ба ман ва ба ҳамдигарашон нигоҳ мекарданд.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

САРТАРОШӢ

### 315. Сартароширо дар сари (калла) бузургон машқ намекунанд (ёд намегиранд)

омӯхтанро аввал аз чизҳои хурд бояд сар кард, чизҳои хурдро омӯхта баъд ба чизҳои калон гузаштан лозим аст.

1. — Шумо тарҷимони навмашқ бошед, санҷиши қувваи худатонро аз тарҷимаи ягон ҳикоя ё очерки оддӣ сар кунед. «Сартароширо дар сари бузургон машқ намекунанд».

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. — Агар ҳунараш набошад, ту ҳунар ёд доданат лозим буд. Ба ҳамин мақсад ман вая ба бригадаи ту обчӣ таъин карда будам.

— Ман ҳеҷ розӣ намешавам, ки одамҳо сартароширо дар каллаи ман ёд гиранд, раис.

*С. Улуғзода, «Шодмон».*

**САРСАРӢ**

### 316. Сарсарӣ аз назар гузаронидан

ба чизе бемайлу рағбат нигоҳ кардан, чизеро бедиққатона аз назари худ гузаронидан.

Онро сарсарӣ аз назар гузаронида истода, чӣ шуд, ки якбора чашмонаш аз косахонааш баромаданд.

*«Маориф ва маданият».*

**САРФ**

### 317. Сарфи назар

қатъи назар аз, бо вуҷуди... ба... нигоҳ накарда.

1. Ба рӯят гуфтаам: ҷонам туӣ!
Ранҷидаӣ аз ман,
Агар мекардӣ аз тақсири ман
Сарфи назар мешуд.

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт», ҷ. II.*

2. Сарфи назар аз баъзе камбудиҳои таърихӣ, диссертация комилан ба ҳимоя сазовор аст.

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

3. Сарфи назар аз душвориҳо ва бемуваффақиятиҳои ҷудогона, мо рӯҳафтода нашуда ба пеш мерафтем.

### 318. Сарфи назар намудан

чизеро ба назар, эътибор нагирифтан, чизеро аз диққат хориҷ намудан.

Мо аз тафсили ин сафар, ки саросар пурмалол ва андӯҳовар буд сарфи назар менамоем, ҳамин қадар мегӯем, баъд аз чанд рӯзе ки Одина ва Сангин дар кӯҳистон ва биёбон сурудгӯӣ ва фироқномахонӣ кардан, ба Андиҷон расиданд...

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

**САРФА**

### 319. Сарфаи сари оташдон (беҳ аз) савдогари Ҳиндустон

сарфа кунӣ, рӯзи ба мӯҳтоҷиат лозим мешавад, сарфа кунӣ, чизу чора андухта метавонӣ.

1. — Вақте ки — гуфт модарам,— биринҷи туйро оварда будед, ман як халтаро аз вай биринҷ пур карда гирифта дар сандуқ пинҳон карда монда будам ки ягон вақт танг шавем, кор мефармоем. Акнун ки аввал қарзҳоро кандан лозим аст, ҳамин биринҷро кор фармудан мегирем.

— Баракалло! — гуфт падарам,— бе сабаб «сарфаи сари оташдон савдогари Ҳиндустон» нагуфта будаанд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

2. Ман ҳар чизе, ки дорам ҳамаашро аз сарфакорӣ ёфтаам «сарфаи сари оташдон, савдогарии Ҳиндустон» гуфтаанд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

3. Агар ҳамин хел сарфакорӣ намекардам, ба шумо ҳамин қадар пул ҳам дода наметавонистам, чунки «сарфаи сари оташдон беҳ аз савдогари Ҳиндустон»...

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

**САРФАРОЗ**

## 320. Сарфароз гардидан

1. сазовор, мушарраф шудан. 2. сарбаланд шудан.

1. Имрӯз ба раҳматномаи маъмурият ва ташкилоти партиявии комбинат сарфароз гардидааст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Командири тӯп Сафар Амиршоев бо ордени дараҷаи якӯми Ҷанги Ватанӣ сарфароз гардид.

*«Тоҷикистон».*

**САРФАҲМ**

## 321. Сарфаҳм рафтан

фаҳмидан, дарк намудан, пай бурдан.

1. Зиндагӣ ҳамин тавр будааст; мегузаштаасту кас дуруст сарфаҳм намерафтааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. — Фикр мекунӣ, ки ман духтараки соддаякак ҳастаму ба ҳеҷ чиз сарфаҳм намеравам?

*«Маориф ва маданият».*

**САРХАМ**

### 322. Сархам кардан

*Ниг.* Сари касеро хам кардан.

— Дар байни дӯсту душман духтарамро шарманда, худамро сархаму беобрӯй кардан мехоҳӣ!

*С. Улуғзода, «Қисмати шоир».*

### 323. Сархам шудан

*Ниг.* Сари касе хам шудан.

Чашми душман кӯр шуд чун шабпарак аз нури ту,
Сархаму шарманда шуд аз хандаи масрури ту.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

**САРХОРӢ**

### 324. Ба сархорӣ вақт наёфтан

*Ниг.* Ба сар хоридан вақт надоштан.

Ман гумон мекардам, ки ҷанг бобои маро серкор карда монду бо тамом шудани он ӯ «ба сархорӣ вақт меёфтагист».

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 325. Ба сархорӣ даст нарасидан

*Ниг.* Ба сар хоридан вақт надоштан.

Ман дар заводи хишт кор мекардам. Ғоибона дар институти политехникӣ мехондам. Ба сархорӣ даст намерасид.

*М. Хӯҷаев, «Ҳусн» («Шарқи сурх»).*

**САРХУШ**

### 326. Сархуш будан

маст будан, кайфи касе чоқ будан.

Ман бо дӯстон пева нӯшида, андаке сархуш будам.

*Ҷ. Икромӣ, «Онҳое ки маргро мағлуб мекунанд» («Маориф ва маданият»).*

### 327. Сархуш шудан

маст шудан.

— Аз Пушкин дуздидагист? — гуфта монд Васька, ки анча сархуш шуда буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## САРҚОЗӢ

### 328. Чизе сарқозию пои машкоб будан

анбӯҳи мардумеро гӯянд, ки дар даруни онҳо табақаҳои гуногун бошад (С. А.).

— Дар миёнаи коммунистҳои Бухоро ҳам мову шумо барин одамон бисьёр ёфт мешаванд. Агар ба шаҳри Бухоро равед, мебинед, ки нимаи мардуми шаҳр коммунист шудаанд. Кори коммунистӣ дар Бухоро «сарқозию пои машкоб» аст. Дар даруни онҳо аз муллоҳои кӯҳна гирифта то машкобҳо ҳам ҳастанд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

## САРҲИСОБ

### 329. Сарҳисоби чизеро ёфтан

*Ниг.* Сари ҳисоби чизеро ёфтан.

Пиразан ҳанӯз сарҳисоби корро наёфта, Гулрӯ як кӯрпача ва як шолчаро бароварда ба болои кат андохт.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

### 330. Сарҳисоби корро донистан

ба роҳи ҳалли коре воқиф будан.

Пас чаро ман аз кор бароям. Мардум таъна кунанд, кардан гиранд. Ҳар кас сарҳисоби корашро худаш медонад.

*А. Баҳорӣ, «Сабоҳат аз кор нарафт» («Занони Тоҷикистон»).*

### 331. Ба сарҳисоби чизе нарафтан

*Ниг.* Сари ҳисоби чизе нарафтан.

Ӯ нағз таъкид мекунад, ки агар ақибмондаҳо ҳам бо пешқадамон баробар шаванд, муваффакият чунон афзун мегардад, ки ба сарҳисобаш намеравад.

*Ҳ. Содиқ, «Ҳазли падар»,*
*(«Шарқи сурх»).*

**САФ**

### 332. Сафи душманро шикастан

1. аз сафи душман зада гузаштан, 2. душманро **мағ**луб кардан.

Шикаста сафи душманонро ба ҷанг,
Бизад шишаи зидди танки ба танк.

*С. Ҷавҳаризода, «Гулшани афрӯхта».*

**САФЕД**

### 333. Сафедро аз сиёҳ фарқ карда тавонистан (мекардагӣ шудан)

1. дӯстро аз душман, хубро аз бад, хубиро аз бадӣ, ҳақро аз ноҳақ фарқ кардан, 2. бомаърифат будан, қувваи тамиз доштан.

1. Аммо ҳоло замона дигар шудааст, мардуми заҳматкаши дунъё сафедро аз сиёҳ нағз фарқ мекардагӣ шудаанд.

*П. Толис, «Иди баҳорон»*
*(«Тоҷикистони советӣ»).*

2. — Монед, раис, дилтанг нашавед, шумо дӯстони бисьёре доред, ки сафедро аз сиёҳ фарқ карда метавонанд ва вақташ ояд, аз бағалатон мебардоранд.

### 334. Сафед кардани худ

ба покӣ, бегуноҳӣ баровардани худ.

Вай акнун барои сафед кардани худ сухан намеёфт.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 335. Сафед шудан

бегуноҳ, беайб шудан, ба покӣ баромадан.

Ҳақиқат мекунанд, гунаҳкор набошӣ, сафед мешавӣ.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

**САФЕДШАВӢ**

### 336. Сафедшавии рӯз

дамидани субҳ.

Қарибиҳои сафедшавии рӯз ғанабаш бурд.

*«Маориф ва маданият».*

**САФЕДӢ**

### 337. Сафедӣ афтидан

ба сафедшавӣ сар кардани риш, мӯйлаб, мӯи сар, мошубиринҷӣ шудани мӯ.

Синну солаш аз панҷоҳ гузашта бошад ҳам, ба мӯяш сафедӣ наафтида ва аз ҳамон сабаб ба назар ҷавонтар менамуд.

*Қ. Носиров, «Орият».*

**САФСАТА**

### 338. Сафсата фурӯхтан

ҳарза гуфтан, бемаънигӯӣ, беҳудагӯӣ кардан.

— Сафсата нафурӯш ту дар ин ҷо, Туроб!

*С. Улуғзода, «Навобод».*

**САХТ**

### 339. Сахт гирифтан

1. нисбат ба касе сахтгирӣ кардан, касеро танг кардан, 2. ба касе гаҳдиду итоб намудан.

1. — Куштан даркор набошад ҳам,— гуфт Урмон-Полвон,— онҳоро сахт гирифтан, таъзир кардан, ҳабс намудан, ва ба зиндон фиристодан даркор аст, мегӯям.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. — Одамони бо худаш дар як вақт муҳоҷир шуда омадагиро он қадар сахт намегирифт, агар лозим шавад, ҳимоя ҳам мекард..

*С. Улуғзода, «Навобод».*

## 340. Сахт истодан

устуворӣ нишон додан, истодагӣ намудан.

Мо ҳама сахт истода, бояд талаб кунем, ки хӯҷаин ғами бехатарии конро хӯрад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

## 341. Ба касе сахт расидан

касеро ранҷонидан, озор додан, хафа кардан, ба касе сухани нешдор гуфтан.

1. Гапи он одами қоматбаланд ба Муллоҳамид сахт расида, хост, ки аз дунболи ӯ рафта дар ягон пасткӯча бо вай биҷангад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

2. — Магар шӯхии ман ба ту сахт расид...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3. Аммо то ин вақт Мӯнисабону ба шавҳари худ ба ин дараҷа сахт нарасида буд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

## 342. Сахт ғалтидан

сахт касал шудан.

— Имрӯз камтар дуруст,— гуфт вай дарҳол ба шарҳ додани ҳоли Муқим сар кард: — як хел дору хӯрда будам,— гуфт,— зоро манфиат карда бошад...

— Ҳарчи чеҳрааш равшан, набошад бача сахт ғалтида буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**САХТГИР**

### 343. Сахтгир будан

серталаб будан.

Директори мактабро мегӯянд, чунон сахтгир аст, ки ба синну солаш як моҳ нарасад ҳам, ба хондани бача роҳ намедиҳад.

*«Маориф ва маданият».*

**САХТГИРӢ**

### 344. Қасеро сахтгирӣ кардан

*Ниг.* Қасеро сахт гирифтан.

Писарашро ҳам сахтгирӣ мекард, ки ҳама вақт мувофиқи шариат ҳаракат кунад...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

**САХТӢ**

### 345. Сахтӣ кардан

хасисӣ кардан.

Барои андак пул ин қадар сахтӣ накунед. Агар сӯзад, 30 ё 40 тиллоатон месӯзад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**САХӢ**

### 346. Сахӣ хайр кунад, бахилро дарди сар мегирад

бахил ба кори хайри дигарон ҳам бахилӣ мекунад.

— Инҳо, тӯрам, бандаҳои ношукри худо, — писханд зад аспакӣ.— Мардуми ҳасадхӯр, нотавонбин «Сахӣ хайр кунад, бахилро дарди сар мегирад» гуфтагӣ барин, худо давлати ягон бандаашро зиёд карда монад, хоби онҳо намебарад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**САҚАР**

### 347. Ба Сақар рафтан

кушта шудан.

— Агар ҷон даркор бошад, номи шариконн худро гӯй, набошад ба Сақар меравӣ!

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

**САҲВ**

### 348. Ба саҳв роҳ додан

хато, саҳв кардан дар ҳисоб, дар кор...

Шояд, даъво кунед, ки дар дафтари хоҷагӣ ба саҳв роҳ додаанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**САҲИФА**

### 349. Саҳифаи ҳаёти худро варак задан

саргузашти худро ба хотир овардан, гузаштаи худро аз хотир гузаронидан.

Сафар ин саҳифаҳои ҳаёти худро дар фикраш як-як варақ мезад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

**САҲЛ**

### 350. Саҳл-паҳл

каме, камтар, каму беш.

Туркиро ҳам саҳл-паҳл медонам-ку, охир.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 351. Саҳл шуморидан

ба чизе, касе аз будааш кам баҳо додан, кореро осон гумон кардан.

Мо дар он вакт қувваи душманро саҳл шуморидаем.

САҲРО

## 352. Дар саҳро пахтаро шутур хӯрду дар шаҳр гӯши бофандаро буриданд

касеро ноҳақ гунаҳкор намудан, гунаҳгорро монда ба бегуноҳ ҷазо додан.

Аз сад яки айби ӯро ба раис гуфтаму маслиҳат пурсидам, ки аз ӯ ҷудо шавам, чӣ мешуда бошад. Раис бошад, «дар саҳро пахтаро шутур хӯрду дар шаҳр гӯши бофандаро буриданд», гуфтагӣ барин, баръакс, худи маро ба тахта гирифт.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

СЕ

## 353. Се тузи худро якбора пас кардан

1. якбора таслим шудан (дар қимор), 2. бо вуҷуди ҳақ будан дар коре ё сухане паст омадан, оқибнишинӣ кардан.

Хулласи калом, ки Ҳамдамча дар назди тазвири Аҳрорхӯҷа, ба қавли худашон «се тузашро якбора пас кард». Онҳо бо ҳам созиш карданд ва иттифоқ бастанду молҳои duздиро дар байн тақсим карданӣ шуданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

СЕБ

## 354. Себи моро хӯрдӣ, пилла (ғозам) деҳ(те)

ба ивази нағзиҳоям акнун ту ҳам нағзӣ кун, ба ивази некиам, некӣ кун.

1. Аз лаблабуи қандин доим ба коматон қанд,
«Себамро, ки мехӯрӣ, ғозамро деҳ» гуфтаанд.

*М. Аминзода, «Шеърҳои ҳаҷвӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Рӯзи дигар мувофиқи гуфтаи халқ, ки «себи моро хӯрдӣ, пилла те» мегӯянд, бойбача ба қозӣ якта-якта васиқаҳо ва «ҳуҷҷатҳо»-и худро бароварда нишон дода, қарздорҳо, гурезаҳо ва даъвогарони худро талаб кардан гирифт.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**СЕР**

### 355. Сер аз гурусна кай парво кунад?

*Ниг.* Сер чӣ парвои шикамгурсна дорад.

Содда будаед, эй бародарҳо,
Сер аз гурусна кай кунад парво?

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

### 356. Аз чизе ё касе сер нашудан

фурӯнанишастан, қонеъ нашудани орзу ва иштиёқи чизе, ё дидори касе.

1. Рафиқонаш аз вай ҳанӯз дуруст сер нашудаанд, зеро ки вай се рӯз пеш аз хондан баргашта буд ва инак имрӯз боз бо ёру дӯстонаш ҳайру хуш мекунад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Аз тамошои гулзори вай одам сер намешавад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

3. Чунон мечид, (пахтаро — *М. Ф.*), ки ман аз тамошои кори ӯ сер намешудам.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

4. — Афту андомат ҳам биной, чор кас бинад, сер мешавад, харидор шавӣ, ҳар навъ духтар ҷон гуфта ба ту мерасад.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

### 357. Сер чӣ парвои шикамгушна дорад

одами доро, тавоно аз ҳоли бенаво, заиф хабар надорад.

Зулфияю Мӯниса буд инчунин,
Чашмакашон чор ба нони ҷавин,
Бои ситампеша тараҳҳум надошт,
«Сер чӣ парвои шикамгушна дошт».

*С. Ҷавҳаризода, «Гулшани афрӯхта».*

### 358. Аз чизе сер шудан

аз касе, чизе безор шудан, бартараф шудани майл ва иштиёқ ба чизе.

Ӯ аз умри худ сер шуда буд.

*Ф. Ансорӣ, «Ҳаёт ва ғалаба»*
*(«Шарқи сурх»).*

**СЕРЛАБ**

### 359. Серлабу даҳон будан

сергап будан, дар гапзанӣ маҳмадоно будан.

Набошад ту ин хел серлабу даҳону ба рӯи одам медавидагӣ набудӣ.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

**СЕРОБ**

### 360. Сероб будан

фаровон будан, зиёд будан.

Дар бозор харбуза сероб аст.

**СЕРТАРАДДУД**

### 361. Сертараддуди камкор

касе ки давутоз, доду фарьёди зиёд дорад, аммо маҳсулу натиҷаи кораш кам аст.

Вале ходимони сертараддуди камкори ин идора шамол нахӯрад гуён думи корро аз хӯрҷин намебароранд.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

**СЕРӢ**

### 362. Серию пурӣ

фаровонӣ, бисьёри.

— Сахтиҳое, ки мо дар ин ҷо бе шумо кашидем, ба машаққатҳои шумоён дар ҷанг аз сар гузаронидагӣ нуги остин намешавад,— гуфт Ҳалима,— рост, зиндагонӣ пеш аз ҷанг барин серию пурӣ набуд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

**СИДҚ**

### 363. Аз сидқи дил

софдилона, ба самимият, бо ҷону дил.

1. Сафар Ватани худро аз сидқи дил дӯст медорад...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Дар саҳро аз сидқи дил кор кард.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

**СИЁҲ**

### 364. Сиёҳро аз сафед фарқ кардан

*Ниг.* Сафедро аз сиёҳ фарқ карда тавонистан.

Синнатон ба бисту ду-бисту се даромадаасту ҳанӯз ҳам сиёҳро аз сафед дуруст фарқ карда наметавонед.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

**СИЁҲБАХТ**

### 365. Касеро сиёҳбахт кардан

касеро бадбахт намудан, ба бадбахтии касе сабаб шудан.

Ин зани бечораро шавҳари собиқаш сиёҳбахт карда буд.

### 366. Сиёҳбахт шудан

бадбахт шудан.

Ҳам аз хондан мондаанду ҳам сиёҳбахт шуданд.

*«Хорпуштак».*

**СИЁҲӢ**

### 367. Сиёҳию сафедии чашм

1. меҳрубон, азиз, 2. фарзанди маҳбуб.

1. Шумо гап занед, сиёҳию сафедии чашми ман чӣ тавр шуда ба дасти босмачиҳо фуромад?

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

2. — Сиёҳию сафедии чашмаш якта ту.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

**СИНА**

### 368. Синаи худро дар назди касе суфта кардан

замири дил, мақсад, сирри худро ба касе ошкор кардан.

— Салимака, озурда нашав, ки ман зуд синаамро дар назсат суфта кардан нахостам.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»).*

**СИН(Н)**

### 369. Синну сол ба як ҷо расидан (рафтан)

калонсол шудан, пир шуда мондан.

1. Синну солашон ба як ҷо расида бошад ҳам, ҷӯши ғайраташон аз ҷавонмардон ҳеҷ камӣ надорад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Маро бин, синну солам ба як ҷо рафта бошад ҳам, дастам аз меҳнат канда не.

**СИПОҲИГАРӢ**

### 370. Сипоҳигарӣ сӣ пой дорад

амалдорӣ тариқҳои кордории гуногун дорад, дар амалдорӣ ҳар гуна роҳҳо ба кор бурда мешавад, амалдорӣ муомилаҳои гуногунеро талаб мекунад.

1. — Хуб, Қудрат, ман намедонам, худат медонӣ, лекин коре кун, ки бой ва оқсаққол аз ман наранҷанд.

— Аз ин ҷоҳош хотирҷамъ бош, «Сипоҳигарӣ сӣ пой дорад» гуфтаанд, худи ман сипоҳ набошам ҳам, чандин сол боз таги табақи миси сипоҳиёнро лесида омадаам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — «Сипоҳигарӣ сӣ пой дорад» гуфтаанд, гуфт он одам, — ҷаноби олӣ ва аҳли дарбори он кас хазор ҳунар доранд, ҳоло шумоён яке аз онҳоро ҳам намедонед.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

3. Ту гумон накун, ки ба пеши Полвон рафтӣ, гуфта ранчида бошам, хуб кардӣ, ҷигарбандам, ки арз кардӣ. Чашми вайро як тарсонда мондан зарар намекунад. Ба қавли гапе «сипоҳигарӣ сӣ пой дорад».

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро» («Шарқи сурх)».*

**СИР(Р]**

### 371. Сир бой надодан

замири дили худро пинҳон доштан, масъалаеро махфӣ нигоҳ доштан.

1. Аммо вай сир бой надода, маҷлисро давом медод.

*Т. Усмон, «Ин воқеа дар Ғарм рӯй дода буд» («Тоҷикистон»).*

2. Ҳар чанд ки хостгор кӣ будани «соҳиб»-ро мепурсад, модари Лутфия сир бой намедиҳад.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

3. Сафарота бештар дар шубҳа монд, лекин сирро бой надода, меҳмонро ба каппа даъват намуд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 372. Сирри дили худро кушодан

замири дили худро ба касе гуфтан.

Аз ҳамон боз ба ман дуруст гап намезанад, сирри дилашро намекушояд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 373. Сирри касеро кушодан

рози касеро ошкор намудан.

Сирри бойро дар пеши комиссия накушоед...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 374. Сирри мардон (дӯстон) пӯшида беҳ

сир бояд пӯшида бошад.

1. Илтимоси дигар он ки ин сирро фош накунед, чунки «сирри мардон пӯшида беҳ» гуфтаанд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», к. II.*

2. Ин рафторҳои ӯ ба раиси сельпои шаҳри Нов аз оина равшан бошад ҳам, ӯ ба мақоли «Сирри дӯстон пӯшида беҳ» амал карда, намехостааст, ки айши дӯсташро талх кунад.

*«Хорпуштак».*

## 375. Сир надодан

сирреро пинҳон кардан, ба ҳеҷ касе сирри худро нагуфтан.

1. Қудрат хандиду гап назад, ба Холмирзо ҳам сир чадод.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Маро пурсиданд, аммо ман сир надодам.

*Ф. Ансорӣ, «Имтиҳон».*

3. — Лекин ҳозир худи тағо аз сахтгириаш зоҳиран пушаймон шудааст, вале сир намедиҳад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Савдои умр» («Шарқи сурх)».*

## 376. Сирру пиёз

**тамоми ҷузъиёти сирру асрор, кирдорҳои бад.**

1. Аз ин қиссаат ҳисса орад бурун,
Шавад равшан он дахлу харҷи фузун.
Шавӣ огаҳ он дам зи сирру пиёз,
Ана, сирпиёзу мана сирпиёз.

*С. Ҷавҳаризода, «Шеърҳои ҳаҷвӣ».*

2. То ҳама сирру пиёзатро дона-дона гуфта боб накунам, номам Зиёданисо набошад!

*А. Деҳотӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

3. Бо гап-гап ҳар ду хеле роҳ рафтанамонро нафаҳмида мондем ва ҳамсӯҳбати ман сирру пиёзи Мансурхоҷаро як ба як гуфта дод.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

4. Сирру пиёзи ӯ дар маҷлиси комиҷроия ошкор гардида, танобаш сахт кашида шуд.

*«Хорпуштак».*

### 377. Сирри касеро пӯшидан

айб ва гуноҳи касеро пинҳон доштан, кори ношоистаи касеро фош накардан.

— Агар фақирони дар пеши масҷид ғуншуда сирри моро намепӯшиданд, ман ба даст афтода талаф мешудам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**СИТОРА**

### 378. Ситораи касе гарм (будан)

дӯстрӯй, дилчасп, дилкаш, бомалоҳат будани касе.

1. Вай ҷавони қаддароз, камгӯшт ва олуфталибос буд. Чашмони калон, бинии баандом ва абрӯвони кӯтаҳ дошт, ситорааш гарм буд ва бо чӣ як хислаташ ба шумо зуд маъқул мегашт.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Зани соҳибҷамол набошад ҳам, лекин нағзакак, дилкаш, ситорааш гарм.

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат».*

### 379. Ситораи касеро гарм гардондан (чизе)

ба воситаи афзудани чизе боз ҳам зеботару дилкаштар шудани малоҳату ороиши касе.

Ва ин бошад, ҳарчанд ки дар рухсори ӯ чинҳоро бисьёру чуқуртар кард, лекин ситораи ӯро гармтар гардонд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 380. Ситораи касе ба касе гарм намудан

1. ба назари касе дилчасп, дилкаш, дилрабо, бо малоҳат намудан, 2. ба назари касе шинос намудан.

1. Аз рӯзи аввал ситораи ӯ ба мудири хоҷагӣ... гармакак намуд...

*«Хорпуштак»*

2. Ман ин одамро дар ягон ҷо дидагӣ барин, ситорааш ба назарам гарм менамояд.

### 381. Ситораи касе ба касе рост (туғрӣ) омадан

дар хулқу хислат бо ҳам мувофиқ ва ҷӯр будани ду кас, ба ҳамдигар маъқул шудан, бо хамдигар муросо, созиш карда тавонистан.

1. Мегӯянд, ки бо раиси калон ҳам ситорааш рост наомадааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2.— Дар ҳамон вақт ҳам ситораи ману раис ҳеҷ рост наомад.

— Чаро?

— Чунки ман ба гуфтани суханҳои ширину риёкорона одат накардаам, Олим бошад, акнун ба шунидани гапҳои рости талх тоб надорад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

3. Албатта, баъди ин ҳодиса ситорааш ба Ҷабборов рост наомад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

4. — О, магар як вақтҳо хонадор шуда будед?

— Ҳамон вақтҳо ситораамон рост наомада, ҷудо шуда будем.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

5. Аз тарафи дигар ситораи ҳар дуи шумоён ба ҳамдигар туғрӣ меояд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор».*

### 382. Ситора шуморидан

хоб накардан, хоб набурдан, бедорхоб шудан, шабро бо фикру хаёл гузаронидан.

Замин сахту баланд аст осмон, ҳам,
Тамоми шаб ситора мешуморанд;
Ба ғайр аз хориию зорӣ кашидан
Дигар гуё илоҷе ҳам надоранд.

*М. Турсунзода,*
*«Ман аз Шарқи озод».*

**СИТОРАГАРМ**

### 383. Ситорагарм будан

*Ниг.* Ситораи касе гарм будан.

«Ту наход то ҳамин дараҷа ситорагарм бошӣ?» — гуфт Шарофат рӯзе худро ба оинаи ба қад баробари хонаашон дида.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

**СИТОРАШУМУРӢ**

### 384. Ба ситорашумурӣ даромадан

пеш аз хоб рӯ ба осмон карда ба фикру хаёл фурӯ рафтан.

Неккадам, ки бо нияти хобидан ба ҷои нишастаи худ пушт ба замин дароз кашида ба ситорашумурӣ даромада буд, бо шунидани садое, ки...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**СИФАТ**

### 385. Ба сифати касе

1. ба ивази касе, ба ҷои касе, 2. ҳамчун

1. Мутаваллӣ маро ба болои иморат бурда ба сифати саркорӣ кор фармуд...

*С. Айнӣ, «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам».*

2. Ман ба сифати коркуни илмӣ дар ин маҷлис иштирок доштам.

**СОАТ**

### 386. Соат ба соат

дам ба дам, ҳар дам, ҳар лаҳза.

Ба омадани вай соат ба соат интизор мебошем.

### 387. Соати нек

вақти хуб, вақти мусоид.

Дар соати нек омадед.

## СОБУН

### 388. Ба собуни касе ҷомашӯӣ накардан

қувваи касеро наозмудан, аз дасти касе чиҳо омаданашро надонистан, чӣ будани касеро надонистан.

1. Ҷамъ кунед! — бонг зад Холбӯта,— ба ин кофирҳо қудратнамоии худро нишон медиҳам. Ин мардум ҳоло бо собуни ман ҷомашӯӣ накардааст.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. — Ту, оқсаққол, ҳанӯз бо собуни ман ҷомашӯӣ накардаӣ! — гуфт вай таҳдидомезона.— Ноқисулақл бошам ҳам, ҷавоби садта ту барин буғузаъламҳоро гуфта метавонам.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## СОЗ

### 389. Созу боз

ороиш, зебу зинат.

— Эрназар, ки ба сабаби танбалиаш аз колхоз ронда шуда буд, дар сари Хадича рӯмоли фарангӣ, дар танаш камзӯли бахмал, дар пояш ботинкаи локиро ва хусусан ду саду панҷоҳ рӯзи меҳнат кор кардани ӯро, ки ба ин қадар созу бози ӯ сабаб шудааст, дидааст, ӯро ба худ зан карданӣ шуда, ба ӯ кас фиристодааст.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 390. Қасеро соз кардан

подоши кори бади касеро додан, танбеҳ кардан.

1. — Охири тафтиш ба хайр шавад, баъд худам якта-якта ҳамаашонро чунон соз кунам, ки... чашмашон мош барин кушода шуда намонад, номам Олим набошад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Вай ки омад, хуб соз карда монед ва тарсонед.

*Ҷ. Икромӣ, «Зӯҳра».*

**СОЛ**

### 391. Сол дувоздаҳ моҳ

тамоми сол, ҳамеша, доим.

1. Чунон касоне ҳастанд, ки сол дувоздаҳ моҳ шабу рӯз ба дари бой кор мекунанд...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Сол дувоздаҳ моҳ, шабу рӯз кор мекунам...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 392. Солу замона

замони ҳозира, ин давра.

Дар ин сӯҳбатҳо дар бораи духтарҳои «солу замона», дар бораи духтарҳои «ба сари худ шуда рафтагӣ»... гап мерафт...

*Ҷ. Икромӣ, «Хурсанда» («Шарқи сурх»).*

### 393. То сол не, ақл не

бо мурури замон ақли одам медароянд, ақл маҳсул ва андӯхтаи синну сол аст.

1. — Ман гуфтам, ки ту ҷавонӣ? Ба маънии суханҳои ман нарафтӣ. «Як гап ҳаштоду чор паҳлу дорад. То сол не, ақл не» гуфтаанд. Ман охир камаш ягон сию се куртаро аз ту зиёдтар даррондаам. Аз худат калон як камбудиатро гуфта гӯяд, аз ман насиҳат, ки ба рӯяш надав.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

2. То сол не, ақл не, гуфтани кампирҳо ҳам бечо нест.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

### 394. Соле ки накӯст, аз баҳораш пайдост (маълум)

муваффақияти кор аз аввалаш маълум аст, агар коре ба хубӣ сар шавад, охираш ҳам хуб мешавад, пешрафти коре аз муваффақияти ибтидоии он маълум шуда меистад.

1. Ҳоло ибтидои кор аст. «Соле ки накӯст, аз баҳораш маълум» — аллакай иҷрои план зиёд шуда истодааст.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

2. Пир шав, пири бадавлат шав, ту ҳам монанди падарат одами хуб мешавӣ «соле, ки накӯст аз баҳораш пайдост».

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

3. Баръакси ин хулосаҳо ва баръакси он мақоли аз қадим дар байни халқ монда, ки «соле ки накӯст, аз баҳораш пайдост» мегӯянд, имсол обу ҳаво барои пахтакорӣ чандон боб наомад.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

**СОЛЕҲ**

### 395. Солеҳ раваду Сангин биёяд

чои якеро дигаре мегирад, ду понздаҳ — як сӣ.

Бо куштани Холбӯта босмачигиро нест карда наметавонед. Ба ҷои вай «Солеҳ раваду Сангин биёяд», ягон махлуқи бадтар аз вай саркардаи босмачиён мешавад.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

**СОСКАН**

### 396. Соскан хӯрдан

зарбаи сахт хӯрдан, таъзири худро дидан, боб шудан.

Бой соскани сахт хӯрд ва барои вай роҳи халосӣ намонда буд, ночор нармид...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**СОЯ**

### 397. Аз сояи...

дар натиҷаи..., ба воситаи..., ба туфайли...

У аз сояи давлати вай бисьёр пул хоҳад ёфт.

*С. Айнӣ, «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам».*

## 398. Дар сояи касе

дар тахти ҳимояи касе, ба туфайли касе, чизе.

1. Ба Бухоро омадам ва дар ҳамин ҳавлӣ дар сояи падар зиндагонӣ сар кардам.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

2. Аммо ҳар гоҳ, ки аскарони сурх меомаданд, камбағалон дар сояи ҳимояти онҳо осуда нафас мегирифтанд.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

3. Мегуфт, ки дар сояи ин ҷанг буржуазияи рус бо як тир се нишонро заданист...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

## 399. Сояи касеро аз девор тарошидан

касеро бад дидан, касеро асло чашми дидан надоштан, нисбат ба касе ҳар бадиро раво дидан.

1. Онҳо душманони ман, онҳо ба ман қасд кардаанд ва ҳозир ҳам тайёранд, ки сояи маро аз девор тарошида партоянд.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. — Охир вайро ягон одам бекор карданӣ ҳам не-ку, — гуфт Бобо,— ҳама нағз мебинад, иззату ҳурмат мекунад.

Ин қадар ҳам набудагист, саркор,— гуфт деҳқони дигар.— Масалан, хӯҷаини мо сояи вайро аз девор метарошад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

3. Боситов ва Ҳамдамов дар як универмаг кор мекарданд ва ҳар чанд салом-алек ва ҳамгап буданду ҳангоми кор доду гирифт доштанд, аммо ботинан сояи якдигарро аз девор метарошиданд.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

4. — Ман чӣ медонистам, ки одамҳо ин хел ба рӯи кас чиндида, аз қафо сояи касро аз девор тарошида мегаштаанд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 400. Сояи касе аз сари касе дур нашудан

аз ҳимоя, мудофиа, ёрдам, илтифоти касе маҳрум набудан.

Ӯ ҳоло шабу рӯз дуо мекунад, ки сари директор аз санг шуда, сояи вай аз сараш ҳаргиз дур нашавад.

*«Хорпуштак».*

### 401. Сояи касеро ба сари худ дидан

дар таҳти ҳимоя, мудофиа, ёрдами касе будан, аз касе илтифот дидан.

— Аз фалғариён нолидан дуруст не,— гуфт Нусратшоҳ,— агар сояи аскарони сурхро ба сари худ бинанд, ин корро пойбараҳнагони Мастчоҳ ҳам хоҳанд кард.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 402. Сояи касе аз сари касе кам нашудан

доимо мавриди илтифот ва дар таҳти ҳимояи касе будан.

— Сояи шумо аз сари мо кам нашавад, умратон зиёд, хонзатон обод,— гуфт.

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 403. Сояи сари касе шудан

мададгор, ҳимоятгари касе шудан, паноҳи касе шудан.

«Мирзоаҳмад сояи сарам шуда, дар пиронсолиам маро мепояд, озор намедиҳад» фикр мекард модар.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 404. Сояи худро ба касе, чизе нишон надодан

1. аз касе гурехтан, 2. ба ҷое ҳеҷ нарафтан, ба назари касе асло нанамудан.

1. Дар ҳамин ҷо будани котиби райкомро шунида, тамоми рӯз ба ӯ сояашро нишон надод.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

2. Зиёда бало, ба пункти тиббӣ сояашро ҳам нишон надод.

*«Маориф ва маданият».*

### 405. Сояи худро кашида равон шудан

ба (аз) ҷое бо дили нохоҳам рафтан, беҳолу бемадор ба (аз) ҷое рафтан.

Берун баромада дақиқае ҳайрон истодам, баъд соямро базӯр кашида ба сӯи чойхона равон шудам.

*П. Толис, «Тобистон».*

### 406. Сояи худро нишон додан

1. Худро аз дур ба касе як бор нишон додан, 2. ба ҷое дер-дер рафту ой кардан.

1. Баъзан абри даргузар барин сояашро аз дур нишон медоду худро ба нодонӣ зада, аз назди мактабамон гузашта мерафт.

*«Тоҷикистон».*

2. Прогулчии якӯм худи ҳамин кас. Пагоҳӣ сояашонро нишон дода, ғайб мезананд.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»).*

### 407. Аз сояи худ тарсидан

аз хама кас, аз ҳама чиз тарс доштан, аз ҳама кас, аз ҳама чиз дар ҳазар бурдан, ниҳоят тарсончак будан.

1. Умуман ҳар касе, ки ба мардум бисьёр бадӣ карда бошад, аз сояи худ ҳам метарсад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

2. Ту бошӣ аз соят метарсию дигарҳоро ҳам худат барин тарсончак карданӣ.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб»*

3. Роҳи лаб-лаби сой барои Петухов барин касони дар хилват аз сояашон метарсидагӣ беҳтар буд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 408. Ба сояи худ ҳам бовар накардан

ба ҳеҷ кас қатъиян бовар накардан.

Ба ман супориш шудааст, ки ҳатто ба сояи худ ҳам бовар накунам.

*С. Улуғзода, «Қалтакдорони сурх».*

**СОЯБОН**

### 409. Соябони сари касе шудан

*Ниг.* Сояи сари касе шудан.

— Писар ки ба воя расид, ошбиёру нонбиёр мешавад, марди майдон мешавад, ба ҷои падараш гузашта соябони сари хонадон мешавад.

*А. Деҳотӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 410. Чизеро соябони қиёмат кардан

ба умеди савоби охират хайру эҳсоне кардан.

— Ёбем медиҳем-де, — гуфт юзбошӣ, ки, то ҳамин вақт ҷим истода буд.— Охир шумо молҳоятонро ба замин гӯр карда мондаед, мо наёбем, пӯсида нобуд шуда меравад. Беҳтар не-мӣ, ки ба мо бароварда диҳед...

— Соябони қиёмат кунед,— гуфт домулло охири гапи юзбоширо тантананок карда.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

**СОҲИБ**

### 411. Соҳиби мурдаю зиндаи касе будан

1. ягона каси наздик, дилпуршавандаи касе будан, 2. соҳибихтиёри комил будан.

Ман ба ғайр аз ту касе надорам, ту соҳиби мурдаю зиндаи ман ҳастӣ.

### 412. Соҳиби номи баланд гардидан

машҳур шудан, эътибор пайдо кардан.

Саъдӣ ҳанӯз дар замони зиндагии худ соҳиби номи баланд гардида буд.

*И. Ализода ва А. Деҳотӣ, «Саъдии Шерозӣ».*

**СУБҲ**

### 413. Субҳам шом шуду рӯзам шаб

хурсандии касе ба хафагӣ мубаддал гардидан.

— Зебӣ, Зебои бадбахт, маро девона накун! Маро дар байни мардум шарманда накун. Субҳам шом шуду рӯзам шаб!

*Ҳ. Карим ва Дунган, «Соли 1916» («Шарқи сурх»).*

## СУКУТ

### 414. Сукут-аломати ризо (аст)

ба гапе ҷавоб надодан аломати розигӣ ба он аст.

1. — Қудратбой, акнун шуд, бисьёр зӯр кардан даркор нест, «сукут — аломати ризо» гуфтаанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Сукут, мегӯянд, ки аломати ризост — гуфт парторг ва Ҳоҷиро ба сар бардоштан водор намуд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 415. Ба сукут фурӯ рафтан

хомӯш шудан, ба фикру хаёл фурӯ рафтан.

Чаро ба сукут фурӯ рафтаед, чӣ фикру хаёле доред?

### 416. Кореро ба сукуташ расондан

кореро ба анҷом расонидан, мувофиқи матлаб кардан.

— Шумо, ки ҳавлипоиро ба гардан гирифтед, ба сукуташ расонед.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

## СУЛҲ

### 417. Ба сулҳу салоҳ омадан

ба ифоқа омадан, оштӣ кардан.

Ба «сулҳу салоҳ» омаданд. Қарор доданд, ки аз ҳамон рӯз сар карда ба сари замин кӯчида раванд.

*Ҳ. Содиқ, «Саркор ва мухбир»*
*(«Овози ҷавонон»).*

## СУРАТ

### 418. Сурати воқеа

чи тавр рӯй додани воқеа, тафсилоти воқеа.

1. Дар ҳамин вақт ба болои воқеа Ҳамро-говбоз ва Қаландар, ки роҳгузар буданд, расида меоянд ва сурати

воқеаро фаҳмида, деҳқононро ҳимоят мекунанд, одамони амлокдорро ҳақорат мекунанд.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. Қарор дод, ки баъд аз лекция сурати воқеаро ба ӯ гӯяд.

*Р. Ҷалил, «Нутқи Бобомақсуд» («Шарқи сурх»).*

3. Ҳангоме ки шавҳараш аз кор баргашт, сурати воқеаро як ба як ҳикоя карда дод.

*«Хорпуштак».*

### 419. Сурат гирифтан

1. ба вуҷуд омадан, ба шакли муайяне даромадан, 2. амалӣ шудан.

Тамоми ин корҳо бо ҷабру зулм ва бераҳмона истисмор карда шудани меҳнаткашони Ҳиндустон сурат мегирифтанд.

*С. Айнӣ, «Мирзо Абдулқодири Бедил».*

### 420. Сурати девор барин будан

хомӯш, беҳаракат будан, гӯё беҷон будан.

Даъватшудагон сурати девор барин безабон буданд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 421. Сурати девор шудан

моту мабҳут шуда хомӯш мондан, дар ҷои худ шах шуда мондан.

Ман аз тарси он ки дар зери пойҳои бачагон поймол нашавам, ба охурчаи мактабдорнишин гузашта сурати девор шуда рост истодам.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 422. Сурати дигар гирифтани чизе

дигар хел шудан, ба шакли дигар даромадан, тағьир ёфтани чизе.

Зиндагонӣ сурати дигар гирифт,
Одамӣ ҳам зиндагӣ аз сар гирифт.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

### 423. Сурати ҳол

*Ниг.* Сурати воқеа.

Қушбегӣ аз одамони худ ва одамони миршаб сурати ҳолро пурсид.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

**СУРМА**

### 424. Сурма аз чашму сақичро аз даҳон мезанад

ниҳоят фиребгар, қаллоб аст.

Тифоқо Абдуҷабборро дида мондам. Ту, Гуларӯс, вай-ро намедонӣ. Аз одамонест, ки дар ҳаққи онҳо гуфтаанд: «Сурма аз чашму сақичро аз даҳон мезананд».

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро» («Шарқи сурх»).*

**СУРХ**

### 425. Касеро сурху сафед кардан

касеро шарм дорондан, шарманда кардан, ба хиҷолат андохтан.

Сардори бригада фавран маҷлис даъват намуду дар назди мардум Азизро сурху сафед кард.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 426. Сурху сафед шудан

1. ҷанҷол, ҷанг, моҷаро кардан, бо касе дар сари масъалае ба ҷангу мунозира омадан, 2. шарм доштан.

1. — Шумо, рафиқ Пӯлод, бо ҳамин одам ягон бор «сурху сафед» шудагӣ-мӣ?

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Гоҳо кор то ба ҷое мерасид, ки баъзе муаллимон шарм надошта дар болои соати дарс бо ҳамдигар сурху сафед мешуданд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Меҳри диёр» («Чароғи ирфон»).*

3. Вале устои ман ҳозир ба ягон кас «сурху сафед» шуда омада бошад ҳам, машинаро бодиққат, мисли аввала меронд, гуё чизе рӯй надода бошад.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

4. Сӯҳбати мо кашол ёбад агар,
Бештар мешавем сурху сафед.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

5. Аммо аз бадии толеам ҳамон вақт дар кисаам ягон пул ҳам набудааст, аз ин ҳол сурху сафед шуда ва дар зери обу арақи хиҷолат монда ба аттор нигоҳ карда:

— Ҳоло пулам набудааст,— гуфтам.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 427. Сурх шудан

шарм доштан (гап шунида), дар хиҷолат мондан.

Рӯзи дигар Қобилҷон ҳамаи аъзоёни бригадаро ҳам, ки дар маҷлиси таърихӣ камтар аз сардори худ сурх шуда буданд, ба по бархезонд.

*Р. Ҷалил, «Гап дар ҳамин аст!»*
*(«Шарқи сурх»).*

## СУРХРӮЙ

### 428. Сурхрӯй шудан

1. бо ифтихор, забондароз шудан, 2. болодаст гардидан.

Намакхӯрони дарбори олӣ бошанд, ҳама танпарвар ва бандаи айшу ишрати ҳаррӯзаи худ ҳастанд; акнун ки ҳазратам аз саркардагон ва амалдорони дарбор ҷонсупорӣ надида ба ин ҷониб омадаанд, мо кӣ будани худҳоморо нишон медиҳем ва асъасаву дабдабаи подшоҳиашонро дубора барқарор карда худамон ҳам сурхрӯй шуда гули сарисабади боргоҳ мешавем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## СУРХРӮЁНА

### 429. Сурхрӯёна баргаштан

аз ҷое бо ифтихор, сарбаландона, дар коре муваффақият ба даст дароварда баргашта омадан.

Хола дар бораи чандин ҷавонҳои дигар, ки аз фронт, аз армия бо зафар ва сурхрӯёна баргашта, ҳоло дар колхоз нағз кор бурда истодаанд, гап зад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

## СУСТ

### 430. Суст омадан

ҷуръат накардан, ташаббус нишон надодан, дар коре, дар ҳалли масъалае қатъият надоштан, дар мунозираю баҳс баробари ҳариф гуфту шунид накардан, бартарӣ нишон дода натавонистан.

1. — Эҳ-ҳе, шумо падар шуда истода ин хел суст биёед, сонӣ вай ҳар номаъқулие ки хоҳад, кардан мегираддия.

*«Тоҷикистон».*

2. — Ҳа, Шодӣ!,— гуфт Мария Васильевна аз ҷо бархоста,— суст набиё, талабҳои калон-калонро мондан гир!

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

3. Акнун Шарофат ҳам суст намеояд, вай ҳозир ба назди прокурор медарояду ҳамаи гапро як-як гуфта медиҳад.

*Б. Ортиқов, «Нишона»*
*(«Шарқи сурх»)*

## СУСТӢ

### 431. Ба сустӣ рӯй овардан

суст шудан, кам шудани шиддати чизе, ба суст шудан сар кардан.

Ишқи бой ҳам кам-кам ба сустӣ рӯ овард...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

## СУХАН

### 432. Сухани касеро аз даҳонаш гирифтан

сухани касеро қатъ карда, худ ба гап даромадан, ба тамом шудани сухани касе мунтазир нашуда ба миёна гап андохтан.

— Шумо дам истед,— гуфта суханро аз даҳони ӯ гирифт ва ба он ҷавон нигоҳ карда:

— Хайр, майлат, ука,— гуфт...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 433. Сухан аз даҳони (забони) Луқмон хуш (хуб) (аст)

*Ниг.* Қалом аз даҳони Луқмон хуш аст.

1. Баъд аз се рӯзи он воқеа шабона Бурҳониддин раис махфиёна ба ҷои пинҳоншудаи Ҳоҷӣ-махдум кас фиристода, ӯро ба ҳузури худ талаб кард ва ба ӯ расонд, ки мехоҳад ҷанги бо аълам кардаашро аз забони худи ӯ шунавад, чунки «сухан аз даҳони Луқмон хуш» гуфтаанд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

2. Қанӣ, гап зан «сухан аз даҳони Луқмон хуш аст», чӣ шуду чӣ монд, кори мо аз чӣ иборат?

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

3. Азбаски аз тасвири пурраи саргузашти ӯ қалам оҷиз аст, бигузор ин ҳикоятро худи ӯ нақл кунад, ки «сухан аз забони Луқмон хуш аст».

*Ҳ. Содиқ, «Пушаймонӣ суд надорад» («Қаламҳои пурумед»).*

### 434. Сухан ба даҳон мондан

*Ниг.* Гап дар даҳон мондан.

Сухани ман ба даҳонам монд, якбора дари ҳуҷраи маро сахт зада кушоданду... ба ҳуҷра се-чор нафар сарбозони шефиска зада даромаданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут»*

### 435. Сухани касеро ба замин задан (мондан)

илтимос, хоҳиш, амри касеро иҷро накардан, гуфтаи касеро қабул накардан, рад намудан.

1. Гумон намекунам, ки ту сухани падаратро ба замин занӣ.

*М. Зокиров, «Шодиёна» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»)*

2. Чаро дам намезанӣ, магар сухани падаратро дар нафаси вопасинаш ба замин мемонӣ?

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3. Барои як ғуломбача корвонбошӣ сухани маро дар замин нахоҳанд монд...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

4. Албатта сухани шумо барин раисро ба замин намемонам.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 436. Сухани касеро ба замин партофтан

*Ниг.* Сухани касеро ба замин задан.

— Агар ту сухани падаратро ба замин партоӣ, духтари ман нестӣ.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 437. Сухан ба миён омадан

дар бораи масъалае сухан рафтан, мавриди баҳс ва музокира шудани матлабе.

Ёд дорам, устод Айнӣ, вақте ки дар бораи ин шеъри Пайрав сухан ба миён омад, гуфтанд...

*«Аз мактубҳои Пайрав Сулаймонӣ ба Раҳим Ҳошим» («Шарқи сурх»).*

### 438. Сухани касеро ба касе расондан

сухани касеро ба касе гуфтан; хабаркашӣ кардан.

Балки дар байни инҳо одами нобобе пайдо мешавад ва суханони маро ба фармондеҳи полк мерасонад.

*А. Ҳамидӣ, «Машъалҳои ҷовидон» («Шарқи сурх»).*

### 439. Суханро ба сӯи шӯхӣ гардондан

мавзӯи суҳбатро ба шӯхӣ табдил додан.

Фазилатой дид, ки модараш торафт оташин мешавад, суханро ба сӯи шӯхӣ гардонданӣ шуд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 440. Сухан ба ҷояш монад

1. сирре ошкор нагардад, 2. мазмуни гап дар байни ҳамдигар монад.

Боре ту маро намуди таъкид
Гуфтӣ, ки: «Сухан ба ҷош монад.
Аз рози муҳаббати ману ту,
Зинҳор, ки ҳеҷ кас надонад!»

*Ф. Ансорӣ, «Гулдастаи дӯстӣ».*

### 441. Сухани бепарда

1. сухани кушоду равшан, ошкор, 2. сухани қабеҳ.

Лекин ман туро духтарам гуфта наметавонам, чунки ту дар дили ман хона накардӣ, орзӯи дигар доштам ман..., Сухани росту бепарда ана ҳамин.

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман, «Гуноҳи кӣ?»*

### 442. Сухани болохонадор

1. сухани тезу тунд, нешдор, борамз, 2. пичинг.

— Ҷаро нашиносам? Шумо студенти аълочӣ, мухбири оташқалам, Шариф Исматӣ!

— Боз суханҳои болохонадор, азизам? Ба ҳеҷ чиз сарфаҳм нарафтам. Магар аз ман ягон гуноҳ гузашт?

*Ф. Ансорӣ, «Ишқ ва ҳаёт» («Шарқи сурх»).*

### 443. Сухани касе бурида шудан

қатъ гардидани сухани касе.

Бо шунида шудани овози пои касе, ки аз зина боло мебаромад, сухани бойбача бурида шуд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 444. Сухани касеро буридан

сухани касеро қатъ намудан.

1. — Гарчи беодобист, мехоҳам суханатонро бурам.

*«Газетаи муаллимон».*

2. — Маҷлис, маҷлис!..— сухани ӯро шарти бурид падар...

*«Хорпуштак».*

### 445. Сухани касеро гардондан

*Ниг.* Гапи касеро гардондан.

1. Падару модарон ҳам сухани котиби ташкилоти партиявиро нагардонда, розӣ мешуданд...

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

2. Албатта, Наташа сухани ин ҷавони хушгапро нагардонд...

*«Газетаи муаллимон».*

### 446. Сухани касе гузаштан

*Ниг.* Гапи касе гузаштан.

Суханаш ба ҳар ҷо мегузарад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ»*

### 447. Ба сухан даромадан

*Ниг.* Ба гап даромадан.

Чунки ӯ бо ин хариди ночизи ман хурсанд шуда ба сухан медаромад.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 448. Ба сухани касе даромадан

*Ниг.* Ба гапи касе даромадан.

Рашид ба сухани ман даромада барои хондан ба Москва рафт.

### 449. Сухан кушодан

*Ниг.* Гап кушодан.

— Ҳошим Собиров аз қабили одамоне буд, ки дар умрашон ягон бор ба қасам ҳанӯз як каф хокро бо як каф об омехта лой карда, кафидаи девореро наловидаасту рахнаеро набастаанд. Аз сохтани катаки мурғ ё оташдон сухан кушодед, навзанбиллоҳ!...

*Р. Ҷалил, «Э, вой бар ман!»*
*(«Тоҷикистони советӣ»).*

### 450. Сухан дар забони касе банд гаштан

1. гап зада натавонистан, 2. ҳайрон шуда чи гуфтани худро надониста мондан.

Чашми бек ба ҳавзаи лаболаб (аз нафт — *М. Ф.*) афтода буд, ки моту мабҳут шуда, об дар даҳонаш хушк ва сухан дар забонаш банд гашт.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 451. Сухан дар миён овардан

1. дар бораи касе, чизе гап сар кардан, 2. касе, чизеро номбар кардан.

Мо пеш аз он ки аз тарҷумаи ҳол ва асарҳои боқӣ гузоштааш сухан дар миён орем, бояд қадре аз аҳволи политикӣ ва иҷтимоии социалии он замон... баён намоем.

*С. Айнӣ, «Шайхурраис*
*Абӯалӣ Сино».*

### 452. Қасеро ба сухан даровардан

*Ниг.* Қасеро ба гап даровардан.

— Худат ҳам ба дом афтидӣ,— гӯён боз ӯро ба сухан даровард.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 453. Ба сухани касе лаб мондан

сухани касеро тасдиқ, таъқид намудан, қувват додан.

Арбоби деҳа: — Баракалло, бой! Дар рӯзи нағз ҳар кас дӯст аст, дӯст он аст, ки дар рӯзи бади кас кор ояд ва дастгирӣ намояд,— гуфта ба сухани бой лаб монд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 454. Бо сухани нарм (нағз) мор аз хонааш мебарояд

ба сухани мулоим ва меҳрубонона ҳар касеро ба ифоқа меовард, ҳар кореро буд мекунад.

1. Агар дар гӯштингирӣ ба Рустам зӯрат нарасад, бо як гапи сахт ӯро аз по андохта метавонӣ. Боз гуфтаанд, ки бо сухани нарм мор аз хонааш баромадааст...
— Ман медонам, дада, гапи нарм ҷо дорад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

2. — «Бо сухани нағз мор аз хонааш мебарояд» мегӯянд. Ана, гуфтаҳои ту тамоман дигар. Албатта, ба Сафар ин гапҳоро навишта, шикоят карда нашин. Бе ин ҳам ғаму ташвиши ӯ ба худаш кифоя мекунад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 455. Касеро ба сухан овардан

*Ниг.* Касеро ба гап даровардан.

Вай ба парторги «Навобод» мурочиат кард, то ки ӯро ба сухан орад...

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 456. Сухан партофтан

*Ниг.* Гап паррондан.

Ҳоло Замира хушҳол буд, дам ба ин ҷавон ва дам ба он ҷавон сухан партофта шӯхӣ мекард, механдид.

*«Маориф ва маданият».*

### 457. Сухани пасту баланд задан

*Ниг.* Гапи пасту баланд задан.

Ин ду ҷавон дар байни одамон ба ҳамдигар суханҳои пасту баланд мезаданд.

### 458. Сухани пасту боло

*Ниг.* Гапи пасту баланд.

Ҳар ки бишнид ин суханҳоро,
Ин суханҳои пасту болоро,
Кард номусу дар ғазаб гардид,
Ғарқи андӯҳу ғарқи таб гардид.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 459. Сухан рафтан

*Ниг.* Гап рафтан.

Сухан дар бораи як шахс меравад.

*А. Мирзоев, «Биной».*

### 460. Сухан рондан

сухан гуфтан, гап задан, нутқ кардан.

1. — Устод! Шумо имрӯз роҷеъ ба аҳамияти таҷриба дар илм батафсил сухан рондед.

*С. Улуғзода ва В. Виткович, «Ибни Сино».*

2. Дар замони гузашта дар бораи обод кардани ин кӯҳи бегиёҳ сухан рондан ҳам аз рӯи ақл набуд.

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

### 461. Сухани рост талх мешавад

гапи ҳақ дурушт, нофорам аст.

— Сангинҷон, аз ман хафа нашудӣ? Охир, «сухани рост талх мешавад».

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

## 462. Сухани талх

сухани нешдори ногувор.

Суханҳои талхи модарашро шунида, дигар бо ман рафтори бад накард.

## 463. Сухани хона ба бозор намеояд рост (рост намеояд)

*Ниг.* Гапи хона ба бозор рост намеояд.

1. — Чаро имшаб инҳо дер монданд, падари Ёдгор «пиёбаат барвақттар тайёр шавад, Сафар ҳам шикамашро сер карда, дар рӯзи равшан осиё равад» гуфта буд; чӣ шуд, ҳанӯз намеоянд?
— «Сухани хона ба бозор намеояд рост» гуфтаанд. корашон тамом нашудагист, ё ягон кори дигар баромадагист,— гуфт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Сухани хона ба бозор рост намеояд мегӯянд, рост будааст. Таърифҳои болохонадори калон ҳам ба ҳақиқат рост наомад.

*«Хорпуштак».*

## 464. Сухани худро аз ҷои оварда мондагӣ гирифтан

сухани худро аз ҷои қатъшудааш давом додан.

Бои тотор бақияи чояшро нӯшида стаконашро ба тарафи самовор тела дод ва сухани худро аз ҷои оварда мондагиаш гирифт.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

## 465. Аз сухани худ гаштан

аз қавли худ гаштан, аҳдшиканӣ кардан.

Директори мактаб аз сухани худ нагашт.

*«Занони Тоҷикистон».*

### 466. Сухани худро гум кардан

*Ниг.* Гапи худро гум кардан.

Тимофей суханашро гум карда ҷавоби муайяне дода натавонист.

*«Маориф ва маданият».*

### 467. Дар сухани худ истодан

*Ниг.* Ба гапи худ истодан.

Мард бояд дар сухани худ истад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 468. Сухани худро фурӯ бурдан

аз сухан гуфтан боз истодан, худро аз гуфтани гапе боз доштан.

Муҳаммадҷон чизе нагуфта худдорӣ кард ва суханашро фурӯ бурд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 469. Сухани хушк

сухани беасос.

Дарбориён гӯшу кисаи онҳоро бо суханҳои хуби хушк ва «чормағзҳои пучи бемағз» пур карда, худро ба шаб расониданд...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 470. Сухани хушк шунида намешавад

даъво бо гапи холӣ исбот намешавад, далел ва ҳуҷҷат лозим аст.

Агар ман даҳон кушоям, «ҳуҷҷатро нишон деҳ, сухани хушк шунида намешавад» гуфта ба даҳони ман задетон.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 471. Сухани касеро шикастан

1. гапи касеро рад кардан, фармоиши касеро иҷро накардан, гуфтаи касеро қабул накардан, 2. *Ниг.* Гапи касеро буридан.

1. — Мегӯянд, ки касе сухани раисро шиканад, вай инро фаромӯш намекунад ва албатта қасос мегирад.

*У. Умаров, «Кӣ айбдор?» («Пьесаҳои якпардагӣ»).*

2. — Бой ба мулозим панҷ танга бароварда дод.

— Ин кам аст гуфт мулозим.

— Имрӯз, пагоҳ ва рӯзи шанбе,— се рӯз мешавад ва ҳар рӯз панҷ тангагӣ панздаҳ танга доданатон даркор аст.

— Аз онҳо ҳам мегиред,— гуфт бой,— хуб суханатон нашиканад, гӯён боз як тангаи дигар бароварда дод.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

## 472. Сухани касе шикастана гардани шайтон шиканад

ҳар чи бошад ҳам, хоҳиши ту иҷро мешавад.

1. — Хайр, суханатон шикастана гардани шайтон шиканад. Майлаш, менӯшем, фақат бегоҳ — фориғи кор.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. — У айёре, ин қадар гапро ба куҷо тофта истодааст гӯем, мақсадатон ин будааст-дия, хайр майлаш, сухани шумо шикастана гардани шайтон шиканад. Пагоҳ вақте ки монда шудед, ба ҳамин ҷо омада, дам гирифта метавонед.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## 473. Сухан шинам омадан

суханро мувофиқ, айни муддао, дар мавқеи даркориаш гуфтан, ба мавқеъ, ба ҷои худ афтидани сухан.

— Акнун, ҳар чи кор кунад ҳам ҳамин шаробро нӯш!— гуфт Аъзамҷон ба занаш.

— Фаҳмидӣ, чӣ тавр ин сухан шинам омад: табиби ҷавони советии тоҷик ба мадҳи шароб суханони ҳокимона, файласуфонаи шоири классик ва ҳокими ҳозиқи тоҷик — Абуалӣ ибни Синоро овард.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 474. Сухани ширин

сухани дилпазир, марғуб.

Ба суханҳои ширини ҳар ҷавон фирефта нашавед.

### 475. Бо сухани ширин морро аз хонааш мебарорад

хеле лафзбоз ва ҳилагар аст.

Ба гап ҷома мепўшонаду бо суханҳои ширин морро аз хонааш берун мебарорад.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

### 476. Бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд

*Ниг.* Бо сухани нарм мор аз хонааш мебарояд.

Ҷаббори дарҳол ба хотир овард, ки бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд ва бо зани фиребхўрда муомилаи махсус ёфта, дили ўро бардошта монд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Қарашмаи дил» («Занони Тоҷикистон»).*

### 477. Сухани касеро қувват додан

сухани касеро тасдиқ намудан, ба гуфтаи касе далел овардан.

— Дигар ин ки,— гуфт Бозор амин сухани Урмон-Полвонро қувват дода...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 478. Сухани ҳавой

сухани беасос.

Ана ба ин гуна суханҳои ҳавой бовар накарда, ҳар корро пухта тафтиш карда дидан даркор аст.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 479. Ба сухан ҷома пўшондан

*Ниг.* Ба гап ҷома пўшондан.

Суҳбат аз ҳарфи хеш мечўшонд
Ба сухан тоза ҷома мепўшонд.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

**СУХАНБОЗӢ**

### 480. Суханбозӣ кардан

1. суханпардозӣ кардан. 2. забонхоӣ кардан.

Ӯ, рости гап, суханбозӣ ҳам накард, шаф-шаф нагуфта шафтолу гуфта монд...

*«Тоҷикистони советӣ».*

**СУХАНГУЗАРОНӢ**

### 481. Сухангузаронӣ кардан

*Ниг.* Гапгузаронӣ кардан.

Дар ҳамин асно Назокат ва Мағфират ба рӯи ҳавлӣ баромада, аввал бо ҳамдигар гаппарронӣ ва сухангузаронӣ карданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ»*

**СИ**

### 482. Сию ду раги худро якта (ҷамъ) карда (намуда)

1. тамоми қувваи худро як карда, 2. ҳамаи имкониятҳои худро барои иҷрои чизе ба кор андохта, 3. ниҳоят хушьёрона, ӯҳдабароёна ба коре шурӯъ намуда.

1. Агар шумоён «хуб» гӯетон, мо ӯҳдадориамонро ҳафтод центнер мекунем. Сию ду рагамонро якта карда зӯр мезанем.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

2. Ҷамила аз нав ба худ омад. Вай дарҳол дарк кард, ки дар ин ҷо бемори шикамбурида хоб кардааст. Бинобар он ӯ сию ду рагашро ҷамъ, шууру иродаи худро сафарбар намуда, бар сустии ҷисмонӣ ва азоби рӯҳӣ ғалаба карду боз ба операция шурӯъ намуд...

*Қ. Носиров, «Орият».*

**СӮЗ**

### 483. Бо сӯзу гудоз гап задан

бо алам сухан гуфтан.

Бо сӯзу гудоз дар бораи фарзандаш гап мезад.

## СӮЗАН

### 484. Сӯзан партоед (ба замин намеғалтид), рост меистад

ниҳоят зиёд будани одамон дар ҷое.

1. Дар он тараф бозӣ сар шуда буд: дар роҳи танги пеши сарҳавз гурӯҳи одамон чунон зич истода буданд, ки бо таъбири мардуми ҳамин вақт агар сӯзан партоед, ба замин намеғалтид.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

2. Аз бисьёрии одамоне, ки ба пешвоз баромада буданд, агар сӯзан партоед, рост меистод.

*Ҷ. Икромӣ. «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»).*

3. Зинапояҳои чор тарафи стадион аз боло то поён чунон аз одам пур шуд, ки бо таъбири халқӣ гӯем «сӯзан партоед, рост меистад.»

*А. Деҳотӣ, «Ҳаёт қадам мезанад».*

### 485. Сӯзанро шутур карда нишон додан

*Ниг.* Пашшаро фил карда нишон додан.

Дар ин асно вай бемалол сӯзанро шутур карда нишон медод.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

## СӮЗАНКОБ

### 486. Сӯзанкоб кардан

чизе, касеро ниҳоят бодиққат кофтан.

1. Вале афсӯс, ки институтро сӯзанкоб кардему шуморо наёфтем.

*«Занони Тоҷикистон».*

2. Онҳо тамоми ҳавлиро сӯзанкоб карданд, вале Ҷӯраро наёфтанд...

*«Тоҷикистон».*

**СӮЗОНДА**

### 487. Касеро сӯзонда кабоб кардан

касеро сахт азият, азоб додан, боиси аламу ҳасрати касе гардидан.

— Якрав нашав, қаҳру ғазаби худо меояд. Ҳамин қадараш ҳам кифоя аст. Модаратро ҳам бисьёр сӯзонда кабоб накун.

*Қ. Наимӣ, «Рӯзи равшан».*

**СӮРОХ**

### 488. Аз сӯрохи сӯзан гузаронидан

чизеро ниҳоят бодиққат тафтиш кардан, аз назар гузаронидан.

1. Дар ин миён Шубҳабоев бо шубҳаҳои беҳадди худ раиси собиқро аз сӯрохи сӯзан гузаронд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

2. Бюрои партиявии совхоз пӯстини ин қаллобро чаппа карда, ҷиноятҳои ӯро як-як аз сӯрохи сӯзан гузаронд...

*«Хорпуштак».*

### 489. Аз сӯрохи сӯзан уштурро гузаронидан

ниҳоят фиребгар, қаллоб будан.

Ҳатто вай фолбинзанони лӯлиро, ки «аз сӯрохии сӯзан уштурро мегузарониданд», гаранг карда кафшашро пул мекард.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. І.*

**СӮХТА**

### 490. Сӯхта кабоб гардидан

гирифтори азобу машаққат, дарду ҳасрат шуда хаста ну логар гаштан.

Агар ташкилотҳои район монанди ҳарвақта гурбаи онҳоро «пишт» нагӯянд, дар мусобиқа ҳам эҳтимол ғолиб шуду дигарон сӯхта кабоб гарданд.

*«Маориф ва маданият».*

### 491. Ба сӯхта намакоб пошидан

*Ниг.* Ба болои сӯхта намакоб пошидан.

Аз занаш ҳам суханҳои ба мағзи устухон мерасидагиро шунида, ба сӯхтааш намакоб пошонд.

*Р. Ҷалил, «Гап дар ҳамин аст» («Шарқи сурх»).*

### 492. Сӯхтаю пухта

1. бо азобу машаққат, 2. бо сӯзу гудоз.

1. Ман солҳо боз дар ғами фарзанд сӯхтаю пухта мегардам...

*«Тоҷикистон».*

2. — Аз ҳисоби мактабҳо мегирифт, дарди ба хайр буд,— гуфт сӯхтаю пухта ӯ.

*«Маориф ва маданият».*

**СӮҲБАТ**

### 493. Сӯҳбат авҷ гирифтан

тафсида рафтан, гарм шудани сӯҳбат.

Сӯҳбат торафт авҷ мегирифт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 494. Сӯҳбати касе гарм шудан

*Ниг.* сӯҳбат авҷ гирифтан.

1. — Гулсум, ӯй Гулсум! — гӯён садо баромада сӯҳбати Ғулом ва канизакро, ки акнун гарм шуда истода буд, бурид...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Сӯҳбати ҳар ду гарм шуда рафт...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 495. Сӯҳбати касе даргирифтан

*Ниг.* Сӯҳбат авҷ гирифтан.

Сӯҳбати мо бо вай чунон даргирифт, ки ӯ маро нафасе аз худ ҷудо намекард...

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

### 496. Сӯҳбат кушодан

ба сӯҳбат оғоз кардан, дар хусуси матлабе сухан ба миён овардан.

Бо онҳо сӯҳбати пинҳонӣ кушод.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 497. Сӯҳбат оростан

1. сӯҳбат ташкил кардан, 2. маҷлиси кайфу сафо барпо намудан.

Муҳиддин махдум он шаб наздикони худро даъват карда, сӯҳбат ороста буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут»*

### 498. Сӯҳбатро пир кардан

авҷи сӯҳбатро паст кардан, ба маҷлиси айш хунукӣ андохтан.

— Хезед, хезед, ноз накунед, Ҷӯрабой!
— Қанӣ ҳа, сӯҳбатро пир накунед, Ҷӯрабой, зудтар хезед!

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 499. Сӯҳбати касе пир шудан

берағбат гардидани сӯҳбат, ба охир расидани сӯҳбат.

Маҷлиси қаландарон то рафт меҷӯшид, аммо сӯҳбати мо дар бораи онҳо пир шуд, мо рафтан хостем.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II*

### 500. Ба сӯҳбати касе расидан

дар сӯҳбати касе шудан, дар маҷлиси сӯҳбати касе иштирок кардан, ҳозир шудан.

Ӯ ба Аҳмад-махдуми Дониш ҳамгузар буда, ҳафтае чанд бор ба сӯҳбати ӯ мерасидааст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III*

### 501. Сӯҳбат тафсидан

*Ниг.* Сӯҳбат авҷ гирифтан.

1. Сӯҳбат андак тафсид...

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

2. Аз чӣ бошад, ки сӯҳбати мо ҳеҷ наметафсид.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

### 502. Сӯҳбатро тафсондан

ба сӯҳбат равнақ додан, сӯҳбатро дилпазир намудан.

Дар як гӯшаи айвон аз худи ҳамин қишлоқ ду-се танбӯру ғиччакнавозон ҳам ба ҳунари худ сӯҳбатро метафсонданд.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

### 503. Сӯҳбатро хунук кардан

*Ниг.* Сӯҳбатро пир кардан.

Юнусбобо пай бурд, ки ин гап ба миёни чақ-чақ лағат зада, сӯҳбатро хунук кард.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 504. Сӯҳбат қаймоқ бастан

*Ниг.* Сӯҳбат авҷ гирифтан.

1. — Сӯҳбататон хеле қаймоқ баст-ку...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Ба ҳавлӣ даромадему фурсате нагузашта монанди дӯстони дере боз муштоқи дидор, ба ҳам рози дилгӯиро сар кардем ва сӯҳбатамон торафт зиёдтар қаймоқ мебаст.

*Р. Ҷалил, «Маҳбуби халқ»*
*(«Шарқи сурх»).*

## СӮҲОН

### 505. Касеро сӯҳон кардан

1. азоб додан, 2. касеро сарзаниш, таъна кардан.

Ман қорӣ боботонро на рӯз ором мемондам, на шаб. Доимо сӯҳон мекардам.

*С. Ғанӣ, «Магнитофон»*
*(«Маориф ва маданият»).*

### 506. Сӯхони умр

барбоддиҳандаи умр (ба таври шӯхӣ нисбат ба занон гуфта мешавад).

— Қасам ба арвоҳи падарам, вай зан не, сӯхони умр.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

## Т

**ТААССУФ**

### 1. Таассуф хӯрдан

афсӯс кардан, пушаймон шудан.

Хулоса, бисьёр таассуф мехӯрад, узр мехоҳад ва қавл медиҳад, ки ягон вақт ягон тақризи оличаноб навишта қусури ин ваъдахилофиашро мебарорад.

*«Шерони буздил» («Шарқи сурх»).*

**ТААҶҶУБ**

### 2. Дар тааҷҷуб мондан

ҳайрон шудан, моту мабҳут гардидан, дар ҳайрат мондан.

Сафар аз хабари Юнусбобо якбора ба ҳайрат афтода дигаргун шудани авзои Зебиро мушоҳида карду дар тааҷҷуб монд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 3. Ба тааҷҷуб овардан

ҳайрон, моту мабҳут кардан, дар ҳайрат монондан.

Рафтор ва кирдори Муҳаббат ӯро ба тааҷҷуб намеоварданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Ҷавоби Муҳаббат».*

**ТАБАР**

### 4. То табар омадан кунда меосояд

*Нig.* То омадани табар кунда меосояд.

Ҳамин дониш ва таҷрибаи стратегӣ надоштани раҳбари умумӣ сабаб шуд, ки маҳалҳо ҳам бо якдигар алоқа

набастанд ва дар вақте ки наршахиён мечангиданд, Суғди Самарқанд ҳам ба ӯ ёрӣ надод ва то Наршахро мағлуб карда ба сари худаш рафтани аскарони араб дар чои худ мунтазир шуда истод, яъне, то табар омадан кунда меосояд, гуфт.

*С. Айнӣ, «Исьёни Муқаннаъ».*

**ТАБАҚ**

### 5. Аз табақ баромадан

1. аз ҳадди одоб гузаштан, беадабӣ кардан, 2. ёзидан.

Дар бачагӣ ин тавр набудеду калон шуда торафт аз табақ баромада истодаед.

*«Тоҷикистон».*

**ТАБДИЛ**

### 6. Табдил ёфтан

аз ҳолате ба ҳолати дигар гузаштан, мубаддал гаштан, иваз шудан.

Шаҳри Ҳирот ба маркази сиёсӣ ва мадании мамлакат табдил ёфт.

*А. Мирзоев, «Оид ба баъзе масъалаҳои мероси адабӣ ва омӯхта шудани он» («Шарқи сурх»).*

**ТАБИАТ**

### 7. Табиати касе гирифт кардан

хафа, ғамгин шудан, хира шудани табъи касе.

Шокир, ки табиаташ андак гирифт карда буд, ҳоло ҳам гоҳо ба осмон, гоҳо ба замин нигоҳ карда ба тарафи дастархон ва ош ҳеч чашм намеандохт.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 8. Табиати касе набардоштан

*Ниг.* Табъи касе набардоштан.

— Табиати ман, апачон, инро (муносибати Арслоналӣ ба Даша — *М. Ф.*) намебардорад, — гуфт ӯ оҳиста чашм аз замин набардошта.

*Р. Чалил, «Шӯроб».*

### 9. Табиати шӯх доштан

хуштабъ будан, хушмизоҷ, хушчақчақ будан.

Ин духтари хушандом хеле табиати шӯх доштааст.

**ТАБИБ**

### 10. Табиб бошӣ, аввал сари худатро сиҳат кун!

1. пеш аз он ки кореро ба касе талқин кунӣ, маслиҳат диҳӣ, худат онро нағз бидон, 2. пеш аз он ки чизеро ба касе раво бинӣ, аввал худат озмой, 3. пеш аз он ки ба касе айб гирӣ, аввал айби худро бубин.

Аввал гиребонатонро бӯй кунед, агар бе бӯй бошад, баъд дигаронро таъна занед. «Табиб бошӣ, аввал сари худатро сиҳат кун» гуфтаанд дар урфият.

*«Маориф ва маданият».*

### 11. Аз табиби хароб тарс ва аз эшони фарбеҳ гурез!

аз касе ки ба кори худ оҷиз мондааст маслиҳат мапурс, ба маслиҳати он кас шав, ки дар кори хеш дармонда набошад.

Одамон ба зарбулмасали «аз табиби хароб тарс ва аз эшони фарбеҳ гурез» амал накарда ба вай мурид мешуданд.

*«Намунаи адабиёти тоҷик».*

**ТАБЛ**

### 12. Табли шодӣ навохтан

1. шодию хурсандӣ кардан, 2. хурсандии худро ба ҳама эълон ва овоза кардан.

Рӯят зи маҳ аст, лек бо ин ту маноз,
Зебост қадат, вале ба ин фахр масоз,
Харгох шавад ватан зи корат мамнун,
Он гоҳ бигӯ, ки табли шодӣ бинавоз!

*Ҳ. Юсуфӣ, «Маҷмӯаи шеърҳо».*

**ТАБЪ**

### 13. Табъи касе гирифтан

*Ниг.* Табъи касе хира шудан.

— Чаро табъат гирифтагӣ?

*П. Толис, «Баҳор» («Шарқи сурх»).*

### 14. Табъи касе равон будан

дар гуфтани шеър моҳир будан, фасеҳу равон шеър гуфта тавонистан.

Аммо мегуфтанд, ки маҳорати баланди шоирӣ дорад ва табъаш дар шеър, хусусан дар ҳаҷвиёт бағоят равон аст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

### 15. Табъи дил

мувофиқи майлу хоҳиш, айни муддао, мувофиқи хоҳиш, дилхоҳ.

1. — Модар, модарҷон, шумо табъи дили маро гуфтед.

*«Маориф ва маданият».*

2. — Хуб, ҳозир мувофиқи табъи дили шумо мекунам...

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

3. Не, Ҷӯрасаркор табъи дили ман мебошад ва ман ӯро ҳамчун шахси пухтакор меписандам.

*А. Сидқӣ, «Ҷӯрасаркор» («Айёми мо»).*

### 16. Табъи дил шудан

мувофиқи хоҳиш, айни муддаои касе анҷомидани коре, ба таври дилхоҳ шудани коре.

Аз байн як ҳафтаи пурра нагузашта, ҳамаи кор табъи дили Сафар ако шуд.

*Б. Ортиқов, «Нишона» («Шарқи сурх»).*

### 17. Табъи касе кушода шудан

шод, хурсанд, фараҳманд гардидани касе, чоқ шудани димоғи касе.

1. Як одами қадрдони солҳою сол надидаи худро банохост дидагӣ барин, хеле табъам кушода шуд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Бо дидани Ҳамида табъи рафиқам кушода шуд.

### 18. Табъи касе ланҷ шудан

1. хафа, ғамгин, маъюс шудан, рӯҳафтода шудан, 2. андак нотоб гардидани касе.

1. Зеро бинои монанди катаки мурғ тангу тори ӯро дида, табъат ланҷ мешавад.

*«Хорпуштак».*

2. Ҳеҷ хӯрок намехӯрад, намехобад, хулоса табъаш хеле ланҷ шудааст.

### 19. Табъи касе набардоштан

ба мизоҷи касе нафоридани чизе ё касе, майлу рағбат надоштан ба чизе ё касе; ба касе маъқул наафтидан.

Аммо «табъи латифи ӯ суханро намебардорад» гуфта, ба шикоятҳои одамон диққат намедиҳанд, худро ба нодонӣ зада меоянд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 20. Ба табъи касе нишастан

маъқул шудан, мувофиқи майл будан, ба таври дилхоҳ будан, писанд омадан, форидан.

— Хулосаи гап, сар то пои ӯ ба табъи Сайёра нанишаст.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

### 21. Ба табъи касе форидан

*Ниг.* Ба табъ нишастан.

1. Як моҳ нагузашта бозорравию зану бачаҳои сардоркашонӣ ба табъаш нафорид, аз кор баромад.

*М. Ҳӯҷаев, «Дадомонанд» («Шарқи сурх»).*

2. Қоргарон мегӯянд, ки ҳар кас ба табъи шумо нафорид, рӯз дида наметавонад.

*«Хорпуштак».*

### 22. Табъи касеро хира кардан

касеро хафа, ғамгин, маъюс кардан.

1. — Хайр, бас кун, чаро ҳамин хел хабарҳои нохушро оварда табъи одамро хира мекунӣ?

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Ба калоншавандагони колхоз шикоят карда, табъи онҳоро хира накунетон.

*«Хорпуштак».*

### 23. Табъи касе хира шудан

хафа, ғамгин, маъюс гардиданд.

Ако, амаку модарам ба шумо мунтазиранд,— гуфт ва баъд хайру хуш намуда, ба раҳи худ рафт.
— Табъам хира шуд.

*Р. Амонов, «Меҳрӣ» («Шарқи сурх»).*

### 24. Табъи касе чоқ будан

шод, хурсанд будан.

Ҳамон рӯз аз меъёраш андак зиёдтар кӯкнор нӯшидагӣ буд магар, ки табъаш чоқ ва кайфаш баланд буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»).*

### 25. Табъи касе чоқ шудан

шод, хурсанд, фараҳманд гардидан.

Дар ин гӯшаи ҷаннатмонанд табъи кас чоқ мешавад, ғаму ғусса фаромӯш мегардад.

*Ҷ. Икромӣ, ва Е. Мительман, «Гунаҳкор кӣ?».*

**ТАВАЛЛО**

### 26. Ба таваллo даромадан

зорӣ ва илтиҷо сар кардан.

— Аҳа, дасти ман палид? Ҳозир мебинӣ,— гуфт Эшонхӯҷа кордро аз ғилофаш бароварда. Дар ҳамин вақт Бибиҳанифа бо ду дасти худ аз банди дасти Эшонхӯҷа дошт ва ба таваллo даромад.

*Қ. Наимӣ, «Рӯзи равшан».*

**ТАВБА**

### 27. Тавбаи гургӣ додан

1. ба касе ҷазо додан, 2. несту нобуд кардан.

«Инҳоро тавбаи гургӣ додан, яъне нест кардан лозим аст», — мегуфт.

*С. Айнӣ, «Еддоштҳо», қ. IV.*

**ТАВФИҚ**

### 28. Ба тавфиқ овардан

1. касеро ба роҳи дуруст даровардан, 2. камбудии касеро ислоҳ намуда, онро одами хуб ва ботамкин кардан.

Мо кӯшиш мекардем, ки рафиқи худро ба тавфиқ оварда, ӯро ба корҳои ҷамъиятӣ даъват кунем.

**ТАГ**

### 29. Дар таги бинии касе

дар назди касе, дар пеши назари касе.

1. Худи промкомбинат дорои 12 нафар коркунони маъмурӣ буда, дар таги бинии Вазорати саноати маҳаллӣ воқеъ гардидааст...

*«Хорпуштак».*

2. Ҳатто дар ин бобат худи шуморо сарзаниш мекунанд, ки гӯё аз ҳодисаҳои дар таги биниатон шуда истодагӣ чашм пӯшида гузаштанро аълотар медонистаед.

*«Хорпуштак».*

### 30. Аз таги касе бод нагузаштан

сахтии ҳаётро начашидан, азоби зиндагиро надидан.

Ман ба як одами худсари аз тагаш бод нагузаштагӣ духтар дода наметавонам.

### 31. Таги (таки) гап

маънӣ, мазмун ва моҳияти гап.

1. — Хуб, таги гап чӣ будааст?

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Қас намедонад, ки таги гап дар куҷо бошад.

*Қ. Носиров, «Орият».*

3. Сабоҳат ҳанӯз ҳам ба таки гап сарфаҳм намерафт.

*Р. Амонов, «Зиндагӣ»
«Шарқи сурх»).*

### 32. Таги гапро гуфтан

1. мақсадро баён кардан, 2. моҳияти чизеро изҳор намудан.

Ҳар қадар ӯ исроркорона аз ман пурсад ҳам, ман таги гапро ба вай нагуфтам.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр»
«Шарқи сурх»).*

### 33. Таги гап дар ин ҷост...

1. масъала дар ин аст..., 2. моҳияти коре иборат аз ин аст...

Таги гап дар ин ҷост, ки ӯ аз мадраса бино кардани худ пушаймон аст...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 34. Таги гапро кофтан

сабаб, боиси чизеро кунҷковона пурсидан; кунҷковӣ кардан.

1. — Ангура хӯру боғашро напурс гуфтаанд. Таги гапро кофта чӣ кор мекунед?

*«Хорпуштак».*

2. Таги гапро накобед ва боди кӯҳнаро бод накунед!

*«Хорпуштак».*

### 35. Дар таги гап мондан

дар зери танқид, сарзаниш, маломат мондан.

Ман имрӯз дар таги гапи онҳо мондам.

### 36. Ба таги гап пай бурдан

*Ниг.* Таги гапро фаҳмидан.

Онҳо сирри дилашонро ба ту гуфтаанд ва ту онро фош кардан мехоҳӣ? — ба таги гап пай бурд Шамсуллоев.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 37. Ба таги гап расидан

*Ниг.* Таги гапро фаҳмидан.

Ӯ бодиққат ба гуфтаҳои занаш гӯш карда, ба таги гапи ӯ расид.

### 38. Таги гапро фаҳмидан

моҳият ва ҳақиқати гапу кореро фаҳмидан.

1. Пеш аз мағал бардоштан таги гапро фаҳмидан даркор.

*Ҳ. Карим, «Писар» («Шарқи сурх»).*

2. Шодигул таги гапро нафаҳмид, аммо ҷавон дарҳол нисбат ба худаш нохайрхоҳиеро ҳис кард.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 39. Ба таги гумон мондан

мавриди бадгумонӣ ва шубҳа гардидан.

Чанд одамони бегуноҳ ба таги гумони бад намонад.

*С. Улуғзода, «Шодмон».*

### 40. Дар таги дари...

*Ниг.* Дар таги дасти касе.

Падарам дар таги дари ин кас ёздаҳ сол чорьяккорӣ карда буд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

### 41. Дар таги дасти касе

1. дар итоати касе, 2. дар зери роҳбарии касе, дар хизмати касе.

1. Охир, то дирӯз падари вай дар таги дасти Тағоймуродбой чорьяккорӣ мекард.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Ман ду сол дар таги дасти ин мард ҳунар омӯхтам.

### 42. Қасеро ба таги дасти худ гирифтан

касеро ба итоати худ даровардан, зердасти худ кардан.

Вай одами муғамбир аст, мехоҳад, ки ҳамаи моёнро ба таги дасташ гирифта, хар барин кор фармуда, худаш ном барорад...

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 43. Таги (таки) дили касеро фаҳмидан

1. майлу хоҳиш ва мақсади асосии касеро пай бурдан, 2. замири дили касеро донистан.

1. Ӯрмон-полвон аз сухани худ бозистода хомӯш монд ва барои фахмидани таги дили ҷавонон ба атроф як чашм андохта, ҳамаро ягон-ягон аз назар гузаронид.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. — Агар қатъӣ қарор дода бошӣ, азми калон кардӣ,— гӯён Сафар таги дили Мамараҷаброфаҳмиданӣ шуд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

3. — Таки дили туро ҳеҷ фаҳмида намешавад.

*Р. Амонов, «Зиндагӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 44. Аз таги (таки) дил

1. бо меҳру муҳаббат, самимона, софдилона, садоқатмандона, 2. бо завқу шавқ, бо рағбат.

1. У дар колхоз ҳамеша аз таги дил кор мекунад...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Дар марказ касоне, ки ба коммунистӣ аз таги дил дода шудаанд, бисьёранд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

3. — Ин суханатон ҳазл бошад ҳам, дуруст нею аз таги дил бошад ҳам!..

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

4. Маслиҳатҳои ӯро дар боби идораи мамлакат ва дар мубориза бо душманҳои давлат аз таки дил қабул карда ба онҳо амал менамуд.

*С. Айнӣ, «Алишер Навоӣ».*

### 45. Дар таги дили худ

дар ботини худ.

Зайнаб ба қобилияти шавҳараш эътиқоди баланд дошт, дар таги дили худ боварӣ дошт, ки агар Ҷӯрабек қасд кунад, метавонад.

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат».*

### 46. Аз таги... дор гурехта

ниҳоят фиребгар, қаллоби гузаро.

1. — Эй боракалло, ошноҳои қарин! Яке бачаи фириву дигаре ин хел як йигити аз таги бист дор гурехтаю ба чил гӯлах оташ сардода!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Ҷинояткор ба ҳазор гӯлах оташ монда, аз таги ҳафтод дор гурехта бошад ҳам, дар вакти ҷиноят саросема ношуда намемонад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

### 47. Ба таги думи касе ҷангал бастан

касеро шармандаю беобрӯ кардан, расвои ом кардан.

— Аз тӯқсабогӣ ор намекунам, лекин аҳволи замона ганда, «ин дар замони амир инок буд, ин тӯқсабо буд, ин ясовулбошӣ буд» гуфта як қисми одамони паст ба амалдорони кӯҳна гап мепарронанд, «Заминро об вайрон мекунад, одамро гап» гуфтаанд; агар ҳамин тавр гап-гап шудан гирад, худи шумо ҳам ба таги думи мо ҷангал мебандед.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 48. Аз таги дуньё гирифтан

1. масъалаеро хеле чуқур гирифтан, 2. нозукиҳои масъаларо фаҳмиданӣ шудан, 3. дар ҳалли масъалае бисьёр борик ва дақиқбинона рафтор кардан.

1. — Шумо, усто Мурод, мӯйсафед шудаед, бисьёр ҳам аз таги дуньё нагиред.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

2. — Ин кадар аз таги дуньё нагирифта, ҳозир дар асоси нусхаҳои мавҷуда як чиз навишта медодед, шудан мегирифт...

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

### 49. Таг задан

1. дуздидан, 2. аз худ кардан.

1. Яктааш ҳазор-ҳазор сӯми як магазинро таг зада, солҳои дароз гурехта гаштагӣ як дузди таппа-тайёр.

*Р. Ҷалил, «Пушаймонӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Духтараш Зайтунаро ҳам аз се шавҳар баровар-да, чизу чораи хонаро таг зад.

*С. Ғанӣ «Магнитофон»*
*(«Маориф ва маданият»).*

### 50. Аз таги замин мор гузарад мефаҳмад

хеле ҳушьёр ва ҳассос аст.

— Эҳ, напурсед, дӯсти меҳрубон, аз таги замин мор гузарад, он кас мефаҳманд... ин гапро ду рӯз пеш, аз куҷое шунида омаданд...

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 51. Таги киса кам будан

кам будани маблағи асосии дар киса буда.

Баъзе бачагон, бо вуҷуди чанд бор бурданашон, таги кисаашон кам буд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 52. Таги корро кофтан

1. моҳияти чизеро ҷустуҷӯ намудан, 2. ҳақиқати чизеро фаҳмиданӣ шудан, 3. тафтиш кардан.

1. — Ҳар чӣ бошад,— оқсаққол гуфт,— ин гапро ба ин маҷлис кушодан дуруст нест, зеро сухан дар миёнаи омма овоза шуда, бе он ки таги корро кованд, «ҳоким чикора будааст, ки аз дараи мо духтар мебурдааст?» гуфта ҳама ба шӯриш меоянд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Агар таги корро дуруст кофта бинем, медонем, ки ҳамаи асбоб, ҳамаи молу мулки инҳо аз мост ва аз меҳнати мост.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3. — Рафиқ Йӯлдошев! — гуфт бой ба ҷавон нигоҳ карда бо заҳрханда,— падари шумо раҳмати Йӯлдошбой ака як одами бечораи мулоим буд, ки ҳеҷ касро озор намедод. Шумо чаро ин тавр таги ҳар корро мекофтагӣ шуда баромадед?

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

4. Даррав таги ин корро кофта фаҳмиданатон лозим буд.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 53. Ба таги кор мондан

1. серкор будан, кори зиёд доштан, 2. овораи кор будан.

Мо бошем, ба таги кор монда рафтему акнун хонда метавонем ё не, маълум нест.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 54. Таги корро нагирондан

кореро дар айни вақташ, дар гармогармиаш ба анҷом расондан, фурсатро аз даст надода ба коре шурӯъ намудан.

Бачаҳо ҳам таги корро нагиронда, кунҷковӣ карданд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 55. Дар таги (таки) коса нимкоса будан

*Ниг.* дар зери (таги) коса нимкоса будан.

1. — Ман ҳам ҳайрон,— гуфт Салимбой ва табассум кард,— «дар таги коса нимкоса» будагист.— Ва сар хорида истода илова намуд.— Духтар шуморо нағз медидагӣ барин менамояд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Бисьёр касон бовар карданд, ки Ёров дар ҳақиқат хоҷагии молиявии театрро дуруст кардан мехоҳад. Бинобар ҳамин ҳам ба фикри ӯ розӣ шуданд. Аммо касе намедонист, ки дар таги косаи суханҳои Ёров нимкосаи дигаре буд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. — Ман дар ҳайрат будам, ки чаро аз ман гурехта мегардад... Чаро аҳволи Мавҷударо дидаю дониста, бо Султон оштӣ шудан намехоҳад... Акнун мебинам, ки дар таки коса нимкоса будааст.

*Қ. Носиров, «Ориягӣ».*

### 56. Аз таги нохун чирк кофтан

*Ниг.* Аз зери нохуни касе чирк ҷустан.

— Ин машинача ба даҳ сӯм ҳам арзон. Шаш сӯм зиёдтар фурӯшед, осмон омада ба замин намечаспад. Аҷаб одамоне ҳастанд, ки аз таги нохун чирк мекобанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 57. Ба таги касе об рафтан (омадан)

фош гардидани сирри касе.

1. Аз шӯъбаи маорифи халқ хабар доданд, ки ҷанги директор ба осмон баромада, ба тагаш об рафтааст.

*«Хорпуштак».*

2. Ҳоло ба таги Ҳусейнов об омада намедонад, ки худро ба кадом мушхона занад.

*«Хорпуштак».*

### 58. Чизеро таги остин карда додан

1. чизеро пинҳонӣ ба касе додан, 2. пора додан, ришва додан.

Расули аҳмақ дусад сӯмро ба сардораш таги остин карда доданӣ шудааст.

### 59. Таги по кардан

*Ниг.* Зери по кардан.

1. Хезед, ки моро ин худобехабарҳо, таги по карда истодаанд!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

2. Онҳо худо ва шариатро таги по карда истодаанд.

*«Хорпуштак».*

### 60. Ба таги пои худ нигоҳ карда гаштан

1. дар иҷрои коре мулоҳизакорона ва андешамандона рафтор кардан, 2. бо эҳтиёт, хушьёрона кор кардан.

Ӯ ана ҳамин хел одами ба таги пояш нигоҳ накарда мегаштагӣ аст.

*«Газетаи муаллимон».*

### 61. Таги пул

асли пул, дастмоя, сармоя.

— Пулҳои чӯталро бароред, ҳисоб карда бинем-чӣ; таги пул баробар меояд ё не?

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 62. Ба таги чизе санг бастан

дар мавриди ба вақташ ичро нашудани коре гуфта мешавад: дер кардан, дер мондан, ба таъхир андохтан.

Чойчӯшат ба тагаш санг баст-мӣ?

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 63. Таги табақи касеро лесидан

1. дар хизмати касе будан, 2. хушомадгӯӣ, балегӯӣ кардан, 3. аз кордории касе бохабар будан.

— Аз ин ҷоҳош хотирҷамъ бош, «сипоҳигарӣ сӣ пой дорад» гуфтаанд, худи ман сипоҳ набошам ҳам, чандин сол боз таги табақи миси сипоҳиёнро лесида омадаам, як кор мекунем, ки «ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад».

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 64. Тагу (таку) тирези чизе

асос, моҳият, маънии чизе.

1. Онҳо гоҳ ба имом ва гоҳ ба тарафи Абдуҷаббори аз тагу тирези кор бехабар бо чашмони таҳайюр менигаристанду табъи ҳеҷ яке аз онҳоро хира кардан намехостанд.

*«Маориф ва маданият».*

2. Ҷандон лозим набошад ҳам, барои он ки тагу тирези гапро дурусттар фаҳмида гирам, боз кунҷковӣ кардам.

*«Газетаи муаллимон».*

3. «Раисбегим», ки доимо аз бекорӣ кадукорӣ карда мегарданд, таку тирези гапро насанҷида... бо отряди тӯхматчиён ба хонаи арӯс М. ҳуҷуми ғоратгарона сар карданд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 65. Таги тути бедонаро кофтан

1. коргурезӣ, танбалӣ кардан, 2. кори осони сердаромадро ҷустан.

Онҳо доимо таги тути бедонаро мекобанд.

*«Хорпуштак».*

### 66. Ба таги туҳмат мондан

гирифтори тӯҳмат шудан.

Раҳим дид, ки худаш ҳам ба таги тӯҳмат монда истодааст, ба Ёдгор нигоҳ карда гуфт...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 67. Аз таги чашм дур накардан

аз касе, чизе чашм накандан, касе, чизеро ҳамеша дар мадди назар доштан.

Ҷосусони полиция ҳеҷ як одамро аз таги чашм дур намекарданд.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 68. Таги (таҳи) чашм карда гаштан

1. касе, чизеро ҳамеша дар назар, дар диққати худ доштан, 2. бо ягон ният касе ё чизеро ба таҳти назорат гирифтан, 3. нисбат ба касе, чизе тамаъ доштан.

1. Вай ҳамин хел партовҳои ҷамъиятро таги чашм карда мегашт.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

2. Ба орденҳои бисьёр ва обрӯю эътибори вай таги чашм карда гаштагиҳо ҳам кам набошад даркор!

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

3. Бинобар ин одамони подшоҳ монанди сагони хапгир мардикоронро таҳи чашм карда мегаштанд ва тақрибан ҳар рӯз одамони шубҳанок ба ҳабс гирифта мешуданд.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

### 69. Касе, чизеро таги чашм карда мондан

1. касе, чизеро интихоб карда мондан, 2. пеш аз дигарон чизеро ба зери диққати худ гирифта мондан.

1. — Ин нозанинро кай таги чашм карда монда будед?

*Р. Ҳайдаров, «Бинокор» («Шарқи сурх»).*

2. Аз ин мебарояд, ки он теппаро онҳо таги чашм карда монда будаанд, афсӯс хӯрд Ғулом.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид».*

### 70. Таги (таки) чашм кардан

*Ниг.* Қасе, чизеро зери чашм кардан.

1. — Ман ҳам ҳамонро таги чашм карда будам...

*«Занони Тоҷикистон».*

2. Ману модарат як духтари дигарро таги чашм кардагӣ...

*Р. Амонов, «Ду қатра ашк» («Шарқи сурх»).*

3. Майдон ба майдон ва марза ба марза гашта ҳамаи ин корҳоро таги чашм карда, ба ҳисоб мегирифтанд, ба бригадирҳо таъин мекарданд, ки кадом аз ин корҳо пештар анҷом дода шавад.

*А. Деҳотӣ, «Гвардиячиёни меҳнат» («Роҳи пуршараф»).*

4. — Ту, бародар, тамошо мекунӣ ё барои ягон корро таки чашм кардан омадӣ?

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 71. Ба таги каноти касе даромадан

ба касе дастьёр, ёрдамчӣ шудан.

Писаракам Мардонкул калонакак шуда монд. Вай ҳам ба таги қанотам даромад.

### 72. Қасеро ба таги қаноти худ гирифтан

ба касе пушту паноҳ, ҳомӣ ва парастор шудан.

1. Раиси колхоз ӯро ба таги қаноти худ гирифта, мудири фермаи ҳайвоноти калони шохдор таъин намуд.

*«Хорпуштак».*

2. Умед доштам, ки омада маро дар таги қанотаobserved мегирад...

*К. Носиров, «Ориятı».*

### 73. Ба таги ҷоғ хӯрдан

шаллоқ хӯрдан, зада шудан.

— Бас кун мегӯям, ба таги ҷоғат мехӯрӣ!

*М. Сайфиддинов, «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

**ТАГАШ**

### 74 То ба тагаш фаҳмидан

асос, моҳияти кореро тамоман фаҳмидан.

То як корро ба охираш нарасонам, ё то ба тагаш фаҳмида нагирам, дилам қарор намеёбад.

*С. Улуғзода, «Ҷӯяндагон»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ТАГПУРСӢ**

### 75. Тагпурсӣ кардан

1. моҳияти чизеро пурсон шудан, 2. кунҷковӣ кардан.

— Чӣ хел корҳо, Зафар? — тагпурсӣ кардам...

*Ҳ. Бобоҷонов, «Духтари раис»*
*(«Истеъдодҳои ҷавон»).*

**ТАГҶОЙ**

### 76. Тагҷой шудан

дар ҷое муқимӣ шудан.

Амакам Исохон ба Тошкент 25—30 сол пеш аз ин кӯчида омада, дар ҳамон ҷо ҳавлӣ-ҷо карда, тагҷой шуда монда буд.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

**ТАЙЁРӢ**

### 77. Тайёрӣ дидан

барои ба иҷро расонидани коре пеш аз вақт омода шудан.

Агар хонданро давом доданӣ бошӣ, бегоҳиҳо ба китобхонаи давлатӣ раву тайёрӣ бин.

*«Маориф ва маданият».*

**ТАК**

### 78. Ба таки бини худ задан

ба даҳон андохтан, хӯрдан, чизеро ҳарисона ва беодобона хӯрдан.

Бо вуҷуди ин ки ӯ ҳозир аз меҳмонхона ош хӯрда баромада буд, бештарини он ошро ҳам «дугӯштаву оринҷшор» карда, пасту расо ба таки биниаш зад.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 79. Таку дав кардан

1. кофтуков намудан, 2. дар ҷустуҷӯи чизе бисьёр давидан, 3. ба ҳар ҷо сар задан.

Ҳарчанд таку дав кунам ҳам, ба зудӣ ҳуҷра ба дастам надаромад...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 80. Так доштан

сабаб доштан, бесабаб набудан.

— Ман дар бораи фикри Холмирзо ба шумо гуфта будам, маълум мешавад, ки ин так доштааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 81. Таки остинӣ дароз кардан

*Ниг.* Чизеро таги остин карда додан.

Салимбой се сӯмро «таки остинӣ» ба оқсаққол дароз карда ба бало монд.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 82. Таки по холӣ шудан

дар ҷое кам шудани одамон, бе одам, хилват гардидан.

— Мебахшед, пошохон, ман каме таки по холӣ шавад, баъд равам гуфтам-дия.

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов, «Тӯҳмат».*

### 83. Ба таки чизе расида натавонистан

1. моҳияти чизеро фаҳмида натавонистан, 2. чизеро ба субут нарасонидан.

Қобилҷон ҳарчанд фикр кард, вале ҳеҷ ба такаш расида натавонист.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

### 84. Таку рӯ кардан (намудан)

1. чизеро чаппаю роста кардан, дарҳам омехтан, 2. бисьёр кофтуков кардан.

1. Хонаро тагу рӯ кардам, вале китобамро наёфтам.

2. Аввалҳо ҷангалбони куҳансолро ғарқшуда пиндошта, дарьёро хуб «таку рӯ» намуданд.

*Ф. Маҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

### 85. Таку рӯ шудан

1. дарҳаму барҳам шудан, чаппаю роста гардидан, 2. вайрон шудан, хароб гаштан.

Қишлоқи Басмандӣ чандин рӯз ин тараф таку рӯ мешуд.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

**ТАКА-**

### 86. Така-така кардан

ҷустуҷӯ кардан, кофтуков кардан.

Як кас ҳам пул надод. Пагоҳ даромада ту ҳам андаке така-така кун.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТАКДОР**

### 87. Такдор баромадан

бесабаб набудан, дуруст ва асоснок баромадани эҳтимол.

— Одами бад гуфтагем такдор баромад ё не?

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

**ТАККА**

### 88. Такка бошаду шир диҳад

ҳар кӣ ва ҳар чӣ бошад ҳам, фоидааш расад, бас аст.

— Аз душмани синфӣ будани он ба ман чӣ заруру аз дӯсти синфӣ будани дигарон чӣ фоида? — гуфт он чинакчӣ ва илова кард.— Барои ман «такка бошаду шир диҳад».

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. — Лозим омад, ки мактабро тарк кунаду ба кори совети қишлоқ гузарад. Аз ин ҳол вай чандон хафа ҳам нашуд: аз мактабу дарди сари он дида, ин хуб нест? «Такка бошаду шир диҳад!»

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

3. Раис акои Олим мувофиқи мақоли «такка бошаду шир диҳад» амал намуда, ба чигунагии хату саводи Улфатов чандон аҳамият намедод...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

4. «Такка бошаду шир диҳад» мегуфт худ ба худ Шарофат, ба яке аз хушомадгӯёни худ зиёдтар рӯи хуш дода.

*А. Баҳорӣ. «Одамони шинос».*

**ТАККОВӢ**

### 89. Такковӣ кардан

*Ниг.* Тагпурсӣ кардан.

— Не, Давлатҷон, фаромӯш накардаӣ, лекин қасдан нахӯрдӣ, ҳамин тавр гӯй, Давлат,— такковӣ кард Дарья.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**ТАКПУРСӢ**

### 90. Такпурсию борикресӣ кардан

1. моҳияти чизеро ҳартарафа, чуқур фаҳмидан хостан, 2. ба фаҳмидани нозукиҳои чизе кӯшиш намудан,

— Хабар дошту пинҳон кардааст. Ману ту барин даҳонаш номустаҳкам нест. Ту бошӣ ҳай такпурсию борикресӣ мекунӣ, ки мондан гир!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**ТАКЬЯ**

### 91. Ба касе такья кардан

1. касеро ҳимоягари худ донистан, ба ёрӣ ё ҳимояи касе умедвор шудан, 2. ба касе эътимод намудан.

— Ман ба шумо такья карда, ба ин кор даст задам.

**ТАЛХА**

### 92. Талха(к)и касе кафидан

*Ниг.* Талхакаф шудан.

— Гап зан охир! Ҳозир талхакам мекафад, лаънатӣ!

*К. Носиров, «Орият».*

**ТАЛХАКАФ**

### 93. Талхакаф шудан

1. сахт тарсидан, 2. аз шиддати тарс мурдан.

— Тавба, тавба! Қариб талхакаф мешудам.

*К. Носиров, «Орият».*

**ТАЛХӢ**

### 94. Талхии дудро мӯрӣ мебардорад

азобу уқубат, зулму ситами хешро хеш мебардорад, кас ба ҷаври одами худӣ тоқат мекунад.

«Талхии дудро мӯрӣ мебардорад» — мегӯянд. Худам ҳайрон, ки чӣ тавр то имрӯз сил шуда намурдам!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 95. Талхии ҳаётро чашидан

сахтӣ, мушкилии зиндагиро аз сар гузаронидан.

Қосим нисбат ба Ҳасан талхии ҳаётро бисьёртар чашидааст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 96. Талхию ширинии чизеро чашидан

азобу роҳат, хубию бадии чизеро дидан.

1. Вай мӯйсафедест, ки талхию ширинии зиндагиро чашидааст, бисьёр чизҳоро дидааст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Талхию ширинии зиндагиро аз ман дида ту бисьёртар чашидагӣ...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

3. Ӯ талхию ширинҳои ишқро бичашид...

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

**ТАМОМ**

### 97. Тамом кардани кори касе

*Ниг.* Кори касеро тамом кардан.

— Ҳанӯз дар дасти ман ин ду тир ҳаст, ки барои тамом кардани кори ҳар дуи шумо басанда аст.

*С. Айнӣ, «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик».*

### 98. Тамом шудан

1. аз мадор рафтан, беҳол шудан, 2. мурдан.

1. Худат мегуфтӣ, ки мӯсафеди бечора тамом шуда мондааст, дигар зинда намемонад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Пиразан гумон кард, ки шавҳараш тамом мешавад.

*«Хорпуштак».*

**ТАН**

### 99. Тан ба тан

якка ба якка.

Ман мехоҳам, ки бо шумо тан ба тан қувваозмоӣ кунам.

### 100. Чизеро ба касе тан гирондан

чизеро ба зимма, ба гардани касе гузоштан.

— Магар Боймуттӣ ворис надорад, ки бо вай гап зада, пулро тан гиронем...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 101. Тан додан

1. розӣ шудан, қабул кардан, 2. таслим шудан, мутеъ гардидан; сар хам кардан, 3. қоил шудан.

1. Магар Махсумов ба зан гирифтан тан додааст?

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Бале, вай Шодигулро нағз мебинад ва осон-осон ба домодии Туроб тан дода наметавонад.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

3. — Ту аз чанчол тарсида, ба ҷабру зӯрӣ тан медиҳи?

*С. Улуғзода, «Навобод».*

4. — Одатан мағлубшудагон ба ғолибон мардона тан медиҳанд, ана, ман ҳам тан додам...

*Ҷ. Одинаев, «Колхозчидухтар»*
*(«Шарқи сурх»).*

5. — Не, ман ба пирӣ тан намедиҳам.

*М. Миршакар, «Шаҳри ман»*
*(«Шарқи сурх»).*

6. Баъд аз ин ҳам, амин ҳастам ман,
Ки ба ҳоким диҳем аз нав тан,
Боз ҳам мешавем гушнаву зор,
Боз ҳам мешавем бандаву хор!

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

7. — Ҳамин қадар ба доманам часпида, ҳеҷ кор карда натавонистетону боз тан намедиҳӣ-а?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 102. Тани чизеро дидан

1. нархи аслии чизеро пардохтан, 2. маблағи аслии қарзро бе фоидааш додан.

То ҳол тани пулро додам, акнун ба гардани ман танҳо панҷ тангаи фоидаи пул мондааст.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 103. Тани касе обод шудан

соҳиби либос шудан.

1. Падару бобоям дар зери дасти бою бойбачаҳо хизмат карданд. Шикамашон сер, танашон обод нашуд.

*Қ. Наимӣ, «Соли 1916».*

2. Аммо гӯр ба сари худамон, танакашон обод набошад ҳам, кошкӣ шикамаки ин бачаҳо сер мешуд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 104. Тану тӯш мондан

фарбеҳ шудан.

Ҳоло қомат ёзонда, тану тӯш монда буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 105. Ба тани харид фурӯхтан

ба нархи харидашудааш фурӯхтан.

1. — Азбаски бозор касод будааст, ба тани харидаш фурӯхтам!

*«Латифаҳои тоҷикӣ».*

2. Зеро агар онҳо аз рӯи нархи бозори онрӯза харид кунанд, ба дигар чой бурда фоида кардан он тараф истад, ба тани харид фурӯхта тавонистанашон ҳам маълум набуд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 106. Тани қарз

маблағи асли (бе фоида)-и қарз.

Ман ҳоло тани қарзамро ҳам надодаам.

**ТАНБАЛ**

### 107. Ба танбал кор фармо, панд бишнав

агар аз танбал ичро намудани кореро пурсӣ, туро панд меомӯзад, баҳонаҳои бисьёре пеш меоварад.

— Э, содда будед. «Ба танбал кор фармо, панд бишнав» гуфтаанд. Ба вай чуворимакка кор гӯеду ба бало монед, сад баҳона меёбад.

**ТАНБЕҲ**

### 108. Танбеҳи касеро додан

1. ҷазои касеро додан, 2. задан.

1. Ҳозир рафта барои ин «гуноҳи азим» танбеҳи занашро медиҳад.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. Дар он ҷанг ҳам имрӯза барин аскарони сурх ва отрядҳои ихтиёрӣ наѓзакак танбеҳи ӯро дода буданд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

3. Фармуданд, ки танбеҳи шуморо дода монам...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 109. Танбеҳи худро хӯрдан

1. ҷазои худро дидан, 2. ба кори ношоистаи худ маломат шунавидан.

1. Аз ҷо хестаму задам
Бар сари ӯ даҳ лаѓад
Даҳ қамчин ҳам фузудам
То ин ки танбеҳ хӯрад.

*С. Ҷавҳаризода, «Гулшани афрӯхта».*

2. Агар дурустакак танбеҳашро хӯрад, биноӣ шуда меравад.

*С. Ѓанӣ, «Тӯй».*

**ТАНГ**

### 110. Танг гирифтан

1. сахтгирӣ кардан, 2. фишор овардан.

Ин манҷалақ аз сари нав ба дегу табақ соҳиб шудам гуфта, аз ҳад зиёда танг гирифт.

*С. Айнӣ, «Ѓуломон».*

### 111. Танг кардан

1. аз касе иҷрои кореро сахт талаб кардан, 2. фишор додан, 3. қин кардан, 4. хафа намудан, зиқ кардан.

1. Лекин бачагон ӯро танг мекарданд, ки боз гӯяд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

2. — Усто, ба хаёлам вақти аср буд-дия, хуб танг карданд, ки корро бас кунаму аз шахта баромада равам...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

3. Худашон чақида-чақида маро танг карданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Зӯҳра».*

4. — Падарамро танг карданд, овораи вилоят шуд, ман бошам ана, ду сол аст, ки гуреза шуда гаштаам.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 112. Ҷоеро ба касе танг кардан

ҷоеро барои касе тоқатнопазир намудан, дар ҷое барои касе имконияти зиндагӣ ва кор надодан.

Дашту кӯҳу саҳро
Кард бар фашистон танг.

*С. Ҷавҳаризода, «Гулшани афрӯхта».*

### 113. Касеро ба танг овардан

1. касеро гирифтори сахтӣ, азобу уқубат кардан, 2. аз ҷонаш безор кардан.

Босмачиён аҳли қишлокро чунон ба танг оварданд, ки дигар хомӯш нишастани онҳо мумкин набуд.

### 114. Ба танг омадан

1. ба вазъияти сахт ва ногувор мондан, 2. зиқ шудан, 3. аз ҷон безор шудан.

1. Ба ростӣ, ки ман аз ин ишқи пиронаи шумо ба танг омадаам.

*С. Улуғзода, «Қисмати шоир».*

2. Ҳамин ки деҳа ба қабзаи босмачиён медаромад, дасти бою мулло баланд мегардид, мардуми бечора ба танг меомад.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

3. Аз дасти капитан Ҷалолӣ ба танг омадам.

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»).*

4. Мулло Бурҳон аз хонанишинӣ ба танг омада, ба берун баромад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ҳаёт ва ғалаба».*

5. Аз ин ҳол мӯйсафед бисьёр ба танг омад...

*«Машъал».*

### 115. Танг шудан

ба вазъияти сахт мондан, дучори сахтӣ гаштан; вазнину тоқатфарсо шудани шароит.

1. Вақте ки, — гуфт модарам, — биринчи тӯйро овар-да будед, ман як халтаро аз вай биринч пур карда гирифта дар сандуқ пинҳон карда монда будам, ки ягон вақт танг шавем, кор мефармоем.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

2. Ман гумон мекунам, ки баъд аз тӯй аҳволи зиндагонии хонадони мо хеле танг шуда буд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

**ТАНГА**

### 116. Танга барин яраро табақ барин карда нишон додан

*Ниг.* Пашшаро фил карда нишон додан.

Баъзе одамон танга барин яраро қасдан табақ барин карда нишон медиҳанд...

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хоккӯрда».*

### 117. ... танга пул кор кардан

1. як миқдор пул кор кардан, 2. (аз фурӯхтани моле) як миқдор фоида ба даст даровардан.

Ҳамаи ин шаҳодат медиҳад, ки Қурбонов ин рӯймолҳоро ба мақсади «чор танга пул кор кардан» пинҳон карда мондааст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТАНГДАСТӢ**

### 118. Тангдастӣ кашидан

1. дар мӯҳтоҷӣ умр ба сар бурдан, 2. азобу машаққати нобудӣ, камбағалиро кашидан. 3. бе ёрдамчӣ мондан.

1. Шоир ба зудӣ ба дарбор роҳ намеёбад, хеле тангдастӣ мекашад...

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Медонад, бисьёр нағз медонад, ки дар водӣ зиндагӣ басо хуб ва фаровонӣ аст, кас тангдастӣ намекашад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТАНГЧАШМ**

## 119. Тангчашм шудан

хасис, мумсик шудан.

— Алихон аз чорбозоргард шуданаш боз хасис ва тангчашм шудааст. Феълу атвори бойҳои калонро тақлид карда, ба ваҷҳу бе ваҷҳ ба ҳар кас даъвогар шудан мегирад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

**ТАНГӢ**

## 120. Ба тангӣ афтидан

дучори сахтӣ гаштан, дар вазъияти сахту вазнин мондан.

1. Соли дигар, ки се ҷувол гандуми Сангин аз сари хирман барои адои қарзи харҷи ақиқа рафт, рӯзгораш ба тангӣ афтод.

*С. Айнӣ, «Моҳрӯй»*
*(«Раҳбари дониш»).*

2. Зимистон Раҳимҷон ба тангӣ афтода монд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

## 121. Аз тангӣ баромадан

аз сахтӣ раҳоӣ ёфтан, рӯ ба беҳбудӣ овардан.

Ману падарам шабу рӯз араки ҷабин рехта кор кунем ҳам, рӯзгорамон аз тангӣ намебаромад.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

### 122. Тангӣ доштан

1. эҳтиёҷ доштан, 2. нуқсон доштан.

Лекин ман медонам, ки дар муомилаҳояш тангӣ дорад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 123. Тангӣ кашидан

1. сахт мӯҳтоҷ будан, 2. азобу машаққати нобудиро аз сар гузаронидан.

Баъд аз фоҷиаи Хуҷанд кори Темурмалик рӯз то рӯз душвор шудан гирифт: озуқа ва яроқу аслиҳа аз ҳеҷ ҷо ба ӯ намеомад, аз ваҷҳи шамшер, найза, гурз ва табарзин барин яроқҳо бисьёр тангӣ накашад ҳам, тир, ки як чизи бисьёр сарфшаванда ва яроқи умумиаш буд, кам шудан гирифт.

*С. Айнӣ, «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик».*

**ТАНОБ**

### 124. Таноби чизе канда шудан

қатъ гардидан, дигар давом накардани чизе.

1. Дақиқае монанди он ки таноби гап канда шуда бошад, вай хомӯш монда буд.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

2. — Дар клуби Ҷӯйбор ҳам ин вақтҳо таноби концерту тамошоҳо канда шуда монд, додарам.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 125. Таноби касеро кашидан

1. касеро аз ҳаракате боздоштан, 2. касеро сарзаниш, танқид кардан, танбеҳи касеро додан.

1. — Сабр кунед, осиёб бо навбаташ, таноби бракчиёни ин ҷойҳоро ҳам кашида мемонанд.

*«Хорпуштак».*

2. Бигузор худи ӯ ба ин ҷо биёяд ва таноби ин пирамарди гарданшахро кашад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 126. Таноб партофтан

шохча рондан, шохча ба ҳар сӯ паҳн шудан.

Вақте ки палак таноб партофт, оби аввалинро додам...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 127. Таноби чизеро суст кардан

1. дар коре саҳлгирӣ кардан, назоратро суст кардан, 2. чизеро ба ҳоли худаш партофта мондан.

Таноби интизомро ҳаргиз суст накунед, ки байрақи сайёр аз даст меравад.

**ТАНПАРВАР**

### 128. Танпарвар шудан

1. аз паи осоиштагӣ, оромии худ шудан, 2. коҳил, танбал шудан.

— Шумо аз рӯзе ки танпарвар шудед, ҳатто чатоққор ҳам шудед.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ТАНТЕЙ**

### 129. Тантей (тандиҳӣ) кардан

мардонагӣ кардан, ба гапи кори ҳақ тан додан.

— Аммо, коре карда ба шумо осебе нарасад шуд, раис. Аз ҷавоби пичингомези Улфатов раис боз оташин шуд.
— Як бошад, аз марҳамати шумо осеби мерасидагӣ расид, дигар боз чӣ тантей карда метавонед?

*Ф.Ниёзӣ. «Вафо», қ. II.*

**ТАНҚИСӢ**

### 130. Танқисӣ кашидан

*Ниг.* Тангӣ кашидан.

Вале роҳбарони раҳмдили артель ба ихтиёри ин муфтхур 0,20 гектар замини колхозро ҳамчун участкаи наздиҳавлигӣ дода мондаанд, ки мабодо оилаи ӯ аз ягон чиз танқисӣ накашад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТАНҲОЙ**

### 131. Танҳой кашидан

1. танҳо мондан, бе ёру мусоҳиб мондан, 2. азоби бекасиро кашидан.

Мир Алишер баъд аз вафоти Ҷомӣ, ки дар соли 1493 воқеъ шуда буд, хеле танҳой мекашид ва ҳамдарде надошт...

*С. Айнӣ, «Алишер Навоӣ».*

**ТАОМУЛ**

### 132. Таомули мамлакат

1. қонуни қоидаи ҷории мамлакат, 2. расму тартиботи маъмули мамлакат.

— Шумо магар таомули мамлакатро намедонед?

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

**ТАП-**

### 133. Тап-тапи зағома

1. ҳаракати на чандон ҷолиби диққат, ҳаракати назарногир, 2. дӯғи пӯстакӣ, дӯғу пӯписаи хушку холӣ.

Вақте ки амир аз ин «тап-тапи зағома» натарсида корро ба ҷанг анҷомид, боз ҳам ҷадидон аз дудилагӣ набаромаданд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ТАР**

### 134. Тар карда хӯрдан (хатро)

дар мавриде гуфта мешавад, ки хат ё ҳуҷҷате ба эҳтиёҷи кас лозим нест, аҳамияти худро гум кардааст.

1. Магар мо ин дастхатҳоро тар карда мехӯрем?

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. — Хотирҷамъ бош, ман хати туро тар карда намехӯрам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 135. Тару тоза

нав, тоза, ботароват, дилкаш.

1. Зуд ба гулхона рафта, як даста гули тару тоза биёрад.

*Ш. Киёмов, «Хоҳӣ, нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат шав!» («Пьесаҳои якпардагӣ»).*

2. Аз ҳодисаҳои тару тозаи мамлакат ва ҷаҳон хабардор намуд.

*«Машъал».*

3. Ӯ зане буд хеле калонсол, вале ҳоло тару тоза.

*П. Толис, «Ҳикояҳо».*

**ТАРАНГ**

### 136. Таранг маст

сахт маст.

Боз таранг маст.

*«Газетаи муаллимон».*

**ТАРАФ**

### 137. (Ба) тарафи касе будан

ҳимоятгари касе будан, тарафи касеро гирифтан.

1. Вақте ки ҳокимҳои мамлакат ҳам тарафи инҳо бошанд, аз дасти мо, бечорагон, чӣ меояд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Зеро ки сухани Фирӯзаро даҳ-дувоздаҳ нафар занҳо, ки ба тарафи ӯ буданд, якбора тасдиқ карданд...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 138. Тарафи касеро гирифтан

касеро ҳимоя кардан, ба касе тарафдорӣ намудан.

1. — Ҷинояткорро руст карданат бас не, ки тарафашро ҳам мегирӣ...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Муҳаббат дарҳол фаҳмид, ки модараш оташин аст ва ҳоло тарафи Саидҷонро гирифта, ба вай ҷанг кардан мехоҳад.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

3. Лекин Ҳусейни газетахон ва Раҳимҷон, ки барои сиёҳӣ харидан аз нонҳои худам ду нон сарфа кардани маро медонистанд, тарафи маро гирифтанд...

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

4. Дар бюро якта-нимта одамоне ҳам буданд, ки тарафи акои Олимро мегирифтанд...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 139. Ба тарафи касе гузаштан

аз як гурӯҳ ба гурӯҳи муқобили дигар гузаштан.

Модоме ки худатон ба тарафи мо гузаштед, хоҳишатон ба ҳисоб гирифта мешавад.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Киёмов, «Тӯфон».*

### 140. Аз... тараф даромад кардан

суханро бевосита аз мақсад сар накарда, аз дур сар кардан.

Қурбонамак аз сад тараф даромад карда, бо сад мисолу масал ба писараш Каримбой нишон доданӣ мешуд...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 141. Ба тарафи касе истодан

*Ниг.* Тарафи касеро гирифтан.

«Ин хел мактабҳоро бандед, мо ба тарафи шумо мeистем».

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 142. Ин тараф, он тарафи кор

1. ҳар ҷиҳати кор, 2. ҳама тарафҳои ягон масъала.

— Аввал шумо биёеду ин тараф, он тарафи корро фаҳмида гирифта, баъд... гуфта сар кардем,— ҷавоб дод шоҳкосачашм.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 143. Тараф набудан

дар таъкиди мавҷуд будани ду хислати ба ҳам зид дар як шахс гуфта мешавад: мисли монанд надоштан.

Пас аз фурсате ин марди аҷоиб, ки ба дағалиаш ҳам тараф набуду ба нармдилиаш ҳам, маро ба дасти кондухтуре супорида гуфт...

*П. Толис, «Тобистон».*

### 144. Ба тарафи касе санг ҳаво додан

1. касеро маломат, сарзаниш намудан, 2. ба касе пичинг задан, 3. душман шудан.

Эҳтимол хешу таборҳои худамон ҳам «ба болои мурда сад чӯб» гуфтагӣ барин ба тарафи мо санг ҳаво диҳанд, намедонам охири корамон чӣ мешавад.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 145. Ба тарафи касе тир андохтан

*Ниг.* Ба тарафи касе санг ҳаво додан.

— Аз фикри зараррасонандагӣ даст бардоштан ҳам даркор аст,— гуён Ҳамдам-Фӯрма ҳам ба тарафи Ҳасан Эргаш як тир андохт.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 146. Қасеро ба тарафи худ гардондан

касеро тарафдор, ҳимоягари худ намудан.

1. Даъвогар ба қозӣ як дона табар пора дода, ӯро ба тарафи худ гардонд.

*«Латифаҳои тоҷикӣ».*

2. Бо ҳамин роҳ мехост, ки ҳамаро ба тарафи худ гардонда гирад.

*С. Айнӣ, «Алишер Навоӣ».*

### 147. Қасеро ба тарафи худ кашидан

*Ниг.* Қасеро ба тарафи худ гардондан.

1. Як қисми деҳқонони миёнаҳолро ба тарафи худ мекашидем...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Мо бояд вайро ҳар навъ карда ба тарафи худ кашем.

*С. Улуғзода, «Калтакдорони сурх».*

### 148. Касеро ба тарафи худ ҷалб намудан

1. касеро тарафдори худ намудан, 2. ҳусни таваҷҷӯҳи касеро ба худ кашидан.

Ҷавононро ба тарафи худ ҷалб намуда, корҳои ҷамъиятиро ривоҷ дод.

### 149. Тарафи касе шудан

ҳимоягар, тарафдори касе шудан.

Ба ҷои тарафи ман шудан, шумо ӯро тарафгирӣ намудед.

*«Хорпуштак».*

**ТАРАФГИРӢ**

### 150. Тарафгирӣ кардан

*Ниг.* Тарафи касеро гирифтан.

— Агар надонӣ, тарафгирӣ ҳам накун!..

*М. Муқаддара, «Зайнаб»*
*(«Овози ҷавонон»).*

**ТАРАФДОРӢ**

### 151. Тарафдорӣ кардан

*Ниг.* Тарафи касеро гирифтан.

Писари Йӯсуфамак Толиб ба ҷои он ки падаршро тарафдорӣ кунад, мушташро ба ҳаво бардошта фарьёд мезад...

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТАРАФМАТАРАФ**

### 152. Тарафматараф (тараф ба тараф) шудан

ба ду тарафи ба ҳам муқобил ҷудо шуда, баҳс ё мусобиқа кардан.

Онҳо то бевақтии шаб нишаста, дар шаббодаи дарьё чой менӯшанд, суруди ҷавононро мешунаванд ва тарафматараф шуда аскиягӯӣ мекунанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТАРАҚҚӢ**

### 153. Тараққӣ додан

инкишоф додан, ривоҷу равнақ додан.

Тараққӣ додани чорводорӣ яке аз вазифаҳои муҳимми мо мебошад.

**ТАРБУЗ**

### 154. Тарбузи касе аз бағалаш афтодан

ноумед шудан; маъюс гаштан.

1. Дили Тоҳир аз чунин илтифоти ногаҳонии подшоҳ пурумед шуда буд, аммо суханони аввалини подшоҳро шунида тарбузи ӯ аз бағалаш афтод.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

2. Мансуров, ки ба мулоқоти сардори нави худ бо умедҳои нек шитобида буд, ин ҳолро дида тарбузаш аз бағалаш афтод.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 155. Тарбузи касеро аз бағалаш ғалтондан

касеро ноумед намудан; маъюс кардан.

1. Амаки Салимаш пеш аз омадани шумо гуфта буданд, ки «Мӯсо чӣ қадар шодӣ хоҳад кард. Ман аз ӯ шодиёна мегирам». Шумо бошед тарбузашро аз бағали вай бечора ғалтондед.

*Р. Ҳайдаров, Хати беимзо».*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Нашуд! — гуфт ӯ оҳиста,— худи духтар ҳамроҳаш омадааст, мазаро гурезонда тарбузро аз бағал ғалтонд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

**ТАРИҚ**

### 156. Чизеро ба тариқи «ҷиз-ҷизак» нишон додан

чизеро барои алам кунондан, сӯзондани касе нишон додан.

Бойҳо биноҳои сар ба фалак расидаи худро ба мардум ба тариқи «ҷиз-ҷизак» нишон дода, аз ғурур ва ифтихор завқ мекарданд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

**ТАРК**

### 157. Тарки одат — амри маҳол (муҳол) аст

аз одати бад даст кашидан душвор аст.

1. «Тарки одат — амри маҳол»,— мегӯянд. Хайруллохӯҷа аз тору пуд, қадду бари хӯроку пӯшоки студентҳо зада, анча оқибандоз ҳам карда гирифт.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

2. Не, тарки одат — амри муҳол,— гуфтанӣ барин Абдураҳмоновро ҳам ҳай кардед.

*«Хорпуштак».*

3. Он чунон ки мегӯянд,
Тарки одат маҳол аст,
Ин «фаъолияти» ӯ
Дар ҳар маҳу ҳар сол аст.

*С. Ҷавҳаризода, «Шеърҳои ҳаҷвӣ».*

**ТАРОЗУ**

### 158. Дар тарозуи ақл баркашидан

мулоҳиза намудан, ҳартарафа санҷидан.

1. Сафар яке аз ҳамон ватанпарварон буд, ки ҳамаи ҷиҳатҳои салбӣ ва эҷобии рафтори худро пешакӣ дар тарозуи ақл баркашида дида буд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. Ҳар як андешаи худро гашта-баргашта дар тарозуи ақл бармекашид.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 159. Бо тарозуи ақл санҷидан

*Ниг.* Дар тарозуи ақл баркашидан.

То ҳар корро бо тарозуи ақл насанҷем, мо ҳаргиз ба он шурӯъ намекунем.

*С. Айнӣ, «Васифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

### 160. Аз тарозу задан

дар вақти баркашидан касеро фиреб додан, кам баркашидан.

1. Савдогарон аз тарозу мезананд.

*С. Улуғзода ва В. Витқович, «Ибни Сино».*

2. Харидоронро бешармона фиреб дода аз ҳар тарозу мезадаанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

**ТАРОША**

### 161. Тарошаи аз бом афтидагӣ барин

дар ҳангоми бемаврид, ночаспон, беробита гуфта шудани сухане кор фармуда мешавад.

Дар ин ҷои ҳикояташ Қарим тарошаи аз бом афтидагӣ барин карда нохост гуфт...

*П. Толис, «Тобистон».*

**ТАРС**

### 162. Дар тарсу бим андохтан

тарсондан, дар воҳима монондан.

Хусусан сулфа шиддат карда ҳам чуноне ки Одинаро азият медод, инчунин монанди Сангин баъзе рафиқонашро ҳам дар тарсу бим андохта буд.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 163. Аз тарси ҷон

1. аз бими марг, 2. аз ҷазо тарсида.

Барзагов аз тарси ҷон ҳамоно аз ҷой мехезаду ба хӯрокхӯрӣ сар мекунад.

*«Маориф ва маданият».*

**ТАРСАКӢ**

**164. Бо... тарсакӣ таги гӯши касеро тафсондан**

ба таги гӯши касе шапалоқ задан.

Гулсара ҳам метавонист дар навбати худ аз гиребони ин одами аз худрафта гирифта, бо як тарсакӣ таги гӯши ӯро тафсонад...

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТАРТИБ**

**165. Ба тартиб андохтан**

1. ба интизом даровардан, бар роҳи дуруст даровардан, дуруст ба роҳ мондан, 2. саранҷом намудан.

Ӯ дар давоми 10 моҳ корҳои чорводории ин районро «ба тартиб» андохт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТАСАДДУҚ**

**166. Тасаддуқ шудан**

фидои касе шудан, қурбон шудан.

— Тасаддуқатон шавам, хоҳар, ба мани бечора раҳм кунед.

**ТАСБЕҲ**

**167. Ба тасбеҳ даромадан**

истифода карда шудан.

Дар дасти мо бекор истода буд. Шояд ту хонӣ, китоб «ба тасбеҳ медарояд», хуб мешавад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III.*

**ТАСВИР**

**168. Аз тасвири чизе оҷиз мондани (будани) қалам**

ғайри қобили тасвир будан, баённопазир будани хубии чизе.

Базми калони шаби солинавӣ чунон тафсид, ки аз тасвири он қалам оҷиз аст.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

**ТАФСИДА**

### 169. Тафсида алав гирифтан

*Ниг.* Алов гирифтан.

Мӯйсафед худ ба худ тафсида алав гирифта рафт.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

### 170. Тафсида рафтан

1. ба ҳаяҷон омадан, 2. ба завқ омадан.

Шояд Саидалӣ Вализода тафсида рафт, думбураро ҳай навохта, пай дар пай шеър гуфтан гирифт.

*Ҷ. Икромӣ, «Саёҳати Кӯлоб» («Шарқи сурх»).*

**ТАФТ**

### 171. Тафти дили касеро паст кардан

*Ниг.* Ҳаври дилро паст кардан.

Ҳар кас ҳарчи зудтар нутқ карда, тафси дилашро паст кардан мехост.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 172. Тафти одамро одам мебардорад (мегирад)

1. баҳри дили одам дар сӯҳбати одам кушода мешавад, одам дар сӯҳбати одамӣ аз ҳар гуна ногувориҳо фориғ мегардад, 2. дили одамро одам мебардорад.

1. «Хез зан, тафти одамро одам мебардорад, ба хонаи ҳамсоя рафта чор даҳон чақ-чақ карда биё, набошад мағор карда, пӯпанак баста меравӣ»...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. «Тафти одамро одам мебардорад, ягон рафиқам меомад, камтарак гуфтугӯю ханда карда, ғубори дилро мебаровардам» — мегуфтам.

*«Газетаи муаллимон».*

3. — Тафти одамро одам мегирад, падар, аз ҳаёти худ ва дидаю шунидаҳоятон ягон чиз нақл кунед,— хоҳиш кардам аз ӯ.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТАХМИН**

### 173. Аз тахмини касе баромадан

мувофиқи тахмину гумони касе иҷро шудани коре.

— Маҷлис нағз шуд... худи аз тахмини ман баромад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ТАХТ**

### 174. Тахт шудан

1. саранҷом ёфтан, 2. дуруст шудан.

Қори ӯ пас аз пешниҳод кардани чунин справка тахт шудааст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТАХТА**

### 175. Тахтаю тирак

тамоми молу мулк, ҳамаи майда-чуйда.

1. Аммо тӯфони хашму ғазаби халқ ӯро бо тахтаю тиракаш дар як лаҳза рӯфта партофт.

*П. Толис, «Иди баҳорон»*
*(«Тоҷикистони советӣ»).*

2. Аммо дар яке аз шабҳои тобистон тӯфони сахт рӯй дод ва ҳамаи тахтаю тираки «машина»-и Мулло Умарро рӯфта бурд.

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

### 176. Тахтаю тираки худро ғундоштан

кореро бас кардан, ба коре хотима додан.

1. Салимбой аз ин касб дасту дилашро шуста, тахтаю тиракашро ғундошт...

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Ё ки радиоро табъи дил ба роҳ монад ва ё тахтаю тиракашро ғундорад!

*«Хорпуштак».*

3. «Падарҷон, хуб, ман аз ҳамин рӯз нӯшиданро мепартоям, лекин гуфтам,— ба муносибати ҳамин воқеаи калон иҷозат диҳед садта занаму ана баъд тахтаю тиракро ғундорам».

*Ҳ. Содиқ, «Пушаймонӣ суд надорад»*
*(«Қаламҳои пурумед»).*

### 177. Тахта шуда монд

1. ҳайрон шуда мондан, моту мабҳут шудан, 2. карахт шудан.

1. Пиразан баъди ин кӣ будани духтари соҳибҷамолро, ки аз як дидани вай «тахта шуда мондани» писаршро ҳанӯз пай набурда буд, баён намуд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Ногоҳ маро дида, чашмонашро калон кушода дар ҷояш тахта шуда монд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

## ТАХТАКАШ

### 178. Касеро ба тахтакаш (тахтакашак) кашидан

касеро танқид, маломат, мазаммат намудан, сарзаниш кардан.

1. — Рӯятро духтар тарошидагӣ гуфта, маро таранг ба тахтакаш кашида истодааст.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

2. — Боз муҳаррир маро ба тахтакашак мекашад, ки сусткору фориғболу фалону бисмадон...

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Раис бошад «дар саҳро пахтаро шутур хӯрду дар шаҳр гӯши бофандаро буридаанд»,— гуфтагӣ барин ба поскунояш гирифта, худи маро ба тахтакаш намекашӣ-я!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

## ТАХТАЭЛАК

### 179. Аз тахтаэлак гузаронидан

1. сахт маломат, сарзаниш намудан, 2. тафтиш, таҳқиқ кардан, то нозукиҳояш санҷидан.

Ҳатто дирӯз бе иҷозат ба кӯча баромаданамро шунида, аз тахтаэлак гузаронд.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

## ТАШВИШ

### 180. Касеро дар (ба) ташвиш андохтан

касеро бесаранҷом, нороҳат кардан.

1. — Барои як бесару по мо ба ҳукуматдорон муқобил шуда, худро дар ташвиш намеандозем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Ин ҳол Саидҷонро ба ташвиш меандохт.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

3. Нахостам, ки касал буданамро хабар дода, туро ба ташвиш андозам.

*«Маориф ва маданият».*

### 181. Дар (ба) ташвиш афтидан

*Ниг.* Дар ташвиш мондан.

1. — Шумо ба мӯйсаргирӣ пули бисьёр сарф намекунед, ки барои ин дар ташвиш афтед...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. — Фақат чӣ ҳодиса рӯй дода бошад, гӯён ба ташвиш афтидам.

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

3. Сарбухгалтер бошад, аз ин хабар ба ташвиш нафтод...

*Т. Усмон, «Найрангбозӣ барои ҳавлии нав» («Тоҷикистони советӣ»).*

### 182. Қасеро ташвиш додан

1. касеро бесаранҷом, нороҳат кардан, 2. боиси дарди сари касе гардидан.

— Ба ҷои ношинос рафта, одамонро ташвиш додан чӣ лозим?

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

### 183. Ташвиш кашидан

1. бесаранҷом, нороҳат шудан, 2. заҳмат кашидан, 3. овора гаштан.

1. — Мо аз ҳамин қадар роҳ харочот ва ташвиш кашида омада, магар ду даст дар бинӣ холӣ бармегардем?..

*С. Айнӣ «Ғуломон».*

2. Қас магар ба бародари худ ҳам мерасад? Ба падарам гӯед, ташвиш кашида нагарданд...

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

3. — Ташвиш накашед, ман ҳозир хӯрок хӯрда омадам.

*Ф. Муҳаммадиев, «Арзамас» («Маориф ва маданият»).*

### 184. Дар ташвиш мондан

1. бесаранҷом, нороҳат шудан, 2. парешон шудан, 3. мушавваш гаштан.

Аммо, вақте ки баъд аз баста шудани банк дар гашти рӯз ё шабона пул ба дасташ меафтид, ӯ дар ташвиш мемонд...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

## ТАШКИЛ

### 185. Ташкил додан

1. сохтан, барпо намудан, 2. иборат будан, дар бар гирифтан.

Соҳаи асосии онро (колхозро — *М. Ф.*) чорводорӣ ташкил медиҳад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТАШНА**

### 186. Ташна будан

иштиёқ, майл доштан.

Ман ба дидани рӯи шумо ташна будам.

### 187. Ташна дар хоб об мебинад

ҳар касе ки муҳтоҷи чизе бошад, танҳо онро мегӯяд, танҳо онро фикр мекунад.

Ман гуфтам: масали машҳур ҳаст, ки мегӯянд: «Ташна дар хоб об мебинад», ту ҳам халосиро хоб дида истодаӣ.

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

**ТАШНАГӢ**

### 188. Ташнагиро шикастан

1. боиси рафъи ташнагӣ гардидан, 2. қонеъ шудан, сер шудан.

1. Як-ду дона «хомак» оварда будам, ташнагиро мешиканад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. — Ташнагиатонро мешиканад, Ниёз ака! Тарбузи лаби ҷӯй...

*С. Саидмуродов ва Рабиев. «Саодат», («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

3. Агар ташнагиат бо ин нашиканад, баъд аз он чои тоза мефармоям...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

**ТАШНАШИКАН**

### 189. Ташнашикан кардан

сер намудан, қонеъ кардани касе.

— Моро аз сӯҳбати худ ташнашикан накардӣ...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ТАБЪАТ**

### 190. Табъат подшоҳ, худат вазир

ихтиёр ба дасти худат, ҳар чӣ хоҳӣ, онро карда метавонӣ.

— Ҳар коре метавонед кунед! Табъатон подшоҳ, худатон вазир...

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

**ТАЪЗИР**

### 191. Таъзири худро хӯрдан

ҷазои худро дидан, сазои кори худро дидан.

Ман он рӯз таъзири худро хӯрда будам, дигар ҳаргиз ба он ҷо намеравам.

**ТАЪЛИМОТ**

### 192. Таълимоти забонӣ додан

супориш ё фармони даҳонакӣ (ғайри хаттӣ) додан.

Дар бораи ба қадри имкон аз деҳқонон зиёдтар руёнда гирифтани андоз ба маъмурони худ таълимоти забонӣ додаанд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

**ТАЪНА**

### 193. Таънаи касеро бардоштан

ба маломату сарзаниши касе тоб овардан.

Дӯст медораму таънаи мардумро бардоштан намехоҳам.

*Ф. Ансорӣ, «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 194. Ба касе таъна задан

касеро маломат, сарзаниш кардан.

1. — Шайхро ҳунар нест, хонақоҳ танг аст,— гӯён ба ман таъна мезад ва баъд аз он ба насиҳат медаромад...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. — Ту ҳар вақт ба ман таъна мезанӣ, ки чаро деҳаи худамонро партофта ба ин тараф омадем.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 195. Ба таънаи касе мондан

мавриди таъна ва маломати касе шудан.

Қоре кун, ки ба таънаи дигарон намонӣ.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

**ТАЪСИР**

### 196. Таъсири худро гузаронидан

касеро гапдарои худ карда гирифтан, мутеи худ намудан, ба ихтиёри худ дароварда гирифтан.

1. Вай хоҳӣ нахоҳӣ ба Йӯсуфсаркор таъсири худашро гузаронид...

*Ҷ. Икромӣ, «Сангалӣ» («Шарқи сурх»).*

2. Ба дигарон низ таъсири худро гузаронд...

*Ҷ. Икромӣ, «Раис» («Шарқи сурх»).*

**ТАЪХИР**

### 197. Ба таъхир андохтан

иҷрои кореро ақиб партофтан, мавқуф гузоштан.

Маҷлисро то имрӯз ба таъхир андохта, диққати моро ба ин масъала суст карданӣ шуданд.

**ТАҚА-**

### 198. Тақа-тақ мондан

тамоман аз ҳаракат боз истодан, якбора тамом шудан.

Якбора сел тақа-тақ монд.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

## ТАҚДИР

### 199. Тақдири касе ба дасти касе будан

дар ихтиёри касе будани сарнавишти касе, аз касе вобаста будани ҳалли масъалаҳои ҳаётии касе.

— Мо ҳам ҳозир одами чандон хурд не-а?
— Набошад-чӣ. Тақдири як қисми калон дар дасти мо...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 200. Тақдир ба ҳам омадан

хонадор шудан, зану шавҳар шудан.

Лекин ҳамон вақтҳо як ҳодисаи аҷоиб рӯй доду Очилбатраки бенаво бо Оиша ном духтари шаҳрӣ хонадор гашт ва тақдираш ба ҳам омад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 201. Тақдир кардан

ба касе ё чизе баҳои нағз додан, писандидан.

1. Ӯ қобилияти ҷавононро зуд муайян карда метавонист ва қобилияти баландро бисьёр хуб тақдир мекард.

*С. Айнӣ, «Еддоштҳо», қ. III.*

2. Бо вуҷуди ин шумо хизмати ӯро тақдир мекунед.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 202. Тақдиру (насиба) рафта бошад

аз рӯи ақидаи динӣ-хурофӣ: агар аз рӯзи азал дар сарнавишт ва қисмати касе навишта шуда бошад, агар аз рӯзи аввал муқаррар шуда бошад.

1. Агар тақдиру насиба рафта бошад, ман ният дорам, ки ягон ҷавони қобил ёфта хонадомод кунам...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Ман мегӯям, ки агар тақдир рафта бошаду ту ба ҳамин духтар хонадор шавӣ, ана бахту мана бахт!

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 203. Ба тақдир тан додан

ба сарнавишт, ба пешомади худ розӣ шудан, ба пешомад таслим гардидан.

1. Ёдгор пас аз гузаштанаш ба дастаи дигар ва рафтани дастаи аввалиаш ба кӯҳистон ғайр аз ба тақдир тан додан чораи дигаре надошт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Бо вуҷуди ин кампир «ба тақдир тан дода», дигар барои духтарашро ба роҳи худ даровардан фикр намекард.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

3. Шумо-ку ҳоло фақат се духтар доред, баъзеҳо панҷшаштагӣ дошта бошанд ҳам, ба тақдир тан медиҳанд.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

### 204. Ба тақдир тақдирҷунбон лозим

барои пешрафти кор ё кушода шудани бахт васила, сабабгор лозим аст.

— Ту аз ӯҳдааш мебароӣ, Мирзо, туро нағз медонем. Аз пагоҳ сар карда, ба мактаб биё, ман ба ту консультация медиҳам. Ба дигар муаллимон ҳам гуфта мемонам, лозим шавад, ёрмандӣ мекунанд... Беҳуда нест, ки гуфтаанд: ба тақдир тақдирҷунбон лозим.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## ТАҲ

### 205. Аз таҳ(т)-и дил

*Ниг.* Аз таги дил.

1. Вай аз таҳи дил кор мекард.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Аз таҳти дил хурсандӣ мекарданд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 206. Чизеро таҳу намак карда мондан

чизеро бе ҳаракат мондан, аз чизе истифода накарда бекор хобонда мондан.

Чанд сол боз дар бораи аз об таъмин кардани одамони дар меҳмонхона будагӣ ҷувол-ҷувол ваъда дода, аммо ин ваъдаҳоро таҳ ва намак карда мемонданд.

*«Хорпуштак».*

**ТАҲТ**

### 207. Таҳту буньёдаш катӣ пурсидан

1. тагпурсӣ кардан, 2. аслу насаби касеро, ё моҳияти чизеро санҷидан.

— Ҳамон Фирӯза-мӣ, дигараш-мӣ, ба шумо чӣ? Ин қадар таҳу буньёдаш катӣ мепурсед?

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 208. Таҳти дил

*Ниг.* Аз таги дил.

Таҳти дили ӯро намедонист.

*Ҷ. Икромӣ, «Ғусса» («Шарқи сурх»).*

### 209. Аз таҳти дили касе хабар гирифтан

1. аз мақсаду хоҳиши касе огоҳ шудан, 2. замири дили касеро фаҳмидан.

Модар шуда ягон бор ҳам аз таҳти дили ман хабар намегиранд, намедонанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ТЕЗ**

### 210. Тез кардан

1. босуръаттар гардонидан, 2. касеро ба шавқ овардан, гарм кардан, 3. барангехтан, шӯронидан.

1. Шиддати ҳамлаи подразделенияро тез кард.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. «Қанӣ, канӣ, ки зӯр, кӣ ба гӯштингирӣ усто» гӯён онҳоро бо ҳамдигар тез мекарданд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 211. Тезу тунд

1. таъсирнок, нешдор, 2. чизи қобили диққат, мароқовар, муҳим, 3. шиддатнок, пурзӯр.

1. Суханҳои тезу тунди вай аз рӯи дилсӯзӣ буданд.

2. Ин асарҳо ба ҳамаи масъалаҳои тезу тунди замон ҳамовоз мешуданд.

3. Дар кӯчаҳои торик як фақат аёси пир шамолҳои тезу тундро сур карда мегашту бас!

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 212. Тезу тунд шудан

шиддат гирифтан, авҷ гирифтан.

Муносибатҳои синфӣ тезу тунд мешуд.

*А. Сайфуллоев, «Образи одамони нав дар «Ёддоштҳо» («Шарқи сурх»).*

### 213. Тез шудан

1. ба ғазаб омадан, хашмгин гаштан, 2. барошуфтан.

1. — Таомули иҷораи вақф чист? — Ба ман ҳам фаҳмонда монед,— гуфт он одам ба имом тез шуда...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Он кас ҳамчун бародар хақ доштанд, ҳамин хел тез шаванд, зеро бадномии ту бадномии он кас...

*«Маориф ва маданият».*

## ТЕППА

### 214. Қасеро ба теппаи касе баровардан

1. касеро фармонфармои касе кардан, 2. касеро тарафгирӣ намуда инҷиқ кардан.

Тарафашро гирифта-гирифта ба теппаам баровардӣ-ку!

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

### 215. Ба теппаи (сари) касе баромадан

*Ниг.* Ба болои сари касе баромадан.

1. — Очааш, мо ӯро чунон эрка калон кардем, ки тамоман ба теппаамон баромадааст.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

2. Ин дунъё ҳамин тавр мегардаду рӯз шаб мешавад, шаб рӯз; лекин сари мо, бандагони худо, хам мегардад, бисьёр вакти худро гум мекунем ва ба корҳои ношоён қадам мемонем. Модари амир Олимхон ҳам аз ҳамин чархи замин саргардон шуда, ба теппаи сари мо баромада монд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. — Гап назада истам, аз афташ ин худобехабар ба теппаи сарам баромаданӣ.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

**ТЕША**

### 216. Тешаро ба пои худ задан

1. бар зарари худ кор кардан, 2. ба сари худ нохушиеро овардан.

1. Тешаро ба пои худ мезанад каси бадхоҳ,
Халқ пухта мегӯяд: «Чоҳкан ба зери чоҳ».

*М. Аминзода, «Шеърҳо».*

2. Телбагӣ накунед!
Тешаро худ ба пои худ назанед!
Чоҳро худ ба роҳи худ наканед,
Ки ба ҳоким диҳем аз нав тан,
Боз ҳам мешавем гушнаву зор,
Боз ҳам мешавем бандаву хор.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

### 217. Теша бар паҳлуи андеша задан

бисьёр фикру андеша кардан, барои ёфтани чизе бисьёр фикр кардан.

Чунон ки хонанда мебинад, ёфтани маънои ин шеър осон нест. Мо бо Икромӣ хеле «теша ба паҳлуи андеша задем».

*С. Улуғзода, «Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии С Айнӣ» («Шарқи сурх»).*

### 218. Теша задан

1. хароб кардан, барбод додан, 2. ба вайронии коре сабаб шудан.

— Сангин доимо ба корам теша мезанад.

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор».*

**ТЕҒ**

### 219. Ба касе теғ кашида нигоҳ кардан

1. ба касе кинаомезона назар кардан, 2. ба касе бо даҳшат нигоҳ кардан.

1. Бо як ишорати Қушбегӣ ду мирғазаб аз он чӯбҳо ду донаро ба даст гирифтанд ва ба ду тарафи ман гузаштанд. Чашми ман ба чашми қушбегӣ афтод, ки ба ӯ теғ кашида нигоҳ кардам.

*С. Айнӣ, «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам».*

2. Теғ кашида лаҳзае ба рӯям нигоҳ карда монд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Ба Дохунда чашмони худро теғ кашонда, қадре нигоҳ карда истод...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 220. Теғ кашидан

ба касе муқобил баромадан.

Инҳо бо большевикон як шуда ба ҷаноби Олӣ теғ кашидаанд...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 221. Теғи обдор

теғи обу тобьёфта; теғи бисьёр тез.

Аз наём оред берун теғҳои обдор,
Ҷанг бояд, ҷанг бо ин душмани инсон кунед!

*С. Ҷавҳаризода, «Ҳадья ба диловарони ватан».*

**ТИЛЛО**

### 222. Тиллои сафед

пахта.

Ӯ бо дасти худ тиллои сафед
Тез барчиду лек тоза бичид.

*С. Ҷавҳаризода, «Хосиятой».*

**ТИР**

### 223. Тир аз камон бархато ҷаст

рӯй додани хато, саҳв.

Акнун пушаймонӣ суд надошт ва «афсӯсу дареғ» фоида намебахшад, чунки тир аз камон бархато ҷаста ва мурғи матлаб аз дом раста буд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 224. Тир аз камон ҷаст — ҷаст (баромад)

кор аз кор гузашт, акнун пушаймонӣ, афсӯсу надомат ва чораҷӯӣ суд надорад.

1. Хайр, ҳар чӣ шуд, шуд. Чунон ки дар урфият мегӯянд, тир аз камон ҷаст-ҷаст.

*Ф. Муҳаммадиев, «Мактуби дӯст» («Шарқи сурх)».*

2. — Ту гумон мекунӣ, ки Саодат баргашта боз назди ту меояд? Не, ҷиянам. Қор аз даст рафт, тир аз камон баромад.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев, «Саодат» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 225. Тири аз камонҷаста боз гашта намеояд

1. чизе ки аз даст рафт, дигар баргашта намеояд, фурсати гумшуда ёфт намешавад, 2. сухани гуфташударо баргашта гирифтан мумкин нест.

Азимшоҳ бо ин ҳама кӯшиши закотчӣ ба ёфт шудани пулаш умед надошт — «тири аз камонҷаста боз гашта намеояд» — мегуфт, бинобар ин дилаш ҳеҷ кушода намешуд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 226. Тири касе ба нишон хӯрдан (расидан)

ба мақсади худ ноил шудан.

1. Тири Асад ба нишон хӯрд: бо шунидани номи китоб дудилагии ман бартараф шуд ва ман дар назди он ду бародар мондам.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

2. Ин дафъа ҳам тири Олимтӯҳмат ба нишон нарасид.

*«Маориф ва маданият».*

### 227. Тири касе ба санг (бар) хӯрдан

ба мақсади худ муваффақ нашудан.

1. Шокир, ки дар мунозираи ҷадиду қадимӣ бо Қулмурод кардааш тираш ба санг бархӯрда суханаш бурида шуда буд, ба Қулмурод нигоҳ карда...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Аммо имшаб ба бадбахтии ман тири вай ба санг бархӯрд ва ба ҷои мулоқот намудан бо маҳбуба ба шамшерҳои посбони шавҳари ӯ вохӯрд.

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

3. Валӣ дар охир аз кабинети мудири шӯъба баромад. Аз лолавор сурх шудани гӯшҳояш пай бурдам, ки тираш ба санг хӯрдааст.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

### 228. Тири касе ба ҳадаф расидан

*Ниг.* Тири касе ба нишон хӯрдан.

— Ба гуфтаи шумо амал кардаму тирам ба ҳадаф расид...

*Ҷ. Икромӣ, «Хурсанда»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 229. Ба тир паридан

1. аз зарби тир захмдор, маҷрӯҳ шудан, 2. бо тир кушта шудан.

1. Дар он ҳуҷум миршаб ба тир парид...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Даҳ қадам нарафта худаш ҳам ба тир парид.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 230. Тири касе хато хӯрдан

1. ба нишон нарасидани тири касе, 2. ба мақсади худ нарасидани касе.

1. Дар Ҷорӯббандӣ якчанд нафар сарбоз ба худи эшони қозикалон ва раиси калон ҳам милтиқ холӣ кардаанд, ҳар чи тир хато хӯрдаст ва онҳо зуд гурехта омада худро ба даруни шаҳр гирифтаанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Имрӯз аз маҳбубаашон сар кунем, канӣ чӣ мешавад? Ҳанӯз тири ман хато нахӯрда буд.

*«Васияти Ленин».*

### 231. Тир хӯрдан

захмдор шудан, маҷрӯҳ гаштан (аз расидани тир).

1. Одами ба ҷанг рафтагӣ аҷаб нест, ки тир хӯрад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Аз дунбааш тир хӯрдааст.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

**ТИРАК**

### 232. Тираку тахтаи худро ғундоштан

*Ниг.* Тахтаю тираки худро ғундоштан.

Ҳама ба мактабҳои советӣ омаданд ва мактабдорони мактаби кӯҳна тираку тахтаи худро ғундоштанд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

**ТИТ**

### 233. Титу пит кардан

1. тагу рӯ кардан, ба ҳам омехтан, аралаш кардан, 2. кофтуков кардан; тафтиш намудан.

Аз ин сир огоҳ шуданд ва фиребхалтаи ӯро титу пит карда як акти бамаънӣ тартиб доданд...

*«Хорпуштак».*

### 234. Титу пит шудан

1. дарҳаму барҳам, аралаш шуда рафтан, 2. пора-пора шудан, 3. несту нобуд шудан.

1. Охир қади ин чарӣ ба қади ҳафт ар-ар баробар аст, агар кас афтад, титу пит мешавад.

*Қ. Носиров, «Орият».*

2. Дар хонаи хасин мезистем. Як шамол хезад, титу пит мешуд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 235. Титу ғози касе, чизеро баровардан

1. дарҳаму барҳам кардан, 2. сирру асрори касеро ошкор карда шарманда намудан.

1. Рост баргашта ба пеши ҳамон кассири бадҳазм рафтанӣ ва титу ғози онро баровараданӣ шуд.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

2. Ҳозир титу ғози қуттиҳоро мебароранд.

*«Хорпуштак».*

**ТОБ**

### 236. Аз тоб гаштан

*Ниг.* Тоб гурехтан.

Падарат пас (баъд аз задани бой — *М. Ф.*) аз ҳуш рафта, баъди ҳамин аз тоб гашт.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 237. Касеро ба тоб гирифтан

адаби касеро додан, ҷазои касеро додан.

1. Вай бачаи дуруст, бамаънӣ буд... Сабр кун, фардо ба пешам биёяд, ман ӯро ба тоб мегирам.

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат».*

2. Ҳукумати нав тарафдорони камбағал аст, вай пагоҳ-фардо он бойҳои кишлоқ, он баттолҳои ҳаққимардумхӯрро ҳам ба тоб мегирад!

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

## 238. Тоб гурехтан

касал, нотоб шудан.

1. — Сахт тобам гурехт...

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат».*

2. — Ҳа, камтар тобам гурехта буд...

*Р. Файзӣ «Модаршӯ» («Шарқи сурх»).*

## 239. Тоби касе набудан

касал будан, бемор будан.

Ҳа, се рӯз боз тобаш набуд мегӯянд.

*С. Улуғзода, «Шодмон».*

## 240. Тоб надоштан

1. тобу тоқат надоштан, 2. аз чизе безор будан, ба чизе майл надоштан.

1. Мон, ба гапу гапча тобам нест.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

2. Надонам, шумо ин қадар сол бо Холматов чӣ хел зиндагӣ карда тавонистед? Аммо ман ҳеҷ тоб надорам.

*Ҳ. Карим ва Дунган, «Соли 1916» («Шарқи сурх»).*

3. Аз забони ту ҳам бошад, тоби шунидан надорам.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

## 241. Тоби касе нашудан

*Ниг.* Тоби касе набудан.

— Ҳа, андак тобам нашуда монд,— гуфт Нозирабону...

*«Занони Тоҷикистон».*

## 242. Тоб овардан

сабру тоқат кардан.

1. Онҳо ба кори вазнин тоб оварданд, имсол бошад, боз бисьёр ҷавонон мераванд.

*«Занони Тоҷикистон».*

2. Ба ҳамааш тоб мебиёрад, ҳамаашро аз сар мегузаронад ва осебе намебинад.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

3. Ӯ, ки бародарашро аз ҳад зиёд дӯст медошт, дар аҳволи пурфоҷиаи вай тоб наёварда ба ин ҳолат афтиданаш табиӣ менамуд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

4. — Кӣ тарсончак? Ман? — фарьёд кард Тоҷӣ, дигар ба гапҳои Шомил тоб оварда натавониста.

*М. Шарқӣ, «Ёру ҷӯраҳо».*

### 243. Тоб партофтан

хушкида каҷ шудан (-и масалан тахта).

Ин тахтаҳо дар соя истода тоб партофтаанд.

### 244. Тобу тавон намондан

маҷоли кардани кореро надоштан; мадор намондан.

Гармии ҳаво ба дараҷае мерасад, ки дигар тобу тавони ҳаракаташ намемонад.

*С. Айнӣ, «Мирзо Абдулқодири Бедил».*

### 245. Тобу тоқат

1. таҳаммул, бардошт, 2. майл, хоҳиш.

— Ба хонаи ман таклиф накунед, тобу тоқати дидани ӯро надорам.

### 246. Тоб хӯрдан

1. ба тарафе гаштан, 2. печу хамдор шудани ресмон, мӯй.

1. Баъд, ба дасти чап тоб мехӯрад...

*П. Толис, «Тобистон».*

2. Ба хаёлам, ба тарафи анборҳои молфарорӣ тоб хӯрд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

**ТОБИСТОН**

### 247. Дар тобистон морон борад, беҳтар аст аз борон

борони тобистон зарарнок аст.

Лекин деҳқонони он ҷоҳо ҳамагӣ ғалла-донакор буданд. Онҳо сабзавотро ҳам лалмӣ мекоштанд, дар он гуна ҷоҳо борон чӣ қадар зиёдтар борад, ҳамон қадар беҳтар аст, барои онҳо ҳатто дар тобистон ҳам борон даркор мешудааст. Аммо дар мо бошад, «дар тобистон морон борад беҳтар аст аз борон» мегӯянд,— гуфт пирамард.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ТОЗА**

### 248. Тоза ба тоза

1. нав ба нав, 2. хел ба хел.

1. Конҳои нав, шахтаҳои тоза ба тоза сохта мешаванд...

*Ҷ. Икромӣ ва А. Одинцов, «Аҷоиботи сафар» («Шарқи сурх»).*

2. Адабиёти нави советии тоҷик акнун тоза ба тоза ба дунё қадам мегузошт.

*Р. Ҳошим, «Ёдат ба хайр, Пайрав!» («Шарқи сурх»).*

### 249. Тоза ҳам

1. хеле, ниҳоят, 2. аҷаб.

— Ӯ шаввозе, тоза ҳам корчаллон будааст.

*«Хорпуштак».*

**ТОКЧА**

### 250. Дар токчаи аъло аст

1. муқаррар, муайян аст, 2. тайёр аст.

Хизматонаи ин шахс дар токчаи аъло аст, гап ба болои ҳаққи ман аст, албатта, ман ҳам аз ин ҷавон пул тамаъ надорам, зеро пул дода натавонистани ӯро медонам...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 251. Чизеро дар токчаи аъло тах̣ карда мондан

1. чизеро фаромӯш кардан, 2. аз ҳаракат монондан, хобонда мондан.

1. Қори мактабро дар токчаи аъло таҳ карда мондааст.

*«Хорпуштак».*

2. Садҳо ҳазор сӯми колхозро паи ҳамдигар ба бод доданду аз орзӯю ҳаваси худ дасту дил шуста, ободонии қишлоқро дар токчаи аъло таҳ карда монданд.

*«Хорпуштак».*

**ТОЛЕЪ**

### 252. Толеи касе баландӣ кардан

1. тофтани бахти касе, 2. омад кардани кори касе.

Вале толеи Айнӣ баландӣ кард.

*С. Улуғзода, «Нависанда ва олим» («Шарқи сурх»).*

### 253. Толеи касе паст будан

бахт надоштан, бадбахт будан.

1. Рӯзҳои тираро дар ёди худ дорем мо,—
Кӯҳсори мо баланду толеи мо паст буд...

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

2. — Толеам паст будааст. Ҳама фарзандонам мурданд...

*А. Аминов, «Гавҳар» («Шарқи сурх»).*

### 254. Толеи паст доштан

*Ниг.* Толеи касе паст будан.

— Толеи паст дорам! — мегуфт вай дар дили худ.— Ба армия ҳам нагирифтанд маро!

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат».*

### 255. Толеи касе тохтан (тофтан)

1. бахт ба касе ёр шудан, 2. кори касе пеш рафтан, омад кардани кори касе.

1. Ба ин ҳисоб бояд бори мо зиёд барояд; баркашидан гиред, ки толеи мо тохт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Агар толеашон тозаду усто шуда бароянд, миёнашонро бандонда тавонанд ва дар устохонаи ман як-ду сол бо ним музд кор кунанд, дар ҳамон сурат «аз гов ғадуд» барин нимаи пуле, ки ман дар усто шудани онҳо харҷ кардаам, мебарояд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

3. Ҳайфо ки толеам натофт...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ТОР**

### 256. Торро ба дигар сӯ кашидан

ҷараёни кореро тағьир додан, дигар намудан.

Агар Анвар серхарҷӣ ва калонпартоӣ кунад, Сурайё торро ба дигар сӯ мекашиду намегузошт, ки харҷи беҷо ва барзиёд шавад...

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 257. Тори чизеро кашидан

чизеро миқдоран кам намудан.

— Дадош, ба фикрам тори пулро кашем, монем, ки мӯҳтоҷ шаваду шояд ба ягон кор сар фурорад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ғусса» («Шарқи сурх»).*

### 258. Тори чизе мустаҳкам будан

мустаҳкам будани асосу пояи чизе.

Гап аз гап кушода шуду Абдуллои зирак пай бурд, ки нӯги ресмон дароз ва тораш хеле мустаҳкам аст: ба Абдулло маълум шуд, ки масъала, аз он ки модари Мухтор мегӯяд, хеле нозук ва мустаҳкам аст.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 259. Аз тору пуди чизе задан

чизеро бо ҳар роҳ дуздидан.

1. Даромадаш ҳам кам набуд. Лекин аз тори ин даромад амалдор мезаду аз пудаш мулло.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. — Мо мегӯем, ки аз тору пуди ҳаққи мо назананд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

3. Вай дар муддати кораш бисьёр сохтакориҳо карда, ҳам аз тор мезаду ҳам аз пуд.

*«Маориф ва маданият».*

### 260. Тор танидан

ба ҷое бисьёр рафтуомад кардан.

1. Барои овардани ин чароғ ӯ аз идораи колхоз то ба идораи совети қишлоқ тор танида буд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

2. Вай рӯзе се бор либосашро нав карда победасавор дар байни шаҳрҳо тор метанидааст.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 261. Ба тори қалби касе нохун задан

ба иззати нафси касе расидан.

Имрӯз ба нозуктарин ва ҳассостарин тори қалби ӯ нохун заданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ТОРОҶ**

### 262 Ба тороҷ рафтан

ғорат гардидан, тороҷ карда шудан.

Аз тарафи босмачиён деҳаҳои ин сарзамин ба тороҷ рафт.

**ТОРС**

### 263. Торс кафидан

*Ниг.* Дили касе торс кафидан.

Қас гап занад, ганда шавад, гап назанад, аз бухс торс кафида равад!

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

**ТОС**

### 264. Тосу кӯзаи кӯҳна

чизҳои аз даҳонмонда, кӯҳнашуда, нодаркор.

— Хоҳарам, бо ин тосу кӯзаи кӯҳнаатон дар байни мо дигар нон хӯрда наметавонед, фаҳмидед!

*А. Сидқӣ, «Ҷӯраи деринаи ман» («Шарқи сурх»).*

**ТОХТ**

### 265. Тохт овардан

*Ниг.* Тохту тоз кардан.

Пеш аз ин мо ба тарафи Хуҷанд ва Ӯротеппа тохт оварда чизҳои даркориамонро ба даст медаровардем...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 266. Тохту тоз кардан

1. ҳамла намудан, 2. ғорат кардан.

Вале ҳанӯз ҳам дастаҳои ғоратгаронаи босмачиён дар кишлоқҳои Тоҷикистон тохту тоз карда мегаштанд...

*А. Саид, «Пеш аз субҳ» («Тоҷикистон»).*

**ТОҚАТ**

### 267. Аз тоқат берун

аз имконият берун, аз ҳадди имкон хориҷ.

Ӯ ба ин қаноат накарда, ҳар рӯз як сабад ангур ва дар тирамоҳ се ман (24 пуд) ангури зимистонӣ ва 500 харбузаи тирамоҳӣ талаб кард, ки «ин аз тоқати ман берун» гуфтам ман ба ӯ.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

### 268. Тоқати касеро бурдан

косаи сабри касеро лабрез кардан, бетобу тоқат кардан.

Ин шавҳари нобакор тоқатамро бурд.

### 269. Тоқати чизеро надоштан

1. ба чизе таҳаммул, сабр надоштан, 2. майл, хоҳиш надоштан ба чизе; безор будан аз чизе.

Ман тоқати дидани ӯро надорам.

*«Маориф ва маданият».*

### 270. Тоқати касе тоб овардан

сабру тоқат карда тавонистан.

Ба ин ҳол тоқати кас тоб оварда наметавонад...

*С. Айнӣ, «Ятим».*

### 271. Тоқати касеро тоқ кардан (намудан)

1. сабру қарори касеро бурдан, 2. касеро ба танг овардан.

1. — Ҷабру зулми заминдори золим тоқати маро тоқ карду аз баҳри батракӣ гузаштам, дар ҷустуҷӯи кори даромаднoктар ба Москва омадам.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Ин гапҳои Адолат қаҳру ғазаби Олимро бештар афзуда, тоқати ӯро тоқ кард.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

3. Ҷудоии сесола, ҷангҳо, азобҳо косаи сабри ӯро лабрез карда, тоқаташро тоқ намуда буданд!

*Қ. Наимӣ, «Рӯзи равшан».*

### 272. Тоқати касе тоқ шудан

1. бетоқат шудан, дигар тоқат надоштан, 2. ба танг омадан.

1. Тоқати ин ҷавон тоқ шуда буд...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

2. Дар интизории тамом шудани «дарс» тоқати мо тоқ мешуд.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

## ТОҚӢ

### 273. Тоқии дузд сӯхт

1. касе аз чизе хадук бурдан, 2. сир бой додан.

— Давлатманд, ба ҳеҷ ҷой наравед...
— Тоқии дузд сӯхт.
— Ин кори Давлатманд аст. Ба вай ҷазо дода шавад.

*М. Миршакар, «Қишлоқи тиллоӣ».*

### 274. Тоқии худро ба осмон ҳаво додан

ниҳоят хурсанд будани худро изҳор намудан; шодию хурсандӣ кардан.

— Канӣ, кошкӣ ҳамин тавр шавад, муаллима, тоқиамро ба осмон ҳаво дода, давон-давон барои хабар додан ба назди Мамараҷаб мерафтам...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 275. Тоқии худро нимта карда гаштан

1. шоду хурсанд гаштан, 2. бепарво гаштан, фориғболона гаштан.

1. Аввал ин ки, аз босмачиҳо нусхаву нишонае ҳам намондааст, дуйӯм ин ки, Пӯлод саҳат ва саломат дар Уротеппа тоқиашро нимта карда гаштааст.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

2. Аз як тараф, плани пахта сад фоиз шавад, аз тарафи дигар, ин хел иморатҳои оламнаноҳатон буд шавад, баъд ҳама кор худ ба худ шудан мегирад, метавонед, тоқиятонро нимта карда гаштан гиред.

*А. Деҳотӣ ва Б. Раҳимзода,*
*«Фоизҷон Таърифхӯҷаев»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

## ТОҶ

### 276. Тоҷи сар

дар мавриди ризомандии тамом ва иззату эҳтироми зиёд нисбат ба касе гуфта мешавад.

1. Лекин дар бораи истиқомати шумо бошад, тоҷи сар, дар ҳуҷраи ҳар кадоми мо шумо меҳмони азиз ва боҳурмат мешавед...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. — Мехоҳем ба Қайроққум рафта зиндагонӣ кунем.
— Марҳамат, нури дида, тоҷи сар.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

3. — Хайр, камнамо нашавед, кадом вақте ки биёед, нури дида, тоҷи сар, хоҳарҷон.

*Ф. Ниёзӣ, «Бародарони вафодор» («Шарқи сурх»).*

## 277. Тоҷи сар кардан

1. иззат, эҳтиром, икром кардан, 2. азиз доштан.

Саодати диёри хеш тоҷи сар кунӣ,
Туро, Саид, накӯтарин суруд мекунам.

*Ғ. Мирзо, «Тоҷи давлат».*

## 278. Тоҷи сар шудан

азизтарин шудан.

— Бо ҳамроҳии шавҳаратон ба меҳмонии мо биёед, тоҷи сар мешавед.

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман, «Гуноҳи кӣ?».*

**ТУ**

## 279. Ту дидӣ, ман надидам шудан

зуд ва тамоман аз байн рафтан, несту нопадид шудани иллате пас аз муддате.

—1. То пагоҳ «ту дидӣ, ман надидам» шуда дуруст мешавад,— гуфт. Дар ҳақиқат ҳам ин ҷароҳат бисьёр дер накашид ва дар панҷ рӯз пусти нав давонд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. — Андак-мундак яраро чунон дуруст мекунанд, ки «ту дидию ман надидам» шуда меравад.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

**ТУГУН**

### 280. Тугуни дили худро кушодан

1. фикр, андеша, ғаму ҳасрати худро ба касе гуфтан, 2. рози дили худро изҳор кардан.

Акнун вақт расид, ки ба шумоён тугуни диламро кушоям, гап занам, маслиҳат талабам.

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор».*

### 281. Чизеро тугун карда баста мондан

чизеро дар хотир доштан, фаромӯш накардан.

— Қамаш 60 центнер медиҳем,— гуфт Бибифазилат ва бори дигар дасти шавҳарашро сахт фушурд.
— Тугун карда баста монед,— таъкид кард зан.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»).*

**ТУЁҚ**

### 282. Туёқи худро шилиққондан

1. дур шудан, рафтан, 2. пои худро аз ҷое кандан.

— Тезтар хеста туёқатро шилиққон! — гуфта дарун даромада тараққос занонда дарро пӯшид.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

**ТУМШУҚ**

### 283. Тумшуқи касе дар осмон будан

мағрур, мутакаббир, ҳавобаланд будан.

— Тумшуқи инҳо ҳоло ҳам дар осмон мебошаду аз асп фуроянд ҳам, аз ӯзангу намефароянд...

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

### 284. Тумшуқи худро хастан

1. ба ҳар дар густохона сар халонидан, 2. ба ҳар кор аралаш шудан.

Ба дари хешу таборҳои Мунаввара рӯзе даҳҳо бор тумшуқ мехаст...

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТУНД**

### 285. Тунду тез

*Ниг.* Тезу тунд.

Ниҳоят, Биной масъаларо хеле васеъ ва тунду тез мегузорад.

*А. Мирзоев, «Биной».*

### 286. Тунди халахӯр

1. одами танбали тез оташиншаванда, 2. гапнобардор *(С. А.)*.

Аробакаш дидааст, ки бо ин «тунди халахӯр»-ҳои якраҳа баҳсу ҷавоб карда нишастан бефоида аст, барои ин «салмаҳои сақат»-ро зудтар ба манзил расонда аз дасташон раҳой ёфтан, ночор ба роҳ даромада аспашро чолокона рондааст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

**ТУППА**

### 287. Туппабуриро надониста ба касе угробуриро ёд додан

аз ӯҳдаи кори худ набаромада, ба дигарон кор ёд додан.

Туппабуриро намедонаду ба дигарон угробуриро ёд медод, яъне, дар мавзӯи «Тарбияи бачаҳо дар оила» маърӯза кард...

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТУРФА**

### 288. Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро

аҳсан ба шогирде ки дар илму ҳунар аз устоди худ пеш гузашта бошад.

Акнун дере нагузашта худи онҳо ҳам дар ин кор маҳорат пайдо карданд ва ҳатто, чунон ки мегӯянд: «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро», аз устодони худ ҳам пеш гузаштанд.

*А. Деҳотӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

**ТУТ**

### 289. Тут барин рехтан

1. якбора ва паёпай мурдан ё кушта шудан, 2. паси ҳам аз по афтодани мардумон.

Нисфи зиёди авлодамон дар байни ду-се ҳафта тут барин рехт.

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 290. Тути хасак барин резондан

*Ниг.* Тут барин рехтан.

Дар мавриди зарурӣ вақте ки вай ба сари пулемёт менишаст, душманро тути хасак барин мерезонд...

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 291. Тути хасак барин рехтан

*Ниг.* Тут барин рехтан.

Дида мешуд, ки ягон тир хато намехӯрад. Аскарони душман тути хасак барин ба замин мерехтанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ТУФ**

### 292. Туф кун, ях кун

хунуки сахт.

«Туф кун, ях кун»-и ҳақиқӣ буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 293. Туфи худро гашта ба даҳан нагирифтан

аз гапу қавли худ нагаштан.

— Ман туфи ба замин партофтаамро гашта ба даҳон намегирам, фаҳмидӣ-мӣ?

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

**ТУХМ**

### 294. Тухми анқо будан

ёфтани чизе номумкин будан, ноёбу нодир будан.

— Балки лозим набудагист, Пётр,— гуфт Даша бо андешаи ин, ки мабодо барои овардани духтур, ки он вақтҳо махсусан дар ин диёр тухми анқо буд, пулашон кифоя намекард.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 295. Тухми аҷал коштан

кушокушӣ кардан, одами бисьёреро куштан.

Набояд ба дасти ҷаллод хизмат кунад ва ба рӯи замин тухми аҷал корад...

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Душанбе то ба Киев»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 296. Тухми бадро (зоту) зурриёти бад

1. аз одами бад фарзанди бад мерӯяд, 2. тарбияи одами бад ҳам бад мешавад.

Дар байни ҳокиму писараш фарқе нест. «Тухми бадро зоту зурриёти бад» мегӯянд дар урфият.

*С. Улуғзода ва В. Виткович,*
*«Ибни Сино».*

### 297. Ба тухми касе, чизе оташ задан

насли касе ё решаи чизеро тамоман несту нобуд кардан.

— Оча, акнун парво накунед, ба тухми босмачиҳо оташ задем,— гуфт.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 298. Тухми тарсакӣ хӯрдан

шаппотӣ хӯрдан, шаллоқ хӯрдан; зада шудан.

Тухми тарсакиро хӯрда хомӯш мешавад.

### 299. Тухми касе, чизе хушк шудан

1. тамоман ноёб будани чизе, 2. несту нобуд шудани наслу зоти касе.

Тухми кор хушк нашудааст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 300. Ба тухми касе, чизе қирон омадан

несту нобуд, маҳв гардидани касе ё чизе.

1. — Илоҳӣ ба дуои бади ҷабрдидагон гирифтор шаваду ба тухмаш қирон ояд...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. — Мавлонбекаш кӣ бошад? — мепурсид дигаре.
— Ба тухмаш қирон биёд,— ҷавоб медод якумин.

*«Шӯъла».*

**ТУШБЕРА**

### 301. Тушбераро хом шумурдан

1. ба қадру қимат, ба қувваю тавонии касе ё чизе баҳои дуруст надодан, 2. кореро саҳл шумурдан, 3. ҳисоби хом кардан, бемулоҳизагӣ кардан.

1. — Тушбераро хом шумурдан дуруст нест, чӣ гуна колхозчӣ будани Ҳамдам-Фурма дар тирамоҳ маълум мешавад...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Хом тушбераро, писар, нашмур,
Гир ин пилтаро зи гӯши худ,
Чун пушаймон шавӣ, пушаймонӣ,
Додари ман, дигар надорад суд!

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

3. Хулоса ҳосили кори ғуломони ҷавон фоидаи накд аст, аммо ғулом ва канизони хоназод рӯёнидан аз инҳо бошад, тушбераро хом шумурдан ва ё ин ки ҷӯҷаро дар вақти сихпариаш ба ҳисоб гирифтан барин як фоидаи хаёлист.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ТӮЙ**

### 302. Тӯй болои тӯй

хурсандӣ болои хурсандӣ.

Охир имрӯз тӯй болои тӯй. Ҳам чароғи электрӣ дармегираду ҳам ба ҷӯйбори нав об медарояд.

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро» («Шарқи сурх»).*

### 303. Тӯй хазинаи худост

аз харҷи тӯй набояд тарсид, ҳама хароҷоти онро «худо» мерасонад (барои дилбардории тӯйкунанда гуфта мешавад).

— «Тӯй хазинаи худост», ту сар кунӣ, худо мерасонад, ҳеҷ парво накарда миёнатро сахт банд, аз ҳамин сол дер намонад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ТӮТӢ**

### 304. Тӯтии хушхон шудан

1. бисьёр, беором гап задан, сергап шудан, 2. гапи хуш задан, хушгап шудан.

Ӯ гарчи дар лаҳзаҳои ғамгиниаш дамдузд, хаппак ва одамгурез бошад ҳам, вале дар вақтҳои кайфчоқиаш чунон тӯтии хушхон мешуд, ки гумон мекардед, аз забонаш шаҳду шакар мерезад.

*Қ. Носиров, «Орият».*

**ТӮТИВОР**

### 305. Тӯтивор омӯхтан

маънии чизеро нафаҳмида мисли тӯтӣ аз бар кардан.

Дар ҳақиқат қоидаҳои грамматикаро тӯтивор омӯхтаед.

**ТӮФОН**

### 306. Чизеро тӯфони Нӯҳ кардан

1. ғавғо, шӯриши калон бардошта чизеро чаппаю рост а кардан, 2. несту нобуд намудан.

— Дар ин ҷо ҳафтод падару бобоҳои мо гузаштаанд, ҳар кадоми онҳо одамоне буданд, ки дар як мижа задан дуньёро тӯфони Нӯҳ мекардаанд.

*А. Деҳотӣ, «Мактуби охирин»*
*(«Барои адабиёти социалистӣ»).*

**ТӮҚУМ**

### 307. Тӯқуми касе чаппа шудан

бар хилофи одати муқаррарӣ ба ногоҳ дигар шудани феълу хӯи касе.

— Чаро боз имрӯз тӯқуматон чаппа шудааст?

*С. Ғанӣ ва Ф. Ниёзӣ,*
*«Ватандӯстон».*

**ТӮҲМАТ**

### 308. Аз касе тӯҳмат боридан

аз касе тӯҳмати бисьёр сар задан, манбаи тӯҳмат будани касе.

Ба ин гуна одам наздик нашавед, ки аз вай тӯҳмат борад.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 309. Ба касе тӯҳмат задан

ба касе тӯҳмат кардан.

— Чаро ба мо ин қадар «шир хӯрд» гуфта тӯҳмат мезанед? — ба мудири собиқи ферма... рӯ оварданд онҳо.

*«Тоҷикистони советӣ».*

# У

**УБОЛ**

### 1. Уболи касе, чизе касеро гирифтан

дар натиҷаи рафтори нодурусти худ нисбат ба касе, чизе гирифтори сахтию душворӣ ва азоб шудан.

Мабодо ягон инҷобизанро уболи пул гирад-а?

*«Хорпуштак».*

### 2. Ба убол мондан

*Ниг.* Уболи касе, чизе касеро гирифтан.

— Маро ба ин рӯзи сиёҳ гирифтор кардагиҳо ба уболам мемонанд!

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

**УЗР**

### 3. Узри бадтар аз гуноҳ

узре ки гуноҳро сабук накарда, боз вазнинтар мекунад, узри номувофиқ.

1. — Асли номаш Маҷнун будаасту вайрон карда Майлун гуфтаанд,— эзоҳ дод яке аз ҳозирон. Ин эзоҳ ба назарам узри бадтар аз гуноҳ барин намуд...

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. — Фурсат аз даст наравад, писар, ва узри бадтар аз гуноҳ нашавад,— гуфт раис...

*«Тоҷикистон».*

**УЛФАТ**

### 4. Улфат гирифтан

1. наздик шудан, унс пайдо кардан, 2. ёру дӯст шудан.

1. Мухтор, ки дар солҳои охир бо занҳои бисьёре улфат гирифту боз онҳоро ба зудӣ фаромӯш кард, чӣ шуда буд, ки гаштаю баргашта ба сари Зайнаб меомад...

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Ҷамолӣ ва Шаҳло бузургтар шуданд ва бо якдигар чунон улфат гирифтанд, ки гуё як ҷон дар ду бадан буданд.

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»).*

**УМЕД**

### 5. Умед бастан

1. орзу кардан, 2. дар умеди касе ё чизе шудан.

1. То кай ба Бозор умед бастан мумкин аст?

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Охир мо ба ин одам мунтазир будем. Умед бастем.

*А. Сидқӣ, «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

### 6. Умед аз чизе, касе бурида шудан

аз чизе, касе ноумед шудан.

Умед аз ҳаёт бурида шуд.

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи*
*«Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

### 7. Ба умеди оташ омада аз оташгираки худ ҷудо шудан

1. дар роҳи ба мақсад расидан ба умеди касе шуда, худ кушише накарда, аз чизи мавҷуд ҳам маҳрум гаштан, 2. аз умедвории худ зарар дидан.

Ман, ки ба умеди оташ омада аз оташгиракам ҳам ҷудо шуда будам, моту мабҳут, тамоман гаранг шуда менишастам.

*П. Толис, «Тобистон».*

### 8. Ба умеди оши ҳамсоя турб натарош

ба умеди дигарон нашуда, аз паи кори худ шав.

Пионер ҳама масъалаҳоро бояд худаш мустақилона ҳал кунад, муҳтоҷи каси дигар нашавад. Беҳуда нест, ки «ба умеди оши ҳамсоя турб натарош гуфтаанд.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

### 9. Умеди худро кандан

ноумед шудан.

1. Қорӣ Ишкамба аз харидории ман умедашро канда ба роҳ даромад...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Соро пои худро аз ҳавлии бой ба сурати қатъӣ кашида бошад ҳам, бой ҳанӯз умеди худро аз вай накандагӣ буд, ӯ акнун барои тамоман ба даст даровардани Соро роҳ меҷуст...

*С. Айнӣ, «Ятим».*

3. Мухтор пай дар ҳам касал мешуд, ба тавре ки мо чандин бор аз вай ҳатто умедамонро ҳам канда будем.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

4. Ҳезумкаш хирсро дида сахт тарсид ва «ҳозир ин хирс маро нобуд мекунад» — гуфта умедашро аз зиндагӣ канд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 10. Ба умеди худо (кас) нашаву бутаро дор (қап)

барои ба даст даровардани мақсаде дар умеди худо, каси дигар шуда нишастан ғалат аст, худ бояд барои он кӯшишу ғайрат кард, кас бояд ба таваккали ҳавоӣ умедвор нашуда, чораи кору дарди худро бинад.

1. Оқибат «ба умеди худо нашаву буттаро дор» гуфтагӣ барин мо худамон ба вай арӯс ёфтем.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. — Эҳҳе, агар ҳар машинаи ба барф мондагӣ ва ба лой ғӯтидагиро кофтуков карда гарданд, дигар корҳоро кӣ мекунад... не, ба умеди худо нашав, буттаро дор! — гуфтаанд. Беҳтар ки бо ягон роҳ аз ҳоламон хабар диҳем.

*Ҷ. Икромӣ, «Сафари Кӯлоб»*
*(«Шарқи сурх»).*

3. — Ба умеди кас нашуда буттаро қапед.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**УМЕДВОРӢ**

### 11. Умедворӣ бадтар аз ҷон кандан аст

азоби интизорӣ ниҳоят сахт аст.

Вале на аз директор дараке шуд, на аз Наврӯз, умедворӣ бадтар аз ҷон кандан мегӯянд, ки рост будааст.

*«Газетаи муаллимон».*

**УМР**

### 12. Умр ба сар бурдан

зиндагӣ кардан, рӯз гузаронидан.

1. Дар сояи ғамхӯрии ӯст, ки ман пири бадавлат шуда, бо осудагӣ умр ба сар мебарам.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

2. Зан ва бачаҳои вай дар ин муддат чӣ гуна умр ба сар бурданд, ҳоҷати баён нест...

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

### 13. Умр дидан

дар ҳаёт будан, дар қайди ҳаёт будан.

Оре, ҳоло инсон бисьёр ва бисьёр касалиҳоро шинохта гирифта, асрори онҳоро дониста, усулҳои бартараф намуданашонро муқаррар кардааст ва даҳҳо миллион одамон аз хатари марги бемаҳал эмин монда, умри дароз мебинанд.

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 14. Умри дурӯғ кӯтоҳ аст

*Ниг.* Пои дурӯғ кӯтоҳ аст.

Ба ҷои он ки ӯ мардумро барои иҷрои ӯҳдадориҳо ташкилу сафарбар кунад, роҳи фиреб додани давлатро пеш гирифт. План иҷро нашуду аммо вай «иҷро шуд»,— гӯён рапорт дод. Бо ҳамин шӯҳрати худро баланд бардоштанӣ шуд. Беҳуда нагуфтаанд, ки умри дурӯғ кӯтоҳ аст. Ҳамин буд, ки фиребхалтаи Мустафоқул ба об афтод, сирраш фош шуд. Офтобро бо доман пӯшида намешавад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 15. Умр об барин гузаштан

тез гузаштани умр.

Умри одам об барин мегузаштааст.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 16. Умри касеро хазон кардан

ба сари касе мусибате оварда, дилхушию таровати ҳаёти ӯро барбод додан.

Умр ба сар бурдан бо шавҳари дағалу бадмаст, норасогиҳои замони ҷанг ва тарбияи ин ду фарзанд, ба қавли худаш умри ӯро хазон карда буданд.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

### 17. Умри касе хазон шудан

беҳуда, бо азобу укубат, бо мусибат гузашта ба охир расидани умр.

Умри ман шуд хазон, валекин ту
Ҳамраҳу дӯст шав бо лашкари рус,
Интиқому баҳои хунам гир
Аз фашистони дузди беномус.

*М. Миршакар, «Шеърҳо ва достонҳо».*

### 18. Умри худро хазон кардан

умри худро бе хушию хурсандӣ, беҳуда гузаронидан.

1. Намедонам инҳо умри ҷавонии худро то ба кай беҳуда хазон мекунанд. Кӣ мегӯяд, ки инҳо домоду арӯси нав! Охир одам ба дуньё даҳ бор намеояд, ки нӯҳ боражро аз пушти кор гашта сарф кунад...

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

2. — Дугонабозӣ накун, меҳмонгардӣ накун, бо одамҳо рафтуомад накун, танҳо худат дар хонаи торик шишта, умрата хазон кун! Фармони шумо ҳамин.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. Умри ҷавониашро хазон кардааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 19. Умраш монад

умраш боқӣ бошад, умраш дароз шавад.

Умраш монад, парторгамон Раҳматов ҷавони хеле боақл-дия...

*Ҳ. Содиқ, «Саркор ва мухбир» («Овози ҷавонон»).*

**УНС**

### 20. Бо касе унс гирифтан

1. хӯ гирифтан, одат кардан, 2. *Ниг.* Улфат гирифтан.

1. Ман оҳиста-оҳиста ба Зулайхо унс гирифта истодаам. Шояд ин ибтидои муҳаббат бошад, шояд ҳамин эҳсосоти ширин сабаб шаваду ман хонадор шавам.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

2. Дохунда ва Гулнор ҳам дар боғчаи умумӣ ба рӯи нимкат (харак) нишаста имрӯз охирин бор ин боғчаро, ки бо вай унс гирифта буданд, тамошо мекарданд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3. Дар зарфи сафари бисту якрӯза дар Кобул аз байин аҳли санъат, адабиёт ва матбуоти Афғонистон бисьёр дӯстони нав пайдо кардем, ба онҳо унсу улфат гирифтем.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**УРВОҚ**

### 21. Ба чизе урвоқ ҳам нашудан

ақаллан барои дафъи эҳтиёҷи ночиз ҳам нарасидани чизе.

1. — Дусади додаатон урвоқ ҳам нашуд. Ба такси базӯр расид.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

2. Панҷсад ё шашсад сӯм моҳона ба ин корҳо урвоқ ҳам намешавад.

*«Хорпуштак».*

**УСТУХОН**

## 22. Дар коре устухон надоштан

дар коре ниҳоят моҳир ва чустучолок будан.

1. — Албатта, шумо дар актмонӣ устухон надоред, рафиқ Қачакбоев!

*А. Деҳотӣ ва Б. Раҳимзода, «Фоизҷон Таърифхӯҷаев» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

2. Дар чаримаандозӣ ва дӯғу пӯписа устухон надорад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

3. Не, вай дар фиребгарӣ ҳам устухон надорад.

*«Хорпуштак».*

## 23. Ба устухони касе об давидан

*Ниг.* Ба бадани касе об давидан.

Бозор фарбеҳ шуда ба устухонаш об давид, толиби хизмат шуд, маҳз аз барои савоб ӯро ба чӯпонӣ гирифтам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 24. Устухон сафед кардан

1. дар азобу кулфати чизе пеш аз вақт пиру фартут гардидани касе, 2. дар коре хеле маҳорат пайдо кардани касе.

1. Ҳақиқатан аҳволи Раҳимҷонино бад буд: нони чорьяккорӣ шикамашонро сер намекард, бои лаънатӣ бошад, аз фиребу найранг даст намекашид, ҳамеша аз ҳаққи онҳо мезад, кампири бемор, ғура-шураи бисьёр, рӯзгори калон устухони он ду марди кориро сафед карда буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Вале барои муҳаррире, ки дар ин вазифа устухон сафед кардааст, гузаронда мондани ин хатоҳо магар айб нест?

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

## 25. Устухони касе сафед шудан

1. пиру фартут шудан, 2. дар коре маҳорат, малака ва таҷрибаи зиёд пайдо кардан.

1. — Ҳеҷ кас табиати замини водии Гулистони моро монанди ман намедонад. Ман ба ҳар ваҷаб хоки ин замин лахти ҷигар, араҷи ҷабин рехта аз он ҳосил бардоштам. Устухони ман дар кори деҳқонӣ сафед шуд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Дирӯз аз тухм баромада ба ман, мане ки устухонам дар пахтакорӣ сафед шудааст, сабақ ёд доданӣ мешавад, тавба!

*Ҷ. Икромӣ, «Сангалӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

3. Устухони мани бечора аз калтак сафед шуд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

4. Устухонам аз машаққат шуд сафед,
Эй худо, охир гуноҳи ман чӣ буд?

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

## 26. Устухон сахт шудан (ғаштан)

1. ба қувват даромадан, 2. калон шудан, 3. ба коре зиёд машғул шудан.

1. Вагарна касе ки миршаб шуда устухонаш аз нону намаки ҷаноби Олӣ сахт шудааст, магар ба ҷаноби Олӣ теғ мекашад?

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Устухонам гашта сахт аз кӯдакӣ бо шири ту,
Растам озод андар ин оғӯши оламгири ту.

*А. Деҳотӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

3. Барои ононе ки устухонашон дар меҳнати деҳқонӣ сахт шудааст, якбора ба шаҳр кӯчида рафтан кори осон набуд.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 27. Ба устухон-устухони касе таъсир кардани чизе

ба касе ниҳоят таъсир кардани чизе.

— Ҳе, вай аз ким-куҷоҳо даромад карда, чунон гапҳои маъқулро гуфт, ки ба устухон-устухонам таъсир карда рафт.

*Ҳ. Содиқ, «Саркор ва мухбир» («Овози ҷавонон»).*

### 28. Устухони касеро хоидан

касеро таъна кардан; бад гуфтан дар ҳаққи касе, касеро сиёҳ намудан.

1. Пас аз ҳамин гап Мухтор фаҳмид, ки мақсад аз ин қадар ба сад забон гап зада устухони Маҳмадзиёро хоидан чист.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. — Ана акнун ин ду тани молу ҷоҳпараст устухони марҳумро мехоянд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 29. Устухон шах шудан

*Ниг.* Устухон сахт шудан.

1. Ин ҷо ҷои таваллудгоҳи ман аст, хуни нофам дар ҳамин ҷо рехтааст, дар ҳамин ҷо уструхонам шах шуда, то ҳамин вакт рӯз гузаронидам.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Устухонаш бо ошу нони деҳқонӣ шах шудааст...

*«Тоҷикистони советӣ».*

## УСУЛ

### 30. Усул дар (ба) дасти нағорачӣ (нақорачӣ)

дар дасти соҳибкор будани ихтиёри чӣ навъ ҳал намудани масъалае.

1. Инро ман кайҳо боз фикр карда мегаштам, ки барои чӣ Ситораҷон қаҳрамон нашаванд? Охир усул-ку дар дасти нағорачӣ (падари Ситора раиси колхоз буд — *М. Ф.*).

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон).*

2. — Усул ба дасти нақорачӣ, домулло! Ба ҳамин китоб як тақриз навишта медиҳед-дия.

*«Шерони буздил», («Шарқи сурх»).*

3. — Парво накунед, усул дар дасти нағорачӣ гуфтаанд. Ҳуҷҷатро худам месозам...

*«Хорпуштак».*

### 31. Ба усули шалғамбаркаш ҳақ гирифтан

1. аз арзиши аслаш зиёд ҳақ гирифтан, 2. муфт, бедарди миён ҳақ гирифтан.

Онҳо мехоҳанд, ки дар сояи давлати колхоз шаш рӯз кор накарда, як рӯз истироҳат кунанд ва ба усули шалғамбаркаш ҳақ гиранд.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

**УШТУР**

### 32. Уштур ба элак лангидагӣ барин

*Ниг.* Уштур ҳамаро бардоштаасту ба элак лангидааст.

Аз шаҳр ба қишлоқи ҳамсояамон қубурҳои водопровод гузаронидаанду ба қишлоқи мо не. Уштур ба элак лангидагӣ барин гӯё барои қишлоқи мо маблағ нарасида монда бошад.

### 33. Уштурро бо кафлез об додан

1. ба миқдори ками чизе касеро қонеъ кунондани шудан, 2. кори бефоида кардан.

Уштурро бо кафлез об додан мумкин нест. Ободии дашт об талаб мекард — оби фаровон!

*А. Деҳотӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 34. Уштурро гуфтам, ки ғамза кун, полизро вайрон кард

ман аз ӯислоҳи корро пурсидам, ӯ корро боз ҳам вайронтар кард; корро ба касе супурда, аз амали вай зиён дидан.

Ҳамин хел «уштурро гуфтам, ки ғамза кун, полизро вайрон кард» гуфтагӣ барин ӯ оқибати корро ланҷ карда, танга барин ҷароҳатро табақ барин карда монд.

*«Хорпуштак».*

### 35. Уштур (-и сафед) дидӣ? — Не!

сирро ҳаргиз ошкор накун, он чӣ дидӣ ба касе нагӯй.

1. Аммо ҳар чӣ, ки дар ин ҷо гуфтем, писарҷон, дар худи ҳамин ҷо монад. Уштур дидӣ? — Не!

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. — Уштури сафед дидӣ? Ман ҷавоб додам: — Не.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 36. Ба уштур янтоқ лозим бошад, гарданашро дароз мекунад

агар ба касе чизе лозим бошад, бояд худаш дар ҳаракати ба даст даровардани он шавад.

Ба уштур янтоқ лозим бошад, гарданашро дароз мекунад-дия. Ба ҳар кас китоб лозим шуда монад, як сари қадам ба ягон шаҳре рафта ёфта гирад-дия.

*«Хорпуштак».*

### 37. Уштур ҳамаро бардоштаасту ба элак лангидааст

1. кори калон, мушкилро анҷом дода, дар пеши кори хурде оҷиз шуда мондан, 2. кори асосиро иҷро намуда, дар пеши кори дуюмдараҷа оҷиз шуда мондан.

«Уштур ҳамаро бардоштаасту ба элак лангидааст» гуфтагӣ барин хуҷандиҳо ҳосили фаровони пахтаро парвариш карда расонидаанду вале тайёриро ба маъракаи пахтачинӣ дар токчаи аъло таҳ карда мондаанд.

*«Хорпуштак».*

## Ф

**ФАЙЗЬЁБ**

### 1. Файзьёб шудан

1. баҳраманд шудан, 2. хайр дидан.

Аз суҳбати шумо файзьёб нашудем.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ФАЛАК**

### 2. Фалак ба коми касе гардиш кард (гардид)

1. барои иҷрои мақсади касе шароити мусоид муҳайё гашт, 2. бахти касе тофт.

1. Имрӯз фалак ба коми ман гардиш кард, ман имрӯз аз зиндаи Одина ва мурдаи Бибиоиша интиқом мегирам.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. Рӯзе шуд, ки фалак ба коми Арбоб гардид, Бибиоиша ба даруни нокомиҳо, номурodиҳо ва маъюсиҳо як ҳафта бемор хобида вафот кард.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

**ФАЛОКАТ**

### 3. Фалокат аз таги по мебарояд

бадбахтӣ, мусибат ногаҳон, тасодуфан рӯй медиҳад.

1. — Онҳо дар ақиб истодаанду тир аз куҷо мерасад?
— Ба ногоҳ-дия, писарам, «Фалокат аз таги пой мебарояд» мегӯянд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. — Ҳеҷ кас гумон намекард, ки фалокат аз таги по мебарояду духтари ҷавон ба доми марди ноинсофи занҷаллоб меафтад.

*«Хорпуштак».*

### 4. Фалокат дар таҳти пост

*Ниг.* Фалокат аз таги по мебарояд.

— Фалокат дар таҳти пост мегӯянд,— гуфт Шарофатхола, ба суханаш давом дода...

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

### 5. Фалокат сар задан

бадбахтӣ рӯй додан.

— Боз ягон фалокат сар назанад мегӯям, духтарҷон...

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

**ФАЛОН**

### 6. Фалону беҳмадон

*Ниг.* Фалону бисмадон.

1. Писараш ҳам ӯҳдабаро, пульёб, фалону беҳмадон гуфта таъриф мекунад.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. Бо ҳар гуна дӯғу пӯписаҳо, аз қабили «ту ҳоло гарди китобхона нахӯрдай, фалон нусхаи китобхонаҳои Ғарбро надидай» ва фалону беҳмадон ӯро ба нодонӣ мебароранд.

*А. Деҳотӣ, «Чанд сухан дар бораи омӯзиш ва нашри осори гузаштагони мо» («Шарқи сурх).*

### 7. Фалону бисмадон

монанди ин, ва ғайра, ину он.

1. Боз муҳаррир маро ба тахтакашак мекашад, ки сусткору фориғболу фалону бисмадон...

*С. Салоҳ ва Л. Демидчик, «Бартарӣ ва камбудиҳои як роман» («Шарқи сурх»).*

2. Шумо гурусначашмон бо хӯрдан сер намешавед, фалон мекунед, бисмадон мекунед... гӯён тамом девона шуда меравад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ФАРБЕҲӢ**

### 8. Фарбеҳиро бардоштан

*Ниг.* Фарбеҳиро гӯсфанд мебардорад.

Чӣ тавре ки халқ мегӯянд, ин дар ҳаққи Михаил, бисьёр дуруст аст.— Вай фарбеҳиро бардошта натавонист.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 9. Фарбеҳиро гӯсфанд мебардорад

ба он касе гуфта мешавад, ки ба мансабу пулу чизи худ парида калонигарию такаббур карда, ба осебе гирифтор шудааст: охири мансабдории бо карру фар, ба пулу мол паридан ба хайр нест.

1. — Аз куҷо ҳамин кас ин қадар калону баобрӯ шуданд. Хонем коза буду дилам тоза буд, отунҷон. «Фарбеҳиро гӯсфанд мебардорад» мегӯянд, рост будааст.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Фарбеҳиро гӯсфанд мебардорад, мегӯянд. Фоидаи бисьёру бедардимиён Убайдуллоҷонро маст кардан гирифт. Вай ҳатто мӯйсафедонро «ту» мегуфтагӣ шуд.

*«Хорпуштак».*

**ФАРЗ**

### 10. Фарзу суннат будан

ҳатмӣ будан, лозим ва зарур будани иҷрои коре.

1. Албатта, омӯхтани назми классикӣ фарз ва суннат аст.

*Ғ. Мирзо, «Сафар ба диёри дӯстон»*

2. Вале муҳофизати шоҳаншоҳ, ки нури дидаву тоҷи сари мардуми саодатманди сарзамини мо ҳастанд, барои ин фақирулҳақир ҳам фарз асту ҳам суннат.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

**ФАРЗАНД**

### 11. Фарзанд — асои дами пирӣ

дар пирии падару модар фарзанд мададгори онҳост.

— «Фарзанд — асои дами пирӣ» гуфтаанд бузургон. Ин рост аст. Қошкӣ ҳозир Эргаши ман зинда мебуд.

*А. Бобоҷон, «Ту ба писарам монандӣ» («Занони Тоҷикистон»).*

### 12. Фарзанд дидан

Фарзанддор шудан, соҳиби фарзанд гардидан.

1. — Гуфтагӣ барин, Саодат ба ҳамин қарибӣ фарзанд мебинад.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

2. Расад рӯзе, ки худ фарзанд бинад,
Чу модар назди фарзандон нишинад.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 13. Фарзанди оташ — хокистар

мувофиқи ақидаи пешиниён аз падару модари бад фарзанди бад меруяд.

«Фарзанди оташ — хокистар» гуфтагӣ барин, Дадомат Ҳоҷиматови сисола аз паси касбу кори падару furбобоҳояш афтида, агрономиро мепартояд ва бо роҳи ёфтани даромади бедардимиён, мисли кана, часпида мегирад.

*«Хорпуштак».*

### 14. Касе, чизеро фарзанди ӯгай ҳисоб кардан

касе, чизеро бегона шуморидан, ба касе ё чизе ҳамчун фарзанди ӯгай, беилтифотона ва сарддилона нигоҳ кардан, диққат накардан.

Чунки дар як қатор районҳо китобро фарзанди ӯгай ҳисоб мекунанд.

*«Хорпуштак».*

**ФАРМОН**

### 15. Аз фармони касе набаромадан

фармони касеро итоаткорона ба иҷро расонидан; ба фармони касе итоат кардан.

— *Мо* тақсирамро ҳурмат мекунем, аз фармонашон намебароем...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ФАРМОНБАРДОРӢ**

### 16. Фармонбардорӣ кардан

итоат кардан, мутеъ шудан.

Фармонбардорӣ кардани шумо ба онҳо маъқул нашуд.

**ФАРОВЕЗ**

### 17. Ба фаровези даҳани худ нигоҳ карда гап задан

1. мулоҳиза карда гап задан, 2. аз рӯи одоб гап задан.

1. Шуморо куп на барои он котиб таъин кардааст, ки ба сари ҳама дуғ занед! Шумо, ҳар чӣ ҳам бошад, ба фаровези даҳонатон нигоҳ карда гап занед!

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора, («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

2. — Эҳтиёт шуда, ба фаровези даҳонат нигоҳ карда гап занӣ хуб аст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 18. Фаровез шуда натавонистан

*Ниг.* Нӯги остин шуда натавонистан.

Ман ӯро шаҳри калон гуфтаам,— аз дил мегузаронад вай,— дар пеши ин шаҳр вай чист? Нӯги остину фаровез шуда наметавонад-ку!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**ФАРОШТУРУК**

### 19. Фароштуруки аввалини баҳори чизе будан

намунаи нахустини чизе будан.

Пул ва ғаллаи яклухта, ки имрӯз мегирифт, фароштуруки аввалини баҳори меҳнатии ӯ буд.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

**ФАРТ**

### 20. Фарт рафта шарт мондан

1. хастаю лоғар шуда мондан, беқуввату бедармон шудан, 2. пир шуда мондан.

— Аммо мебинед, ки қоматамон хамидааст, фартамон рафта шартамон мондааст, акнун ба ҳамин аҳвол боз маро ба ҳар кор мондан аз рӯи инсоф нест, саркор.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

**ФАРЬЁД**

### 21. Ба фарьёди касе расидан

ба касе ёрдам кардан; эҳтиёҷи касеро қонеъ кунондан.

Одина аз ҳавли ҷон наъра ва фиғон кашида мардумро ба ёрмандӣ мехонд. Аммо кист, ки ба фарьёди ӯ бирасад?

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

**ФАРҚ**

### 22. Фарқи сари касе яла шудан

*Ниг.* Пеши чашм кушода шудан.

Бозор бо шунидани ин таклифи бой хоб буд, бедор шуд, маст буд, ҳушьёр шуд, ва фарқи сараш яла шуда акнун донист, ки он ҳама «дилсӯзи»-ҳои бой ва далолатҳои арбоб ба тӯй кардан барои чӣ будааст...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ФАСОД**

### 23. Фасод хезондан

фитнаву иғво бардоштан; сабабгори ҷанҷоле гардидан.

— Метарсам, ки ягон фасодро нахезонад.

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор».*

**ФАҲМ**

### 24. Фаҳми касе ба чизе расидан

*Ниг.* Ақли касе ба чизе расидан.

— Дар ин сурат кор ланҷ мешуд. Хайрият, ки фаҳми ман ба ин расид,— гуфт Ҳасанбой.

*Қ. Наимӣ, «Ҳабиба» («Айёми мо»).*

### 25. Ба фаҳми чизе рафтан

1. чизеро фаҳмидан, дарк кардан, 2. роҳи кореро донистан, 3. аз чизе пай бурдан.

1. Вай ҷавон, сабзида истодааст. Ба фаҳми кор меравад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Худатон ба фаҳми гап мераведу лекин фикр намекунед, ки ба духтарҳои ин замона гап рост намеояд.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

3. Ман фаҳмидам, ки модарам ба ин тариқ ашӯлахонии меҳмонро бас кунонданӣ аст, лекин, мутаассифона, меҳмон ба фаҳми ин намерафт...

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

4. Баъд муаллимон аз гирифтани пули ноҳақ саркашӣ мекарданд, аммо Қосимов ба сари онҳо дӯғ зада, «нодонҳо ба фаҳми пульёбӣ намераванд» мегуфт.

*«Маориф ва маданият»*

**ФЕЪЛ**

### 26. Феъли касе ба касе форидан

хулқу хислати касе ба касе маъқул шудан.

Ба назари котиб як бор, ки хунук намудӣ, як бор, ки феълат нафорид, дигар аз ӯ гурехта ҳам халос шуда наметавонӣ.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 27. Феъли бад

1. хӯи бад, 2. рафтору кирдори бад, 3. бадҷаҳлӣ, тундхӯӣ.

— Аз феъли бад гардед ва ҳаёти ширинро талх накунед.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

### 28. Феъли касе бо феъли каси дигар рост (тӯғрӣ) наомадан

бо ҳамдигар рост наомадани феълу хӯи ду кас.

1. Феъламон рост наомад, барои ҳамин аз ҳамдигар ҷудо шудем.
2. — Феъламон тӯғрӣ наомад!

*Ш. Қиёмов, «Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат шав!» («Пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 29. Феъли касе гаштан

1. дар қаҳру ҷаҳл будан, тезу тунд, бадқаҳр шудан, 2. асабонӣ шудани касе.

1. Имрӯз феълатон гаштагӣ барин, вақти дигар гапзанон мекунем.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев, «Саодат» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

2. Феъли писарам гашта, ба ман ҳеҷ дуруст гап намезанад.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

## 30. Феъли касеро донистан

хӯй, рафтор, кирдори касеро донистан.

1. Азбаски феъли шавҳарашро медонист, дигар гап назада аз ҷояш бархост..

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. — Дигар ба ҳеҷ кас чуруққи накунед. Набошад, феъли маро худатон медонед-ку...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

## 31. Феъли касеро овардан

1. қаҳр, ҷаҳли касеро овардан, 2. касеро асабонӣ намудан.

— Ҳой ҳамшира, гапро хоида, феъламро набиёр, пушаймон мешавӣ...

*Қ. Наимӣ, «Рӯзи равшан».*

## 32. Феъли касе тез будан

1. бадҷаҳл, бадқаҳр будани касе, 2. асабонӣ будани касе.

Феълаш ҷудо ҳам тез будааст. Вай дар мактаб ҳамон гуна муаллими феълаш тез ҳаст, нест ҳам гуфта натавонист.

*«Газетаи муаллимон».*

## 33. Қасеро аз феълаш фуровардан

касеро таскин дода аз қаҳру ҷаҳлаш фуровардан ва ором кардан.

— Майлаш, бачем, хафа нашав! Худам ҳисобашро меёбам. Аз феълашон фуроварда равған барин нарм карда мемонам.

*Н. Ҳафиза, «Насиҳати дӯстона» («Истеъдодҳои ҷавон»).*

## 34. Аз феъли худ намондан

аз рафтору кирдори худ даст накашидан, тарки одат накардан.

— Сагҳои лаънатӣ, дар пеши ман ҳам аз феъли сагонаи худ намонданд.

*«Латифаҳои тоҷикӣ».*

### 35. Феъли худро партофтан

аз кирдору рафтори худ даст кашидан, тарки одат кардан.

Ман боварӣ дорам, ки оҳиста-оҳиста ин феълашро ҳам мепартояд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 36. Аз феъли худ фуромадан

1. аз қаҳру ҷаҳли худ фуромадан, 2. ором шудан.

1. — Қаримбой, ки суханони Мӯъминовро бодиққат гӯш мекард ва акнун аз феълаш фуромада буд, оҳиста гуфт...

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»).*

2. Аммо директори бечора боз ба ман дилдорӣ дода бовар мекунонд, ки ин гуна мардон рафта-рафта аз феълашон мефуроянд.

*«Газетаи муаллимон»*

3. — Ана, дидӣ, ман ҳанӯз аз феълам нафуромадаам

*Р. Ҷалил, «Ҳамида»*

### 37. Феълу хӯй

табиат, сиришт, мизоҷ, рафтор.

Вале чизе, ки бештар аз ҳама моро ба ӯ мафтун мекард, феълу хӯи ӯ буд.

*П. Толис, «Тобистон»*

### 38. Аз феъли шайтон гаштан

аз рафтору кирдори бад даст кашидан.

— Агар ҳеҷ илоҷе наёбам, худамро нобуд мекунам.
— Ҳай, ҳай, аз феъли шайтон гардед!

*С. Ғанӣ, «Тӯй»*

### 39. Феъле, ки бо шир даромадааст, бо ҷон мебарояд

он хӯю хислате, ки кас аз хурдӣ ба он одат кардааст, тарк карданаш амри маҳол аст.

1. Вай камаш 20 бор ба даст афтода, тавба кардааст, ки дигар аз кӯчаи савдогарӣ намегузарад, вале чӣ илоҷ, феъле, ки бо шир даромадааст, бо ҷон мебарояд мегӯянд.

*«Хорпуштак».*

2. «Тавба! — мегуфтанд онҳо,— Қаҳҳор ака, ки ин тавр мулоим шавад, маълум мешавад, ки зарбулмасали «феъли бо шир даромада бо ҷон мебарояд» нодуруст будааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ФИКР**

### 40. Фикри чизеро аз дил баровардан

орзӯи чизеро аз дили худ баровардан, чизеро орзӯ накардан.

Ман фикри зиндагиро аз дил бароварданам лозим.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 41. Фикрро аз сари худ баровардан

*Ниг.* Фикрро аз сари худ дур кардан.

— Набошад, ман бо номи ӯ хат менависам, ки вай ин фикрро аз сараш барорад.

*К. Носиров, «Орият».*

### 42. Фикрро аз сари худ дур кардан

чизеро фаромӯш кардан, дар бораи чизе дигар фикр накардан.

Ин фикрро аз сарат дур кун, ки ба сарамон ягон бало меорӣ!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 43. Фикр аз як ҷо баромадан

як хел, бо ҳам монанд будани фикри ду кас; бо якдигар ҳамақида будан.

Дар бештарини масъалаҳои сиёсӣ фикрҳои Ҷомӣ ва Навоӣ аз як ҷо мебаромаданд.

*С. Айнӣ, «Алишер Навоӣ».*

## 44. Ба (дар) фикри чизе, касе афтидан

1. дар орзӯи касе, чизе шудан, 2. дар бораи касе, чизе фикр кардан.

1. Агар бой ба фикри баде афтад, аз дасти ман ҷон ба саломат намебарад!

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Вай ба фикри модараш афтида буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Москва чӣ овардӣ?».*

3. Аз ҳамин рӯз сар карда ба фикри ба дасти худ даровардани ин ҳавлӣ афтод.

*Т. Усмон, «Найрангбозӣ барои ҳавлии нав» («Тоҷикистони советӣ»).*

4. Ӯ пеш аз ҳама хеле таассуф мехӯрд, ки дар замони вай хеле одамоне ҳастанд, ки дар фикри шиками худ афтода, ғайр аз хӯрду хоб кори дигар надоранд.

*А. Мирзоев, «Биноӣ».*

## 45. Фикри касеро вайрон кардан

майнаи касеро гиҷ кардан; касеро аз роҳ бероҳа кардан, гумроҳ кардан.

— Бутхона аллакай фикри туро вайрон кардааст...

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

## 46. Фикри касе гузаштан

эроди касе қабул шудан, фикри касе писандида гардидан.

Қошкӣ ягон бор фикри ту гузашта бошад...

*М. Миршакар, «Шаҳри ман» («Шарқи сурх»).*

## 47. Фикр давондан

фикр кардан, мулоҳиза рондан, андеша кардан.

1. Ин роҳ як роҳи хеле осон буд, ки пештар ба хотирам нарасида буд, аммо аҳволи музтаронаи Мулло-Туй-

чӣ маро маҷбур кард, ки ба ин кор фикр давонам ва ёбам.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

2. — Охир худатон фикратонро давонед!

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид».*

### 48. Фикри чизеро дидан

1. дар бораи чизе фикр, мулоҳиза намудан; ғами чизеро хӯрдан, 2. роҳи ҳалли масъалаеро андешидан.

1. Ростӣ, фикри нонро дидан даркор аст, бача ҳамин рӯзи озод намак начашидааст, аз нон гуфта гирья кардан кораш шуд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Корҳои гузаштаро ёд кардан, афсӯс хӯрдан нафъ надорад, фикри ояндаро дидан даркор аст.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3.— Медонед, худи раис фикри цементро бинад, ба шумо чӣ?

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 49. Фикру ишкам бародаранд

майнаат кор кунад, ишкамат сер мешавад.

Тоҷикон мақоле доранд, ки мегӯянд: «фикру ишкам бародаранд», яъне, дар ҳолате ки майна кор мекунад, ишкам ҳам бояд кор кунад.

*Ҳ. Назаров, «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона».*

### 50. Чизеро фикр карда баровардан

чизеро ихтироъ намудан.

Барои кирмак ягон витамин-питамин фикр карда намебароранд, ки корамон сад фоиз осон шавад.

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 51. Фикр карда дидан

ҳаматарафа фикру андеша кардан, хуб мулоҳиза кардан.

Боз худат фикр карда бин!

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 52. Фикри чизеро кардан

*Ниг.* Фикри чизеро дидан.

— Бинобар он буд, ки имшаб хостам ба шумо рӯ ба рӯ шуда, кушоду равшан гап занам ва фикри корамро кунам.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари ноком».*

### 53. Фикри касе кушода гардидан

*Ниг.* Фикру чашм кушода шуда.

Аммо аз он ҷо ки фикри Одина дар завод, дар миёни коргарон, хусусан дар ҷамъомадҳое ки ба муносибати Революцияи февраль шуда буд, кушода гардида буд...

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 54. Ба фикри касе, чизе расидан

ба ёд, хаёли касе, чизе омадан.

Хулоса, ҳар яке аз онҳо ҳар чи ба фикраш расад, мегуфт....

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидон» («Шарқи сурх»).*

### 55. Фикри касе рост омадан

гумони касе рост баромадан.

Салимбой гумон карда буд, ки Гулрӯ ҳозир фарьёд мезанад, нолаву фиғон мебардорад. Аммо фикри ӯ рост наомад.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 56. Ба (дар) фикр фурӯ рафтан

ғарқи фикр шудан.

1. Дар фикр фурӯ рафта будам...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. — Боз ба фикр фурӯ рафтӣ? Худаш чӣ гап?

*Ҷ. Икромӣ, «Зӯҳра».*

3. Сарашро кадре поён партофта, ба фикр фурӯ рафт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 57. Фикру хаёли касе ба чизе банд (будан)

фақат дар бораи чизе касе фикр кардан.

Фикру хаёлам ба пахта банд...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 58. Фикри касе хом будан

беасос будани фикру мулоҳизаи касе.

— Не. Фикрат хом аст.

*Қ. Наимӣ, «Соли 1916».*

### 59. Ба фикри худ будан

фақат ғами худро хӯрдан; овораи худ будан.

Гӯё қиёмат қоим шуда буду ҳар кас ба фикри худ буд.

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидон» («Шарқи сурх»).*

### 60. Аз фикри худ (бар) гаштан

1. фикри худро дигар кардан, 2. сухани худро гашта гирифтан.

1. Ман аз фикрам баргаштам.

*М. Миршакар, «Хатои Бобосафар» («Шарқи сурх»).*

2. Ман аз фикри худ нагаштаам, ҳозир ҳам мегӯям, ки ҳам касалхона ва ҳам бинои 70-квартирӣ дорои камбудиҳои калонанд.

*М. Миршакар, «Шаҳри ман» («Шарқи сурх»).*

### 61. Фикри худро гузарондан

*Ниг.* Гапи худро гузаронидан.

Ва ман ҳам розӣ намешавам, ки падари фарзандонам шахсе бошад, ки фикри худро гузаронида наметавонад...

*М. Миршакар, «Шаҳри ман» («Шарқи сурх»).*

### 62. Аз фикри худ гузаронидан

дар бораи чизе фикр кардан, аз хаёли худ гузарондан.

1. Сонитар, роҳравон аз фикраш гузаронд, ки ба гапи духтарак дурусттар ҷавоб гардондан лозим буд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

2. «Дар бораи ман фикр мекарда бошад-мӣ?» — фавран аз фикри худ гузаронд ӯ.

*Ҷ. Одинаев, «Колхозчидухтар»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 63. Аз фикри худ гузаштан

*Ниг.* Аз фикри худ (бар) гаштан.

— Содиқҷон, аз ин фикрҳоятон гузаред, ки дар акси ҳол бисьёр чизҳоро гум карданатон мумкин аст.

*Ғ. Абдулло, «Қарзи виҷдон».*

### 64. Ба фикри худ шудан

фақат ғами худро хӯрдан; овораи (манфиати шахсии) худ гардидан.

1. — Ман бояд ба фикри худ шавам. Ҳозир поён фуромада, гапашонро фаҳмам, канӣ, чӣ мегӯянд, баъд боз бо ту маслиҳат мекунам.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Модари амир фарьёде заду худро ба паси нимкат партофт. Дигарон ҳам ҳар кадом ба фикри худ шуда монданд (ба рӯи ҳавлӣ тӯп афтида буд — *М. Ф.*).

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 65. Фикру чашм кушода шудан

фикри касе равшан гардидан, чизеро дониста бомаърифат гардидан; аз чизе бохабар гаштан.

Азбаски фикру чашми ӯ дар сӯҳбати Аҳмад-махдум кушода шуда буд, ба замон ва аҳли он ва хусусан ба амир ва дарбориёни ӯ ва ба уламои расмӣ ба назари танқид нигоҳ мекард...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 66. Ба фикри касе шарик шудан

1. фикри касеро писандидан, 2. бо касе ҳамфикр шудан.

Ин табассум аломати он буд, ки вай ба фикри ҳамсӯҳбаташ шарик намешавад.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 67. Ба фикри чизе шудан

1. дар паи чизе шудан, 2. дар орзӯю ҳаваси чизе афтодан.

— Рафта ба фикри кор шавед, ки бевақт шуд.

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман, «Гуноҳи кӣ?».*

### 68. Фикри касе яла шудан

*Ниг.* Фикру чашм кушода шудан.

Ба ҳар ҳол шубҳае нест, ки вай аз худи ҳамин сафари якӯм фикраш хеле яла шуда ва бисьёр чизҳоро фаҳмида баргашт.

*С. Улуғзода, «Аҳмади Дониш».*

**ФИРЕВ**

### 69. Ба фиребу найранги касе афтидан

аз касе фиреб хӯрдан, ба фиреби касе бовар кардан.

Асои ҷавон, ки дар дилаш чирке ва дар ботинаш шайтанате надошт, боз ба ин фиребу найранг афтид...

*Ҷ Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ФИРЕБКӮЗА**

### 70. Фиребкӯзаи касе шикастан

фиреби касе ошкор, фош шудан.

Баъд аз он, ки фиребкӯзаи Ҳасан шикасту симои қабеҳ ва олуфтагии найрангбоз фош гардид, ба назди Тошхон намеомадагӣ шуд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ФИС**

### 71. Фис-фис карда нишастан

кореро хеле суст иҷро намудан, дар иҷрои коре сустӣ кардан.

Фис-фис карда нанишаста ошро тезтар пазетон!

**ФИСФИСАК**

### 72. Фисфисаки маизкӯбак

1. хаппаки ба кори худ ҳушьёр, 2. маккори худро зоҳиран содда нишондиҳанда.

1. — Сағираҳо бало мешаванд, худат бехабар мемонӣ, ки аз дасти онҳо ба бало гирифтор шудаӣ. Ин хелаша фис-фисаки маизкӯбак мегӯянд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

2. Вай мехоҳад, ки аз об хушк бараояд. Вале ба фикри мо ин фис-фисаки мавизкӯбак ба мақсади худ ноил шуда наметавонад.

*«Хорпуштак».*

**ФИҒОН**

### 73. Фиғони касе ба фалак расидан

1. сахт ба доду фарьёд омадани касе, 2. ниҳоят бадқаҳру оташин шудани касе.

Аз ҳавлии истиқоматкунандаи кӯчаи... зӯран 5—6 метрро ба ҳавлиам ҳамроҳ кардам. Фиғони ин одам ба фалак расида бошад ҳам, арзашро касе напурсид.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 74. Фиғони касеро баровардан

1. қаҳру ғазаби касеро овардан, 2. касеро ба доду фарьёд овардан.

Ин мусибат фиғони холаро ба осмон баровард.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

### 75. Фиғони касе баромадан

1. қаҳру ғазаби касе омадан, 2. доду фарьёд кардан.

Дид, ки Ҳамида нест, косаи ош аз токча афтода шикастааст. Фиғонаш баромад.

*«Раҳбари дониш».*

### 76. Фиғон кашидан

дод гуфтан, оҳу нола кардан.

Гоҳо мегӯям, ки гирья кунам, фиғон кашам, диламро холӣ кунам...

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 77. Ба фиғон омадан

*Ниг.* Фиғони касе баромадан.

Хуни халқи мазлум беҳад рехта шуд, мардуми Бухоро ба фиғон омаданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## ФОИДА

### 78. Фоидаи сабзӣ аз паи зиёни шалғам барбод рафтан

1. аз паи фоидаи ночизе рафта, зарари калон дидан, 2. фоидаи чизе ба зарари чизе баробар гардидан.

Салимбой аз ин касб дасту дилашро шуста, тахтаю тиракашро ғундошт, чунки фоидаи сабзӣ аз паи зиёни шалғам барбод мерафт.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

### 79. Фоидаи сабзӣ ба камомад (зиён, зарар)-и шалғам нарасидан

*Ниг.* Фоидаи сабзӣ аз паи зиёни шалғам барбод рафтан.

Онҳо коре мекунанд, ки фоидаи сабзӣ ба зарари шалғам нарасида мемондааст.

*«Хорпуштак».*

### 80. Аз фоида холӣ набудан

бефоида набудан, фоида доштан.

Дар ин ҷо агар дар бораи муддати ҳукмронии амирони манғит маълумоти кӯтоҳи хроникавӣ дода гузарем, аз фоида холӣ намешавад.

*С. Улуғзода, «Аҳмади Дониш».*

**ФОЛ**

### 81. Фоли бад ё нек гирифтан

тасодуфи баде ё некеро пешакӣ нишонаи оқибати нек ё бади коре ё ҳоле донистан.

1. — *Ман аз номҳои шумоҳо ҳамин тавр як фоли хайр гирифтам.*

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. — Хезед,— мегӯяд Абӯбакр ба Рӯдакӣ,— ман фоли нек гирифтам.

*С. Улуғзода, «Қисмати шоир».*

### 82. Фоли касе дуруст баромадан

дуруст баромадани пешомади муайянкарда, гумон ва эҳтимоли касе.

Ин фоли ҳезумкаш дуруст баромад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 83. Фол задан

*Ниг.* Фоли бад ё нек гирифтан.

— Шумо магар «Великий князь» гуфтан мехоҳед, ки мудир ба мо ҳам борҳо дар бораи ӯ «фоли нек» зада буд? — тарҷимон эзоҳ дод.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

**ФОТИҲА**

### 84. Фотиҳа гирифтан

1. барои чизе розигии касеро гирифтан, 2. пеш аз иҷрои коре барои муваффақияти он нияти хайрхоҳона, бахти сафед, кушоиши корро пурсидан.

Ӯ ба табибӣ аз падараш фотиҳа гирифта ҷонишин шудааст.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 85. Фотиҳа додан

1. барои чизе ба касе розигӣ додан, 2. ба касе роҳи сафед, бахти нек, кушоиши кор хостан.

Ба мудири савдо... фотиҳа дод, ки аз Орҷоникидзеобод 6000 сар ҷӯҷаи якрӯза харида биёрад.

*«Хорпуштак».*

### 86. Фотиҳа мӯҳри худост

аҳду паймон, қавлу карорро ҳаргиз вайрон кардан мумкин нест.

1. — Худоро шукр, худамо акнун давлат шудем; лекин касоне, ки дар ин маҷлис ҷамъ омада фотиҳа хонданд, аҳду паймони худро нашикананд, чӣ будани «фотиҳа»-ро аз ёд набароранд...— фотиҳа «мӯҳри худост», тақсир! Қасе ки фотиҳаро мешиканад, гӯё ки мӯҳри худоро шикастааст, — гуфт як мулло.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Магар ту фаромӯш кардӣ, ки бо духтари холаат гаҳворабахшӣ,— мегуфтанд модарам.— Фотиҳа мӯҳри худост. Қасе, ки фотеҳаро вайрон кунад, ҳаргиз намеосояд.

*«Маориф ва маданият».*

### 87. Фотиҳаи сафед талаб намудан

бахти нек хостан, дуои хайр кардан; бахти нек ва муваффақият орзӯ кардан ба касе.

Пеш аз он ки Ёдгорро ба шогирдпеша супорад, барои «ҳалол кардани ҳаққи намак» ин воқеаро ба Азимшоҳ ҳикоя карда, аз вай барои Ёдгор «фотиҳаи сафед» талаб намуд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ФУК**

### 88. Фукро ба осмон бардоштан

касеро таърифу тавсиф карда аз худ равондан, 2. мағрур ва ҳавобаланд гардидан.

1. Бояд ҳамаи мо ӯро иззат кунем, аммо иззату ҳурмат гуфта фукаша ба осмон бардошта мондан ҳам хуб нест...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Усмонов акнун фукашро ба осмон бардошта, аз давлату савлати худ фахр мекард, болу пар мебаровард, назараш касеро намегирифт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 89. Фуки худро овезон кардан

маъюс шудан, рӯҳафтода гардидан.

— Исто, ки ҳамин хел хабари хушро оварда худат чаро фукатро овезон кардӣ?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 90. Фуки худро тиққондан

мудохила кардан, аралаш шудан.

— Қори худатро дону ба кори дигарон фукатро натиққон.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**ФУРСАТ**

### 91. Фурсатро аз даст додан

аз шароити мусоид истифода набурдан, барои иҷрои коре мавриди муносибро беҳуда гузарондан.

Фурсатро аз даст надода, ба кофтукови духтар шурӯъ карданд.

*Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 92. Фурсат аз даст рафтан

*Ниг.* Фурсатро аз даст додан.

Вале фурсат, ки аз даст рафта буд, ҳосили фаровон таъмин карда нашуд.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»).*

### 93. Фурсат ба даст омадан

*Ниг.* Фурсат рост омадан.

Яъне фурсати муносиб ба даст намеомад...

*Ҷ. Икромӣ, «Ҳаёт ва ғалаба».*

### 94. Ба фурсат ба ҷое омадан

дар ягон вақти муносиб ба ҷое омадан; ба ҷое зиёдтар ва бемалол нишастанӣ шуда омадан.

— Дафъи дигар ба фурсаттар меоям,— гуфт хола ба вай ва хайру хуш карданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 95. Фурсат рост омадан

барои иҷрои коре фароҳам омадани вақти қулай, шароити мусоид.

— Мо бояд дар ҳар фурсат, ки рост меояд, дар фикри худ бошем.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 96. Фурсати сархорӣ надоштан

ҳеҷ вақти холӣ надоштан, ниҳоят серкор будан.

Фурсати сархорӣ надоштам.

*П. Толис, «Тобистон».*

### 97. Фурсат танг

*Ниг.* Вақт танг.

1. — Ин ҷо биё, ба ман даст ба даст кун. Фурсат танг.

*С. Ғанӣ, «Магнитофон»*
*(«Маориф ва маданият»).*

2. Акнун мо заминҳои худро дар вақташ шудгор карда наметавонем, фурсат танг.

*К. Носиров, «Орият».*

### 98. Фурсатро ғанимат донистан

аз вақти қулай ба даст даромада дуруст фоида бурдан; мавқеъро мусоид шумоstart.

Шарофат ҳам, аз афти кор, фурсатро ғанимат донista, аз паси ӯ берун рафт...

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

**ФУРӮХТА**

### 99. Фурӯхта хӯрдан

чизеро фурӯхта пулашро ба эҳтиёҷи худ сарф кардан.

1. Як барзагов ва як модаговро тирамоҳ фурӯхта пулашро хӯрда будам.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Пулам тамом шуд, молҳоро фурӯхта хӯрдам.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 100. Ба касе фурӯхта шудан

1. ба касе дода шудан, 2. мутеи касе гардидан.

— Азбаски ба бой фурӯхта шуданд, тамоман ба лагери ӯ даромада ба лойқаи ӯ пойфурӯрак рафтанд,— гуфт Самади Мӯзадӯз...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

## Х

**ХАБАР**

### 1. Хабари обнарасида

хабаре ки онро ҳанӯз касе нашунидааст, хабари наву тоза.

Ман барои шумо хабари обнарасидае овардам.

**ХАВОТИР**

### 2. Ба хавотир афтидан

1. ба тарсу ваҳм афтодан, 2. ба ташвиш афтодан, безобита шудан,

1. Ӯро бо чунин ҳол дида ба хавотир афтод.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Кампир аз ин аҳволи писараш ба хавотир афтода, бо овози хастаи худ пурсид:

— Писарам, ба ту чӣ шуд, ин қадар ранги рӯят кандааст, магар нотоб шудӣ?

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 3. Хавотир кашидан

1. *Ниг.* Ба хавотир афтидан, 2. парешон шудан, ба ташвиш мондан.

1. Аз аҳволи ояндаи ман хавотир накашӣ ҳам, мешавад.

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат».*

2. Боз дар хона будагиҳо хавотир кашида нашинанд...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

**ХАВФ**

### 4. Ба хавф афтидан

*Ниг.* Ба хавотир афтидан.

— Ҷаноби олӣ аз ҷадидҳо ба хавф афтидаанд,— гуфт бо воҳима Мушаррафа.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 5. Хавф бурдан

1. аз касе, чизе тарсидан, ҳаросидан, 2. бадгумон шудан.

— Чӣ, ягон гап ҳаст-мӣ? — пурсид ӯ хавф бурда...

*«Маориф ва маданият».*

**ХАЁЛ**

### 6. Хаёл аз сари касе паридан

*Ниг.* Ҳуши касе аз сар паридан.

Пахтаи кирмхӯрдагиро дид,
Низ аз сар хаёли ӯ паррид.

*М. Диёрӣ, «Кӯли булӯрин».*

### 7. Хаёл ба ҷои дигар рафтан

мавзӯи сӯҳбатро аз хотир бароварда, дар бораи чизи дигар фикр кардан.

— Э, мебахшед хаёлам ба ҷои дигар рафтааст.

*«Хорпуштак»*

### 8. Аз хаёл гузаштан (чизе ё касе)

дар бораи касе, чизе фикр кардан.

Ман бо ҳеч кас нагаштаам ва ин аз хаёлам ҳам нагузаштааст!

*Ҷ. Икромӣ, «Ғусса» («Шарқи сурх»).*

### 9. Аз (ба) хаёли чизе, касе гузаштан

1. дар бораи чизе ё касе дигар фикр накардан, 2. орзуи касе, чизеро аз фикри худ дур кардан.

1. — Дар он сурат аз хаёли тӯй, орзу ва ҳавас гузаштан даркор.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. Яъқуббой ва арбоб сар шуда тӯйро ба тарзе, ки ба хаёли Бозор ҳеч намегузашт, исрофкорона гузарониданд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 10. Хаёли касеро гурезондан

касеро парешонхотир кардан, ба ташвиш андохтан.

1. Вай дар ҷои кораш набуд. Худи ҳамин хаёли маро гурезонд.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

2. Як-ду даҳон гапи кампир хаёли ӯро гурезонд.

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Москва чӣ овардӣ?».*

### 11. Хаёли касе гурехтан

1. парешонхотир, хавотир шудан, 2. аз ҳуш рафтан (дар вақти беморӣ).

Ду рӯз боз хаёлаш мегурезад, сафсатта мегӯяд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 12. Ба хаёли кӯкнор

1. дар авҷи кайфи кӯкнор, 2. орзую ҳаваси беасос, бемаънӣ.

— Ба хаёли кӯкнор, ту аз ҳар чиз ваҳм кардан мегирӣ...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 13. Ба хаёл печ хӯрдан

ба банди хаёлот афтодан, фикр карда мондан.

Одамҳо бо чӣ мақсадҳо хун рехта истодаанду ту ба чӣ хаёлҳои бемаънӣ печ хӯрдаӣ?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 14. Ба хаёл расидан

1. ба хотир омадан, 2. гумон кардан.

Ба хаёли кӣ мерасад, ки моҳонадиҳиро фаромӯш кардаанд!

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 15. Хаёли хом

орзую ҳаваси беасос.

1. Албатта ин хаёли хом буд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

2. Ҳар кӣ мағрури фазли хеш шавад,
Аз ақиби хаёли хом равад.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

### 16. Ба хаёли худ овардан

тасаввур кардан.

Аз ин зиёдтараша ба хаёлашон ҳам намеоваранд.

*С. Улуғзода, «Шодмон».*

**ХАЁЛӢ**

### 17. То хаёлӣ ба хаёл расад, таваккалӣ ба хона расад

то каси тарсончак ва беқатъият хаёли иҷрои кореро мекунад, ки одами ҷасур аллакай онро ба иҷро мерасонад.

— Дуруст аст, хаёлӣ то ба хаёл расад, таваккалӣ ба хона мерасад, мегӯянд. Ба кор сар кардан гиред!

*Ҷ. Икромӣ ва М. Қосимов, «Роҳи бахт».*

**ХАЗОН**

### 18. Ба касе, чизе хазон омадан

1. фаро расидани интиҳои чизе, расидани вақти марги касе, 2. ба афсурдагӣ рӯ ниҳодани чизе.

Хазон омад ба боғи аҳли сарват,
Ҳаме ояд баҳори аҳли меҳнат.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 19. Ба хазон рафтан

нобуд, бар бод шудан, ҳалок гардидан.

Лекин, насазад нола, ки аз гулшани шӯро,
Сад гул расад он рӯз, ки як гул ба хазон рафт.

*С. Айнӣ, «Ашъори мунтахаб».*

### 20. Хазон шудан

1. пажмурда шудан, 2. нобуд гаштан, ҳалок гардидан, мурдан.

1. Духтараки нозанин зарду хароб гардида, хазон шуд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

2. Духтари ширинамро писари як муфтӣ дилкаф кард, дар вақти ҷавониаш хазон шуд...

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор».*

3. Нашавад дар чамани дил гули ишқи ту хазон,
Наканам нақши ту аз лавҳи дилу ҷон ҳаргиз.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

**ХАЙР**

### 21. Хайру баракат паридан

аз байн рафтани серию пурӣ.

Аз рӯзе ки ба ин ҷо кӯчида омаданд, аз хонадонашон хайру баракат парид.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 22. Хайри бериё

1. хайри бетамаъ, некии софдилона ва беғаразона, 2. бахшиш, инъом на аз барои худнамоӣ.

Ин кори ман барои устоҳо як ёрмандӣ аст, як хайри бериё аст...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

### 23. Хайру маъзур кардан

хайру хуш кардан, видоъ намудан.

Гашти рӯз бо чӯпонҳо хайру маъзур карда, боз ба сӯи колхоз равон шудем.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 24. Хайру маъзурро насия кардан

хайру хуш накардан, видоъ накарда саросема рафтан.

1. По ба рикоб гузорам-нагузорам ба асп савор шуда гирифта ва чунон, ки мегӯянд, «хайру маъзурро насия карда», роҳеро пеш гирифт.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Саидаҳмадов ба Улфатмоҳ хайру маъзурро насия карда, шабона ба тарафи райони Шуғнон гурехт.

*«Хорпуштак».*

**ХАЛТА**

### 25. Халтаи холӣ рост намеистад

*Ниг.* Ҷуволи холӣ рост намеистад.

— Сонӣ, духтари Александр, «халтаи холӣ рост намеистад», дилат набардораду иштиҳоят набошад ҳам, илоҷе карда хӯрок хӯрдан даркор.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 26. Халтаи ҷоғ кушода шудан

ба гапфурӯшӣ даромадан, ба беҳудагӯӣ шурӯъ намудан, сафсаттагӯӣ кардан.

Бо ҳамсояаш чилимро кашида, халтаи ҷоғаш кушода шуд...

*А. Сидқӣ, «Дар роҳ» («Шарқи сурх»).*

**ХАЛҚ**

**27. Халқ ба халқ ҳамроҳ шавад, давлат аст**

натиҷаи иттифоқ, аҳл шудан нек аст

— Қайҳо як кардан лозим буд! — гуфта монд Ғоиб амак.

— «Халқ ба халқ ҳамроҳ шавад, давлат аст» гуфтаанд.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

**ХАМИР**

**28. Хамири муштнахӯрда**

каси камтаҷриба, сахтии ҳаётро надида, хом.

— Ҳанӯз ҳам вай хамири муштнахӯрда-дия, додар, дар баъзе мавридҳо хомӣ мекунад.

*Ф. Ниёзӣ, «Ба водӣ нур меборад» («Тоҷикистон»).*

**ХАНДА**

**29. Қасеро ханда гирифтан**

хандаи касе омадан, ханда ғалаба кардан, хандаи худро нигоҳ дошта натавонистан.

Ин ҳолро дида маро ханда гирифт.

**30. Аз ханда рӯдакан шудан**

сахт хандидан.

1. — Ҳамин қадар ҳикояҳои хуб, хандаовар мегӯянд, ки одам аз ханда рӯдакан мешавад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. — Сабр кунед, ман худам ин рафтори шуморо чунон навишта мебароям, ки хонанда аз ханда рӯдакан шавад.

*У. Умаров, «Кӣ айбдор?» («Пьесаҳои якпардагӣ»).*

## ХАНДАХАРИШ

### 31. Хандахариш шудан

боиси хандаю мазоқи мардум шудан, масхара шудан.

— Ман орд, равған ва шакарро тайёр карда, дарро баста кор сар кардам, чунки «агар натавонам, хандахариш мешавам» гуфта метарсидам...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

## ХАР

### 32. Хари касе аз лой гузаштан

1. ба иҷро расидани кори касе, итмом ёфтани кори касе, 2. осон шудани мушкили касе, 3. ба орзую мақсади худ расидани касе.

1. Ниҳоят, падару модари Малоҳат ба доми фиреби ин корчаллон афтода, духтари худро ба шавҳар доданд. Аммо чун «хари Абдувосит аз лой гузашт» вай тамоми ваъдаҳояшро бароварда ба бод сар дод.

*«Занони Тоҷикистон».*

2. Чунки мо «харам аз лой гузашт» — примьера бо муваффақият баромад гуфтему дигар дар болои рольҳоямон кор накардем...

*П. Толис, «Ҳикояҳо».*

3. Ҷӯраҳои ман аъзои он ҷамъият набошанд ҳам, хайрхоҳӣ мекунанд ва дасти маро нигоҳ дошта истодаанд, ки сабр кун! Хайр, ман боз сабр мекунам, лекин акнун ту ба корат ҳушьёр бош, Фирӯзаро ҳам огоҳ карда мон! Ҳамин ки хари онҳо аз лой гузашт, ман қасоси худро мегирам, он вақт ту ҳам халос, Фирӯза ҳам!

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 33. Хар аз хар монад, гӯшашро мебуранд

аз қатормондагон мавриди маломат мешаванд, дар мусобиқаи чизе каси қафомондаро сарзаниш, маломат мекунанд.

1. «Хар аз хар монад, гӯшашро мебуранд» гуфтаанд, онҳое ки аз рафиқони худашон чизро камтар ба даст даровардаанд, кӯшиш мекунанд, ки аз хонаи деҳқоне чизе ба даст дароранд ва ҷои камиҳои худро пур кунанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. «Хар аз хар монад, гӯшаша бур» гуфтагӣ зарбулмасалро донед даркор... як рӯз писарам Суръатҷон наздам омаду гуфт:

— Падар, бо шумо мусобиқа карданиам.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 34. Хари касеро иш гуфтан

1. ба кори касе халал расонидан, монеъ шудан, 2. ба касе кордор шудан.

1. Ману ту чӣ кор кардем? «Хари киро иш, пишаки киро пишт ва саги киро тур гуфтем? Гуноҳи ман аст, ки баъд аз даҳ сол хидмат кардан як пул музд гирифта натавониста, аз дари хонаи Ҷалолиддин Амини ғичдувонӣ гурехтам...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Охир, харатро иш, гурбаатро пишт ва сагатро тур нагуфтаам-ку.

*С. Саидмуродов, «Шӯҳрати «Хорпуштак»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 35. Хари кӯру оғили танг

ба ҷои танг чизҳои нодаркорро ҷой дода боз ҳам тангтар кардан.

— «Хари кӯру оғили танг» гуфтагӣ барин дар хоначаи хурди мо ин кадар чиз барои чӣ лозимӣ? — гуфт Умарҷон.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

### 36. Хари лӯлиро об деҳу (дода) пулашро гир

1. қатъи назар аз кӣ, чӣ будани касе кори ӯро иҷро куну маздатро гир, 2. ҳар кор бошад бошаду аз он фоидае рӯяд; фақат манфиати худро донӣ бас аст.

1. Вазифаи мо кори ҳаррӯзаро мувофиқи гуфту фармони ҳаминҳо кардан ва моҳонаамонро гирифтан аст, инҳо бо босмачӣ як шаванд, ё ки босмачӣ шаванд, ба мо дахл надоранд, «хари лӯлиро об деҳу пулашро гир!» гуфтаанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Аммо пешакӣ ба бетонрезҳо гуфтам: бачаҳо, ҳар кас ки «хари лӯлиро об дода пулашро гир» гуфта дилу нодилон кор мекарда бошад, аз ҳамин рӯз диниста монад, бо ман қатӣ кор карда наметавонад.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

3. Баъзе аз роҳбарони пештара аз рӯи ҳикмати «хари лӯлиро об деҳу пулашро гир» амал карда, бо машғулиятҳои раиси нав муросо карданд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 37. Ба хар муносиб ҳангос, ба хурӯс муносиб овоз

ҳар кас мувофиқи ҳиммат ва қобилияташ кор мекунад, рафтор мекунад.

«Ба хар муносиб ҳангосу ба хурӯс муносиб овоз». Зиёфати бурьёкубон муддаои табъ буд. Бемуболиға даҳ хел таом пуханд.

*Р. Ҷалил, «Э, вой бар ман!»*
*(«Тоҷикистони советӣ»).*

### 38. Хари худро аз лой гузаронидан

1. кори худро ба иҷро расонидан, 2. ба мақсади худ расидан.

Ҷаббор бо ҳамин найрангҳо ин дафъа ҳам харашро аз лой гузаронида гирифтааст. Ҳама медонад, ки вай чизеро ба касе муфт намедиҳад. «Дар зери коса нимкоса».

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 39. Хари худро аз об гузаронидан

*Ниг.* Хари худро аз лой гузаронидан.

Акнун калон шудӣ. Акнун харат аз об гузашт.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 40. Хари худро ҳай кардан

*Ниг.* Аробаи худро ҳай кардан.

— Беҳтар ки худат аз ин ҷо зудтар харата ҳай кун, ки набошад мардумро чеғ зада расвота мекашам.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 41. Хар ҳамон хар полонаш (тӯқумаш) дигар

зоҳиран дигар шуда бошад ҳам, ботинан, мазмунан боз худи ҳамон пештара аст.

1. Ин одам ҳоло он одами шумо мегуфтагӣ нест. Маълум мешавад, ки ин одам ҳозир яке аз амалдорони дарбори олӣ шудааст.
— «Хар ҳамон хар асту, полонаш дигар шудааст».

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Қеренский нишаст бар сари кор,
Бойҳо аждаҳо шуданд аз мор,
«Хар ҳамон буду лек полон нав».
Ҷои кулғунаро гирифт махов».

*Л. Обидхӯҷаев, «Асарҳои мунтахаб».*

3. Агар ин ҷомаро ман пӯшида, аз Қаросирт ба Ҷӯрак равам, халқи қишлоқ ҳама ба ман хандида мегӯянд: «Хар ҳамон хару тӯқумаш дигар шудааст».

4. Мана, зери «ниқоб» он маккор,
Ришу тасбеҳу ҷомаву дастор,
Қас набошад зи ҳоли ӯ огоҳ,
Мешавад сайди доми он рӯбоҳ,
Бингаредаш, чӣ сон бо кару фар,
«Хар ҳамон, лек тӯқумаш дигар».

*Б. Раҳимзода, «Ҳаёт ва сухан»*

### 42. Хара (харро) биёру масхарагӣ бор кун

дар мавриди хеле хандаовар ва боиси шармандагӣ шудани коре гуфта мешавад.

Гуё моёнро аз хона берун карданӣ ҳастанд. Ана, хара биёру масхарагӣ бор кун.

*Аз мактубҳои Пайрав Сулаймонӣ ба Раҳим Ҳошим» («Шарқи сурх»).*

## ХАРАКӢ

### 43. Харакиро аз хар меафгонаду аспакиро аз асп

1. дар устокорӣ, гапдонӣ ва ғайра бо ҳама баробар шуда метавонад, 2. фиребгар, қаллоб будан.

Шумо духтараки шӯхи бебоке будед ва чӣ хеле ки дар урфият мегӯянд, харакиро аз хар меафтонеду аспакиро аз асп.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

## ХАРБУЗА

### 44. Харбуза аз палакаш дур намеравад

1. фарзандон бо падару модар, 2. хешон ба ҳамдигар монанд мешаванд, хӯю хислати ҳамдигарро доранд.

Бе чиз намегуфтаанд, ки «харбуза аз палакаш дур намеравад». Охир ӯ ҳам хешу ҳам дӯсти бегумони Ҷаббор буд.

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 45. Харбузаро бихӯру туро ба полиз чӣ кор

*Ниг.* Ангурро хӯру боғашро напурс.

— Исто, ки барои чӣ ба мо сардори нав фиристодаанд, охир Шокиров сардори нағз буд, бе виҷдонӣ намекард.
— Харбузаро бихӯру туро ба полиз чӣ кор!

*М. Назаров, «Найрангшоҳ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 46. Харбузаи як палак

як хел, як ранг, ба ҳам монанд.

— Э моне, ҳамаашон харбузаи як палак-дия,— гуфта ҷавоб дод.

*«Маориф ва маданият».*

**ХАРМУРД**

### 47. Қасеро хармурд кардан

касеро сахт ва бисьёр задан.

— Дигараш Сафар аст,— гуфт Мулло Наврӯз,— ин ҳам ба хармурд кардани ман ҳамроҳӣ кард...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ХАРОБ**

### 48. Хароб кардан

вайрон, табоҳ кардан, нобуд намудан.

Хонасӯхта корро хароб кардааст. Ҳайфи ошу ноне ки барои ин кораш ба ӯ хӯрондам.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

### 49. Харобу ҳалок шудан

ниҳоят лоғар, бедармон шудан.

1. Чолу кампири бечора дар ғами писари ягонаашон харобу ҳалок шуда буданд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

2. Вай тамоман пӯсту устухон шуда, чашмҳояш ба дарун фурӯ рафта, харобу ҳалок шуда буд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

**ХАРОҶОТ**

### 50. Хароҷоти чизеро аз миёни худ додан

харҷи чизеро аз кисаи худ додан.

— Агар об набарояд, хароҷотро аз миёни худам медиҳам,— гуфт Зоҳирзода...

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 51. Хароҷотро баробар кашидан

хароҷотеро бо касе ним ба ним, нисфӣ додан.

То яктарафа шудани ҷанҷол хароҷотро ҳар кадоми даъвогарон ва ҷавобгарон баробар мекашанд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 52. Харочоти худашро худаш мебардорад

харчеро, ки барои чизе иловагӣ сарф карда шудааст, фоидаи фурӯши он баробар мекунад; харчи кардашуда беҳуда намеравад.

Онҳо (меваҳо *М. Ф.)* харочоти худашонро худашон мебардоранд.

*«Хорпуштак».*

## ХАРҶ

### 53. Харҷ агар аз кисаи меҳмон бувад, Ҳотами той шудан осон бувад

аз кисаи касе ҷавонмардӣ кардан, аз ҳисоби касе худро сахӣ нишон додан кори осон аст.

Аммо дар байни мо чунин одамоне низ ҳастанд, ки ҳазорҳо сӯми давлат ва ҷамъият беҳуда сарф шуда, ба хаво равад ҳам, ҳатто мижжаашон хам намешавад. Ин хел одамҳо бештар ба он амал мекунанд, ки:

Харҷ агар аз кисаи меҳмон бувад,
Ҳотами тоӣ шудан осон бувад.

*«Хорпуштак».*

### 54. Харчро киса набардоштан

1. барои харҷе пули кас нарасидан, 2. аз ӯҳдаи харидани чизе набаромадан.

Ин харҷи калонро кисаи ман намебардорад.

### 55. Харҷи мумсик ду чандон

мумсик ҳамеша сарфа карданӣ шуда, аз он зиён мебинад.

— Дар вакти боло бароварда фуровардани лампа, хусусан, дар ин вакт, ки барф борида истодааст, агар шишаи лампа шиканад, «харҷи мумсик ду чандон» мешавад,— гуфтам ман.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

**ХАС**

### 56. Ба хас баробар надонистан (касе, чизеро)

1. касе, чизеро хор доштан, ҳеҷ донистан, 2. ба назар нагирифтан, эътибор надодан.

Ӯ намедонист одамро баробар бо хасе,
Қасб бинмуда ба худ, гӯё хасисӣ, нокасӣ...

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 57. Хаси касеро беҷо кардан

ба чизи беарзиши касе даст задан.

Хаси ин хасисонро беҷо куну ба бало мон!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 58. Хас каму ҷаҳон пок

аз нест шудани бадон кор ва зиндагии одамон беҳтар мегардад; аз будани бад набуданаш беҳтар аст.

1. — Чӣ мекардем? Як дона тир ҳам садқаи сари ин, «хас каму ҷаҳон пок»,— гуфта яке аз яроқдорон милтиқи худро рост кард.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2.— Садақаи саратон, як бадмасти қиморбоз мурда бошад, ҳеҷ боке не!
— Хас каму ҷаҳон пок!

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. — Агар баъди хӯрдани ҳамон лағад боз ҷонаш сахтӣ карда намурда бошад, ба об афтида мурд. «Хас каму ҷаҳон пок».

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

4. — Мувофиқи хоҳиши худаш аз кор озод кардам.
— Ана, бале, боб кардед, додар, хас каму ҷаҳон пок, — гуфт якбора Улфатов...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 59. Хасро хор мабин, ки ба чашмат мехалад

душмани нотавоншудамондаро хам ҳақир нашумор, ки душманиашро карда метавонад, душмани заифро ҳам ҳамеша дар зери диққати худ дор, то ки рӯзе осеб нарасонад, душман заиф бошад ҳам, душман аст.

1. — Хасро хор мабин, ки ба чашмат мехалад, гуфтаанд, душманро хурд ва забун шумурдан ҳеҷ раво нест.

*«Раҳбари дониш».*

2. Оқибат кор тамоман ба дасти большевикҳо хоҳад афтид, ки фирқаи большевик дар пеш бурдани кори инқилоб корҳо карда ва таҷрибаҳо дидааст; ту ба ин дохунда ба назари ҳақорат нигоҳ мекунӣ, ин дуруст нест, «хаса хор мабин, ки ба чашмат мехалад» гуфтаанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 60. Хасу хошоки сари роҳ будан

1. халалдиҳандаи касе, чизе будан, 2. чизи барзиёд, нодаркор будан.

Онҳо дар ҷамъияти коммунистӣ хасу хошоки сари роҳ мебошанд.

*«Маориф ва маданият».*

### 61. Хас ҳам заду хор ҳам зад, Пасмонда кулӯх ҳам зад

*Ниг.* Қал ҳам заду кӯр ҳам зад, пасмонда кулӯх ҳам зад.

Ӯ ду қадами пурра партофта, ба назди Ғайрат омад ва беибо аз гиребони ӯ дошта гуфт:

— «Хас ҳам заду хор ҳам зад, пасмонда кулӯх ҳам зад». Акнун ту ҳам маро масхара карданӣ. Ман ба ту масхарабозиро нишон медиҳам...

*«Маориф ва маданият».*

## ХАСБУР

### 62. Хасбур кардан

тахминан муайян кардани миқдори ҳосили ҳанӯз надаравида ва ғундоштанашуда (*С. А.*)

— Хасбур кунед, тақсир! — гуфт Мулло Наврӯз, — чашми ин бача бечо менамояд, то даравида кӯфтан ниммаашро медуздад...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ХАСДУЗД**

**63. Хасдуздро роҳзан зад**

*Ниг.* Дуздро қароқчӣ зад.

Қайҳо аз духтар умеди худро канда, дар дили худ «хасдуздро роҳзан зад» гуён дигар аз паси духтар ба хонаи амлокдор нарафтааст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

**ХАСПӮШ**

**64. Хаспӯш кардан**

рӯпӯш намудан, пинҳон кардан.

1. Мо медонем, ки шумо ҳозир амалдори калон ҳастед ва рӯи ҷиноятро хаспӯш карда метавонед.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

2. Аз омадани комиссияи тафтиш бехабар мондаанд, вагарна баъзе нуқсонҳоро хаспӯш кардан мумкин будааст.

*«Хорпуштак».*

3. Лекин раиси суди районӣ ҳам, бо вуҷуди нағз донистанаш, ин ҳодисаро хаспӯш кард.

*«Хорпуштак».*

**65. Хаспӯш (карда) шудан**

рӯпӯш карда шудани болои гуноҳу ҷинояте; пинҳон карда шудан.

1. Аз хамаи тарфбозон се ҳазор танга ғундошта як қисмашро худаш хӯрда боқимондаашро ба чор ҳокими Ғиҷдувон дод, бо ҳамин кори мо хаспӯш шуд.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. Хиёнат хаспӯш карда шуд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ХАСРӮБАДОН**

**66. Аз хасрӯбадон гирифта ба лойдон задан**

1. сахт сарзаниш намудан, 2. сирри касеро ҳаматарафа фош намуда, расвои олам кардан, сахт шарманда намудан.

Қоре ки аз дасташон омад, танҳо ҳамин шуд, ки азамат ва виқорро ба як сӯ гузошта, бо он чомаҳои фохир монанди бачагоне, ки онҳоро девонагон пеш карда бошанд, ба гурехтан даромаданд ва шитобкорона медавиданд, ки ҳарчи зудтар аз назарҳо пинҳон гарданд, то ки камтар касон донанд, ки Бибидаҳбошӣ онҳоро бо сару либоси пуршаъну шавкаташон аз хасрӯбадон гирифта ба лойдон зада истодааст.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

**ХАТ (ХАТТ)**

### 67. Дар хат андохтан

чизеро навиштан, зикр намудан, дар ҳуҷҷате қайд кардан.

Танҳо ҳамон шартҳоеро, ки дар муомилаҳои пештара забонӣ мекарданд, акнун дар хат меандохтанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 68. Хатро баровcovarда натавонистан

хаттро хонда натавонистан.

Ман гоҳо хатхои ибро ва васиқаҳоро нишон медиҳам, дуруст баровarда дода наметавонанд, забонашон гирифта мемонад.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 69. Хат задан (заданӣ шудан)

1. ботил намудан, ботил ҳисоб кардан, 2. нопадид кардан, маҳв, нест намудан.

1. Боқӣ ҳамин ваъдаҳои дигарро мо ба шумо қарор додем, ки хат занем, фаромӯш кунем...

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Аммо мунаққид асарҳои хуби шоирро ноҳақ сарзаниш карда, муаллифро меранҷонад, кори эҷодии шоирро хат заданӣ мешавад.

*М. Муллоҷонов, «Танқиди адабӣ ва тарбияи нависандагони ҷавон» («Шарқи сурх».)*

### 70. Хат карда додан

чизеро ба расмият даровarda ба касе додан, ҳуҷҷату васиқа карда додан.

Ҳайдарқул ба Амон хабар дод, ки падараш нохост мурда мондааст ва тамоми молу амволу хонаю ҷои ӯро ноиби қозикалон ба духтараш хат карда дода, дар ҳақиқат худаш соҳибӣ кардааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 71. Аз хатти кашидаи (кашидагии) касе берун набаромадан (нарафтан)

1. аз рӯи нишондоди касе кор кардан, ба гуфтаи касе амал кардан, фармудаи касеро сармашқи худ қарор додан, 2. дар итоати касе будан.

1. Онҳо бояд мувофики гуфтаҳои мо кор кунанд ва аз хатти кашидаи мо набароянд.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

2. — Бале танҳо ҳамин кампир аст, ки аз гуфтаи ман сар намекашад, аз хати кашидагии ман берун намеравад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

3 Бечора домодам... мудири савдо шуда кор мекунад, аз хатти кашидаи ман як қадам ҳам берун намебарояд.

*«Хорпуштак».*

### 72. Ба хатти кашидаи касе даромадан

*Ниг.* Аз хатти кашидаи касе берун набаромадан.

Вале вай бо умеди он ки Илҳомҷон шояд ба хатти кашидааш дарояд, «аз карнайчӣ як пуф» гуфтагӣ барин ба ҷояш дурусттар нишаста, зӯр зада боз ба насиҳат кардан даромад...

*«Занони Тоҷикистон».*

### 73. Хатту мӯҳр карда додан (супурдан)

1. чизеро ба ихтиёри касе бо ҳуҷҷат мустаҳкам карда додан, 2. чизеро ба касе тамоман, якумра додан.

1. Сардорини бригадаю звеноҳоро ба онҳо хатту мӯҳр карда медиҳанд.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

2. Ӯ бо ҳамроҳии сарбухгалтери худ сохтмони биноро ба ин қаллоб хатту мӯҳр карда супурд.

*«Хорпуштак».*

## 74. Хатту савод баровардан

босавод шудан.

Аҳмад-махдум баъд аз хатту савод баровардан аз мактаб баромада, ба дарсҳои мадраса давом намудааст...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

## 75. Хатту саводи касеро баровардан

касеро хонанда саводнок кардан.

— Хатту саводи маро он кас баровардааст.

*Ғ. Мирзо, «Дар поёни дарьёи Қаротоғ» («Шарқи сурх»).*

## 76. Хатти сиёҳ омадан

хабари марги касе омадан.

Магар аз Зуҳуриддин тағоиям «хатти сиёҳ» омад?
— Не, не, писарам, аз даҳонат шамол барад,— гуфт модарам.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## 77. Хатро тоза кардан

1. ҳуччатеро аз сари нав навиштан, 2. дастхат ё ҳуччати нав додан.

Писараш ба ҷои худаш то адо шудани ин қарз хизмат карданӣ шуда, хатро тоза кард...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 78. Хату хабар

муҳовира, мукотиба.

Пошшобибӣ серкор шуда мондагӣ, ҳама хату хабар ва нависо-нависро оймуллот мекунад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 79. Хату хабар кардан

ба касе чизеро ба воситаи мактуб маълум намудан, касеро аз чизе, бо ягон восита хабардор кардан.

Охир, ягон хату хабар карда, аз омаданатон моро огоҳ накардед...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 80. Хатту ҳаракат

рафтор, кирдор.

Барои ҳамин ҳам аз хатту ҳаракати мудир ва улфатҳо гарданаш шах шуда, гапи рафиқ Холназаровро гӯё ношунидагӣ барин буд.

*А. Деҳотӣ, «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб».*

**ХАТАР**

### 81. Ба хатар афтодан

1. гирифтори хатар шудан, 2. дар таҳлука мондан.

Ҳар фард, ки ба хатар афтод, пеш аз ҳама дар бораи он кор ва он чиз меандешад, ки ба вай аз ҳама наздик ва зарур бошад.

*Ҷ. Икромӣ, «Онҳое, ки маргро мағлуб мекунанд» («Маориф ва маданият»).*

**ХАТБОРОН**

### 82. Хатборон кардан

паи ҳам мактуб навиштан.

Зайнаб аз паси ӯ хатборон мекард.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

**ХАТО**

### 83. Аз касе хато гузаштан

аз тарафи касе хато содир шудан, саҳв рӯй додан.

— Дар ин ҷо аз ман хато гузашт.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 84. Хатои маҳз будан

сар то по ғалат будан, тамоман хато будан.

Чунин тасаввур кардани масъала хатои маҳз аст.

### 85. Хатои ом

*Ниг.* Ғалати ом.

Баъзе таърихнависон бе ҳеҷ шарҳу қайде менависанд, ки дар Хуҷанд то революция 43 мактабу 4 мадраса буд. Аммо намегӯянд, ки онҳо чӣ гуна мактаб буданд ва оё аксари онҳоро мактаб номидан мумкин буд? Ин хатои ом шудааст.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 86. Хатои охирини касеро ба атои аввалинаш бахшидан

*Ниг.* Атои ӯро ба лиқои ӯ бахшидан

— Домуллоҳоро узот карда мон!
Дигаре овози худро оҳистатар карда:
— Аз дунболашон як санг ҳаво деҳ,— гуфт. Ин ҳақорати ҳазиломезро меҳмонони мо шунида бошанд ҳам, худро ба нодонӣ заданд. Хатои охирини аҳли базмро ба атои аввалинашон бахшиданд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 87. Хато рафтан (хӯрдан)

саҳв рӯй додан, иштибоҳ шудан.

1. Дар ҳисобу китоби ӯ ягон рақам ягон бор ҳам хато намеравад.
2. Эҳтимол хати писари шумо ҳам ҳамин хел дар ягон ҷо хато хӯрда мондагист...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I,*

**ХАШМ**

### 88. Ба хашм афтидан

*Ниг.* Ба хашм омадан.

Ба хашм афтод аз андоза берун,
Биҷаст аз ҷою шуд аз коза берун.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 89. Касеро ба хашм овардан

қаҳри касеро овардан, касеро ғазабнок намудан.

Суханони охирини таҳқиромези шумо ӯро ба хашм овард.

### 90. Ба хашм омадан

оташин, ғазабнок шудан.

Вале пирамард якчанд қадам гузошта, пеши роҳи тракторро гирифт. Аз ин Дадоҷон ба хашм омад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 91. Хашм фурӯ нишастан

таскин ёфтан, ором шудан, аз ҷаҳл фаромадан.

— Биё акнун намезанам, хашмам фурӯ нишаст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 92. Хашми худро фурӯ бурдан

хашми худро пахш кардан; аз хашм худдорӣ намудан, худро ба даст гирифтан.

Аммо Қобилҷон хашмро фурӯ бурду дигар гап нагардонд.

*Р. Ҷалил, «Гап дар ҳамин аст» («Шарқи сурх»).*

## ХЕШӢ

### 93. Хешиамон хешию савдоамон бегона

дар кор хешиамон набояд ба назар гирифта шавад.

— Ман хешу табориро рӯйхотир кунед, намегӯям, рафиқ Амонов. Ман аз Шумо, ҳамчун аз директори автобаза хоҳиш карда истодаам, «хешиамон хешию савдоамон бегона» гуфтаанд.

*Қ. Носиров, «Орият».*

## ХИЗМАТ

### 94. Хизмат аз касе расидан

аз тарафи касе коре, хизматеро иҷро кардан, иҷрои кори касеро ба ӯҳдаи худ гирифтан.

1. Ин тавр бошад, ин хизмат аз мо расад...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Ман аз шумо як-ду чиз мепурсам, агар росташа гуфта, дили мана хотирҷамъ кунед, хизмат аз ман расад,

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 95. Дар хизмати касе будан

1. ба касе хизмат кардан, 2. ба иҷрои фармоиши касе омода будан.

Дар хизмати халқ будан — нишонаи безаволист.

*Ф. Ансорӣ, «Ҳаёт ва ишқ» («Шарқи сурх»).*

### 96. Ба хизмати касе даромадан

1. ба хизмат, кори касе дохил шудан, 2. хидматгор, навкар, фармонбардори касе шудан.

— Ман ба ту гуфта будам-ку, ба хизмати подшоҳ намедароям,— гуфт ба занаш Аҳмад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 97. Ба хидмат (хизмат) тӯҳмат

1. дар ивази сипоси меҳнат тӯҳмат шунидан, 2. ба ивази некӣ бадӣ дидан.

Ҳоҷӣ Зокир кампирро ҳақораткунон ғӯзаро ба ҷуволи кампир андохтан гирифт. Ӯ худ ба худ гуфт: «ба хидмат тӯҳмат» гуфтаанд, ки тамоман рост аст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

### 98. Ба хизмат ҳозир будан

ба иҷрои коре тайёр, омода будан, барои ёрдам додан ба касе тайёр будан.

— Албатта, мо хам ба хизмати шумо ҳозир ҳастем.

*Н. Обидӣ ва В. Умарӣ, «Ғаюр» («Намунаи адабиёти тоҷик»).*

**ХИЗР**

### 99. Хизр назар карда (-гӣ) (будан)

1. — шахси муқаддас, порсо, ҳалол будан, 2. касе ки кораш мудом барор мекунад.

1. — Худо раҳмати падарашон ҳам каси хизр назар кардагӣ буданд.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. — Ин хел одам, ҳамшира, дар об ғарқ намешаваду дар оташ намесӯзад. Хизр назар карда гуфтан гир!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**ХИЛВАТ**

### 100. Ҷое хилват будан

беодам будани ҷое, дар ҷое ҳеҷ кас набудан.

Эҳа, ин дафъа ба дӯғи раис шавла мепазад, шояд кабинеташ хилват бошад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 101. Ҷоеро хилват ёфтан

ҷоеро беодам ёфтан.

Хонаро хилват ёфта камтар кор карда гирифтам.

### 102. Хилват кардан

ҷоеро беодам кардан; аз халали мардум эмин будан.

Мо хонаро хилват карда камтар бо ҳамдигар суҳбат карда гирифтем.

**ХИРМАН**

### 103. Хирмани кӯҳнаро бод кардан

гузаштаро ба ёд овардан; кору гапи гузаштаро гуфтан, кофтани кӯҳнаро бод кардан.

— Бобо, хирмани кӯҳнаро бод накарда, аз корҳои имрӯзаатон гап занед.

**ХИРОҶ**

**104. Ба хироҷи мамлакате арзидан**

ниҳоят гарон будан, бағоят пурқимат будан,

1. Писари мо ба хироҷи мамлакате меарзад.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

2. Ақлу одобашро намегӯӣ — ба хироҷи мамлакате меарзад!

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

**ХИРС**

**105. Хирс мулло мешавад аз зарби чӯб**

одами саркаш гӯё бо задан ба итоат медарояд, чизеро меомӯзад.

1. Ҳамин дарраи раисон ва шамшери ҷаноби олист, ки дини исломро пойдор нигоҳ доштааст. Вагарна ҳамаи нодонон дар як рӯз гумроҳ шуда, аз дин баромада мерафтанд. «Хирс мулло мешавад аз зарби чӯб» гуфтаанд...

— Агар ҷаноби олӣ саркашӣ карда, хироҷ ва молиёти подшоҳӣ нододагонро ғанбеҳ накунанд, рӯзи амир ҳам, вазир ҳам, қозикалон ҳам ва дар қатори онҳо, рӯзи мову шумо ҳам ба гадоӣ меафтад.

*С. Айнӣ, Ёддоштҳо», қ. II.*

2. Мактабдори лаънатӣ «хирс мулло мешавад аз зарби чӯб» — гуфта, муддаои табъ шибба мекарду дуруст сабақ ҳам намедод.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**106. Аз хирс мӯе**

аз одами хасис ҳарчи ҳам ба даст дарояд, ғанимат аст.

1. — Сад ҳайф, ки боз сад тиллоро аз даст додам, акнун дигар сухани пурҳикмат намешунавам ва ҳамин сад тиллои боқимондаро диҳед, ки «аз хирс мӯе» гуфтаанд.

*«Латифаҳои тоҷикӣ».*

2. Ӯ ҳам «аз хирс мӯе» гуён пулро гирифта ба ғалладон гузошт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ХИТОЙ**

### 107. Қасеро хитой кардан

қаҳру ғазаби касеро овардан, оташин намудан.

Охир ин калонҳо, баъзан одамро чунон хитой мекунанд, ки на фақат ҷаҳлат меояд, балки аз дунъё баромада рафтанӣ мешавӣ.

*«Машъал».*

**ХИШТ**

### 108. Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ, То ба охир меравад девор каҷ

агар дар коре аз аввал хато содир шавад, то охир хато паси хато рӯй додан мегирад; кор бояд аз аввал дуруст ба роҳ монда шавад.

1. Рафтори нохубашро танқид, кори некашро маъқул кунад... Падар, модар, модаркалон — ҳама дар тарбияи фарзанд як хел ақида дошта бошанд, албатта чунин мешавад!

«Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ,
То ба охир меравад девор каҷ».

*Ф. Ансорӣ, «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ.
То ба охир меравад девор каҷ.

Мо на бояд хишти аввалро каҷ нагузорем, корро аз сар пухта кардан даркор.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 109. Хишт аз қолиб бархестан (кӯчидан)

гузаштани вақти иҷрои коре, ба иҷрои коре бевақт шудан, фурсати коре аз даст рафтан.

1. Аммо ҳар чанд тир аз камон ҷастаю хишт аз қолиб кӯчида буд, ӯ ҳаракат намуд, ки аз ин ҳолати ногувор як навъ карда халос шавад ва сухане ҳам ёфта бигӯяд, ки боваркунанда бошад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб»,*

2. — Шумо дар байни ин кор надароед, ки саҳв меравед. Акнун хишт аз қолибаш хест, ба ғайр аз хушӣ ба хушӣ ҷудо шудан чораи дигар нест,— мегӯяд.

*«Газетаи муаллимон».*

3. Аммо Ёразиз аз наъракашии худ боз намеистод. Вакте хишт аз қолибаш кӯчид, мардум дами Ёразизро гардонда, ӯро маҳкам дошта, ба дасти суд супориданд.

*«Хорпуштак»*

**ХИЧИЛ**

### 110. Хичил мондан

шарманда шудан.

Борони сиришки ман чу бинад, имшаб
Аз кавкаби худ фалак хичил мемонад

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт, қ. II.*

**ХИЧОЛАТ**

### 111. Аз хичолат баровардан

касеро аз ҳолати шармгинӣ халос кардан, касеро аз вазъияте ки боиси шармандагиаш мешуд, раҳоӣ додан.

1. Барои зиёфат кардани меҳмон, Мария Васильевна, ҳозир ҳеч ягон тайёрӣ ҳам надорем, мебахшед. Ҳозир соҳибаи хона меояд, худаш моро аз хичолат мебарорад.

*Ч. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. «Бемалол бошад, аз ҳамин рӯз дер накарда дода фиристеду моро аз хичолат бароред!..»

*А. Деҳотӣ, «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб».*

### 112. Аз хичолат берун баромадан

аз ҳолати хичолатовар озод шудан.

Пӯлодро ниҳоят хурсанд кард ва худаш ҳам аз хичолат берун баромад.

*Р. Чалил, «Гулрӯ».*

### 113. Хичолат кашидан

шарм доштан.

1. Аз ин кори худ бисьёр хичолат кашиданд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Агар рашк накунад ҳам, дар байни мардум хиҷолат мекашид.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

3. Ӯ ба ин гапи ман ҷавоб гуфта натавонист, хиҷолат кашид.

*С. Айнӣ, «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам».*

### 114. Дар хиҷолат мондан

*Ниг.* Хиҷолат кашидан.

1. Ман чунон дар хиҷолат мондам, ки замин накафид, то ки даромада рӯямро пинҳон кунам.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Вазир шоҳро чунон таъриф ва чандон тавсифи аз ақлу хаёл берун кард, ки худи шоҳ аз ин дар хиҷолат монд...

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

3. Нурмат дар хиҷолат монда буд.

*«Занони Тоҷикистон».*

**ХОБ**

### 115. Хоб аз чашми касе гурехтан

*Ниг.* Хоб аз чашми касе паридан.

Шабона ба фикру хаёл ғӯтида, хоб аз чашмам мегурехт.

*«Тоҷикистон».*

### 116. Хоб аз чашми касе паридан

хоб набурдан, хобида натавонистани касе.

Хоб аз чашми Ғиёсиддин парид...

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 117. Хоби касеро гурезондан

касеро ба хобкунӣ намондан, боиси хоб накардани касе гардидан, касеро бедорхоб кардан.

1. — Ҳоло чорта гап зада шинед,—гӯён як ҷаллоди дигар хост, ки хоби ӯро гурезонад.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. Вай ба воситаи афсонагӯй хоби худашро гурезонда буд.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 118. Хоби касе гурехтан

*Ниг.* Хоби касе паридан.

Қадом шабе, ки хобам гурезад, гулханро гарм карда, ҳаминро чеғ зада оварда гап занонда мешинам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 119. Ба хоб даромадан

касе, чизеро дар хоб дидан

1. — Шабҳо кӯдакҳо ба хобам медароянд, тақсирам... — гуё, ки ба ман даъвое доранду ҳамеша аз гиребонам мегиранд.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

2. Ба ту дурӯғ, ба худаш рост, як шаб ба хобам ҳам даромадӣ.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 120. Хоби зан чап мешавад

ҳар чи зан дар хоб бинад, акси он мешавад.

Хоби занҳо чап мешавад мегӯянд, хафа нашавед, хола.

### 121. Хоб зер кардан

хоб ғалаба кардан.

Маро хоб зер карда истодааст, рафта камтар хоб мекунам.

### 122. Хоб карда мондан (касе ё чизе)

1. сахт касал шудан, 2. аз харакат мондан, истода мондан.

Бечора Қосимҷон якбора сахтакак хоб карда мондааст.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

### 123. Ба (дар) хоб мондан

бисьёр хоб кардан, зиёд хобидан.

1. — Имрӯз ба хоб мондем...

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. — Чаро бедор накардӣ, Ермак, дар хоб мондаам?..

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 124. Касеро аз хоб монондан

касеро дар вақти омадани хоб ба хоб кардан нагузоштан, ба хобидани касе монеъ шудан.

Даҳанам тафсида рафт, шуморо ҳам аз хоб монондам.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 125. Хоби касе паридан

1. ба сабаби гузаштани вақти муайяни хоб хоб набурдан, 2. аз хоб бедор шуда, дигар хоб набурдан, 3. хоби касе набурдан; бехоб шудани касе.

Қаримбой ва занаш дар хона то хеле вақт гуфтугӯ карда нашастанд. Хоби онҳо парид.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 126. Хоби касеро парондан

*Ниг.* Хоби касеро гурезондан.

Фақат ғами тӯю келиндор шудан гоҳ-гоҳ хоби Зайнаббибиро мепаронд...

*Ҷ. Икромӣ, «Ғусса»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 127. Хоб рафта мондан

*Ниг.* Хоб карда мондан.

Яку якбора хоб рафта мондам!

*У. Умаров, «Кӣ айбдор?»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 128. Ба хоб рафтан

хобидан.

Ҷомаи кории худро ба сараш печонда ба хоб рафт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 129. Хоби касе сабук будан

бо садое дарҳол аз хоб бедор шудан, аз хоб зуд бедор шудан, ҳушьёр хобидан.

Хоби занам хеле сабук аст.

### 130. Аз хоб сер шудан

ба қадри кофӣ хобидан.

1. Вай медонист, ки Муҳаббат шабҳо то бевақтии шаб мешинад ва рӯзона бояд рафта кор кунад. Бинобар ин аз хоб сер шуда хестани вай зарур аст.

*Ҷ. Икромӣ, «Ҷавоби Муҳаббат».*

2. — Шаб-ку бевақт аз ин ҷо рафтед, бемалол аз хоб сер шуда, чоштгоҳӣ биёед ҳам, мешуд-дия!

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 131. Дар хоб сиёҳӣ пахш (зер) кардан

хоби мудҳиш дида, дар хоб сахт тарсидан.

1. Гоҳо монанди касе, ки дар хобаш сиёҳӣ пахш карда бошад, суханони пой дар ҳаво гуфта фарьёд мекард.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Аз нуқтаи назари тиб намуди алкоголизм ҳамин тавр аст, ки мубталои ин дард нағз хоб карда наметавонад, ӯро дар хоб сиёҳӣ зер мекунад...

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 132. Хоби худро ба об гӯй

1. ин хаёли хом аст, 2. ин хоҳиши беасос ва иҷронашаванда.

1. — Пеши Шарофқассоб рав, ним нимча гӯшту ним нимча равған биёр, биринҷамо бошад, ба як ош мерасад.

— Уҳӯ, ин «хобатро ба об гӯй», дирӯз Шарофқассоб ба ман гуфт, ки агар насияҳои пештараатонро надиҳед, баъд аз ин як бурда гӯшт ҳам насия намедиҳам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Акнун шумо мехоҳед, ки бо насиҳатҳои кампирона маро аз роҳи худам баргардонед. Лекин ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки ин «хобатонро ба об гӯед».

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

3. Лекин бой хандиду гуфт, ки ин хобашро ба об гӯяд, вай ин васиқаро дар қозихона, бо шаҳодати ду нафар шоҳид ва мӯҳри қозию раис нависонда гирифтааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

4. — Раҳима мегӯяд, ки «имрӯз акаи ман аз апаи ту бисьёртар мечинад!
— Хайр, ту чӣ гуфтӣ?
— Чӣ мегуфтам? Гуфтам, ки ин хобата ба об гӯй.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

5. Нияти Гитлер, ки хаёл асту хоб,
Беҳ ки чунин хоб бигӯяд ба об!

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

## 133. Хоби худро ҳаром карда...

хоб накарда; ранҷи бедорхобӣ кашида.

1. Дар шабҳо хобамро ҳаром карда, ба ту шири сафедамро дода, туро ба воя расонидам...

*«Маориф ва маданият».*

2. Хоби бисьёр шабҳояшро ҳаром карда, навишта буд...

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

## 134. Аз хобу хӯрок мондан

бо сабаби рӯй додани нохушие бе хоб ва ба хӯрок, беиштиҳо гардидан, хоби худро гум кардан, иштиҳои хӯрокхӯрӣ надоштан.

Подшоҳ аз хобу хӯрок монда тамоми рӯзҳо малул менишаст.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 135. Хоби чоштгоҳӣ беҳ аз подшоҳӣ

вақти дамидани саҳар хобидан хеле лаззатбахш аст, фоидаи калон дорад.

— Чашми маро ғафлат бурда будааст, омадани шуморо нафаҳмида мондаам, мебахшед-дия,— гуфта хӯҷаин узрхоҳӣ кард.

**Меҳмон:** — Зарар надорад «хоби чоштгоҳӣ беҳ аз подшоҳӣ» гуфтаанд азизони гузашта, — гуфт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 136. Дар хоби шаби худ надидан

1. ба дидани чизе ё касе ҳаргиз муваффақ нашудан, 2. дар бораи касе чизе асло фикр ҳам накарданд ба гӯшаи хаёли худ ҳам наовардан.

Бобоҳои мо ин хел ҳаёти боҳаловат ва босаодатро дар хоби шабашон ҳам намедиданд!

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 137. Дар хоби ғафлат мондан

тамоман бехабар мондан, огоҳ нашудан.

Хайринисо фаҳмид, ки вай дар хоби ғафлат монда будааст.

*Р. Ҳайдаров, «Ду дилдода»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 138. Аз хоби ғафлат чашм кушодан

аз ҷаҳолат, нодонӣ раҳоӣ ёфтан, рӯ ба маърифат овардан.

Мо ба занҳо ҳеҷ имконият намедиҳем, ки аз хоби ғафлат чашм кушоянд, ба ҳақиқат назар карда тавонанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 139. Хоби касеро ҳаром кардан

хоби касеро вайрон намудан, касеро пеш аз вақт аз хоб бедор кардан.

— Не, ман хобатро ҳаром кардам, ҳоло тамоман рӯз нашудааст.

*«Занони Тоҷикистон».*

**ХОБОНДА**

### 140. Чизеро хобонда мондан

1. чизеро аз ҳаракат боздоштан, 2. кореро мавқуф гузоштан.

1. Проекти станция ҳам сохта шуда буд, аммо аз боиси ҷанг ин корро хобонда монда буданд.

*С .Улуғзода, «Нովобод».*

2. Қори устохонаи мӯзадӯзии артельро хобонда мондааст...

*«Хорпуштак».*

**ХОИДА**

### 141. Қасеро хоида партофтан

1. гапи сахт зада касеро ранҷондан, 2 касеро сахт таъназ маломат кардан.

1. — Эҳтимол хато карда бошад, лекин як колхозчиро, ки аъзои комиссия аст, ба тарзе, ки баъд аз ин фикрашро гуфта натавонад, хоида партофтан дуруст нест.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. — Шумо ба сухан ҳамроҳ нашавед ҳам, як ғалбер ҷавро ҳалол карда будед,— гуфта Сафар имомро қадре хоида партофт.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ХОК**

### 142. Хоки касеро аз осмон овардан

*Ниг.* Гарди касеро ба осмон баровардан.

— Медонам, туро падари ман аз ман руст кардааст, медонам, набошад ман хоки туро аз осмон меовардам.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

### 143. Хок ба даҳон

дашном: несту нобуд шав, марг ба ту.

Хок ба даҳани шумо барин одам.

### 144. Хоки чизе, касеро ба чашм (дида) сурма (тӯтиё) кардан (кашидан, намудан)

касе, чизеро ниҳоят азиз, мӯътабар донистан, ниҳоят эҳтиром намудан.

— 1. Хоки остонаи эшонро «табаррукӣ» гӯён ба чашмашон сурма карда мегаштанд...

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. Мо медонем омадаед аз баҳри мо,
Мо сурма кашем хоки қадамҳои шумо.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

3. — Мардуми мамлакат аз дидани дидори ҳазрати ҳумоюнӣ шоду сарфароз мегардад ва хоки пои ҷаҳонпаноҳро ба чашм тӯтиё мекунад, вазир майнавор ба хониш даромада рафт.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

4. Вале меҳру муҳаббати Ватани муқаддас, ки авлод-авлод одамон дар ин ҷо умр гузаронидаанд, аз ин замин нону намаки худро рӯёнда, хоки ӯро ба дида тӯтиё кардаанд, ҳамаи моро барои диловариҳо нишон дода, аз нав обод кардани ин ҷойҳо даъват менамуд.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

5. Хоки поки ин даргоҳро ба чашми худ тӯтиё намоем.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оком».*

### 145. Хок ба (бар) сари касе

дашном: лаънат ба касе, марг ба касе

1. Як зарра дар ҳисоб наёям ба пеши ёр,
Эй хок бар сарам, ки зи бегона камтарам.

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт», ҷ. I.*

2. — Сари шоирони дарбор!..
— Эй хок бар сарам!..

*С. Улуғзода, «Қисмати шоир».*

— Ҳаргиз! — ба якравӣ гирифт шоҳ.— Хок ба сари америкой

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 146. Хок бардорӣ, аз тӯдаи калон бардор

*Ниг.* Хок гирӣ, аз теппаи баланд гир.

— Ана гапу мана гап! Душманро магар дӯст медоранд?

Аз пеши дар гурезе, аҳмақ! Дилатро ба кӣ кашол мекунӣ? «Хок бардорӣ аз тӯдаи калон бардор» гуфтаанд. Барои лаззати як нафасина бошад ҳам, ба худ муносибро ёб!

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 147. Аз хок берун

1. намурда; сиҳат ва саломат, 2. як навъ.

1. — Аз худатон пурсем?
— Аз хок берун, гардам.

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. — Шукр. Аз хок берун. Се-чор рӯз боз тобашон не...

*«Маориф ва маданият».*

### 148. Аз хок берун гаштан

зинда, сиҳат ва саломат будан, сиҳат ва саломат умр ба сар бурдан.

1. — Аз худатон пурсем? — гӯён ҳол пурсиданд.
— Шукри худо, аз хок берун гаштем,— гуфт Шокир дар ҷавоби онҳо.

*С. Айнӣ, Ғуломон».*

2. — Шукр, ба пурсиданатон раҳмат... аз хок берун гаштем-дия!

*Ҷ. Икромӣ, «Зӯҳра».*

### 149. Хоки касеро бехтан

ба касе ҷабру ситами зиёде кардан, азияту озор додан.

Ағниё хоки камбағалро бехт,
Паи ин дона наҳри хунро рехт.

*М. Раҳимӣ, «Роҳи равшан».*

### 150. Хоки касеро бод кардан

1. адаби касеро додан, 2. касеро несту нобуд намудан.

1. Дружиначиён дар ҷо-ҷои худ хоки бадмастон ва беинтизомҳоро бод карда, тартиботро мисли гавҳараки чашм нигоҳдорӣ мекунанд.

*«Хорпуштак».*

2. Тӯпи советӣ, ки чу оташфишон
Бод кунад хоку гили душманон.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

### 151. Хок будан

беқадр будан, қадру қимат надоштан.

Ман хок будам, вале ту зар карда маро,
Ман мӯр будам, ту шери нар карда маро.

*Ҳ. Юсуфӣ, «Маҷмуаи шеърҳо».*

### 152. Хоки ҷое вазнин будан

ба ҷое омада, аз он ҷо дигар рафта натавонистан, дар ҷое истода мондан.

1. Хоки Душанбе вазнин будааст, як ки рафтед, гашта баромадан мушкил.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Хоки ин қишлоқ вазнин будааст, бек ҳеҷ аз он ҷо хеста рафта наметавонад.

*С. Улуғзода, «Қалтакдорони сурх».*

3. Ана, мо ҳам омадему дармондем, ҷавоб намедиҳанд. Хоки Душанбе вазнину обаш бамазза мегӯянд, ин рост аст.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

### 153. Хокро(хока) газидан

ҳамчун дашном дар мавриди ба касе марг хостан гуфта мешавад.

— Ман ба тарафи Фарғона меравам...
— Вай, ман мурам... мо чӣ кор мекунем!
— Хока газе! Ту ғами худро мехӯрӣ!

*Қ. Наимӣ, «Рӯзи равшан».*

### 154. Хокро гирад, зар гардад

дар мавриди изҳори хайрхоҳӣ гуфта мешавад: маҳсули меҳнаташ бобарака бошад, якаш даҳчанд шавад.

1. — Илоҳӣ умри ҳамин бача дароз, ризқаш фаровон шавад ва кораш барор кунад, хокро гирад, зар гардад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. — Хокро гирӣ, зар гардад!

*Қ. Наимӣ, «Ҳабиба» («Айёми мо»).*

### 155. Аз хок гирифта ба лой задан

*Ниг.* Аз хасрӯбадон гирифта ба лойдон задан.

Коре ки аз дасташон омад, танҳо ин шуд, ки азамат ва виқорро як сӯ гузошта, бо он ҷомаҳои калон, монанди бачагоне ки онҳоро девонагон пеш карда бошанд, ба гурехтан даромаданд ва медавиданд, ки ҳар чӣ зудтар аз назарҳо пинҳон шаванд, то ки камтар касон донанд, ки Бибидаҳбошӣ онҳоро бо сару либосашон аз хок гирифта ба лой зада истодааст.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 156. Хок гирӣ, аз теппаи (хоктеппаи) баланд гир

агар дар ҳақиқат коре карданӣ бошӣ, якбора дуруст-тар кор кун, агар ба мақсаде расиданӣ бошӣ, якбора натарсида, корро калон гир.

1. — Ана, диди-мӣ,— гуфт вай Муҳаммадҷонро нишон дода,— «хок гирӣ, аз теппаи баланд гир!» Агар кор мекунаму кор нишон медиҳам гӯй, Муҳаммадҷон барин шав!

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. — Дадом мегӯянд, ки хок гирӣ, аз теппаи баланд гир.

— Албатта наслу насабаш дуруст бошад...

*С. Ғанӣ ва Ф. Ниёзӣ, «Ватандӯстон».*

3. Аммо ин дафъа ӯ «хок гирӣ, аз хоктеппаи баланд гир» гуфтагӣ барин хеле баланд омад...

*«Хорпуштак».*

### 157. Ба хок задан

1. касе, чизеро ба эътибор нагирифтан; касеро хор доштан, 2. беобрӯ кардан.

Ҳукму амри маро ба хок задед,
Ба ниқоби хуфия чок задед...

*П. Сулаймонӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 158. Ба хоки замин яксон кардан

*Ниг.* Ба хок яксон кардан.

— Соле дар ғарб ҳаво абр кашиду раъду барқ сар шуд. Раъду барқ тамоми қалъаю қалъачаро зада, ба хоки замин яксон кард...

*(«Тоҷикистон»).*

### 159. Аз хок зар рӯёндан

аз як чизи ночиз бо машаққати зиёд, чизи хубе бунёд кардан.

Одаме ки кӯҳро талқон мекунад ва аз хок зар мерӯёнад, диққати шуморо ба худ ҷалб менамояд.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 160. Касеро ба ҷое хок кашида овардан

дар мавриде гуфта мешавад, ки касе аз ҷое ба ҷое омада, дар он ҷо мурда бошад.

Раҳматро ба ин ҷо хок кашида оварда будааст, баъди ду-се рӯзи омаданаш аз дунёе чашм пӯшид.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 161. Хок лесидан

1. ба андак чиз қаноат кардан, 2. гирифтори камбағалию маҳрумиятҳо шудан, 3. азобу уқубат кашидан.

1. Шогирдпешагон ва ясавулоне ҳастанд, ки як моҳ боз ягон хизмат нагирифта, хок лесида хоб кардаанд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Чанд сол хоки мадрасаро лесида таҳсили илм кардам...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

3. Мо беҳуда хок лесида дар мадрасаҳои Бухоро таҳсили илм карда гашта будем, иззат, ҳурмат ва давлат ҳама дар эшонӣ будааст,— гуфта изҳори ҳасрат кард.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

4. Як хел нимчамуллоҳо буданд, ки дар вақташ алифро таёқ гуфта хоки мадрасаро лесида баромада бошанд ҳам, дар ин давра аз пушти муллогиашон нон хӯрда наметавонистанд.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

### 162. Қасеро ба хоки мазаллат задан

1. касеро хору ҳақир доштан, 2 касеро шарманда, расво кардан.

— Аз тарафи дигар, Қорӣ Усмон ҳам даъвои қарз карда Усмонбойро ба қозихона кашида ба хоки мазаллат задани мешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Як қаҳрамони асрамо».*

### 163. (Аз) хоки поят гардам(шавам)

1. қурбонат шавам, садақаат шавам, 2. бандаи ту бошам.

1. — Маро гурезонед, йигит,— гуфт ӯ бо илтиҷо.— Аз хоки поятон мегардам, маро гурезонед...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. — Хоки поятон шавам, ҷаноби хоҷа,— гуфт Қорӣ Шариф.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 164. Ба хоки сиёҳ баробар будан

ҳеҷ арзиш надоштан, ягон қадру қимат надоштан, беқадр будан.

Нархи хар ба хоки сиёҳ баробар аст.

*С. Ғанӣ, «Маҳмуди Харбоз» («Тоҷикистон»).*

### 165. Ба хок супоридан

гӯрондан, дафн кардан.

1. Ин мурдаро ба хок супурдан даркор аст...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Ин ҷасади аввалин шахтёри дар кон дар натиҷаи фурӯравиҳо, сӯхторҳо ҳалок шудагӣ нест, ки имрӯз ба хок месупорем!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 166. Хоку туроб гардидан (шудан)

1. несту нобуд шудан, 2. адою абгор шудан.

1. Душмани баттоли хонаи ороми моро нооором карда хоку туроб гардид.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. Он бинои кӯҳна акнун хоку туроб шуда, гирдогирдаш тахтабанд карда шудааст.

*«Хорпуштак».*

### 167. Хоку туроб кардан

несту нобуд кардан, тамоман маҳв намудан.

Аскарони сурх ба ёрии мо расида омаданду мо ҳам ярок гирифта ба ҷанг даромадем ва босмачиёнро хоку туроб кардем.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 168. Хоки пои касе тӯтиёи дида шудан

барои касе ниҳоят азиз, боқадр шудани касе.

Хоки пои дӯстон шуд тӯтиёи дидаи ман.
Ҷои пои дӯстдорон бод ҷои дидаи ман.

*С. Айнӣ, «Ашъори мунтахаб».*

### 169. Хок хӯрад (нисбат ба чизе)

дашном: нест шавад, мурад.

— Хок хӯрад ин гуна таомулро,— гуфт Ғулом-Ҳайдар.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 170. Хок хӯрдани тир

ба хато рафтани тир, ба ҳадаф нарасидани тир.

Акбар амак, ки дар вақтҳои ҷанги зидди босмачиён хок хӯрдани ягон тири милтиқи панҷтирааашро қариб намедонист...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 171. Бо хок яксон кардан

несту нобуд кардан, барбод додан, аз миён бурдан.

Аммо ба қувваи чандин баробар зиёди ғоратгарони америкоӣ нигоҳ накарда, халқи Корея ба армияи интервентҳо шикасти бузурге дод, ки «мағлубнашавандагии» армияи Америкаро бо хок яксон кард.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 172. Бо хок яксон шудан

несту нобуд шудан; торумор гардидан.

Шавад қасри ситам бо хок яксон,
Зи боди инқилоби большевикон.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

**ХОКИСТАР**

### 173. Хокистари касеро бод додан

касеро маҳв намудан, несту нобуд кардан.

1. Дар он тарафи дарьё дӯстони мо ҳастанд, онҳо имрӯз не, пагоҳ омада, хокистаратонро ба бод медиҳанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Дохунда» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

2. Ба дадои бузургворам ин ҳақорати шуморо расонам, он кас хокистаратонро ба бод медиҳанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ХОКПӮШ**

### 174. Чизеро хокпӯш кардан

1. чизеро номаълум, ноаён, нопадид кардан, 2. сирреро пӯшондан.

Вай нав доду бедод карда омад, қариб буд, ки бӯи пилта барояд, ҳар чӣ ба зудӣ Фатҳуллоҳ иморо гирифт, ки хокпӯш карда гузаронидем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ХОЛ**

### 175. Хол-хол будан

1. хеле кам будан, камьёб будан.

1. Лекин аз ман пурсед, ман мегуфтам, ки ин хел одамҳо аҳёну хол-хол бошанд ҳам, мисли доғи сиёҳи либоси барф барин сафед, эҳтимол боқӣ монанд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

2. Чунон ки мегӯянд, хол-хол мактабҳои кӯҳна буданд...

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

**ХОЛА**

### 176. Холаи ҳамакора ҳама кораш нимкора

касе ки ба бисьёр корҳо даст зада ягонтаи онҳоро ҳам пурра ва дуруст ба анҷом намерасонад, булҳавас.

Аммо «холаи ҳамакора ҳама кораш нимкора» гуфтагӣ барин, агар ба сифати кори педагогии ӯ назар кунед, ягон муваффақиятро ёфта наметавонед.

*«Маориф ва маданият».*

**ХОЛАБАЧА**

### 177. Холабача нашудан

ҳеҷ монандӣ надоштан, баробар, якранг набудан (касе ба касе, ё чизе ба чизе).

— Инҳо ба мехи оддӣ холабача ҳам намешаванд, Алиҷон.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

**ХОЛӢ**

### 178. Ҷоеро холӣ ёфтан

ҷоеро беодам ёфтам, ҷоеро хилват дидан.

Ҳоким пойгоҳро холӣ ёфта ва мастомаст дасти олудаи худро ба духтар дароз карданӣ шуд.

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

**ХОМ**

### 179. Хом будан

бетаҷриба, корноозмуда будан.

— Эй, писарам Камолҷон, ту ҳанӯз ҳам хом ҳастӣ, хом.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 180. Хому хатала

1. бесару нӯк, бесару сомон; бемаънӣ, 2. чала, нотамом, ноқис.

Аммо баъд мисолҳои хому хатала ва дурӯғ оварда суханҳои дар аввал гуфтаи худро рад мекунад...

*«Дурӯғ бефурӯғ аст» («Шарқи сурх»).*

### 181. Касеро хом (хомохом) хӯрдан

касеро дарҳол несту нобуд кардан, ба пурсишу таҳқиқ нобуд намудан.

1. Сад раҳмат ба шумо, ки маро халос кардед, набошад он гургу шағолҳо маро хомохом мехӯрданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Мегӯянд, ки дар вақти ҳиссаи назру ниёз онҳо ба хом хӯрдани якдигар тайёр будаанд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

3. Агар лозим шавад, падару модари худ фарзанди зоидаи худро хомохом мехӯрдаанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

**ХОМӢ**

### 182. Хомӣ кардан

дар коре бетаҷрибагӣ кардан.

Ҳа, кор аз сар пухта нашудагӣ. Андак хомӣ кардем.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

**ХОНА**

### 183. Ба хонаи касе алов сар додан

*Ниг.* Хонаи касеро сӯзондан.

Вай ба хонаи бисьёр одамон алов сар дода, оилаи онҳоро дарбадар кардааст.

### 184. Хонаи бачадор — бозору бебача — мазор

дар хонаи бачадор ҳамеша хурсандӣ ва мағал ҳаст, дар хонаи бебача ғаму ғусса, хомӯшӣ.

Ман ба шумо гуфтам, ки ҷои Қолькаро Қолькаи дигар гирифтааст. «Хонаи бебача — ғамхона» мегӯянд,— гуфт Рюмин ба хотири ман зарбулмасали «Хонаи бачадор — бозору бебача — мазор»-ро оварда.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 185. Хонаи касеро ба пушташ кардан

1. касеро бехонумон кардан, 2. сарсону саргардон намудан, дар ба дар кардан.

Агар надиҳад, хонаашро ба пушташ мекунам.

*С. Ғанӣ, «Тӯй.*

### 186. Хона ба хона шудан

ҳар кас ба хонаи худаш рафтан, пароканда шуда рафтан.

Хона ба хона шавед, рафикон...

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов, «Тӯҳмат».*

### 187. Хонаи бебача — ғамхона

дар хонае ки фарзанд нест, хурсандӣ нест.

— Ман ба шумо гуфтам, ки ҷои Қолькаро Қолькаи дигар гирифтааст. «Хонаи бебача — ғамхона» мегӯянд,— гуфт Рюмин...

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 188. Хона бе кайк намешавад

ҳеҷ чиз бе камбудӣ, бе нуқсон намешавад.

— Чаро директор моро аз ин зани шӯрапушт халос намекунад? — ҳайрон мешуданд ходимони меҳмонхона.

—Хона бе кайк намешавад,— ҷавоб медод директор.

*«Хорпуштак».*

### 189. Хонаи бе зан ҳам дар зимистону ҳам дар тобистон хунук

дар хонае ки зан нест, хушнудӣ ва осудагӣ нест.

— Гуфтанд, ки занатон ба қарибӣ қазо кардааст. Дилатон ганда нашавад.
— Хонаам вайрон шуд, бародар. Ҳама ба ҳар тараф парешон шуда рафтанду худам зоғ барин танҳо мондам...
— «Хонаи безан ҳам дар зимистону ҳам дар тобистон хунук» мегӯянд, ки рост аст.

*Р. Ҷалил «Шӯроб».*

### 190. Хонаи касеро вайрон кардан

ҳаёти оилавии касеро вайрон кардан, оилаи касеро парешон намудан.

— Ин хабарро нарезондаю начакконда ошкоро ба шавҳарат рафта мегӯям ва хонаатро вайрон мекунам...

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 191. Хонаи касе вайрон шудан

ҳаёти оилавии касе вайрон гардидан, оилаи касе парешон шудан.

— Хонаам вайрон шуд, бародар. Ҳама ба ҳар тараф парешон шуда рафтанду худам зоғ барин танҳо мондам...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 192. Хонаи гург бе устухон нест (намешавад)

дар хонаи одами зинда ҳамеша чизе ёфт мешавад.

1. Агар дар он қатор аз ман ҳам ғалла равад, боз ман метавонам, ки худро ҳар навъ карда аз гушнагӣ нигоҳ дорам, «хонаи гург бе устухон нест» гуфтаанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда*

2. — «Хонаи гург бе устухон нест» гуфтаанд, гардам, — пиразан деги ба замин фурӯ кардашударо рост намуд,— орд ҳам ҳасту равған ҳам ҳаст.

*Р. Ҷалил «Шӯроб».*

3. — Шумо ҳасту нестатро напурсида рехтан гиред, даркор шавад, боз чӣ қадар хоҳед меёбем (майро — *М. Ф.*), хонаи гург бе устухон намешавад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 193. Хонаи касе дар пушташ шудан

1. бе хонумон гардидан, 2. дар ба дар, сарсону саргардон шудани касе.

— Духтари нағз, агар ҳамин хел савдо кунед, хонаатон дар пуштатон мешавад.

*«Тоҷикистон».*

### 194. Хонаю дари худро дар ҷояш ёфтан

баъд аз сафари дуру дароз ба ҷои худ баргашта омада, хонаву бисоти худро безарар, солим ва obод дидан.

Аз он хурсанд мегардид, ки дар қатори ҳазорҳо фарзандони содиқи Ватан озодӣ, истиқлолият, бахту саодати халқро синасипаркунон муҳофизат намуда, гарчанде пояш маслуқ гардида бошад ҳам, зиндаю саломат баргашта омад, хонаю дарашро дар ҷояш ёфт, зану фарзандонашро дид.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 195. Хонаи дӯстон бирӯбу дари душман макӯб

агар эҳтиёҷе дошта бошӣ, ба дӯстат муроҷиат кун, ба душман, рӯ наор, ҳаргиз аз дӯстон рӯ гардонда, бо душманон ҳамсоз машав.

— «Хонаи дӯстон бирӯбу дари душманон макӯб» гуфтаанд одамони қадим,— гуфт,— лекин шумо бошед, гирифтори найранги душман шудед, аз дӯстон ор кардед, ҳатто ба дӯстонатон бад гуфтед...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 196. Хонаи касеро задан

хонаи касеро duздидан, ғорат кардан.

1. Аммо афсӯс ки ӯ кори фоиданоке карда натавонист; пулҳои аз андоз ҷамъшудаи амирро дуздида ва хонаи бойҳоро зада ба фақирон тақсим карда додани ӯ кор набуд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Як шаб дуздон хонаи ҳамсояҳои Шарофатро заданд...

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 197. Хона мондан (дар ҷое)

хона кардан, ошьёна сохтан, макон сохтан, ҷой гирифтан.

Дар ин ҷо зулм ва фасод хона монда буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Москва чӣ овардӣ?».*

### 198. Дар хонаи касе нағунҷидан

дар хонаи касе зиста бо соҳибаш муросо карда натавонистан, дар хонаи касе шахси сарзиёдатӣ будан.

Ду писари баобрӯ ва як духтари ба худат тинҷ доштa бошӣ, дар хонаи инаш нағунҷӣ, ба хонаи дигараш рав...

*Ҷ. Икромӣ, «Ишқу вафо»*
*(«Тоҷикистони советӣ»).*

### 199. Дар хона нишаста, ба моли бозор нарх мондан

чизеро надониста, нафаҳмида дар бораи он гап задан, шароитро ҳаматарафа насанҷидаю нафаҳмида, ба ҳисоб нагирифта дар ҳаққи чизе, коре гап задан,

Ин роҳбарон аз қабили ҳамон одамонеанд, ки дар хона нишаста ба моли бозор нарх мемонанд ва сари кореро нагирифта, онро бадном мекунанд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

## 200. Хонаю палос, одаму либос

зебу зинати хона палос, бошад аз они одам либос аст, чи хел ки ба хона бисоту анҷом даркор бошад, ба одам ҳам либос даркор аст.

1. Онҳо сару либоси ӯро нав намуданд: ду куртаву шалвори аз карбоси ғафсу тахта барояш дӯхтанду як чоруғи говӣ барояш хариданд. «Ба хона палосу ба одам либос», бача хеле ба назар намоён шуда монд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Якта гилем ҳам зарур, «хонаю палос, одаму либос».

*М. Сайфиддинов, «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

## 201. Хона равшан кардан

хӯрок хӯрдан ва ё ба гап омадани бемор пеш аз мурданаш; пеш аз инқироз камтар рӯ ба беҳбудӣ овардан.

Лекин тараққиёти маданӣ ва адабии замони Ҳусейн Бойқаро дар охири давраи темуриён, гуфтан мумкин аст, ки «хона равшан кардан» буд.

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи*
*«Бадоеъ-ул вақоеъ».*

## 202. Хонаро рӯфта бурдан

Тамоми чизу чораи хонаеро гирифта ё дуздида бурдан.

— Аз афташ, ин келини худобехабар дар хонааш роҳат карда хоб кардааст... хонаро ягон кас рӯфта барад ҳам намедонад!..

*А. Мусаввада, «Сабоҳат»*
*(«Занони Тоҷикистон»,*

### 203. Хонаи касеро сӯзондан

1. касеро гирифтори ғаму мусибат намудан, 2. ба касе сахт шикаст овардан.

1. Ӯ оқсаққоли мо буда, тарафи моро гирифтанаш лозим бошад ҳам, ба амлокдор ҷосусӣ мекунад, пашшаро фил, ҳуббаро қубба карда нишон дода, хонаамонро месӯзонад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Ҳамин қадар солҳо боз замини маро барзиёд нависонда, хонаи маро сӯзонда омадетон.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 204. Хонаи касе, чизе сӯхтан

1. ба сари касе мусибате омадан, ба бало гирифтор шудан, 2. зарари моддии калон дидани касе, 3. зиёд сарф шудан, исроф гардидани чизе.

1. — Ҷосус на танҳо сирри имшабаи маро, ҳатто Муҳаббатро ҳам, ки тамоми асрори ман бо ӯ буд, гирифта бурдааст. Хонем сӯхт! — гуфт худ ба худ бой.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Мову шумо дар сари ин нозу неъматҳо нишаста, аз дунъё хабар надорем ва ҳоло ин ки хонаамон сӯхта истодааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. — Ин гуна дастори калонро ҳар ҳафта як бор ба тағораи ҷомашӯӣ андохта шустан мумкин нест,— гуфт Қорӣ Ишкамба,— дар он сурат хонаи собун месӯхт.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 205. Дар хонаи торик

пинҳонӣ, дар хилват, дар ҷои аз назари одамон дур.

Аммо сониҳо фаҳмидам, ки хамаи лофу боди адолатпарварии ӯ дар хонаи торик буда, дар пеши одамон ва кӯчаҳо дигар рафтор мекунад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 206. Хонаи касеро хароб намудан

*Ниг.* Хонаи касеро сӯзондан.

Дуруст аст, ки он маъмурон ҳам бисьёр пора ва ришва мехуранд ва бар сари аҳолӣ чанчолҳо хезонда, хонаашонро хароб менамуданд...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

### 207. Хонаи касе шикастан

1. вайрон шудани оилаи касе, 2. мурдани зани касе.

Дар муддати умраш се бор хонадор шуда ва дар ҳар бор хонааш шикаста, алҳол муҷаррадона умр мегузаронд.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 208. Хонаи касе ҳуввас карда мондан

*Ниг.* Ҳуввас карда мондан.

Пас аз рафтани онҳо хонаашон ҳуввас карда монд.

**ХОНААМ**

### 209. Хонаам коза бошад, дилам тоза бошад

гарчи дар вайрона зиндагӣ кунам ҳам, лекин дилам беғашу осуда бошад.

1. — Дар кино, сурати хонаҳои озода ва боғчаҳои зеборо дидам; дар он гуна хонаҳо зиндагонӣ кардан ба кас муяссар шавад,— гуфта орзуи дили худро ба ҳамхонаи умрии худ маълум кардам.

Дохунда дар ҷавобгӯӣ дер намонд:

— Бобоён гуфтаанд, ки «хонем коза бошад, дилам тоза бошад»...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Андак задухӯрд, каме ҳаракат ва ғайрат нишон додан ба табъи ӯ намефорид. Шиори вай ҳамон ки «хонекам коза бошад, дилакам тоза бошад». Вай ба болои роль ба қадри тавон кор мекарду халос, ба дигараш кор надорад.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

**ХОНААТ**

### 210. Хонаат обод

офарин, боракалло.

— Хонаат обод, хуб нуктасанҷ будай.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»).*

**ХОНАВАЙРОН**

### 211. Хонавайрон шудан

*Ниг.* Хонаи касе вайрон шудан.

— Ин зимистон вой бар ҳоли мо, бачаву кочаҳо луч мондаанд.

— Хонавайрон шудем!

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид».*

**ХОНАДОР**

### 212. Қасеро хонадор кардан

ба касе зан гирифта додан, касеро оиладор намудан.

1. Дар мавридаш туро хонадор ҳам мекунем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Қисса кӯтоҳ, маро хонадор карданд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 213. Хонадор шудан

зандор, оиладор шудан.

Агар ба духтарам хонадор шуданӣ бошад, гуфтаҳои вазирро ҳатман иҷро кунад!

*«Занони Тоҷикистон».*

**ХОНАКӮЧ**

### 214. Хонакӯчу бӯрьёпеч

ҳамаи аҳли хона бо тамоми чизу чораи худ якҷоя, ҳамагӣ бо ҳамаи молу мулки худ.

1. Дина пагоҳӣ айнан дар ҳамин вақт Шарифподачии лаънатӣ аз Чорбед омада, дар як нафас ҳамаро «хонакӯчу бӯрьёпеч» кӯчонд.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

2. Ба болои нордбон баромада ба ҳавлии ӯ нигоҳ кард, ки зану мард, бачаю кача ҳамагӣ, чунон ки мегӯянд — «хонакӯчу бӯрьёпеч» каланду бел гирифта, баромада мераванд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

3. Онҳо аллакай хонакӯчу бӯрьёпеч баромада, ба хат гӯш карда истодаанд.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

**ХОНАШЕР**

### 215. Хонашеру майдонғариб

касе ки дар бораи коре калонгапӣ карда, аммо дар амал аз ӯҳдаи иҷрои он баромада наметавонад.

1. Аммо сонихо фаҳмидам, ки ҳамаи лофу боди адолатпарварии ӯ дар хонаи торик буда, дар пеши одамон ва кӯчаҳо дигар гуна рафтор мекунад...

— «Хонашеру майдонғариб» гӯед,— гуфт Қорӣ Усмон...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

2. Дар хона ду нафар солдати овозадори хонашеру майдонғарибн гитлерӣ монданду халос.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

3. — Ҳамаи шумоён хонашеру майдонғарибед. Намедонед, ки дев чӣ ва аҷина кадом аст.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

4. Султон Муҳаммад ҳамеша монанди як мағрури худписанд лоф аз шуҷоат ва қаҳрамонӣ мезад. Аммо агар шуҷоати шахсии ӯро ба тоҷикӣ ифода кунем, ӯ «хонашери майдонғариб» буд.

*С. Айнӣ, «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик».*

**ХОНДА**

### 216. Қасеро хонда мондан

ба бемор дуо хондан; беморро бо дуохонӣ «муолиҷа» кардан.

— Ман туро камтар хонда мемонам, зиёнат барҳам мехӯрад.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

**ХОНУМОН**

### 217. Хонумони касе ба пушт шудан

*Ниг.* Хонаи касе дар пушташ шудан.

Ҳа, агар ҳар бор ҳамин қадар пул гирад, хонумони ман ба пуштам мешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари ноком».*

### 218. Аз хонумони худ ҷудо шудан

1. аз чизу чора, молу мулки худ маҳрум гардидан, 2. аз оилаи худ ҷудо афтодан.

Ӯ аз хонумони худ ҷудо шуда ихтиёри сафар кард.

**ХОР**

### 219. Хор ба по халидан

озор дидан.

Тамоми умр вафодор мемонам ва ҳеҷ гоҳ намегузорам, ки хоре ба поятон халад.

*«Маориф ва маданият».*

### 220. Хор доштан

касеро ҳақир шуморидан, паст задан, хор кардан; ба касе бо назари таҳқир нигоҳ кардан.

Бештарини онҳо ба ман барин хешони ятимашон ҳамчун ба гадои кӯча нигоҳ карда онҳоро хор медоштанд, ки ин ба ман таҳқиромез ва нафратангез буд.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 221. Қасеро хору мол кардан

касеро навозиш кардан.

— Оҳ сангдил!... гӯён Қутбия ба гардани Ҳасан часпида ва мӯйҳояшро, ки бо дасти Ҳамдам-Фурма чигил гардида ба рӯяш парешон шуда афтида монда буд, ба рӯи бемӯи Ҳасан молида, ӯро хору мол кард.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ХОРӢ**

### 222. Касеро хорӣ додан

касеро таҳқир кардан, шарманда кардан.

Дарҳол ӯро аз гиребонаш гирифта ба пеши масҷид, ё ба пеши вакили муллоҳо кашола карда мебаранд, ӯро хорӣ медиҳанд, расво мекунанд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 223. Хории касе омадан

ғалаба кардани гирья.

— Баъзан давраи ҷавониамро ба хотирам оварда, хориам меояд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ХОТИР**

### 224. Ба хотири касе, чизе

барои эҳтиром, барои иззати касе.

Фақат ба хотири гули рӯятон, ба фармонатон итоат карда ин ҷо омадам...

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидоч»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 225. Аз хотир баровардан

*Ниг.* Аз ёд баровардан.

— Раиса, ба ман ёрӣ диҳед. Дигар тоқатам намонд. Ба онҳо ягон чорае бинед...— ҳатто салом доданро ҳам аз хотир бароварда гуфт ӯ.

*М. Рустамова, «Раиса»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

### 226. Аз хотир баромадан

*Ниг.* Аз ёд баромадан.

1. — Ин доғҳои мушту лагади падарлаънати Фирӯза, аз хотиратон баромадааст магар...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Қариб аз хотирам баромадааст.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

### 227. Дар хотир доштан

фаромӯш накардан, дар ёд нигоҳ доштан.

Ойҷони сесола қиёфаи ягонтаи онҳоро дар хотир надорад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 228. Хотири касе малул шудан

ғамгин, маъюс гардидан.

Даме ки шумо корхонаи Шайхи Рехтагарро аз тасвири устод Айнӣ ба хотир меоред, дилатон сиёҳ ва хотиратон малул мешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Дар меҳмонии бародарони ӯзбек» («Шарқи сурх»).*

### 229. Дар хотир нақш бастан

дар хотир мондан.

1. Он ҳикоятҳои ӯ дар хотири ман сахт нақш баста мондаанд.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

2. Як воқеаи соли 1958 дар хотири Файзулло сахт нақш бастааст.

*Тоҷикистони советӣ».*

### 230. Хотири касе нозук будан

зудранҷ будан.

Оре, чунин мусобиқа бисьёр нозук аст,
Ғолиб баро, ки хотири дилдор нозук аст!

*М. Аминзода, «Шеърҳо».*

### 231. Ба хотири касе овардан

чизи фаромӯшшударо ба ёди касе овардан.

— Рости гапро гӯям, ман ҳеҷ гоҳ падару модари ӯро ба хотираш намеоварам, то ки дилашро озурда ва кайфашро талх накунам.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 232. Хотири касе осуда будан

*Ниг.* Хотирҷамъ будан.

Хотири муборакат осуда бошад. Мурдан ё зистани як душман чӣ аҳамият дорад?

*С. Улуғзода, «Қалтакдорони сурх».*

### 233. Хотири касеро осуда намудан (гардондан)

*Ниг.* Хотири касеро ҷамъ кардан.

1. Эй кошкӣ барвақттар бегоҳ мешуду Эсанпай баргашта меомад ва хабарҳои хуш оварда хотирашонро қадре бошад ҳам, осуда менамуд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Вай хоҳиш кард, ки ин мактубро ба шумо бо дасти худ супурда, хотиратонро осуда гардонам.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 234. Хотири касе ошуфта будан

мушавваш, парешонхотир будан.

Ҷаро он рӯз хотиратон ошуфта буд, магар бо касе ҷанг кардед?

### 235. Хотири касе парешон будан

мушавваш будан; хавотир будан.

Вай дар ин бора сахт ҳайрон буд,
Хотираш з-ин сабаб парешон буд.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 236. Ба хотири касе чизе расидан

1. чизе ба ёди касе омадан, 2. чизеро дарк кардан, фаҳмидани касе.

1. — Майлаш, ҳамин рӯз меравам, худам ҳам кор дорам, ба хотирам расид...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Ин роҳ як роҳи хеле осон буд, ки пештар ба хотирам нарасида буд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

3. Аммо ин хатои ман ба хотири акаам намерасид.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

4. Зайнаббибӣ фурсате хомӯш нишасту баъд чизе ба хотираш расидагӣ барин ба шавҳараш муроҷиат кард...

*Ҷ. Икромӣ, «Ғусса» («Шарқи сурх»).*

### 237. Аз хотир гузарондан

касе, чизеро ба ёди худ овардан, ба пеши назари худ овардан.

Давраи бачагии худро аз хотири худ гузаронида, хандида мемонд.

### 238. Аз хотири худ тарошидан

1. касе, чизеро фаромӯш кардан, аз хотири худ дур кардан, 2. дар бораи чизе ё касе дигар ҳеҷ фикр накардан.

— Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре,— гуфта ёди вайро аз хотири худ тамоман тарошид.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 239. Хотири касе ҷамъ будан

осуда будан, ташвишу парешонӣ надоштан.

1 — Мо ҳозир рафта фаранҷиро месӯзонем, хотиратон ҷамъ бошад.

*Барои адабиёти социалистӣ».*

2. Ман нархи палавро медонистам, аммо аз кабоб хотирам ноҷамъ буд: раваду пулам камӣ кунад...

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

3. Ман ҳамин вақтҳо бисьёр серкор будам, хонда баромада натавонистам, бинобар ин ҳарчанд, ки барои матбаа фиристода шуданаш иҷозат дода бошам ҳам, аммо хотирам ҷамъ набуд.

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 240. Хотири касеро ҷамъ кардан

касеро дар бораи чизе дилпур кардан, хавотирӣ ва ташвиши касеро бартараф намудан.

— Ту, духтарам, аз вай натарс, ман ки ин ҷо ҳастам, туро намегазад,— хотири Дарьяро ҷамъ мекард пиразан.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 241. Хотири худро ҷамъ кардан

ором, осуда будан, аз ҳолати ташвиш баромадан.

— вай гумон мекунад, ки шуморо ҳам ба ҳамин қатор мезанад?

— Хотирашро ҷамъ кунад, ки ана ба ҳамин зӯраш намерасад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

**ХОТИРРАСОН**

### 242. Хотиррасон кардан

чизеро ба хотири касе овардан, чизеро ба касе гӯшрас кардан.

1. Ба ӯ хотиррасон кард...

*А. Деҳотӣ, «Алос ва чораи халос»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

2. Барои исбот воқеаи дигареро... хотиррасон мекунам.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ХОҲ**

### 243. Хоҳ-нохоҳ

1. ҳатман, албатта, 2. ба ҳар ҳол.

1. Ба ҳар ҳол аз кампир ибо мекард ва ба худ боварӣ дошт, ки имрӯз не, пагоҳ кампир мемураду Фируза хоҳ-нохоҳ ба дасти вай меояд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2 — Хоҳ-нохоҳ фиристодан лозим, фармоиш шуд...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3 — Хоҳу нохоҳ шумо ба район меравед.

*А. Садқӣ, «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

**ХОҲАМ**

### 244. Хоҳам-нохоҳам

бо дили нохоҳам; маҷбуран.

1. Вай хоҳам-нохоҳам, бо садои беэътино ва нимшунаво ба баъзеҳо алек мегирифт, ба баъзеҳо алек ҳам нагирифта тағофул карда мегузашт.

*С. Улуғзода, «Аҳмади Дониш».*

2. Аввал нобоварона ва хоҳам-нохоҳам ба пеши вай рафт.

*С. Улуғзода, «Бибӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ХУБ**

### 245. Хуб гап (аст)

1. ба ҷо ва хеле хуб аст, 2. айни мақсад аст.

1. Ҳоло ӯро ба колхоз гиранд ҳам, хуб гап!

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Аммо дар амал боғчаю ясли он чизҳоро нисфӣ гирифта бошад ҳам, хуб гап.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

3. Ҳамин пахтаро саришта кунем ҳам, хуб гап аст.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 246. Хуб шудааст

розӣ, қабул; майлаш.

— Хуб шудааст, муаллим,— ҷавоб доданд онҳо.

*«Маориф ва маданият».*

**ХУБӢ**

### 247. Аз касе хубӣ дидан

аз тарафи касе нисбат ба худ некӣ дидан.

— Дониста мон, ки аз бойҳо хубӣ намебинӣ.

*Қ. Наимӣ, «Соли 1916».*

### 248. Аз касе хубӣ набаромадан

аз касе умеди некӣ набудан, аз касе зоҳир нашудани некӣ, ҳайрхоҳӣ.

Аз ин гуна одам ҳаргиз хубӣ намебарояд.

**ХУД**

### 249. Худро аз айб пок кардан

худро сафед кардан, беайб намудан, гуноҳро аз гардани худ соқит кардан.

Ман мехоҳам, ки худамро аз айб пок кунам.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 250. Худро аз касе боло гирифтан

худро нисбат ба касе калону бартар нишон додан.

— Шароф, ин не, вай не, ту худатро аз бачаҳо боло мегирӣ.

*Д. Раҷабӣ, «Ашки модар»*
*(«Истеъдодҳои ҷавон»).*

### 251. Худро аз касе болотар шумурдан

*Ниг.* Худро аз касе боло гирифтан.

Вай худро аз деҳқонони хоккаш болотар шумурда аз кор кардан ор мекард...

*«Раҳбари дониш».*

### 252. Худро аз давра берун кашидан

худро аз қатори ҷамоат дур кашидан, аз доираи одамон берун баромадан.

Вақте ки вай ҷисман, рӯҳан аз дигарон мондагӣ надорад, чаро худашро аз давра берун кашад?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 253. Худро аз даст додан

ихтиёри идора намудани худро гум кардан.

Вай аз ҷои худ хеста натавонист. Пас аз чанд дақиқа худро тамоман аз даст дод. Сараш гирд-гирд давр мегашт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## 254. Худро аз касе, чизе дур кардан

1. худро аз касе дур гирифтан, аз коре худро канора гирифтан, 2. ба чизе аралаш нашудан.

1. Агар ту барин ҷавони шаҳриро дида, ошиқ шуда бошад, ҳеҷ ҷои тааҷҷуб нест. Фақат ту акнун барои чӣ худатро аз вай дур мекашӣ?

*С. Улуғзода, «Ҷӯяндагон»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Пас аз он ҳодиса худи вай ҳам ҳамеша худро аз ман дур кашида мегардад, шарм мекунад.

*«Газетаи муаллимон».*

## 255. Худ аз худ...

1. ба сари худ, бе ёрӣ ё мудохилаи дигарон, 2. бечуну чаро, ҳатман.

1. Аввал чашми келинат (арӯсат) сиҳат-саломат равшан шавад, баъд номи бача худ аз худ ёфт мешавад...

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. Шояд коммунистони колхоз фикр кунанд, ки таҷриба худ аз худ паҳн шудан мегирад ва ҳоҷати ташвиш нест.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Худ аз худ маълум аст, ки ин масъала имрӯз, дар ин маҷлис ҳал намешавад.

## 256. Худро афшондан

бо мақсади «шифо» ёфтан аз беморие худро ба дуохоне хононда, маросими махсусеро ба амал овардан.

— Ба Исфара рафта, ба ягон мулло як хононда, ё ба ягон девона худатро як афшононда биёӣ, чӣ мешавад?

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

## 257. Худро ба (бар) болои чизе партофтан

1. ба чизе ҳарисона часпидан, 2. бо коре сахт машғул шудан.

1. Мо, ки сахт гурусна монда будем, худро бар болои хӯрок партофтем.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол»*

2. — Ба шумо чанд бор бой додам, аммо аз ин маъюс шуда худамро шабу рӯз ба болои шоҳмот партофта намондам...

*Қ. Наимӣ, «Тағьирот»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 258. Худро ба ҷое гирифтан

ба ҷое пинҳон шудан, ба ҷое паноҳанда шудан.

1. Чун Гулнор наёмад, пиндошт, ки вай бо роҳи дигаре худро бар теғаи кӯх гирифтааст...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Зудтар худатонро ба зери ҳо ана вай шипанг гиретон!

*«Занони Тоҷикистон».*

3. Юнусбобо ба симои шодидавидаи Сафар як назар афканду баъд худро оҳиста ба сӯи дар гирифт.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 259. Худро ба гӯшаи саломатӣ кашидан

ба ҷои амне рафтан, аз хатар дур шудан.

Акнун аз паи ин кор нагашта, ҳар кадомамо худро ба гӯшаи саломатӣ кашем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 260. Худро ба даст гирифтан

1. худдорӣ кардан, худро аз коре боз доштан, 2. қаҳру ғазаби худро фурӯ нишондан.

1. — Ман бо ин кӯдак бенигоҳубин мондам,— гирья гулӯи ҷавонзанро гирифта дар чашмонаш ашк чарх зад. Лекин ӯ худро зуд ба даст гирифта суханашро давом дод.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид».*

2.— Ҷаноб, худро ба даст гиред. Набошад масхара мешавем.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

3. — Шумо ҳам, ки як чакакатон боз шуд, дигар худатонро даст гирифта наметавонед, майна барин гап задагетон гап задагӣ.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 261. Худро ба доми касе андохтан

ба касе фирефта шудан, ба фиребу найранги касе афтидан.

Чораи мо ба қадри имкон худро аз ҳилаву найрангҳо нигоҳ доштан ва ҳеҷ набошад, ба ихтиёри худ худро ба доми инҳо наандохтан аст.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 262. Худро ба коре задан

машғули коре шудан, ба коре сахт часпидан.

1. Баъзе заминдорони калон бошанд, дарҳол худро ба савдову саноат заданд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Худро ба хизмати Ҳокимияти ҷавони Советӣ зад...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

3. Ин қадар ҳам нею ҳар чӣ бошад ҳам, мисли дигарон худашро ба ҳар кор мезадагӣ не...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

4. Худро ба дарвешӣ ва қаландарӣ зада мегашт.

*С. Улуғзода, «Аҳмади Дониш».*

## 263. Худро ба канор кашидан (гирифтан)

1. худро аз коре дур гирифтан, 2. худро аз ногуворӣ, масъулияте дур кардан, 3. алоқаи худро кандан, тарки алоқа кардан.

1. — Амир гурехтааст, акнун мо ин ҷо чӣ кор мекунем, зудтар худро ба каноре кашиданамон беҳтар аст.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Агар одамони бовиҷдон ва софу беғаш бошанд, кӣ будани Мухторро дониста, хар чӣ зудтар худро аз ӯ ба канор мекашиданд...

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

3. Ҳаракат мекард, ки худро аз ман ба канор гирад...

*П. Толис, «Тобистон».*

4. «Наход ки ин зан ғалабаи онҳоро ногузир пиндошта, ҳавохоҳи тарафи зӯр шуда, худро аз ташвиш ба канор гирифтан мехоҳад?»

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 264. Худро ба карӣ (ношунавоӣ) андохтан (задан)

1. гаперо шунавидан нахоста, худро бардурӯғ кар нишон додан, 2. худро ба нофаҳмӣ задан.

1 — Дар ин хел мавридҳо мо худро ба карӣ меандозем, бачем.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Шахтабон ин сухани Буровро шунида бошад ҳам, худро ба ношунавоӣ зада, ба дигарон задани неши забонро давом додан гирифт.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 265. Худро ба касе надорондан

1. худро ба дасти касе надодан, дастгир накунондан, 2. таслим нагардидан.

Онҳо бисьёр маротиба дадотро дошта заданӣ шуданд, аммо дадот ҷавон бошад ҳам, аз онҳо зӯртар буд, чаққон буд, худашро ба онҳо намедоронд.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 266. Худро ба касе нағз нишон додан

*Ниг.* Худро ба чашми касе нағз карда нишон додан.

Рафта бо вай дар як ҷо бошед, як кор карда худатонро ба вай нағз нишон диҳед...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 267. Худро ба нодонӣ задан (андохтан)

1. худро нодон вонамуд кардан, қасдан худро нофаҳм ба қалам додан.

1. Ҳоло, дурӯғ ҳам бошад «ман ба зани ту назари бад надорам, ӯро мисли духтарам ва келинам медонам» гуфтани бойро ғанимат дониста, худро ба нодонӣ

зада гаштан гирифтан беҳтар аст, ҳар вақт, ки фурсату ҷои муносиб ёфт шуд, аз ин ҷо халос шудан осон аст.

*С. Айнӣ, «Ятим».*

2. Фотима чанд бор ба бригадир арз намуд, аммо вай худро ба нодонӣ зада мегардад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

3. — Шумо пеш дар мактаби ба номи Қалинин кор мекардед?— худро ба нодонӣ андохта боз савол дод Худойбердиев.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 268. Худро ба нофаҳмӣ задан (андохтан)

*Ниг.* Худро ба нодонӣ задан.

1. Набӣ-полвон пичинги Шербекро фаҳмида бошад ҳам, худашро ба нофаҳмӣ зад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Гӯё ки сухани ӯро нашунида бошам, худро ба нофаҳмӣ задам.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

3. Сафар дарҳол сарашро поён фуроварда, худашро ба нофаҳмӣ андохт.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. 1.*

### 269. Худро ба обу оташ задан

1. ба ҳеҷ душворӣ ва мамоният нигоҳ накарда, ба коре иқдом намудан, кӯшишу ғайрати зиёде кардан, 2. ҳаёти худро ба хатар андохтан.

Худро ба обу оташ зада, ҳаракат мекардем, ки азоб накашанд, гуруснаву луч намонанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 270. Худро ба тарафи (сӯи) чизе задан

ба сӯи чизе рафтан, якбора ба тарафе равона гардидан.

1. Ҳамин ки хониши Зайнаб ба охир расид, Мухтор мошинаи ғазалро хомӯш карду худро ба сӯи дарвоза зад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Ҳама худашонро ба тарафи бодиринги ман заданд.

*П. Толис, «Тобистон».*

### 271. Худро ба тарозу андохтан

1. худро азиз кардан, қадру қимати худро баланд кардан, 2. нозу нуз кардан.

1. Аммо духтароне, ки онҳо талабгор доранд, хусусан ман барин ошиқи ҷазму мубтало доранд, худро ба тарозу меандозанд.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

2. — Ин қадар худатонро ба тарозу андохтед, сар кунед монед-дия.

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов, «Тӯҳмат»*

### 272. Худро ба теғу табар задан

*Ниг.* Худро ба обу оташ задан.

Чунки акаам худро ба теғу табар зада ба кадом душворие, ки бошад, хондани худро давом медод.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 273. Худро ба хоб задан

худро хоббурда нишон додан, худро дар хоб вонамуд кардан.

Пас аз ин ман ҳам лӯнда шуда ба кунҷе худро ба хоб задам ва дере нагузашта аз дунъё бехабар шудам...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 274. Худ ба худ

1. дар замири дили худ, 2. зери лаб, 2 *ниг.* худ аз худ.

1. Расидам боз дар ҷои харобам,
Бигуфтам худ ба худ акнун шитобам.

*М. Миршакар, «Панҷи ноором».*

2. Ӯ ҳасрату аламашро як ба як аз дил гузаронида, худ ба худ фикр мекард....

*«Тоҷикистони советӣ».*

3 — Ба фаҳми ман, муаззин тарсид, ин ҳодисаро ба бой хабар надиҳад, кор худ ба худ хобида меравад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 275. Худро ба чашми касе нағз карда нишон додан

1. худро одами хубу хайрхоҳ ба қалам додан, вонамуд кардан, 2. ҳусну таваҷҷӯхи касеро ба худ ҷалб карданӣ шудан.

— Худашро ба чашми мо одами нағз карда нишон доданӣ...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 276. Худро ба чор (чаҳор) тараф задан

1. ба ҳар даре сар задан, 2. бисьёр кӯшишу ҷандала намудан, такудав кардан, 3. бесаранҷом шудан, беқарор гардидан.

1. Яъне, мувофиқи ваъдае ки раис дода буд, барои дуруст кардани ҳуҷҷатҳои шубҳаовар ва тайёр кардани ҳуҷҷатҳои нав, ки дуруст будани мадохилу махориҷи колхозро «оина барин нишон диҳад», худро ба чаҳор тараф зад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Немисҳо худро ба чор тараф зада, мехостанд, ки аз ягон ҷой хатти мудофиавии қӯшунҳои дар саҳроҳои назди Волга истодаамон, сӯрохе кушода, боз ба тарафи шимол пеш раванд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

3. Вай ба ягон бало гирифтор шудани соҳибашро пай бурда, бесаранҷом шуда, худро ба чор тараф задан гирифт.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 277. Худро ба ҳар кӯча задан

*Ниг.* Худро ба чор тараф задан.

Ҳар чӣ кор кунад ҳам, худро ба ҳар кӯча занад ҳам, Мухтор одами танҳо ва якка буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 278. Худро ба ҳар тараф (сӯ) задан

*Ниг.* Худро ба чор тараф задан.

1. — Худатро эҳтиёт кун, ин қадар баҳудаю беҳуда ба ҳар тараф задан нагир, ман феъли туро медонам...

*«Машъал».*

2. Ӯ худро ба ҳар тараф зада, «ба ҳар ош қатиқу ба ҳар нон чазза» шуда мегашт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Дар ин хел вақт ба ҷои Сангин ман бошам ҳам, девона барин худамро ба ҳар сӯ мезадам.

*Ҷ. Икромӣ, «Ғусса»*
*(«Шарқи сурх».*

### 279. Худро баланд гирифтан

1. ҳавобаландӣ, калонгирӣ кардан, каттагӣ намудан, 2. мағрур шудан.

— Оббо, ин қадар худатонро баланд нагиред!

### 280. Худро берун гирифтан

1. берун баромадан, 2. худро ба канор гирифтан.

Дарҳол худро берун гирифтанд.

*«Маориф ва маданият».*

### 281. Худро бой додан

1. аз тарс чӣ кор кардани худро надониста мондан, 2. сахт тарсидан; 3. аз кувваю дармон рафтан, бе ҳолу нотавон гардидан, 4. худро гирондан.

1. Он гови ҳақиқиро дев пиндошт ва бинобар ин худро бой дод ва аз ҳуш рафта афтод.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. «Ҳеҷ гап нею барои чӣ ман худро ин қадар бой дода истодаам?»

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Дар муддати яку ним соле, ки Ҷӯра Сангиновро надидааст, муаллими кӯҳансол худро хеле бой дода монда буд...

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

4. Ҳанӯз худро бой надодааст, дар рӯи замин бардаму бақувват қадам мезанад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 282. Чизеро аз худ бофта гуфтан

сухани дурӯғ гуфтан, гаперо аз ҷои набуда, дар хаёли худ сохта гуфтан.

— Не, ту инҳоро аз худат бофта мегӯӣ!

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

## 283. Худи гап чист?

моҳияи гап, воқеа аз чӣ иборат аст? масъала дар сари чист?

1. — Сарзвено ба бригадир итоат мекунад ё не?
— Бояд итоат кунад,— ҷавоб дод Боровиков.
— Худи гап чист? Чаро ту ин саволро додӣ?

*С. Улуғзода, «Навобод».*

2. — Сӯҳбататон хеле қаймоқ баст-ку,— гуфт ниҳоят ба вай Рашидов,— худи гап чӣ?

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

## 284. Аз худ гила кардан

чизеро айби худ донистан, дар коре худро айбдор донистан.

1. Агар бе рухсати вай коре шавад, Ҳайдарқул аз худаш гила кунад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. «Аммо агар ба ин талабҳои ҳаққонии мо ҳам гӯш накунед, боз полицияю амалдоронро ба ин ҷо даъват намоед, он вақт аз худатон гила кунед. Зеро косаи сабри мо лабрез шудааст».

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

3. Ба имтиҳон дуруст тайёрӣ надидаӣ,— «ду» гирифтӣ, аз худат гила кун!

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

### 285. Ба худ гирифтан

1. қабул кардан, 2. эътибор додан, диққат кардан.

1. Бачаи хушзеҳн ва балаёқат ҳар чӣ ки падаршаванда мегуфт, ба худ мегирифт.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Як вақт аз тарафи Сквер садои қарс-қурси милтиқ баланд шуд; ман магар сарбозон машқ мекунад гуфта ба худ нагирифта омадан гирифтам.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 286. Худро гирондан

лоғару хароб шудан, беҳолу бемадор шудан.

1. Вай дар байни чанд рӯз худашро гиронда монд, сурхии рӯяш ба зардӣ гашт ва дар таги чашмонаш сояҳои кабуд пайдо шуданд.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

2. — Бечора бачаам худашро боз хеле гирондааст, минбаъд ба ин хизмати вазнин чӣ хел тоб меоварда бошад?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 287. Худро гум кардан

1. аз тарс ё ҳаяҷон чӣ кор кардани худро надониста, ҳайрон шуда мондан, 2. аз шиддати ғурур аз ҳадди эътидоли худ берун баромадан, рафтору кирдори худро дигар кардан, 3. маст шуда мондан.

1. Пиразан аз шодӣ худашро гум карда буд.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

2. Даҳ ҳазор сӯм якбора ба кисаатон афтода монад, шумо ҳам худатонро гум карда, ба куҷо сарф кардани ин пулро надониста гаранг шуда мемонед.

*Б. Азизӣ, «Таҷриба»*
*(«Шарқи сурх»).*

3. Аммо вай худашро гум накарда, даррав гапро дигар кард.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

4. Одамоне ҳастанд, ки агар ба мансабе интихоб шаванд, сарашон ба осмон расида, ҳеҷ касро писанд намекунанд, худашонро гум мекунанд.

5. — Ин қадар болобардор накунед, ман худамро гум карда мемонам.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

6. — Бозор чанд вақт боз худашро гум кардааст,— гуфт дигаре, имрӯз ба пеши бой, фардо ба пеши оқсаққол ва имом, ҳамеша пеши калонпоён нишасту бархост карда гаштааст.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

7. — Қамтар нӯшу худатро гум накун-дия.

*«Газетаи муаллимон».*

## 288. Худро дар гӯшае кашидан

аз назари мардум худро дур кардан, канорагирӣ кардан.

— Магар онҳо бӯи пилтаро фаҳмидаанд, ки роҳбари худашонро кушта партофтанд, акнун худамонро дар гӯшаи дигар кашиданамон даркор аст...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 289. Худро дар осмони ҳафтӯм ҳис намудан

1. худро ниҳоят нағз ва осуда ҳис кардан, 2. худро хеле сарфароз ҳис намудан.

Кӯҳистониён ба водии Дилварзин омада, худро дар осмони ҳафтӯм хис намудаанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 290. Худро дидан

манфиати худро ба назар гирифтан, фақат нафъи худро донистан, аз паи манфиати худ шудан, дар фикри худ гардидан.

Имом як пиёла чойро пеши бачаи раққос овард ва дасти худро ба гардани вай андохта чойро пеши лабаш дошт ва:

— Садқаат шавам, барои хотири мо ба «мири ғозии мо» як илтифот кун,— гуфт.

— Домулло, худатонро дидан гиред...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 291. Аз худ дониста...

аз пеши худ, бо фикру мулоҳизаи худ, мустақилона.

1 — Ҳеҷ кас нафармудааст, аз худамон дониста карда истодаем.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. — То кас монда, ҷеғ назанонам, худатон аз худ дониста намебиёед-а?

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. — Охир, дадеш, ба ҳамаи ин худатон айбдор, «шароит ҳаст» гуфта, ягон бор аз худатон дониста намегӯед, ки «писарам, канӣ рӯзномаатро як нишон деҳ, чӣ хел хонда гаштаӣ? — гуфт гилаомез.

*«Маориф ва маданият».*

### 292. Аз худ донистан

*Ниг.* Аз худ гила кардан.

— Хайр, агар ин хел бошад,— гуфт Меҳрбону,— илоҷи дигар нест, меравам, аммо агар бадбахтие ба ман рӯй диҳад аз худатон донед.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 293. Худро донистан

*Ниг.* Худро дидан.

— Шумо худатонро донед, ҳар кас аробаи худро кашола кунад, беҳтар аст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 294. Худро дошта гирифтан

1. *Ниг.* Худро ба даст гирифтан, 2. аз ҷиҳати иктисод аҳволи худро беҳтар кардан.

1. — Худатро дошта гир, нағелӣ, боз ягон ҷоятро маиб накунӣ.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

2. Аввал мехост муқобилият нишон диҳад, аммо худро дошта гирифт ва баҳсу мунозираро бо диққат шунида, таҳлил мекард.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст».*
*(«Шарқи сурх»).*

3. Ба саволҳои ман ҷавоб дода мегуфт, ки мехоҳад як сол кор карда, худашро дошта гирад.

*П. Толис, «Еру ҷӯраҳо».*

### 295. Худро доштан

*Ниг.* Худро ба даст гирифтан.

1. Вале аз ҳаяҷон лабҳояш ларзида, муддате гап зада натавониста монд. Баъд як навъ карда худашро дошт ва бо овози ҳаяҷономез пурсид...

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя»*

2. — Шумо, мардҳо, худро дошта наметавонед.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 296. Худро зер карда гирифтан

*Ниг.* Худро ба даст гирифтан.

Одами мард худро саҳл зер карда гирифта, ба гуфти калону хурд даромада, кор мекунад.

### 297. Худро калон гирифтан

*Ниг.* Худро баланд гирифтан.

— Худатонро калон мегирифтед, ҳеҷ касро назаратон намегирифт...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 298. Худро канда кардан

аз касалӣ ҳанӯз тамоман шифо наёфта, кор карда ё бисьёр роҳ гашта боз касал шудан, боиси такрорьёбии бемории ҳанӯз тамоман сиҳат наёфтаи худ гардидан.

— Худро канда карда нобуд мекунӣ,— гуфт ва маро боз як моҳи дигар дар хонаи худаш нигоҳ дошт...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

### 299. Чизеро аз худ кардан (намудан)

1. чизеро моли шахсии худ кардан, 2. чизеро ба хубӣ дарк кардан, омӯхтан, донистан, 3. истифода намудан, ба кор даровардан.

1. Ин бои нобакор ба падарам тӯҳмат карда, ҳавлии ӯро аз худ карда будааст.

2. Ба Регистон ва лаби ҳавзи Девонбегӣ рафта ба маъракаҳои қиссахонон нишаста аз он ҷо қиссаҳо ва афсонаҳоро шунида аз худ мекардааст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

3. Порсол фақат аз талабаҳои синфҳои даҳум шаш духтар касби дӯзандагиро аз худ карданд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Меҳри диёр»*
*(«Чароғи ирфон»).*

4. Биноӣ санъати мусиқиро дар натиҷаи нишондод ва эродҳои ҷиддии Навоӣ аз худ кардааст.

*А. Мирзоев, «Биноӣ».*

5. Ҳама кӯшишу саъи худ барфузуд,
Ки техникаи ҷанг аз худ намуд.

*С. Ҷавҳаризода, «Гулшани афрӯхта».*

6. Хоҷагии ҷангалии Ленинобод барои аз худ кардани заминҳои регзори назди Сирдарьё кори калон бурда истодааст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## 300. Ба худ кафан дӯхтан

боиси ҳалокати худ гардидан.

Лекин амри пошшобибиро, хусусан дар ин тавр мавридҳои нозук рад кардан, ба худ кафан дӯхтан қатӣ баробар буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## 301. Худро коҳонидан

1. худро ба ташвиш монондан, 2. зик кунондан, 3. азоб додан.

— Э, рафиқ лейтенант, барои ҳамин гапҳо ғам хӯрда худро коҳонидан намеарзад, парво накунед....

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 302. Худро моҳи беайб карда нишон додан

худро беайб, бенуқсон, бегуноҳ карда нишон додан.

Агар сабаби иҷро нашудани графикаро пурсед, вай гап ёфта натавониста, нарасидани қувваи коргариро баҳона мекунад ва худро моҳи беайб карда нишон доданӣ мешавад.

*«Хорпуштак».*

### 303. Худро моҳи беайб шумурдан

худро тамоман беайб, бенуқсон, бегуноҳ ҳисоб кардан.

— Ба ҳар ҳол ҳарчанд раиси кӯҳнаи кордон ҳастӣ, худро моҳи беайб нашумор...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ, II.*

### 304. Худро мусичаи бегуноҳ шумурдан

худро тамоман бегуноҳ донистан.

— Шумо ҳам акнун худро мусичаи бегуноҳ мешуморед? Не, ҳилаатон намегузарад, Улфатов.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ, II.*

### 305. Ба худ набудан

парешонхотир, мушавваш, ғазабнок, асабонӣ будан.

Ин нағз не, ниқор гирифтан нағз не. Вай дирӯз ба худ набуд, монда шуд; Сурайё ӯро ҳақорат дод, ман ҳам ӯро ҳақорат додам.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 306. Худро нагирондан

худро қасдан ба нофаҳмӣ задан, худро чунон нишон додан, ки мусоҳиб аз рӯҳияаш сирреро пай набарад.

1. Охир ба ҳамин қарор омадам, ки гӯё як раҳгузар шуда аз ҳамон ҷойҳо як хабар гирам. Зиёда набуд. Ман ҳам аз хати вай даҳон накушодаю худро нагиронда соати ёздаҳи шаб ба хона омадам.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

2. Ман акнун, фақат акнун фахмидам, ки Бобораҳмат чӣ қадар марди бовиқор будааст. Охир вай тамоман пир шудаасту лекин дар назди Қутбиддин худро намегиронад...

*«Маориф ва маданият».*

### 307. Худро нагиронданӣ шудан

*Ниг.* Худро нагирондан.

Хола аз гапаш пушаймон шуда бошад ҳам, аммо худро нагиронданӣ шуд...

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 308. Аз худ намондан

дар умеди худ шудан, ба худ такья кардан.

Як чиз-ним чиз даркор шуда мемондагист, омада намепурсӣ.

— Ҳар кас аз худаш намонад,— ҷавоб дод камбагал.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 309. Худро нигоҳ доштан

худро аз амале боз доштан, худдорӣ намудан, худро даст гирифтан.

1. Хайрият, ки Хоҷиумар буду ман аз вай ибо карда худамро нигоҳ доштам, набошад дар худи ҳамин ҷо Йӯнусакои туро боб мекардам.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

2. Ман аз қаҳрам қариб буд, ки вайро барои ҳамин суханаш буғӣ карда кушам, лекин худамро нигох доштам.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 310. Худро нишон додан

дар коре ҳунарнамоӣ кардан, маҳорати худро нишон додан.

Дар кор ҳам худашро нишон дода тавонист.

*«Тоҷикистон».*

## 311. Ба худ овардан

касеро ҳушьёр кардан, каси аз ҳушрафтаро ба ҳуш овардан.

Овози тире ки аввалин бор баромад, Гулрӯро ба худ овард.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

## 312. Ба худ омадан

1. ҳушьёр шудан, ба ҳуш омадан, 2. худдорӣ кардан, 3. камтар ба қувват омадан, сиҳат шудан.

1. Холаи парешонхотир ба худ омада ва ба духтараш назар андохт.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

2. — Ҳа, бале, акнун ба худатон омадед...

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

3. Аммо падару модар аз хиҷолат ва ғаму ғуссаи вай ҳеҷ ба худ омада наметавонистанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Меҳри ӯ»,*
*(«Шарқи сурх»).*

4 — Занҳо фикр мекардагӣ шудаанд...
— Ба худ биёед, мардак. Чихо гуфта истодаед?

*Ш. Қиёмов, «Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат шав!»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»).*

5. Вай рӯймолчаро ба об тар карда ба пешонаи кампир гузошта буд, ки аҳволаш қадре сабук шуд, кампир ба худ омад.

*Ҷ. Икромӣ, «Меҳри ӯ»*
*(«Шарқи сурх»).*

6. Тағоиям акнун хеле ба худ омада буд, дигар таб азобаш намедод.

*П. Толис, «Тобистон».*

## 313. Худро паст гирифтан

1. худро ҳақир нишон додан, 2. хоксорӣ кардан.

Худатро ин қадар паст нагир, Ваҳҳоббой.

*С. Улуғзода, «Шодмон».*

### 314. Касеро аз худ равондан

боиси мағрурӣ, худписандӣ, мутакаббирии касе гардидан.

Таърифу тавсифҳои роҳбарони собиқи республикаю район онҳоро аз худ равонд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 315. Аз худ рафтан

1. мағруру худписанд шудан. 2. аз ҳадди худ гузаштан, 3. аз ҳуш рафтан.

1. Колхозчиёнро ҳурмат намекунад, мансабам ҳаст гӯён аз худ рафтагӣ. Фикр намекунад, ки гуфтаанд: «Аз худ нарав, ки ёронат аз ту мераванд».

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Шумоҳо як-ду центнер зиёд ҳосил мегирем гуфта аз худ рафта мондаед!

*С. Улуғзода, «Навобод».*

3. Дигарҳо саҳл ба мансаби баланд, ки баромаданд, тез аз худ мераванд. Аз «Победаю» «Зим» намефароянд. То метавонанд, худро аз одамони оддӣ дуртар мегиранд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

4. — Эҳе, шумо аз худ рафта истодаед-ку!— хитоб кард ӯ бо қиёфаи ҷангҷӯёна....

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

5. — Падарлаънатӣ хӯҷаинам—Умарбой ҳақиқатан ҳам аз худ рафтагӣ-дия.

*Ҳ. Карим ва Дунган, «Соли 1916», («Шарқи сурх»).*

6. Ҳароратам ба ҳадде баланд шудааст, ки аз худ рафтаам ва ҳазьён гуфта, гирьяҳо кардаам.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

7. Мулло бо дидани ин ҳодисаи ногаҳонӣ, ки ҳаман орзуҳои ӯро барбод дода буд, қариб аз худ рафтааст....

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 316. Касеро ба худ роҳ додан

1. ба касе барои даромадан ба ҷое имкон додан, 2. ба касе иҷозат ё имконияти иҷрои кореро додан, 3. касеро қабул намудан.

Босмачиён ба гуноҳи ин ки аҳолиаш аскарони сурхро ба худ роҳ додаанд, ин ҷоро сӯхтанд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 317. Худро сабук ҳис кардан

худро беҳтар ҳис намудан, худро дар ҳолати муқаррарӣ ҳис кардан (масалан: пас аз беморӣ).

Ҳамин ки навбати вай мерасид, дар палатаҳо касалҳо худашонро сабук ҳис мекарданд.

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман, «Гунаҳкор кӣ?».*

### 318. Худро сафед кардан

1. худро беайб, бегуноҳ кардан, 2. собит кардани бегуноҳии худ.

1. Ман бояд коре кунам, ки дар назди ту, дар назди Гулмоҳ, дар назди рӯҳи Бобо Сангин худро сафед кунам.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов, «Тӯфон».*

2. — Хайр, ана, ҷони амак, мо ҳам дар пеши шумо гуноҳи худро ба гардан гирифта, аз ҷону дил хизмати шумоёнро карда, худамонро сафед мекунем...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 319. Худро сӯзондан

худро ба нохушӣ, мусибат гирифтор кардан.

— Дар асл барои духтари Урунбой қалъачӣ, гумоштаи Урунбой қалъачӣ муносиб буд, «Гӯсола бо гӯсола— ошнои садсола» гуфтаанд. Аммо Ҳасанҷони мо аз бетаҷрибагӣ ба дом афтод, ҳам худашро сӯзонд ва ҳам Фотимаро.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 320. Аз худ умедро кандан

аз ҳаёти худ ноумед шудан, аз ҳаёти худ даст шустан.

— Ман,— гуфт ҳезумкаши дигар,— аз худамон ҳам кайҳо умедамро кандаам. Ҳозир ман дар куҷо буданамонро намедонам. Дар як биёбоне, ки ҷои сархалонӣ

набошад ва ба кадом тараф рафтанатро ҳам надонӣ, дар вақти ин тӯфони бало чӣ гуна ба гӯшаи саломат мерасӣ?

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 321. Худи хамир барин

гапдаро, фармонбардор, ҳалим.

Ана, Турсунбой мана бинед, худи хамир барин... чӣ ки гӯям, аз гапам намебарояд.

*Ҷ. Икромӣ, «Зӯҳра».*

### 322. Худи худаш

1. худи ҳамон, 2. он чи ки мегӯед.

1. — Шумо ҳам, ба хаёлам, «Беламорканал» мекашидед-а, амак?

— Худи худаш...

*Р. Ҷалил. «Шӯроб».*

2. Ҷаноби судур?

— Ҳа, ҳа худи худашон!

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 323. Худро хӯрдан

1. худро азоб, азият додан, азобу машаққат кашидан, ботинан азоб кашидан.

Тағоиям аз бадгумонии одамон бисьёр хафа буд, худашро мехӯрд.

*П. Толис, «Тобистон».*

### 324. Худро ягон кор кардан

1. ба сари худ ягон мусибатро овардан, худро ба балое гирифтор кардан, 2. худро ҳалок намудан.

Хонуми бечора қариб аз ақл бегона шуда буд. Свифт ӯро танҳо намегузошт, ки худро ягон кор накунад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

### 325. Худро ғундоштан

ба худ омадан, худро ба даст гирифтан, диққати худро ба як ҷо ҷамъ намудан.

1. Акнун Гулбибӣ як қадар худро ғундошта гирифта, чашмҳояшро пок карда гуфт....

*Б. Азизӣ, «Никоҳи дилхоҳ»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

2. Дар сӯҳбат будани одамҳои пешқадами республика ва тарзи давом кардани сӯҳбат ба вай имкон намедод, ки сархуш шавад ва ӯ ҳамеша худро ғундошта истода, бо андеша сухан мекард.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 326. Худро ҳаво додан

1. худро аз ҷое партофтан, 2. давида омада ба ҷое даромадан.

1. Вай аз болои ҳезум як халтачаро гирифта гурехтанӣ мешавад, худро ба як ҷарии хеле чуқур мехоҳад ҳаво диҳад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Якбора чир зада худро ба даруни хонаи модараш ҳаво дод.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 327. Худро ҷигархун сохтан

*Ниг.* Ҷигари худро хун кардан.

Масозед ин қадар худро ҷигархун,
Ки дарди ман бувад аз чора берун.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

### 328. Ба худ ҷои нишастан наёфтан

дар изтиробу ҳаяҷон будан (бештар аз шодӣ), беқарор будан.

Занак дам берун мебаромад, дам хона медаромад ва ҷои нишастан намеёфт.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

**ХУДАМ**

### 329. Худам ба дарам, туро ба дари кӣ барам?

худам бе макон, бесару сомонам, чӣ тавр карда ба ту ҷой, имконияти истиқомат ба вуҷуд оварам?

Агар дасташ мерасид, ба худаш кайҳо хонаю ҷои алоҳида карда мегирифт... «Худам бадарам туро ба дари кӣ барам?» гуфтанӣ мақол рост омада монд...

*Ҷ. Икромӣ, «Тақдири бофанда» («Шарқи сурх»).*

### 330. Худам подшоҳу (шоҳу) табъам (хотирам) вазир

ман каси соҳибихтиёрам, хар чӣ хоҳам онро мекунам, дар итоати касе нестам, ҳар номаъқулиеро хоҳам, онро мекунам.

1. Чунон ки муаллимон нақл карданд, ӯ «худам подшоҳу табъам вазир» гӯён ба ҳеҷ кас итоат намекард, худро аз ҳама баланд мегирифт ва аз коллектив тамоман ҷудо шуда буд.

*«Маориф ва маданият».*

2 .Агар дар ин бора ба сардорони трести нақлиёти Помир-Хоруғ касе муроҷиат кунад, онҳо «худамон подшоҳу табъамон вазир» гӯён, на ба сухани калон гӯш мекардандду на ба сухани хурд.

*«Хорпуштак».*

3. — Ба ман насиҳати ҳеҷ кас лозим нест,— боз лабашро бурма ва абрӯвонашро пасту боло намуда гуфт Фазилатхон,— «ман худам подшоҳ, хотирам вазир аст». Чӣ коре ки хоҳам, онро мекунам.

*«Занони Тоҷикистон».*

**ХУДАМА**

### 331. Худама кушу бузама накуш

1. ҳар чӣ хоҳӣ бо ман куну пулу моламро нагир,
2. ишора ба ниҳоят хасис, мумсик ва молпараст будан.

— Дар кисаатон даҳ ҳазор сӯми нақд дошта бошед ҳам, «худама кушу бузама накуш» гуфта мешиштед.

*Б. Азизӣ, «Таҷриба»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ХУДАМОН**

### 332. Аз худамон гузашт

айб, камбудӣ аз тарафи худи мо содир шуд.

— Гапҳоят дурустанд! Аз худамон гузашт. Бо вазъияти хуби баъзе қитъаҳо мағрур шудему корро анча суст кардем.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ХУДАТ**

### 333. Аз худат мондӣ — аз олам мондӣ

1. агар кореро худат накардӣ, худат надонистӣ, каси дигар барои ту намекунад, намегӯяд, 2. худат ки надорӣ, каси дигар ба ту намедиҳад.

— Писарам, агар малол наояд, ҳамин хатро хонда деҳ?...
— Барои чӣ дадои ман хат хонда метавонанду шумо наметавонед?
— «Аз худат мондӣ-аз олам мондӣ»...

*«Васияти Ленин».*

**ХУДАТОН**

### 334. Аз худатон гап намемонад

худатон медонед, ба шумо ҳоҷати исбот кардан нест.

1. Одами сергапу хабаркаш кам не. Аз худат гап намемонад...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. — Аз худатон гап намемонад, раис, одам ба одам зинда гуфтаанд....

*Ф. Ниёзӣ, «Сафо», қ. II.*

3 Аз худатон гап намемонад, ҳозир айни авҷи кор.

*П. Толис, «Ҷавонӣ».*

### 335. Аз худатон пурсем

аҳвол, саломатии худатон чӣ тавр аст?

— Салом, нағз-мӣ шумо. Йӯлдош-ака?
— Бад не. Аз худатон пурсем.

*С. Улуғзода, «Шодмон».*

**ХУДАШ**

### 336. Худаш туппабуриро намедонаду ба дигарон уғробуриро ёд медиҳад

*Ниг.* Туппабуриро надониста ба касе угробуриро ёд додан.

Порсол он аз ҳар гектар танҳо 6,2-центнерӣ пахта ҷамъоварӣ намуда, планро ҳамагӣ 23,5 фоиз иҷро намуд. 6,2-центнерӣ-я! Ана ҳосиле, ки «устодон» рӯёнидаанд! Беҳуда намегӯянд, ки: худаш туппабуриро намедонаду ба дигарон угробуриро ёд медиҳад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 337. Чизеро аз худаш харида ба худаш фурӯхтан

таълиму талқини касеро нисбат ба худи таълимдиҳанда ба кор бурдан.

— Ба гумонам, нохост мурда мондани падарат бедарак не!— гуфт Ҳайдарқул.— Шербачаҳо ин «ҳунарро» аз худаш харида ба худаш фурӯхтаанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 338. Худаш чӣ гап?

1. гап дар куҷост? 2. масъала дар сари чист? 3. чӣ ҳодиса, чӣ воқиа?

1. Қоришариф истоду бо дасти чапаш дасти он шахсро аз гиребони худ ҷудо кардани шуда гуфт:
— Худаш чӣ гап? Ба ман чӣ кор доред?

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. — Кӣ, кӣ, киро меҷӯӣ, модар худаш чӣ гап?...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

3. — Хайр, хайр, чӣ шудааст, худаш чӣ гап?...

*«Тоҷикистони советӣ».*

## ХУДБИН

### 339. Худбин шудан

танҳо манфиати худро донистан, худпараст шудан.
— Танҳо худат дорӣ,— гуфт Қосимҷон ба вай,— бисьёр худбин нашав!

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ХУДДОРӢ**

## 340. Худдорӣ кардан

*Ниг.* Худро нигоҳ доштан.

1. Тағоям аз ғазаб ранги рӯяш парида, бо як азоб худдорӣ карду бо ранги нарм, вале таҳдидомез гуфт...

*П. Толис, «Тобистон».*

2. — Бойбачагон ва амалдорзодагон маст шуда баромада дар пеши назари мардум аз ҳеҷ гуна бадкирдорӣ худдорӣ намекарданд.

*С. Айнӣ, «Алишер Навоӣ».*

3. Рӯз то рӯз давлати вай калонтар шавад ҳам, барои афзудани сарваташ аз ҳеҷ роҳи ношоистае худдорӣ накард ва ҳоло ҳам намекунад.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»).*

4. Ту худдорӣ карда аз роҳҳои ниҳонӣ поёнтар фаро...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 341. Худкардаро давое нест (не), вовайлои пинҳонӣ

бемаслиҳат кор карда, хатое содир намудӣ, акнун азобу уқубаташро низ худат каш.

1. Ин «маликаи» дилозорро худам ёфтаам. Ба туфайли вай аз партия ронда шудам, ба туфайли вай аз хешу таборҳо ҷудо шудам. Ана акнун «худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ».

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Мансуров ҳам «худкардаро даво не, вовайлои пинҳонӣ» гуфтагӣ барин, худаш ба сари худаш об рехта, аз кардаҳояш сад бор пушаймон будагист...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

3. Ана акнун онҳо «худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ» гуфтагӣ барин илоҷи вокеаро ёфта натавониста гаштаанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ХУДАМОЙ**

### 342. Худнамой кардан

1. худро таърифу тавсиф кардан, ман-манӣ намудан, 2. ҳунарнамоӣ, зӯрозмоӣ кардан.

— Ту агар зӯр дошта бошӣ, ана ба майдони ҷанг рафта худнамой кун!

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

**ХУДО**

### 343. Худои гапро шунида бердиашро ҳам шунидан

1. сухани касеро то охир шунидан, 2. мақсади касеро тамоман фаҳмида, баъд фикри худро изҳор намудан.

Ту ҳоло «худо»-и гапро шунидӣ, як дам сабр кун, «бердиашро»-ро ҳам хоҳӣ шунид...

*«Занони Тоҷикистон».*

### 344. Худо додан

1. омад кардани кори касе, мувофиқи дилхоҳ шудани кори касе, 2. ба мақсади худ расидан.

Ин бадбахт ба ҳеҷ кас гардан намефуровардагӣ шудагӣ, агар ба Душанбе равад, ба вай худо медиҳад; он ҷо як каси ба шохаш зада меистодагӣ намешаваду боз гандатар шуда меравад...

*Р. Амонов, «Меҳрӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 345. Худо задагӣ

1. ба эътиқоди динӣ касе, ки ба ғазаби худо гирифтор шудааст, 2. шарманда, расво, нобакор.

— Худо мана кайҳо задагӣ! — гуфт оҳ кашида Мағфират.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 346. Худо занад

1. қасам ба номи худо; худо шарманда, расво кунад, 2. расво шудан, қабеҳ гардидан.

1. Худо занад, ки ба ягон одам гуфта бошам.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Ба ин рафтори ношоистаат туро худо занад. Хусусан камтар, ки нӯшида биёӣ худо мезанад.

*Ю. Акобиров, «Баргҳо» («Шарқи сурх»).*

## 347. Худо, ки додан хоҳад, падарат кист гуфта намепурсад

толеъ агар омад кунад, ба кӣ будани кас нигоҳ намекунад.

— Худо, ки доданро хоҳад, падарат кист гуфта намепурсидааст. Дар вақташ ба дасти ҷаноби олӣ ҳам ин гуна маҳрами зебо наафтода буд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

## 348. Худо медиҳам гӯяд, ту писари кӣ гуфта намепурсад

*Ниг.* Худо, ки додан хоҳад, падарат кист гуфта намепурсад.

— Аз камоли хурсандӣ Мирзонеъмат овози худро гум мекард,— беҳуда намегуфтаанд, ки «худо медиҳам гӯяд, ту писари кӣ гуфта намепурсад!»

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

## 349. Худо накарда...

илоҳӣ инро худо нахоҳад; ҳаргиз нохушие рӯй надиҳад.

Агар худо накарда, ту мурда монӣ, бе шавла монда, ҳоламон табоҳ мешавад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Арзамас» («Маориф ва маданият»).*

## 350. Худо подшост (подшоҳ)

1. худо хоҳад дод, 2. оянда нишон медиҳад, 3. як илоҷ мешавад.

1. Зиндагӣ як навъ мегузарад, «худо подшост»— гуфт.

*С. Айнӣ, «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам».*

2. — Чӣ илоҷ? Чӣ илоҷ? — гуфтам ман дилтангона. Қори шаб — хандаи рӯз, гуфтаанд.

— Худо подшоҳ! — гуфта монд Акамирзо.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

3. — Ҳа, — гуфт Лутфиев, — ҳамааш тахт. Дар асоси справкаи госпиталь ду-се моҳ гашта, баъд аз комиссия бояд гузарам.

— Ду-се моҳ ҳам давлати калон, сонӣ боз худо подшост.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 351. Худо рӯзӣ кунад

1. худо ёрдам кунад, 2. бахтат кушоиш кунад.

— Худо рӯзӣ кунад, ки одам хеҷ харҷ накарда ва пул банд нанамуда, аз дӯкону устохона фоида кардан гирад, ана дар ҳамон вақт соҳиби давлати бепоён мешавад!

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

### 352. Худо ғазаб кардан

*Ниг.* Худо задан.

— Туро худо ғазаб кардааст...

*Ҳ. Назаров, «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона».*

## ХУДОДОДАГОН

### 353. Бо (ба) худододагон ситеза макун, (ки) ба худододагон (худододаро) худо додааст.

аз талқиноти сӯфиёна: ба давлати касе рашк мабар, ки ба ӯ онро гӯё худо додааст, толеи ту паст бошад, ту ба ин муросо кун, ки ин кори худост.

1. Ба шумо маълум аст, ки ҳеҷ гоҳ одами «нобуд» «буда»-ро, «нодор» «дорам»-ро дида наметавонад; вақте ки маътал ва мӯҳтоҷ шуданд, гушна монданд, омада етим меистанд, ошатонро мехӯранд, намакатонро мехӯранд, ҳамин ки шикамашон сер шуд, дастархонатонро поймол мекунанд, намакдонатонро мешикананд, ҳамеша хун мехӯранд, ки чаро инҳо бой, мо қашшоқ, чаро инҳо

фарбеҳ, мо лоғар; чаро инҳо дорам, мо нодор! намедонанд, ки азизон гуфтаанд: «Бо худододагон ситеза макун, ба худододагон худо додааст».

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Шумо бошед, ҳасад мехӯреду аз пои ин мегиреду аз паи вай меафтед, намедонед, ки «ба худододагон ситеза макун, ки худододаро худо додааст».

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**ХУДСАРӢ**

### 354. Худсарӣ кардан

ба гапи касе надаромада кореро мувофиқи майли худ кардан, худсарона коре кардан.

— Ҳеҷ гап не, духтарам,— боз монанди ҳар дафъа насиҳат намуд модараш,— муросо кун. Агар бо хурсандӣ ҷавоб диҳанд, ба ягон ҷой даромада кор мекунӣ. Не, ҷавоб надиҳанд, худсарӣ накун.

*М. Мусаввада, «Сабоҳат»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

**ХУЛЛАС**

### 355. Хулласи калом (гап)

мухтасар, қисса кӯтоҳ

1. Хулласи калом ин ки Ленинободи имрӯза «Тирози ҷаҳони нав», зеб ва ороиши ҷаҳони социалистӣ шудааст.

*С. Айнӣ, «Тирози ҷаҳон».*

2. — Хулласи гап ҳамин ки ҳеҷ гуна тӯй-пӯй сар накун!

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ»,*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

**ХУМОР**

### 356. Аз хумори чизе баромадан

майлу хоҳиши худро аз чизе қонеъ кунондан.

Қориисмат баъд аз муомилаи худро ба савдогарони калон сар кардан аз хумори гӯшту равғанхӯрӣ баромад. Ҳар шаб ба хонаи чандин бой, ки онҳо қарздорони ӯ буданд, рафта палави хушгӯшту равған... мехӯрд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 357. Хумори чизе гирифтан

ҳангоми муҳайё набудани чизи одаткарда ба он сахт пазмон шудан, муштоқи чизи одаткарда шудан.

1. Маро хумори чилим гирифта истодааст.
2. Ба маҷлиси маориф рафтанам лозим буд. Хумораш гирифт-мӣ?

*М. Узоқов, «Лӯлиён» («Истеъдодҳои ҷавон»).*

**ХУМОРӢ**

### 358. Ба чизе хуморӣ шудан

сахт дар хоҳиши чизе шудан, муштоқи чизе гаштан.

Сабаби ба палав хуморӣ шудани шумо ба ман маълум аст.

**ХУН**

### 359. Хуни касеро аз касе гирифтан

қотилро ба товони хуни мақтул куштан, ниқор гирифтан.

— Золим! Падари маро ёфта деҳ! Хуни ӯро аз ту мегирам!

*А. Усмонов, «Мубориза».*

### 360. Хуни касе ба гардани касе афтодан

барои куштани касе ҷавобгар шудан, боиси қатли касе гардидан.

Гар ман бимирам дар ғамат,
Хунам фитад бар гарданат!

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

### 361. Хуни касе ба гардани касе будан

сабабгори қатли касе будан, барои марги касе ҷавобгар шудан.

— Ана, ба гапи мо гӯш накардию ба сарамон гургонро овардӣ! Хуни мо ба гардани туст.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 362. Хуни касеро ба гардани касе мондан

барои ҳалокати касе касеро ба ҷавобгарӣ кашидан, барои қатли касе касеро ҷавобгар донистан.

Худро дар чоҳи species бобоят... партофта ҳалок мекунам. Дар он вақт хуни ман ба гардани ҷавони ту мемонад...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

### 363. Хун ба сар задан

сахт оташин, асабӣ шудан.

1. Аммо ман дигар сабр карда наметавонам, хун ба сарам мезанад, кинаву адоват ақламро зоеъ кардааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Толибро хун ба сар зад, кайфи шароб монанди дуде, ки аз вазиши боди тунд пароканда мешавад, аз вуҷудаш парида рафт, сараш гиҷ, баданаш сард шуд.

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 364. Хун ба хун

интиқомгирӣ аз кушанда ба воситаи куштани вай.

Сокинони Ҳисор борҳо ҳодисаҳоеро дида буданд, ки хун ба хун гирифта мешуд. «Хун ба хун чунон буд қонуни шариат».

*Ҳ. Назаров, «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона».*

### 365. Хуни касеро ба ҷӯш овардан (даровардан)

1. касеро ба шавқ, ғайрат, ба ҳаяҷон овардан, 2. боиси ғазаб ва оташин шудани касе гардидан.

1. Фақирон гурӯҳ-гурӯҳ аз тарафи босмачӣ кушта мешуданд, аммо он кушта шуданҳо хуни зиндамондагонро ба ҷӯш оварда, оммаро зиёдтар ба майдони мубориза мекашид...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Дар зери қамчини золимон, аз шиддати сармо ҷон додани дӯстам Халил хуни моро ба ҷӯш даровард.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

### 366. Хуни касе ба ҷӯш омадан

1. ба ҳаяҷон омадан, 2. оташин, асабӣ шудан.

1. Хуни мазлумҳо ба ҷӯш омад.
Ғулғулу наъраву хурӯш омад...

*П. Сулаймонӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. Дар дашт пахта сабзондан мумкин набудаст? Хунам ба ҷӯш омад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 367. Хун баровардан

ҷонвареро кушта садақа кардан *(А. Д.)*.

Ин ҷоҳи зормондаатон деву ҷин доштааст, хунталаб шудааст. Ягон ҷонвар ёфта дарравакак хун набароваронед намешавад?

*А. Деҳотӣ, «Алос ва ҷораи халос»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

### 368. Хуни касеро вайрон кардан

касеро асабӣ, ғазабнок, оташин кардан.

Хеч кас туро розӣ шав гуфта зӯрӣ накардааст, лекин хунатро вайрон накарда, дар ҷоят нишаста, суханони моро гӯш кун!

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 369. Хуни касе вайрон шудан

ғазабнок, оташин, асабӣ шудан.

1. Неккадам, ки хунаш вайрон шуда, асабияташ гирифта, хӯриаш омада буд, наи худро аз болои рег гирифта пок карда ба лабаш бурда навохтан гирифт.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Гоҳо хидматгорони гарданшах қаҳри моро меоваранду хунам вайрон шуда, дашномҳо медиҳам.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 370. Хун гиристан

бо аламу андӯҳи сахт гирья кардан, сахт гиристан.

1. Аммо мусулмонони Туркистон «во дино, во шариат» гуён хун мегирьянд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Доданд ӯро зӯран ба шавҳар
Мисли зиндониён мекашид азоб,
Хун мегирист бечора духтар,
З-оташи дарду ғам гашта он кабоб.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 371. Қасеро хун гирифтан

ба уболи кушташуда мондан, ба сабаби куштани касе ба балое гирифтор шудани қотил.

1. — Инҳо ҳам ба фармоиши ҷаноби олӣ ба шариат ороста карда кушта шуда истодаанд, ин хуни ноҳақ ҳисоб намеёбад, ки шуморо гирад.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Азбаски ин қадар хуни ноҳақ бо дасту бозуи мо рехта истодааст, «мабодо моро ҳам хун нагирад» гуфта метарсам.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 372. Хун гирья кардан

*Ниг.* Хун гиристан

Гӯё кӯдакаш рӯзи дароз дар боғча дар ёди модари худ хун гирья мекарда бошад...

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

### 373. Аз хуни касе даргузаштан (гузаштан)

1. аз фикри қатли касе сарфи назар намудан, аз фикри интиқомгирӣ аз қотил гузаштан, 2. гуноҳи касеро бахшидан.

1. Дар ҳақиқат ҳам, ман ӯро куштан мехостам, аммо ба хотири ту муваққатан аз хунаш даргузаштам.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

2. — Эй, ҷавон! Барои ин густохиат ман туро сар аз тан ҷудо... мекардам, аммо далерии ту ба ман писанд омад. Худи ман ҳам монанди туам. Рав, аз хунат даргузаштам.

*С. Улуғзода ва В. Виткович, «Ибни Сино».*

3. Пас гуфт, ки майлаш, ба хотири ту аз хуни вай гузаштам...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 374. Бо хуни дил навиштан

чизеро бо азобу машаққат навиштан.

— Эҳтимол ту аз ақл бегонаӣ, ки шеърҳои бо хуни дил навиштаи маро то ин дараҷа ғалат мехонӣ!

*«Латифаҳои тоҷикӣ».*

### 375. Хуни дил хӯрдан

сахтӣ, азобу машаққати зиёде кашидан.

1. Хола Сакина бо шаш сар сағир:
Писару духтар, ятиму фақир,
Дар кулбае хокӣ ба сар мебурд,
Бо фарзандонаш хуни дил мехӯрд.

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт», ҷ. II.*

2. Модарам низ дар навбати худ ҳикоят кард, ки чӣ тавр маро кофтааст, чӣ тавр хуни дил хӯрдааст.

*П. Толис, «Тобистон».*

### 376. Ба хуни касе зомин шудан

ба кушта шудани касе сабаб шудан.

1. Эҳ, ноинсоф, гуноҳи ин пирамард чӣ буд, ки ба хуни ӯ зомин шудӣ?

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов, «Тӯфон».*

2. — Агар ана ин тир саҳл аз поёнтар мерасид, баъд мефаҳмидед, ки шумо ба хуни ҳамшаҳрии худ зомин шудаед...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 377. Хун кор доштан

ниҳоят кори зарур доштан.

— Ҳозир рафта мудири шуъбаи савдо Толиб Қобиловро гӯй, хун кор дошта бошад ҳам, ба як тараф ғундошта монаду зуд ба назди ман ояд.

*У. Тоҷибоев, «Мебахшетон, рафиқон». («Истеъдодҳои ҷавон»).*

### 378. Хуни касеро макидан

1. касеро истисмор намудан, 2. ғорат кардан, 3. дар ҳаққи касе зулму ҷабри беандоза кардан.

1. Хуни аҳолии меҳнаткашро мемакиданд.

*С. Айнӣ, «Тирози ҷаҳон».*

2. Хайр, майлаш, ин хуҷаинҳои хунхӯр хуни моро макидан гиранд, як рӯз не, як рӯз ба хун ғарқ шуданашонро ҳам мебинем!

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 379. Хуни нофи касе дар ҷое рехтан

дар ҷое зоида шудан (нисбат ба ҷое гуфта мешавад, ки кас дар он ба дунъё омадааст).

1. Ин шаҳр гражданҳои худашро дорад, ки хуни нофашон дар ҳамин ҷо рехта ва ҳоло синфҳои мактабҳои миёнаи ин ҷоро пур кардаанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Сафар карданҷаҳон дидан» (Шарқи сурх»).*

2. Тошев ҳамон баҳор аввалин бор ба трактор нишаста, замини зархези хуни нофаш рехтаро бо дасти худаш шудгор карда буд.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

3. Дар он ҷое ки хуни ноф резад,
Муқаддастар аз он ҷо нест ҷое.

*А. Шукӯҳӣ, «Кӯчабоғи ошиқон». («Шарқи сурх»).*

### 380. Хуни ноҳақ

ноҳақ кушташуда, бегуноҳ кушташуда.

Инҳо хам бо фармоиши ҷаноби олӣ ба шариат ороста карда кушта шуда истодаанд, ин хуни ноҳақ ҳисоб намеёбад, ки шуморо гирад.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 381. Ба хун оғушта намудан

касеро куштан.

Ба хунаш оғушта намоем.

*Ҳ. Обидӣ, «Қаҳрамони комсомол».*

### 382. Ба хуни касе ташна будан

дар қасди куштани касе будан.

1. Магар ҷаллодони хунхор ба хуни бегуноҳи ту ташна буданд?

*Ҳ. Обидӣ, «Қаҳрамони комсомол».*

2. Миршаб ва одамони вай ба хуни ман ташнаанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 383. Ба хуни касе ташнагии худро шикастан

ба куштани касе муваффақ шудан, касеро кушта ба мақсади худ расидан, ба орзӯи куштани касе расидан.

1. Хуни Бача-Сақо ташнагии вайро нашикаста будааст, акнун вай хуни маро мехоҳад.

*С. Улуғзода, «Калтакдорони сурх».*

2. Эҳ-эҳ, ташнагии ман ба хуни немис ҳоло ба ин наздикиҳо намешиканад.

*С. Улуғзода, «Дар оташ».*

### 384. Бо хуни худ (доғи бадномиро) шустан

бо марги худ худро аз гуноҳе сафед кардан.

Биёед, биҷангем бо босмачиён ва бо хуни худ бишӯем он доғи бадномиро...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 385. Хуни шабушхӯр

хасис, мумсик.

Мана, аз ҳамон гитлерчиён, ки ту зудтар то ба ҳамин чойҳо омадани онҳоро умед доштӣ, ба ту савғо ҳам ҳаст, хуни шабушхӯр!...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 386. Ба хун ғарқ шудан

кушта шудан, ғарқи хун гаштан.

Хайр, майлаш, ки хӯчаинҳои хунхӯр хуни моро макидан гиранд, як рӯз не, як рӯз ба хун ғарқ шуданашонро ҳам мебинем!

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 387. Бо хуни ҷигар

бо азобу машаққат, бо мушкилӣ.

1. Ба ӯ маслиҳат медоданд, ки аз банк дар эҳтиёт бошад, аҷаб нест, ки шикаста монад ва пулҳояш, ки «бо ҳазорон хуни ҷигар ғундоштааст», сӯзанд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Фарзанди ягонаашро бо хуни ҷигар ба камол расонидааст.

*Ғ. Мирзо, «Сарчашмаи ҷовидонаи оби ҳаёт» («Занони Тоҷикистон»).*

### 388. Хуни ҷигар хӯрдан

1. азобу машаққат кашидан, 2. гирифтори мушкилӣ будан.

1. Ман хуни ҷигар хӯрда, материали хому хаталаи шуморо пухтаву суфта кардам...

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

2. Ин табаддулот ба осонӣ муяссар нашудааст. Хоҷаназар Мирзоевро ҳамроҳи муаллимони дигари ба кор дилсӯз бисьёр кӯшишҳо ба кор бурдан, ҳатто метавон гуфт, ки басо хуни ҷигар хӯрдан лозим омада буд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Меҳри диёр» («Чароғи ирфон»).*

3. То кай «сари кафида зери тоқӣ» гуён ба қину азоб ва талаву тороҷ тоқат карда, хуни ҷигар хӯрда мегардем!

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ» («Шарқи сурх»).*

4. Чу душман ба корам назар мекунад,
Яқин аст хуни ҷигар мехӯрад.

*М. Миршакар, «Шеърҳо ва достонҳо».*

## 389. Хуни ҷигар шудан

1. бисьёр азоб кашидан, 2. ба азобу уқубат гирифтор шудани касе дар роҳи ба мақсаде расидан.

1. Гуфт Нозим: «Духтарам, ҷони падар,
Дар фироқат ман шудам хуни ҷигар».

*С. Ализода, «Нозими Ватан» («Шарқи сурх»).*

2. Рости гап, то розӣ шуданаш хуни ҷигар шудам.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз, «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»).*

## 390. Хуни касе ҷӯш задан

*Ниг.* Хуни касе ба ҷӯш омадан.

— Хуб, тақсир, минбаъд ӯро намемонам,— шунида мешавад овози суфии хушомадгӯй.

Хуни ман ҷӯш зада рафт. Маро ба чашмаи худи ман намемондааст? Ана гапи нав!

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

## 391. Хуни касе ҷӯшида рафтан

*Ниг.* Хуни касе ба ҷӯш омадан.

Хуни Гургулӣ якбора ҷӯшида рафт.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

**ХУНОБ**

## 392. Хуноби ҷигар хӯрондан

касеро бисьёр азоб додан.

Ин ҳол онҳоро хуноби ҷигар мехӯронд.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

**ХУНОБА**

### 393. Хунобаи дил хӯрдан

1. азобу машаққати зиёде кашидан, 2. гирифтори мушкилӣ шудан.

1. Зан хунобаи дил хӯрда, бо дуку захми сӯзан фарзандашро калон кард.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

2. Писарамро, ки хунобаи дил хӯрда калон кардам, поидам, ба қатори одам даровардам... дидӣ, маро ба чӣ холат расонд...

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз, «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»).*

**ХУНТАЛАБ**

### 394. Хунталаб шудан

1. хоҳони кушта шудани касе, ҷонваре шудан, 2. қурбонӣ талаб кардан.

— Ин чоҳи зормондаатон деву ҷин доштааст, хунталаб шудааст. Ягон ҷонвар ёфта дарравакак хун набароваред, намешавад.

*А. Деҳотӣ, «Алос ва чораи халос» («Занони Тоҷикистон»).*

**ХУНУК**

### 395. (Уловро) хунук кардан

улови арақшоршударо аз арақ фуровардан, дам додан.

— Зудтар хунук кун, ки ба кирои гашти бозор тайёр шавад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо». к. III.*

### 396. Хунук нигоҳ мекардагӣ шудан

нисбат ба касе, чизе дилсардона, бераѓбат рафтор мекардагӣ, аҳамият намедодагӣ шудан.

Зани миёнаи бой ҳам, ки як вақтҳо Фирӯзаро дӯст медошт, ба вай тарафдорӣ намекард, барои вай шуда, боз як бори дигар бо палонҷҳояш ҷанҷол кардан намехост ва умуман чӣ шуда буд, ки ҳатто вай ба Фирӯза хунук нигоҳ мекардагӣ шуда монда буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 397. Хунукро хунук мебурад

ислоҳи бадӣ бо бадӣ аст, ба бадӣ бадӣ рост меояд.

Чун аҳолии Ҳирот ба муқобили ин кори ваҳшиёнаи Ҳусайн Бойқаро намоиш карда азо гирифтанд, ӯ аз ин кирдори худ пушаймон шуда, чунон ки мегӯянд: «хунукро хунук мебурад» барои «ислоҳи ин кори худ» Низомулмулкро ҳам бо авлод ва наздиконаш кушт.

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

### 398. Ба касе хунук шудани касе

ба касе берағбат, бемеҳру муҳаббат гардидани касе.

1. Пас аз ду моҳи хонадор шуданамон ман ҳис кардам, ки занам ба ман хунук шудааст...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Қанӣ он оташу ҳарорат? Қанӣ он шавқу ҳирси пурҷӯшу хурӯши ту? Нест, набуд! Ту ба ман хунук шуда мондӣ!

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

## ХУРДОН

### 399. Аз хурдон гуноҳ (кардан) ва аз калонон бахшидан

калонсолон бояд хатои хурдонро афв кунанд.

1.— Шокир-ака,— гуфт Қулмурод бо як оҳанги узрхоҳона, «аз хурдон гуноҳ кардан ва аз калонон бахшидан», гуфтаанд, агар аз мо беодобие гузашта бошад, бубахшед.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Як бор беақлӣ кардааст, бубахшед, аз хурдон гуноҳ, аз калонон бахшидан аст...

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 400. Аз хурдон хатову аз бузургон ато

*Ниг.* Аз хурдон гуноҳ ва аз калонон бахшидан.

1. — Ҳамаашро ба ҳисоб мегирам, ҳамшаҳрӣ, — гуфт Лутфиев ва илова кард: — Аз хурдон хато, аз бузургон ато гуфтаанд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. — Ин гапи дигар. «Аз хурдон хатою аз бузургон ато», — гуфта милиционер акнун ба сухани худ оҳанги ҳазлро дод.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

**ХУРСАНДӢ**

### 401. Аз хурсандӣ дар (ба) пӯсти (курта, ҷомаи) худ нағунҷидан

ниҳоят хурсанд, хушҳол, шод, фараҳманд гаштан.

1. Қорӣ Ишкамба бо шунидани ин пешниҳод чунон шодӣ кард, ки аз хурсандӣ дар пӯсташ намеғунҷид, сари синааш бо шикамаш дамида баромад, аз пештарааш ду баробар калонтар шуд...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Мо бисьёр хурсанд шудем, аз хурсандӣ ба куртаамон намеғунҷидем...

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

3. Муҳаммадалӣ Ашқар бошад, ин таърифро шунида, аз хурсандӣ дар ҷомааш ҳам намеғунҷид.

*Ҳ. Назаров, «Дар ҷустуҷӯи «Карим-Девона».*

**ХУРӮС**

### 402. Хурӯс дар ҳама ҷо баробар ҷеғ мезанад

шароит, ҳолу аҳвол дар ҳама ҷо як ранг, як хел аст.

1. «Хурӯс дар ҳама ҷо баробар ҷеғ мезанад» мегӯянд, ки тамоман дуруст аст. Дар Самарқанд ҳам ҳамаи дезонабачаҳо дар зери дасти бобо, ҳамаи онҳо бо бунак ба устохонаҳо банд, устокорҳо бе маслиҳати бобо ягон касро ба кор намегиранд ва ҳокимони рус ба ин корҳо ҳеҷ дахл намекунанд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

2. То Хиёбон ва Регистон ҳама ҷоро давр зада баромадам, «дар ҳама ҷо хурӯс баробар чағ мезад» дар ҳама ҷо садои «во шариато!» дар ҳама ҷо ғулғулаи «бигир, бибанд, бизан! кашола кун!»... баланд буд.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

**ХУШ**

### 403. Хуш (хушӣ) ба хушӣ

1. ба нағзӣ, ба хубӣ, 2. бе зӯрию таҳдид; бо майлу рағбат.

1. Аз даруни шумо хуш ба хушӣ он гунаҳкорро ёфтан мумкин нест.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Лекин амир хушӣ ба хушӣ баромада намеравад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 404. Хуш кардан

писандидан, маъқул кардан.

— Ту кадом рӯз бозии маро хуш карда будӣ, ки акнун кунӣ!

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

### 405. Ба (аз) чизе хуши касе омадан

1. ба касе маъқул шудан, писанд омадани чизе, касе, 2. ба иҷрои коре майлу хоҳиш доштан.

1. Гӯш кардани ҳикоя ва саргузаштҳои вай маро бисьёр хуш меомад.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Ин участка ба сарбухгалтер ниҳоят хуш омад.

*Т. Усмон, «Найрангбозӣ барои ҳавлии наз» («Тоҷикистони советӣ»).*

3. Он чи Махдум дар сафарҳои худ аз нишонаҳои маданияти рус дида тавонист, ба вай хуш омад.

*С. Улуғзода, «Мутафаккир, халқдӯст, тараққипарвар» («Тоҷикистони советӣ»).*

4.— Аз ин оҳанги шӯх ва дилчасп хушам омад.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт» («Маориф ва маданият»).*

5. Дар ин миён баъзе камҳавсалаҳо баромаданд, ки ба гуфтани ин номи дароз хушашон намеомад.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

6. Ба кор кардан ҳаргиз хушатон намеояд...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

7. Агар хушатон ояд, аз хоби роҳат бедор шуда, аз ошхона, чойхона ва магазинҳои маркази район ва гирду атроф хабар мегирифтед...

*«Хорпуштак».*

### 406. Хуш омадед

1. аз омаданатон миннатдорем, сарфарозем; 2. қадаматон муборак бод.

1. Бозор ба таги дарвоза истода ҳар кадомро,— хуш омадед! — гӯён ба иззат ва эҳтиром узот мекард.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Яъқуббой аз пас баромада бо таъзим ва одоби тамом «хуш омаданд» гуфт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3. Имом ва дигарон даст бардошта фотиҳа хонданд; пас аз дастҳоро ба рӯ кашидани меҳмонон, Бозор ба по рост шуда таъзим карда:

— Хуш омаданд! — гуфт. Меҳмонон бо сарҷунбонӣ ба вай ҷавоб доданд, дастархон ғундошта шуд. Чойҳои тоза омад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 407. Хуш равед

1. роҳатон бе хатар шавад. 2. сиҳат ва саломат ба манзилатон бирасед.

Ниҳоят «хуш раветон! хуш монетон!» гуфтанҳо ва роҳи сафед талабиданҳо ба поён мерасад ва мо ба роҳ медароем.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 408. Хуши касе тобидан

*Ниг.* Ба чизе хуши касе омадан.

— Акнун агар хушаш тобад, бегоҳӣ омада боз як бор мехонад...

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

**ХУШК**

### 409. Касеро хушк мондан (монондан)

касеро бенасиба гузоштан, касеро аз чизе маҳрум кардан.

1.— Хӯҷаин! Маро аз давлататон хушк намонед! — гуфт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2.— Ин дафъа аз мукофотҳо ҳам туро хушк намемонем.

*У. Умаров, «Кӣ айбдор?»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»).*

3.— Аз ягон чиз хушк мемондагӣ барин ин қадар саросема нашав, ҳоло вақт барвақт...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 410. Аз ҷое хушк гаштан

аз ҷое дастхолӣ баргашта омадан, барои чизе рафта, онро наёфта баргаштан, бебарор баргаштан.

1.— Қори калони дигаре, ки дар ин миён шуд, ба Маскав элчӣ фиристодани Ҷаноби олист...
— Албатта, ин аз Маскав хушк намегардад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Ба умед омадам, аз бозор хушк нагардам. Биёед ба ин панҷоҳ тилло диҳам, не нагӯед...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 411. Хушк омадан

бе тӯҳфа, бе дастовез, бо дасти холӣ омадан.

Писар боз чанд бори дигар ба ин ҳавлӣ омад. Вай ҳеҷ хушк намеомад.

*С. Улуғзода, «Бибӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 412. Хушку холӣ

1. беасос, бемаънӣ, 2. бефоида.

1. Ин гап тӯҳмат, тӯҳмати хушку холӣ.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

2. Ҳанӯз ин фикри хушку холӣ...

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев, «Саодат»*
*(«Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон)*

3. Лекин мо ҳеҷ вақт ба раҳмати хушку холӣ хизмат намекунем.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари ноком».*

### 413. Хушку холӣ гаштан

*Ниг.* Аз ҷое хушк гаштан.

Аз шикор ҳам хушку холӣ намегашт...

*С. Айнӣ, «Ятим».*

### 414. Хушку холӣ шудан

1. бе натиҷа, бе фоида шудан, 2. бе ҳеҷ чиз, бе тӯхфа, бе дастовез мондан.

1. Афсӯс, ки ваъдаҳоямон хушку холӣ шуда монд.

2.— Хушку холӣ ҳам намешавад,— гуфт дигаре,— бисьёр не, кам, сари фол гӯён ягон чиз ёфта монданамон даркор аст.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 415. Хушк шудан

несту нобуд гардидан, нест шудан.

1. Дар худи ҳамин ҷо кор хушк шудааст-мӣ?

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Бача чӣ даркор, азоби калон карданаш хушк шавад...

*«Маориф ва маданият».*

### 416. Хушк шудани мадор

*Ниг.* Мадор хушк шудан.

— Ман хаста шудам, оқо,— гуфт шоҳаншоҳ хушк шудани мадорашро пинҳон карда натавониста.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

**ХУШКДАСТ**

### 417. Хушкдаст баргаштан

*Ниг.* Аз ҷое хушк гаштан.

Аз ҳеҷ як сафари худ хушкдаст барнамегардад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ХУШОМАД**

## 418. Хушомад задан

1. чоплусӣ, тамаллуқ кардан, 2. ишқбозӣ кардан, бо суханони тамаллуқомез диққати занро ба худ ҷалб карданӣ шудан.

1. Аз рӯзи аввал ба ҳамаи гуфтаҳои вай сар фуровардан, қабул кардан, ба мӯсафед хушомад задан, ба кампир хушомад задан лозим буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Як рӯз Имомқул-тӯқсабо ба навчаи ман хушомад задааст.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

3. Дар хушомад задан ба духтарон устухон надошт.

*Ф. Ниёзӣ, «Ҳиссае аз қиссаҳои ҷанг» («Шарқи сурх»).*

**ХУШПО**

## 419. Хушпою қадам будан

бо омадани одаме ҳамеша некӣ рӯй додан, бахосият будан, неккадам будан.

— Шумо, Арслоналӣ, медонед, одами хушпою қадам ҳастед! Шумо омадеду ба шарофати шумо ин мактуб ҳам омад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**ХӮРДА**

## 420. Чизеро хӯрда рафтан

ягон чизи касеро гирифта дигар баргашта надода, аз худ кардан.

— Мусулмон ғаллаи шуморо хӯрда рафта буд, «кофир аз вай ғаллаатонро рӯёнда дод-ку...»

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

## 421. Хӯрда шудан

суда гардидан, кӯҳна шудан; аз кор мондан.

— Инро бинед, сумаш тамоман хӯрда шуда рафтааст, дар пояш наъл надорад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

## ХӮРДАГИРӢ

### 422. Хӯрдагирӣ кардан

1. айбҷӯӣ кардан, 2. ба ҷузъиёт эрод гирифтан.

1. Умуман ин «танқидчии» навбаромад дар вақтҳои охир ба мақола, очерк, ҳикоя, ҳатто шеърҳое, ки дар бораи фронт навишта шудаанд, бисьёр мечақад, хӯрдагирӣ мекунад...

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат»*

2. Хусусан Мунаввара дар вақтҳои охир асабонӣ шуда, ба ҳар кор хӯрдагирӣ мекард...

*«Занони Тоҷикистон».*

## ХӮРДАГӢ

### 423. Хӯрдагии (нӯшидагии) касе аз биниаш баромад

*Ниг.* Чизе аз бинии касе баромадан.

1. Оҳ, сир кушода шуд... Намедонам оқибати кор чӣ мешуда бошад? Кошкӣ хӯрдагиашон аз биниашон намебаромад.

*«Хорпуштак».*

2. Хӯрдагию нӯшидагии онҳо аз биниашон баромад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

3. Қори дигар ҳаромхӯронро ҳам тафтиш карда истодаанд. Хӯрдагиашон аз биниашон мебарояд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## ХӮРДАГИАШ

### 424. Хӯрдагиаш дар пеш, нахӯрдагиаш дар қафо (ақиб, пушт)

аз ҳар ҷиҳат таъмин будани касе, барои ҳозираю ояндаи касе муҳайё будани ҳамаи хӯрданиҳо.

1. Дар он ҷо хӯрдагиаш дар пеш, нахӯрдагиаш дар қафо мешавад. Дасташро ба оби хунук намезанад.

*Ҷ. Икромӣ, «Дохунда» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»)*

2. Мехӯрдагиаш дар пеш ва намехӯрдагиаш дар пушт.

*Қ. Абдухолиқзода, «Намоз» («Намунаи адабиёти тоҷик»).*

3.— Ҳа, бачем, аз ин зиёда чӣ мешуд. Хӯрдагемо дар пеш, нахӯрдагемо ба ақиб бошад...

*Ҷ. Икромӣ, «Як қаҳрамони асрамо».*

**ХӮРДАН**

### 425. Касеро хӯрдан (-и чизе)

ба ҷони касе расидани чизе, безор шудан аз чизе.

— Эҳ, омаду рафти одамон ҳам маро хӯрд.

*«Хорпуштак».*

### 426. Хӯрдани хуни касе

*Ниг.* Хуни касеро макидан.

Большевикон роҳ намедиҳанд, ки шумо барин судхӯрон миллионҳо сӯм пулашонро, ки аз хӯрдани хуни мардум ҷамъ кардаанд, дар банк гузошта, аз фоидаи он маблағ ҳар сол садҳо ҳазор сӯм даромад карда, шикамашонро хорида нишинанду оммаи мардум аз гуруснагӣ бимиранд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 427. Ба хӯрдан чу наҳанг, ба кор кардан чун бузи ланг

1. пурхӯри камкор, 2. танбал, коргурез.

Зебӣ ба гапи Дилбар хандида гуфт:
— Дар бораи ин коргурезон гапат ҳам дуруст аст. Сифати онҳо ҳамин: «Ба хӯрдан чу наҳанг, ба кор кардан чун бузи ланг»,

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ХӮРОК**

### 428. Хӯроки касе гардидан

1. ба доми фиребу найранги касе афтодан, 2. ба чанголи касе афтодан.

Ҳар деҳқоне ки кам омадани ғӯзаашро баралоина медид, аз ман муомилаашро канда мегурехт ва хӯроки бойҳои пахтачии дигар мегардид.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 429. Чизеро хӯрчин кардан

кореро дар вазъияти бад гузоштан, чизеро чатоқ кардан.

— Мумкин аст, ки на фақат бригадаашон, балки кори колхозро ҳам хӯрчин карда монанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ХӮШ**

### 430. Хӯш ки бошад...

ҳамин тавр ки бошад, гап ҳамин бошад...

— Ҳеҷ гап не, гардед, хӯш ки бошад... аз паи кор шавем.

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

## Ч

**ЧАКАК**

### 1. Чакаки касе боз шудан

ба гап сар кардан.

— Шумо ҳам, ки як чакакатон боз шуд, дигар худатонро даст гирифта наметавонед...

*С. Айнӣ. «Дохунда».*

### 2. Чакаки касе кушода шуда мондан

сергап, серҷоғ шуда мондан, аз ҳад зиёд гап мезадагӣ шудан.

— Зан ки пир шуд, чакакаш кушода шуда мемондааст.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

**ЧАККӢ**

### 3. Чаккӣ набудан

бархилофи чашмдошт ӯҳдабаро, кордон будан, соддалавҳ набудан.

— Ана, ҳамшаҳрӣ, дидед, мо ҳам чаккӣ не,— худситой кард Зоҳид Лутфиев.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

**ЧАКРА**

### 4. Чакра-чакра ҷамъ шуда, дарьё мешавад

*Ниг.* Қатра-қатра ҷамъ гардад, в-он гаҳе дарьё шавад.

Дар пеши он баҳри ҳосили фаровон ин як чакра (як мушт пахта — *М. Ф.)* аст... Аммо мегӯянд, ки чакра-чакра ҷамъ шуда, дарьё мешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

**ЧАЛА**

### 5. Чала-чулпа

1. камтар, 2. як навъ, 3. нимкола, ноқис.

1. Акнун ман ҳам чала-чулпа саводнок шудагӣ...

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

2. Ва ҳангоме ки ҳазору як мавзӯъро чалаю чулпа «муҳокима» карда шуданд, чору ночор сукут ихтиёр мекунанд...

*Қ. Носиров, «Орият».*

### 6. (Ба замин) чалпак шудани касе

сахт ба замин ғалтидан, сахт ғалтида хобидан.

Озод ба рӯи синаам бардоштам ва се бор чарх занонда ҳаво додам, ки ба замин чалпак шуд.

*Б. Азизӣ, «Кӣ полвон?»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ЧАМОҚ**

**7. Бо чамоқи пуч бағали касеро пур кардан**

*Ниг.* Бо чормағзи пуч домани касеро пур кардан.

Бо ваъдаҳои хушку холӣ ва чамоқҳои пуч бағаламро пур карданд...

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

**ЧАНГ**

**8. Чанги касе, чизеро аз осмон овардан**

касе, чизеро маҳв кардан, несту нобуд намудан.

Оташи интиқоми омма онҳоро дар як дам сӯхта хокистар карда чангашонро аз осмон меовард.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**9. Чанги касе, чизеро ба осмон баровардан**

*Ниг.* Чанги касе, чизеро аз осмон овардан, 2. ҷазои касеро додан.

Мегӯянд, ки акнун ташкилотҳои дахлдор чанги ӯро ба осмони ҳафтум баровардаанд.

*«Хорпуштак».*

**10. Чанги касе ба осмон баромадан**

1. Фош шудани сирру асрори касе, 2. расвою шарманда шудани касе.

Рӯзи суд ҳама чашмдор буданд, ки чанги Асроров ба осмони ҳафтум мебарояду мувофиқи қонун насибаашро мегирад.

*«Хорпуштак».*

**11. Чанги чизеро ба осмон дакка занонидан**

чизеро титу пит, дарҳаму барҳам кардан, сахт кофтан.

Набераи ёздахсолааш чанги хонаи кампирро ба осмон дакка занонида, он облигацияҳоро ёфта овард.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 12. Чанг задан

1. бо коре машғул шудан, ба коре қасд кардан, 2. ба чизе, касе дарафтодан, часпидан.

1. Агар ин чавонон ба касбу коре чанг мезаданд, дар қатори одамон даромада ягон чои холии дуньёро пур мекарданд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

2. Назокат бас набуд, ки вай боз ба духтарони дигар чанг заданӣ мешавад.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

### 13. Чангу ғубори чизеро чашидан

азобу машаққати кореро аз сар гузарондан.

— Чидду чаҳдатон хеле зӯр менамояд-а?
— Набошад чӣ, беҳуда чангу ғубори фронтро чашида наомадаем.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

ЧАП

### 14. Бо касе чап (будан)

бо касе зид, муқобил будан.

— Онҳо аз аввал то ба охир бо ман чап ва ман бо онҳо!,— гуфт Шодӣ.

*Ч. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 15. Чап-чап нигоҳ кардан

ба касе, чизе бо қаҳру ғазаб нигоҳ кардан, норозиёна назар андохтан.

Замонбек ба ман чап-чап нигоҳ карда истода гуфт...

*Ч. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 16. Бо касе чап шудан

бо касе зид, муқобил гардидан.

— Бо ман чап шуда гаштааст, бефаҳм!

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

**ЧАПГИРӢ**

### 17. Чапгирӣ кардан

1. ҳазлу шухӣ кардан, шайтонӣ кардан, 2. якравӣ намудан, 3. гапро ба тарафи дигар бурдан.

— Магар маро ба хоб бинӣ метарсӣ?
Ёдгор ҳазлро ба ҷиддӣ гардонда:
— Бисьёр чапгирӣ накун, ба дили сӯхтаи ман намакоб мазан!

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ЧАППА**

### 18. Чаппаву пoскона (поскуно) шудан

тағьироти қатъӣ руй додан, тамоман дигар шудан.

1.— Дуруст, агар дуньё пештара ва Бухоро ҳам Бухорои кӯҳна мебуд, эҳтимол амир ҳам бо ин кушокушиҳо, ҷон ба саломат мебурд, лекин ҳоло дуньё чаппаву поскона шудааст.

*С. Айнӣ, «Дохунда»*

2. — Дуньё чаппаю поскуно шудааст, магар ки ман намефаҳмам?

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман, «Гуноҳи кӣ?»*

### 19. Чаппаю роста кардан

1. дарҳаму барҳам, тагу рӯ кардан, 2. чизеро сахт ва бо диққат кофтан, 3. вайрон кардан,

1. — Тамоми кори колхозро чаппаю роста карда тафтиш кунондан лозим, раис.

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов, «Тӯҳмат».*

2. Рӯзи дигар даҳ нафар инҷобизанҳо бо каланду бел ва табару теша омада, хонаи моро чаппаву роста карданд.

*«Хорпуштак».*

### 20. Чаппаву роста қадам мондан

бадрафторӣ намудан, ҳаракати ношоиста кардан.

Мудири собиқ... ҳам мисли ӯ чаппаву роста қадам мемондагӣ шуд.

*«Хорпуштак».*

**ЧАПРАВӢ**

### 21. Чаправӣ кардан

якравӣ кардан, ба гап гӯш накардан.

1. Ман чаправӣ намекунам, ман меболам, ки писар на ба модараш, балки ба холааш рафтааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

2. Наход чаправӣ карда бошад? Наход ки дар боран Камол ноинсофона рафтор кардааст?

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

**ЧАРОҒ**

### 22. Чароғ пеши офтоб партав надорад

дар пеши хуб, бад, дар пеши зебо нозеб ба назар наменамояд, равнақ надорад.

— Шумо номи Назираро ба забон нагиред! Чунки «чароғ пеши офтоб партав надорад».

*М. Сайфиддинов, «Ду ҳусну ду ишқ» («Занони Тоҷикистон»).*

### 23. Чароғи чизеро равшан гардондан

чизеро ба роҳ мондан, чизеро ривоҷу равнақ додан.

У мехост, ки Маҷдиддинро дигарбора ба сари кор оварда, чароғи айшу нӯши худро аз сари нав равшан гардонад...

*С. Айнӣ, «Алишер Навоӣ».*

### 24. Чароғи касеро равшан кардан

1. пас аз марги касе хона, ҷои касеро обод кардан, 2. пас аз вафоти касе ҷонишини ӯ шудан, кори касеро пас аз маргаш давом додан.

1. Бародарат аз дунъё ҳеҷ чиз надида рафт, бечора фарзанд ҳам надид, ки чароғи ӯро равшан кунад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Салим омад ба шаҳри Истаравшан,
Чароғи модарашро кард равшан.

*Л. Обидхӯҷаев, «Асарҳои мунтахаб».*

### 25. Чароғи касеро хомӯш накардан

*Ниг.* Чароғи касеро равшан кардан.

Ҷаноби олӣ рафта бошанд ҳам, мо чароғи он касро хомӯш нахоҳем кард...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 26. Чароғи хонаи касеро хомӯш кардан

1. пас аз марг ё рафтани касе тарзи зиндагии касеро вайрон кардан, 2. ба вайрона мубаддал кардани хонаи ободи одами мурда.

Эй фалаки каҷрафтор! ягона ҳамдами розам, маслиҳатгӯи беғаразам, дӯсти бегумонамро гирифта бурдӣ, чароғи хонаамро хомӯш кардӣ.

*С. Ғанӣ, «Арвоҳ» («Тоҷикистони советӣ»).*

### 27. Чароғи касе хомӯш шудан

1. вафот кардани одами наздик ва меҳрубон, 2. пас аз мурдан қатъ шудани кори касе, 3. баста мондани дари хонаи касе, бе одам шуда мондани хонаи касе.

«Шумо, азизам, дилпур бошед, ки дар ин ҷо чароғи модаратон ҳеҷ гоҳ хомӯш намешавад, онро минбаъд дӯст ва шарики вафодори шумо Зебӣ боз равшантар даргиронда, роҳи омади шуморо бо мижгонҳояш хоҳад рӯфт...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

## ЧАРС

### 28. Чарс паридан

якбора, ногаҳон мурдан.

Дар айни навниҳолии худ чарс парид...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ЧАРХ**

### 29. Бо чарху дуки худ ёфтан

1. ба даст даровардани чизе дар натичаи чархресии худ, 2. бо мехнати сахти худ ба даст даровардан.

— Ман инро бо чарху дуки худ ёфта будам, ҳаргиз гумон надоштам, ки ингуна молу ҳоли ман ҳаром бимирад,— гуён ҳикояи худро тамом кард.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 30. Аз чарху дуки худ намондан

дар орзуи кори дигар нашуда аз паи касбу кори худ шудан, кору касби худро давом додан.

Ба ёдам меояд, ки духтари як ҳамсоябоғи мо ба каландзанӣ ва киштукор ҳаваси калон дошт. Аммо падари хурофотпарвараш вайро манъ карда, писхандкунон гуфт: — Аз чарху дукат намон!

*А. Деҳотӣ, «Гвардиячиёни меҳнат»*
*(«Роҳи пуршараф»).*

### 31. Ба чарху калобаи касе нигоҳ карда мондан

ба музди ночизи кори касе вобаста шуда мондани рӯзгузаронӣ, шикамсерии касе.

— Падару модарашон кушта шуданд, балам, ин шӯрбахтҳо ятим. Инҳо ба чарху калобаи мани бечора нигоҳ карда мондаанд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

**ЧАШМ**

### 32. Ба чашм

дар мавриди ризомандӣ, қаноатмандӣ гуфта мешавад: ба ҷонам, хуб шудааст.

1. — Хуб шудааст бек, ба чашм, чӣ хизмате ки фармоед, ба ҷону дил.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Бунафша, илтимос мекунам, ягон суруде хон, овози ту ба ман шодӣ ва қувват мебахшад.
— Ба чашм.

*Ғ. Абдулло, «Қарзи виҷдон».*

### 33. Барои чашми мардум

махсус барои нишон дода тарсонидани касон.

Лекин ҳокимон барои чашми мардум ҳашт нафар бечораеро, ки дар умри худ тарф ба даст нагирифта буданд, дастгир карда бадарға намуданд.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 34. Чашм аз чизе набардоштан

ба чизе пайваста, бодиққат нигоҳ кардан.

— Табиати ман, апаҷон, инро намебардорад,— гуфт ӯ оҳиста чашм аз замин набардошта.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 35. Бо чашми адоват нигоҳ кардан

бо касе душманона, бадбинона, ғайри хайрхоҳона рафтор намудан, касеро бад дидан.

Бо чашми адоват нигоҳ мекунад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 36. Чашми касе аз интизорӣ канда шудан

ниҳоят интизор шудан, хеле интизорӣ кашидан дар роҳи касе ё чизе.

Чашмам аз интизорӣ канда шуд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид».*

### 37. Чашми касе аз кор мондан

*Ниг.* Аз чашм мондан.

Чашмонаш ҳам аз афташ хеле аз кор монда буданд.

*П. Толис, «Муаллим» («Шарқи сурх»).*

### 38. Ба касе, чизе чашм ало кардан (намудан)

1. ба касе, чизе бо тамаъ нигоҳ кардан, 2. ба касе, чизе бо назари бад, танқид нигоҳ кардан.

1. Ҳоло шумо, пири бетавфиқ, ба ҳамин сағира ҳам чашм ало кардед-мӣ?

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари ноком».*

2. — Аммо ана мебинӣ, фарзанди азизам, ки замонҳо дулобу пурғалоғула шуда ва ҳоло ҳукумат ба молу ҳол, замину боғамон чашм ало карда монд. «Замини заминдоронро ба шумо гирифта медиҳему ислоҳоти замин мекунем», гуфта одамонро аҳмақ карда истодаанд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид».*

3. — «Ин вазири беназир бадкирдориҳои миршаб ва одамони ӯро тамоман барҳам дод ва онҳоро чунон сарпаст кард, ки ба касе чашм ало намуда нигоҳ карда наметавонанд».

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

4. Ба кони мо бисьёр нобакорон чашм ало мекунанд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

5. Саҳл суст кор кунад, ту барин сесаду панҷоҳ кас якбора ба вай чашм ало мекунад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 39. Аз чашми касе, чизе алов паридан

аз шиддати зарба хира шудани чашм, биҷиррос, алаҕда задани чашм.

Ба фарқи сари моҳича зад. Чунон сахт афтид, ки аз чашми моҳича алов парида аз ҳуш рафт.

*«Занони Тоҷикистон».*

### 40. Ба касе чашм андохтан

нигох кардан, ба сӯи чизе ё касе бодиққат чашм дӯхтан.

1. Ба тарафи кулбаи Гулнор чашм меандозад.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Ба тарафи дастархон ва ош ҳеҷ чашм намеандохт.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

3. Бале, Анвар ӯро маҷбур кард, ки ба ҳаёти худ, ба саргузашти худ дурусттар чашм андозаду фикр кунад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 41. Ба касе, чизе чашми касе афтидан

касе, чизеро нохост дида мондани касе, чизеро дида мондан, ба касе, чизе рӯ ба рӯ омада мондан.

1. Ногоҳ дар иттифоқи батракон чашмам ба ҷавони студентнамое афтод.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

2. Қариб ҳар чизе ки ба чашм меафтод, нав буд.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт» («Маориф ва маданият»).*

3. Дар он дам намехостам, ки чашмам ба чашми Сурайё афтад...

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 42. Дар чашми касе ашк ҳалқа задан

*Ниг.* Чашми касе лиққи об шудан.

Аз хурсандӣ дар чашмони модар ашк ҳалқа мезад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 43. Аз чашми касе афтидан

1. ба назари касе нанамудан, аз мадди назари касе дур будан, 2. беэътибор шудан.

Вай аз чашми одамон афтида, хонашин шуда мондааст.

### 44. Чашми касе ба чизе, касе нигарон шудан

умедвор шудан, интизор шудан.

Чашми модарам ба дарвоза нигарон шуда бошад даркор.

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов, «Тӯҳмат».*

### 45. Чашми касе ба чизе, касе паридан

ба касе, чизе интизор будан, хохони чизе, касе будан.

1. — Чашмам ба ту парида истода буд-мӣ, сагбача!

*«Хорпуштак».*

2. — Дидед, муаллим,—аламомез гуфт Сафар,—маълум мешавад, ки ба омадани Сафар чашми ҳеҷ кас напарида будааст.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

3. — Бало ба паси домодшаванда, барои ӯ чашми мо чандон напарида буд...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 46. Чашм ба роҳ доштан

*Ниг.* Чашм дар роҳ будан.

Чаро ин қадар дер кардӣ, писарам, кайҳо боз ман туро надидаам, ёд кардам, ҳар рӯз чашм ба роҳ доштам,— гуфт мӯйсафед.

*Ҳ. Назаров, «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона».*

### 47. Чашми касе ба рӯи касе афтидан

бо касе дучор гардидан, бо касе рӯ ба рӯ шуда мондан, касеро дидан.

Ба худо шукр, ки боз чашмам ба рӯи ту афтод!

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидон» («Шарқи сурх»).*

### 48. Чашми касеро бо хонааш фуровардан

касеро бо танбеҳ ба худ овардан, бо роҳи дуруст даровардан.

Худи ман рафта пуписаву сиёсат карда, чашмонашро ба хонааш мефурорам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 49. Чашми касе ба касе чаппа шудан

1. ба касе зид, муқобил шудан, 2, боиси шубҳа ва бадгумонӣ шудан.

Ба болои ин чашми большевикон ба ту чаппа мешавад, аҷаб нест, ки ба сарат боз чанд балои дигарро биёранд...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**50. Чашми касе ба чизе, касе чор будан (шудан)**

сахт интизор, нигарон будан ва ё шудани касе ба чизе, ба омадани касе.

1. Дар саҳни станция чашми як гурӯҳ одамон ба роҳи омадани поезд чор буд.

*«Хорпуштак».*

2. Марш ба пеш, эй ҷавон ки чашми саноат
Ҳар қадаму ҳар нафас ба роҳи ту чор аст.

*П Сулаймонӣ, «Асарҳои мунтахаб»*

3. — Охир ту омадӣ! — фарьёд зад паҳлавон.— Дар роҳи ту чашмонам чор буданд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

4. — Зебинисо, о, чашмам дар роҳат чор шуд-ку, наход ҳамин қадар бедарак шуда равӣ.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо, қ. II.*

5. Ба як сӯм чашматон чор шуда мегаштед.

*А. Деҳотӣ, «Ҳаёт қадам мезанад».*

**51. Чашми касе ба ҷояш афтидан**

1. моҳияти чизеро фаҳмидан. 2. танбеҳ дида ба худ омадан, ба роҳи дуруст даромадан.

1. Эшон туро сар додан хост, аммо ҳамин одам намонд, агар ман ишкели туро кушода сар диҳам, ту рафта ҳамин одамро занӣ, чашмаш ба ҷояш меафтад, минбаъд ба баста мондани ту далолат намекунад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо, қ. I.*

2. «Ҳаддашро надониста
Гарданкашӣ мекунад,
Ҳафтоду панҷ чӯб занед
Чашмаш ба ҷояш афтад».

*С. Ҷавҳаризода, «Гулшани афрӯхта»*

**52. Ба чашми касе бад менамудагӣ шудан**

ба назари касе бад намудан, боиси нафрати касе шудан.

Дар рӯзҳои охир ба чашми колхозчиён бад менамудагӣ шуда мондед, коргурез...

*У. Умаров, «Кӣ айбдор?»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 53. Аз чашми бад нигоҳ дорад

дуо: аз балою офати назари бад эмин бошад.

Ба назараш Гулрӯ басалобаттар менамуд. «Худо аз чашми бад нигоҳ дорад», гуфт ӯ....

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид».*

### 54. Ба чашми бад нигоҳ (назар) кардан

1. нисбат ба касе, чизе тамаъ кардан, нияти бад кардан, 2. ба касе кинаву ғараз доштан.

1. Мо дузд шуда хонаи киро задем, бузу гӯсфанди киро бурдем, ба зану фарзанди кӣ бо чашми бад нигоҳ кардем?

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Ба аспҳои дигар бо чашми бад нигоҳ кардани онҳоро дид...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

3. Падари Эргаш мегӯяд, ки «Одина бачаи ба роҳаш рост. Ба ҳеҷ кас ба чашми бад нигоҳ намекунад».

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

4. Ба духтар бо чашми бад назар мекарданд...

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 55. Чашми касе бастагӣ будан

ҷоҳил, нодон, ғофил, будан.

Ду сол пеш аз ин чашми фуқаро бастагӣ буд. Баъзеашон аз тарс бошад, баъзеашон аз таги дил, мо ҳар чӣ гӯем «лаббай», «хӯш», тақсир мегуфтанд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 56. Чашми касеро бастан

касеро фиреб додан, ба ғафлат андохтан

1. — Ақлатро дуздида будааст, ука,— яки якбора шӯрида рафт Шитоб, — гарму хунук карда чашмамро баста будааст.

*«Хорпуштак».*

2. — Набошад ба ҳамон касе ки ин гапҳоро ба гӯши ту рехтаасту чашми туро аз дидани ҳақиқат бастааст, гӯй,

ки коми Сафарро модараш ба ин хел беномусиҳо набардоштааст.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. 1.*

### 57. Чашм баҳам назадан

хоб накардан, бедор будан.

Дар канори гаҳвораи фарзанди худ чашм баҳам назада, ӯро парасторӣ кардед!

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидон» («Шарқи сурх»).*

### 58. Чашми касе бегона намудан

*Ниг.* Чашми касе беҷо намудан.

Забони хуш мекунам, насиҳат медиҳам, имоми маҳаллаамон ҳам хеле насиҳат карданд, бо вуҷуди он чашмаш бегона менамояд, агар ба ман қарздор намебуд, ё ман ҳокимшинос ва қозишинос намебудам, кайҳо гурехта мерафт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 59. Чашми касе беҷо будан

ба нияти бад доштани касе далолат кардани вазъи зоҳирии он, аз ҳаракат ва рафтори касе зоҳир гардидани қасди бади он.

Ӯ ба аспи ҷаҳл савор шуда буд. Чашмони пиёламонандаш беҷо буданд.

*Б. Ортиқов, «Нишона» («Шарқи сурх»).*

### 60. Чашми касе беҷо намудан

ба касе маълуму намоён гардидани нияти бад доштани касе.

1. «Дар вақти озод шудани бандиён хабардор шавед, ки мабодо ба мо зарар нарасонанд, чанд рӯз боз чашмҳошон беҷо менамояд».

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Чашми ин бача беҷо менамояд, то даравида кӯфтан нимашро медуздад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 61. Чашми касе беҷо шудан

*Ниг.* Чашми касе беҷо будан.

1. Бо ин кор мо чашми фуқарои Ҳисор ва Душанбе, ки бо хабари омад-омади большевикон ба мо беҷо шудааст, то ба хонааш афтида ба ҳар ҳукму фармони олӣ гардан медиҳанд, ба пойдор шудани салтанати олӣ дил баста дар вақти талаб бе ҷанҷол ва хархаша молу чиз, духтару писарашонро ба мо месупуранд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Як ятим дар хона дорам, ки ҳоло чашмонаш беҷо шудааст.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 62. Чашми касеро чизе бурдан

чашмро хира кардан, аз шиддати дурахшидани чизе тира шудани пеши чашми касе.

1. Бо ҳар тараф ки нигоҳ кунед, барфи дурахшони сафед чашмонатонро мебурд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. — Ана ҳамин ранги сафед аст худи ранги барф барин. Агар ба ин нигоҳ карда истед, чашмонатонро мебарад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

3. — Гулу саҳроҳо ҳам, дову дарахтҳо ҳам ҳама баробар сар кашида, чашми касро мебаранд.

*С. Ғанӣ, Марги муфоҷот»*
*(«Хорпуштак»).*

### 63. Чашми касеро чизе буридан

*Ниг.* Чашми касеро чизе бурдан.

Инчунин ҳамаи асбоб ва абзоли аспҳошон низ заррин ва нигинакорӣ буда, дар тобиши офтоб чашми бинандагонро мебурад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 64. Чашми касеро гармӣ бурдан

камтар, муддати кӯтоҳ хобидан, ғанаб кардан, хоб бурдан.

1. Ҳар боре, ки чашмонамро гармӣ мебарад, ба хаёлам ҳамин мурдаҳои сарбурида... омада ба гиребонам дармеафтанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Ман ҳам ба ҳуҷраи худ рафта даромада дарро бастам ва дар фикри хобидан афтодам... Аммо ҳанӯз чашмамро гармӣ набурда буд, ки дари ҳуҷраам тиқ-тиқ шуд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

### 65. Ба чашм гарм намудан

1. ба касе шинос намудани касе, чизе, 2. ба назар хушу дилкаш намудани касе, чизе.

1. Дидори ӯ ба чашмонам ниҳоят гарм намуд.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

2. Рӯи ӯ ба чашмонам ниҳоят гарм намуд.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо».*

### 66. Чашм гувоҳи дил

ҳар чӣ дар дил аст, чашм ба он гувоҳӣ медиҳад.

— (Рост ба чашми Шариф нигариста) Чашм гувоҳи дил!.. мeравед-мӣ?

*Ф. Ансорӣ, «Имтиҳон».*

### 67. Аз чашм гузаронидан

чизеро дида баромадан, чизеро сарсарӣ хонда баромадан, аз назар гузаронидан.

Он қоғазро сар то по аз чашмаш гузаронид...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 68. Чашми касе гушна мондан

ба чизе ҳарис гардидан, озманд шудан.

Ман ҳамин рӯз аз харрӯза зиёдтар чиз хӯрдам, чунки баробари шикам чашмам ҳам гушна монда буд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 69. Чашми гушнаро хок пур мекунад

*Ниг.* Чашми танги дуньёдорро ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр.

Бо ин роҳ ҳар рӯз як сӯм — якуним сӯм ҳаққи меҳнаткашонро медузданд, чашми гушнаи ӯро хок пур мекунад, пули дуздӣ пур мекунад.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»).*

### 70. Ба касе, чизе чашм давондан

1. чизе, касеро аз назар гузаронидан, 2. тез-тез дидан, сарсарӣ нигоҳ кардан.

1. Шоқул дар вақти роҳ рафтанаш, гуё ки касе, ё чизеро мекофта бошад, ба ҳар тараф чашм медавонд.

*С. Айнӣ, «Ятим».*

2. Муллоҳои дигар ҳам ба рӯи васиқа чашм давонда диданд.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

3. Бригадир аз ҷой хеста ба назди стол омада ба қоғази Нуралӣ чашм давонд.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

4. Ба саҳифаҳои аввалаи он чашм давонд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 71. Чашм дар роҳ будан

ба омадани касе интизор будан, нигарони касе будан.

— Ман ба шумоён чашм дар роҳ будам.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 72. Чашми касеро дар хато андохтан

касеро ба иштибоҳ гузоштан, гӯл кардан.

Ҳамин намуди зоҳирии кулӯхмонанд аст, ки шабона чашми маро дар хато андохтааст ва ман дарьёи Зарафшони яхбастаро замини шудгоршуда гумон карда, ба рӯи вай бе ибо асп рондам.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 73. Бо чашми дигар нигоҳ (назар) кардан

ба касе, чизе рафтори худро дигар кардан, муносибати худро тағьир додан, фикри дигар доштан.

1. Ҳоло ҳар чӣ қадар ки ман ба вай садоқати худро изҳор кунам ҳам, бовар намекунад ва ба ман бо чашми дигар нигоҳ мекунад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. «Зани хеле нағз барин менамояд» гуён фикр карда буд, ҳоло ба ӯ бо чашми дигар назар мекард.

*«Газетаи муаллимон».*

### 74. Чашми касе дигаргун шудан

*Ниг.* Чашми касе беҷо шудан.

Аммо вақте ки хабари ғалабаи Аврангзеби Оламгир ва ба даст даровардани ӯ подшоҳиро ва шикаст хӯрдани Шоҳшуҷоъ мерасад, чашми заминдорон ва роҷаҳо дигаргун мешавад ва навкарони харида ҳам мераванд.

*С. Айнӣ, «Мирзо Абдулқодири Бедил».*

### 75. Чашми дидаи касе (будан)

муътамади касе будан, муътабари касе шудан, тарафи боварӣ ва эътибори касе будан.

«Чашми дидаи ҳама ман! Депутат, депутат!» аз дил гузаронд вай.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

### 76. Чашми дидан надоштан

касе, чизеро ниҳоят бад дидан, ҳаргиз дидан нахостан.

1. Қозикалон, раиси калон, аълам ва дигарон, ки ӯро чашми дидан надоштанд, ноилоҷ маҷбур буданд, ки ҳар вақт ба саломи вай раванд...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Ашраф табельчии Тӯбсада, ҷавони ба назари ӯ мулоимхунуки шубҳанокро чашми дидан надошт.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

3. Наход ҳоло ҳам маро чашми дидан надоред, муаллима?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. 1*

4. Худаш ки қашшоқбачча аст, чашми дидани дигарҳоро надорад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 77. Чашми чизеро донистан

тариқи иҷрои кореро нағз донистан, моҳияти чизеро донистан, сарфаҳми касе, чизе рафтан; таҷрибаи зиёд доштан дар коре.

1. Лекин бригадаи Саркор имрӯз аз мо пештар менамояд.

— Саркор чашми корро нағз медонад-дия...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. Умуман чашми кор, чашми деҳқониро донистан даркор.

*Ҳ. Карим, «Писар» («Шарқи сурх»).*

3. Зани Йӯсуфамак — Мағфиратхола, ки як қадар сергап бошад ҳам, зани чашми рӯзгорро медонистагӣ аст, аз онҳо ҳалвою тутмавизак тайёр мекунад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Савдои умр» («Шарқи сурх»).*

4. Ҳамаи ин саволҳо аз он иборат аст, ки шумо чашми корро намедонед ва ҷавон ҳастед.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Шарқи сурх»).*

### 78. Чашм дошта шудан

рӯй додани кореро дар назар доштан, дар интизори рӯй додани ҳодисае шудан.

Ҳамин саҳар ё ки аввали пагоҳ якбора омада мондани танкҳои душман чашм дошта мешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Достони марди танкшикан».*

### 79. Чашм доштан

1. интизор будан, нигарон шудан, 2. умедвор будан, дар мадди назар доштан.

1. Хонаводаи Ҳодибой бесаброна омадани ӯро чашм доштанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Достони марди танкшикан».*

2. — Мо магар ба суд дода шудани ӯро чашм дошта мешинем?...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

3. Аммо муаззин, чунон ки чашм доштам, илтимоси маро рад кард.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

4. — Ман инро чашм доштам, — мегӯяд амир маъюсона. — Падарам, дар вақташ ба ваъдаи худ хилоф карда, Сиистонро ба Ҳусейн бини Алӣ надод, ӯро ранҷонид, акнун ҷафои инро ман бояд кашам.

*С. Улуғзода, «Қисмати шоир».*

## 80. Чашм дуздида

пинҳонӣ, ба тавре ки кас набинад.

Рози дил гуфтаанд бо ҳасрат,
Чашм дуздида аз замину замон.

*Ғ. Мирзо, «Ба водӣ нур меборад»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 81. Касе, чизеро аз чашм дур накардан

касе, чизеро ба зери диққати худ гирифтан, ба чизе назорат кардан, касе, чизеро поидан, таъқиб кардан.

1. Кампир канизакро ҷеғ зада фармуд, ки духтаракро аз чашмаш дур накунад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

2. Ҳоло Акбар ягон ҳаракати Роқиаро аз чашм дур намекард.

*Р. Ҷалил, «Шуроб».*

## 82. (Ду) чашм дӯхтан

1. ба касе, чизе бо диққат нигоҳ кардан, нигоҳ карда мондан, интизор шуда мондан, 2. ба касе, чизе бо нияти бад, бо чашми бад нигоҳ кардан, ба касе, чизе ҳарисона нигаристан, тамаъ кардан.

1. Ман ду чашмамро ба ӯ дӯхтам.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. Дар баландие нишаста ба тарафи дарьё чашм дӯхта буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Нависандаи боистеъдод» («Шарқи сурх»).*

3. Бой бошад, аз они худист, ба чор ман ғаллаи ту чашм дӯхта намондааст.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

4. — Агар ба ҳар сад танга ҳар моҳ даҳ танга диҳед, ман ин корро мекунам, вагарна аз ҳамон судхӯрҳо қарз кунед, ки ба замини шумо чашм дӯхтаанд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

5. Зеро деҳқонон медонистанд, ки Қориишкамба ба саҳро омада деҳқонӣ кардан наметавонад, бинобар ин ба замини онҳо чашм намедӯзад.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

6. Аммо ҳеҷ гоҳ ба чизи касе чашм надӯхтааст... Ана акнун писари ман аз хонаи худаш чизи худашро медуздад!

*Ҷ. Икромӣ, «Ғусса» («Шарқи сурх»).*

## 83. Бо чашми ибрат дидан

аҳвол, кори дигареро дида аз он барои худ натиҷа баровардан; кори касеро ба худ сармашқ қарор додан.

Онҳо (ду лайлак ва сангпушт — *М. Ф.)* лаб-лаби дарьёҳои шӯхоби Зарафшон ва бағали кӯҳҳои пурсарват парвоз карда, заводу фабрикҳо ва иморатҳои чун тӯрна сароростаро бо чашми ибрат диданд.

*С. Ғанӣ, «Марги муфоҷот» («Хорпуштак»).*

## 84. Бо чашми кам нигоҳ кардан

касеро аз худ паст шуморидан, ҳақир шумурдан, ба назари эътибор нагирифтан.

Ба ин ҷавонҳо бо чашми кам нигоҳ кардан хатост.

## 85. Чашми касеро канда кардан

касеро сахт интизор кардан.

— Боз чаро ин қадар бевақт мондед, Гулрӯҷон? Чашмҳоямонро канда кардед,— пурсид Фазилат бибӣ Гулрӯро дар ғуломгардиши ҳавлӣ пешвоз гирифта.— Ману қудо ақаллан даҳ бор ба дари кӯча рафта омадем.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид».*

## 86. Чашм кандан

ба чизе, касе дигар нигоҳ накардан, қатъи назар кардан.

1. Раис аз қоғаз чашм канда ба мо нигоҳ кард...

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Як чашмамро ба бозӣ дӯхта бошам ҳам, чашми дигарамро аз дар намекандам.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

## 87. Чашм канда шудан

аз интизорӣ ниҳоят хаста шудан, бисьёр интизорӣ кашидан, зиёд мунтазир шудан.

Канда шуд дар роҳи ту чашмони ман,
Кай ту меой?
Биё, ҷонони ман!

*М. Турсунзода. «Ман аз Шарқи озод».*

## 88. Чашми корро омӯхтан

тариқи иҷрои корро ёд гирифтан, ба моҳияти кор сарфаҳм рафтан.

Ҳамин ки Тоштилло, ба гуфти падараш, дар меҳнат пухта шуда, дар мобайни се-чор сол чашми корро омухт...

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

### 89. Чашми кордон аз кор кор меёбад

одами кордон дар зимни як кор корҳои дигарро мебинад ва ба иҷро мерасонад, одами кордон корро нағз, ҳартарафа мулоҳиза карда иҷро мекунад.

Дар урфият мегӯянд, ки чашми кордон аз кор кор меёбад. Бригадирҳо-командирҳои майдони меҳнат дар ҳар як кори бузург боз чандон корҳои хурди аз назар пинҳонро мебинанд.

*А. Деҳотӣ, «Гвардиячиёни меҳнат» («Роҳи равшан»).*

### 90. Чашм кушода чизе, касеро дидан

1. дар тамоми муддати умри худ танҳо ба як кас зан ё шавҳар шудан. 2. аз хурдсолӣ фақат бо як кор машғул шудан.

1. Дилам ба Зиёда месӯхт. Охир вай чашм кушода маро дида буд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

2. Шуморо ҳама дузана мегӯянд...
— Гапи дурӯғ. Ман чашм кушода туро дидаам.

*«Маориф ва маданият».*

3. Онон ҳам аз як ҷиҳат ҳақ буданд, зеро ки барои Тоҷибой саркор барои касоне ки чашм кушода пахтаро дидаанд ва дар пахтазорҳо мӯи сиёҳи худро сафед кардаанд, ба замин партофтани як каф тухмӣ ҳеҷ гап набуд.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 91. Чашми касе кушода шудан

1. аз чизе бохабар гаштан, бомаърифат шудан, 2. аз камбудии касе ибрат гирифта дар кори худ ҳушьёр шудан.

1. Бояд ӯ дар хурдсолӣ дар замони шустагариаш ҳам каму беш ба илмомӯзӣ шуғл карда бошад ва ба воситаи бо илми ибтидоиаш чашмаш кушода шуда, ба корҳои сиёсӣ ҳавас пайдо карда бошад...

*С. Айнӣ. «Исьёни Муқаннаъ».*

2. Ман ҳам, ки аз ин сӯҳбат чашмам кушода шуда ва сабақи бузурге омӯхтам...

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут»,*

3. Ғайр аз ин вай мехост, «чашми духтар кушода нашудан пеш» сари ӯро ҷуфт кунад.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

4. — Бо хиёнати инҳо чашми мо кушода шуд...

*С. Айнӣ, «Ғуломон»*

## 92. Чашм кушодан

1. пайдо шудан, таваллуд ёфтан, 2. диққат кардан, мулоҳиза кардан, андеша намудан.

1. Ин буд алфози нахустине, ки баробари чашм кушодан ба дуньёи равшан Хоҷаназар аз мураббии худ мешунид.

*Ф. Муҳаммадиев, «Меҳри диёр» («Чароғи ирфон»).*

2. Чашмро дурусттар кушоему кирду корҳои нодурусти ӯро нағз санҷида бинем, то ки рафта ягон рӯз танга барин яра табақ барин нашавад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

3. Ба комсомолҳо ёрӣ мерасонам, ба ҷавонон кор ёд медиҳам гуфта ваъда додани шумо чӣ? Ҷавоб диҳед... Чашмонатонро кушоед.

4. — Ту аз ҷанҷол тарсида ба ҷабру зӯрӣ тан медиҳӣ? Шодигул, чашматро кушо.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

## 93. Чашми касеро кушодан

касеро аз ҳақиқати чизе бохабар кардан, соҳиби илму маърифат кардан.

1. Деҳқонбой дар кружок маро бо агрономия ошно карда монд. Ман пештарҳо агрономиро бад медидам. Деҳқонбой чашми маро кушод.

2. Абдулло ба Пӯлод ва Гулрӯ чӣ қадар хусумат дошта бошад, ба ҳар як комсомолеци фаъол, ки чашми ҷавонони гузарро мекушоданд, ҳамон қадар ʻадоват дошт.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

3. Аз байни гапҳои навиштаатон фақат ҳаминро дар ёд дорам, ки сафари Москва ба бисьёр чизҳо чашми шуморо кушодааст.

*Ф. Муҳаммадиев, «Мактуби дӯст» («Шарқи сурх»).*

4. — Шумо чашми маро боз васеътар кушодед,— гуфт оромона, — Бигзор хонад...

*«Газетаи муаллимон».*

## 94. Чашми касе ликқи об шудан

чашми касе пур аз оби дида шудан, гиристан.

1. Духтар давоми суханашро гуфта натавонист. Чашмонаш ликқи об шуданд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Чашмони ҷавонзан якбора ликқи об шуданд.

*«Занони Тоҷикистон».*

## 95. Аз чашм мондан

нобино шудан, хира шудани чашм.

Модари Зайнаб пир шуд, аз чашм монд ва маҷбур шуд, ки касби тоқидӯзии худро тарк кунад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

## 96. Чашми касе мош барин гардидан

аз чизе бохабар, воқиф гардидан.

Чашми вобкандиён мош барин гардид, даҳонашон калӯшкӯҳна барин яла шуда монд.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

## 97. Чашми касеро мош барин кушода мондан

таъзири касеро дода, ҳушьёр, огоҳ карда мондан, танбеҳ додан.

1. Медонӣ, маро Очил катта мегӯянд. Чашматро мош барин кушода мемонам.

*А. Сидқӣ, «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

2. — Охири тафтиш ба хайр шавад, баъд худам якта-якта чашми онҳоро мош барин кушода намонам, номам Олим нашавад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 98. Чашми касе (чун) мош барин кушода (во) шудан

танбеҳи бисьёр дида ҳушьёр шудани касе.

1.— Э, ҳоло вай бача, рӯзғор, ки ба сараш афтод, чашмаш мош барин кушода шуда мемонад.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

2. Монед, ба ҷанг касоне раванд, ки аз ҷони худ сер шудаанд, ҳа нагуфта чашмони онҳо ҳам мош барин кушода шуда мемонад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. 1.*

3. Рафта ба ҳоким шикоят кунам,
Ин ҳама кори ту ҳикоят кунам,
Чашми ту чун мош дар он вақт во-
мешавад, аз дидани ҳукми ҷазо.

*С. Ҷавҳаризода, «Гулшани афрӯхта».*

4. Биё, Ваҳҳоб, чунон ҳосил руёнем, ки чашмонашон мош барин кушода шавад.

*С. Улуғзода, «Шодмон».*

### 99. Чашм нагузаштан

дида натавонистан, хонда натавонистан дар натиҷаи заиф шудани нури чашм.

1. — Дорам. Лекин ба ин хат чашмам нагузашт-мӣ, чӣ? Нафаҳмидам.

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Москва чӣ овардӣ?»*

2. — Мебахшед, чашмам нагузашт, айнакам дар хона мондааст.

*«Латифаҳои тоҷикӣ».*

### 100. (Ба) чизе чашми касе нарасидан

1. ба чизе боварӣ надоштан, 2. воқеъ шудани чизеро умед, гумон накардан.

1. Мартабаи сеюм ба бардошта тавонистанам чашмам нарасида монд.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

2. Ҳеҷ чашм намерасид ва ақл намегирифт, ки бо он роҳ ба назди чӯпонҳо рафта сиҳат ва саломат баргашта биёям.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Волейболбозӣ кардани духтарҳои колхоз ҳеҷ ба чашмам намерасид-дия.

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

### 101. Бо чашми нафрат нигаристан

ба касе, чизе бадбинона, нафратомезона рафтор кардан.

Мардум на танҳо ба додари «фосиқи» ту, балки ба ман ҳам бо чашми нафрат менигаранд.

*«Маориф ва маданият».*

### 102. Чашми некӣ умед кардан

дар интизори некии касе будан.

Ҳоло ки дар муқобили онҳо ҳеҷ кор аз дасти мо намеояд, инҳоро ба худ соҳибмаслиҳат қарор дода, аз инҳо чашми некӣ умед накунем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 103. Чашми нигоҳ кардан надоштан

*Ниг.* Чашми дидан надоштан.

Рости гапро пурсед; ман ҳам ба онҳо чашми нигоҳ кардан надорам ва сояашонро аз девор тарошиданам меояд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 104. Чашми касе нишастан

аз касалӣ ва харобӣ фурӯ нишастани косахонаи чашми касе.

— Чашмҳоят, ба назарам, андак нишастаанд. Чаро дуруст хӯрок намехӯрӣ?

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 105. Чизи ба чашм ноаён

чизи майда-чуйда, дуйумдараҷа, бе аҳамият.

Нозукой бо ростию гургӣ ба фурӯхтани чизу чораи ба чашм ноаёни хона сар кард.

*Р. Ҳайдаров, «Дуздро қароқчӣ зад» («Занони Тоҷикистон»).*

### 106. Бо чашми нобоварӣ нигоҳ кардан

ба чизе бовар накардан, эътимод надоштан.

Ту ба қуввати занон бо чашми нобоварӣ нигоҳ мекунӣ...

*Ҷ. Икромӣ, «Зӯҳра».*

### 107. Чашм песондан

ба касе бад-бад нигоҳ кардан.

Ман гуфтам,— «Эй домулло
Чашми худ напесонед,
Тӯҳмат насозед ба мо,
Гапро дониста занед.

*С. Ҷавҳаризода, «Гулшани афрӯхта».*

### 108. Ба чашм об гирифтан

гирья кардан.

Ойтимулло ҳам, ки хеле ҳассос буд, ба чашмонаш об гирифта, боз ҳам аз Бедил ин рубоиро аз ёд хонд...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 109. (Аз) чашми касе оташ боридан (пошидан)

1. аз шиддати ғазаб чашми касе барқ задан, 2. сахт хашмгин будан.

1. Ҳайдаркул инро шунида чунон дар ғазаб шуд, ки дастонаш ларзиданд ва аз чашмонаш оташ борид.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Аз ин суханҳо Асо чунон оташин ва дар қаҳр шуд, ки чашмонаш оташ пошиданд...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 110. Чашми касе ба касе ошно намудан

аз рӯи меҳру муҳаббат нигоҳ кардан.

Чашми мардум ҳам ба мо он қадар ошно намеманмояд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 111. Чашм партофтан

*Ниг.* Чашм андохтан.

1. Модар косаро ба рӯи пештахта гузошта, худ боз ба берун чашм партофт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Рустамов беихтиёр ба ордени Байрақи сурхи меҳнати Тоҷикистон, ки дар сари синаи генерал дар қатори се-чор орденҳои дигар ҷило медод, чашм партофт.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

3. Тоҷихола ба ман чашм партофта, таъсири суханҳои худро санҷиданӣ мешуд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 112. Аз чашми касе пинҳон гаштан

аз назари касе дур шудан, аз таъқиби касе гурехтан.

Қисми калони ҷадидҳо гурехта ба Самарқанд ва Тошкент рафтанд, якта-дутаи дар Бухоро мондагиашон ҳам руст шуда, аз чашми мардум пинҳон гашта буданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 113. Чашми пухта

чашми кордида; одами таҷрибанок.

Аммо чашми пухтаи Бобосаид дарҳол аз хубиҳои зотии он асп пай мебарад.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 114. Чашми касе ба чизе пухта шудан (гардидан)

чизеро нағз омӯхтан, донистани касе, дар коре малака пайдо кардани касе, омили коре шудан.

1. Ҳамин тавр рӯзҳо, моҳҳо ва солҳо мегузаштанду чашми раиси ҷавон ба кор пухта мешуд...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Пухта гаштанд аллакай чашмони ман,
Хушк шуд обилаи дастони ман.

*А. Баҳорӣ, «Сарахбори зиндагӣ»*

### 115. Чашм пўшида гузаштан

*Ниг.* Аз касе, чизе чашм пўшидан.

Иғво-мӣ, не-мӣ, лекин мо аз ин хел сигнал агарчи вай аз тарафи душман дода шуда бошад ҳам, чашм пўшида гузашта наметавонем.

*Ҳ. Карим, «Писар» («Шарқи сурх»).*

### 116. Чашм пўшида накушода

дарҳол, бо тезӣ. дар як лаҳза.

— Маъқул шавад ана савор шавед, чашм пўшида накушода дар шаҳр мешавед.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид»*

### 117. Аз касе, чизе чашм пўшидан

1. аз баҳри касе, чизе гузаштан, 2. ба касе, чизе диққат, эътибор надодан, касе, чизеро нодида ангоштан.

1. Бинобар ин аз девонагии ў чашм мепўшиданду ўро ҷавобгар намекарданд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III*

2. — Бригадаи якўм гуфта аз дигарон чашм пўшидан ҳам хуб не, раис.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»)*

### 118. Чашм пўшидан

хобидан, хоб бурдан.

Ҳеҷ чашм пўшида наметавонистанд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 119. Чашми касе равшан шудан (гардидан)

1. хурсанд, хушҳол гаштан, 2. вазъи ҳамл кардан, зоидан, сиҳат ва саломат мондани зан баъди зоидан.

1. Ҳақиқатан Ҷонон давида-давида, ҳамаро аз назар гузаронида меомад. Якбора чашмам равшан гашт ва фақат ҳамин дам дарк кардам, ки он рӯз чӣ рӯзи хуш, чӣ рӯзи фараҳбахш ва офтобие будааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»).*

2. Хайр, майлаш фарзандҳои мо ба ҷанг рафта, ана қаҳрамон шуда баргаштанд. Шукр ки имрӯз чашми мо бо дидани писарам Шодиҷони азиз равшан гаштанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

3. Чашми духтари додарзодаашон равшан шудааст.

*П. Толис, «Ҷавонӣ».*

## 120. Чашм расидан

аз рӯи эътиқоди мавҳум бо назар кардани касе рӯй додани офате: аз касе ба касе осебе расидан, захми чашм расидан.

1. Агар ту соҳир ё афсунгар набошӣ, ҳаққо, ки қобилиятат бузург аст! Туф-туф, чашми бад нарасад!

*С. Улуғзода ва В. Виткович. «Ибни Сино»*

2. — Дуруст аст, ки бар давлати ҷаноби олӣ чашми бад расид. Он шахсҳо гурехтанд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

3. Дар моҳи дуйӯм ба ин касб ҳам чашм расид.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

4. — Ҳай-ҳай, чашм нарасад, ҳар чи худоро шукр, камтар хеста мешиштагӣ шудед.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## 121. Чашми касе роҳ дидан

1. ба як нуқтаи номаълум нигох карда ба фикр фурӯ рафтан, 2. роҳи касеро поидан, ба роҳи касе чашм дӯхтан

1. — Хеҷ, чашмам роҳ дида мондааст...
— Хайр ман рафтам,— гуфт вай.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Зане назди столи кор сокит,
Қалам дар даст. Чашмаш роҳ медид.

*Ғ. Мирзо, «Асрор» («Шарқи сурх»).*

### 122. Чашму рӯи касе бечо будан

*Ниг.* Чашми касе бечо будан.

— Дили ман ба ҳамон хизматгоратон аз аввал ҳам об нахӯрда буд, ба назарам чашму рӯяш бечо барин буд.

*Р. Чалил, «Гулрӯ».*

### 123. Чашму рӯи касе кушода шудан

1. аз корӯ бор, сирру асрор бохабар гардидан, 2. бешарму ҳаё, густох шудан.

Бадтар қадри духтари мулло шудагӣ паст мешавад! Ҳа, хату савод дорад, чашму рӯяш кушода шудагӣ, мегӯянд.

*Ч. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 124. Чашми рӯз кушода шудан

раншан шудани рӯз, дамидани субҳ.

1. Чашми рӯз акнун кушода шуд...

*Р. Чалил, «Шӯроб».*

2. Чашми рӯз кушода нашуда бошад ҳам, нури чароғи ленинӣ ҳама чоро равшан кардааст...

*Ч. Икромӣ, «Муҳаббат».*

3. Аз хоб сер шуда чашм кушода бинам, ҳанӯз чашми рӯз кушода нашудааст.

*Ч. Икромӣ, «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»).*

### 125. Чашми рӯзро кӯр кардан

мунтазири фаро расидани торикӣ шудан, ба тамом шудани рӯз интизор шудан.

— То чашми рӯзро кӯр накунам, ба роҳ даромада наметавонам.

*Р. Чалил, «Одамони човид», қ. I.*

### 126. Чашми рӯз кӯр шудан

торик шудани рӯз, шом шудан.

Чашми рӯз кӯр шуда, торикӣ ба ҳукмфармоӣ сар карда буд.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

### 127. Чашми касе аз чизе сер шудан

1. аз чизе қонеъ гардидан, хуморшикаста шудан, 2. гум шудани майлу рағбати касе ба чизе.

1. Ин хоҷаи мо каноат надорад, фақат аз хоки гӯр чашмаш сер мешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ҳикматбобо»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. — Ин одам бой бошад ҳам бисьёр чашмгурусна будааст, барои ситодани ягон чиз аз ҳеҷ кор ибо ҳам намекунаду ор ҳам, бо вуҷуди ин чашмаш сер намешавад.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

3. — Оббо, чашми деҳқон мардум асло аз замин сер намешудааст-дия...

*Ф. Муҳаммадиев, «Савдои умр»*
*(«Шарқи сурх»).*

4. Ҷанговарони отделенияро ҳам он чунон машқ медиҳад, ки чашми кас аз тамошояш сер намешавад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

5. Ягон чиз корем ҳар чӣ ҳам бошад, ба назар намуда меистад. Чашми одам сер мешавад.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 128. Чашми касе сиёҳ рафтан (задан)

аз худ рафтан, беҳуш шудан; беҳол, бемадор шудан.

1. — Ман пир шудаам, бар болои ҳар нишаста наметавонам, чашмам сиёҳ меравад ва меғалтам, гуфт кампир...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

2. Чашмаш сиёҳ рафт, замину осмон ба назараш тираву торик менамуд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3. Як оҳанпораи лахча барин суп-сурх шудагии мина ба паҳлуи чапи ӯ омада расид. Вай як «ӯҳ» гуфту қалам аз дасташ афтид, тани ӯро сӯзиши сахт фаро гирифт, чашмаш сиёҳ зад.

*Ф. Ниёзӣ, «Интиқоми тоҷик»*
*(«Роҳи пуршараф»).*

### 129. Чашми касеро сиёҳӣ пахш кардан

аз шиддати қаҳру ғазаб, хафагӣ ва бемадорӣ торик шудани пеши чашми касе.

Сафар мактубро хонда, шах шуда монд. Чашмони ӯро сиёҳӣ пахш мекард.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 130. Чашми касеро торик кардан

1. пеши чашми касеро гирифтан, 2. касеро дар ғафлат монондан.

Агар чашми Ёдгорро андешаи оянда и сиёҳе торик накардагӣ мебуд, ин ҳолати Гулнорро дида аз аввал ҳам зиёдтар волаву шайдои вай мегардид...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 131. Чашми соҳиб-дору

дар иҷрои коре бевосита иштирок кардан ва назорат намудани соҳиби кор ҳатман зарур аст.

Агар чи бештарини заминҳои обиамро ба чорьяккор ва панҷьяккорҳо супурдаам, боз худам хабардорӣ накунам, кор пеш намеравад. «Чашми соҳиб-дору» гуфтаанд, ки бедарак нест...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 132. Аз чашм сурмаву аз даҳон сақич задан

ниҳоят фиребгар, қаллоб будан.

1. Ба ростӣ, вай аз чашм сурмаву аз даҳон сақичро мезанад.

*«Хорпуштак».*

2. Чунон корчаллон, ки айёрони афсонавӣ ба вай дастовез шуда наметавонанд. Аз чашм сурма ва аз даҳан сақичро чунон мезанад, ки худатон бале мегӯед.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 133. Чашми тамаъ дӯхтан

ба чизе бо тамаъ нигоҳ кардан, тамаъкорона назар кардан.

Баъд ӯ ба боигариҳои зери заминии Кореяи Шимолӣ чашми тамаъ дӯхт.

*«Хорпуштак».*

### 134. Чашми танг

хасис, мумсик, чашмгурусна.

Чашми зан танг, ҳамшира...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 135. Чашми танги дуньёдорро ё қаноат пур кунад ё хоки гӯр

дар дили одами ҳарису мумсик ҳирси мол ҳаргиз кам намешавад, хасисро танҳо марг аз он хирс халос мекунад.

— Ҳарчанд Саъдии Шерозӣ гуфтааст, ки «...Чашми танги дуньёдорро ё қаноат пур кунад ё хоки гӯр», ман мегӯям, ки «чашми танги дуньёдорро на қаноат пур мекунад, на хоки гӯр».

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 136. Чашми танги дуньёдорро хоки гӯр пур мекунад

*Ниг.* Чашми танги дуньёдорро ё қаноат пур кунад ё хоки гӯр.

Саркор ҷавоб дод:

— «Гов бимирад ҳам, алоии чашмаш намеравад» гуфтаанд, ин ҳирс аст! Ҳамин ҳирс буд, ки ба Қозикалон ин қадар чизҳоро ҷамъ кунонид; ҳамин ҳирс буд, ки ӯро ба рехтани хуни мардум ва ба хӯрдани моли мардум водор кард; ҳамин ҳирс буд, ки ӯро ба ҳамин

рӯзи сиёҳ овард ва ҳамин ҳирс аст, ки ӯро кашон-кашон ба лаби гӯр мебарад, пас чӣ гуна аз вай ҷудо шуда монад?! «Чашми танги дуньёдорро хоки гӯр пур мекунад» гуфтаанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 137. Чашми касе танг шудан

ҳарис, мумсик шудан.

1. Даромади ӯ ҳар чи қадар зиёд шавад, чашмаш ҳамон қадар тангтар мешуд.

*«Хорпуштак».*

2. Чашми занҳо ки мегӯӣ, духтарам, танг мешудааст.

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро».*
*(«Шарқи сурх»).*

### 138. Чашми касеро тарсондан

касеро тарсондан, харосонидан.

1. Чанд бор ба туркманон ҳуҷум оварда чашми онҳоро тарсонда гирифт.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Халқ бебок шудааст, амирам, чашми халқро тарсонда мондан лозим.

*С. Улуғзода, «Қисмати шоир».*

3. — Падар гуфтагӣ андак сиёсатдор шаваду писарро ба даст гирад,— мегуфт зан,— шумо бошед чашми ӯро наметарсонед.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 139. Бо чашми тараҳҳум нигоҳ кардан

ба касе меҳру муҳаббат, ғамхорӣ ва дилсӯзӣ изҳор кардан.

Онҳо ба мо бо чашми тараҳҳум нигоҳ мекарданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 140. Ба чашми касе тофтан

ба назари касе намоён шудан.

Хубаш ҳамин, ки дигар ба чашмам натобад...

*Л. Саид, «Фарзанди ҳазрати Одам»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 141. Чашми умед доштан

дар умеди чизе, касе шудан, аз касе чизеро умед доштан.

Ба ин ваъдаи Тошпилло баъзе чинакчиён нобоварона «танҳо ваъдаи хушку холӣ» гӯён нигоҳ мекарданду ба иҷрои он чандон чашми умед надоштанд.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

### 142. Чашми умед дӯхтан

боумед нигоҳ кардан; чизеро умед кардан, дар умеди чизе будан.

Роҳи тайкардаи туро омӯхт,
Чашми уммедро ба сӯят дӯхт.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 143. Бо чашми харидорӣ нигоҳ кардан

ба чизе, касе бо нияти ба даст даровардани он бо мароқу ҳавас, бо орзу нигоҳ кардан; ба чизе толиб шудан.

Алиҷон ба духтари куртасурхаки дар хараки рӯ ба рӯ нишаста бо чашми харидорӣ нигоҳ мекард.

### 144. Чашми хат надоштан

хат хонда натавонистан, савод надоштан.

Чашми хат надорам, ки ин хатҳои бахтшикани туро хонам.

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман,*
*«Гуноҳи кӣ?»*

### 145. Чашми касеро хато кардан

пинҳонан, номаълумона аз касе коре кардан, касеро ба ғафлат мононда коре кардан.

1. Аммо ман ҳар гоҳ ки чашми падару модарро хато карда, аз гулбуттаи гулобӣ гул мечидам...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

2. Гоҳо вақте ки Гулрӯ оббиёриро баҳона карда наметавонист, чашми Саодатбибиро хато карда истода, ё

аз ақиби дари яктабақаи кӯча ё аз болои танӯр ба бошишгоҳи аскарони сурх нигоҳ мекард.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

3. Бодигарон ҳама дузданд, ҳамин ки чашмро хато карданд, гандумро ба хонаи худ мекашонанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 146. Чашми касеро хоб бурдан

ба хоб рафтан, хуфтан.

Қариби саҳар чашмонашро хоб бурд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 147. Аз чашми касе хоб гурехтан

хоби касе наомадан, хоб набурдан, бедорхоб шудан.

Вале аз чашмони модар хоб гурехт.

*«Маориф ва маданият».*

### 148. Аз чашми касе хобро рабудан

касеро бедорхоб кардан, хоби касеро парондан.

Масъалаҳои печ дар печ сари ӯро гаранг карда, аз чашмонаш хобро рабурда буданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 149. Ба чашми касе хок пошидан

касеро фиреб додан, касеро ба ғафлат андохтан.

1. Пас маълум шуд, ки босмачиён барои нигоҳдории шаҳр чораи охирин гуфта шоххҳои дарози дарахтонро бурида ба аспони худ бор карда дар кӯчаҳо гардондаанд ва бо ин «тадбир» қуввати худро хеле калон нишон дода ба чашми аскарони сурх хок пошиданӣ шуданд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Мо аз кирдорҳои ту бохабарем, ҳеҷ намегузорем, ки вай, бачаи ношинос, бедару хона ба чашми ту... хок пошида, ба кӯҳистонаш гирифта равад.

*Қ. Наимӣ, «Баҳор»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

3. Магар ин гуна рафтор як тарзи ба чашми давлат хок пошидан нест?

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 150. Ба чашми касе хор гаштан

дар пеши назари касе беэътибор гаштан, қадру қимати худро гум кардан, шарманда гардидан.

Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

*С. Айнӣ, «Ашъори мунтахаб».*

### 151. Касеро чашми худ гуфта ба ҷое гузаштан

касеро ҳамчун шахси наздик ва боваринок ба ҷои худ барои назорат кардани коре таъин намудан.

Ман туро дар ин ҷо чашми худам гуфта гузоштаам. Ту бошӣ, он қадар хуб хабардорӣ намекунӣ.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 152. Чашми худро калон кушода мондан

ҳайрон шуда мондан.

Вақте ки Шароф ба хонаи Неъмат даромад, чашмашро калон кушода монд.

*Б. Азизӣ, «Кӣ полвон?»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 153. Чашми худро мош барин кушодан

1. аз ғафлат бедор шудан, ҳушьёр шудан. 2. аз ходисае ҳайрон, моту мабҳут гардидан.

1. — Рӯзимат-ако, ош чӣ шуд? — Оша монеду чашмонатона мош барин кушоед.

*С. Саидмуродов, «Шӯҳрати «Хорпуштак»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

2. Ӯ то дере чашмонашро мош барин кушода, дар ҷояш шах шуда истод...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 154. Чашми худро об додан

аз тамошои касе, чизе фарахманд гардидан, лаззат бурдан; ба чизе бо завқ тамошо кардан.

1. Аз ранги сабзи зумуррадини алафзор чашми худро об дода қадре он сӯтар назар меандохтед, пайколҳои харбузаи нав ранговарда, майдонҳои ғӯза ва пахтаи нав гулкарда ва кӯракбаста, ҷуворихои баландқомати нав саркашида... яке аз паси дигаре назари тамошои шуморо ба тарафи худ мекашид.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб»*

2. Мо ки пир шудаем, чашмҳои худро аз ҳусни соҳибҷамолон об диҳем мегӯям-дия, тақсир...

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид».*

3. Агар зани ҷавон ё духтареро дар кӯчаю бозор медид, бешармона чашмҳояшро об дода мегузашт.

*Ҳ. Аскар, «Нишони одамият» («Истеъдодҳои ҷавон»).*

### 155. Чашми худро теғ кашонда нигоҳ кардан

ба касе бо қаҳру ғазаб, адоватмандона нигоҳ кардан.

Ба Дохунда чашмони худро теғ кашонда қадре нигох карда истод...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 156. Бо чашми худ касеро хӯрдан

1. тунду тез нигаристан, 2. ба касе ҳасадомезона нигоҳ кардан.

Онҳо маро бо чашмони худ мехӯрданд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

### 157. Чашми худро чорта карда касеро поидан

ҳушьёрона, бо диққат касеро таъқиб кардан.

— Чӣ хеле ки таъин карда будед, ба анбори ангишт омадан ҳамон чашмонамро чорта карда, ҳаракатҳои мӯйсафеди беимонро номаълум поидан гирифтам.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

### 158. Бо чашми чор

бо умед, умедворона.

Вакилони бисьёр колхозҳо, ташкилотҳо дар ҷустуҷӯи чунин чизҳои зарурӣ бо чашми чор шаҳр ба шаҳр мегарданд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 159. Чашми касеро чор кардан

касеро бисьёр интизор кардан, ба роҳи худ нигарон намудан.

1. — Чашмамро чор кардед, чаро ин қадар ҳаял кардетон?

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Хайрият, ки чашмҳои маро чор накардеду бавақтакак расида омадед...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 160. Чашми касе шира бастан (гирифтан)

аз ғояти мағрурӣ ё давлатмандӣ касе, чизеро писанд накардан.

1. — Чашмонатонро шира гирифтааст магар,— гуфт Қоришариф дастурхонро паҳн карда истода,— ҳуҷраи ман набуда, аз они кӣ мешуд?

*Ҷ. Икромӣ, Духтари оташ».*

2. Қамтар обрӯю эътибор гирифта, ҳамин вақтҳо чунон чашмонашро шира бастааст, ки аз пешаш фил гузарад ҳам назараш намегирад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

3. Аз бисьёр кӯрак бастани ниҳолҳои пахта чашми бригадир ва звеноводҳо шира гирифта, дигар корҳои пахта фаромӯш шудааст.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 161. Чашми касе шудан

назоратчии касе шудан, дар вақти набудани касе молу чиз ва кору бори ӯро назорат кардан; ҷонишин шудан.

1. Акнун ту чашми ман шуда рафта корро дидбонӣ кун.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Ба сари хирман рафта чӣ кор мекунӣ?

— Чашми шумо шуда нигоҳ карда меистам, ки бодигарон гандумро надузданд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

3. Ёрмат ин ҷо чашми мо шуда мемонад.

*Ғ. Абдулло ва Ш Қиёмов, «Тӯфон».*

### 162. Бо чашми эҳтиром нигоҳ кардан

касеро эҳтиром намудан, ҳурмат кардан.

Аз ин сабаб ин тавр одамонро мардум бо меҳри бисьёр мепарваранд ва ба онҳо бо чашми эҳтиром нигоҳ мекунанд...

*Ш. Ҳусейнзода, «Сухансарои Панҷруд».*

### 163. Чашми касеро яла кардан

*Ниг.* Чашми касеро кушодан.

Хати Мавлон чашми маро яла кард.

### 164. Чашми касеро ғафлат бурдан

камтар хоб кардан, ба ғанаб рафтан.

— Чашми маро ғафлат бурда будааст, омадани шуморо нафаҳмида мондаам...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 165. Чашмаи ҳайвон

оби ҳаёти афсонавӣ, мабдаи ҳаёт ва зиндагии абадӣ.

Ғамзааш гарчи ба қасдам шуда моил, аммо
Хандааш хосияти «чашмаи ҳайвон» дорад.

*Л. Обидхӯҷаев, «Асарҳои мунтахаб».*

### 166. Бо чашми ҳасрат нигоҳ кардан

ба касе, чизе ҳасратомезона, маъюсона нигоҳ кардан, афсӯс хӯрдан.

Ҳаммолони бебормонда бо чашми ҳасрат аз қафои ҳаммоли дар зери бор дуқадшуда нигоҳ мекарданд.

*Ҳ. Ирфон. «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»).*

**ЧАШМАК**

### 167. Чашмаки ман, чашмаки ту гуфтан

ба ҳамдигар имову ишорат кардан.

Ман умед доштам, ки онҳо дар баробари нишон додани муваффақиятҳо абраву астари ҳамон норасогиҳоро чаппаю роста мекунанд. Вале афсӯс, ки онҳо дар ҳар хусус гап заданду аммо дар болои як масъалаи муҳим чашмаки ман, чашмаки ту гуфтанду монданд.

*«Хорпуштак».*

### 168. Чашмаки ман, чашмаки ту карда гаштан (нишастан)

1. нозу карашмафурӯшӣ кардан, 2. ба якдигар нигоҳ карда нишастан, 3. бекор гаштан.

1. Духтар гуфтагӣ дар ҳар ҷо бо йигитчаҳо «чашмаки ту чашмаки ман» карда намегардад.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз, «Дил дили Зайнаб («Шарқи сурх»).*

2. — Модоме ки ҳамин тавр бошад, то кай чашмаки ман, чашмаки ту карда гаштан гирем?

*М. Миршакар, «Шаҳри ман» («Шарқи сурх»).*

3. — То кай «чашмаки ман, чашмаки ту» карда менишинем? Биё як ғазал хон ва ё нақше гӯй.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

4. Агар шахсан худи ман дар сари кор набошам, шумоён даст болои даст монда, «чашмаки ман, чашмаки ту» карда мешинетон.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ЧАШМАТ**

### 169. Чашмат равшан

ҳамчун табрик дар мавриди омадани каси наздик ба касе гуфта мешавад.

— Ҳеҷ гумон накарда будам, ки шӯят меояд... Чашмакат равшан, дӯхтарам!

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ЧАШМГУРУСНА**

### 170. Чашмгурусна будан

мумсик будан, хасис будан.

— Ин одам бой бошад ҳам, бисьёр чашмгурусна будааст...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

**ЧАШМГУРУСНАГӢ**

### 171. Чашмгуруснагӣ кардан

мумсикӣ, хасисӣ кардан.

— Чашмгуруснагӣ карда оби рӯдро тамоман ба ҷӯи худ гардонда гирифтаанд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ЧАШМДОР**

### 172. Ба касе, чизе чашмдор будан

ба касе, чизе интизор будан, умедвор будан.

1. Ҳамсоя ки боз ҳам «бачадор» шуда омадани дегашро чашмдор буд, бетоқатона ба ҳавлии Афандӣ омада дегашро пурсид.

*«Латифаҳои тоҷикӣ».*

2. Бой, ки шунидани ин гуна суханро чашмдор набуд, дар ғазаб шуда, аз ҷояш хесту фарьёд зад...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 173. Ба касе, чизе чашмдор шудан

ба касе, чизе интизор гардидан, нигарон шудан.

1. Шаб одам фиристода будам, «меравам» гуфтаасту лекин имрӯз хеле чашмдор шудам, даракаш нашуд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо».*

2. Зиёда вайро дар роҳрав нигоҳ дошта, ҳамаи воқеаи дирӯзаро аёну баён кард ва чашмдор буд, ки писарам ҳозир рафта барои ин «гуноҳи азим» танбеҳи занашро медиҳад.

*А. Деҳотӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

**ЧАШМДОШТА**

### 174. Аз чашмдоштаи касе...

аз тахмини касе...

1. — Инҳо одамони хуб, муллодӯст будаанд, моро аз чашмдоштаамон зиёдтар эҳтиром карданд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Дар ин ҷо аз чашмдоштаи худашон ҳам зиёдтар осудаю хурсанд мегӯянд.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

3. Концерт аз чашмдоштаи Иноят беҳтар шуд.

*Р. Амонов, «Ду қатра ашк» («Шарқи сурх»).*

**ЧАШМПӮШӢ**

### 175. Чашмпӯшӣ кардан

ба эътибор нагирифтан, диққат надодан.

Бо вуҷуди ҳамин комитети иҷроияи районӣ дар ин бора чораҷӯӣ накарда, аризаҳои деҳқонон ва колхозчиёнро дар зери стол ниҳода, аз онҳо чашмпӯшӣ мекунад.

*Х. Обидӣ, «Қаҳрамони комсомолӣ».*

**ЧАҚ-**

### 176. Чақ-чақ кардан

сӯҳбат намудан, сӯҳбати дӯстона кардан.

Сонӣ муфассалтар чақ-чақ мекунем.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. 1.*

**ЧАҚҚА**

### 177. Чаққа шудан

ба касе, чизе часпидан, бо шилқинӣ аз дунболи касе, чизе кашол шудан.

1. — Шумо чӣ ин қадар ба ман чаққа шудед?

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

2. Ба хола ҳам «чаққа» шуда монданд. «Оча,— мегуфтанд набераҳо,— ба хонаи шумо ҳам печка шинонем. Ин ҳузури ҷон аст».

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

**ЧАҲОР**

### 178. Ба чаҳор тараф

ба ҳар тараф, ба ҳама ҷо.

1.— Худатон-ку аз аҳволи мактаб ба чаҳор тараф шикоят доред, чаро боз кори мактабро партофта, ба корҳои беруна машғул мешавед?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Ҳамаи занҳои соддалавҳ, ки ба доми зани ношинос гирифтор шуданд, ба чаҳор тараф ҷорчӣ андохтанд.

*«Хорпуштак».*

### 179. Ба чаҳор тарафи худ нигоҳ карда гап задан

бо андеша, мулоҳиза гап задан.

— Эй, ба чаҳор тарафатон нигоҳ карда гап занед!

*«Хорпуштак».*

**ЧЕҲРА**

### 180. Чеҳраи касе аз мамнуният гул кардан

шодон, хурсанд шудан.

Чеҳраи мӯйсафед, чашму абрӯвони он аз мамнуният гул кард.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 181. Чеҳраи касе аз хурсандӣ дурахшидан

шодон гардидан, фараҳманд шудан.

Чеҳраи мо аз хурсандӣ медурахшид.

*«Занони Тоҷикистон».*

### 182. Чеҳраи касе гирифта будан

туршрӯ будани касе, нохуш, ғамгин будани касе.

Аммо ҳозир чеҳраи ӯ гирифта ва табъаш хира буд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 183. Бо чеҳраи кушод

1. самимона, бо илтифоту меҳрубонӣ, 2. хушҳолона.

1. Меҳмонро бо чеҳраи кушод қабул кунед.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт» («Маориф ва маданият»).*

2. Бо чеҳраи кушод аз ҷой хест...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 184. Чеҳраи касе кушода будан

хандон, хушҳол будан.

Аз дари хона овози ҷарангосии Ҳанифа шунида шуд, ки чеҳраи ӯ ин дафъа кушода буд...

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид».*

### 185. Чеҳраи касе кушода шудан

табъи касе чоқ шудан, хушҳол, шод гардидан.

1. Дар давоми гуфтугӯй чеҳраи пурандешаи ӯ оҳиста-оҳиста кушода шуд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. Муддате ҳар се хомӯш нишастанд. Оҳиста-оҳиста боз чеҳраи чӯпон кушода шуда ба гап сар кард.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Лекин чеҳраи Сангинов оҳиста-оҳиста кушода шуду ба гирди лабонаш осори табассум печид ва чашмонаш хушбахтона дурахшиданд.

*Қ. Носиров, «Орият».*

### 186. Чеҳраи касе тира шудан

дар рӯи касе пайдо гардидани осори андӯҳ; ғамгин, нохуш шудан.

Чеҳраи хушнудонаи акои Олим баргашта тира шуд, пешонааш чин-чин шуда, қавоқҳояш овезон гаштанд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

**187. Чеҳраи касе шукуфтан**

*Ниг.* Чеҳраи касе кушода шудан.

Чеҳраи гандумгуни Ойҷон ҳамоно шукуфта рафт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ЧИГИЛ**

**188. Чигили чизе кушода шудан**

1. ҳал шудани муаммое, 2. ошкор шудани сирри чизе.

Не, ба қарибиҳо дар яке аз вохӯриҳо чигили он кушода шуд, гумони ҳарду пуч баромад...

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

**189. Чигили кореро кушодан**

1. душвории кореро ошкор кардан, 2. сирри кореро фош кардан.

1. Шаф-шаф нагӯеду ду даҳан дар бораи пиёзҳои бригадаи худ гап зада, чигили ҳамин корро кушода диҳед.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. — Хайр, раҳмат, чӣ гап буданашро баъд мефаҳмӣ, — гуфт Ҳусейн чигили гапро накушода.

*Р. Ҳайдаров, «Ду дилдода»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ЧИЗ**

**190. Чизу чора**

лавозими рӯзғор; асбобу анҷом.

1. Ба хонаи деҳқонони қишлоқ зер карда медаромад ва чизу чораҳои ононро бардошта мерафт...

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

2. Сейӯм он ки Ҳамроҳбой ба вай даҳон задааст ва ӯқсаққол миёнаравӣ кардааст, баъзе чизу чораашро ҳам тайёр карданд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ЧИЛЛА**

## 191. Чиллаи касе баромадан

мувофиқи ақидаи хурофотӣ келин ва зани нав бачазоида то чил рӯз бояд аз хонаи худ ба ҷои дигар наравад, ҷои худро танҳо нагузорад ва ғайра.

1. Ғайр аз кӯдаки ҳанӯз чиллааш набаромада, боз ду духтари хурдсолашро бардошта ин зани дар паси чордевор нишаста ба куҷо рафта метавонист?

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

2. Эй, ман мурам, куҷо меравед? Келинчаки нав бошед, ҳоли чиллаатон набаромада чӣ хел ба чашми мардум намоён мешавед?

*«Хорпуштак».*

## 192. Чилла нишастан

1. чил рӯз гӯшанишинӣ кардан, чил рӯз худро ба назари одамон нишон надода ба гӯшае нишастан, 2. муддати дароз танҳо нишастан.

— Ман чилла нишаста дарсамро тайёр кардан мехоҳам.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ЧИН**

## 193. Чин афтодан

чин пайдо шудан, оҷинг пайдо шудан.

Дар пешона ва рӯяш чин афтида, абрӯяш ғафстар шуда ва ҳуснаш хеле гаштааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

ЧИР

### 194. Чир-пирри касеро баровардан

доду фарьёди касеро баровардан, касеро зада дод гӯёндан.

Чанде аз бачаҳо ҳам шаллоқҳои обӣ-нонӣ хӯрда чир-пиррашон баромад.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

ЧИРК

### 195. Чирки дандон макидан

барои хӯрдан чизе надоштан, гурусна нишастан.

— Чирки дандон макида тобистонро ба охир расонадмӣ? Ман чандон оилаҳоро медонам, ки ба ёрӣ хеле мӯҳтоҷанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Раис» («Шарқи сурх»).*

### 196. Чирки дандонхӯр

ниҳоят мумсик, хасис.

— Як ҳиндуи салланок, як судхӯри гузаро, як хасиси чирки дандонхӯр!...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 197. Чирки даст будан

муваққатӣ, ноустувор будан, дернапоянда будани чизе.

Чизу чора, молу давлат — ҳамаи ин чирки даст мебошад, ба кас вафо намекунанд...

*«Тоҷикистони советӣ».*

ЧИРМ

### 198. Чирм кардан

хоб кардан; андаке ба хоб рафтан.

1. — Аз кор омада як чирм кунам гуфта будам.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Бозор шабҳо чирм накарда рамаи худро, ки 250 сар гӯсфанд буд, посбонӣ мекард...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ЧИСТ**

### 199. Чист, ки нагузарад

ҳар мушкилӣ, мусибате ки ба сари одам меояд, ҳатман мегузарад.

— Зарар надорад, як кор мешавад, меравад. Икромхӯча ҳам бемодар аст.

— Ғам нахӯр! Ҳар чӣ бошад мегузарад, «чист ки нагузарад?» — гуфт Икромхӯча.— Ман 10 сол аст, ки бе модар зиндагӣ мекунам, маро гург нахӯрд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

**ЧОР**

### 200. Чор абзол (асбоб)

ҳама чизҳои даркорӣ.

1. — Май ҳам бо чор абзоли худ кайф медиҳад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Чор асбоби корро сохта истода ана акнун сар кунед, мегуфтаанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 201. (Бо) чор ишкели бутун

бо омодаву муҳайё кардани ҳама чизҳои даркорӣ, комил, бенуқсон.

1. Заводи мо ҳанӯз усули тӯру тасма ва рангуборкуниро ёд нагирифтааст, ки машинаҳоро оҳару пардоз дода, бо чор ишкели бутун пешкаш кунем.

*«Хорпуштак».*

2. Онҳо одамони бисьёр хуб ва чор ишкелашон бутун.

*У. Умаров, «Кӣ айбдор»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 202. Чор кас бинад, сер мешавад

ба ҳама писанд мешавад, маъқул мегардад.

Обрӯи калон дорӣ, афту андомат ҳам биной, чор кас бинад, сер мешавад...

*«Хорпуштак».*

### 203. Қаси (чизи) чор кас диданӣ (медидагӣ)

қобили диққати одамон, ба одамон писанд мешудагӣ.

1. Ба намуд як одами чор кас диданӣ...

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. — Қори худамон ҳам он қадар чор кас диданӣ не, — гуфт ӯ, падар, ҳо ба қадду басти ниҳолҳои пахта нигоҳ кунед: пасту баланд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

3. Як кори чор кас медидагӣ мекунем, бузкашӣ мегӯед, базм мегӯед, ҳар чӣ мегӯед, гӯед, мувофиқи урфу расм кардан мегирем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 204. Ба чор кас маъқул мешудагӣ

он чи ки ба ҳама маъқул ва писандида аст.

Ана, бо ҳамин мазмун якта актчаи ба чор кас маъқул мешудагӣ навишта монӣ, кор хеле соз мешавад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 205. Чору ночор

ноилоҷ, маҷбуран, хоҳ-нохоҳ.

Ба ҳангоме ки ҳазору як мавзӯъро чала-чулпа «муҳокима» карда шуданд, чору ночор сукут ихтиёр мекунанд...

*Қ. Носиров, «Ориятъ».*

### 206. Чор пул-панҷ пул

камтар маблағ, як миқдор пул.

— Ҳоло ба тарафи Душанбе, Тирмиз, Қаркӣ рафта бозьёфтҳои аз магазин кардагиамро чаллонда гаштем. Чор пул-панҷ пул ҳам пайдо кардам.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 207. Аз чор тараф

аз ҳама тараф, аз ҳар ҷиҳат.

Аз чор тараф гапу калоча бароматан мегирад.

*Қ. Носиров, «Орият».*

### 208. Ба чор тараф сар задан

1. барои иҷрои коре кӯшиш, ғайрати зиёде кардан, 2. ҳама чораҳоро дидан.

Аммо ба чор тараф сар зада сӯрохе намеёбанд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 209. Чор тарафро фикр карда гап задан

нағз андешида, ҳаматарафа фикр карда гап задан, бо мулоҳиза гап задан.

— Охир, одами бааќл аввал чор тарафро фикр карда, баъд як гап мезанад.

*Р. Амонов, «Меҳрӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 210. Ба чор тарафи худ нигоҳ карда кор кардан

шароитро ба эътибор гирифта коре кардан, бо диққат, ҳушьёрона кор кардан.

— Ҳа, ба даст афтодааст. Худаш аҳмақ, беҳунар, ба чор тарафаш дурустакак нигоҳ карда кор мекард, ҳеҷ бало намезад.

*Р. Амонов, «Зиндагӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 211. Чор тарафат қибла

чор тараф кушода, ба куҷое ки хоҳӣ рафта метавонӣ, ихтиёр ба худат.

1. — Расчёт нест ба ту, ба куҷое ки хоҳӣ рафтан гир, ту! Чор тарафат қибла!

*С. Улуғзода, «Навобод».*

2. Хоҳӣ ҳамин, нахоҳӣ чор тарафат қибла!

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

### 212. Бо чор чашм мунтазир шудан

сахт мунтазир шудан, хеле дар интизор будан.

Ба синф даромадани он муаллимро бо чор чашм мунтазир мешудем...

*Ҷ. Икромӣ, «Муаллим ва нависанда»*
*(«Тоҷикистони советӣ»).*

## ЧОРА

### 213. Аз чора берун будан

чора надоштан, илоҷнопазир будани коре.

Масозед ин қадар худро ҷигархун,
Ки дарди ман бувад аз чора берун.

*М. Турсунзода, «Ман*
*аз Шарқи озод».*

### 214. Чораи касе, чизеро дидан

тадбири чизеро андешидан, ислоҳ кардан, 2. ба касе ҷазо додан.

1. Ҳамин понздаҳ рӯзро ғанимат шумурда, ҳамаи чораҳои агротехникиро дидан шарт аст.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Ба хулиганҳою duздон ҳеҷ гуна чора надиданд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## ЧОРБАРӮЙ

### 215. Ба касе чорбарӯй шуда

ба касе рӯ ба рӯ шуда.

— Ҳар кас навишта бошад ҳам, нодуруст навишта-аст,— гуфтам ман,— барои исботи он гап дар куҷо, ба кӣ ва дар пеши кӣ гап задани маро муайян кардан ва шоҳидони ин гап ба ман чорбарӯй шуда, гуфта исбот карданашон лозим аст.

*С. Айнӣ, «Мухтасари*
*тарҷимаи ҳоли худам».*

**ЧОРМАҒЗ**

## 216. Бо чормағзи пуч домани (кисаи) касеро пур кардан (намудан)

ба касе ваъдаи хушку холӣ додан, касеро бо ваъдаи хушку холӣ фирефтан.

1. Ба ин сабаб бо арзи ҳақоратталабии аълам аз Ҳоҷӣ-Махдум, ҳарчанд бо хабар додани ҷосусони худ ҷои пинҳон шудаи ӯро донад ҳам, ба аълам «ҳанӯз дар куҷо будани гунаҳкор маълум нест, мо кофтукови ҷиддӣ карда истодаем, албатта, ба даст хоҳад афтод, дар он вақт мо ӯро чунон ҷазои намунавор медиҳем, ки ба дигарон ибрат шавад» гуён ба ваъдаҳои гарму ҷӯшон оташи ғазаби ӯро паст кардан мехост ва дар ҳақиқат бо чормағзҳои пуч домани ӯро пур менамуд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

2. Тобистони дароз «имрӯз, пагоҳ барои шикастурехт ёрӣ медиҳем» гуфта, киссаи шумою акои Одилро бо чормағзи пуч пур карданд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

**ЧОРТА**

## 217. Чорта гап задан

андаке гапзанон кардан, каме суҳбат кардан.

1. Чорта гап занем, ҳалокиҳо бароядˏ— гуён рафта дар канори роҳ нишаст...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Ҳоло чорта гап зада шинед! — гуён як ҷаллоди дигар хост, ки хоби ӯро гурезонад.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

## 218. Чорта дили беғам задан

бе ташвиш, бе ғурбат, фориғболона андак вақт гузаронидан, вақти худро камтар хуш гузаронидан.

1. Ба хонаи дӯстони наздикаш ба меҳмонӣ рафта, ба қавли худ «чорта дили беғам мезад».

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Оё ҳукумат манъ кардааст, ки одами зинда чорта дили беғам занад?...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 219. Чорта кайф кардан

камтар роҳату фароғат кардан.

Дар сояи давлататон баъзан ба машинаи сабукраватон савор шуда чорта кайф кунем...

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 220. Аз чорта якта шуда омадан

аз одамони беҳтарин, бообрӯ ба ҳисоб рафтан.

«Ман дар ин вилоят аз чорта якта шуда омадаам, тӯи мардумро бисьёр хӯрдаам...»

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 221. Чорта ғубори дилро холӣ кардан

*Ниг.* Ғубори дилро баровардан.

Улфатов омада, рапортҳоро даст мононда гирифт ва бо таклифи раис дар меҳмонхона нишаста, ба қавли худашон, чорта ғубори дилҳоро холӣ карданд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

**ЧОРЧӮБА**

### 222. Чорчӯбаи қоқ шудан

устухони бегӯшт шуда мондан, ниҳоят харобу лоғар гардидан.

Дар бадани ӯ аз он танумандӣ ва гӯштдории пештараащ асаре намондааст ва гуфта мешавад, ки «чорчӯбаи қоқ шудааст».

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

**ЧОҚ-**

### 223. Чоқ-поқ кардан

тахмин кардан, чӯт кардан, дар назар доштан.

— Қанӣ Аҳмадбек махдум, дар ягон ҷой ягон зан ё духтарро чоқ-поқ кардед-мӣ?

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

**ЧОҚАМ**

### 224. Чоқам барака

1. тахминан, 2. аз ҳар ҷое ки рост ояд.

Ман баъдҳо фаҳмидам, ки онҳо «Ҳафтьяк» ва «Чор-китоб»-ро на аз рӯи матн, балки аз ёд, чоқам барака, куҷояш ки ба хотирашон расад, мехондаанд.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

**ЧОҲ**

### 225. Ба касе чоҳ кофтан (кандан)

1. ба касе бадӣ кардан, ба сари касе мусибате овардан, касеро гирифтори балое кардан, 2. суиқасд намудан.

1. Ҳатто саҳл монда будааст, ки бо касофати як хел маслиҳатчиҳо худам ба худам чоҳ кобам.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. Вай ҳамеша ба ҳама чоҳ меканад.

**ЧОҲКАН**

### 226. Чоҳкан (ба) зери чоҳ

ба касе бадӣ кунӣ ,ба ивазаш некӣ намебинӣ, бадкардаро бад пеш меояд.

Тешаро ба пои худ,
Мезанад каси бадхоҳ.
Халқ пухта мегӯяд:
«Чоҳкан ба зери чоҳ».

*М. Аминзода, «Шеърҳо».*

**ЧОҲКАНДА**

### 227. Чоҳкандаро чоҳ дар пеш

*Ниг.* Чоҳкан зери чоҳ.

Ҳа, ҳамон гӯрсӯхта ин зиндагии тинҷамонро дида натавонист. Хайр, «чоҳкандаро чоҳ дар пеш» гуфтаанд, вай ҳам ба ҷазояш мерасад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

**ЧУ**

### 228. Чу мағз ба ду пӯст будан

бо касе ниҳоят дӯст, якдилу якзабон будан.

Дар Эрон маро як нафар дӯст буд,
Ки бо ман чу мағзе ба ду пӯст буд.

*А. Лоҳутӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 229. Чу нохуну гӯшт пайваст будан

аз ҳам ҷудонашаванда будан, бо ҳам мустаҳкам, иттифоқ, хеле наздик будан.

Аз ҳамон фурсате, ки давлати мо
Равшаниро ба мо ато фармуд,
Халқ бо равшанӣ чу нохуну гӯшт
Сахт пайвасту то абад як шуд.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 230. Чизеро чу ҳалқа дар гӯш доштан

чизеро ҳамеша дар хотир, ёди худ нигоҳ доштан, ҳаргиз аз ёди худ набаровардан.

Гуфтӣ ки «маро макун фаромӯш»
Дорам суханат чу ҳалқа дар гӯш!

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

**ЧУМЧА**

### 231. Чумча ба дасти Бибикалон гуфта...

1. кор ба дасти мо гуфта... 2. аз мансаб ва мақоми худ истифода карда...

1. Аммо чӣ мегӯед, ки ҳамин кас ҳам чумча дар дасти Бибикалон гуфта, аз 56 машинаи дар фурӯш буда, 48-та-

ашро бе розигии комиссия ба ихтиёри худ ба ёру ҷӯраҳояшон ба нархи «арзон» инъом кардаанд.

*«Хорпуштак».*

2. Аммо баъзе касоне ҳастанд, ки чумча дар дасти Бибикалон гуфта, ин нишони мӯътабарро беқурб мекунанд ва монанди чалпак ба ҳар ҷо пахш кардан мегиранд.

*«Хорпуштак».*

**ЧУМЧУҚ**

### 232. Чумчуқро кӣ кушад? — Қассоб

*Ниг.* Гунҷишкро кӣ кушад? — Қассоб.

— Ана дидед, агар диққат кунед, милтиқандозӣ мушкил нест.

— Баракалло! «Чумчуқро кӣ кушад? — Қассоб» гуфтаанд, тират хато нахӯрдааст, писарам...

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

### 233. Аз чумчуқ тарсӣ, арзан макор

агар аз ташвиши зиёд, мушкилии коре тарсӣ, ба он кор даст назан; агар коре карданӣ бошӣ, аз мушкилиҳои он натарс.

1. Баробари дар акт дидани номи оилаи иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Сангиной Халифаева мудира худ ба худ хандида: «аз чумчуқ тарсӣ арзан накор» гуфаанд. Хайр бинем, охираш чӣ мешавад? — гӯён зери лаб пичиррос зад.

*«Хорпуштак».*

2. — Аҷаб марди тарсончаке будай...
«Зи чумчуқ агар тарсӣ, арзан макор».

*М. Аминзода, «Шеърҳо».*

3. — Чигит он қадар ҳам маъқул не, пучаш ҳаст... метарсам, ки ташвиш надиҳад.

— Кас аз чумчуқ тарсад, арзан намекорад,— гуфт...— далер шавед, ба ҳар майда-чуйда дилатонро танг накунед. Маслиҳати ман — чигитро дареғ надоред. Аз норма зиёд рехтан гиред.

*«Тоҷикистони советӣ».*

ЧУН

### 234. Чун гавҳараки чашм

мисли чизи хеле азизу гаронбаҳо.

1. Зани ҷавонашро чун гавҳараки чашм азиз дошт.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Ба ӯ шири сафед додааст, чун гавҳараки чашм эҳтиёт намуда, калон кардааст...

*«Маориф ва маданият».*

### 235. Чун дар кафи даст

*Ниг.* Чун дар рӯи каф.

Водии васеъ чун дар кафи даст то хеле ҷо менамуд...

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 236. Чун дар рӯи каф

1. баръало, аён, 2. ҳамвор.

Иморатҳо, кӯчаҳо, долу дарахтони вай аз соҳили чап чун дар рӯи каф намоён мебошанд...

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 237. Чун мори оташдида

*Ниг.* Мисли мурғи посӯхта.

Лек ӯ чун мори оташдида ҳар сӯ метапад,
Ин ки гӯри хешро аз ҳар тараф ҷӯё бувад.

*Р. Раҳимӣ, «Роҳи равшан».*

### 238. Чун мурғи посӯхта

*Ниг.* Мисли мурғи посӯхта.

Босмачиҳо дасту по хӯрда, якдигарро ҳақорату дашном медоданд ва чун мурғи посӯхта гирдогирди масҷид медавиданд.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 239. Чун мӯру малах

1. бисьёр, аз ҳад зиёд, 2. ҳарисона.

Одам чун мӯру малах майдонро пур карда буд.

### 240. Чун нур ва офтоб ба ҳам як шудан

1. бо ҳам наздик шудан, 2. аз ҳамдигар ҷудонашаванда будан, 3. дӯсти қарин гардидан.

Миёни он ҷамоа ва хоҷа Низом, ки монанди обу оташ аз ҳам дурӣ ва зиддият буд, бо таъсири панду насиҳати Мир, чун нур ва офтоб бо ҳам як шуданд.

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

### 241. Чун (чу) обу ҳаво зарур

ниҳоят зарур.

1. Вай, ки халқи буньёдкор аст, сулҳу амониро барои башарият чун обу ҳаво зарур медонад...

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Дар зиндагиву сабзиши ҳаррӯза кори мо
Танқид ҳам зарур чу обу ҳаво бувад.

*М. Аминзода, «Шеърҳо».*

### 242. Чун офтоби нӯги кӯҳ будан

*Ниг.* Офтоби сари дарахт будан.

— Падар, гӯед, то фаҳмида гирам,
— Ту медонӣ, ки ман як марди пирам,
— Ҷавонона намояд гарчи рӯҳам,
Вале чун офтоби нӯги кӯҳам.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 243. Чун соя ҳамроҳи касе будан

аз касе ҳеҷ ҷудо нашудан.

Ҳамеша ҳамроҳат чун соя бошам,
Нахоҳам дурию якҷоя бошам.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 244. Чун тир

тез, босуръат.

Хабари баргаштани равған чун тир ба гӯши онҳо расид.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 245. Чун як себи дукафон будан

бо ҳам хеле монанд, якранг будан.

— Ба хаёлам ҳар дуяшон чун як себи дукафон мебошанд.

*«Занони Тоҷикистон».*

### 246. Чун як тан

*Ниг.* чун як тану як ҷон.

1. Гӯё пешакӣ маслиҳат карда бошанд, ҳама чун як тан ба саҳро баромаданд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Талаба ва муаллимони мактабҳои худи колхоз чун як тан ба по хеста буданд...

*Ф. Муҳаммадиев, «Дар роҳи нав»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 247. Чун як тану як ҷон

якдилона, муттафиқан, аҳлона.

Ин тӯдаи гуногунмиллат ҳама чун як тану як ҷон барои мудофиаи ватан миён баста буданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Достони марди танкшикан».*

**ЧУРУҚҚИ**

### 248. Чуруққи накардан

1. овозе набаровардан, хомӯш будан, 2. эътироз накардан.

Ба мисли он ки ба даҳонаш об гирифта бошад, чуруққи накарда менишаст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ЧӢ**

### 249. Чӣ будани гапро фаҳмидан

чӣ будани ҳодисаро фаҳмидан, моҳияти чизеро донистан.

Ниҳоят, ба таги дара дурусттар нигоҳ карда, чӣ будани гапро фаҳмидам.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

### 250. Чӣ гап (шуд?)

чӣ ҳодиса шуд? чӣ воқеа рӯй дод?

1. — Ҳа, чӣ гап? — гуфта пурсид аз онҳо Урмон-Полвон.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. — Ҳа боз чӣ гап, магар бо доя гапатон гурехт?

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

3. Чӣ гап шуд, ки ӯ якбора ҷаҳл карда аз хона баромада рафт?

### 251. Чӣ гуфта

барои чӣ, аз чӣ сабаб, бо кадом асос.

Чӣ гуфта кори ба роҳ мондашударо вайрон кунад?

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 252. Чӣ гуфтанӣ гап

1. ҳеҷ мушкилӣ надорад, осон аст, чӣ аҳамият дорад, 2. чӣ гап, чӣ сабаб, барои чӣ.

1. Чӣ мекардем. Якта тирронча чӣ гуфтанӣ гап? Фардо корашро тамом хоҳем кард.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

2. — Рӯз то рӯз сурх шуда истодаӣ, ин чӣ гуфтанӣ гапа,— мегуфт моҳичаи кунҷков.

*«Занони Тоҷикистон».*

### 253. Аз фалонӣ чӣ дидаам...

аз касе чӣ хубӣ дидаам...

— Духтараки азизам,— мегӯяд падараш — ман аз акоҳои калониат чӣ дидаам, ки аз ту бинам...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 254. Чӣ диданӣ

чӣ тақдир, чӣ нохушӣ, чӣ фалокат.

— «Оббо,— гуфтам худ ба худ. Боз ин чӣ диданӣ!

*Ф. Муҳаммадиев, «Мактуби дӯст»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 255. Каси чию кори чӣ

*Ниг.* Одами чию кори чӣ.

1. Вақте ки намози бомдод баромадани одамонро тахмин карда истода, аз хона баромадам. Хӯҷаи чию кори чӣ! Рӯи дарози пурпашм, абрӯвони баланди ӯ, риши дарози ба сандуқи дилаш фуромада, хулосаи калом, сару руй, дасту пойҳои дарозу қоқи хӯҷа ранги сабзи баланд ва асалро чунон макида гирифта буданд, ки ҳар як бофандаи он замон ба ин рангубор ҳасад бурда метавонист.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

2. Ӯро баъд занаш ҳамон вақт меёбад, ки шавҳари чию кори чӣ!

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

## 256. Чӣ мехонӣ? — Порсола

гапи кӯҳна, бе тағьир, мондани кору гапи пештара.

1. — Машинаи холӣ нест,—ҷавоб дод сардори гараж.

— Боз чӣ мехонӣ? — Порсола! — оташин шуда гуфт Пётр Степанович.— Ягон бор ба дилам рафта, хурсанд накардӣ, накардӣ-дия.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

2. — Аз ҳамин ҷо ҷавоб додан гиред!

— Гапи аз минбар гуфташуда вазни хос дорад-дия, содда!

— «Боз «чӣ мехонӣ? — Порсола» мешавад. «Ба назар мегиранду» мемонанд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

## 257. Чӣ хел рӯят мешавад?

чӣ тавр шарм намедорӣ? бо кадом рӯй? чӣ тавр ҷуръат мекунӣ?

— Ту бо ин гапат гуфтанӣ ҳастӣ, ки ман худбин ҳастам-а! Чӣ хел руят мешавад? Ман кай худбин будам?

*Б. Умарӣ, «Ду рафиқ»*
*(«Тӯҳфаи ҷавонон»).*

### 258. Бо чӣ чашм назар кардан...

чӣ тавр муносибат, рафтор кардан.

Ба уламои расмӣ бо чӣ чашм назар кардани Азиз аз байти зерин маълум аст...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

### 259. Чӣ шуд, чӣ монд

1. чӣ ҳодиса рӯй дод, чӣ воқеа гузашт, 2. чӣ сабабе.

1. Ин дар соли бисту як ё бисту ду буд. Пас аз он чӣ шуд, чӣ монд, ин духтарак ба кучо рафт, кучост? тамом хабар надоштам.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояи духтараки чингаламӯй» («Намунаи адабиёти тоҷик»).*

2. Чӣ шуду чӣ монд, ки ду сол пеш аз ин пирамарди шарташ рафта фарташ мондагӣ ҳамаро дар тааҷҷуб мононда ба як ходимаи ҷои кораш — духтаре хонадор шуд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 260. Чӣ шуд, чӣ нашуд

*Ниг.* Чӣ шуд, чӣ монд.

1. Чӣ шуд, чӣ нашуд идораи колхоз, ки дар ҷои хонаи мо сохта буданд, ба раиси собиқ насиб накард, чунки ӯро ҳамчун ҳатулкор аз рикоб фаровარданд.

*«Хорпуштак».*

2. Пахтакорони вилояти Ленинобод як вақтҳо машҳур буданд. Ҳатто онҳо ба деҳқонони дигар водию районҳо пахтакориро ёд медоданд. Аммо чӣ шуду чӣ нашуд, ки онҳо дар солҳои охир ҷомаи беғайратиро ба бар гирифта, дар зери таъна ва маломат мондаанд.

*«Хорпуштак».*

### 261. Чӣ тавр шуда омадед

дар мавриди наомада-наомада, бо тасодуфе ба ҷое омадани касе гуфта мешавад.

1. — Эй, чи тавр шуда омадеду боз меравам мегӯед.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»).*

2. — Чой кафшери гап, писарам, чи тавр шуда омадеду боз нею нестон чӣ...

*С. Абдураҳимов, «Муаллими мо»*
*(«Чароғи ирфон»).*

### 262. Чӣ ҷин задааст

чӣ ҳодиса рӯй додааст.

— Ба Қосимака чӣ ҷин задааст. Охир вай он қадар ҷоҳил набуд-ку!

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

**ЧӮБ**

### 263. Чӯбро аз дарун кирм мехӯрад

1. наздиконат сирру асрори туро фош мекунанд, 2. наздиконат сабабгори фалокату бадномии ту мешаванд.

Дере нагузашта чӯбро аз дарун кирм хӯрд, ба решаи макри ӯ табар расид.

*«Хорпуштак».*

### 264. Чӯб ба сари касе шикастан

1. айбу маломати чизе ба сари касе афтодан, 2. ба гуноҳи касе ба ҷавобгарӣ кашида шудан.

1. Рустам, Ҳамроҳбой ва калоншавандагон дар як тараф монда пойлучакони дара номусталаб шуда бармехезанд, дар он сурат ҳоким аз мо меранҷад, чӯб ба сари мо мешиканад ва бадномӣ ба мо мемонад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Масъала хеле нозук, ҳар чӣ бошад ҳам, чӯб боз ба сари худамон омада мешиканад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 265. Чӯби нармро кирм мехӯрад

одам аз нармтабиатии худ зарар мебинад.

— Шукр кун, ки ба ҷои вай ландаҳур ягон каси дигар набудааст! Чӯби нармро кирм мехӯрад-дия-а?!

*П. Толис, «Тобистон».*

### 266. Чӯб хӯрдан

зада шудан, ҷазо дидан, калтак хӯрдан.

Ӯ ҳам бо вуҷуди ин ки ҳозир аз мактабдор он ҳама чӯбро хӯрда буд, бе ҳеҷ тарсу бим ба пеши ин золим омад.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

**ЧӮТ**

### 267. Аз чӯти кор

аз рӯи рафти кор, аз афташ, тахминан.

— Ҷаноби миршаб ба шумо салом мегӯянд ва дар роҳатон чашм дӯхта нишастаанд. Аз чӯти кор гапи муҳим доштагӣ барин.

*Ҷ. Икромӣ, Духтари оташ».*

### 268. Чӯт надодан

1. мувофиқ наомадан, 2. манфиатнок набудан, ба эҳтиёҷ ҷавоб дода натавонистан.

Дуруғу рост ҳар ҷояшро дуруст карда боз ҳай кардам, баъд аз 5 минут боз вайрон шуд. Хулоса як чанд колхозчиён «трактораш ба мо чӯт надод» гӯён ҷанҷол бардоштанд.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

**ЧӮҶА**

### 269. Чӯҷаро дар вақти сихпариаш ба ҳисоб гирифтан

*Ниг.* Чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд.

Хулоса ҳосили кори ғуломони ҷавон фоидаи нақд аст, аммо ғулом ва канизаки хоназод руёндан аз онҳо бошад, тушбераро хом шумурдан ва ё ин ки чӯҷаро дар вақти сихпариаш ба ҳисоб гирифтан барин як фоидаи хаёлист.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 270. Чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд

дар бораи нағзию бадии кор баъд аз итмом, ҷамъбасти он гап задан лозим аст.

— Шумо ҳоло одамҳои колхози моро намедонед, раис. «Чӯчаро дар тирамоҳ мешуморанд» гуфтанӣ як мақол ҳаст, мисли ҳамин натиҷаи кори мою шумо ҳам дар тирамоҳ маълум мешавад.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

# Ш

**ШАБ**

### 1. Шаб дар миён

пас аз як шаб, ба фосилаи як шаб.

Шаб дар миён ба пеши бародараш мерафт.

### 2. Шаб дароз асту қаландар бекор

шабона сӯҳбати дуру дароз кардан мумкин аст, дар шаб имконияти сӯҳбат ҳаст.

— Салимака, озурда нашав, ки ман зуд синаро дар наздат суфта кардан нахостам. Ин як дилест, ки агар донӣ, худи ту ҳам маро маъзур медонӣ. Боке надорад, шаб дароз асту қаландар бекор.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»).*

### 3. Шаб мегузараду таб мегузарад

1. дар шаб нохушиҳои рӯз мегузарад; бо истироҳати шабона мондагиҳои рӯз гузашта меравад, 2. ҳар як нохушӣ, мусибат бо гузаштани вақт аз ёд баромада меравад.

— Ана ҳамин хел, муаллим, ба қавли гапе «Шаб мегузараду таб мегузарад». Ман бошам, дилро гирифта гурехта гаштаам, ки ҳам худаш шарманда нашаваду ҳам маро шарманда накунад. Намедонам, ки дар оянда чӣ мешавад...

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 4. То шаб наравӣ, рӯз ба ҷое нарасӣ

то азобу уқубат накашӣ, корат муваффақият пайдо намекунад, то кӯшишу ғайрат накунӣ, ба мақсад намерасӣ.

— Шунидам, ки шумоён имшаб пору кашонда истодаетон. Бисьёр нағз, «То шаб наравӣ, рӯз ба ҷое нарасӣ» гуфтаанд. Вақти зарурӣ ҳамин хел шабҳо ҳам кор кардан даркор, тағо.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев, «Саодат» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 5. Шаби озод

тамоми шаб.

Шаби озод сӯхта баромадам.

*У. Умаров, «Кӣ айбдор?» («Пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 6. Шаб рафт

аз шаб хеле гузашт, бевақт шуд, дер шуд.

Як дуо кунед, шаб рафт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 7. Шабу рӯз нагуфта...

1. ба шаб ё рӯз буданаш нигоҳ накарда, 2. доим, пайваста.

Шабу рӯз нагуфта кор мекард.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 8. Шабро (шаба) шаб, рӯзро рӯз нагуфта

*Ниг.* Шабу рӯз нагуфта...

1. Шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта кор мекард.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

2. Ана сонӣ, чунон ки зӯр задем,
Шаба шаб, рӯза рӯз ногуфта...
Гоҳ нохӯрда, гоҳ нохуфта
Ҳар чӣ аз даст омад он кардем...

*А. Деҳотӣ, «Ҳаёт қадам мезанад».*

3. Охир ин ҳосили меҳнати диловароне мебошанд, ки шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта кор кардаанд...

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

### 9. Шаб ҳам дарозу қисса ҳам

*Ниг.* Шаб дароз асту қаландар бекор.

«Шаб ҳам дарозу қисса ҳам»...— гуфта медиҳам, ки кистанд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 10. Шаб ҳангию рӯз бангӣ

1. каси лоуболу бепарво, ки на шабу на рӯз бо ҳеҷ коре машғулӣ надорад, 2. бекорхӯҷа, оворагард, авбош.

1. Вай аз пушти обрӯ ва давлати падараш шаб ҳангию рӯз бангӣ.

*«Газетаи муаллимон».*

2. Вай шаб ҳангию рӯз бангӣ буд. Дар торикии шабҳо ба чаҳор тарафи қишлоқ тохтутоз кунад ҳам, рӯзҳо дар як канори қишлоқ дар боғи амакаш — Қали Разоқ пинҳон шуда мехобид.

*Т. Усмон, «Робиа қаҳрамони даврон шуд» («Машъал»).*

3. Аз пули дуздӣ ҳамьён пур карда, чанд вақт шаб ҳангию рӯз бангӣ шуда гашт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ШАБУШ**

### 11. Шабуши касеро гирифтан

аз касе чизеро гирифта натавонистан, аз касе чизе рӯёнида натавонисган (аз сабаби набудани он).

Деҳқонон боз қарздор ҳам шуда монданд, ки ин ҳам фоида дорад.

— Шабушашонро мегирӣ.

*Қ. Наимӣ, «Соли 1916».*

### 12. Шабушро кушта хунашро лесидан

ниҳоят чашмгуруснa будан, хеле мумсик ва хасис будан.

Ӯ чунон зихна буд, ки ба қавли деҳқонони қишлоқ «шабушро кушта хунашро мелесид».

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

**ШАВАД**

### 13. Шавад обӣ, нашавад лалмӣ

1. шавад хуб, нашавад ҳеҷ боке не, ё ин мешавад ё он, 2. таваккаллан, барои озмоиш.

1. — Бояд аз касе, ки мардум ба ӯ лақаби «Ишкамба»-ро сазовор дидаанд, умеди хайре карда нашавад,— гуфтам ман ба дӯстам,— бо вуҷуди он ту ӯро бо ман шиносо карда мон! Чӣ зарар дорад, «шавад обӣ, нашавад лалмӣ» гуён ман аз вай ҳуҷра мепурсам.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. — Гӯй ба модарат, биёрад,— як бандӣ гуфт,— пул ки нагирад, аз мо чӣ меравад, «шавад обӣ, нашавад лалмӣ», агар дуояш нафъ накунад ҳам, мо ҳеҷ чиз бой намедиҳем.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

3. Аз соли 1950, аз бозе ки колхози мо дар майдони тақрибан ду гектар «шавад обӣ, нашавад лалмӣ» гуфта ток шинонд, ягон рӯз оби Кӯчмасой хушк нашудааст.

*«Тоҷикистон».*

**ШАВЛА**

### 14. Шавла (-и ду кас) пухтан

бо ҳамдигар ба муросо кор карда тавонистан, гапи касе бо гапи касе рост омадан.

— Агар, ки ҷанобашон муҳаррир бошанд, шавлаам бо худашон мепазад.

*«Маориф ва маданият».*

**ШАВҚ**

### 15. Бо шавқу завқ

бо майлу рағбат, аз рӯи рағбат; аз таҳи дил.

Бо шавқу завқ барои муҳайё кардани асбоби хонадории келину домод мекӯшад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ШАЙТОН**

### 16. Шайтон аз роҳ баровард

ягон ният, фикри носазо ғалаба карда бо роҳи хато рафт, гумроҳ шуд.

— Ба шумоён чӣ шуд? — гуфт раиси ҷамъияти камбағалон Эргаш,— парирӯз-ку шумоён ба пеши ман омада «хубтарин замини бойро ба моён диҳед» гуфта талаб карда будетон. Имрӯз чӣ шуд, ки аз «худо» тарсида мондед?

— Он вақт моро,— гуфт Шодим,— шайтон аз роҳ бароварда буд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 17. Шайтони бекафшу маҳсӣ

ниҳоят қаллоб, фиребгари гузаро.

Ҷавони айёр чӣ кор кард, гӯй? Хайр, гуфт, ман ҳам дӯст медорам гуфт, лекин дар ҳабсхона чӣ илоҷ? Бедарак мо номи ӯро айёр намонда будем. Ақлаш ба як маҳалла кифоя мекард, шайтони бекафшу маҳсӣ буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 18. Шайтон бераҳа кардан

*Ниг.* Шайтон аз роҳ баровардан.

— Аз гуноҳам мегузаред-дия, ако,— мегуфт Қосимҷон.— Шайтон бераҳа кард...

*П. Толис, «Тобистон».*

### 19. Шайтонро бо ҳӯзанак гирифтан

1. бо ҳилаю найранг ба даст даровардани чизе, 2. дар фиребгарӣ мисл надоштан.

Духтарат ба пеши ЗАГС-у духтур нарафта, ман хаташро гирифта мебиёрам. Агар ёру ҷӯраҳо кори маро баробар карда натавонанд, ман худам... шайтонро бо ҳӯзанак мегирам, духтуру ЗАГС он тараф истад... агар ту хоҳӣ, ҳаждаҳсола не, бистудусола гуфта хат ҳам мегирам.

*«Занони Тоҷикистон».*

### 20. Шайтон васваса кард

*Ниг.* Шайтон аз роҳ баровард.

Шайтон васваса карду ман ин номаъқулиро кардам. Мебахшед, дигар ҳаргиз такрор нахоҳад шуд.

### 21. Шайтонро фиреб додан

ниҳоят фиребгар, қаллоб будан,

Ин аз ҳаннотони забардасти Сари Ҷуй аст, ки шайтонро фиреб медиҳад...

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 22. Шайтонро ҳай гуфтан (задан)

ба васвасаҳои шайтонӣ дода нашудан, гумроҳ нашудан.

1. — Ҳой Ҳошимҷон, ба хотири арвоҳи падаратон шайтонро ҳай гӯед, ҳай...

*Б. Ортиқов, «Нишона»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. — Шайтонро ҳай зан, Гулмоҳ! Муҳаббати моро ба хотир биёр!

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов, «Тӯфон».*

**ШАЙТОНӢ**

### 23. Шайтонӣ кардан

фиреб додан, гумроҳ намудан, ҳила ба кор бурдан.

Шумо ба ман шайтонӣ накунед, худи ман шайтониро нағз медонам.

**ШАЙХ**

### 24. Шайхро ҳунар нест, хонақоҳ танг (аст)

1. аз ӯҳдаи иҷрои коре набаромада, барои сафедкунии худ баҳона, сабаб ҷустан, 2. ноӯҳдабаро будан.

1. Баъзе вақт ба пеши ман ҳам ҳамин гуна масъалаҳоро монда, маро ба мунозира кашидан мехост. ...Аммо «вақт надорам» ё «ҳавсала надорам» гӯён гузашта мерафтам.

У ба ин ҷавоби ман табассуми истеҳзакоронае карда истода:

— «Шайхро ҳунар нест, хонақоҳ танг аст» — гӯён ба ман таъна мекард.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. — Дар ҳақиқат ҳам барои палавпазӣ имконият нест.

— Нодуруст! Ба қавли шоир: «Шайхро ҳунар нест, хонақоҳ танг аст».

*М. Миршакар, «Шаҳри ман»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ШАК**

### 25. Шак овардан

шубҳа кардан, бовар накардан.

Шояд шумо ба дурустии ин гап шак оваред?

*А. Деҳотӣ, «Алос ва чораи халос»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

**ШАКАР**

### 26. Шакарро (шакара) камаш нағз

1. ҳеҷ чизеро, бо вуҷуди нағз буданаш, суиистеъмол кардан раво нест, 2. дар ҳеҷ коре ифрот лозим нест, ҳар чиз дар меъёраш хуб.

Дар соли 1953 дар ин ҷо ҳамааш шуда 24 маротиба кино нишон дода шуда, дар шаш моҳи соли ҷорӣ ин шумсра боз камтар гардидааст. Роҳбарони ташкилотҳои районӣ ба шикояти аҳолӣ «шакара камаш нағз»-гӯён тасаллӣ медиҳанд.

*«Хорпуштак».*

**ШАКЛ**

### 27. Шакли амалӣ гирифтан

амалӣ шудан, ба амал омадан, дар амал ҷорӣ шудан.

Вақте ки карордоди кӯчида рафтан шакли амалӣ гирифт, ман ҳам эътирози худро баён кардам...

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 28. Шаклата бод хӯрад

нафрин: несту нобуд шав, афтат дар гӯр.

— Ҳу шакли ту ҷавонмарга бод хӯрад!

*С. Саидмуродов, «Раъно».*

**ШАЛҒАМБАРКАШ**

### 29. Шалғамбаркаш додан (чизеро)

чизеро зиёд баркашида додан, аз муқаррарӣ зиёд додан.

Маошро шалғамбаркаш карда додӣ.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ШАММА**

### 30. Шаммае гуфтан (нақл кардан)

дар бораи касе, чизе камтар, мухтасаран гап задан, аз воқеа ё ҳикояи зиёде андаке нақл кардан.

1. Дар фасли гузашта мо шаммае аз хулқу хӯй ва фазилати ин зани доно гуфта будем...

*Ҷ. Икромӣ, Духтари оташ».*

2. Ошнои қадрдони оилаи мо, Салимамаки пир якчанд моҳ пеш аз вафоташ шаммае аз саргузашти худ ва рафиқони ҷавонии худ нақл карда буд.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 31. Шамма кардан

гуфтан, нақл кардан, изҳор намудан, баён кардан.

1. — Не, тақсирам, ҳа, дар воқеъ, як каси андак бохабар монанди шумо, тақсирам, шамма карда буд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Лекин гапҳои ман, ба гумонам, аз ҷавшани ҷонаш гузашта воқеаро ба падараш шамма карда будааст.

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ШАМОЛ**

### 32. (То) шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад

ҳеҷ чиз бе сабаб намешавад, ҳар як гап, кор... сабабе дорад.

1. — Э, шумо содда будаед, поччо, одамро намешинохтаед... То шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад.

Колхозҳо, ки як шуданд, албатта, раиси нав хоста мешавад. Хӯш, корчунбон кист? Баротов.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

2. Ман гӯш карда менишастаму аз дил мегузаронидам, ки дар ин ҷо, бешубҳа, ягон гап ҳаст. Шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Мактуби дӯст» («Шарқи сурх»).*

3. Ба ҳар ҳол рост бошад даркор, чунки то шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад.

*«Хорпуштак».*

### 33. Ба шамол фарьёд кардагӣ барин

кори бефоида; гапи бетаъсир.

Гапҳои ман барои ту ба шамол фарьёд кардагӣ барин.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев, «Саодат», («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

## ШАРИАТ

### 34. Ба шариат ороста кардан

чизеро мувофиқи шариат кардан.

1. Вай метавонад, ки ҳар гуна ҷабр ва зулми ҳокимонро ба назари мардум ба шариат ороста карда нишон диҳад.

*«Раҳбари дониш».*

2. — Инҳо ҳам ба фармоиши ҷаноби олӣ ба шариат ороста карда кушта шуда истодаанд, ки хуни ноҳақ ҳисоб намеёбад, ки шуморо гирад.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## ШАРИК

### 35. Шарики дасти касе будан

бо касе дар коре ҳамроҳ будан, бо касе ҳамкор будан.

Шубҳа нест, ки дар ин ҷиноят ҳам Аҳрорхӯча шарики дасти вай буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 36. Шарики ҳаёти касе шудан

зан ё шавхари касе гардидан.

Ҳоло ман ба Хайдарова ном як муаллимдухтари ҳамонҷой побаста шудаам, ки дар рӯзҳои наздик шарики ҳаёти ман хоҳад шуд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

**ШАРМ**

### 37. Шарм дар бозори чарм

шарм надор, ин ҷо ҷои шарм нест.

— Э, ғалатӣ будӣ, шарм дар бозори чарм гуфтаанд.

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

**ШАРМАНДА**

### 38. Шармандаи касе баромадан

шарманда шудан, расво гардидани касе.

1. Боз шармандаам набарояд.

*С. Ғанӣ, «Магнитофон» («Тоҷикистони советӣ»).*

2. Оқибат ба даст афтода шармандааш баромад.

*«Хорпуштак».*

### 39. Қасеро шармандаи ҳар ду олам кардан

касеро тамоман шарманда кардан, дар ҳама ҷо расвову бадном кардан.

Агар ту маро шармандаи ҳар ду олам карда, аз аҷалам пеш куштанӣ бошӣ, майлаш нахоҳ!

*С. Улуғзода, «Шодмон».*

**ШАРОБ**

### 40. Шароби муфтро қозӣ ҳам мехӯрад

аз чизи муфт, агар чи бад бошад ҳам, ҳеҷ кас рӯй намегардонад.

Мегӯянд, ки шароби муфтро қозӣ ҳам мехӯрад. Як рӯз тобеони соддалавҳам ба шифоньери 779-сӯмӣ 228 сӯм нарх монда ба хонаам бурда мондаанд.

*«Хорпуштак».*

**ШАРОФАТ**

## 41. Шарофати пои қадам

бо омадани касе рӯй додани хурсандӣ ё омади кор, хушпоиқадамӣ.

— Ин шарофати пои қадами рафиқамо мебошад.

*Ҷ. Икромӣ ва М. Қосимов, «Роҳи бахт».*

**ШАРРОС**

## 42. Шаррос зада хондан

озод хондан, тез, дарнамонда хондан.

Қадом китобе, ки ба дасташон афтад, шаррос зада хонда рафтан мегирифтанд, ҳеҷ забонашон намегирифт.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

**ШАРРОСӢ**

## 43. Шарросӣ гап задан

беист, ҳеҷ дарнамонда гап задан, озод гап задан.

Забони тоҷикиро бало барин ёд гирифтааст, шарросӣ гап мезанад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ШАРТ**

## 44. Шарташ рафта, фарташ мондагӣ

1. беҳолу бедармон, 2. пири фартут шуда монда.

1. Чӣ бало зад, чӣ шуду чӣ монд, ки ду сол пеш аз ин пирамарди шарташ рафта, фарташ мондагӣ, ҳамаро дар тааҷҷуб мононда, ба як ходимаи ҷои кораш — духтаре хонадор шуд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

2. Шарташ рафта, фарташ мондагӣ як мӯйсафед тирандоз шуда чӣ мешуд?

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

## 45. Шарт-шарт гуфтан

1. чизеро дарҳол гуфтан, 2. рӯйрост, беистиҳола гуфтан.

Ман гапамро ба вай шарт-шарт гуфтан мегирам.

### 46. Шарту қайд нагузоштан

чизеро ба касе бе ҳеҷ шарту қайд, ҳеҷ чиз талаб накарда додан, чизеро ба касе беғаразона додан.

Мо Афғонистонро бо машинаю автомобиль, трактор, доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ таъмин менамоем ва дар бадали ин ҳеҷ як шарту қайде намегузорем, ки ба истиқлолияти давлати Афғонистон халале расад.

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»).*

**ШАСТ**

### 47. Шасти касеро гардондан

1. азму иродаи касеро нисбат ба коре суст кардан, раъи касеро гардондан, 2. касеро аз чизе дилхунук кардан.

На фақат ҷавонони ҳалим, балки сангдилтарини онҳо ҳам ҳад надошт, ки шасти шуморо гардонад, суханатонро ба замин монад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 48. Аз шасти чизе раҳоӣ ёфтан

1. аз банд, чанголи чизе озод шудан, 2. аз азобу машаққати чизе халос шудан.

— Асо ин ғазали худро дар вақти сисолагиаш гуфта аст ва умед кардааст, ки «дар чиҳилу панҷсолагӣ шояд аз шасти қашшоқӣ раҳоӣ ёбад».

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 49. Аз шасти худ фуромадан

паст шудани дабдаба, дағдаға, ҳавобаландӣ, дӯғу пӯписаи касе, суст шудани шиддат, гирифтугири касе.

1. — Ин фикрат дуруст, — гуфтааст миршаб аз шасти аввалааш фуромада,— ба раиятони давлати Русия эҳтиёткорона муомила кардан даркор аст...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

2. Баъди аз назар гузаронидани онҳо вай андак «аз шасташ фуромад».

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

3. Шаббодаи салқини саҳарӣ якбора ба рӯи Маҳбуба ҳуҷум овард ва зуд аз шасташ гашту ба мӯйҳои ҷингилаи пешонаи ӯ бозӣ сар кард.

*П. Толис, «Вақте ки заводҳо гудоки саҳарӣ менавозанд» («Шарқи сурх»)*

**ШАФ-**

### 50. То шаф-шаф гуфтана шафтолу гӯед монед

гапро дароз накарда, нахоида, якбора мақсади худро ошкоро бигӯед.

1. Асли муроду мақсади шуморо ман медонам. Шумо ҳамон... Раънои котаро ба худатон зан карда гирифтанӣ! Ана ҳамин... То шаф-шаф гуфтана шафтолу гӯеду монед!

*Ҷ. Икромӣ, «Зуҳра»*

2. Рафиқ Раҳматов, то шаф-шаф гуфтана шафтолу гӯед,— ба рӯи инструктор рост нигоҳ карда гуфт мухбир,— мақсад чист?

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 51. Шаф-шаф нагуфта шафтолу гуфтан

гапро дароз накарда мақсади худро ошкоро гуфтан.

1. — Одил, дар дилат ягон нияти дигар бошад, шаф шаф нагуфта шафтолу гӯю мон, ман тоқати ин хел пи чингу киноя надорам.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II*

2. Шаф-шаф нагуфта якбора шафтолу гӯем, беҳтар аст.

*«Маориф ва маданият»*

### 52. Аз (ин) шаф-шаф шафтолу ҳамин ки...

хулосаи гап ҳамин, ки... аз ин гуфтугузор мақсад ин аст ки...

Аз ин шаф-шаф шафтолу ҳамин, ки воқеаи нақлшавандаро ман бо чашмони худ надидаам.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо»*

**ШАХ**

### 53. Шах кардан

1. исрор кардан, ба сухани худ сахт истодан, 2. касеро танг кардан.

— Духтари мо... мактабашро тамом карду артистка мешавам гуфта шах кардан гирифт.

*Ҷ. Икромӣ, «Ғусса» («Шарқи сурх»).*

### 54. Шах шудан

сахт ҳайрон, гаранг шудан, аз ҳаяҷон чӣ кор карданӣ худро надониста мондан; карахт шуда мондан.

Якбора чашмаш ба Ғанию ҷилавдори вай афтода, рангаш парид. Дилаш тапида, дармонаш хушк шуда, дар ҷой шах шуда монд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

**ШАҒОЛ**

### 55. Шағол гургро дӯсти бемалол

1. бад бо бад дӯст аст, 2. бад бадро меёбад.

Ошноёни раҳматӣ ба пеши хӯҷаин даромада, ақаллан харҷи гӯру кафанро деҳ гуфтаанд. Вай бошад, аҳа, шумоҳо ҳоло барои мурдаатон аз ман кафанпулӣ пурсида меоед-мӣ, гуфта ба духтари вай ахсум шуда мондааст ва тӯҳматҳо карда, ба одамони оқпошо дар ҳаққи инҳо гапҳои беҳуда гуфтааст. «Шағол гургро дӯсти бемалол» гуфтаанд. Ана акнун онҳо шофу камон овехта омаданду беинсофона онҳоро дастгир карда, ба зиндон бурданд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**ШАҲР**

### 56. Шаҳри бедарвоза

ҷои беназорат; ҷои бесоҳиб.

Ин ҷо шаҳри бедарвоза нест, ки ҳар кас худсарона ба машина фармонфармоӣ кунад!..

*«Тоҷикистон».*

### 57. Шаҳр пешкаш

ҳамчун ифодаи иззату ҳурмат ба меҳмони аз ҷои дигар омада мегӯянд: марҳамат кунед, ҳама чиз ба хидмати шумо омодааст.

— Э, Саидов, ҷӯраҷон, салом, салом! Хуш омадед, шаҳр пешкаш!

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

### 58. Шаҳри худро ба касе додан

мағлубиро ба гардан гирифтан (*С. А.*), таслим гардидан.

1.— Офарин! Ман шаҳрамро ба ту додам!..

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. — Тез бош, ё ҷавоб гӯй, ё «шаҳратро деҳ!»

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 59. Шаҳри якчашма рав(-ӣ), якчашма шав

1. ба ҳар ҷое равӣ, ба урфу одати он ҷо риоя кун, 2. ҳамранги ҷамоат шав.

1. — Акнун шапка ҳам пӯшед! — гуфт Амон.
— Пӯшидан мегирам! — гуфт Ҳайдарқул — «Шаҳри якчашма равӣ, якчашма шав» гуфтаанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. — Овозатро набарор! — гуфт ӯ,— бисьёр одамро дастгир карда хабс карданд, агар дониста монанд, маро ҳам ҳабс хоҳанд кард. Акнун беҳтар он аст, ки мақоли «Шаҳри якчашма рав, якчашма шав»-ро аз хотир набарорем.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

3. Мушфиқӣ фикр кардааст, ки «Шаҳри якчашма рав, якчашма шав» гуфтаанд, коре кунам, ки номи бачаҳои ман ҳам монанди номи бачаҳои ҳамсоям серошьёна ва дабдабанок бошанд.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

### 60. Шаҳри ҳал-ҳала

*Ниг.* Шаҳри бедарвоза.

— Дар ин ҷо ягона ман хӯҷаин. Шаҳри ҳал-ҳала нест, ки ҳар кас ба машина фармонфармоӣ кунад!..

*«Занони Тоҷикистон».*

### 61. То шаҳре насӯзад, кабоби дарвеше напазад

1. то касе зарар набинад, дигаре фоида намебинад, 2. ҳар як зарар дар зимни худ фоидае ҳам дорад.

— Зеро занон ҳам фаранчиҳоро партофта ба ихтиёри худ мешуданду чуҳудҳо ҳам телпакчаҳо ва ресмончаҳоро партофта ба мусулмонон баробар мешудаанд.

— Ҳозир занониману ту ба ихтиёри худ нестанд-чӣ? Мо чанд сол аст, ки ин ҷо хобидаем, занони мо бошанд, бо ихтиёри худ гаштаанд. Ҳоло магар ҳоли мо аз чуҳудон бехтар аст? Ҳар чӣ шавад, шавад, мову ту аз банд озод шавем, «То шаҳре насӯзад, кабоби дарвеше напазад» гуфтаанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. «То шаҳре насӯзад, кабоби дарвеше напазад» гуфтаанд. Сабаби ин кор даҳҳо рехтагарон, ки ҳар кадом аз шайх панҷсад танга, ҳазор танга бунакдор буданд ва пеш аз адо кардани ин қарз дар он корхонаи пурдуди заҳролуд беаҷал мурда мерафтанд, ҳамагӣ аз он ғуломии озодношуданӣ якбора озод шуданд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 62. Шер ё рӯбоҳ?

фотеҳ ё мағлуб? ба максад расидӣ ё не?

1. — Хуб, гап занед! Шеред ё рӯбоҳ,— гуён хуҷаин аз он одам пурсид.

— Аз давлати пир ин ғулом ҳамеша шер аст! — ҷавоб дод ӯ.

— Ба даст даровардед?

— Ба даст даровардам.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

2. Оқсаққол аз зиндон баромада ба дари самоворхонаи Қудрат омад, ки ясавул ҳам дар ин ҷо нишастааст:

— Шер ё рӯбоҳ? — ясавул пурсид.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ШЕРДИЛ**

### 63. Шердил кардан

1. ба касе ҷуръат, шуҷоат илқо намудан, касеро шуҷоатманд кардан, 2. ба касе рӯҳ бахшидан.

Уро бо суханони оташини ватандӯстона шердил мекард...

*«Тоҷикистон».*

**ШИБ-**

### 64. Ҷои касеро шиб-шидам кардан

ҳамаи чизу чораи хонаи касеро рӯфта бурдан, дуздида рафтан.

Хонаамро шиб-шидам карда рафт, ману бачагонам ана бо ҳамин либоси дар танамон будагӣ мондем.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

**ШИКАМ**

### 65. Шикам ба пушт часпидан

сахт гушна мондан, ниҳоят гурусна будан.

Аспҳо хаста, худамон қариб ба ҳалокат наздик шуда, шикамҳо ба пушт часпида буд.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

### 66. Шиками касе ба танбӯрнавозӣ сар кардан

*Ниг.* Шиками касе танбӯр навохтан.

— Гиред, шумо одами аёлманд мебошед, даҳони як хонавода дар натиҷаи ҷунбидани дасти шумо меҷунбад, — гуфтам ман.— Агар шумо танбӯр навохта музд нагиред, «шиками онҳо ба танбӯрнавозӣ сар мекунад».

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 67. Шиками гург сер шавад ҳам, чашмаш гурусна

одами ҳарис ҳар чанд молдору пулдор шавад, боз ҳаристар мешавад.

То аз ин ҷойҳо гум шуда рафтани онҳо ба назарашон нанамудан беҳтар аст. «Шиками гург сер шавад ҳам, чашмаш гурусна», мегӯянд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 68. Ба шиками гурусна гап намефорад

барои иҷрои ҳар кор, ҳар хоҳиш пеш аз ҳама сер будан лозим аст.

— Қанӣ, марҳамат, гап занед,— безобита шуда пурсид Олим.— Не, раис, аввал таом, баъд калом. Набошад илтимос ҳаст, ки аз худи ҳамин чизҳои овардагиатон худамон ҳашар карда ягон дами гарм кунему баъди кайфҳо зӯр шудан дуруст чақ-чақ кунем. Набошад, рости гап, ки ба шиками гурусна гап намефорад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 69. Шиками касе нағора задан

*Ниг.* Шиками касе танбӯр навохтан.

Боз камтар сабр кун. Охир шикам нағора зада истодааст.

*М. Миршакар, «Тошбек ва Гулқурбон» («Шарқи сурх»).*

### 70. Шиками касе танбӯр навохтан

сахт гурусна будан.

1. — Ба ин кас ҳам ош биёретон, охир! — гуфта маро нишон дод.— Ҳамроҳи дасти ин кас шикамашон ҳам танбӯр навохта истодааст.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Дар бозгашт модори Аҳмадҷон хушк шуда, шикамаш танбӯр навохт.

*«Хорпуштак».*

### 71. Шикам хоридан

чизеро баҳона кардан, узр овардан.

Дар ҷамъияти мо ҳанӯз баъзе одамоне ҳастанд, ки кам кор мекунанду мӯл мехӯранд, доимо шикамашонро хорида, кори чала-чулпаи худро пеша менамоянд.

*«Хорпуштак».*

### 72. Шиками худро хорида нишастан (хобидан)

бекор нишастан, танбалӣ намудан.

1. Большевикон роҳ намедиҳанд, ки шумо барин судхӯрон миллионҳо сӯм пулашонро, ки аз хӯрдани хуни мардум ҷамъ кардаанд, дар банк гузошта, аз фоидаи он маблағ ҳар сол садҳо ҳазор сӯм даромад карда ши-

камашонро хорида нишинанду оммаи мардум аз гуруснагӣ бимиранд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Шумоҳо ҳамон корфармоии осонро ҳам накарда дар сояи дарахт шикам хорида мехобед.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 73. Шиками худро чорпаҳлӯ кардан

шиками худро бисьёр сер кардан; пур хӯрдан.

Онҳо шикамҳои худро чорпаҳлӯ карда, акнун дар тараддуди хсбидан буданд.

### 74. Шикамашро чок кунед, алиф намебарояд

тамоман бесавод аст.

Аммо шикамашро чок кунед, алиф ҳам намебарояд.

*«Хорпуштак».*

## ШИКАМСЕР

### 75. Шикамсер чӣ парвои шикамгурусна

1. сер ғами гуруснаро намехӯрад, 2. доро аз нодоро хабар надорад.

1. Вай аз таомхои гуногуне ки нисфи шаб ин тараф барояш давутоз карда мепухтанд, бо нозу нуз мехӯрд. «Шикамсер чӣ парвои шикамгурусна!». Ятимҳои бевазани аз тири босмачӣ кушташуда, ки тамоман бесару сомон монда буданд, кӣ медонад, ки ду рӯз боз чӣ мехӯрданд.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

2. Мураббияҳо онро бо ҳазору як воситаю рамз ба гӯши директор мерасонданд. Вале афсӯс, шикамсер чӣ парвои шикамгурусна гуфтагӣ барин ин шикоятҳо аз як гӯши директор медаромаданду ҳамоно аз дигараш баромада мерафт.

*«Маориф ва маданият».*

## ШИКАМҲО

### 76. Шикамҳо сер шуд, ғамҳо дур шуд

пас аз сершавӣ аз таом дар мавриди изҳори шукрона гуфта мешавад.

Бо иштиҳои тамом хӯрданд, ҳатто «шикамҳо сер шуд, ғамҳо дур шуд» гуфта шукрона ҳам карданд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ШИКАН**

### 77. Шикану мағзаша бин кардан

шилқинона тафтиш, таҳқиқ кардан; мазмун ва моҳияти чизеро аз ҳад беш санҷидан.

1. — Шумо вақтҳои охир бисьёр майдагап шудаед, ҳар гапро «шикану мағзаша бин» карда мегардед.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

2. Азбаски арафаи рӯзи истироҳат буд, чандон шикану мағзаша бин накарда, ба хонаҳои худ рафтанд.

*«Хорпуштак».*

**ШИКАСТ**

### 78. Шикаст додан

1. зарба задан, 2. мағлуб кардан.

1. Дар ин ҷанги нобаробар ба душманон шикасти сахт додем.

*С. Ғанӣ, «Хун» («Барои ватан»).*

2. — Вай бо босмачиҳо сахт ҷанг карда будааст ва хеле дастаҳои онҳоро шикаст дода, онҳоро ба ҷое расонида будааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 79. Шикасти нафс кардан

хоксорӣ намудан, худро аз будаш камтару ҳақир шумурдан.

— Масалан, гиред Садафмоҳро, ба вай ман чӣ меомӯзам?

— Шикасти нафс накунед! — гуфт Шодӣ.— Ҷавонҳо ҳар чӣ қадар донанд ҳам, хондагӣ бошанд ҳам, таҷриба надоранд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 80. Шикаст рӯй додан

зарар дида, бечиз шудан (дар савдо).

Чун ба корҳои тиҷоратиаш шикаст рӯй додааст, ба фурӯхтани ин ҳуҷра маҷбур шудааст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 81. Шикаст хӯрдан

1. зарба дидан; зарар дидан, 2. дучори мағлубият шудан.

1. Қувваҳои асосии босмачиён шикаст хӯрда, хоҷагии халқ рӯ ба беҳбудӣ овард.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Охир дар ин касб ҳам шикаст хӯрд.

*Б. Ортиқов, «Нишона»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ШИКАСТАН**

### 82. Шикастани шаъни касе

рехтани обрӯи касе.

Чунки дар он вақт ба санг бархӯрдани тири одамкушиашон ба ҳар кас маълум шуда, сабаби шикастани шаънашон мешуд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

**ШИКАСТАНАФС**

### 83. Шикастанафс шудан

хоксор гардидан.

— Ба Ҳукумати Советӣ қоил шавед! — гуфт дигаре,— одамонро ҳамин хел таълим додааст, ки ҳар қадар илму мартабаашон калонтар шавад, ҳамон қадар шикастанафстар мешаванд, раҳматӣ домулло Айнӣ ҳам ҳамин хел буданд...

*«Маориф ва маданият».*

ШИКОР

## 84. Шикори касе барор гирифтан

муваффақият пайдо кардани кори касе, омад кардани кори касе.

1. Дар ин кор ҳам шикори ман барор гирифт.

2. Шикорат барор гирад, дӯсти азизам Ёрмат.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов, «Тӯфон».*

## 85. Шинам афтидан

чизе ба касе муносиб, зебо омадан; ба тан нағз омадани лабосе.

1. Бар рӯи лаби болояш як хати сиёҳ ба шакли камон кашида буд, чун нек нигарист ин хат набудааст, балки нуқтаҳои бисьёр резаи сиёҳи бо ҳам пайвастаанд, ки дар назари аввал монанди хат намудор мешудаанд; дар ҳақиқат ин хат ё нуқта дар ғояти зебой буд ва бар рӯи лабе, ки аз таъсири шустан бо оби сард гулобиранг метофт, бисьёр шинам афтода буд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Ба фикри мо ин роль чунон ба актёр шинам афтода ва ӯ чунон устокорона бозӣ кардааст, ки тамошобинонро дар ҳайрат мемононад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 86. Шинам кардан

муносиб намудан, ҷӯр кардан.

Рангҳоро бо ҳамдигар чунон мос ва шинам мекунад, ки одам мот мешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ».*

## 87. Шинам омадан

*Ниг.* Шинам афтидан.

1. Костюми нав дӯзондааст, ҳа, гуфта буд, бисьёр ба худаш шинам омадааст.

*Р. Амонов «Ду қатра ашк»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. — Фаҳмидӣ, чӣ тавр ин сухан шинам омад...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ».*

ШИППОНДА

### 88. Касеро шиппонда партофтан

*Ниг.* Қасеро афшонда партофтан.

— Ҷавоб дода наметавонӣ! — шиппонда партофт ӯро Ҳошим-Қорвон.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

ШИНУХЕЗ

### 89. Бо касе шинухез кардан (намудан)

бо касе муносибат, алоқа, рафтуой кардан.

1. Ҳамеша бо онон шинухез мекарданд.

*А. Усмонов, «Мубориза».*

2. Бо деҳқонони хоккаш бародарвор шинухез менамояд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

ШИР

### 90. Шири аз (пистони) модар хӯрдаи касе ба даҳон (ҳалқ)-аш омадан

дар коре ниҳоят азобу машаққат кашидан.

1. Намояндагони колхози «Большевик» то даме ки балҷувониҳоро ба муҳоҷиршавӣ розӣ кунонда, кӯчи онҳоро ба ин гӯшаи хилвати колхозашон оварда партофтанд, шири аз модар хӯрдаашон ба даҳонашон омад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

2. Рости гап, то розӣ шуданаш хуни ҷигар шудам. Шири аз модар хӯрдаам ба даҳонам омад.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз, «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»).*

3. — Душвор гуфтеду мондед, лекин намедонед, ки аз паси ин кор шири аз пистони модар хӯрдаам ба ҳалқам омадааст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**91. Чизе ки бо шир даромадааст, (омадааст) фақат бо ҷон мебарояд (меравад)**

тарк кардан, партофтани он одату хислатҳое ки дар одам аз кӯдакӣ пайдо шудааст, амри маҳол аст.

1. Мардум рост мегӯянд: чизе ки бо шир даромадааст, фақат бо ҷон мебарояд. Феълу хӯи бад ва ахлоқи баде ки ба сиришти Назарбои аспчаллоби қиморбоз даромада мондааст, фақат бо ҷони ӯ берун меравад.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

2. Зи дил ишқи покат чӣ сон меравад?
Ба шир омадааст он, ба ҷон меравад.

*А. Шукӯҳӣ, «Садои дил».*

**92. Шири модарам дода ҳаром шавад**

қасам: фарзанди модарам набошам, модарам аз ман розӣ мабод!

— Шири модарам дода ҳаром шавад, ки шуморо фиреб намедиҳам,— қасам хӯрд ӯ.

*«Хорпуштак».*

**93. Шири модари худро ҳафтҷӯш карда хӯрдагӣ**

1. ниҳоят кордон, пухта, 2. фиребгар.

— Боз мегӯям, ки саросема шудаем. Барои вай маслиҳатгарҳои шири модарашонро ҳафтҷӯш карда хӯрдагӣ ёфт мешаванд, ки гапу кор ёд медиҳанд.

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро» («Шарқи сурх»).*

**94. Аз шир мондан**

шир доданро қатъ кардан, хушк шудани шир дар пистон.

1. Гӯсфандони бародар бо шири худ бачагони худашонро ҳам расонда натавониста аз шир монданд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Агар шири говро пурра наҷӯшӣ, гов тез аз шир мемонад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 95. Шири мурғу пои мору нони мулло кас надид

1. мулло аз сабаби чашмгуруснагии худ ҳаргиз касеро меҳмондорӣ, зиёфат намекунад, 2. аз мулло ба касе нафъ намерасад.

Охир «шири мурғу пои мору нони муллоро кас надид» мегӯянд... — чӣ шуд ки домулло яки якбора ба ин дараҷа Ҳотаму ҳимматбаланд шуда рафтаанд!

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 96. Шири нағз — ҷурғоти нағз

1. аз чизи нағз маҳсули нағз мерӯяд, 2. аз падару модари нағз — фарзанди нағз.

— Ошно, дар урфият... «шири нағз — ҷурғоти нағз» мегӯянд. Аз ин чизҳои дарди ҳаринаи шумо чӣ хел баҳра бурдан мумкин аст?

*«Хорпуштак».*

### 97. Шири (сафед)-ро сиёҳ гуфтан

тамоман акси чизеро даъво кардан; ҳақро ноҳақ, нағзро бад гуфтан.

1. Ӯ ана ҳаминро истифода мебарад ва шири сафедро сиёҳ гуфта, айбро ба гардани Илмия бор карданӣ мешавад...

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Эҳтиёҷи ҳазорҳо муаллимон ва хонандагонро фаромӯш карда, ширро сиёҳ гуфта истодаанд.

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 98. Шири хомхӯрда

одами бетаҷриба, хом, нодон.

Мани шири хомхӯрда гумон карда будам, ки ба ваъдаҳоятон вафо карда, маро ба орзую ҳавасам мерасонед.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 99. Шири худро хушк кардан

*Ниг.* Аз шир мондан.

Бештарин гӯсфандоне ҳам, ки барраҳошон барои пӯст кушта шуда буданд, ширашонро хушк карданд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 100. Ширу шакар шудан

1. ширин, хушхӯр, хуб шудан, 2. ба якдигар муносиб омадан.

Он гоҳ ду тӯй дар ҳамин фасли баҳор
Пайваста ба ҳам, аҷаб шавад ширу шакар.

*Б. Раҳимзода, «Ба ҷавони панҷоҳсола рафиқ Раҳимӣ». («Шарқи сурх»).*

## ШИРА

### 101. Шира баста мондан

обанд шуда мондан; хонанишин шудан.

Акнун Додхоҳ Ширинро ба занӣ гирифта шира баста намонад гуфта метарсам.

*А. Усмонов, «Мубориза».*

### 102. Ширав ҷони касе

беҳтарин чизи касе.

Вай ҳам мардуми Бухороро тала карда, ширави ҷони халқро ба Русия мефиристонад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## ШИРДЕҲ

### 103. Ширдеҳ будан

1. серпул будан, 2. порадиҳанда будан.

— Чанд рӯз шуд, ки ба як даъвои завҷият рафта будам, як-ду рӯз ҷанҷолро файсал дода дидам, ки тарафи даъвогар ширдеҳ аст.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ШИРИНКОРӢ**

### 104. Ширинкорӣ кардан

шӯхӣ, ҳазл кардан.

Шеърҳо, ғазалҳо хонданд, ширинкорӣ карданд...

*«Раҳбари дониш».*

**ШИФТ**

### 105. Аз шифти хона гап чида гуфтан

суханҳои беасос, по дар ҳаво гуфтан.

Ҳасанбой аз шифти хона гап чида намегӯяд...

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

**ШИШТАН**

### 106. Шиштан бӯрьёву гаштан дарьё

сафар накардӣ — чизеро надидӣ, надонистӣ, сафар кардӣ — дидию донистӣ, чаҳонгардӣ боиси афзудани донишу тачриба мегардад.

Дар ин муддат чунон ки дар зарбулмасал гуфта мешавад: «Шиштан бӯрьёву гаштан дарьё» — Тоҳир роҳи дуру дарози бошарафонае паймуд.

*Р. Чалил, «Ҳикояҳо».*

**ШОГИРД**

### 107. Шогирди устонадида(-гӣ) ба ҳар мақом йӯрға мекунад

шогирде, ки таълими усторо нагирифтааст, дар кори худ мелангад, корро чунон, ки мебояд ба чо оварда наметавонад; одами таълимнадида корро беқоида, бе тартиб ичро мекунад.

1. Аммо, айб накунетон, чунки мо шогирдҳои устонадидагӣ ҳастему ба ҳар мақом йӯрға кардан мегирем.

*Р. Чалил, «Одамони човид».*

2. Мегӯянд, ки «шогирди устонадида ба ҳар мақом йӯрға мекунад». Оре, ин ҳақ аст. Аммо шогирде, ки ҳоло

сухан дар бораи вай меравад, фаъолияти худро бе устод сар карда буд.

*М. Муқимӣ, «Санъаткори музыка» («Шарқи сурх»).*

**ШОДӢ**

**108. Аз шодӣ дар (ба) пӯсти худ нағунҷидан**

*Ниг.* Аз хурсандӣ дар пӯсти худ нағунҷидан.

Ҳоло омада мондани Шодиро дида аз хурсандӣ ба пӯсташон намеғунҷиданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ШОЛӢ**

**109. Шолиро аз курмак фарқ кардан**

1. хубро аз бад фарқ карда тавонистан, 2. ақлу фаросат доштан.

Хаёл накун, ки заминҳои туро ба ман дода маро сардори бригада таъин карда бо ин маро харида гирифтанд. Ман шолиро аз курмак фарқ карда метавонам.

*А. Сидқӣ, «Ироdai зан» («Занони Тоҷикистон»).*

**110. Шолӣ бе курмак намешавад**

1. ҳар чиз ҳам нуқсоне дорад, 2. дар қатори одамони хуб одамони бад ва тасодуфӣ ҳам шуданашон мумкин аст.

Дар ҷамъияти мо ин гуна гарданғафсу шӯрапуштҳо, бекорхӯҷаю харомхӯрҳо кам бошанд ҳам, «шолӣ бе курмак намешавад» гуфтагӣ барин баъзеҳо ҳастанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ШОНА**

**111. Шона-шона кардан**

гарданкашӣ кардан, бо баҳонае аз кор гардан тофтан.

Шумо, муллоён, дар гап задан, дар чиз гирифтан усто, аммо дар вақти кор бошад, шона-шона (шонаҷунбонӣ) мекунед...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

ШОХ

### 112. Касе дар чизе шох ба шох гардад, ӯ барг ба барг (барг-мабарг) мегардад

нисбат ба касе дар коре боҳунартар, устотар будан.

1. Дигарон дар савдогарӣ шох ба шох гарданд, ӯ барг-мабарг мегаштааст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. — Шумо дар китобдуздӣ шох ба шохи дарахт гардед, ман барг ба барги дарахт мегардам.

*«Хорпуштак».*

### 113. Аз шохи баланд шудан

1. ба хонаводаи давлатманд, олӣ тааллуқ доштан, 2. хавобаланд, мағрур будан.

Ҳама дар чашми ин кас нописанданд,
Ба ғайри худ, ки «аз шохи баланданд».

*Ф. Ансорӣ, «Гулшан».*

### 114. Ба шохи баландрафта ҳам табар меояд

ҳар қадар дарачаву мартабаи баланд дошта бошӣ ҳам, як рӯз ба сазои амали бади худ мерасӣ.

— «Ба шохи баландрафта ҳам табар меояд» гуфтаанд! — гуфт кампир аз хонаи дигар, Муҳаббат, бисьёр ҳам сахтгир нашав!

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

### 115. Шох баровардан (пайдо кардан)

бартарӣ пайдо кардан; ба мартабае расидан.

1. — Ҳамон қадар хӯрда шох баровардам-мӣ? Акнун тамом.

*Р. Чалил, «Шӯроб».*

2. Ҳафт сол хондӣ, шох набаровардӣ-ку?

*«Хорпуштак».*

3. Шохҳо пайдо накардам, гарчи хӯрдам ҳар пагоҳ,
Тарки май кардам, дилу ҷонам қимоб аст аз арақ.

*Л. Обидхӯҷаев, «Асарҳои мунтахаб».*

### 116. Ба шохи касе задан

бо панду насиҳат касеро аз ҳаракати бад боздоштан; сарзаниш кардан, танбеҳ намудан.

1. — Шумо ба ҷои он ки ба шохаш зада гапларо кунед, баръакс шихак медиҳед.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Ин бадбахт ба ҳеҷ кас гардан намефаровардагӣ шудагӣ, ба вай худо медиҳад; он ҷо як каси ба шохаш зада меистодагӣ намешаваду боз гандатар шуда меравад.

*Р. Амонов, «Меҳрӣ» («Шарқи сурх»).*

### 117. Шохи касе шикаста шудан

1. ҳавобаландӣ, дўғу пўписаи касе паст гардидан, 2. шасти касе гаштан, 3. ҷазо дидан, танбеҳ хўрдани касе.

— Баъд аз инқилоб, мо ҳама шарикҳои пештара чорьяккор, батраку бечораҳои қишлоқ каму беш ҷон гирифта ба ҳаракат омадем. Шохи бойҳо як дараҷа шикаст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 118. Шох шудан

ба касе нафаҳмонда ба як тараф рафтан (*С. А*).

Барои фаҳмондани таги ин хабар оҳистекак аз зери ялови хуриятчиён шох шуда ба Регистон роҳӣ гардидам.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

## ШОХДОР

### 119. Шохдор набудани аҳмақ

одами аҳмақ ягон аломати зоҳирии аз дигарон фарқкунанда надорад.

Дар дуньё аҳмақ кам мегўед?! Ё ки аҳмақ шохдор мешавад?!

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

## ШУБҲА

### 120. Қасеро дар (ба) шубҳа андохтан

касеро ба бадгумонӣ монондан.

1. «Мо» гуфта мардумро дар шубҳа наандоз!

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Акнун метарсам, ки гуфтаи модарам нашавад ва Саидҷонро рафтори ман ба шубҳа наандозад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ҷавоби Муҳаббат».*

### 121. Ба шубҳа афтодан

бадгумон шудан.

1. Рафиқони Темурмалик аз ин ҳаракати ӯ дар шубҳа афтода, дар дили худ гузарониданд, ки мабодо ӯ ба хушкӣ баромада худро яккаву танҳо ба ӯрдуи муғулон зада талаф нашавад ва ба ин мулоҳиза ба хушкӣ баромадани ӯро манъ карда гуфтанд...

*С. Айнӣ, «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик».*

2. Аммо Муҳаббат то рафт ба шубҳа меафтод.

*Ҷ. Икромӣ, «Ҷавоби Муҳаббат».*

### 122. Аз шубҳа баровардан

бадгумонӣ ва дудилагии касеро бартараф кардан.

Бозор аз сухани охирини бой, ки хеле мулоимона ва меҳрубонона буд, қариб аз шубҳа баромад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 123. Ба шубҳа роҳ додан

шубҳанок шудан, бадгумонӣ, дудилагӣ кардан.

Ҳеч умед надоштам, ки дар ҳаққи ман ба чунин шубҳа роҳ медиҳед.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

**ШУД**

### 124. Шуду нашуд

1. бо шитоб, ҳадаҳа, 2. нимкола.

Зуд-зуд рост омадагӣ чизро харида, шуду нашуд сабадчаро пур карда метозонад.

*Ҷ. Икромӣ, «Зӯҳра».*

**ШУДАГӢ**

### 125. Шудагӣ (кор) шуд

1. чизе ғайричашмдошт ба амал омад; он чизе ки намехостем, рӯй дод, 2. кор аз кор гузашт.

1. — Хайр, акнун шудагӣ кор шудааст, сабр кун, модар,— маслиҳат дод Арслоналӣ.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Раъду барқ дур шуда мерафт. Шамол хеле суст шуда монд, вале жола сангбозӣ мекард.

— Хайр, шудагӣ шуд! — гуфт Шодӣ каландро ба китфаш монда.— Биёетон рафтем.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ШУДАН**

### 126. Аз шудани худ пушаймон шудан

ба аҳволи ниҳоят бади илоҷнопазир афтода аз ҳаёти худ безор гаштан.

Дар он рӯзҳо ман аз шудани худам пушаймон мешудам.

**ШУМО**

### 127. Ба шумо дурӯғ, ба худо рост

рост аст, ҳақ аст.

Ба шумо дурӯғ, ба худо рост, агар вай зани дуруст мебуд, ман ҳоло одами калон мешудам.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

**ШУМОР**

### 128. Ба шумор рафтан

ҳисоб карда шудан.

1. Ширинтарини гуфтаҳои ӯ ҳам ҳамин гуна ҳикояҳои афсонамонандаш ба шумор мерафтанд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Ин навъ воқеа навоварии хеле ҷиддӣ дар кори эҷодӣ ба шумор меравад.

*Ш. Ҳусейнзода, «Масъалаҳои танқиди адабӣ дар адабиёти тоҷик» («Шарқи сурх»)*

**ШУНИДАН**

### 129. Шунидан кай бувад монанди дидан

аз шунидан дидан беҳтар аст, бо шунидан қонеъ на шуда ҳар чизро бо чашми худ дидан авлотар аст.

1. «Шунидан кай бувад монанди дидан!» мегӯянд Биё, ки иди арҷаро ҳам дида монам.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

2 Диёру халқи ман меҳмоннавоз аст,
Ҳама дарҳош баҳри дӯст боз аст!
Биёеду намонед бо шунидан
«Шунидан кай бувад монанди дидан!»

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ»*

**ШУТУР**

### 130. Шутурро бо ҷулаш (ҷулу бораш) фурӯ додан

ниҳоят баднафс, ҳарис будан.

— Аммо мегӯянд, ки... онҳо шутурро бо ҷулу бораш фурӯ медиҳанд...

*«Хорпуштак».*

### 131. Шутур калон, яғираш ҳам калон

1. ҳар чиз мувофиқи худ ташвишу харочот дорад, 2. дар ҳар кор мувофиқи даромад баромад ҳам мешавад.

— Аз давлати шумо харҳои мо як каф ках хӯранд, чӣ мешавад?..

— «Шутур калон, яғираш ҳам калон» мегӯянд,— гуфт хӯҷаин,— дарди сари ман мувофиқи худам аст...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 132. Шутур калону реши пушташ ҳам мувофиқи худаш калон аст

*Ниг.* Шутур калону яғираш ҳам калон.

— Баъзеҳо ба кори ман ҳасад бурда мегӯянд, ки «Фалонӣ ҳам аз дӯкон, ҳам аз устохона, аз ду ҷой фоида гирифта, бои калон шуда истодааст», аммо намедонанд, ки шутур калону реши пушташ ҳам мувофиқи худаш калон аст. Одам ҳар қадар, ки корашро васеъ кунад, харочоташ ҳам ҳамон қадар зиёд мешавад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо, қ. III—IV.*

### 133. Шутури сафед дидӣ? — Надидам (не)

*Ниг.* Уштур (-и сафед) дидӣ? — Не.

Он ҷавон зорӣ ва тазаррӯъ хоҳад кард, ки: «Эй паҳлавон, чӣ мешавад, ки гӯё маро надида бошӣ ва «Шутури сафед дидӣ? — Не». гӯён маро во гузорӣ».

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

**ШУШ**

### 134. Шуши касе ба даҳон омадан (расидан)

сахт монда шудан, беҳол гаштан.

1. — Шушат ба даҳон омада бошад, ҳеҷ гап не, ҷонат ба лаб наояд, шуд...

*Ф. Ниёзӣ, Вафо», қ. I.*

2. Дар чуқуриҳои бешумор, ҷӯю ҷӯйчаҳои бекӯпрук ва кӯлмакҳои касногузар чунон бардорузан мекард, ки ба дарьёи Элак нарасида шуши мо ба даҳонамон расид.

*«Хорпуштак».*

**ШУШБАНД**

### 135. Шушбанд шудан

гушнагии худро қонеъ кардан, як дараҷа сер шудан, нафси касе ором гирифтан.

— Агар чор нон медодед, як навъ шушбанд мешудем...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ШӮР**

### 136. Ба шӯр андохтан

касеро ошуфта кардан, барангехтан; ба ҳаяҷон овардан.

Роли Отеллоро бозида, тамошобинони пойтахтро ба шӯр андохта буд.

*«Машъал».*

### 137. Шӯр гирифтан

ошуфта шудан, барошуфтан; ба по хестан.

Акнун ман фикр мекунам, ки ҳамин тавр дӯстии ҳақиқии моро дида баъд аз ин душманон боз шӯр мегиранд, онҳо ҳар як ҳаракати моро таъқиб карда ба поямон теша задан мехоҳанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор».*

### 138. Ба шӯр омадан

ошуфта гардидан, ошуфтан, ба ҳаяҷон омадан.

Вай — Мухтор, гумон намекунад, ки Зайнаб ҳам метавонад саркашӣ кунад, ба шӯр ояд.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 139. Шӯри пешона

1. тақдир, 2. толеи паст, бахти бад.

1. Намедонам ба шӯри пешонаи ман чӣ навишта шуда бошад!

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Фақат мани бечора ба «нодираи давронаш» вохӯрдам, ки ин ҳам шӯри пешонаи ман аст.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 140. Шӯри (шӯраки) касе хушк шудан

берӯзӣ гаштани касе; гирифтори бадбахтӣ шудани касе.

1. Шўракамон хушк шуд, падарат дар сахро монд, чӣ мекунем...

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

2. — Шўрам хушк шуд! Ту чӣ кор кардӣ? Худатро бадном кардӣ, ба мо иснод овардӣ!

*С. Улуғзода, «Навобод».*

**ШЎРБО**

### 141. Шўрбои шўрбо

1. шўрбои обакӣ, шўрбои ниҳоят бемаза, 2. аз чизи фаҷу нодуруст боз як чизи бад.

Албатта, ин ба замми «шўрбои шўрбо» будан, номаш тарҷима буд.

*Р. Ҷалил, «Устоди садсолаи ман»*
*(«Тоҷикистони советӣ»).*

### 142. Ба шўрбо ғалтидан

ба тарики шўхӣ нисбат ба амали ноўҳдабароёнаи касе гуфта мешавад.

— Эй ба шўрбо ғалтед-дия. Ба ин ҳукми шумо мардум чӣ мегўянд?

*«Хорпуштак».*

**ШЎҲРАТ**

### 143. Шўҳрат ёфтан

маълум ва машҳур гардидан.

Ин рафиқон бо меҳнати содиқатмандонаи худ шўҳрат ёфтаанд.

## Э

**ЭЛАК**

### 1. Элак баҳона — дидор ғанимат

чизеро баҳона карда ба мулоқоти маҳбуба, дўст омадан.

1. Бо хаёли ин ки шояд вай ҳам омада бошад, «элак баҳона — дидор ғанимат» гуфтагӣ барин ҷомачаро ба

сар гирифта, «ба ҳавлии ҳамсоя меравам» гӯён ба кӯча баромад.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

2. Ман медонам... маънии ин мусобиқаро ҳам мефаҳмам... Элак баҳона — дидор ғанимат!

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

3. Ба Сафар ва Зебӣ «элак баҳона — дидор ғанимат» шуд. Онҳо водопроводи наздиктарро, ки дар тарафи чап буд, монда, ба тарафи рост, ба дуртар рафтанд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I*

**2. Аз элак гузаронидан**

кори касеро дурустакак тафтиш кардан, ҳаматарафа санҷидан, бо диққат аз назар гузаронидан.

Аз Вазорати назорати давлатӣ комиссияи махсус омада, «фаъолияти эҷодии» ӯро дар айни кайфронию мастиаш аз элак гузаронд.

*«Хорпуштак».*

**3. Ба элак дармондан**

*Ниг.* Уштур ҳамаро бардошта ба элак лангидааст.

Вай хеле корҳоро анҷом дод, мутаассифона, чунон ки изҳор кард, «ба элак дармонд» — наёфтани чизҳои майда-чуйдатарин: ошиқ-маъшуқ, дастгираки дар табъи ӯро хира намуд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**4. Элак-элак кардан**

чизеро бо диққат тафтиш кардан.

Муфаттиш омада дар як тараф делаҳоро элак-элак кунаду ман бо шумо дар бораи ким-кадом чиз вақ-вақ карда шинам?

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ЭРКА**

**5. Эрка — балои ҷон**

бачаи эрка калон кардашуда ба сари падару модар ғаму андуҳи бисьёре меоварад.

Бачаро эрка накунед, «эрка балои ҷон» мегӯянд, ки ин рост.

**ЭРОД**

### 6. Эрод гирифтан

нисбат ба касе, чизе хурдагирӣ кардан; камбудии чизеро нишон додан.

1. Рекламаи кашидаи Воситоваро ҳама писандиданду Ҳамидов эроди бисьёр гирифт.

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

2. Ҳама қоил шаванд ва ҳеҷ кас эрод гирифта натавонад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

**ЭС**

### 7. Эси касе рафтан

1. аз ҳуш рафтан, 2. ниҳоят азоби сахт кашидан.

То ин амир ва қозиҳоро нест кардему то аз дасти онҳо халос шудем, эсамо рафт.

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор».*

**ЭЪТИБОР**

### 8. Ба эътибор гирифтан

*Ниг.* Ба назари эътибор гирифтан.

Ба кори ташкилоти комсомолӣ шавқманд намешаванд, гапҳои котиби онро ба эътибор намегиранд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 9. Аз эътибор соқит кардан

ҳукм ё қарореро бекор кардан; ба эътибор нагирифтан.

Қарори нав бароварда, қарори пештараро аз эътибор соқит карданд.

### 10. Эътиқоди касе гаштан

аз боварии касе баромадан, ихлоси касе гаштан, дигар мавриди эътибор набудан.

1. Фақат колхозчиён аз ӯ нафрат мекарданду эътиқодашон мегашт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Суҳбатҳои ман бо котиб сард, дилгиркунанда буданд. Эътиқоди мо аз якдигар гашта буд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ЭҲТИЁТ**

### 11. Эҳтиёт кардан

1. ҳушьёр шудан, 2. чизеро пинҳон карда мондан.

1. Шумо эҳтиёт кунед...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Бародаратон Бобо Сироҷ аз колхоз даромади калон гирифта буданд. Ғайр аз он ёфту тофташонро ҷамъ карда, ба пули нав олиш карда омаданд... Эҳтиёт карда мондаам.

*С. Ғанӣ, «Арвоҳ»*
*(«Тоҷикистони советӣ»).*

### 12. Эҳтиёт нисфи ҳаёт аст

эҳтиёт ва ҳушьёрӣ касро аз ҳар балову қазо эмин нигоҳ медорад.

1. — Набошад худатон чаро пиджак пӯшидед?

— «Эҳтиёт нисфи ҳаёт» — гуфтаанд, агар борад (борон — *М. Ф.*), зуд ба шумо медиҳам,— гӯён мард хандаи ширине кард...

*«Маориф ва маданият».*

2. Аммо ман бояд шуморо огоҳонида монам, зеро ки эҳтиёт нисфи ҳаёт гуфтаанд.

*Ҷ. Одинаев, «Қолхозчидухтар»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ЭҲТИМОЛ**

### 13. Аз эҳтимол дур будан

номумкин будани вуқӯи ҳодисае, эҳтимол надоштани вуқӯи коре.

Ин ҳам аз эҳтимол дур нест, ки ин дарьё бисьёр тез роҳашро дигар карда бошад.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт».*
*(«Маориф ва маданият»).*

# Ю

**ЮСУФ**

### 1. Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр

дар мавриди тасаллии хотири касе гуфта мешавад, ки яке аз наздиконаш ба сафари дури хатарноке рафта бошад.

— Ман нагуфтам-мӣ? — мегуфт вай,— Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр! Ана, аз Юсуфи замонҳои гузашта ҳазор бор хушрӯйтар, барнотар шуда омадааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ЮҲ**

### 2. Юҳ гуфтан

дар болои гапи худ истодагӣ кардан, сухани худро баисрор такрор намудан.

Маҳкам қапид. Юҳ ба хона меравӣ, гуфта шишт.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 3. Юҳ не

ҳаргиз не, ҳеҷ не.

Лекин Хосиятбону ду пояшро ба як мӯза хаста, юҳ не мегуфт.

*«Маориф ва маданият».*

# Я

**ЯГОН**

### 1. Ягон бало доштан

ягон сирру асрор, ягон гапу кори ниҳонӣ доштан.

Ба назарам ту ягон бало доштагӣ барин менамоӣ!...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 2. Қасеро ягон бало кардан

ба сари қасе мусибате, ногуворие овардан.

— Баъд аз вафоти модараш духтарро аз роҳ баровcovarда аст-дия...

— Худоё, алҳазар! Боз духтари гӯлу гумроҳи ҷавонро ягон бало накунад.

*«Хорпуштак».*

### 3. Ягон бало хезондан

ягон нохушӣ, мусибатеро ба сари касе овардан.

Илоҳӣ, худо накунаду ягон бало нахезонанд!

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 4. Ягон бало ҳаст

ягон сирру асрор ҳаст.

«Гапи хоҳарам рост будааст, дар ин гов ягон бало ҳаст»...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 5. Ягон гап баромадан

сар задани ҷанҷол ё нохушие.

— Чӣ шуд, писарам? Ягон гап баромад-мӣ? Дар маҷлис туро танқид карданд-мӣ?

### 6. Ягон гап задан

чизе гуфтан, гапи носазое гуфтан.

— Ё аз хусуси мактаб калонҳои марказ ягон гап заданд-мӣ?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 7. Ягон гап мешавад

илоҷе ёфт мешавад, чорае мебинем, коре мекунем.

«Аввал худам хӯрда сер шавам, сонӣ ягон гап мешавад»...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 8. Ягон гап шудан

1. ба касе, чизе ягон вокеаи нохуш, бадбахтие руй додан, 2. ба касе, чизе дигаргуние руй додан.

1. — Ба Ашуратон ягон гап шуд-ми мегуям, то ҳамин вақт даракаш не?

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

2. Ман тамоми рӯз он касро надидаам. Боз ба он кас ягон гап нашуда бошад.

*Ҷ. Одинаев, «Колхозчидухтар»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 9. Ягон гап ҳаст

1. *Ниг.* Ягон бало ҳаст, 2. мақсад ё нияти пинҳоние мавҷуд аст.

1. Агар Сурайёхон барин як зани ботамкин ин хел ҳарсосзанон роҳ гашта биёяду чашмонаш беҷо бошанд, албатта, ягон гап ҳаст...

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Ман гӯш карда менишастаму аз дил мегузаронидам, ки дар он ҷо, бешубҳа, ягон гап ҳаст.

*Ф. Муҳаммадиев, «Мактуби дӯст»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 10. Ягон гапатон будагӣ барин

ба назарам шумо ба ман гапе доред, ба ман гӯё чизе гуфтан мехоҳед.

— Қанӣ, ба ман ягон гапатон будагӣ барин-а, писарам?

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 11. Аз ягон гӯр...

аз ягон ҷое, аз ҷои номаълуме, аз куҷое ки набошад.

Аз ягон гӯр се-чор кило оварда диҳед.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 12. Ба ягон гӯр

ба ҷое, ба ким-куҷо, ба ҳар ҷое ки бошад.

Аз паи зиндагӣ ба ягон гӯр меравам.

### 13. Ягон даҳан гап зада натавонистан

1. калимае ҳам гуфта натавонистан, 2. эроде гирифта натавонистан; муқобилият нишон дода натавонистан.

Подшоҳ аз хашму ғазаб ягон даҳан гап зада наметавонист.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 14. Ягон илоҷ кардан

*Ниг.* Ягон кор кардан.

Бинобар он ягон илоҷ кардан лозим. Аммо чӣ илоҷ?

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 15. Ягон кор кардан

илоҷи кореро кардан, чорае дидан, тадбире андешидан.

1. Агар маслиҳати мо шавад, баъд ягон кор мекунемдия.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. — Гӯед, пагоҳ ариза навишта ба назди ман дарояд, ягон кор мекардагем!...

*А. Деҳотӣ, «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб».*

### 16. Ягон кор шудан

1. ба натиҷае омадан, 2. воқеае, фалокате, нохушие рӯй додан.

1. Канӣ якта-дутаҳоро бинем, гап занем, албатта ягон кор мешудагист...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Агар ба аспҳо ягон кор шавад, ман ҷавобгар мешавам...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

3. Агар ягон кор шавад, фардо ба хешу таборҳои Аҳмад чӣ ҷавоб мегӯем.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 17. Ягон кору ҳолро сар кардан

ба сари касе нохушие овардан, боиси мусибату бадбахтие шудан.

— Ягон кору ҳолеро сар карда монад, аз ман хафа нашавед, бой,— гуфт Алӣ.— Дили ман ба ҳамин хизматгоратон аз аввал ҳам об нахӯрда буд...

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 18. Ягон пула кор нишон надодан

1. ягон кори арзанда, ба назар намоёне накардан, 2. ҳеҷ як кореро ба анҷом нарасонидан.

— Саги шумо ягон пула кор нишон надодааст-э...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 19. Ягон роҳи дигари зиндагиро дидан

барои таъмини маишати худ воситаи дигаре ҷустуҷӯ кардан, ягон коре, ки боиси гузаштани зиндагӣ шавад, ёфтан.

— Хайр, раис қурбу қимати мо ҳамин бошад, хӯш-мӣ, рухсат диҳед, ягон роҳи дигари зиндагиро бинем.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 20. Ягон сир гузаштан

дар байни ду кас ягон ҳодиса ё нохушии пинҳоние рӯй додан.

Мазмун, ягон сир гузаштааст, набошад Шокирҷони одатан хурраму хандон таклифи одами калонро ин тавр рад намекард.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 21. Аз ягон тараф сар баровардан

роҳ гум карда, нохост ба ҷое расидан, ба ҷое омада мондан.

Чизе ки маро ташвиш медод, танҳо ин буд, ки ин бероҳа маро ба мақсад мерасонда бошад ё аз роҳи калон дур афтода аз ягон тарафи дигар сар мебароварда бошам?

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 22. Ягон чиз шудан

соҳиби обрӯ ва мартабае гардидан; ба дараҷае расидан.

— Ман ҳам мадрасаро агар тамом мекардам, аҷаб набуд, ки ягон чиз мешудам.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 23. Ягон қабат гӯшти касе кам нашудан

ба касе ҳеҷ таъсир накардан, ҳеҷ осебе нарасонидани чизе.

Лекин аз ин таънаҳо ягон қабат гӯшти ман кам намешуд.

*«Хорпуштак».*

### 24. Ягон ҷо ёфт шудан

*Ниг.* Ҷои баромадан.

— Солаш муносиби ба шавҳарравӣ... Ягон ҷо ёфт шуд-мӣ, охир?

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 25. Ягон ҷои касе кам шудан

1. ба саломатии касе халал расидан, 2. бо касе ягон ҳодисаи ногуворе рӯй додан.

1. Плакатҳоро дастӣ оварда супоранд ягон ҷояшон кам мешудааст-мӣ?

*«Хорпуштак».*

2. — Сулфа карда биёед, ягон ҷоятон кам мешавад-мӣ?

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

**ЯК**

### 26. Як аз назди касе гузаштан

*Ниг.* Аз пеши касе гузаштан.

1. — Мудири магазинатон Зебӣ Мирсаидова ба назди модари Муборакхон рафта буд, он кас розӣ. Лекин гуфтанд, ки як аз назди додош гузаретон.

*«Маориф ва маданият».*

2. Ман ӯро ба суд, ба прокурор доданӣ будам. Хостам, ки аввал як аз назди шумо гузарам...

*Ф. Ансорӣ, «Ҳаёт ва ишқ» («Шарқи сурх»).*

3. Бале, Озодамоҳро ба занӣ гирифтанӣ ҳастам. Мавҷуда-келини шумо мисли фарзанди худам мебошад. Ана барои ҳамин ҳам мехостам, ки як аз назди вай гузарам.

*Қ. Носиров, «Орият».*

### 27. Бо як азоб

бо азобу машаққати зиёде, ба зӯр.

1. Тағоиям аз ғазаб ранги рӯяш парида, бо як азоб худдорӣ карду бо оҳанги нарм, вале таҳдидомез гуфт...

*П. Толис, «Тобистон».*

2. Бо як азобе ба хонаи худ меравад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 28. Як ба сад розӣ

аз тахти дил розӣ, тамоман розӣ.

Не, хола. Ман омадам, ки Садоқатро тамоман ба хонаам барам. Шумо ба ин муқобил не-мӣ?

— Як ба сад розӣ.

*«Маориф ва маданият».*

### 29. Як ба як

1. ҷудо-ҷудо, алоҳида-алоҳида, 2. аз сар то охир.

Аҳмадҷон Ҳоҷиев ҳасрату аламашро як ба як аз дил гузаронида, худ ба худ фикр мекард...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 30. Як бало

1. як хел, як навъ. 2. як дарди бедаво.

— Набошад, ҳамааш ҳам як бало гӯй.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 31. Як бало кардан

*Ниг.* Ягон кор кардан.

1. Шӯхӣ накунед, «не» нагӯед, як бало карда, мушкилии маро осон кунед!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Ин васиқа гурехта намеравад, мирзои ман аз шаҳр ояд, хонда медиҳад, сонӣ як бало мекунем!

*«Васияти Ленин».*

3. Аввал пахтаро як бало карда корем, аз ин хусус баъд гап мезанем.

*«Хорпуштак».*

4. Моҳрӯ ҳам, чунон ки мегӯянд, «як бало карда» институтро ба охир расонд.

*Ҳ. Аскар, «Нишони одамият» («Шарқи сурх»).*

### 32. Як бар ду зиёд кардан

ду маротиба зиёд намудан, дучандон афзоёнидан.

Харҷи заводро як бар ду зиёд мекунад.

*«Хорпуштак».*

### 33. Ба як болишт (болин) сар ниҳодан (мондан)

ҳамхоба шудан, зану шӯй шудан.

1. — Ман дар ин бора ҳам қавл додам. Ман гумон карда будам, ки пас аз рӯйхат карда ба як болишт сар ниҳодан, ӯро ба роҳи худ дароварда метавонам.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Чӣ тавр бо як одаме ки вайро тамоман намедонам ва ҳатто дар хоби шабам ҳам надидаам, дар як болин сар мемонаму умр мегузаронам!

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 34. Як бому ду ҳаво

нисбат ба касе ё масъалае рафтор ва фикри ғайриқатъӣ, дар ҳалли масъала рафтори гоҳ мусбат ва гоҳ манфӣ; ҳардамхаёлӣ.

1. Худат то ин вақт ба рафтан намондию акнун пеш мекунӣ. Ба худо, ки як бому ду ҳаво...

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

2. Агар ҳақиқатро нависад, ӯ меранҷад, ноҳаққӣ кунад, ба маломати мардум мемонад. Аз ҳамин сабаб вай ба худ раво намебинад, ки ба оҳанги «як бому ду ҳаво» бирақсад, то ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад.

*«Хорпуштак».*

### 35. Як бор ҷастӣ, малахак, ду бор ҷастӣ, малахак, охир ба дастӣ, малахак

охири кори ношоиста, хиёнат ба даст афтидан аст, ҷинояткор ниҳоят рӯзе ба ҷазо гирифтор мешавад.

1. Инаш ҳам ҳаст, ки як рӯз не, як рӯз ба даст меафтӣ. «Як бор ҷастӣ, малахак, ду бор ҷастӣ, малахак, охир ба дастӣ, малахак» — гуфтаанд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

2. «Як бор ҷастӣ, малахак, ду бор ҷастӣ, малахак, охир ба дастӣ, малахак» гуфтаанд. Вай дид, ки ин дафъа кораш чатоқ, ба баҳонаи курорт гурехта худро халос кард.

*(«Тоҷикистони советӣ»).*

### 36. Як будани дил

ҳамраъю ҳамфикр будан.

Ман умедворам, ки дар сояи як будани диламон, хусусан, танамон ҳам як шавад, ба мақсади ягонаи худ ба зудӣ хоҳем расид.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 37. Як бурда нон ёфтан

илоҷе карда ризқи худро таъмин кардан, ҳадди ақалли василаи рӯзгузаронӣ ва таъминотро ёфтан.

Баъд аз ронда шуданаш аз подшоҳӣ ба воситаи он ҳунар як бурда нон ёфта хӯрда тавонад...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 38. Як бурда нони касе нимта шудан

ризқу рӯзии касе кам гардидан.

Онҳо бемуҳобот аз сад кас зиёд буданд, қаду басти маро дида ба хаёлам онҳо «худо заду як бурда нонамон ҳам нимта шуд» гуфта рангашон парид.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 39. Ба касе як гап доштан

ба касе маслиҳати махсусе доштан, бо касе дар бораи ягон масъалаи муҳим гуфтугӯ кардан хостан.

Баъд ин ҷо бед, ман ба шумо як гап дорам.

*Ҷ. Икромӣ, «Зӯҳра»*

### 40. Як гапи касеро ду кардан

*Ниг.* Гапи касеро ду кардан.

Ҳар давлату ҳашамати ин гуна одамон аз болои ҳоким аст, чунончи, ҳоким инҳоро риоя мекунад, инҳо ҳам як гапи ҳокимро ду намекунанд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 41. Як гап задам ба мастӣ, Ба қабчуқат бубастӣ

фикр накарда гаперо гуфтаму ту дарҳол ба он бовар кардӣ ё онро ба дилат гирифтӣ.

— Як гап задам ба мастӣ, ба қабчуқат бубастӣ! Он рӯз як шуда монд-дия, ҷиянам. Наход ба гапи ман бовар накунӣ?

*П. Толис, «Тобистон».*

### 42. Ба як гап истодан

ба гапи худ истодагарӣ кардан, қавли худро дигар накардан, дар гуфтаи худ устувор будан.

1. Ана аз барои ҳамин ҳам нарафтан, намеравем гуфтан ва ба як гап истодан лозим аст.

*Қ. Наимӣ, «Соли 1916».*

2. — Маҳкам-ако, ба хаёли шумо ба ҷанг меравем-мӣ? Ё «не» гуфта ба як гап истода намеравем-мӣ?

*Ҳ. Карим ва Дунган, «Соли 1916» («Шарқи сурх»).*

### 43. Як гап кӯтоҳу олам гулистон

аз гапи нохуш забон кашидан беҳтар аст, гапе ки боиси нохушие мешавад, нагуфтанаш маслиҳат аст.

1. — Монетон, «як гап кӯтоҳу олам гулистон»,— гуфт бобо,— ҳозир маълум мешавад, кӣ зан, кӣ мард, кӣ шер, кӣ рӯбоҳ?

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. Ҳайрат мақоли халқро ба назм дароварда хеле хуб гуфтааст, ки «Биё, имрӯз як гап кӯтаҳу олам гулистон беҳ!» Ман ҳам ба ҳамин амал карда бо калонгариҳои Қорӣ-Нурулло чизе намегӯям, бо ҳамин вай ҳам хурсанд мешавад ва худам ҳам хурсанд мешавам.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

### 44. Аз як гап мондан

аз гуфтани сухане худро боздоштан, дар вақти баҳсу мунозира барои кашол нашудани он сукут кардан, худдорӣ карда гап назадан.

— Ту аз як гап монӣ намешавад-мӣ?

*А. Мусаввада, «Гаҳворабахш» («Шарқи сурх»).*

### 45. Як гап... паҳлу дорад

*Ниг.* Як сухан... паҳлу дорад.

— Ман нагуфтам, ки ту ҷавонӣ? Ба маънии суханҳои ман нарафтӣ. «Як гап ҳаштоду чор паҳлу дорад». То сол не, ақл не» — гуфтаанд. Ман охир камаш ягон сию се

куртаро аз ту зиёдтар даррондам. Аз худат калон як камбудиатро ёфта гӯяд, аз ман насиҳат, ки ба рӯяш надав.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 46. Як гапро мефаҳмидагӣ

доно, таҷрибанок, мулоҳизакор.

Маро ту барин гӯсолаҳои навзод ба сардории бригада интихоб накардаанд, деҳқонҳои як гапро мефаҳмидагӣ интихоб карданд.

*А. Сидқӣ, «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 47. Як гап мешавад

*Ниг.* Ягон гап мешавад.

1. Андак сабр кун, ман моҳонаамро ҷамъ кунам, сонӣ як гап мешавад...

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. — Бемалол рафта хоб равед. Пагоҳ як гап мешавад-дия, охир.

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Москва чӣ овардӣ?»*

### 48. Як гап ҳаст

*Ниг.* Ягон гап ҳаст.

Албатта, дар ин ҷо як гап ҳаст.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз, «Дил дили Зайнаб», («Шарқи сурх»).*

### 49. Як гапе

1. имконпазир, тоқатовар, 2. мумкин аст, 3. як сӯ истад.

Духтур чеғ занем гӯем, намехоҳад. «Ҳалқам ҳаром мешавад» гуфта дору намехӯрад. Хайр, ҳамаи ин ҳам як гапе. Ба ҷаҳаннам! Вай бошад, «бардорад зам кун» гуфта нозу нузҳои нав бароварда, беҳаётар мешуд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 50. Аз як гиребон сар баровардан

1. иттифоқ, муттаҳид шудан, якдилу якзабон гардидан, 2. ҳама чун яктан, якҷоя амал кардан.

1. Ҳамаи меҳнаткашони миллатҳо аз як гиребон сар бароварда ба муқобили як гурӯҳ, гурӯҳи амалдорон ва муштзӯрон бархостанд...

*С. Айнӣ, «Ғуломон»*

2. Бояд ҷамъ шуда аз як гиребон сар бароварда коре кунем, ки ҳам кор буд шавад ва ҳам амри ӯ.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

3. Қасам ёд мекунем, ки аз як гиребон сар барорем!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 51. Аз як гиребон сар кашидан

*Ниг.* Аз як гиребон сар баровардан.

Гар мо йигитҳои ҷавон
Аз як гиребон сар кашем,
Поҳои ин ғоратгарон
Аз осмон меоварем!

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

### 52. Бо як гул баҳор намешавад

хуб будани як кор далели хуб будани ҳама корҳо намешавад; як одами хуб далели хуб будани одамони дигар нест.

— Ҳа,— дилпурона ҷавоб дод Шодигул ва илова кард: — Лекин бо як гул баҳор намешавад, раис. Агар боз лоақл сӣ-чил нафар понздаҳҳазоркилочӣ мебаромад, кори калон мешуд.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 53. Як дари баста, сад дари кушода

1. ин кас набошад, каси дигар, ин ҷо набошад, ҷои дигар, 2. агар коре дар ҷое буд нашавад, ба ҷоҳои дигар умед ҳаст.

1. Ин қадар дӯғ мезанед. «Як дари баста, сад дари кушода» гуфтаанд. Дар идораи газета кор набошад, ба радио меравам, он ҷо нафорад, ба ТоҷикТА, ба Нашриёт ё ба ягон идораи дигар меравам.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. « — Хайр, як дари бастаю сад дари кушода гуфтаанд, ба клуби қишлоқи ҳамсоя рафтан лозим».

*«Хорпуштак».*

### 54. Як дараҷа

як миқдор, камтар, андаке, то андозае.

— Лекин як дараҷа сустӣ ва бепарвоӣ ҳам доред.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 55. Як дарди бедаво

*Ниг.* Дарди бедаво.

1. Лекин вай одам ба ман маъқул набуд. На ба ин ёру на ба он ғамхор, «на хамири худо на фатири пайғамбар», як дарди бедаво.

*Р. Ҷалил, «Шуроб».*

2. Аз МТС ҳай карда нашавад, ба гапи кас надарояд, аҷаб як дарди бедаво!

*М. Сайфиддинов, «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

### 56. Як дард сад дард шудан

боз ҳам зиёдтар шудани ғаму андӯҳи касе.

Шаб, баъд аз шунидани воқеаи маҷлис як дардам сад шуд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 57. Аз як даст садо намебарояд

барои бомуваффақият ба анҷом расидани коре иттифоқу иттиҳод лозим аст; одами танҳо кореро ба анҷом расонида наметавонад.

1. — Аз як даст садо намебарояд! — гуфт Қудрат ба он шахс ва давом намуд:

— Шумо ба хуҷаини худ рафта гӯед, ки агар дар ин кор ёрии онхо шавад, мо ҳам аз он ҷо ҳаракат мекунем

ва душманро аз миён мебардорем. Агар ҳар тӯда ба сари худ танҳо-танҳо бошад, торумор шуда мераванд. Фаҳмидед!...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. — Аз як даст садо намебарояд. Ҳамаи коргару деҳқонон, урусу тоҷик, ӯзбеку қирғиз аз як гиребон сар барорем...

*Қ. Наимӣ, «Соли 1916».*

3. Бо вай маслиҳат карда, якҷоя кор кунетон, худат медонӣ, ки аз як даст садо намебарояд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 58. Якро даҳ кардан

чизеро аз будааш зиёд карда нишон додан; ба чизе аз худ иловаҳо даровардан; муҳобот кардан.

Барои ҳангоматалабон гап ёфт шуда буд. Онҳо якро даҳ карда ба ҳамдигар ҳикоя мекунанд...

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 59. Яки касе даҳ шудан

афзун гардидани молу давлати касе ба ивази амали неки худ.

Мулло Қодирбой, ҳар чӣ қадар тавонед, хизматашонро ба ҷо оред, ки якатон даҳ мешавад.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов, «Тӯфон».*

### 60. Як даҳан

1. ягон калима, 2. андаке, каме.

1. — Чунки сездаҳ сол боз ҳеҷ кас аз ту як даҳан наменолид, Олим.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Як даҳан ош ҳаст, хӯрда меравед!

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 61. Аз як даҳан гап мондан

*Ниг.* Аз як гап мондан.

Хурд гуфтагӣ аз як даҳан гап мемонад охир...

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 62. Ба касе як дахон (даҳан) гуфтан

1. чизеро ба касе як бор гуфтан, дар бораи чизе як бор таъкид намудан, 2. дар бораи чизе касеро мухтасаран огоҳонидан.

1. Хайр як даҳан гуфта бинед. Набошад, охир кори бад мешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. — Албатта-куя! Лекин як даҳан гуфта мондам-дия... Мабодо, одамӣ-дия!

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

3. — Ҳикоятро ба радио медиҳеду ба ман як даҳан намегӯед ҳам.

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат».*

4. Нияти гурехтан доштед, чаро ба мо як даҳан нагуфтед?

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 63. Як дахон пурсидан

1. ҳамчун ифодаи эҳтиром дар бораи чизе фикри касеро гирифтан. 2. сарфи назар аз нодаркории маслиҳат барои эҳтиром бо касе маслиҳат кардан.

Ақаллан аз соҳиби ҳавлӣ як дахон намепурсӣ...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 64. Яки касеро ду гуфтан

*Ниг.* Гапи касеро ду кардан.

Ҳаминро фаҳмида гир: дар Ленинобод ҳанӯз касе ёфт нашудааст, ки яки маро ду гӯяд. Гапам-гап, гуфтаам-гуфта! Фаҳмост!

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 65. Яки касе ду нашудан

1. молу пули касе зиёд нашудан, 2. аҳволи зиндагии се хуб нагардидан.

1. Дар зарфи ин солҳо якаш ду нашуд, як пул ҳам ақибандоз карда натавонист ва ба орзӯи деринааш — ба хонадор шудан муваффақ нашуд.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

2. Чаро беку арбоб кор намекунанду он қадар ҳавлии калон, хонаҳои нақшин, молу ҳоли бисьёре доранд ва падари ӯ ки аз саҳар то шом ором нагирифта дар пеши кӯраи гармнафас меҳнат мекард, якаш ду намешавад.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 66. Як дунъё

хеле, бисьёр, аз ҳад зиёд.

1. Аз суруданҳои ӯ як дунъё лаззат мегирифт...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Хуллас, як дунъё гилаю таъна...

*К. Носиров, «Ҳазор чашм»*
*(«Маданияти Тоҷикистон»).*

### 67. Ба (бо) як забон

якдилона, муттафиқан.

1. Ҳама ба як забон (ғайр аз Қорӣ-Нуруллo) ҳикоя кардани он афсонаро аз он рафиқ талаб карданд...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

2. Онҳо ба ман ваъда доданд, ки кор хоб карда намемонад ва ҳама бо як забон фармуданд, ки ба курорт рафта табобат кунам.

*Ҷ. Икромӣ, «Қадри инсонӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 68. Бо як забон гап задан

дар як ақида будан, як хел будани фикри ҳама, як фикрро таъкид намудани ҳама.

— Ҳамаи шумо бо як забон гап мезанетон...

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 69. Дар як забон гуфтушунид кардан

мақсади касеро фаҳмида мувофиқи он гап задан, якдигарро нағз фаҳмидан, айни муддаои якдигарро гуфтан.

Забони халқро медонист ва бо ҳама дар як забон гуфтушунид карда метавонист.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 70. Як задани оҳангар, сад задани сӯзангар

*Ниг.* сад задани сӯзангару як задани оҳангар.

1. Зеро агар Нормурод барои камбағалон «ба ҷома меандозем» — гӯён панҷ қадоқ пахтаро ҷога карда бошад, Хуҷаназар «як вақт мефурӯшам» гуфта ҷувол-ҷувол пахтаро туздидагист. «Як задани оҳангар, сад задани сӯзангар» гуфтаанд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Инспектор сар шудани маъракаи ҷамъоварии металлпораро шунида, як рӯз он қадар фулузоти кӯҳнаро ба машинаҳо бор карда буд, ки супориши дар ин хусус гирифтаи мактаб дучанд зиёд иҷро шуда рафт. Дар ҳақиқат ҳам «як задани оҳангару сад задани сӯзангар».

*Ф. Муҳаммадиев, «Меҳри диёр» («Чароғи ирфон»).*

### 71. Як занбару ду ҳаммолбоб шудан

сахт шарманда, музтар шудан.

Рӯзибой дар умраш ин хел гапҳои сахтро нашунида буд. Ҳар як сухани котиби райком ба дили вай ҳамчун нештар мехалид. Ӯ як занбару ду ҳаммолбоб шуд...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 72. Як зина паст фуромадан

1. савлату дабдабаи худро кам кардан, 2. андак гузашт кардан.

Ин рафиқони ҳиккаашон доимо дар осмон, алифро таёқ гӯянд ҳам, ҳеҷ гоҳ як зина паст намефуроянд...

*«Хорпуштак».*

### 73. Дар як зум

дар андак муддат, дар як лаҳза, бо тезӣ.

Якта-нимта нуқсони будагиро худамон санҷида, дар як зум нест мекунем...

*«Хорпуштак».*

## 74. Як зӯр зада дидан

1. чизеро озмоиш, имтиҳон карда дидан, санҷидан, 2. барои иҷрои коре кӯшише кардан.

— Уҳ, кори мушкилро ба ман фармудед,— гуфт муаллима мақсади меҳмононро фаҳмида.— Хайр, як зӯр зада мебинам.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хоккӯрда».*

## 75. Як илоҷ кардан

*Ниг.* Ягон кор кардан.

— Як илоҷ карда пеши ин корро ҳам гирифтан даркор мешавад.

*Ш. Қиёмов, «Талоши бахт»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳо»).*

## 76 Як каллаю... андеша (хаёл)

1. одам фикру андешаҳои зиёде дорад, 2. ташвиши бисьёре, бо фикру хаёли зиёд.

1. Ман, ман чӣ гуфтан мехостам, як каллаю сад хаёл гуфтаанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Як каллаю чиҳил хаёл гуфтагӣ барин чӣ кор кардамро надониста саросема шуда мондам.

*С. Ғанӣ ва Ф. Ниёзӣ, «Ватандӯстон».*

3. Ҳамон шаб бо як каллаву ҳазор андеша дар ҳуҷраи Муҳаммадараб хобидам.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

## 77. Як каллаю ду гӯш, хона бар дӯш

одами танҳо одатан аз ташвиши хонаю ҷой, рӯзгордорӣ озод аст.

Хӯрандаю пӯшандаҳои бисьёрат набошад. «Як каллаю ду гӯш, хона бар дӯш».

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 78. Бо як карашма ду кор кардан

*Ниг.* Бо як тир ду нишонро задан.

Маълум шуд, ки айёри бало бо як карашма ду кор мекардааст: ҳам аз лагерь гурехтааст, ҳам аз ишқу муҳаббати часпаки он занаки нодон.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 79. Якро... карда гуфтан

чизеро аз будаш зиёд карда гуфтан, ба болои гапи гуфта шуда аз худ илова карда гуфтан, муҳобот карда гап задан.

— Ба фикрам, одамон ба шумо якро сад карда гуфтаанд, рафиқ Воҳидов.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 80. Як кас худашро аз бом партояд, ту ҳам мепартой-мӣ?

ба касе кӯр-кӯрона тақлид мекунӣ-мӣ?

1. — Чӣ тавр ҷавоб медонед?! Мӯйсафед сар бардошта буд.

— Як кас худашро аз бом партояд, мо ҳам партофтан мегирем-мӣ?

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. — Як кас аз бом худашро партояд, ту ҳам партофтан мегирӣ-мӣ?

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 81. Як китоб...

хеле бисьёр, хеле муфассал, дуру дароз.

1. Як китоб гап мезанад, лекин гапаш заррае намак надорад.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. Ана, депутат чӣ гуфтанӣ гап гуфта ман аз Қодирмӯйсафед пурсам, дирӯз ба ман як китоб сухан карда дод.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

## 82. Як корро ду кор кардан

кореро сарпеч, вайрон кардан, кори осонро душвор намудан.

— Ту намедонӣ, ки кори хомат чӣ қадар зараровар аст. Як корро ду кор мекунӣ.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 83. Як кор кардан

*Ниг.* Ягон кор кардан.

1. — Не, акнун,— Қамол ба таври қатъӣ пурсид,— ҳамин шаб як кор карда гирифта мебаред, амак.

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор».*

2. — Тақсир, як кор кунед, ки алояшро (гови алоро — М. Ф.) назр кунад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 84. Як кор кунем, ки...

чунон кори хубе кунем, ки..., коре нишон диҳем, ки...

Як кор кунем, ки ба чор кас маъқул шавад,— гуфтанд колхозчиён.

*Қ. Наимӣ, «Фикри оянда»*
*(«Овози ҷавонон»).*

## 85. Як кор накарда намемонад

1. ҳатман ба сари касе нохушие меорад, 2. ҳатман ҷазои касеро медиҳад.

Агар худо накарда сиррат фош мешуд, туро як кор накарда намемонд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 86. Як кор накунӣ, намешавад

илоче накунӣ бад мешавад, албатта бояд чорае бинӣ.

«Аминбобо, аз гушнагӣ мурдам, як кор накунед, намешавад».

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 87. Як кору ҳол кардан

*Ниг.* Ягон кору ҳолро сар кардан.

— То шумо мебинам мегӯед, вай вақту бе вақт маро ё шуморо як кору ҳол карда монад, чӣ кор мекунем.

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов, «Тӯҳмат».*

### 88. Як кору ҳол шудан

мусибате рӯй додан, ба сари касе омадани нохушие.

Ҳозир духтурро чеғ занед, ки як кору ҳол шуда монад, хуб намешавад.

### 89. Бо як коса об никоҳ карда додан

ба харҷи хеле каме духтареро ба шавҳар додан.

1. Набераи худ Сороро ба бойҳо, ки бо қалин ӯро харида гирифтан мехостанд, надода, бо як коса об ба Мурод никоҳ карда дод...

*С. Айнӣ, «Ятим».*

2. Духтари кенҷаи ба қад расидаи зебои худро «бо як коса об» ба ӯ никоҳ карда дода буд.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 90. Аз як кунда будан

аз ҷиҳати баромад як хел, ҳамранг будан, аз як реша ба амал омадан.

Аз афташ, бачаи одами дурустед. Гузаштагонатон одами бузургу пок будаанд. Ҳардуямон аз як кунда будем.

*«Маориф ва маданият».*

### 91. Як лаб нон

як бурда; камтар, каме.

1. Ту аз ҳамон нон як лаб хӯрӣ, дунё вайрон намешавад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. То ба кай ба рӯи як порча замини сиёҳ араки ҷабин резонда, бо ҳазор сахтию меҳнати сиёҳ як лаб нон ёфта хӯрем?

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

## 92. Бо як лой ду похса (задан)

*Ниг.* Бо як тир ду нишонро задан.

1. Пётр бо ин сухани худ бо як лой ду похса заданӣ буд. Ӯ аз як тараф мехост барои беадабии бачагона аз ҷониби Давлат бифаҳмонад, ки ин сафар, сафари оддӣ нест...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Ғайр аз ин дар шумораи 8 Октябри газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» пахтакорони колхози ба номи Ленин, райони Шаҳртуз мактуби кушоде чоп кунонда, гила карда буданд, ки ба назди онҳо артистон, рассомон ва нависандагон кам меоянд. Аз ҳамин сабаб сафари мо, бо ибораи халқӣ гӯем, «як лою ду похса» ҳисоб мешуд.

*А. Шукӯҳӣ, «Дар сарзамини тиллохези ман» («Тоҷикистони советӣ»).*

## 93. Як лой зиёд (-тар) будан

1. аз муқаррарӣ як дараҷа зиёд (-тар) будан, 2. анча бартарӣ доштан, як дараҷа хубтар будан.

1. — Аз вай ҳам як лой зиёдтар, ман гумон мекунам, дар ӯрдаи ҷаноби олӣ ҳам ингуна духтари зебо камтар ёфт мешудагист.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Асп аз хоҳиши ман як лой зиёд шуд...

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

## 94. Як лой зиёд кардан

чизеро аз тахмин, гумон, аз муқаррариаш як дараҷа зиёдтар, аълотар кардан.

На танҳо номҳои кӯтоҳи оддӣ, балки ному лақабҳои ду-се табақаро ҳам бо иловаи «мулло» як лой зиёдтар мекарданд.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

### 95. Як мавизро ду тақсим карда хӯрдан

1. ҳамаи чизи худро бо касе боҳам дидан, 2. дӯсти хеле наздик будан.

— О, аз байнамон қил намегузашт, як мавизро ду тақсим карда мехӯрдем.

*«Тоҷикистон».*

### 96. Як мавизро чил қаландар (кас) хӯрдааст

дар мавриди зиёд будани хӯранда ва кам будани хӯрданӣ гуфта мешавад: хӯрок кам бошад ҳам ба ҳама мерасад.

1. — Нон гиред, Сафар ака! — гуфт Ғуломҳайдар ба ӯ.

— Худат хӯрдан гир, ман шикамамро аз лӯбиёшӯрак сер мекунам.

— Гирифтан гиред-чӣ? «Як мавизро чил кас хӯрдааст» гуфтаанд, аз ду сар мову шумо оқсаққол барин бой намешавем...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. «Хайр, Полвон, шарик шавед, болои дида, як мавизро чил қаландар хӯрдааст» гуфта ҷавоб додам.

*Б. Азизӣ, «Кӣ полвон?»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 97. Ба як мард чил ҳунар кам аст

мард ҳар чӣ қадар ҳунар омӯзад, боз ҳам кам аст; ҳар як ҳунар дар мавриди худ ба кор меояд; бисьёр ҳунарҳоро донистан ба одам ҳеҷ зарар надорад.

1. Ҳарчанд ӯ чун наългар ном бароварда бошад ҳам, ба мақоли «ба як мард чил ҳунар кам аст» амал намуда, ҳам мисгару ҳам оҳангар, ҳам дегрезу ҳам кандакори бомаҳорате шуда буд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Ба як мард чил ҳунар кам аст мегӯянд. Бинобар ин дар ҷавонӣ ба кучоҳо нарафтам ва чӣ корҳое накардам.

*«Тоҷикистон».*

### 98. Ба як маслиҳат омадан

ба як қарор омадан.

Мо, оқсаққолбобо, ҳанӯз ба як маслиҳат наёмадем.

*Ҷ. Икромӣ, «Дохунда» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 99. Як маҳал

як замон, як вақт, пас аз якчанд вақт.

Як маҳал ба ҳуш омада, худро дар рӯи кати оҳанин, болои кӯрпаву ҷогаҳ дидам.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 100. Як мижа таҳ карда гирифтан

камтар хоб карда гирифтан, камтар хобидан.

Бисьёр набошад ҳам, як мижа таҳ карда гирем.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 101. Дар як мижа задан

дар андак вақт, дар як дам; дарҳол.

Суханони Рустамота, фикру хаёлҳои маро ба зодгоҳам — ба Ленинобод мебарад ва дар як мижа задан аз давраи бачагиам манзараҳои алоҳида парвоз намуда мегузаранд.

*А. Шукӯҳӣ, «Дар сарзамини тиллохези ман» («Тоҷикистони советӣ»).*

### 102. Аз як мурдан мондан

аз таҳлукаи марг наҷот ёфтан, хатари калонеро аз сар гузарондан, тасодуфан аз хатари марг раҳоӣ ёфтан, намурда мондан.

«Ҳар чӣ бошад, аз як мурдан мондаам» гӯён худ ба худ табассум намуд...

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 103. Як мушт

як миқдор, камтар.

Як мушт орди додаи шуморо ман оварда медиҳам, ин қадар таъна накунед!

### 104. Як навъ

1. базӯр, 2. камтар.

Шикамии худро як навъ сер карда буданд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

### 105. Як навъ кардан

илоҷе кардан, ҷорае дидан.

1. Ака гӯед, ука гӯед, як навъ карда кори худатонро пеш бурдан гиред...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Як навъе карда ба Лутфия дарди диламро, қиссаи ишқамро баён кардам.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 106. Як навъ рӯз дида гаштан

ба таъминоти хеле каме зиндагӣ кардан, дахлу харҷи худро базӯр нӯг ба нӯг расондан.

Ҳоло Гулнор дар ҳавлии ҳамон мардак бо кӯдаки шашмоҳааш дар артель кор карда, як навъе рӯз дида гаштааст.

*М. Рустамова, «Зайнаб»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 107. Як намакхӯрда чил сол андеша дорад

нисбат ба касе ки хӯрдаашро поси хотир намекунад, гуфта мешавад: обу намаки касеро хӯрдед, носипосӣ накунед.

— Он аблаҳи қадрношинос шумоед, ки гули дастархони Абдунабиро чида, боз додари ӯро бадном кардаед! «Як намакхӯрда чил сол андеша дорад» мегӯянд...

*«Маориф ва маданият».*

### 108. Бо як нӯл задан

1. касеро дар мусобиқае ба осонӣ мағлуб намудан, 2. аз касе дар чизе пурҳунартар, тавонотар, моҳиртар будан.

1. Аз Самарқанд Соқимумсик ном як бой баромадааст, ки дар хасисӣ шуморо бо як пӯл мезанад.

*«Латифаҳои тоҷикӣ».*

2. — Агар кӯкнорӣ мешудед, ҳама кӯкнориҳоро бо як пӯл мезадед, Салимбой! — Тешабоев масхараомез писханд зад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

## 109. Як об гиристан

як дам гиристан.

Надежда Павловна аввал ба ҳоли духтар як об гирист...

*Ҷ. Икромӣ, «Равои озори туро надоштам» («Шарқи сурх»).*

## 110. Бо як овоз

якдилона, аҳлона.

1. Маҷлис ин тадбирро бо як овоз қабул карда ба корҳои амалӣ даромад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Совети илмии олимон бо як овоз барои ба Ҳабиба додани унвони «номзади илми таърих» карор кабул кард.

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

## 111. Як олам

*Ниг.* Як дуньё.

Вай ҳоло ҷавони бисту ду-бисту сесолаи як олам корро саришта мекардагӣ бояд шуда бошад...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

## 112. Як пари коҳро аз назар нагурезондан

чизҳои майдатаринро ҳам аз назар дур накардан.

Чингиз вақте ки ба ҷаҳонгирӣ баромад, ҳар шаҳру районро, ки аз пешаш бարояд, тамоман тороҷ мекард, дар тороҷ ҳатто як пари коҳро ҳам аз назар намегурезонид.

*С. Айнӣ, «Чингизи асри XX» («Барои Ватан»).*

### 113. Як пои гӯсола шудан

дастьёр шудан, мададгор шудан, аъзои оила шудан.

Акнун мебояд, ки ту ҳам як пои гӯсола шуда, ба модарат ёрӣ диҳӣ...

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

### 114. Як пои касе дар ҷое будан

1. ба ҷое тез-тез рафтуо кардан, 2. як қисми вақти худро дар ҷое гузаронидан.

Ҳама медонад, ки як пои Зӯҳро шабу рӯз дар хонаи Шумо!

*Ф. Муҳаммадиев, «Савдои умр»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 115. Як по дар гӯр

пир шуда мондан, наздик шудани охири умри касе.

1. Одамҳо ака, ука, зану фарзанд доранд, манаки як по дар гӯр ғайр аз ту кӣ дорам?..

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», к. I.*

2. Охир вайро мӯйсафед ва як пояш дар гӯр мегӯянд-ку.

*М. Миршакар, «Тошбек ва Гулқурбон»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 116. Як по дар ин ҷою як по дар он ҷо

дар ду ҷо будан; пайваста ба ду ҷо рафтуо кардан.

Александров чизу чораҳои ба пул арзандаашро аз кон ба ҳавлии дар Исфара будааш кашонда, як по ин ҷою як по дар он ҷо, на шабҳо хоб дошт ва рӯзҳо ором.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 117. Ба як пой истодан

дар коре истодагарӣ кардан, исрор намудан.

Намеравам гуфта, ба як пой истодааст.

### 118. Як пул

бефоида, фоида надорад.

Ба он кас ҳазор гап занед ҳам, як пул!

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор».*

### 119. Як пул кардан (касе, чизеро)

бе қадру беқимат кардан, ҳеҷ кардан.

Лекин шумо ҳамин қадар кардагию накардагии ӯро як пул кардед.

*Р. Ҳайдаров, «Хати беимзо» («Шарқи сурх»).*

### 120. Ба як пул нагирифтан

чизеро ҳеҷ шумурдан; ба чизе ҳеҷ аҳамият надодан.

Ҳазор гапро ба як пул намегирад.

*«Занони Тоҷикистон».*

### 121. Як пул таги сад ман хок

ба даст даровардани пул кори хеле мушкил аст, пул бо мушкилӣ, бо заҳмати зиёде ба даст даровarда мешавад.

Барои камбағалон ва ҳамаи онҳое, ки аз пушти меҳнати ҳалоли худ рӯз мегузаронданд, «Як пул таги сад ман хок» буд.

*А. Деҳотӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 122. Ба як пуф маътал будан

ба ишорае мунтазир будан; омодаю тайёр будан.

Мардум ҳам аз ҷонаш сер шудагӣ, вай ба як пуф маътал аст, як ба кор андохта монед, шудааст.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 123. Як рӯз бошу хурӯс бош

агар умрат як рӯз ҳам бошад, мард бош; дар коре ҳар қадар хатар бошад ҳам, аз он рӯ матоб.

1. «Чигуна оимҳоро ту мафтун накардӣ, ҳоло ин-ку?! — Як рӯз бошу хурӯс бош!»

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. — Ин чӣ, ту ҳам зан-мӣ? Гире, боз қаҳрамонӣ будааст, гир, ин хел мокиёнмизоҷ нашав, хурӯс бош, хурӯс. Як рӯз бошу хурӯс бош, бародар.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

## 124. Як рӯз не, як рӯз

ягон вақт; вақте меояд, ки...

1. Як рӯз не, як рӯз ба ин ҷо ҳам дастони бузурги одамони замони мо мерасанд, каналҳо мекушоянд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Парво накунед, як рӯз не, як рӯз қусури инро мебарорем.

*«Хорпуштак».*

## 125. Як рӯзамо(н) бошад, дар ҳама ҷо мегузарад

ризқу рӯзӣ дар ҳама ҷо ёфт мешавад, дар ҳама ҷо як навъ умр ба сар бурдан мумкин аст.

— Аз ин ҷо равем, як рӯзамо бошад, дар ҳама ҷо мегузарад.

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

## 126. Ба як рӯй пухтан

бо ҳамдигар дӯстона, бе ҷангу ҷанҷол умр ба сар бурдан; ҳамдигарро дӯст доштан, якдила шудан.

Бача, ки нашуд, байни зану шӯ, нигоҳашон ҳазор гарм афтода бошад ҳам, раво-раво хунукӣ пайдо мешавад. Беҳуда намегӯянд, ки «бача мехи қайчӣ, вай набошад зану шӯ ночаспон». Бинобар ин мегӯям, ки ба як рӯй пухтану пир шудани ҳар дуи шумо гумон.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

## 127. Якро сад карда ба касе расондан

*Ниг.* Якро... карда гуфтан.

Вай, чун шахси боэътимоди раис ҳар чи ки мешунавид, якро сад карда, зуд ба акои Олим мерасонду гӯё ба ҳамин ӯро аз «хатар» меогоҳонид.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

## 128. Аз як сар

1. ба навбат, паи ҳам, 2. саросар, аз сар то охир, мукаммал, ботафсил.

1. Ходимони бухгалтерия аз як сар маро ба хонаашон таклиф карданд...

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

2. Сабр кун, худам аз як сар нақл мекунам.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

3. Имрӯз худатон сохтмонро аз як сар давр занед...

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 129. Як сару ду гӯш (дӯш)

одами бе зану бача, бекасу танҳо, муҷаррад.

1. Одами озод, як сару ду гӯш. Ба куҷо ки равад, як даҳон нонашро ёфта хӯрдан мегирад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Ҷавон як сару ду дӯш! Хонадомод мешавад, албатта.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

3. Аз занаш ҷудо шуда, ба ин шаҳр як сару ду дӯш омадани рафиқ Холназаров ба улфатҳо дар сӯҳбати се моҳ пеш шуда гузашта маълум бошад ҳам...

*А. Деҳотӣ, «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб».*

### 130. Як сари мӯй

хеле кам, андаке, заррае.

Асиронро задандӣ бар сару рӯй,
Набуд раҳме ба онҳо як сари мӯй.

*Л. Обидхӯҷаев, «Асарҳои мунтахаб».*

### 131. Як сару... хаёл

*Ниг.* Як каллаю... андеша.

— Ҳе, як сару сад хаёл гуфтагӣ барин, ҳозир ба сар хоридан даст намерасад.

*«Хорпуштак».*

## 132. Як сару як тан будан

*Ниг.* Як сару ду гӯш.

Пештар, ки ту як сару як тан будӣ «ба ин пулу чиз чӣ даркор аст» гуфта ба ту ёрмандии дурусте намекардам.

*С. Айнӣ, «Ятим».*

## 133. Як сари қадам

1. андак вақт, ба андак фурсате, 2. дар сари роҳ.

1. — Қори ман ин аст, ки шумо як сари қадам ба деҳаи Розмози тумани Вобканд рафта меоед.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. — Пагоҳии барвақт як сари қадам омада, боз ҳам роҳии намояндаи райком баромада рафта буданд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

3. Агар бовар накунед, марҳамат, як сари қадам рафта бинед, сонӣ мефаҳмед, ки гапу кор чӣ будааст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

4. Чанд рӯз боз аз серкорӣ дастам намерасад, ки як сари қадам аз дарича гузашта бинам.

*«Тоҷикистон».*

## 134. Як себу ду тақсим (пора)

хеле ба якдигар монанд, айнан, якхел.

1. Дар ҳақиқат вай мисли як себу ду тақсим ба Серёжа — ба шавҳари марҳуми ман монанд аст.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Аниқ, аниқ бо ҳамон кас як себу ду пора...

*«Газетаи муаллимон».*

## 135. Як сухан... паҳлӯ дорад

ҳар сухане маъноҳои зиёде дорад, бинобар ин андеша карда гап задан даркор аст, ки каҷфаҳмӣ рӯй надиҳад.

Ӯ марди ниҳоят камгап буда, сухан кунад ҳам, ҳар як калимаро гӯё аз чоҳи бетаг мекашида бошад, оҳиста ва бо мулоҳиза ба забон меоварл. Аз афти кор, ин одам аз тоифаи он гуна касон буд, ки мақоли «Як сухан шасту чор паҳлӯ дорад»-ро дастури одоб қарор додааст.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 136. Як тан шудан

муттаҳид, иттифоқ шудан.

Як тан шуда доим ба сафи пеш биҷангем,
Баҳри зафари мамлакати хеш биҷангем.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 137. Як тану як ҷон

муттаҳид, муттафиқ, аҳлона.

Зи баски халқи шуҷои советӣ меҳнат кард,
Ба сохтмони коммунистӣ як тану як ҷон...

*Л. Обидхӯҷаев, «Асарҳои мунтахаб».*

### 138. Бо касе як тану як ҷон будан

1. ниҳоят аҳл, муттаҳид будан, 2. як мақсад доштан.

1. — Мо бо русҳо як тану як ҷонем,— ҷавоб дод Сафар.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Охир одамони диёри мо дар ҳар ҷо, ки бошанд, ҳама як тану як ҷонанд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 139. Як тану ҷон шудан

1. муттаҳид, иттифоқ, якдил гардидан, 2. дӯсти қарин шудан.

Бар зидди адӯ як тану як ҷон шуда, оре —
Қас ҳеҷ зи ҳам дур надида тану ҷонро.

*С. Айнӣ, «Ашъори мунтахаб»*

### 140. Як тарафи чизе ба касе расидан

1. дахлдор будани сухане ё коре ба касе, 2. боиси ранҷу дилозурдагии касе шудани сухане, ё коре.

Гардам, як кас ба шумо хандад, як тарафаш ба ман ҳам мерасад-дия.

*Р. Файзӣ, «Модаршӯ» («Шарқи сурх»).*

### 141. Як тарафи дили касе ғаш кардан

нооroм, парешон будани касе.

Аммо бо вуҷуди ин як тарафи дили дӯстам ғаш мекард.

*П. Толис, «Рустам ба район меравад» («Шарқи сурх»).*

### 142. Як тарафи кори касе кӯс будан

номукаммал, нотамом, ноқис будани коре, чизе.

Ҳамеша як тарафи кори шумо кӯс-дия.

### 143. Аз як тағора мағзоба сохта шудан

одами аз аввал бемаънӣ, бефаросат будан.

— Ҳа, вайро аз як тағора мағзоба сохтаанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор».*

### 144. Бо як тир ду (се нишонро) шикорро задан

як корро оқилона иҷро карда, аз коре якбора ду натиҷа, дучанд фоида ба даст даровардан.

1. Зеро ӯ ният дошт, ки ба маркази район рафта, бо як тир ду нишонро хоҳад зад. Аввало, дар маҷлиси пахтакорон иштирок карда, бисьёр чизро мефаҳмад, таҷрибаи пешқадамонро меомӯзад, аз тарафи дигар, ба комитети районии комсомол рафта, ҷавоби масъалаҳои сарпеч ва ҳалнашудаашро ёфта мегирад.

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

2. Агар ин корро карда тавонӣ, мо бо як тир ду шикорро задагӣ мешавем...

— Яке он, ки ба колхоз зарар мерасад; дуйӯм он ки кори Ҳасан вайрон шуда, ӯ ба зараркунандагӣ, ҳеҷ набсшад, ба нодонӣ ном баровварда бадном мешавад,— гуфт дар ҷавоб Қутбия...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

3. Мегуфт, ки дар сояи ин ҷанг буржуазияи рус бо як тир се нишонро заданист: ӯ мехоҳад аз вазъияти ниммустамликавӣ халос хӯрад, бозорҳои нави ҷаҳонро ба даст оварда ва дар айни ҳол, беҳтарин фарзандони халқро сангдилона маҳв карда, ҳаракати революциониро хомӯш гардонад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**145. Як тор мӯи касеро кам карда натавонистан**

ба касе ҳеҷ осебе расонида натавонистан.

— Ҳаргиз натарсед. Ҳеҷ кас як тори мӯи шуморо кам карда наметавонад.

*«Хорпуштак».*

**146. Як тори мӯи касе кам шавад**

осебе бинад; гирифтори нохушӣ, мусибате гардад.

1. — Бале, ман онҳоро ҳимоя мекунам. Ман барои онҳо ҷони худамро ҳам дареғ намедорам. Намегузорам, ки як тори мӯи онҳо кам шавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Дохунда» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

2. Аммо суди халқӣ дидаву дониста нахост, ки як тори мӯи онҳо кам шавад.

*«Хорпуштак».*

**147. Ба як тор мӯи касе наарзидан**

нисбат ба касе, дар пеши касе ё чизе ҳеҷ қадру қимат надоштани касе, чизе.

Лекин, духтарам, лаълию дастурхони ман овардагӣ ба як тори мӯи ту наарзад ҳам, расму одат гуфта гирифта овардам.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 148. Як тухму як палак будан

1. бо касе хешу табор будан, 2. як хел, якранг будан.

— Маълум, ки шумо ҳам бо Зайнаб як тухму як палак ҳастед.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 149. Як умри дароз

тамоми умр.

Гӯё ки маро як умри дароз надида бошад.

*П. Толис, «Тобистон».*

### 150. Ба як фикр омадан

ба як қарор омадан, маслиҳатро ба ҷое мондан.

Дар ин хусус ба як фикр омадан лозим.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 151. Яки худро ду кардан

пулу моли худро зиёд намудан, давлати худро афзун кардан.

Эргаш кӯшиш мекард ба ҳар роҳе ки бошад, якашро ду кунад.

### 152. Дар як чашм задан

*Ниг.* Дар як мижа задан.

Аз паси автомобили мо як мотоциклсавор бо суръати аз ҳад зиёд омаду дар як чашм задан ба хамгашти роҳ гузашта, аз назар ғоиб шуд.

*«Маориф ва маданият».*

### 153. Ба (бо) як чашм нигоҳ кардан (дидан)

бо ҳама як хел рафтор кардан, байни одамон фарқ нагузоштан.

1. Бадбинии Азиз ба як қозикалон махсус набуда, ӯ ба ҳамаи қозикалонон ва уламои амалдор ба як чашм нигоҳ мекард.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

2. Вай ба ҳамаи мо бо як чашм нигоҳ мекард ва меҳрубон буд ва ҳол он ки мо ҳамаги, ғайр аз духтарчаи худаш Ҳалима, ба вай бегона будем.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

3. Модар тамоми фарзандони худро бо як чашм мебинад ва ҳамаи онҳоро як хел навозиш мекунад, тарбия менамояд, ба воя мерасонад.

*Ф. Ансорӣ, «Мебахшед, модар» («Тоҷикистони советӣ»).*

4. Чӣ, охир ҳамаро ба як чашм бинад-дия!

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

## 154. Дар як чашм пӯшида кушодан

*Ниг.* Дар як мижа задан.

Ин ҳол бисьёр дароз накашид; тоҷикони фидоӣ гузаргоҳи муносибе ёфта бо рафиқонашон худро дар об заданд ва дар як чашм пӯшида кушодан аз оташи душман дуртар рафтанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 155. Як чиз-ним чиз

андак чиз, ягон чиз; баъзе чизҳо.

1. Ҳар моҳ як чиз-ним чизи ба пул меарзидагӣ харида, ба хонаи ман оварда монед.

*Р. Ҳайдаров, «Дуздро қароқчӣ зад» («Тоҷикистони советӣ»).*

2.— Хайр, умуман шумо ба тӯй тайёр-мӣ?
— Ҳа, ба қадри имкон орзую ҳавас гуфта як чиз-ним чиз гирифта мондагӣ

*«Занони Тоҷикистон».*

## 156. Ба касе як чиз шудан

1. ба касе ягон ҳодисаи нохуше рӯй додан, 2. ба сабабе дигар шудани аҳволу рафтори касе.

— Магар ба ту як чиз шудааст? Ман туро ба сари хирман рав мегӯям, ту ба тарафи ҳавлии дарун меравӣ...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 157. Як шаби озод

тамоми шаб.

Як шаби озод ман мижа ба мижа назадаам.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 158. Як шингил

камтар, андак.

1. Ҳар вақт фурсат ёбам ба пеши ӯ омада, як шингил хонда вақти ӯро хуш мекунам.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

2. Ба шумо аз ҳаёти ин манзил
Менамоям ҳикоя як шингил.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

3. Аз саргузашти ӯ як шингил нақл мекунем...

*«Хорпуштак».*

### 159. Як шуда гузаштан

дар гузашта аз тарафи касе як бор содир шудани коре.

— Дар ҷавонӣ як шуда гузашт, рафиқ Сабуров, дигар акнун ин хизмати дусолаи армия чашмамро нағзакак кушода монд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 160. Қасе бо касе як шудан

1. муттаҳид, иттифоқ шудан, 2. зану шавҳар шудан.

1. Инҳо бо большевикҳо як шуда ба ҷаноби олӣ тег кашидаанд...

*С. Айнӣ, «Дохунда»*

2. Акнун кай ману ту як мешавем.

*С. Улуғзода, «Шодмон».*

### 161. Як-як

*Ниг.* як ба як.

1. Ба моён саргузаштатро баён кун,
Ҳама асрорро як-як аён кун.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

2. Сардори звенои кирмакпарварӣ Ҷӯрабой Турсунов аз рӯи одат имшаб ҳам тамоми хонаҳои кирмакдоронро як-як аз назар гузаронида...

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Ба ду муллои дасторкалони дигар, ки ба ду паҳлӯям нишаста буданд, як-як назар андохт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 162. Яку якбора

1. дар як бор, 2. баногоҳ, нохост.

Ҳамаашро яку якбора намеорад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 163. Як қабат пӯст партофтан

1. азоби рӯҳии сахт кашида, лоғару хаста шудан, 2. шарманда шудан, 3. хиҷолат кашидан.

Он қадар таънаю маломат шунидем, ки ба як қабат пӯст напартофтанамон «боракалло» гуфтан гир.

*П. Толис, «Баҳори колхозӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 164. Як қади одам боло истодан

нисбат ба касе хеле афзалият, бартарӣ доштани касе.

То ба худи ҳамин шаб вай боварӣ дошт, ки аз ин мардумони оддии қишлоқӣ як қади одам боло меистад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 165. Як қад паридан

аз ҳодисаи ногаҳоние сахт тарсидан.

1. Деҳқон як қад парида сарашро пас кашид ва аз саисхо пурсид:
— Ин кист?

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Кампир дари хонаро кушода ба хона даромаду шавҳарашро дар кодоки пешгоҳ дида нохост як қад парид.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

3. Ба ногоҳ касе китфи ӯро дошт ва Шамсӣ як қад парид.

*«Пионер».*

### 166. Касеро як қад парондан

касеро нохост тарсондан.

Дасте, ки ба китфи ӯ гузошта шуд, ӯро як қад паронд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 167. Як қадам берун нарафтан

сухан, нишондод, таълими касеро мукаммал иҷро кардан, аз таълими касе сар берун наовардан.

1. Мо ҳам аз гуфтаи вай як қадам берун нарафтем.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Вай аз хатти кашидаатон як қадам берун намеравад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 168. Як қадам роҳ (будан)

наздик будан, дур набудани масофае.

1. Пиёз даркор шавад, мана Қӯрғонтеппа, як қадам роҳ...

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

2. Аз худписандӣ то беақлӣ ва аз беақлӣ то хиёнат як қадам роҳ аст.

*Ф. Мухаммадиев, «Дар роҳи нав»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 169. Як қатра об косаро лабрез мекунад

*Ниг.* Ба як пуф маътал будан.

Як қатраи об косаро лабрез мекунад. Ҳамин қатра марги Абдулмаҷид буд, ки халқи Ҳисорро ба шӯриш бардоштан водор кард.

*Ҳ. Назаров, «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона».*

### 170. Як қулт обро бе касе нахӯрдан

1. ҳама хӯроки худро бо касе ба ҳам дидан, 2. бо касе дӯсти қарин будан.

Сироҷ Махдум дар зиндагиаш раиси комитети маҳалла Неъмат Қонторро дӯсти наздик ва беғарази худ шуморида, як қулт обро бе вай намехӯрд.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

### 171. Қасеро бо як қулт об фурӯ бурдан

ниҳоят зебо, дилкаш, латифу нозук будани касе.

Ҳоҷӣ-Неъмат баришнаҳои нозукро, ки бо як қулт об фурӯ бурданиашон мумкин буд, ба амир ёфта дод...

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 172. Барои як ҳикоят... шикоят

1. аз сухане ранҷида гилаи зиёд кардан, 2. дар ҷавоби як гапи касе гапи зиёде задан, 3. барои изҳори мақсад муқаддимаи дароз кардан.

— Ту ин қадар сухан гуфтиву дур суфтӣ, лекин ҳанӯз ба ман нафаҳмондӣ, ки сабаб чист? Бе чиз нагуфтаанд, ки «барои як ҳикоят даҳ шикоят».

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 173. Ба як ҳисоб

1. аз як ҷиҳат, 2. то андозае.

1.— Ана навишта шудам. Ба як ҳисоб мо ҳам мухбирем.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2.— Ҳеҷ гап не, акнун ба як ҳисоб шумо дуруст.

*Қ. Наимӣ, «Рӯзи равшан».*

3.— Ба як ҳисоб гапаш маъқул.

*М. Узоқов, «Лӯлиён»*
*(«Истеъдодҳои ҷавон»).*

### 174. Як ҷаҳон

*Иг.* Як дунё.

Як ҷаҳон асрор дорад кӯҳсор,
Ҷашмаи бисёр дорад кӯҳсор.

*Ғ. Мирзо, «Тоҷи давлат».*

### 175. Як чирим хоб кардан

камтар ғунудан, андаке ба ғанаб рафтан.

— Ҳамин шаб як чирим хоб накардем.

*М. Зокиров, «Шодиёна» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 176. Аз як ҷо баромадан

якранг будан, айнан, якхела будан.

Ба қарибӣ бо он кас суҳбат доштам, фикру мулоҳизаҳои ҳардуямон аз як ҷо баромад.

### 177. Дар як ҷо истода мондан

пеш нарафтан, савияи худро баланд набардоштан.

Маълум, ки ту ҳаракат накарда, дар як ҷо истода мондӣ.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

### 178. Ба як ҷо расидан

1. дер шудани вақт, гузаштани вақт, 2. куҳансол гардидан; расидани вақти марг.

1. Ба замми ин вақт ҳам ба як ҷо расида буд.

*Ф. Ниёзӣ, «Ҳиссае аз қиссаи ҷанг» («Шарқи сурх»).*

2. Майлаш, парво накун, сари шумо ҷавонҳо саломат бошад.

Мӯсафед ба як чо расида мондагӣ буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 179. Ба як ҷо ғалтидан

тасодуфан дар як ҷо воқеъ шуда мондан.

Дар ҷанги наздикии Курск ҳар дуяшон захмдор шуда ба як госпиталь ғалтиданд.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 180. Як ҷомаи касе ду ҷома нашудан

*Ниг.* Яктаи касе дута нашудан.

Ҳар чи қадар ҳунар ва санъат нишон диҳад ҳам, як ҷомааш ду ҷома нашудааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 181. Як ҷону ду бадан будан

*Ниг.* Бо касе як тану як ҷон будан

Ҷалолӣ ва Шаҳло калонтар шуданд ва ба якдигар чунон улфат гирифтанд, ки гӯё як ҷону ду бадан буданд.

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидон» («Шарқи сурх»).*

### 182. Як ҷону як тан шудан

*Ниг.* Як тану як ҷон шудан.

Агар мо, рафиқон, як ҷону як тан шавем, босмачиёнро бо ёрмандии қаҳрамонони сурх ба зудӣ нест мекунем.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

### 183. Як ҷони коқ мондан

яккаву танҳо мондан; фақат бо ғами худ мондан.

— Акнун як ҷони қоқамон мондаасту халос!

*Ҷ. Икромӣ, «Дохунда («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 184. Як ҷувол харбуза дута партав дорад

як миқдор моле ки дар сари савдо бепул ба харидор дода мешавад; дар вақти фурӯхтани моли зиёде боқимондаи ночизашро бояд ба харидор гузашт кард.

— Дигар ин ки ту бисьёр беморони хушпулро ба пеши ман овардӣ, дар қатори онҳо як бепулро гузаронем, чӣ зарар дорад. Дар урфи шумо «як ҷувол харбуза дута партав дорад» мегӯянд. Ин фақир ҳам дар қатори беморони пулдор партав шавад,— гуфта ханда кард.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб»*

ЯКАТ

### 185. Якат сад шавад

дуои хайр, ки барои ба фаровонӣ расидани касе гуфта мешавад.

Хок гирӣ зар гардад, якат сад шавад, садат ҳазор!

*П. Толис, «Тобистон».*

ЯКДИГАР

### 186. Ба якдигар тараф гаштан

ба якдигар муқобил шудан, ба муқобили ҳамдигар кор кардан.

Дар сайр гӯштигирӣ сар шуд, одамони ҷамъшуда ба ду тақсим шуда, ба якдигар тараф гашта, маърака гирифтанд.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

ЯКДИЛ

### 187. Якдилу якзабон шудан

1. дар як ваъда, қарор, мақсад ҳамфикр шудан, 2. аҳл, иттифоқ гардидан.

Дар он вақтҳо малик Шамсиддин дар он ҷо ҳоким буд. Аҳолӣ дар зери фармондиҳии ӯ якдилу якзабон шуда ба мудофиаи ватан кӯшиданд...

*С. Айнӣ, «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик».*

### 188. Якдилу якҷон будан

иттифоқ, муттаҳид будан; дӯсти қарин будан.

Халқи советӣ ҳама
Якдилу якҷон бувад,
Дохили як хонадон
Мисли як инсон бувад.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

ЯКДИЛА

### 189. Якдила будан

дар як қарор истодан, як мақсад доштан, муттафиқ будан.

Лекин дар ин кор якдила набуданд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ЯКЕ**

### 190. Яке аз боғу дигаре аз роғ

*Ниг.* Гоҳ аз роғу гоҳ аз боғ.

1. Дар солҳои 1930—1932 дар матбуоти мо баъзе шоирони беҳунар баромада, ба шеърҳои бевазну қофияи яке аз боғ ва дигаре аз роғи худ номи футуристӣ мемонданд.

*Р. Ҳошим, «Ёдат ба хайр, Пайрав»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Шунавандагон ба миёнаи маърӯза лағад зада, «яке аз боғу дигаре аз роғ» ҳаргуна саволҳо медиҳанд...
*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

### 191. Яке ба (бар) ҳазор розӣ

*Ниг.* Як ба сад розӣ.

1. Ин тавр бошад, ман яке ба ҳазор розӣ...

*«Тоҷикистон».*

2. Мо, яъне ману вай яке бар ҳазор розием, ки саркардаамон аз номи ҳамаи мо гап занад...

*«Хорпуштак».*

3. — Ман аз ту яке ба ҳазор розиям.

*С. Ғанӣ, «Арвоҳ»*
*(«Тоҷикистони советӣ»).*

**ЯКЗАБОНА**

### 192. Якзабон шудан

1. ба як қарор омадан; ҳамфикр гардидан, 2. муттаҳид шудан.

1. Боён ҳамагӣ якзабон шуда арбобро пеш андохта пеши ҳоким ва қозӣ рафта хонаи фақирро месӯзанд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Ҳамаи шумо якзабон шуда мехоҳед ҳаққи ҷанοби олиро бихӯред.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ЯККАДАСТ**

### 193. Яккадаст шудан

дасттанҳо шудан, якка шуда мондан, бе ёрдамчӣ ва бе дастиёр гардидан.

Бечора модараш ҳам яккадаст шуда монд, вай ҳам келин фуроварда ба муроди дилаш расад ва як фарзандаш ду фарзанд шавад.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ЯККАДАСТӢ**

### 194. Яккадастӣ кашидан

бедастиёр, беёрдамчӣ мондан.

Ҳамин қадар яккадастӣ кашида азобу машаққат диданамон бас не-мӣ?

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ЯККАЧИН**

### 195. Яккачин кардан

чизеро интихоб карда гирифтан.

Бисьёрии ниҳолҳоро аз ҳамон ҷо худаш яккачин карда овардааст...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ЯКПОЯ**

### 196. Якпоя истода хизмат кардан

1. дам нагирифта, беист кор кардан, 2. аз сидқи дил хизмат кардан.

Худо хоҳад писарам, ба тӯю сури хардуятон худам якпоя истода хизмат мекунам.

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ЯКПУЛА**

### 197. Якпула гап

гапи намеарзидагӣ, беаҳамият.

Дар ин ҷо агар касе барои якпула гап касеро кушта ба чоҳи зиндон андозад, ҳеҷ кас лаб во карда наметавонад....

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 198. Якпула гап нею садпула ғавғо (моҷаро)

ба чизи беаҳамияте ғавғои калон кардан, ҷанҷол хезондан, ҷангу ғавғои беасос.

1. Ман ҳам ба ин воҳимаи беҳуда, ба ин «якпула гап нею садпула ғавғо» ҳамроҳ шавам?

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2.— Сар деҳ-э, писари беақли ман. Ба ҳамин ҳам ин қадар дӯғу валвала-мӣ? Хез, духтарам, гирья накун. Акоят нафаҳмида беақлӣ кардааст. «Якпула гап нею садпула ғавғо».

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»).*

3.— Боз чӣ гап шуд, раис?..

— Напурсед, якпула гап нею садпула моҷаро. Коре карда аз пагоҳ намонда шикастурехти мактабро сар кунед...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. III.*

**ЯКСОН**

### 199. Яксон шудан

несту нобуд шудан; сарнагун гардидан.

Тахту тоҷи амир яксон шуд,
Тоҷикистон дигар гулистон шуд.

*П. Сулаймонӣ, «Маҷмуаи шеърҳо».*

**ЯКТА**

### 200. Якта аз боғу якта аз роғ

*Ниг.* Гоҳ аз роғу гоҳ аз боғ.

Акбар боз ҳам «Якта аз боғу якта аз роғ» суханҳои беробитаашро давом дод...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 201. Якта (-то) гап дута шудан

1. ба гапи касе розӣ нашудан, мувофиқи гуфти касе амал накардан, 2. сухани касеро гардондан.

— Эй, ин кори беки мо фақат «овезу куш»,— мегуфт шахси чорум ҳам ба гап ҳамроҳ шуда, якто гап дуто

шуд-мӣ, тамом, шартӣ карда мепарронаду нигоҳ карда мешинад.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

## 202. Якта (-то)-и касе дута (-о) нашудан

беҳтар нашудани аҳволи зиндагонии касе, наафзудани пулу моли касе.

1.— Як умр нимчабаққол шуда аз дунйё гузаштанду яктаашон ҳаргиз дута нашуд.

*А. Деҳотӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. Ба ин камбағалӣ кай яктои мо дуто хоҳад шуд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

## 203. Якта кор кардан

кори хуб кардан, кори шоистаи таҳсин кардан.

— Қанӣ вай? — пурсид Малика.

— Дар сандуқ,— Норбибӣ аз ҷояш хест,— биёрам мебинӣ?

— Ҳа, ҳа, албатта мебинад,— ба ҷои Малик Маҳбуба ҷавоб дод,— ана ба ту ҳам кор ёфт шуд Абдуллоҷон,— ӯ ба Малик нигоҳ карда табассум намуд,— радиоро таъмир мекунӣ.

— Якта кор мекунӣ-да, додар...

*Р. Ҷалил, «Таъсир» («Шарқи сурх»).*

## 204. Якта-нимта

1. баъзе, 2. якчанд, як миқдор.

1. «Заҳри одамро одам мегирад» мегӯянд, шояд якта-нимта ёру дӯстро дида, ғубори дилатон бароянд.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

2. Онҳо якта-нимта алафҳои бегонаи баъди культивация дар бехи ниҳолҳо боқимондаро канда мепартоянд...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 205. Якта (-то) нони касе дута(-о) нашудан

*Ниг.* Яктаи касе дута нашудан.

1. Онҳо ҳам меҳнат мекарданд — аз моён зиёдтар, ки камтар не. Лекин якта нонашон дута нашуда буд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2.— Бо нону намаки колхозчиён шарик шудан, ба фикрам аз рӯи одоб нест,— гуфт Ёдгоров.

— Аз омадани шумоён якто нонамон дуто мешавад, ки кам намешавад...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 206. Якта нони касеро як бурда карда додан

музди касеро кам додан, аз ҳаққи касе буридан.

Аммо афсӯс, ки ҳамаи пахтаҷаллобон, ки хӯҷаинони пахтакашон ҳисоб меёбанд, дузд ва фиребгаранд. Ба дуздии дар баркаш, якта нони пахтакашро як бурда карда медиҳанд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

### 207. Якта-якта гуфта додан

мукаммал, муфассал, як ба як баён кардан.

Ҷанҷоли шабшударо якта-якта ба падарам гуфта додам.

### 208. Якта рӯидан

дар оқилӣ, гапдонӣ мислу монанд надоштан.

— Ӯ, Зебихон-е, аз модар якта рӯида будед-дия!

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

## ЯКТАРАФА

### 209. Яктарафа кардан

ҳал намудан, дар бораи чизе ба як қарор омадан.

1. Масъаларо яктарафа кардан лозим, Мухтор!

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Мо пагоҳ шаб ба ҳуҷуми қатъӣ мегузарему масъалаи Бойсунро яктарафа мекунем.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов, «Тӯфон».*

3. Раҳмат ба як дӯстам, ки ҳамаро нағз тафтиш карда баромаду кори маро яктарафа кард.

*Ш. Қиёмов, «Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат бош!» («Пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 210. Яктарафа рафтор кардан

1. танҳо як тарафи масъалаеро ба ҳисоб гирифта кор кардан, 2. дар ҳалли масъалае ноҳаққона рафтор кардан.

— Яъне, яктарафа рафтор накарда, ҳама кори колхозро баробар ривоҷ додан лозим.

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 211. Яктарафа шудан

бартараф шудан; ҳал шудан, дар ҳалли масъалае ба як қарор омадан.

1. То яктарафа шудани ҷанҷол хароҷотро ҳар кадоми даъвогарон ва ҷавобгарон баробар мекашанд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Ман хеле афсӯс мехӯрдам, ки ин ҷанҷол имрӯз яктарафа нашуд, то ки натиҷаашро фаҳмам.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 212. Бо касе яктарафа шудан

бо касе ҳамфикр шудан; забон як кардан.

Агар ман бо Макаров яктарафа намешудам, кор мушкил шуда буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ЯКҶОЯ**

### 213. Якҷоя шуда мондан

касали барҷомонда шудан; касалӣ шуда мондан.

Барои дупула чиз дар зери таъна ю маломат мононанд, одам на фақат нотоб, якҷоя шуда ҳам мемонад...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

ЯЛЛО

### 214. Ялло карда гаштан

шоду хуррам, айшу ишрат карда, кайфи худро чоқ карда бекор ғаштан.

1. Ғайр аз он пагоҳ-бегоҳ мебинед, ки боз як шавҳари кори калонро меёбаму, «ялло» карда мегардам.

*«Занони Тоҷикистон».*

2. Онҳо дар баҳор, ки вақти ҷӯшу хурӯши кор аст, ялло карда мегарданд...

*«Хорпуштак».*

ЯМОҚ

### 215. Ямоқ нашудан

ягон қисми чизеро ташкил накардан, ба чизе баробар шуда натавонистан.

Порсол 31 бригадаи забардасти колхози ба номи Ленин аз ҳар гектар андарьяк 12—14 центнерӣ ҳосил гирифта буданд, ки ин ба арзиши меҳнату маблағи сарфшуда ҳатто ямоқ нашуд.

*«Хорпуштак».*

ЯРА

### 216. Ба яраи касе намак пошидан

*Ниг.* Ба болои сӯхта намакоб.

Зайнаб бо сухани охиринаш ба яраи Замира намак пошид.

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор».*

ЯХ

### 217. Аз ях фатир пухтан

беҳуда, бефоида кор накардан.

Медаравад нокишта,
Мепазад аз ях фатир.

*С. Ҷавҳаризода, «Гулшани афрӯхта».*

### 218. Яха кай меҳӯранд?

ҳар як кор вақти муносиб дорад, ҳар кор мавқеи муносиб дорад.

— Вагарна хар хӯсида меравад ва шумо бо ин бори накаватон боз меафтед,— гуфт ва илова намуд: — Домулло, «яха кай меҳӯранд?».

*С. Айнӣ, Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

**ЯҚИН**

### 219. Яқин доштан

эътимод, боварӣ доштан.

Ман яқин дорам, ки имсол плони пахтасупорӣ иҷро хоҳад шуд.

## Ғ

**ҒАЗАБ**

### 1. Ғазаби касеро ба ҷӯш овардан

касеро сахт ғазабнок кардан, ғазаби касеро зиёдтар намудан, боиси шиддати хашми касе гардидан.

Нақли даҳшатноки ҷабрдидагон ғазаби халқро ба ҷӯш овард.

*Ҳ. Мақсудов, «Аз хотираҳои он айём» («Шарқи сурх»).*

### 2. Ба (дар) ғазаб омадан

ғазабнок, бадқаҳр шудан, хашмгин гардидан.

1. Вале шумо ҳазлро ҷиддӣ диниста, ба ғазаб омадед.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Аз ин рафтори ғайри педагогии директор аксари муаллимон ба ғазаб омаданд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Мабодо дар ғазаб ояд худоям,
Ки ман ин гуна ҷуръат менамоям.

*М. Миршакар, «Панҷи ноором».*

### 3. Ғазаби худро ба сари (ба болои) касе рехтан

1. дар болои қаҳри худ ба касе қаҳр кардан, 2. аламми худро аз касе гирифтан.

Вай боз ҳам оташинтар шуд, боқимонда ғазаби худро болои ҳамсояҳои «кӯҳистонӣ», ба сари «қишлоқиҳои бемаънӣ» рехтан хост.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 4. Аз ғазаби худ фаромадан

Оташи хашми худро фурӯ нишондан, паст кардан, таскин ёфтани ғазаби касе.

Султон бо шунидани ин калимаҳои мунофиқонаи аблаҳфиребона аз Маҳмуди Ялавоз хурсанд шуд, аз ғазаб фаромад ва ҳатто ба вай инъоми махсусе ҳам кард.

*С. Айнӣ, «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик».*

### 5. Ғазаби худро фурӯ бурдан

дар вақти қаҳру хашм худро ба даст гирифтан, худдорӣ намудан.

Орифҷон ғазаби худро фурӯ бурда, пас аз фурсате сокит шуд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ҒАЗАЛ**

### 6. Ғазали кӯҳна

гапу сафсаттаи кӯҳна; найрангу нағмаҳои пештара.

1. Пагоҳии рӯзи сейӯм Раҷаб ғазали кӯҳнаашро аз нав сар кард...

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2.— Ба ин кор ҳеҷ розӣ нестам!
— Чӣ?.. Боз ғазали кӯҳна!

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

**ҒАЙБ**

### 7. Ғайб задан

якбора аз назар нопадид гардидан, банохост гум шуда рафтан, нест шуда рафтан; бедарак ба ҷое рафтан.

1. Ҳамон шаб Абдулло ғайб зад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Бо ҳамроҳии ошноҳояш ба кучое ғайб задааст.

*П. Толис, «Дӯсти азиз» («Маориф ва маданият»).*

### 8. Ғайри чашмдошт

*Ниг.* Аз ғайри чашмдошт.

Ин савол чунон ногаҳонӣ ва ғайри чашмдошт буд, ки ман беихтиёр хандида фиристодам.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 9. Аз (ба) ғайри чашмдошт

1. бар хилофи интизор, 2. ногаҳон, банохост.

1. Баъди ин сухан ман зуд аз суфача бархостам, зеро нишонаи ҳавлии Қорӣ Ишкамба, ки мақсади асосии онрӯзаам буд, аз ғайри чашмдошти ман аз он суҳбат ба даст даромада буд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Бинобар ин аз ғайри чашмдошт ба назар намудани 10—15 сари сиёҳтелпакдор кори ӯро тамом кард.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

3. Баъд аз Ҳасан, нохост, ба ғайри чашмдошти ҳама Дилбар ба музокира баромад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ҒАЙРАТ**

### 10. Ба ғайрат овардан

касеро ба ҳаракат даровардан, ба коре роғибу ҳавасманд гардонидан.

Ин суҳбат маро аз нав ба ғайрат овард.

*Ҳ. Назаров, «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона».*

**ҒАЛАТ**

### 11. Ба ғалат андохтан

аз рохи дуруст баровардан, сабаби иштибоҳи касе шудан, боиси гумроҳии касе гардидан.

— Чаро шумо маро ба ғалат андохта, ба ин ҷо овардед?

### 12. Ғалати ом

ғалати умумӣ, саҳве, ки аз касрати истеъмол маъмул шудааст.

Баъзан дубайтиро бо истилоҳи «чорбайтӣ» ё «чорбайта» ном мебаранд, ки ин ғалати ом аст.

*А. Деҳотӣ, «Рубоиёт ва дубайтаҳои халқи тоҷик».*

**ҒАЛБЕР**

### 13. Ғалберро (ғалбера) аз об бардоштан

1. натиҷаи корро санҷидан, 2. кореро ҷамъбаст кардан.

1. Сол охир шуд, вақти ҳисоб
Рақамҳо ҳастанд гувоҳ,
Ғалбера бардорем аз об,
Кӣ шер асту кӣ рӯбоҳ.

*М. Аминзода, «Шеърҳо».*

2.— Гапро пухта карда монем, мегӯям-дия, мабодо дар вақти ғалберро аз об бардоштан нагӯед, ки шумо ба мо маъқул нестед, ё тракторатон чиркин буд, ё ҷомаатон равғанин...

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

3. Дар охири сол ғалберро аз об бардорем, баъд гап мезанем...

*«Хорпуштак».*

### 14. Аз ғалбер гузаронидан

*Ниг.* Аз элак гузаронидан.

1. Ашӯр ҳафдаҳ сол боз нону намаки мана мехӯрад. Ман ина аз ғалбер гузарондагӣ. Бисьёр одами хуб.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Ҳангоме ки комиссияи тафтишотии Совети хоҷагии халқи республика пасту баландиҳои заводро аз ғалбер гузаронд, миси кор баромад.

*«Хорпуштак».*

### 15. Чизеро ғалбер кардан

чизеро тагу рӯ кардан, кофтуков кардан, ҷустуҷӯ намудан; сара ва носараи чизеро аз ҳам ҷудо кардан.

— Барои муҳаббати ин ҷавон шуда нисфи дуньёро ғалбер кардем...

*М. Миршакар, «Афсонаи кӯҳистон».*

**ҒАМ**

### 16. Дар ғами касе, чизе будан

1. дар бораи беҳбудии касе, чизе дилсӯзона фикр кардан, 2. дар ҳаққи касе, чизе хайрхоҳӣ кардан.

Ҳоло шарикҳои бисьёре ҳастанд, ки худро соҳиби кор, пири кор медонанд ва ҳамеша дар ғами кори колхозанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 17. Ғами чизе гирифтан

мушкилии ба даст даровардани чизеро пешакӣ фаҳмида, дар тараддуди ташвиши он шудан, пеш аз вуқӯи ҳодисае сахтию душвории онро фикр кардан.

— Тирамоҳ ҳам даромад, гӯр ташвиши зимистон шавад, аз ҳоло моро ғами ҳезуму ангишт гирифтааст. Шумо чӣ тавр, албатта, захираи усто монда рафтагӣ ҳоло кифоя мекардагист?

— Не, аз куҷо, шумо гуфтеду ҳозир худи маро ғами ҳамин гирифт,— ҷавоб дод Норбибӣ.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

### 18. Ғамашро набинам

доғашро набинам, рӯзи бадашро набинам.

Илоҳӣ умри ҳаминҳо дароз бошаду ғамашонро набинам.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

### 19. Ғам кӯх-кӯх меояду мӯ-мӯ меравад

ба мусибат, нохушӣ гирифтор шудан осон аст, вале аз он раҳоӣ ёфтан мушкил аст, ғаму ташвиш якбора бартараф намешавад.

— Духтари Александр, дилатро танг накун ва ба ҳар чиз хафа нашав,— гуфт пандомезона.— Мегӯянд, ки хафагӣ умрро кӯтоҳ мекунад. «Ғам кӯҳ-кӯҳ меояду мӯ-мӯ меравад». Ба ин дилтанг шудан лозим нест. Ба ҳар ҳол мӯ-мӯ бошад ҳам, меравад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 20. Ғами сару бари касеро хӯрдан

дар фикр, ташвиши таъминот ва осоиши касе будан.

Модари бечора нӯҳ моҳ бачаро дар шиками худ бардошта гардад, зояд, калон кунад, аз хуни сиёҳаш шири сафедро ҷудо карда диҳад, боз ғами сару бари вайро ҳам хӯрад-мӣ?

*Ҷ. Икромӣ, «Зӯҳра».*

### 21. Ғами худро хӯрдан (дар коре)

пешакӣ дар фикру тадоруки кори худ шудан, тайёрӣ дидан, ба рафъи эҳтиёҷиояндаи худ чора дидан.

1. Аз ин мебарояд, ки шумо ҳам мераведу ҷои коратон ҳам таъин? Аммо ман чӣ кунам? Роҳбари фирқавӣ Пӯлод бошад, ман чӣ хел кор карда метавонам? Ман ҳам ғамамро хӯрданам даркор будагист...

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

2. Насим кайҳо ғамашро хӯрда мондааст.

*Р. Амонов, «Орзӯи нав»*
*(«Тӯҳфаи ҷавонон»).*

### 22. Ғами касе, чизеро хӯрдан

ба касе, чизе ғамхорӣ намудан, дар тараддуди ёрӣ ва дастгирии касе будан; дар бораи таъмин ва осоиши касе ё чизе дилсӯзӣ кардан.

1. Падару модарат ғами туро мехӯранд.

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

2. Ғами ҳосили имсоларо хӯрдан даркор.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Ширкати бойҳо ғами халқро намехӯрад, ман шахсан мехоҳам барои манфиати халқ ба харҷи худ ин корро ба анҷом расонам...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

4.— Ҳа, шумо фақат ғами шиками худро мехӯред.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

**23. Дар ғами ҷони худ будан**

фақат дар фикри нигоҳдории саломатӣ, осоиши худ будан.

Дар роҳи кӯҳ бошад, саг ба соҳибаш нигоҳ намекард, ҳар кас дар ғами ҷони худ буд.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх)».*

**ҒАНАБ**

**24. Ғанаб бурдан**

ба пинак рафтан.

1. Аз нагоҳ ин тараф ҷави ҳамонро даравида лакот шудам. Ба ҳамин ҷо омада андак ғанабам бурда мондааст.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Чашмашро пӯшид, қариб буд, ки ғанабаш барад...

*Р. Амонов, «Ду қатра ашк»*
*(«Шарқи сурх)».*

**ҒАРАЗ**

**25. Ғараз аз тушбера гӯшт хӯрдан (аст)**

мақсад аз ҳама ҳаракат ва кӯшишҳо ба даст даровардани матлаби асосӣ аст.

1.— «Ғараз аз тушбера гӯшт хӯрдан» гуфтаанд. Одам хоҳ сипоҳгарӣ кунад, хоҳ эшонӣ ва дуохонӣ, мақсад як лаб нони бемеҳнат ёфта шикам сер кардан аст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

2.— Ана гап ин-дия, «ғараз аз тушбера гӯшт хӯрдан аст» гуфтаанд; ки кор карда борро ба Ситорамахоса бурда фурорем шудагеш, коре шавад, ки бор ба манзил расад.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ҒАФЛАТ**

### 26. Дар ғафлат мондан

1. бехабар мондан, 2. фурсатро аз даст додан.

Аз ин ҳилаи душман мо дар ғафлат мондем.

**ҒАШ**

### 27. Ғаши касеро овардан

сабаби дилозурдагӣ, алам ва хашми касе гардидан.

— Рости гап, писар, гапи Зиёуддин ғаши маро овард...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 28. Ба ғаши касе расидан

1. қаҳри касеро овардан, 2. боиси малоли хотири касе гардидан.

Оре, калимаи «тағо» якчанд вақт боз ба ғаши ин мард расида... табъашро андак хира месохт...

*Л. Саид, «Фарзанди Ҳазрати Одам» («Шарқи сурх»).*

**ҒЕЛИДА**

### 29. Ғелидаву ҷӯлида

1. азобу уқубат кашида, бо азоби зиёд, 2. базӯр.

Ба ҳамин тариқ, колхозҳои районн Пролетар то 24 октябрь ӯҳдадории худро ғелидаву ҷӯлида танҳо 37 процент иҷро кардаанд.

*«Хорпуштак».*

**ҒИЛМАК**

### 30. Ғилмаку ширмакдор шудан

кӯдакдор, бачадор шудан, соҳиби оилаву фарзанд шудан.

Дар пиронсолӣ «ғилмаку ширмакдор» шуданд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид».*

**ҒИНГ**

### 31. Ғингӣ карда натавонистан

*Ниг.* Ғинг нагуфтан.

Як тӯи ба қавли Полвон карнаю бузкашдор карда медиҳаму гирду атрофатонро пур карда мемонам. Мон ки даҳони бадгӯйҳо баста шаваду ба таънаи хонаводаи ман дигар гингӣ карда натавонанд.

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 32. Ғинг нагуфтан

1. сухане нагуфтан, ягон калима ҳам нагуфтан, 2. эътирозе накардан.

Қасе «ғинг» ҳам намегӯяд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ҒИРИНГ**

### 33. Ғирингӣ карда наметавонистагӣ шудан

1. гап зада наметавонистагӣ шудан; эътироз карда натавонистан, 2. забонкӯтоҳ будан.

Баъд аз вай ҳатто ман барин одам ҳам ба занам ғирингӣ карда наметавонистагӣ шуда мондам.

*С. Саидмуродов, «Шӯҳрати «Хорпуштак»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 34. Ғоз чанд пой дорад? — Як пой!

*Ниг.* Пои мурғ чандта?

— Тӯрам, канӣ акнун гӯед, ки ғоз чанд пой дорад? — Як пой-а?

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 35. Ғоз якпоя буд ё дупоя? — Якпоя!

*Ниг.* Пои мурғ чандта?

— Хотирҷамъ, рафиқ Пӯлод,— гуфт Салимбой,— ман ба ҳамааш пухта карда мондам. «Ғоз якпоя-мӣ, дупоя?» — Якпоя!

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

**ҒОР**

### 36. Аз ғори бад бӯи бад

аз даҳани одами бад сухани бад, аз одами бад кори хунук.

— Шавҳари ту — Султонбек ҳалок шудагист...
— Аз ғори бад бӯи бад.

*М. Миршакар, «Қишлоқи тиллоӣ».*

**ҒУБОР**

### 37. Ғубори дилро баровардан

1. аз ғаму ғусса, нохушӣ фориғ шудан, рафъи малолу хафагӣ кардан, 2 дил холӣ кардан.

1. Вай ҳамроҳи онҳо аз тахти дил хандида, шӯхӣ кард ва ғубори дилашро баровард.

*М. Шарқӣ, «Марҳабо» («Шарқи сурх»).*

2. — Андак дарду ҳасрат карда, ғубори дилро баровардем.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

### 38. Ғубори дил холӣ кардан

*Ниг.* Ғубори дилро баровардан.

1. Чӣ кор кунем, бо ҳамин бозиҳо андак ғубори дилро холӣ мекунем.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

2. Улфатов омада, рапортҳоро даст мононда гирифт ва бо таклифи раис дар меҳмонхона нишаста, бо қавли худашон, чорта ғубори дилҳоро холӣ карданд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 39. Ғубори дил баромадан

1. аз ғаму ғусса, нохушӣ фориғ шудан, 2. хушнуд гардидан.

Мувофиқи табъашон гап мезанам ва бо ҳамин ғубори дилам мебарояд.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

**ҒУДДА**

### 40. Ғуддаи дил кушода шудан

1. аз шакку шабҳа фориғ гардидан, 2. рафъи кудурат шудан, бартараф шудани хирагии табъ.

Ман бесаброна мехостам, ки ӯ чӣ будани он даъворо на бо сухан, балки монанди як порча санг, ё кулӯх ба даст гирифта нишон диҳад, то ки ман зудтар фаҳмам ва ғуддаи дилам кушода шавад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

**ҒУЛҒУЛ(А)**

### 41. Ғулғул андохтан

ғавғо, доду фарьёд бардоштан.

То ки дар кӯҳ ғулғул андозанд,
Дар хурӯш оваранд инсонро.

*Ғ. Мирзо, «Раъду барқ»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ҒУРБАТ**

### 42. Ғурбатро барои худ харида гирифтан

ба сари худ нохушӣ, мусибат овардан; худ боиси ташвиши худ гардидан.

Худо нахоҳаду аз ҳамин корҳо Пӯлод хабардор шуда монад, вой бар ҳолат! Чунон мезанад, ки то қиёмат аз ҷоят хеста наметавонӣ... Ғурбатро барои худ харида гирифтаӣ...

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

**ҒУР**

### 43. Ба ғурри пис даромадан

1. норозӣ шудан, эътироз намудан, 2. манша кардан.

— Барои ҳамин, ки,— гуфт як пахтакаши дигар,— пахтакашони ин кас ҳам ҷанҷоли моро шунида ба «ғурри пис» даромаданд, ғӯзаи як ман гуфта додагии ин кас ҳам панҷ сер кам баромадааст.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ҒУЛУНГХОЙ**

### 44. Ғулунгхой кардан

1. дар атрофи чизе дароз ва муҷмал гап зада мақсади асосиро нагуфтан, 2. гапро нимғурма кардан, гапро хоида задан.

Дар масъалаи «заҳр» таърихнависони ҳамзамони Алишер «ғулунгхой» мекунанд ва гапро кушода намегӯянд.

*С. Айнӣ, «Алишер Навоӣ».*

## Қ

**ҚАБАТ**

### 1. ...қабат (қабат-қабат) гӯшт гирифтан

1. фарбеҳ шудан, 2. шоду хурсанд гардидан; рӯҳбаланд шудан.

1. Ана ҳамин бачаҳои хандонро дида, як қабат гӯшт мегирифтам...

*Р. Файзӣ, «Модаршӯ»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Ман ҳис мекардам, ки қабат-қабат гӯшт гирифта истодаам.

*П. Толис, «Тобистон».*

3. Тағьироти азими ҳар як соҳаашро дида, баданам қабат-қабат гӯшт гирифт.

*«Хорпуштак».*

**ҚАБУЛ**

### 2. Қабул фармудан

қабул кардан.

Ин гулдастаи дӯстиро қабул фармоед...

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ҚАБУЛДОР**

### 3. Касеро қабулдор кардан

касеро ба чизе розӣ кунондан.

— Лекин то бегоҳӣ бояд занатро қабулдор кунӣ, набошад кор ганда мешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Дохунда»*
*(«Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 4. Қабулдор шудан

1. розӣ шудан 2. писандидан.

Ман хонаи худамро таклиф кардам, қабулдораш нашуд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

**ҚАВЛ**

### 5. Аз қавли худ гаштан

аз гап, ваъдаи худ гаштан, хилофи ваъдаи худ рафтор намудан, қавл дода дар сари қавли худ наистодан.

1. Агар аз қавлат гашта бошӣ, ман ҳозир баргашта ба шаҳр меравам.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. — Аз қавлаш гаштани подшоҳ дуруст нест,— гуфт Ҳаким,— ба қавлаш вафо кардани ӯ зарур аст!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

3. Аз қавлам намегардам.

*Р. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 6. Ба қавли худ истодан

дар гап, ваъдаи худ устувор будан, аз ваъдаи додаи худ нагаштан.

— Канӣ, гӯед, чаро шумо ба мактубҳои ман ҷавоб нагардондед, ба қавли худатон наистодед?

*М. Рустамова, «Воҳӯрии бахосият» («Шарқи сурх»).*

### 7. Қавли худро шикастан

*Ниг.* Аз қавли худ гаштан.

Агар қавли додагиатро шиканӣ, ту на фақат аз нағора, балки аз галстуки пионерӣ ҳам маҳрум мешавӣ.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

**ҚАВОҚ**

### 8. Қавоқ андохтан

1. қаҳр кардан, 2. бо ифодаи башараи худ норозигӣ изҳор намудан.

1. Шариф ба вай ҳатто нигоҳ ҳам накарда, қавоқашро андохта менишаст...

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

2. — Беҳуда таъриф кардед! — гуфта Толиб қавоқ андохт.

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

3. Мудири шӯъбаи адабиёт ва санъати газета Қобилҷон дар кабинети худ қавоқашро андохта... менишаст.

*«Шерони буздил» («Шарқи сурх»).*

### 9. Аз қавоқи касе барф (-у борон) боридан

1. бадхашм, ғамгин будан, 2. туршрӯ, ҳиратабъ будан.

1. Чӣ бало зад, ки аз қавоқи ҳамаатон барф меборад?

*П. Толис, «Ҳикояҳо».*

2. — Ин қадар аз қавоқатон барф меборад?

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. Чаро ин қадар аз қавоқат барфу борон борида истодааст?

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 10. Бо қавоқи гирифта

1. бадқаҳрона, 2. норозиёна.

— Зани ҳамсояи навамон,— бо қавоқи гирифта ҷавоб дод Нозукой.

*Р. Ҳайдар, «Дуздро қароқчӣ зад» («Занони Тоҷикистон»).*

### 11. Қавоқи худро гирифтан

1. абрӯ чин кардан, 2. бадқаҳр гардидан, 3 ғамгин, маъюс шудан.

1. — Карим, ту чаро қавоқатро гирифтай? Ҳатто нигоҳ накарда гузашта рафтӣ!

*К. Носиров, «Орият»*

2. Ман розӣ нестам,— гуфт қавоқашро гирифта Усмонқулака.

*«Тоҷикистон».*

### 12. Қавоқу димоғ кардан

1. бо ифодаи башара норозигии худро нишон додан, 2. қаҳру ҷаҳл изҳор кардан.

— Тавба, ту ба ман чаро қавоқу димоғ мекунӣ?

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 13. Қавоқи касе овезон (будан)

1. туршрӯ будан, 2. табъи касе хира будан; 3. бадхашм, ғамгин будан.

— Қодир, барои чӣ қавоқҳоят овезон?

*М. Миршакар, «Шаҳри ман»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 14. Қавоқи худро ғирондан

*Ниг.* Қавоқу димоғ кардан.

— Ҳа, барои чӣ он қадар ҳавои тирамоҳ барин қавоқатро ғиронда ба ман нигоҳ мекунӣ?

*Ҷ. Одинаев, «Колхозчидухтар»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 15. Қавоқи худро овезон кардан

1. рӯи худро турш кардан, 2. қаҳру ғазаб изҳор намудан.

Духтари подшоҳ... қавоқашро овезон кард.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 16. Қавоқи худро як ману даҳ сер кардан

*Ниг.* Қавоқи худро овезон кардан.

— Биё, дугонаҷон, ба ҷои ту ман ба ҳамон мардак расам монам. Ту қавоқи худро як ману даҳ сер карда шиштан гир.

*Б. Азизӣ, «Никоҳи дилхоҳ»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

ҚАД

### 17. Қади алиф

қади рост, мавзун.

Қурбони қади алифи ин зан шавам.

### 18. Аз қаду бари чизе задан

дар вақти муомила ё баркаш ҳартарафа касеро фиреб додан; хиёнат кардан.

1. Ҳам дар ин ҷо, ҳам дар контора илоҷе мекунаду аз қаду бари музди корат мезанад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Комсомолҳо судхӯрӣ намекунанд, аз қаду бари ҳаққи мардум намезананд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 19. Қаду баст

гавда, ҷусса, қиёфа.

— Мо ба талошу савдо ҳад надоштем,— ҷавоб дод Сангинов,— деҳқон меомаду ба қаду басти ҳар бача нигоҳ карда: «ба ту ним танга, ба ту се мирӣ, ба ту як танга» — гуён ба ҳар кадоми мо нарх мемонд ва мо ҳам бегапу калоча аз қафои ӯ мерафтем.

*К. Носиров, «Орият».*

### 20. Қад кашидан

дароз гардидани қади касе, калон шудан, нашъу намо кардан.

1. Ман ду-се соли охир чандон қад накашида будам...

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

2. Себу гелос, анҷиру анор, пистаю бодом саф-саф қад кашидагӣ...

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»).*

### 21. Қад рост кардан

*Ниг.* Қомат рост кардан.

1. Корхонаҳои саноатӣ ва станцияҳои электрикӣ қад рост карданд...

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Мовароуннаҳр ва Хуросон тақрибан дар муддати 200 сол дар соҳаи ҳаёти маданӣ-адабӣ қад рост карда наметавонистанд...

*А. Мирзоев, «Оид ба баъзе масъалаҳои мероси адабӣ ва омӯхта шудани он» («Шарқи сурх»).*

### 22. Қад-қади чав қадам мондан

1. бо эҳтиёт қадам мондан, 2. оҳиста пеш рафтан.

«Саломнома»-и аз бисьёр хонда ёдшудамондаро бо бароварду фуровардаш мехонд ва ба қавли одамон қад-қади чав қадам мемонд, то ин ки маросим ҳарчи зиёдтар тӯл кашаду аз ҳозирон ба «Саломномахон» касе пул надода намонад.

*Р. Чалил, «Ҳикояҳо».*

## ҚАДАМ

### 23. Қадами касе аз остонаи чое канда шудан

ба чое дигар намерафтагӣ шудан, тарки рафтуо кардан.

Ҳақ ба чояш қарор ёфту қадами Олим аз остонаи мактаб канда шуд.

*«Маориф ва маданият».*

### 24. Қадам ба остонаи чое ниҳодан

ба чое дохил гаштан, вориди чое шудан.

Ба ҳамаи нависандагоне, ки қадами аввал ба остонаи адабиёти советӣ ниҳода буданд, як хел ва ба як тарзе баҳо додан саҳви бузург аст.

*А. Мирзоев, «Оид ба баъзе масъалаҳои мероси адабӣ ва омӯхта шудани он» («Шарқи сурх»).*

### 25. Қадами аввал лӯкка

1. аз одами навкор камбудӣ рӯй медиҳад, 2. ҳар кор дар аввал нуқсон дорад.

— Ҳеч воқеа не, қадами аввал лӯкка гуфтаанд,— тасаллӣ дод майор.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

## 26. Қадами касеро ба ҳисоб мегирифтагӣ шудан

ҳар рафтору муомилаи касеро таъқиб кардан, аз паи касе гашта, ҳар як кори ӯро дар назар гирифтан.

Қариб як моҳ аст, ки аз ҳар як кори Шарофат камбудӣ меҷӯяд, қадами мондагии ӯро ба ҳисоб мегирифтагӣ шуда мондааст.

*Б. Ортиқов, «Нишона»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 27. Қадам гузоштан

1. ба ҷое омадан, 2. пайдо шудан, 3. иқдом намудан, оғоз намудан, шурӯъ намудан, сар кардан, машғул шудан, 4. ... сола шудан, ба ... сол даромадан.

1. Адабиёти нави советии тоҷик акнун тоза ба тоза ба дунъё қадам мегузошт.

*Р. Ҳошим, «Ёдат ба хайр, Пайрав»*
*(«Шарқи сурх)».*

2. Ҳоло бисьёр нависанда ва шоирони ҷавоне ки дар арсаи кор ва эҷодиёти мустақилона қадам гузошта, бо шеъру достонҳои худ саҳифаҳои газетаю журналҳоро обод мекунанд...

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»).*

3. Баъдҳо ба роҳи меҳнати мустақил қадам гузошт.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

4. Духтарам акнун ба ёздаҳ қадам гузошт.

## 28. Қадам мондан

*Ниг.* Қадам гузоштан.

1. Мо ба муборизаи синфӣ акнун қадам монда истодаем.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Бисьёр вақт худро гум мекунем ва ба корҳои ношоям қадам мемонем.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. Агар «дуи-дубора ба ҳамин тарафҳо кадамамро монам, ҳарчӣ шавам!».

*Ф. Муҳаммадиев, «Дар роҳи нав»*
*(«Шарқи сурх»).*

4. Мамлакат ҷароҳати ҷангро муолиҷа мекунаду боз ба сӯи тараққӣ қадам мениҳад.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт»*
*(«Маориф ва маданият»).*

5. Баъд аз ду-се ҳафтаи дигар ба 50 қадам мемонам...

*М. Миршакар, «Шаҳри ман»*
*(«Шарқи сурх»).*

6. Ғизобобо имсол ба 71 қадам монд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 29. Қадами касе муборак будан

омадани касе боиси хубӣ, беҳбудии кор шудан, бо омадани касе кушоиш рӯй додан дар коре.

Хуб дар вақти нағз — ба сари тӯй расида омадӣ, иншооллоҳ, қадами ту муборак аст.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 30. Қадами номубораки Маҳмуд, Гар ба дарьё расад, барорад дуд

одами бад ба ҳар ҷое ки равад, дар он ҷо бадӣ рӯй медиҳад.

1. «Қадами номубораки Маҳмуд, гар ба дарьё расад, барорад дуд» мегӯянд. Ба ҳар қишлоқе ки пои номубораки Мадисоимом мерасид, аз он ҷо дуд мебаромад.

*«Хорпуштак».*

2. Қадами номубораки Маҳмуд
Гар ба дарьё расад, барорад дуд.
Обро лой карду пас бигурехт
Ба гиребони колхоз овехт.

*С. Ҷавҳаризода, «Шеърҳои ҳаҷвӣ».*

### 31. Ба ҷое қадам ранҷа кардан (фармудан)

аз рӯи лутфу марҳамат ба ҷое омадан, ба касе меҳмон шудан.

1. — Хуш омадед, Улфатов, хуш... мондаҳо, боз ба ин ҷоҳо қадам ранҷа карда омадед?..

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ II.*

2. Хӯш, боз ба ин тарафҳои мо қадам ранҷа фармудед?

*Қ. Носиров, «Ориёт».*

### 32. Қадам расид, бало нарасад

мо омадем, акнун ҳеҷ фалокат ва мусибате рӯй намедиҳад (дуо).

1. Дигарон ҳам — «қадам расид, бало нарасад» — гӯён дастҳоро ба рӯ кашиданд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Қадам расид, бало нарасад,— даст ба рӯй кашид Эсанпай...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 33. Ба ҷое ки қадами касе расид

ба ҷое ки касе омад, дар ҳар ҷое ки касе пайдо шуд.

Ба ҳар ҷое ки қадами раиси нав расид, албатта, ягон кори нав сар мешуд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 34. Ба ҷое қадам рост кардан

ба ҷое бисьёр рафтуомад кардан.

Вақте ки Соробибӣ аз дуньё чашм пӯшид, Шарифахола ба хонаи онҳо дурусттар қадам рост карда монд.

*«Занони Тоҷикистон».*

### 35. ...қадам роҳ монд

наздик шудани ҷое, барои расидан ба ҷое андак роҳ мондан.

— Акнун то Маскав як қадам роҳ монд!..

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

### 36. Қадами худро аз ҷое кандан

ба ҷое дигар нарафтан, қатъи рафтуомад кардан.

1. «Барои чӣ раис аз хонаи мо қадамашонро канданд, ё ки мо ягон беадабӣ карда он касро хафа кардем-мӣ?»

*С. Улуғзода, «Навобод».*

2. Вай ба нағзӣ қадамашро канад...

*Қ. Наимӣ, «Рӯзи равшан».*

### 37. Қадами худро дониста мондан (гузоштан)

кореро ҳушьёр шуда, бо андеша иҷро кардан.

1. Мехоҳам дарди диламро ба шумо, ҷавонони қобил, кушоям, то ки ин сирҳо бо ман ба гӯр наравандва ҳам шумо аз аҳволи ман ибрат гирифта дар дуньё қадаматонро дониста монед.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

2. Агар ҳақиқатан ягон сӯҳбате шуда бошад, ба мо нақл кунед, то ки мо кори худамонро дониста кунем ва қадами худро дониста гузорем, мегӯянд онҳо.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 38. Қадами худро ба ҷое нагузоштан

ба ҷое ҳаргиз нарафтан, битамом тарки рафтуой кардан.

Баъд аз он қадами худро ба тарафи ҳавлии бой нагузошт.

*С. Айнӣ, «Ятим».*

### 39. Қадами худро озор надиҳад...

дигар ба ин ҷо рафтуой накунад (кинояомезона дар ҳаққи касе гуфта мешавад, ки ба ҷое омадани ӯ матлуб нест).

Оромона ва ба мулоимӣ гуфтанд, ки раҳмат, пас аз ин вай қадамашро озор надиҳад ҳам мешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 40. Қадами худро шумурда гаштан (мондан)

1. эҳтиёт, ҳушьёр шуда гаштан, бо андеша кореро кардан, 2. оҳиста, саросема нашуда роҳ рафтан.

1. — Ба ӯ гӯй, ки қадамашро шумурда гардад.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

2. Одамони ман ҳам ҳар як қадамашонро шумурда гаштаанд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

3. Аспҳо ҳанӯз аз поён сар карда оҳиста-оҳиста қадамҳои худро шумурда мемонданд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

## ҚАДАМАТОН

### 41. Қадаматон болои дида (чашм)

дар мавриди иззату эҳтироми зиёд, нисбат ба каси ташрифоварда, гуфта мешавад: аз ташрифатон сарафрозем.

1. — Чӣ тавр шуд, ки ба ин тарафҳо омадед? Қадаматон болои дида!

*Т. Усмон, «Интиқом»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Шумо меҳмони мо ҳастед ва қадаматон болои чашми мост.

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»).*

## ҚАДАММОНӢ

### 42. Қадаммонии касе дигар (хел) шудан

*Ниг.* Поймонии касе дигар шудан.

1. Баъди чанд вақт қадаммониаш дигар хел ва авзоаш беҷо шудан гирифт.

*Ф. Муҳаммадиев, «Дар роҳи нав»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Аз ҳамон рӯзе ки кор ба дасти ӯ гузашт, қадаммонии ӯ дигар шуд.

*«Хорпуштак».*

## ҚАДАМШУМУРӢ

### 43. Қадамшумурӣ кардан

1. пасу пеш гаштан, 2. дар интизори касе будан, ба омадани касе чашм доштан.

То нимаи рӯз вай дар роҳи байни «Ситораи сурх» ва Таги Чинор қадамшуморӣ кард. Шодигул ҳанӯз ҳам нопайдо буд.

*С. Улугзода, «Навобод».*

## ҚАДР

### 44. Қадри зарро заргар медонад

қадри ҳар чизеро аҳлаш медонад.

1. Чӣ фоида аз он зебоӣ, ки на қадр дошта бошаду на қадршинос.
— Қадри зарро заргар медонад гуфтаанд.

*Ғ. Абдулло, «Шери занҷиршикан».*

## 45. Қадри неъмат баъд аз завол

кас дар вақти ҳозиру муҳайё будани чизе ва касе ба қадри он нарасида, баъди аз даст рафтан ба қадру қимати он мерасад.

Дар мақол «қадри неъмат баъд аз завол» гуфта шудааст, ки бисьёр дуруст аст. Ман, ки дар айёми ҳаёти Аҳмад-махдум он қадар дар паи ҷустуҷӯи ӯ набудам ва дар бораи ӯ бо шунидани нақлҳои ҳамсӯҳбатонаш қаноат мекардам, бо шунидани хабари вафоти ӯ оташи афсӯсу надомат дар ниҳоди ман шӯълавар гашт. Ман худро сарзаниш кардан гирифтам, ки чаро дар айёми зинда будани ӯ роҳе ёфта ба ӯ наздик нашудам ва чаро фикру мулоҳизаҳои ӯро дар ҳаққи замон ва ҳамзамонон бевосита аз забони ӯ нашунидам?

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

## 46. Ба қадри оби дари хона нарасидан

ба он чизе ки муҳайё ва дастрас мебошад, аҳамият надодан, ба қадри он чи ки дар ихтиёри худ мебошад, нарасидан.

Вале роҳбарони баъзе корхонаҳои саноати маҳаллӣ, артельҳои ҳунармандӣ инро кам ба эътибор мегиранд ва ба умеди шаҳрҳои дигар шуда, ба қадри оби дари хона намерасанд ва муттасил аз нарасидани ашьёи хом шикоят мекунанд.

*«Хорпуштак».*

## 47. Ба қадри нону намаки хӯрдагӣ расидан

ба неъмате, ки аз даргоҳи касе хӯрда шудаст, носипосӣ накардан, нисбат ба некии касе кӯрнамакӣ накардан.

Ту ки аз хурдиат нону намаки ҳамин ҳавлиро хӯрда, худи фарзандам барин калон шудаӣ, ба қадри нону намаки хӯрдаат мерасӣ ва албатта ба гапҳои ман монанди гапҳои падари раҳматиат... гӯш мекунӣ.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид».*

## 48. Ба қадри касе, чизе расидан

қадру қимати касе, аҳамият ва зарурати чизеро донистан, нисбат ба он носипосӣ накардан.

Инҳо ба қадри ман намерасанд. Намегӯянд, ки ин усто, аммо вай шогирд.

*Ҷ. Икромӣ, «Равои озори туро надоштам» («Шарқи сурх»).*

### 49. Ба қадри як сари мӯ

заррае, андак ҳам бошад.

Накард хам сари таслим то ки душмани дун,
Ба қадри як сари мӯе қафо нагардидам.

*Б. Раҳимзода «Ҳаёт ва сухан».*

### 50. Ба қадри ҳол

1. ба андозаи доштани қувват, 2. то тавонистан, мувофиқи ӯҳдабароии худ.

Вазифаамро, бе ҳеҷ камбудӣ, ба қадри ҳол иҷро карда омада истодаам.

*Б. Раҳимзода ва М. Рабиев, «Бепарво набошед».*

—

## ҚАДРАС

### 51. Қадрас шудан

ба камол расидан, ба ҳадди балоғат расидан, расидани вақти зангирӣ ё шавҳар ихтиёркунӣ.

Вақте ки духтар қадрас шудааст, ваъдаи падарашро дар бораи хонадомод кардани ятимбача ба хотир овард...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

## ҚАЗО

### 52. Қазоояд, ҳаким аблаҳ шавад

дар пеши марг ҳама оҷиз мебошанд, ба пешомад чора нест.

— Тавба! Алҳазар! Яъне мо ба ҷои панҷ шофёр ҷони даҳ нафарро ба хатар мегузоштем-мӣ!..
— «Қазо ояд, ҳаким аблаҳ шавад».

*Қ. Носиров, «Орият».*

**ҚАЙД**

### 53. Дар қайди ҳаёт будан

зинда будан, дар ҳаёт будан.

Ҳанӯз дар соли 988 (1532) муаллиф дар қайди ҳаёт буд.

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

**ҚАЙЛА**

### 54. Қайларо аз маза гурезондан

корро ланҷ кардан, бемазза кардан.

Агар ин ду дӯст минбаъд гӯштро ба хона бурда, қайларо аз мазза гурезонанд, дари ошхона ба рӯяшон якумра баста хоҳад шуд.

*«Хорпуштак».*

**ҚАЙМОҚ**

### 55. Қаймоқи чизеро бардоштан

қисми беҳтарини чизеро гирифтан.

Оммаи аҳолӣ чорьяккор, ятим ва мардикори онҳо шуда монданд. Қаймоқро колонизаторҳои рус бардоштанд, ширро савдогарон ва судхӯрони маҳаллӣ хӯрданд.

*С. Айнӣ, «Тирози ҷаҳон».*

### 56. Қаймоқи гап

мағз, моҳият, маънои асосии гап.

Қаймоқи гап дар ин аст, ки... ҷувол-ҷувол ваъда дода, аммо ин ваъдаро таҳ ва намак карда мемондаанд.

*«Хорпуштак».*

### 57. Қаймоқи сӯҳбатро чидан

мақсади асосии сӯҳбатро дарк кардан, моҳияти гапро фаҳмидан.

Ятим, ки қаймоқи ин сӯҳбатро чида гирифта буд, дар дили худ гуфт...

*С. Айнӣ, «Ятим».*

### 58. Қаймоқи чизеро хӯрдан

*Ниг.* Қаймоқи чизеро бардоштан.

Аз тарафи дигар саркорони араб заминҳои ҳосилхезро ба дасти худ дароварда, қаймоқи мамлакатро мехӯрданд...

*С. Айнӣ, «Шайхурраис — Абуалӣ Сино».*

## ҚАЛАМ

### 59. Аз қалам афтидан

фаромӯш шудани чизе дар вақти навиштан, чизеро фаромӯш намуда ба қайд надаровардан.

Мебахшед, ин ду масъала аз қаламам афтидааст.

### 60. Қалами бурро доштан

1. дар таҳрир услуби таъсирнок доштан, 2. тезу тунд навишта тавонистан.

— Даҳбошӣ қалами бурро доштааст.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 61. Чизеро ба қалам гирифтан

чизеро ба ҳисоб даровардан, ба рӯйхат дохил кардан.

Инашро ба қалам нагирифта мондааст.

*«Тоҷикистон».*

### 62. Чизеро ба қалам додан

навиштан, баён кардан.

1. Свифт аз дами ҳалокат базӯр халос шудани худаш ва хоним Элен Билдингро низ бо тафсилоти том ба қалам медод.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

2. Дар охири паёми муштоқонаи худ ҳаминро ба қалам медиҳад, ки «Хорпуштакҷон» зудтар ба камол расад...

*«Хорпуштак».*

### 63. Ба қалам овардан

ба риштаи таҳрир даровардан, навиштан.

1. Мо гуфта метавонем, ки он афсонаҳоро аввал Восифӣ ба қалам овардааст.

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

2. Тамоми ҳоли дилро ба қалам овардам.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 64. Ба қалами касе тааллуқ доштан

аз тарафи касе навишта шудан.

Беҳтарини китоби дарсии адабиёти тоҷик ба қалами ӯ тааллуқ дошт.

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 65. Қалами тез

забон ва таҳрири тезу тунд.

— Ҳа... қаламат тез барин-ку! Навис, аммо дониста гир, ки пушаймон мешавӣ.

*«Хорпуштак»*

### 66. Қаламро тез кардан

ба навиштани чизе иқдом кардан.

Олим кори таълиму тарбияро ба рафи тоқи хона таҳ карда монда, қалами кинаю адоватро тез мекунад.

*«Маориф ва маданият».*

## ҚАМЧИН

### 67. Қамчин хӯрдан

1. бо қамчин зада шудан, 2. коҳишу маломат шунидан.

Чӣ қадар қамчин хӯрда, чӣ қадар ҳақорат шунидед?

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ҚАМЧИНКОРӢ**

### 68. Қамчинкорӣ кардан

касеро бо тозиёна бисьёр задан, танбеҳ кардан.

Хӯҷаинҳо моро на як бор қамчинкорӣ кардагӣ..

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ҚАНДАТА**

### 69. Қандата (қандатро) хӯр (зан)

аҳсан, боракалло, офарин; ҳалолат бод!

1. Ягон шаб якка ба таги мазор раведу қандатонро хӯред.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. — Эҳе, аз Абдуваҳҳоб як килограмм гузаронидааст. Қандата зан, Исматулло!..

*«Тоҷикистон».*

**ҚАНДГӮЙ**

### 70. Бо қандгӯӣ ком ширин намешавад

*Ниг.* Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.

Бо ваъда ҳеҷ кор ба сомон намерасад,
Бо қандгӯӣ коми ту ширин намешавад.

*М. Аминзода, «Шеърҳо».*

**ҚАРЗ**

### 71. Қарз бардоштан

қарз гирифтан.

Дарвоқеъ, падарам қарз бардошта се-чор бор мурғшӯрбо пухта дода буд, ки ба модарам хеле ҷон даромад...

*Қ. Носиров, «Орият».*

### 72. Қарзро баробар кардан

қарзро додан, қарзро пардохта халос шудан.

Худо диҳад, имсол аз нӯги ҳосили нав қарзҳоро баробар мекунам.

*Ҷ. Икромӣ, «Дохунда» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 73. Қарз канда мешаваду зан дар паҳлу мемонад

агар зарурат афтад, бо пули қарз бошад ҳам, кори худро ба иҷро расон, чаро ки қарзро дертар баргардонидан мумкин аст.

Пул нест гуфтанӣ ҳастед-а? Мақоли «қарз канда мешаваду зан дар паҳлу мемонад»-ро нашунидаед-мӣ?

*А. Деҳотӣ, «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб».*

### 74. Қарзу фарз будан

ҳатмӣ будан, ҳукми зарурат доштан.

Ин хизмат барои ҳама қарзу фарз аст.

*Ф. Ниёзӣ, «Интиқоми тоҷик» («Роҳи пуршараф»).*

### 75. Қарзи худро ба қиёмат намондан

қарзи худро дар вақти зинда будани худ адо кардан.

Акнун чӯбро ту гир, қарзат ба қиёмат намонад.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 76. Қарзи худро кандан

қарзи худро додан, аз қарзи худ халос шудан.

Ман қарзамро меканам ва барои харҷи таҳсили ту пул ҳам меёбам.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 77. Қарзу қабола (қавола) доштан

додугирифт доштан.

Ба худат муълум аст, ки ман як одами бозориам, баззозӣ дорам, қарзу қабола дорам...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 78. Қарзу қавола кардан

қарз гирифтан, аз ину он қарз гирифтан.

Падару модари Ҳоҷӣ аз кадом гӯр қарзу қавола карда, як табақ палав, як ҷома оварда ба мактабдор доданд...

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

**ҚАРОР**

### 79. Қарор гирифтан

1. дар ҷое истодан, таваққуф кардан, 2. осуда гардидан.

Гашти рӯз машинаи сабукраве омада, дар назди устохонаи колхоз қарор гирифт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ҚАРСАК**

### 80. Қарсак аз ду даст мебарояд

амалӣ шудани ҳар як кор, мақсад вобаста ба ҳамкорӣ, иттифоқ ва кори аҳлона мебошад.

— Ҳа, бале, Мамараҷаб, дуруст гуфтӣ, чуноне ки мақоли халқ мегӯяд «қарсак аз ду даст мебарояд». Яъне, ҳамкорӣ аз ду тараф.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 81. Қарсак аз ду тараф

*Ниг.* Қарсак аз ду даст мебарояд.

Қарсак аз ду тараф гуфтагӣ барин, муаллимон ҳам аз колхоз қарздор шуда намонданд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

**ҚАСАМ**

### 82. Қасами худро шикастан

қасами худро вайрон кардан, ба аҳду қавли худ вафо накардан.

Агар накунад ва қасамашро шиканад, аз миёнаи олуфтаҳо ронда шуда, ба «номардӣ» машҳур мегардад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 83. Қасам хӯрдан

1. савганд ёд кардан, 2. ба иҷрои коре қавли қатъӣ додан.

Ҳам қасам хӯрда, ҳам адо кардан
Ин фақат кори ҷумла мардон аст!

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

**ҚАСДАШ**

### 84. Ба қасдаш гирифтагӣ барин

1. гӯё қасдан ҳамин тавр мешуда бошад, 2. ноомади кор, 3. натофтани бахт.

1. Аммо ба қасдаш гирифтагӣ барин ба назди вай ягон харидор намеомад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Вале ба қасдаш гирифтагӣ барин тирамоҳи сербориш ҳам барвақт расид.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 85. Касеро аз қасдаш гардондан

касеро аз коре, ки ба он қасд ва ният кардааст, баргардондан, аз раъяш сарфи назар кунонидан.

— Оҳ, писарам, нарав! — гуфта модараш зорӣ кард. Вале вай писарашро аз қасдаш гардонда натавонист.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

**ҚАТОР**

### 86. Касеро аз қатор баровардан

касеро дар қатори одамон ба ҳисоб нигирифтан, касеро ҷудо карда мондан.

Ба ҳама аз китобатон тақдим кардеду маро аз қатор бароварда мондед...

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 87. Аз қатор баромадан

аз ҷамоат ҷудо шудан, дар натиҷаи ҳаракати ношоистаи худ аз ҷамъият дур шудан.

1. Ҳозир хонашин шавам, бо ҳамин аз қатор баромада мемонам...

*А. Баҳорӣ, «Одамони шинос».*

2. — Барои чӣ шумо ба кӯчаи бад афтодед?..— Барои чӣ шумо аз қатор баромада мондед?

*«Тоҷикистони сурх».*

### 88. Дар (ба) қатори одам (мардум) даромадан

1. тарбия ёфта ба камол расидан, 2. ҳамранги одамон гардидан, 3. одами фоидарасон, хуб, нек шудан.

1. Агар ин ҷавонон ба касбу коре ҷанг мезаданд, дар қатори одамон даромада, ягон ҷои ҳамин дуньёро пур мекарданд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

2. Ба вагонҳои махсус савор карда, ба ҷойҳои дуре мефиристоданд, ки рафта меҳнат кунанду ба қатори мардум дароянд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 89. Аз қатор мондан

*Ниг.* Аз қатор баромадан.

1. — Модоме ки ин корвон аз номи колхозчиён мерафтааст, ҷаро фарзандони онҳо аз қатор монанд?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. Мо ҳам аз қатор намонда, бо сад азоб аз тан куртаи тарро канда гирифтем.

*«Хорпуштак».*

### 90. Дар қатори шолӣ курмак об мехӯрад

*Ниг.* Аз пушти шолӣ курмак об мехӯрад.

— Мо пиёбаро ба ин дараҷа тунд карда хӯрданро одат надорем. Инро фақат барои ту тайёр кунондем ва худамон ҳам «дар қатори шолӣ курмак об мехӯрдагӣ» барин хӯрда истодаем.

*С. Айнӣ, Ёддоштҳо», қ. III.*

### 91. Дар қатор як нар дошта бошӣ, борат дар роҳ намемонад

бо марди кордону таҷрибадида кор пешрав аст.

— «Дар қатор як нар дошта бошӣ, борат дар роҳ намемонад» гуфтаанд қалъачиҳои қадимӣ. Ана ҳамин «вакилҳо, оқсаққолҳо» «нари» мову шумо мешаванд, бори дар роҳ мондагиамонро мебардоранд.

*Айнӣ, «Ғуломон».*

**ҚАТРА**

### 92. Қатра-қатра ҷамъ гардад<br>В-он гаҳе дарьё шавад

Ҳар чиз кам-кам, ба тадриҷ ҷамъ гардида, бисьёр мешавад.

1. Дар ҳар паймона ту ба қадри як нарангушт кам диҳӣ, худи ҳамин, ҳеҷ медонӣ, дар як сол чӣ қадар мешавад? Мардум ҳамин тавр карда, молу давлат зиёд мекунанд, бача! Магар нашунидай, ки гуфтаанд: «Қатра-қатра ҷамъ гардад, в-он гаҳе дарьё шавад».

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр».*
*(«Шарқи сурх»).*

2. Дарьёи Кофарниҳон ба дарьёи Аму ва Аму ба баҳри Арал мерезад. Аз ин рӯ ба ташкильёбии баҳри Арал ҳиссаи дарьёи мо — Душанбе ҳам кам нест. Охир беҳуда намегӯянд, ки «қатра-қатра ҷамъ гардад, в-он гаҳе дарьё шавад».

*«Тоҷикистон».*

### 93. Қатра-қатраст об дар дарьё<br>Дона-донаст ғалла дар анбор

*Ниг.* Қатра-қатра ҷамъ гардад, в-он гаҳе дарьё шавад.

— Гапатонро бинед-а! «Қатра-қатраст об дар дарьё, дона-донаст ғалла дар анбор» — гуфтаанд. Агар ҳар як чакра бензин тахминан 15 миллиграмм бошад, аз ҳар як карбюратор дар ҳар як панҷ дақиқа як чакра чакад... дар як шабонарӯз 4,3 грамм мешавад.

*С. Сайфиддинов, «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

**ҚАТЪИ...**

### 94. Қатъи назар аз...

*Ниг.* Сарфи назар аз.

Қатъи назар аз дер расидани мо, моро зуд ба вагон роҳ доданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Дар колхозӣ*
*ба номи Ленин» («Шарқи сурх»).*

**ҚАФО**

### 95. Дар қафои ароба кашола шуда гаштан

1. дар коре сустӣ намуда қафо мондан, базӯр аз дунболи пешравон рафтан, 2. аз ҳисоби пешқадамон рӯз дидан.

1. Ба фикри мо, минбаъд ба сустӣ роҳ дода, дар қафои ароба кашола шуда гаштан шармандагии калон аст.

*«Хорпуштак».*

2. Равшан аст, ки бори ин рафиқон аз аввал кач буда, имрӯз ки беандоза афзудааст, мисашон баромада монд ва дар қафои ароба кашола шуда гаштаанд.

*«Хорпуштак».*

### 96. Аз қафои касе овезон шуда гаштан

аз паси касе муттасил гаштан, барои ба даст овардани чизе аз паи касе шилқин шудан.

1. Ин йигити ҳардамхаёли булҳавас рӯзе Клавдия Александровна ном духтареро дида, ошиқи беқарор шуд ва шабу рӯз аз қафои ӯ овезон шуда гашт.

*«Хорпуштак».*

2. «Ӯро дар Кӯлоб дидам, ки аз қафои як духтар овезон шуда гашта буд».

*«Хорпуштак».*

### 97. Қафо партофтан

иҷрои кореро мавқуф гузоштан, ба таъхир андохтан, ба ақиб монондан.

Ҳар чӣ карда ба ин ҳаракат монеъ шуданӣ, қафо партофтанӣ!

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 98. Аз қафои касе санг паррондан

ба касе ғоибона таъна задан, дар ҳаққи касе бадгӯӣ ва ғайбат намудан.

— Ана ҳамин хел-дия, хату хабари саҳл ба табъ нафоранда биёред, аз қафоятон санг мепарронанд, хату хабари хуш биёред, миннатдории хушку холиро ҳам насия мекунанд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 99. Аз қафои касе соя гирифта рафтан

пас-паси касе рафтан, аз паи касе равон шудан.

Аз қафои Акамахсум соя гирифта равон шуданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## ҚАҲР

### 100. Қаҳри гадо зарари гадо

қаҳр кунӣ, худат зарар мебинӣ, агар қаҳр карда чизеро нагирӣ, аз он маҳрум мемонӣ.

Андак сабр кун, навбати машина ба ту ҳам мерасад, гуён ҷавоб дод. Бригадир қаҳр карда, ҳамон боз ба назди раис намеравад.

— Ука «қаҳри гадо, зарари гадо» гуфтаанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 101. Қаҳри касе дар нӯги биниаш будан

1. одами зуд қаҳркунанда будан; асабӣ будан.

— Давлат Ҳакимович! — тафсида рафт Шукуров, ки қаҳраш дар нӯги биниаш будани вайро медонист ва ба зарбаи ҷавобӣ нигарон буд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 102. Қаҳр карда бошад, биниашро газад

қаҳр кунад, ба худаш, қаҳр кунад, кардан гирад.

Ман ба Эрматов гуфтам, ки Мӯмин аз ман қаҳр кардааст.

— Қаҳр карда бошад, биниашро газад, — гуфт Эрматов...

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 103. Аз қаҳр фуромадан

таскин ёфтани қаҳру ғазаб, ором шудан.

— Ҳа, ҳамааш ҳамин, — ҷавоб дод Ҳалима ҳоло ҳам аз қаҳр нафаромада...

*Ҷ. Икромӣ, «Тақдири бофанда» («Шарқи сурх)».*

### 104. Қаҳри худро фурӯ бурдан

худро аз қаҳр боздоштан, аз хашму ғазаб худдорӣ намудан.

— Барои ин ки...— гуфт вай қаҳрашро фурӯ бурда...

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Шарқи сурх»).*

### 105. Дар қаҳр шудан

ғазабнок гардидан, хашмгин шудан.

Ман аз ин гапҳо дар қаҳр шуда, аз хона баромада рафтам.

**ҚИЁМАТ**

### 106. Қиёмат бархостан

барпо шудани ошуфтагии умумӣ ба сабаби коре ё хабаре, шӯру ғавғо хестан.

Дар шаҳр қиёмат бархост, тамоми аҳли Ҳирот — марду зан кабуд пӯшиданд...

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

### 107. Қиёмат кардан

шӯру ғавғо бардоштан, ҷанҷол, доду фиғон намудан.

Занаш ба ҷои кораш омада қиёмат карда рафт.

### 108. Қиёмат шудан

(аз рӯи ақидаи динӣ, вақте мерасад, ки дар он гӯё ҳама мурдагон зинда мегарданд): 1. барои коре ба по хестани ҳамаи мардум, 2. барпо гардидани шӯру ғавғо, ошуфтагӣ аз коре ё хабаре.

1. Гӯё қиёмат қоим шуда буду ҳар кас ба фикри худ буд.

*А. Сидқӣ, «Ҷӯраи деринаи man» («Шарқи сурх»).*

2. Бингар ки чӣ сон оилаат синасипар хест,
Дар зеру забар кардани таҳдиду хатар хест,
Аз дастгаҳи коргарон барқу шарар хест,
Гӯё ки «қиёмат» шуду бархост ба майдон.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

3. — Э, имрӯз ҳавлии хӯҷаин қиёмат шуд, қиёмат.

*Қ. Наимӣ, «Соли 1916».*

**ҚИЁФА**

### 109. Аз қиёфаи касе барфу борон боридан

*Ниг.* Аз қавоқи касе барф (-у борон)) боридан.

Пагоҳии ҳамин шаб аз қиёфаи Амонҷон барфу борон меборид.

*«Газетаи муаллимон».*

**ҚИЛ**

### 110. Қилро аз хамир ҷудо кардан

*Ниг.* Мӯйро аз хамир берун кардан.

1. Шӯҳрат пайдо кардан мехоҳанд, ё мақсади дигаре доранд, ман намедонам. Аммо охир қилро аз хамир ҷудо карда тавонистан вазифаи мост...

*Ф. Муҳаммадиев, «Арзамас».*
*(«Маориф ва маданият»).*

2. Ана, агар «не» гӯед, қилро аз хамир ҷудо карда мебинем.

*«Хорпуштак».*

### 111. Қилу қол

1. баҳсу мунозира, хархаша, ҷанҷолу ғавғо, гуфтушуниди пурҷанҷол, 2. тафсил, ҷузъиёт.

1. Ҳанӯз дар миёнашон
Чӣ қилу қол мешавад,
Ҳанӯз Амрику Япон
Сагу шағол мешавад.

*П. Сулаймонӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

2. — Дигар қилу қол накуну хез, меравем.

*Ф. Ансорӣ, «Имтиҳон».*

3. Лекин «аммо...» дорад ин гап, ҷӯра, қилу қол пурс,
Андак аз баъзе дарахтон «ранг бину ҳол пурс».

*А. Деҳотӣ, «Ҳаёт қадам мезанад».*

**ҚИЛИҚ**

### 112. Қилиқи нав баровардан

*Ниг.* Нағма баровардан.

Аз ҳамин рӯз сар карда ӯ қилиқи нав баровард.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 113. Қилиқи хунук

1. ҳаракати нозеб, рафтори ношоиста, 2. одати бад.

Қилиқи хунукатон хушк шавад!

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

**ҚИМАТ**

### 114. Қимат афтидан

1. ба нархи гарон ба иҷро расидани ё ба даст даромадани чизе, 2. боиси ташвиши барзиёдатӣ ва нохушӣ шудани коре.

1. Тасаввур кунед, ки ин чӣ андоза душвор ва қимат меафтад!

*«Тоҷикистон».*

2. Инҷиқии бемавриди вай барои мо хеле қимат афтод.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 115. Ба қимати хуни падари худ чизеро фурӯхтан

чизеро ба нархи ниҳоят гарон фурӯхтан.

Магар аспатонро ба қимати хуни падаратон фурӯхтаниед?

**ҚИССА**

### 116. Қисса кӯтоҳ

мухтасар, хулосаи гап, хулласи калом, кӯтоҳ карда гуем.

Қисса кӯтоҳ, ба сар хоридан вақт надошт.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

**ҚИТИҚ**

### 117. Ба қитиқи касе расидан

1. ба касе сухани ба қаҳри ӯ мерасидагӣ гуфтан, ғаши касеро овардан, боиси хашм ва асабонияти касе гардидан, 2. ба воситаи гап касеро ба ҳаракат, ҷӯшу хурӯш даровардан.

1. — Ҳозир,— гуфт Зебинниссо табассумкунон,— ҳа, либоси кӯҳна қатӣ бозорамон касод мешавад-мӣ? — гӯён ба қитиқи модараш расида монд.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

2. Вале «Хорпуштак» афсӯс хӯрд, ки чаро ин рафиқон одамони дар таги тути бедонахобидаро дурустакак бедор намекунанд, ва ба қитиқи онҳо сахттар намерасанд.

*«Хорпуштак».*

3. Вале ин тамошои ҳақиқатан ҳам фараҳбахш рафта-рафта ба дили Глори зад, зеро ӯ дӯстдори ҳодисаҳое буд, ки ба қитиқаш расанд, асабҳои ӯро ба ҷунбиш оранд...

*К. Носиров, «Орият».*

**ҚОБИЛ**

### 118. Қобили қабул гардидан

маъқул, писандида шудан.

Як асари муҳимме ҳанӯз ба вуҷуд наомадааст, ки қобили қабули умум гардида бошад.

*А. Мирзоев, «Биноӣ».*

**ҚОЛИБ**

### 119. Аз қолиби худ баромадан

аз ҳадди эътидоли худ берун баромадан.

Гап дар он, ки Аҳмад хеле аз худ рафта, аз қолиби худ баромада истодааст.

**ҚОМАТ**

### 120. Қомат рост кардан

1. сохта шудан, бино ёфтан, 2. рӯ ба беҳбудӣ овардан, нашъунамо кардан, пас аз вайронӣ ва ё шикасте кору бори худро аз нав ба роҳ мондан, тараққӣ додан.

1. Дар сар-сари роҳ биноҳои мактаб, клуб, яслӣ ва боғчаҳои кӯдакон қомат рост кардаанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Аммо умед доштанд, ки роҳбари нав бо сухан ва ибрати худ мардумро ба ҷунбиш оварда, ғайрату ташаббуси онҳоро бедор хоҳад кард ва он гоҳ колхоз ба осонӣ метавонад қомат рост кунад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

3. Фузайл пас аз ин шикаст дигар қомати худро рост карда натавонист...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 121. Қомати хамгаштаи пирон нишони марг нест

1. пирӣ нишонаи марг нест, 2. кас бо пир шуданаш аз кор намебарояд.

Аввал ин ки, ману ту ҳоло бисьёр сол умр мебинему ғами гӯру ҷӯбро аз ин вақт хӯрдан беҳуда аст. Дуруст мегӯянд, ки «қомати хамгаштаи пирон нишони марг нест».

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

## ҚОФИЯ

### 122. Қофия танг омадан

1. дар вазъияти танг мондан, 2. дар муқобили эрод ва эътирози касе ҷавоби муносиб ёфта гуфта натавонистан.

Агар қофия ниҳоят танг омада монад, ба фармонҳои додагиаш ва пулҳои гирифтагиаш мункир мешаваду гуноҳро ба гардани Илмия мезанад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 123. Қофия тӯғрӣ биёяд, падаратро ҳам риоя накун

дар суҳбат агар гап ба гап часпад, мувофиқ омада монад, шарм надошта, бе рӯи хотир дар бораи ҳар кас гуфтан гир.

Аз ин аскияҳо бошад, хафа нашавед. «Қофия тӯғрӣ биёяд, падаратро ҳам риоя накун» гуфтаанд.

*Б. Азизӣ, «Таҷриба».*
*(«Шарқи сурх»).*

**ҚОШ**

### 124. Аз қошу қавоқ барфу борон боридан

*Ниг.* Аз қавоқи касе барф(-у борон) боридан.

1.— Ҳа, чӣ гап шуд, ин қадар аз қошу қавоқатон барфу борон меборад?

2. Аз қошу қавоқи ӯ доимо барфу борон борида дили мардумро озор медиҳад.

*«Хорпуштак».*

### 125. Қошу қавоқ кардан

*Ниг.* Қавоқ андохтан, 2. аз рӯи ноз рӯй турш кардан.

1. Ягон чизи навро дар тани касе дида монад, ба амакам қошу қавоқ карда, «ман аз зани фалон одам чӣ камӣ дорам, вай фалон курта пӯшидааст. Ба ман ҳам гирифта диҳед»— гуфта ду пои амакамро ба як мӯза қава карда гуфтагиашро мерӯёнад.

*«Маориф ва маданият».*

2.— Сабаби дина ба шумо қошу қавоқ кардани занатонро фаҳмидам.

*К. Носиров, «Орият».*

**ҚОШУҚ**

### 126. Қошуқи холӣ даҳонро канда мегирад

бе пора корат пеш намеравад.

Қошуқи холӣ даҳонро канда мегирад гуфтаанд, ба Амин чанд пул бурдан даркор?

**ҚУВВА(Т)**

### 127. Аз қувва(т) афтидан (мондан)

беҳолу бемадор гардидан.

1. Душман истод, вале ҳанӯз аз қувва наафтода буд, вай даҳҳо ҳазор солдат ва офицери худро талаф дода бошад ҳам, боз охирин қувваҳояшро ҷамъ карда, дивизияҳои нав ба нави худро ба ҷанг медаровард.

*Ҷ. Икромӣ, «Достони марди танкшикан».*

2. Пирамарди бечора аз қувват мондааст.

**ҚУВВАТ**

### 128. Қувват гирифтан

ба ҳол омадан, зӯру тавоно шудан, 2. сиҳат ёфтан.

1. Дар миёнаи зимистон акаам қувват гирифт.

*С. Айнӣ, «Махтасари тарҷимаи ҳоли худам».*

2. Аммо вақте ки Ҳукумати шӯрой қувват гирифт ва кори мо пеш нарафт...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 129. Қуввати дил шудан

боиси дилбардорӣ, тасаллии хотир шудани чизе ба касе, рӯҳбахш шудан.

— Хайр, амакҷон, тез-тез омада истед. Охир, шумо қуввати дили мо мешавед!..

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 130. Ба қувват омадан

*Ниг.* Қувват гирифтан.

Ҳамин ки омади хун бозистод, шумо зуд ба қувват меоед, натарсед.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

**ҚУЛОЧ**

### 131. Қулочро васеътар (-у калонтар) партофтан

1. доираи кори худро васеътар гирифтан, 2. ғайрат нишон додан, саъю кӯшиши зиёд кардан.

— Ман аз мушкилӣ наметарсам...
— Офарин,— гуфт дарҳол котиб. Қулочро васеътару калонтар партоед. Баояндаи хуби мо нигоҳ карда қадамҳоро калон партофтан гиред.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

ҚУРБОҚҚА

### 132. Қурбоққаро ҳам зер кунед, ваққос мекунад

ба ҳар касе озоре расонед, эътироз мекунад, сахт гап занед, ҷавоби сахт мегардонад.

— Ҳой раис, қурбоққаро ҳам зер кунед, ваққос мекунад.

*А. Сидқӣ, «Иродаи зан»* *(«Занони Тоҷикистон»).*

ҚУСУР

### 133. Қусури чизеро баровардан

1. дар бадали нағзии касе нағзӣ кардан, 2. камбудии зоҳиршударо ислоҳ намудан.

1. Ба ӯ як милтиқи шохдори қадимӣ харида медиҳам. Майлаш, пас аз халос шуда баромадан қусурашро хоҳад баровард...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2.— Ҳар чи бе гила раветон, ҳар камбудие, ки шуда бошад, мебахшетон, бори дигар қусурашро мебарорам

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. Осмон чунон софу беғубор ва аз тобиши моҳи пурраи шаби понздаҳ чунон равшан буд, ки гӯё акнун қусури бедимоғиҳои сешабу серӯзаашро баровардан мехост.

*«Маориф ва маданият».*

### 134. Қусури чизе баромадан

ислоҳ шудани камбудию нуқсони пештар рӯйдода.

Пахтаи нағз диҳем, қусури ҳамааш мебарояд, ха.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст»* *(«Шарқи сурх»).*

ҚУТ

### 135. Қути рӯи касе кандан

1. ранги рӯи касе паридан, 2. сахт тарсидан.

Қути рӯи қӯрбошӣ боз ҳам зиёдтар канд.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ»* *(«Шарқи сурх»).*

**ҚУТТӢ**

### 136. Дар қуттии аттор ҳам ёфт намешавад

1. чизи хеле нодир ва камъёб аст, ёфтанаш мушкил аст, 2. чизе аҷоибу ғароиб.

1. Ростӣ, баъзе анъанаҳо ва расму оине, ки дар оилаи шумо ҷорӣ шудааст, дар қуттии атторӣ ҳам ёфт намешавад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Мактуби дӯст». («Шарқи сурх»).*

2. Вай найрангҳое дорад, ки дар қуттии аттор ҳам ёфт намешавад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## Ӯ

**ӮҲДА**

### 1. Аз ӯҳдаи коре баромадан

1. кореро мувофиқи матлаб иҷро карда тавонистан, 2. аз дасти касе омадани иҷрои коре.

1. Мардум аз ӯҳдаи корҳои бузург баромада тавонистанд.

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

2. Наход шумо як зани ҷавон, солим аз ӯҳдаи тарбия намудани се фарзанд намебароед?

*«Тоҷикистон».*

3. Имрӯз ҳам хеста мегӯяд, ки Юсуф саркор аз ӯҳдаи кор намебарояд...

*Ҷ. Икромӣ, «Сангалӣ» («Шарқи сурх»).*

4.— Чӯпонӣ нағз аст. Аммо кори мардона аст. Ҳар кас аз ӯҳдаи ин кор баромада наметавонад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 2. Ба ӯҳдаи худ гирифтан

иҷрои кореро ба зимма, гардани худ гирифтан.

Инро ман ба ӯҳдаи худ мегирам.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов, «Тӯфон».*

### 3. Ӯҳдадор шудан

масъулияти иҷрои кореро ба гардани худ гирифтан, кореро ба худ вазифа қарор додан.

Соли гузашта колхоз ӯҳдадор шуда буд, ки аз ҳар модагови ҷушоӣ ба ҳисоби миёна 1200-литрӣ шир гирад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## Ҳ

**ҲА**

### 1. Ҳа гуфта

1. беором, дам нагирифта, 2. муттасил, пай дар пай.

1. Дар дафтарчаи бағалии худашон ҳа гуфта менавиштанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Москва чӣ овардӣ?».*

2. Ҳа гуфта ба қоғаз ким-чиҳо менависад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

3. «Фаҳмонед, ки ниҳол дар як ҷо месабзад. Ҳа гуфта аз ин ҷо, ба он ҷо кӯчонида шинонед, хушк мешавад».

*М. Узоқов, «Лӯлиён»*
*(«Истеъдодҳои ҷавон»).*

### 2. То ҳа гуфтан

дар андак вақт, дар муддати кӯтоҳ.

Ман бояд равам, фармони фирқаро баҷо орам... Лекин зинда бошем, то ҳа гуфтан боз ҳамин рӯза барин якҷоя нишастан мегирем-дия.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 3. Ҳа нагуфта

1. дар андак вақт, дере нагузашта, ба тезӣ, 2. дарҳол

1.— Ҳа нагуфта тӯй мекунем, орзу ҳавас мебинем.
2. Ин эркатулфор чунон фиребгар ва найрангбоз аст, ки ҳа нагуфта ситораро аз осмон бенордбон канда мегирад.

*«Хорпуштак».*

### 4. Ҳа не, ҳу не

1. бе огоҳӣ, бе хабар, 2. бе муқаддима, 3. бе муносибат.

Хоҳарам гӯён, ҳа не, ҳу не даромада омад, ҷиннӣ гӯям ақлаш дар ҷояш.

*С. Саидмуродов, «Ҳамшира»*
*(«Маҷмӯаи пьесаҳо»).*

**ХАББА**

### 5. Ҳаббаро қубба карда нишон додан

чизе, ҳодисаи майда ва беаҳамиятеро аз будааш калон карда нишон додан, муболиға кардан, муҳобот кардан.

У оқсақоли мо буда, тарафи моро гирифтанаш лозим бошад ҳам, ба амлокдор ҷосусӣ мекунад, пашшаро фил, ҳаббаро қубба карда нишон дода, хонаамонро месӯзонад.

*С. Айнӣ «Ғуломон».*

**ҲАВАС**

### 6. Ҳавас рафтан (омадан)

1. хоҳиш, орзу пайдо шудан, касе, чизеро сахт хостан, ба чизе толиб шудан, 2. чизеро дида ё шунида ба иштиёқи он афтодан.

1. Ҳоким агарчи ду зан дошта бошад ҳам, зани калонаш пири аз кор баромада ва зани ҷавонаш ҳамеша бемор будааст, бинобар ин орзу доштааст, ки ба як духтари соҳибҷамоли тандурусти тануманди кӯҳистонӣ хонадор шавад; вақте ки таърифи духтареро аз як ясавул мешунавад, ба орзуи ҳоким як ба як баробар омада ғоибона ба вай ҳавасаш меравад.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Духтарчаашро либоси озодаи тӯрдор пӯшонда ва ба сараш лентаи осмонранги бенур баста, монанди зоча зеб дода оварда буд, ки ҳаваси кас мерафт.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

3. Як кӯкнорӣ аз пеши дӯкони баққоле мегузашт. Дид, ки дар сабадҳо мавизҳои калон-калони яккачин шакарак баста хобидаанд. Ҳаваси кӯкнорӣ рафт, даҳонаш об кушод.

*«Латифаҳои тоҷикӣ».*

4.— Ростӣ, ба шумо ҳавасам меояд, дӯстонам, барои ба партия даромадани шумо ҳамаи шароит ҳозир ва муҳайё.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

5. Дигар занҳоро бинед, ҳавасатон меояд.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

**ҲАВО**

### 7. Дар ҳавои чизе афтодан

дар орзую ҳаваси чизе шудан, хоҳони чизе будан.

Ана ҳамин одам дар ҳавои дарсгӯӣ афтодааст, аммо ягон кас наёфтааст, ки ба худ шогирд кунад...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

### 8. Ҳавои касе баланд будан

мутакаббир, мағрур будан.

1.— Солҳои пеш ба тракторчиён гап зада наметавонистед. Ҳавояшон бисьёр баланд буд, ҳазор гӯед ҳам, донистагии худашонро мекарданд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2.— Ин қадар ҳавоятон баланд... гиред ҳам мегиред, нагиред ҳам мегиред!

*Ф. Ансорӣ, «Имтиҳон».*

### 9. Ҳавои касе баланд шудан

мутакаббир, мағрур шудан.

Ҳавои раис торафт баландтар мешуд, пули колхоз вайро маст карда буд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 10. Ҳавои гапи касе баланд будан

гапи калон задан, мағрурона, худбоварона гап задан.

Ҳавои гапи мӯйсафедҳоямо чудо баланд-ку!

*П. Толис, «Чавонӣ».*

### 11. Қасеро ҳаво додан

тарафи касеро гирифта ӯро бар зидди касе шӯрондан, барангехтан.

— Ту, каллаварам, пир шуда ақлатро гум кардӣ, ба ҷои пешгирӣ духтаратро ҳаво медиҳӣ...

*«Маориф ва маданият».*

### 12. Бо ҳавои даҳон

1. калонгарона, фармонфармоёна, бо дӯғу пӯписа, 2. бо сухани хушку холӣ, бо лоф.

1.— Ҳой Миртаваккал, ин плани идораатон не, ки бо ҳавои даҳон саду дусад гуфтан гиред!

*«Хорпуштак».*

2. Ба ҳавои даҳон донам-надонам, дарс додан мегиред-мӣ?

*«Хорпуштак».*

### 13. Ба касе ҳавои даҳон додан

кори нодурусти касеро қувват додан, кори касеро бо имову ишорат тақвия кардан.

1. Ӯ ба онҳо ҳавои даҳон медиҳад, ки ба дари пункт қуфли якманӣ зада, кайф карда гарданд.

*«Хорпуштак».*

2. Фақат аз шавҳарашон Ваҳҳобҷон Акрамов камтар гила мекунем, ки «ту савдогар, ту ҷаллоб» гӯён одамони бегуноҳро ранҷонда мегардаду ба зани худаш «ман ки ҳастам, натарсида харида фурӯхтан гир» гӯён ҳавои даҳон дода мондааст.

*«Маориф ва маданият»*

### 14. Ҳавои даҳан кардан

калонгарӣ, худситоӣ кардан.

Як рӯз ба пахтачинӣ баромада баҳои «3» гирифт. Ьоб шуд.

Акнун аз дамаш мефарояд. Дигар ҳавои даҳан намекунад.

*Б. Умарӣ, «Ду рафиқ» («Тӯҳфаи ҷавонон»).*

### 15. Ҳавои даҳони касеро поидан

мақсади касеро фаҳмиданӣ шудан, омодаи фаҳмидани сухан ва ё мақсади касе гардидан.

Ҳоҷизокир даҳони ҷуволро дубора баста ба кампир чашм дӯхта истод. Зоҳиран ӯ ҳавои даҳони кампирро мепоид.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

### 16. Ҳавои кор

тарзи иҷрои кор, роҳи ба осонӣ ба иҷро расонидани коре.

Вай ба як-ду нафари дигар, ки саросемавор ба кор сар карда буданд, тарзи кор, ё ба қавли худаш, «ҳавои корро нишон дод».

*П. Толис, «Ҷавонӣ».*

### 17. Аз ҳаво омада боз ба ҳаво меравад

чизе ки муфт, бемеҳнат ба даст даромадааст, ҳамон хел ҳам зоеъ мешавад.

Ман баъд аз хондани хат ба даҳлезы меҳмонхона рафта аз хӯрҷин чойро оварда ба пеши Арбоб мондам ва ба Зарафшон фурӯ рафтанамро нақл карда, ба самоворчӣ додани як қисм чойро ба вай часпондам.

— Зарар надорад, — гуфт Арбоб, — аз ҳаво омада будааст, боз як қисмаш ба ҳаво рафтааст.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 18. Ҳавои касе паст шудан

аз дуғу даранг, калонигарӣ фуромадан; кам шудани савлати пештараи касе.

— Революция гуфтагӣ як воқеа мешудааст... Қоргарҳо барои сарнагун кардани оқпошшо ҳаракат доштаанд...

— Барои ҳамин чанд рӯз боз ҳавои жандармҳо паст шуда будааст-дия...

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

### 19. Ба ҳаво рафтан

талаф гардидан, несту нобуд шудан, зоеъ шудан.

1.— Мо аз Шариф-Қичирӣ дуву ним ҳазор тангаи нақдро гирифта, ду ҳазори онро ба Орифи рангубор додем, ки ҳазор тангааш ба ҳисоби пули нақди додааш ва ҳазор тангааш ҳам «мақбузи» шарткардаамон. Панҷсадашро миёнаи вақфхӯрон тақсим кардем.

— Яъне ҳазор танга ба ҳаво рафт,— гуфт он одам.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Ба ҳамин тариқа умедҳои Раҳими равғангар ҳам ба ҳаво рафт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3.— Хайрият, ки ин ҳосили меҳнат, чи тавре ки шумо мегӯед, ба ҳаво нарафта ба замин рехтааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

### 20. Ҳавои чизеро гирифтан

лаззати чизеро дарк кардан, аз кайфу лаззати чизе пай бурдан, бохабар шудан, ба чизе маззахӯрак шудан.

Баъди он ки ӯ ҳавои шаҳрро гирифт, ба сараш ҳар гуна фикру хаёлҳо пайдо шуд.

*«Хорпуштак».*

### 21. Ҳавову ҳавас

1. ҳавои нағз касро ба завқ меоварад, ҳар чизи хуб ҳаваси касро меорад, 2. иҷрои орзую хоҳиш нисбат ба шароит имконпазир бошад, 3. булҳавасӣ.

1. — «Ҳавову ҳавас» гуфтаанд,— гуфт он чинакчӣ,— чидани пахта, ки даркор будааст, чаро дар вақти хубии ҳаво чида тамом накардетон?

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2.— Аммо охир «ҳавову ҳавас» гуфтаанд. Дида истодай, ки ҳаво хунук, ҷои кор бошад, аз ҳавлиамон дур.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

3. Зеро ман инро барои ҳавову ҳавас намегирам, балки маҳрами танам ва ҳамроҳи умриам гуфта мегирам...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

4.— Ӯҳӯ, ҳавову ҳаваси бойбачагӣ-ку!

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат».*

**ҲАВОБАЛАНД**

**22. Ҳавобаланд шудан**

*Ниг.* Ҳавои касе баланд шудан.

Ҳозир ҳамин хел ҳавобаланд шудагӣ, ки ба биниашон хода намерасад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

**ҲАВОХОҲ**

**23. Ҳавохоҳи касе шудан**

тарафдори касе шудан, тарафи касеро гирифтан.

Алӣ бинни Исо ба онҳо ҳам тӯҳфаҳо ва ҳадьяҳо дода ҳамаро хурсанд кард. Ҳамаи дарбориён ҳам маддоҳ ва ҳавохоҳи ӯ шуданд...

*С. Айнӣ, «Исьёни Муқаннаъ».*

**ҲАВОЙ**

**24. Ҳавой шудан**

1. ноустувор, бесабот шудан, 2. савдоӣ шудан.

— Рост мегӯед, аз як ҷиҳат фикр карда истам, худам ҳам хеле ҳавой шуда мондаам.

*Р. Файзӣ, «Модаршӯ»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ҲАВР**

### 25. Ҳаври касеро баланд кардан

1. касеро ба ҷуш овардан, 2. касеро барангехтан, шӯрондан.

— Муҳаммадҷон ако, ҳаври маро баланд карда чӣ кор мекунед?

*«Хорпуштак».*

### 26. Ҳаври дилро паст кардан

ҷушу хурӯши дилро паст намудан, таскин додан.

— Бо гирьяю нола, охир, ҳаври диламро паст мекунам-дия.

*«Хорпуштак».*

### 27. Ҳаври касе паст шудан

таскин ёфтан, ором шудан.

— Хез ба ЗАГС меравем, чудо мешавем!
— Ҳаврат ҳоли ҳам паст нашудааст-чӣ?..

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

**ҲАВСАЛА**

### 28. Ҳавсала пир шудан

аз коре дилхунук шудан, ба кор майлу рағбат намондан.

Вай ба линги лучи Пӯлод зада, ӯро гирдогирди ҳавлӣ чанд бор чарх мезанонду баъд ҳавсалааш пир шуда ба хона медаромад...

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

### 29. Ҳавсалаи касеро пир кардан

касеро аз коре дилхунук кардан, аз байн бурдани майлу рағбати касе ба коре.

Азобҳои «суханковӣ» ҳавсалаи ӯро пир мекарданд ва ӯ маъюс шуда, навиштаҳояшро хат мезад ва медаронид.

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат».*

ҲАД (Д)

### 30. Ҳадди касе ба касе намондан

1. ба гуфтани гапе ё додани фармоне ба касе қудрат ва ихтиёр надоштан, 2. аз ихтиёри касе рафтани касе.

— Аз ин мебароянд, ки,— каме ранҷида гап зад Умрихола,— ҳамин ки фарзанд ба аскарӣ рафт, ба вай на ҳадди модар мемонад ва на ҳадди падар, ҳамин тавр?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 31. Аз ҳад гузаронидан

1. аз андоза берун баромадан, аз андозаи маъмул хориҷ шудан, 2. кореро ба дараҷаи ифрот расонидан.

1.— Ба гапҳои ман гӯш надодӣ, духтарро эрка калон кардӣ. Вакте ки ӯ аз ҳад гузаронид, задӣ, коҳиш кардӣ.

*М. Шарқӣ, «Пушаймонӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

2.— Таърифро аз ҳад гузарондед-куя,— гуфт Шафеъҷон суп-сурх шуда.

*«Тоҷикистон».*

### 32. Зи (аз) ҳад гузаштан

ниҳоят бисьёр шудан.

Зи ҳад бигзашт аз дидори ту дирӯз хурсандӣ
Куҷо рафтию айши беҳисобамро куҷо бурдӣ?

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт», ҷ. II.*

### 33. Ҳад доштан

1. ҳуқуқ, ихтиёр доштан. 2. ба чизе ҷуръат кардан.

1.— Ҳад надорад, ки касе ба мо гап занад...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Ҳама медонистанд, ки дузд Холбӯта аст. Аммо касе ҳад надошт, ки ба вай «лому мим» гӯяд.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 34. Ба ҳадди имкон

ба қадри имкон, то мумкин аст.

Ба ҳадди имкон ба дарди онҳо, ба рӯзи сиёҳи онҳо ёрӣ расонад, даво ёбад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 35. Ҳад надоштан

охир, ниҳоят, поён надоштан; хеле зиёд будан, беандоза будан.

Азобу машаққати чӯпонҳо дар замони гузашта ҳад надошт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 36. Ҳадди муболиға сад чандон

муболиға ҳад надорад, муболиға беинтиҳо аст.

— Ҳадди муболиға сад чандон мегӯянд, рост будааст... Ман аз гуфтаҳои раис ба ин мақол боварӣ ҳосил кардам,— давом кард ба суханаш Камол.— Набошад, аҳвол ба он дараҷа бад нашудааст, ки ин қадар воҳима шавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора».*
*(«Шарқи сурх»).*

### 37. Чизеро ба ҳаддаш расондан

чизеро ба дараҷаи баланд, олии он расондан.

Зиёфатгарон — зану шавҳар, одамони ниҳоят хушҳолу хушфеъл ва улфатпазиру сӯҳбаторо, меҳмоннавозиро ба ҳаддаш расонданд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 38. Аз ҳадди худ гузаштан

аз доираи одоби худ берун баромадан, аз андозаи маъмули иззату одоби худ хориҷ шудан.

Шумо аз ҳаддатон гузаштед. Одоб ёд дода мондан лозим аст, одоб!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 39. Ҳадду ҳисоб надоштан

беҳисоб будан, ниҳоят бисьёр будан.

Дар заминамон чунон пахта рӯидааст, ки ҳадду ҳисоб надорад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

**ҲАЁТ**

### 40. Ҳаёт ба сар бурдан

рӯз гузаронидан, зиндагӣ кардан.

— Яке тоҷику дигаре ӯзбек аҳлона ҳаёт ба сар мебурданд.

*«Тоҷикистон».*

### 41. Ҳаёту мамот

ҳаёт ё марг, ҳастию нестӣ.

1. — Ин ҷанг ҷангест, ки масъалаи ҳаёту мамоти моро ба миён гузоштааст.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. «Обу ободонӣ» гуфта мешавад дар мақоли халқ. Ба ибораи дигар гӯем, об масъалаи ҳаёту мамоти мамлакат ва халқ аст.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора»*
*(«Шарқи сурх»).*

3. Ба тамоми ҳаёту мамоти район ҷавобгари аввалин котиби якӯм...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 42. Аз ҳаёт чашм пӯшидан

вафот кардан.

— Модарат дар ғами ту аз ҳаёт чашм пӯшид.

*«Маориф ва маданият».*

**ҲАЗМ**

### 43. Ҳазми ҷиғилдон кардан

чизеро аз худ кардан, чизеро ғайриқонунӣ соҳибӣ кардан.

Ҳамагӣ ду ҳазор сӯмро ҳазми ҷиғилдон кардам.

*«Хорпуштак».*

## ҲАЗОР

### 44. Бо ҳазор байту ғазал

бо ҳар хел гапҳои зиёдатӣ, бо хоҳишу илтиҷои бисьёре.

— Мақоле ҳаст, ки «Қасал сиҳат шуда, касалпо афтид». Хайрият омадӣ, Валяҷон. Бо ҳазор байту ғазал ин духтаракро даст гирифтем.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев, «Саодат» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 45. Ҳазор гап як пул

ҳама гап, далел, панд, насиҳат, хоҳиш, тавалло бе эътибор, бе фоида, гап задан ва фаҳмондан суд надорад.

Вале ҳазор гап ба раис як пул, бовар намекунад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 46. Ҳазор кунад ҳам

чӣ тавре ки зӯр назанад, ҳар қадар ғайрату кӯшиш кунад ҳам.

1. Ҳазор кунад ҳам, ба ману ту зарар расонда наметавонад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Ҳазор кунӣ ҳам, ту ба ин мардак зан намешавӣ.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 47. Ҳазору як хел

аз ҳад беш; гуногун, хел ба хел.

Аммо оҳан ҳам ҳазору як хел мешудааст.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

## ҲАЙ

### 48. Ҳай баракалло

қоил ман, офарин!

Вақташ ки омад, таноби ин одамонро якбора сахтакак кашида мемонанд. Дар он вақт худашон мегӯянд: «Ҳай баракалло!»

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»).*

### 49. Қасеро ҳаю бош кардан

1. ба касе роҳбарӣ кардан, роҳ нишон додан, 2. аз коре боздоштан, таноб, чилави касеро кашида истодан.

1. Пеши бодигарон рафта онҳоро ҳаю бош карда баҳузур мешинад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Имрӯз фардо ҳам дорад. Агар ягон кор шавад, фардо ба хешу таборҳои Аҳмад чӣ ҷавоб мегӯем? Айб ба бобост, ки ӯро нигоҳ надошт. Ӯ бачагӣ кунад ҳам, лозим буд, ки бобо ҳаю бош мекард.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

3.— Агар ҳаю бош карда наистед, бо ин феълу атвораш ба роҳи бад даромада рафтан ва ба колхоз зарар овarданаш мумкин аст.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ».*

### 50. Ҳай гиру ҳай мон

1. доду фарьёд, шавқун, 2. гарму ҷӯшон, бо ҷӯшу хурӯш, 3. бо талвоса.

1. Ҳама «ҳай гиру ҳай мон» шитоб мекарданд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

2. Дар як участка садҳо одамон бо «ҳай гиру ҳай мон» пахта чиданд.

*«Хорпуштак».*

3. Вай аз ғулғулаи мактаббачагон, ташвиши муаллимон, рафтори инспекторони шӯъбаи маориф, ҳай гиру ҳай мони коркунони молия ва боз ким-кадом меҳмонони нохонда халос мешавад.

*«Маориф ва маданият».*

### 51. Ҳай-ҳай гуфтан (кардан)

касеро аз иҷрои коре боз доштан, монеъ шудан, пеши касеро гирифтан.

1.— Забони ту, тирмизак, бисьёр дароз шудааст!— ба ғазаб омада фарьёд мекунад зани Обидзода, — ҳай-ҳай нагӯем бутун ба сари мо баромада мегирӣ...

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

2. Агар ҳай-ҳай нагӯед, вай тайёр аст, ки аз фанҳои табиатшиносӣ, зоология, фалсафа ва ғайра дарс диҳад.

*«Хорпуштак».*

3. Ҳай-ҳай накунед, сари чанд каси дигарро ҳам мехӯрад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

**ҲАЙРАТ**

### 52. Ба (дар) ҳайрат андохтан (овардан)

1. касеро ҳайрон, мутаҳайир кардан, 2. боиси ошуфтагии касе шудан.

1. Петербург ва Москва бошад, нависанда ва олими бузургро бо шукӯҳу азамати зебоии худ ба ҳайрат андохтанд.

*С. Улуғзода, «Мутафаккир, халқдӯст, тараққипарвар» («Тоҷикистони советӣ»).*

2. Вале ҳамшираи тиббӣ — Зебӣ ба ҷасорат ва бебокии худ ҳамаро дар ҳайрат меандохт.

*«Занони Тоҷикистон».*

### 53. Дар ҳайрат афтидан

ҳайрон шудан.

Аз ин аҳвол дар ҳайрат афтода монанди сурати девор ба кӯча рост истода буд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 54. Дар ҳайрат будан (мондан)

*Ниг.* Ба ҳайрат афтидан.

1. Дар давоми ҳамааш шуда панҷ соли охир чандон истиқоматгоҳҳо, биноҳои муассисаҳои маданӣ, хизматрасонии маишӣ дар ин ҷо сохта шудаанд, ки худи ленинободиён аз ин дар ҳайратанд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

2. Модари Сулаймон, ки дар як кунҷи хона ба кимчӣ кор машғул буд, ба нохост ба писараш нигариста, дар ҳайрат монд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 55. Ба ҳайрат овардан

*Ниг.* Ба ҳайрат андохтан.

Тараққиёти санъати тоҷик ӯро ба ҳайрат овардааст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ҲАЙФ**

### 56. Ба касе ҳайфи касе омадан

ба касе раҳм кардан, дили касе ба ҳоли касе сӯхтан, афсӯс хӯрдан.

Ба падарам ҳайфам меомад, ки бечора барои хурсандӣ ва хушбахтии писараш ҳеҷ чизро дареғ намедошт, аммо писар худро ба он ҳама ғамхорӣ сазовор дониста, миннатдор ҳам намешуд, ҳатто бисьёр вақт норозӣ мешуд ва «аз хонаатон баромада меравам» гуфта падарамро метарсонд.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

**ҲАЛВО**

### 57. Ҳалвои бедуд

фоидаи муфт, фоидаи тайёр, чизе ки бе азобу меҳнат, ба осонӣ ба даст даромадааст.

Ҳурмате ки аз номи шайхӣ ба одам насиб мегардад, як «ҳалвои бедуд» аст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 58. Бо (ба) ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад

бо хуб гуфтан кор хуб намешавад, бо сухани ширину ваъдаи бисьёр кор иҷро намегардад.

1.— Оҳ, Сабоҳҷон, ба ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад, канӣ, ман ба гуфтаи ту дароям, ту чӣ кор мекунӣ?

— Ба ҳалво гуфтан даҳон ширин нашавад ҳам, «то бача гирья накунад, модараш шир намедиҳад»-ро шунидӣ-мӣ?

*Б. Азизӣ, «Никоҳи дилхоҳ»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

2. Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад, ӯҳдадориҳо худ аз худ иҷро намегарданд. Барои ба қавл вафо кардан имконияту захираҳоро ёфта, онҳоро пурра ба кор андохтан лозим аст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Дар Ҳисору Регар баъзе ландаҳурҳо гумон мекунанд, ки бо ҳалво гуфтан даҳон ширин мешаваду ба ҷои пахта қанор-қанор ваъда месупоранд.

*«Хорпуштак».*

### 59. Ҳалворо ҳаким хӯраду калтакро ятим

1. азобу машаққати чизеро касе бинаду роҳати онро каси дигар, 2. гуноҳро касе кунаду каси дигар ҷавобгар шавад.

1. Қорро ту кунию гапаш ба ман расад, «ҳалворо ҳаким хӯраду калтакро ятим» гуфтагӣ барин мешавад.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

2. Шумо ҳамчун директор ба вайронкунии қоидаи савдо аз ҳама беш ҷавобгар ҳастед. Барои ҳамин бо дили соф, аз рӯи дӯстӣ гуфтанӣ ҳастам, ки ҳушьёриро аз даст надиҳед. Дар акси ҳол «ҳалворо ҳаким хӯраду калтакро ятим» гуфтагӣ барин, корро дигарон карда, гапашро шумо мешунавед.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3.— Рӯзиматбой, забони ҷумлаи мурғонро медонедкуя. Хароҷотҳоя ба гардани комиссияҳоюю меҳмонҳо бор кардед-мӣ? «Ҳалвоя ҳаким хӯраду калтака ятим» гуфтагӣ барин онҳо гунаҳкор.

*Б. Раҳимзода ва М. Рабиев,*
*«Дар сояи шипанг»*
*(«Маҷмуаҳои пьесаҳои якпардагӣ»).*

## ҲАЛОЛ

### 60. Ҳалол карда хӯрдани нони худ

ризқи худро бо меҳнати ҳалол ба даст овардан.

Намедонанд, ки ӯ дар чорсолагӣ ба дасти модаркалони ӯгай, пиразани бешафқати бадзабон монда, маҷбур шуда буд, ки тақрибан баробари омӯхтани роҳгардию

гапзанӣ — меҳнат кардан, ё ба ибораи ҳамон аҷуза «ҳалол карда хӯрдани нони худро» ёд гирад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Меҳри диёр»*
*(«Чароғи ирфон»)*

**61. Чизеро ҳалол кардан**

чизеро мувофиқи қоидаи шариат қонунӣ карда аз худ намудан.

— Шумо ба сухан ҳамроҳ нашавед ҳам, як ғалбер ҷавро ҳалол карда будед,— гуфта Сафар имомро қадре хоида партофт.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**62. Ҳалол кардани ҳаққи намак**

1. ба ивази некии касе некӣ кардан, 2. розӣ кунондан.

Пеш аз он ки Ёдгорро ба шогирдпеша супорад, барои «ҳалол кардани ҳаққи намак» ин воқеаро ба Азимшоҳ ҳикоя карда аз вай барои Ёдгор «фотиҳаи сафед» талаб намуд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ҲАЛОЛАТ**

**63. Ҳалолат бод**

*Ниг.* Қандата хӯр.

1. Касе ки дар ин майдон мардӣ нишон додааст, ҳалолаш бод!

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2.— Эй, ҳалолат бод, аскари сурх!

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I*

**ҲАЛЛОЧӢ**

**64. Аз ҳаллочӣ бутун баромадан**

1. аз ҳар душворӣ ба осонӣ ҷон бадар бурдан, аз вазъияти нохуше бе осебе халос гардидан, 2. гуноҳеро карда аз он бе ҷавобгарӣ халос гардидан.

Ҳамин хел ӯ шахсест, ки аз таги сад дор гурехта, аз ҳаллочӣ бутун мебарояд.

*«Хорпуштак».*

### 65. Аз ҳаллоҷӣ гузаронидан

1. касеро ҳаматарафа таҳқиқу тафтиш намудан, 2. касеро қин кардан.

1. Мавзӯи ҷангу ҷанҷоли имшаба ҳам боз бевақт ба ҳавлӣ омадани Рустамамак буд. Ба қавли Рустамамак, Саодатбибӣ имшаб вайро «аз ҳаллоҷӣ гузаронд».

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», к. I.*

2. Пристави силтабиати дилтанг ӯро зӯр зада аз ҳаллоҷӣ мегузаронад...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

## ҲАЛҚА

### 66. Ҳалқаи гӯши худ намудан

чизеро дар ёд, хотири худ ҳамеша нигоҳ доштан.

Ту гапамро ҳалқаи гӯшат намо,
Пир не-тадбир не, охир, балам.

*А. Баҳорӣ, «Сарахбори зиндагӣ».*

## ҲАМ

### 67. Қасеро ҳам аз асп, ҳам аз узангу фуровардан

касеро аз мансаб бекор карда ба калонигариаш хотима додан, касеро битамом аз ҳама мансабҳояш холӣ кардан.

Афсӯс, ки таънаҳои бисьёри мардум Акашарифро ҳам аз асп, ҳам аз узангу фуроварда монд.

*«Занони Тоҷикистон».*

### 68. Ҳам аз ош, ҳам аз мош дуздидан

*Ниг.* Ҳам аз тору ҳам аз пуд задан.

— Ту як дузди номарде ҳастӣ, ки рӯзона дар пеши чашми ҳама кас, бе он ки ба касе фаҳмонӣ, ҳам аз ош, ҳам аз мош... медуздӣ.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 69. Ҳам аз тору ҳам аз пуд задан

дутарафа дуздидан, ҳангоми фурӯхтан ё додани чизе ба касе қаллобона аз ҳар ҷиҳат, кам додан, дуздидан.

1. Аксари молҳое, ки барои ба аҳолӣ фурӯхтан меоваранд, аз онҳо ин фурӯшандаи моҳир ҳам аз тораш ҳам аз пудаш мезанад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Моли давлат ва пули меҳнаткашонро ҳам аз тору ҳам аз пуд зада, ба кисаи худ ҷой мекунад.

*«Хорпуштак».*

### 70. Ҳам ба наъл задан, ҳам ба мех (мӯза)

1. ба ду тараф ҳам хотирхоҳӣ кардан, 2. чизе ё касеро дар айни замон ҳам нағзу ҳам бад кардан.

1. Ин мардак чӣ хел гурги борондида аст, ҳам ба наъл мезанаду ҳам ба мех.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. Абдураҳмонбеки миршаб бошад, ҳам ба наъл мезаду ҳам ба мӯза. Аксар вақт ба назди қушбегӣ рафта тамаллуқ ва чоплусӣ менамуд, аз муллоҳо, аз қозикалон ва раис шикоятҳо карда, кирдори онҳоро хабар медод. Соатҳое ҳам мешуд, ки ба назди қозикалон рафта ва ё ба ҳавлии раиси калон даромада, аз қушбегӣ шиква мекард.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 71. Ҳам бой шаваду ҳам бойбача

бо як кор ду мақсад ба даст дарояд, бо як тир ду нишон.

— Нарафтам, тақсир. Ба як порча замин гандум коштанӣ шуда шудгор карда будам, рафта монам, номаш гурехта мемонад.

— Гандум кошта сонӣ рафтанӣ будӣ! «Ҳам бой шаваду ҳам бойбача!» Ҳозир ман ба ту гандумкориро нишон дода мемонам.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

### 72. Ҳам зиёрату (саёҳат) ҳам тиҷорат

дар давоми коре ба ҷо овардани кори дигаре.

1. Ният доштам, ки ин зиёфатчаро гузаронаму як «ҳам зиёрату ҳам тиҷорат» гуфтагӣ барин ба Ленинобод равам.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2.— Рафиқ Воҳидов, албатта, ба тарафҳои мо биёед,— таклиф кард акои Олим,— ҳам саёҳату ҳам тиҷорат гуфтагӣ барин, ҳам мактаби ана ин Зебинисои моро мебинед ва ҳам чорта ҳавои тоза мегиред.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 73. Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад

ҳам мурод ҳосил шавад ва ҳам каси дигаре озор набинад.

1. Агар шумо бо мо барин ҷонсупорон, ки аз таги дил ба ҳукумати шӯроии халқии Бухоро дода шудаем, маслиҳат карда кор кунед, ҳам мақсад ба даст медарояд, ҳам ҳақ ноҳақ намешавад.

— «Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад» гӯед-а, Полвон,— гуфт раиси комиссия сухани ӯро тасдиқ карда.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2.— Ман медонам, ки дар тоҷикӣ чунин як мақол ҳаст: «Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад» мегӯянд. Шумо ҳам мехоҳед, ки пахта ҳам зуд сабзад, ҳам зуд пазад ва ҳам хушсифат бошад... Ин орзуи нағз, лекин ҳанӯз мо ба ин комьёб нашудаем.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

3. Ё ман, ё Анвар! Шумо, занҳоро, ман хуб омӯхтаам, мақсади шумо ҳамеша: «Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад!»

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 74. Ҳам муттаҳамию ҳам пешгирӣ

*Ниг.* Ҳам ғаррӣ, ҳам пешгирӣ.

Акнун, ки духтар ба кирдорҳои ношоистаи шумо тоб наоварда баромада рафтааст ва яқин донистаед, ки ми-

си коратон баромада мемонад, «ҳам муттаҳамию ҳам пешгирӣ» гуфтагӣ барин аз матбуот имдод мепурсед.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 75. Ҳам савобу ҳам хурмо

1. аз як кор ду фоида, 2. *Ниг.* Ҳам зиёрату ҳам тиҷорат.

Дар ҳамин қарибӣ аз Ленинград диплом гирифта омадааст, дар системаи мо кор мекунад ва хеле орзу дорад, ки дар ягон бинокории наве ҳам иштирок намояд.

— Ана,— гуфт Ҳакимов ба Шодӣ,— ин ҳам савобу ҳам хурмо шуд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 76. Ҳам ғаррию ҳам пешгирӣ

худ кори ношоистае карда, аз касе даъвогар шудан, ба касе тӯҳмат кардан.

Сафар худдорӣ карда натавонисту чашмаш шарорабор шуд, қаҳру ғазабаш боло гирифт ва ӯ «ҳоло ҳамин тавр-мӣ, ҳам ғаррию ҳам пешгирӣ?» гуфт.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

## ҲАМА

### 77. Ҳамаро бо як газ чен кардан

*Ниг.* Бо гази худ чен кардан.

— Аввал пухта карда монем, мегӯям-дия, мабодо дар вақти ғалберро аз об бардоштан нагӯед, ки шумо ба мо маъқул нестед, ё тракторатон чиркин буд, ё ҷомаатон равғанин...—мегӯяд боз Мурод ва ба сӯи Зӯҳра, ки дар давраи духтарон менишаст, бо ришханд нигох мекунад.

— Ҳамаро бо як газ чен накунед, йигити хуб,— гуфта зани дигар ӯро киш-киш медиҳад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Савдои умр»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 78. Ҳама гап...

1. масъала дар болои... 2. асос, моҳияти масъала.

1. Ҳама гап дар ақлу дониш ва шуур будааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2.— Агар пул бошад, халосӣ оппа-осон, ҳама гап ба сари пул...

*С. Айни, «Дохунда».*

3.— Устухонаш безарар-мӣ?
— Ҳа, ба устухон тир нарасидааст.
— Ҳамаи гап дар ҳамин... Устухонаш бутун бошад, ҷои гўшт пур мешавад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 79. Ҳамаро (ҳамая) мону аммаро (аммая) меҳмон

кори зарур, муҳим, аввалиндараҷаро монда ба кори ғайримуҳим машғул шудан, кори умумиро монда ба кори шахсӣ пардохтан.

1. Ғайр аз ин диссертацияи докториаш ҳам чала хобидааст, ҳамая мону аммая меҳмон гуфтагӣ барин, духтурҳо курортравиро маслиҳат медиҳанд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхўрда».*

2. Ҷанде пеш бюрои партиявии колхоз ўро одами чашми кордон гуён ба кори сохтмон вобаста карда буд. Аммо вай ҳамаро мону аммаро меҳмон гуён, дар ғами обод кардани хонаи худ шуд...

*«Хорпуштак».*

### 80. Ҳама ҷойро об барад ҳам

1. дуньё чаппаву роста шавад ҳам, олам хароб шавад ҳам... 2. ҳар ҳодисае рўй диҳад ҳам...

— Шумо чӣ гуна посбон, ки ҳама ҷойро об барад ҳам хабар надоред?

*«Хорпуштак».*

### 81. Ҳама ҷо об задагӣ барин

1. оромӣ, осоиштагӣ, хотирҷамъӣ, 2. хомӯшӣ.

— Он кас корро чунон тасвир намуд, ки гӯё ҳама ҷо об задагӣ барин...

*«Хорпуштак».*

**ҲАМААШ**

### 82. Ҳамааш як гап

ҳамааш як хел, як ранг, фарқе надорад.

— Барои ҳикоя дигар хел гапҳо ёфтан лозим будагист, мегӯям.

— Ба фикри ман, ҳамааш як гап, навишта партофтан гиред.

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат».*

### 83. Ҳамааш шуда

ҳамагӣ.

— Чанд сол боз ба корҳои таълиму тарбия кор мекунед?..

— Ҳамааш шуда шаш сол,— гуфт дар ҷавоб муаллима.

*«Маориф ва маданият».*

**ҲАМДАРД**

### 84. Ҳамдард гаштан

ба дарду ғами касе шарик шудан.

Чаро бо хонандагони бисьёри худ, ки орзӯи дидани моро доранд, вонахӯрем, шиносо нашавем, талаб ва хоҳиши онҳоро нашунавем, бо онҳо ҳамдард нагардем?

*Ҷ. Икромӣ, «Сафар кардан— ҷаҳон дидан» («Шарқи сурх»).*

**ҲАМДАСТ**

### 85. Ҳамдаст будан

дар коре бо касе ширкат доштан, ҳамкор будан, муттафиқан, якҷоя кор кардан.

Эшони Хоҷатбонӣ, бешубҳа, ҳимоятгар ва пушту паноҳи зӯр дорад ва бо Ҳамдамчаи мансабдори милиция ҳамдаст аст.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 86. Ҳамдаст шудан

дар коре бо касе шарик шудан, ҳамроҳӣ кардан, ҳамкора шудан.

1.— Ту ба қозӣ ҳамдаст шуда нури дидаи моро ба дасти бои бемурувват дода фиристодетон!

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2.— Агар Фирӯзаро баровардагӣ мешудам, ба корат худам ҳамдаст мешудам.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ҲАМИНАШ**

### 87. Ҳаминаш ҳам давлат

ҳамин қадараш ҳам бахти калон, хушбахтӣ, ҳаминаш ҳам хуб, ба ҳаминаш ҳам шукр.

— Ҳар чӣ заҳракаф нашудааст, ҳаминаш ҳам давлат...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. 1.*

**ҲАММОМӢ**

### 88. Ҳаммомӣ, ки ба ҳаммом расид, лаби хамбаро мебӯсад

ҳар кас ки ба чизи (ё каси) дӯстдошта, ба манбаи рӯзгузаронӣ ва даромади худ расад, ниҳоят шод мегардад.

— Хайр, ин тавр бошад, азбаски меҳри ту ҳам аз лаҳзаи аввал ба дили ман нишастааст, ман бе муқаддима саргузашти сердардисари худамро ба ту нақл мекунам, зеро мегӯянд: «Ҳаммомӣ, ки ба ҳаммом расад, лаби хамбаро мебӯсад».

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»).*

**ҲАМОВОЗ**

### 89. Ҳамовоз шудан

ба касе, чизе тарафдор, ҳамфикр, ҳамраъй шудан.

Дар як қатор масъалаҳо ӯ бо муосири калони худ Саъдии Шерозӣ, ки дар таърихи адабиёти тоҷику форс ҳамчун муаллими ахлоқ машҳур гаштааст, ҳамовоз мешавад.

*В. Бақоев, «Оид ба баъзе масъалаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ» («Маориф ва маданият»).*

**ҲАМОВОЗӢ**

### 90. Ҳамовозӣ кардан

тарафдорӣ, ҳамраъйӣ намудан, фикру кори касеро қувват додан.

Як хусусияти хуби эҷодиёти Лутфӣ аз он иборат мебошад, ки вай қариб дар ҳамаи мавзӯъҳои имрӯза ба халқ ҳамовозӣ кардааст.

*Б. Ҳоҷӣ, «Дар бораи эҷодиёти Лутфӣ» («Тоҷикистони советӣ»).*

**ҲАМОН**

### 91. Ҳамон тосу ҳамон ҳаммом

бе тағйир, чунон ки буд, ба ҳоли пештара.

Мо ҳар рӯз дар ҷамъомади худ онҳоро танқид мекунем, лекин аз ин ҳеҷ натиҷае ҳосил нашуда истодааст, чӣ хел ки мегӯянд, ҳоло ҳам ҳамон тосу ҳамон ҳаммом.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ҲАМРӮЙ**

### 92. Ҳамрӯй шудан

1. якхела шудан, монанд шудан, 2. ҳамвор гардидан.

— Қанаҳо туро нагазидаанд?— Ёдгор пурсид.

— Ҷаро нагазанд? Дар як шабонарӯз сар то поямро монанди хонаи занбӯр афгор карданд, сару рӯям монанди саромосшудагон варам карда, гарданам бо шикам ва шонаам ҳамрӯй шуд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ҲАМСАДО**

### 93. Ҳамсадо гаштан

*Ниг.* Ҳамовоз шудан.

Ба акааш ҳамсадо гашта аҳволи зиндагии худро баён карда дод.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

**ҲАМСАР**

### 94. Ҳамсар шудан

зан ё шавҳари якдигар шудан.

Ҷавон мехост, ки Роҳила бо вай ҳамсар шавад.

*М. Шарқӣ, «Марҳабо» («Шарқи сурх»).*

**ҲАМХОНА**

### 95. Ҳамхона шудан

1. дар як хона истиқомат кардан, шарикхона будан, 2. *Ниг.* Ҳамсар шудан.

Нодорамӣ, эҳтиёҷ ва бечорагӣ аз миён меравад, ҳеҷ кас ба касе халал намедиҳад... Дилбар ҳам дар оғуши хушбахтонаи колхоз чун гул мешукуфад, бо Шодӣ ҳамхона мешавад...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ҲАМЧУН**

### 96. Ҳамчун гавҳараки чашм

*Ниг.* Чун гавҳараки чашм.

Ва ин мукӣ дар хона бо ҳама баробар, навбат ба навбат хизмат мекард, аз ҳамин сабаб вайро ҳамчун гавҳараки чашм эҳтиёт мекарданд.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ» («Шарқи сурх»).*

**ҲАМЬЁН**

### 97. Ҳамьёнро яла кардан

1. пул сарф кардан, харҷ намудан, 2. пулро дареғ надоштан.

— Акнун зиёфат аз ту!
— Илоҷ нест, ҳамьёнро яла кардан лозим меояд...

*С. Улуғзода, «Навобод».*

**ҲАМҲАЛҚА**

**98. Ҳамҳалқа шудан**

ҳамсӯҳбат, ҳамнишин шудан.

Мири қушбегӣ хостанд, ки фақир бо он кас наздик бошам ва гоҳ-гоҳе ҳамҳалқа шуда аз якдигар истифода барем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ҲАНГ**

**99. Ҳанги (ҳангу манги) касе кандан**

1. ниҳоят ҳайрон, моту мабҳут шудан, 2. сахт тарсидан.

1. Ҳозир вай даштро бинед, ҳангатон меканад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Вале ҳамин ки ба роҳ даромада, бо овринг рӯ ба рӯ мешудем, дар ҳақиқат «ҳангам меканд», ҳушам мепарид.

*А. Деҳотӣ, «Ҳаёт қадам мезанад».*

3. Асбобу анҷомашро бинед, ҳангу мангатон меканад.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

**100. Ҳангу манги касеро аз сар парронда**н

1. касеро ҳайрон кардан, моту мабҳут намудан, 2. сахт тарсондан.

Аммо воқеаи шаб рӯйдода ҳангу манги мардумро аз сар парронд.

*«Газетаи муаллимон».*

**101. Ҳангу манг мондани касе**

*Ниг.* Ҳанги (ҳангу манги) касе кандан.

Ҳанифаи дар ғафлат монда аз ин кирдори тағоияш ҳангу манг монд.

*Л. Саид, «Фарзанди Ҳазрати Одам» («Шарқи сурх»).*

### 102. Ҳангу манг шудан

ҳайрон шудан, моту мабҳут гаштан.

Меҳмонхона об задагӣ барин шуд. Ҳама ҳангу манг шуда монданд.

*Л. Саид, «Фарзанди Ҳазрати Одам» («Шарқи сурх»).*

ҲАР

### 103. Ҳар ангушти касе як ҳунар

1. дорои ҳунари бисьёр, 2 ӯҳдабаро, моҳир.

— Аслаш ҳар ангушти раиси мо як ҳунар!— гуфт Ғаниҷон.

— Аз кори деҳқонӣ сар карда, то бухгалтерию механикиро медонад.

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

### 104. Ҳар бало дафъи бало дорад

1. ҳар заҳр подзаҳре дорад, 2. ҳар мушкилӣ роҳи ҳалле дорад.

— Дар дуньё чизи номумкин нест. Ҳар садо акси садо, ҳар бало дафъи бало дорад.

*Ғ. Абдулло, «Шери занҷиршикан».*

### 105. Ҳар бахтеро як заволе

бахт абадӣ нест, ҳар хушбахтӣ бадбахтие дорад.

— Ту хабар надорӣ, ман одами бисьёр калон шуда будам, — гуён ошноям як оҳи дуру дароз кашиду: — «Ҳар бахтеро як заволе» будааст-дия,— гуфт ва ба хаёлам вай аз гиристан базӯр худдорӣ мекард.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 106. Ҳар вақт бошад

кадом вақте, ки бошад.

— Ман бо ту ҳар вақт бошад, гӯштин мегирам...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 107. Ҳар гап... паҳлу дорад

*Ниг.* Як сухан... паҳлу дорад.

1.— «Сипоҳгарӣ сӣ пой дорад» гуфтагӣ барин «ҳар гап ҳам сесаду шаст паҳлу дорад»...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2.— Раис, ҳар гап шасту чор паҳлу дорад,— мулоим ба худи раис шунавонда гуфт Юнус бобо,— аввал андеша, баъд гуфтор.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

3.— Ин чӣ номаъқулӣ, духтарам, дониста гап зан! Ҳар гап ҳам сесаду шаст паҳлу дорад...

*Қ. Носиров, «Орият».*

### 108. Ҳар гуле (ро) бӯе (дорад)

ҳар кас ҳусни ҷудогона дорад; ҳар чиз хосияти ҷудогонае дорад.

— Тӯй?... тьфу... ба ман зан чӣ даркор. Ҳар гулеро бӯе. Оё мисли булбул аз ин шох ба он шох халлос зада гаштан нағз не?

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

### 109. Аз ҳар гӯр бохабар будан

аз ҳама чиз воқиф будан, ҳама чизро донистан.

Миёнарав, ки аз ҳар гӯр бохабар буд, гуфта дод...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 110. Аз ҳар дар сухан рондан

аз ҳар хусус, дар бораи ҳар чиз гап задан.

Аз ҳар даре, ки сухан меронд, боз риштаи гуфтораш ба болои хӯчаини мо мекашид.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»).*

### 111. Ба ҳар дард марҳам (малҳам) ёфтан

ба ҳар гуна мушкилӣ, муҳточӣ илоҷ, чора ёфтан; аз ҳама гуна мушкилӣ раҳоӣ ёфтан.

Ҳама хурсанд буданд, зеро медонистанд, ки вай ҳамеша ба ҳар дард малҳам меёфт.

*«Гови тилло» («Шарқи сурх»).*

## 112. Ба ҳар дег чумча (кафлес), ба ҳар ош қайла (ҷазза) шудан

*Ниг.* Ба ҳар ош қайлаю ба ҳар нон ҷазза шудан.

1. Баҳудаю беҳуда ба ҳар дег чумчаю ба ҳар ош қайла шуда гаштан нағз нест.

*«Хорпуштак».*

2. Ханда мекунаду мегӯяд, ки ман, масалан гӯем, девонагӣ накунаму ба ҳар дег кафлес нашавам ва ба ҳар ош ҷазза ва беҳтараш, ки рафта хоб кунам.

*П. Толис, «Тобистон».*

## 113. Ҳар зоғе (ро) як доғе

ҳар кас як камбудӣ, як ғаму ғусса, як дард дорад.

1. Илова бар он шикоятмандони бисьёре «ҳар зоғе, як доғе» гуфтагӣ барин ҳар кадом бо як дард омада арзи ҳол мекарданд ва баъзеҳо мамнуну дигарҳо ноумед шуда мебаромаданд.

*«Хорпуштак».*

2. «Ҳар зоғеро як доғе» гуфтагӣ барин ҳар кас ғами худро мехӯрад.

*«Маориф ва маданият».*

3. Акнун гӯш кунед, чор даҳон дарду ҳасратамро ҳам гӯям. «Ҳар зоғею як доғе». Замонҳо дӯлоб. Ба молу ҳоли аз ислоҳот мондаи мо боз чашм ало мекунанд.

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 114. Ҳар каллаю як садо

1. ҳар кас як фикр дорад, 2. номуттафиқӣ дар ҳалли масъалае.

1. Аз ҳар калла як садо.
— Ман нагуфта будам, ки аз дасти ин ҷадидҳо якнула кор намеояд?

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Ин масъаларо ҳамчун бузкашӣ ҳар кас ба ҳар тараф мекашад. Аз ҳар калла як садо мебаромад.

*Х. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 115. Ҳар кас ба фикри хеш (аст), кӯса ба фикри риш

ҳар кас пеш аз ҳама ғами худро мехӯрад; ҳар кас орзу ва эҳтиёҷи худро пеш меронад.

1.— Ман шунидаам, ки тоҷикон як мақол доранд: «Ҳар кас ба фикри хеш, кӯса ба фикри риш»,— ба сухан даромад Вера.— «Риши» ман таваллудхона аст.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

2. Оқсақол бошад, дигар ба бозию шӯхиҳои писарча аҳамият надода, ба андеша фурӯ рафта буд. «Ҳар кӣ ба фикри хеш аст, кӯса ба фикри риш!» мегӯянд, аммо ин оксақоли кӯса ҳоло ба фикри риши худ ҳам набуд, ҳоло фикру хаёли ӯро Дилором кампир ва набераи ӯ ба худ кашида буданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 116. Ҳар кас барои (ба) мурдаи худ мегирьяд (гирья мекунад)

ҳар кас манфиати худро авлотар медонад, ҳар кас пеш аз ҳама илоҷи кори худро мебинад, ҳар кӣ дар фикри чораи дарди худ аст.

1.— Ту ҳар вақт ба манфиати халқ кор надорӣ, ҳамеша ба худат нигоҳ мекунӣ, агар ягон чиз ба худат даркор бошад, онро даркорӣ мешуморӣ, агар ба худат даркор набошад, — «ҷои даркорӣ надорад» мегӯӣ, — гуфт Шокир ба Сафар-Ғулом.

— Набошад-чӣ?— гуфт дар ҷавоб Сафар-Ғулом,— «ҳар кас барои мурдаи худ мегирьяд» гуфтаанд. Аз талабҳои ҷадидҳо арзан барин ба ман манфиатдорашро ёфта нишон диҳед, аз ҳама пештар ман ҷадид мешавам.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Чӣ ҳам мегуфтед, «замин сахт, осмон баланд», додамон ба гӯши ягон худоҷӯй намерасад. Ҳар кас ба мурдаи худ гирья мекунад... ту одамӣ ё хаси таги пой, ин ба Муқимбой фарқ надошт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3.— Дар халқ мақоле ҳаст: «ҳар кас ба мурдаи худ мегирьяд». Бинобар ин шумо ҳам ҳисоби коратонро худатон ёбед, дар назди ревизор ҷавобатонро диҳед.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 117. Ҳар касе маслиҳати хеш накӯ медонад

ҳар кас пешрафти кори худро, манфиати худро беҳтар медонад.

1. Ман гумон мекунам, ки ду соли дигар дар он ҷо бошад, аз худи ҳамон ҷо ҳам соле панҷоҳ-шаст танга ёфта метавонад. Боз ихтиёр ба худат, «ҳар касе маслиҳати хеш накӯ медонад» гуфтаанд азизон.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2.— Майлат,— духтари Александр розигӣ дод ба Дарья, «ҳар касе маслиҳати хеш накӯ медонад» гуфтаанд, ман аз ту ҳамеша хабар гирифта меистам.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 118. Ба ҳар касу нокас

ба ҳар хел одамони санҷида нашуда, ба ҳар як одами ростомада.

Одам ба ҳар касу нокас гапи даруни хонаашро гуфтан намегирад.

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман,*
*«Гунаҳкор кӣ?».*

### 119. Ҳар каси ростомада

ҳар як одами тасодуфан дучор гардида, тасодуфӣ, санҷиданашуда.

— Худат фикр кун, ҷӯраҷон, ман чӣ хел метавонам, ки ҳар каси ростомадаро кашола карда бурда муовин таъин кунам.

*Ф. Муҳаммадиев, «Меҳри диёр».*
*(«Чароғи ирфон»).*

### 120. Ҳар кас суди охир хоҳад, ба зиёни аввал розӣ аст (мешавад)

1. одам агар донад, ки оқибати кор нек ва манфиатовар аст, набояд аз зарари аввал тарсад, 2. ҳар кори нафъовар дар аввал харҷ дорад.

1.— Одаме ки ҳамин қадар таънаю маломат зада, дар пеши мардум шарм накарда, зану бачаҳои худро партофта рафта буд, боз бо кадом рӯй ба мо нигоҳ карда метавонад?

— Ҳар кас суди охир хоҳад, ба зиёни аввал розӣ мешавад, духтарам, шумо зиндагииояндаи худатон, ана ин кӯдаконатонро андеша кунед...

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

2.— Агар илочаш мешуд, як сол камтар кирмак мегирифтем. Ниҳолҳои тут дурусттар қомат рост мекарданд. Баъд, аз соли оянда ду баробар зиёд гирем ҳам мепоянд,— ва даме хомӯш нишаста илова намуд:

— Раис розӣ шавад, бисьёр нағз мешуд. Ҳар кас ки суди охир хоҳад, ба зиёни аввал розӣ мешавад, мегӯянд дар урфият.

*Ф. Муҳаммадиев, «Дар роҳи нав».*
*(«Шарқи сурх»).*

### 121. Ҳар кас хати хеш нақӯ медонад

*Ниг.* Ҳар касе маслиҳати хеш нақӯ медонад.

— Сабр кун, бародар, дер ояду дуруст ояд!

— Аммо Садаф... Садаф дар хатар аст.

— Ҳар кас хати хеш нақӯ медонад мегӯянд мӯйсафедони мо,— гуфт Саттор.— Боз ихтиёр ба худат.

*Р. Ҷалил, «Ҳикматбобо»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 122. Ҳар касу ҳар кор

1. ҳар кас мувофиқи майлу табъаш барои худ коре, ҳунаре интихоб менамояд, 2. ҳар кас ҳунари худро дӯст медорад.

— Аз кӣ ёд мегирифтам, аз худам...— гуфт Барака бо овози паст.— Эй ту ҳам!— гуфт Муҳаммадҷон ба Ҷӯра.— Ҳар касу ҳар кор! Охир ин трактораш ҳам як ҳунар-дия! Канӣ, ману ту ҳам ронда тавонем, канӣ! Не, наметавонем.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 123. Ҳар касу (кию) ҳар чӣ

ҳар кас ба қадри ҳоли худ, ҳар кас мувофиқи тавонистанаш, мувофиқи истеъдод, ақл, қувваташ.

1.— Майлаш, майлаш фиристонед, ҳар касу ҳар чӣ...

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Шарқи сурх»).*

2. Ҳар кию ҳар чӣ гуфтагӣ барин яке буз, дигаре гӯсфанд, соҳибҳимматтарашон гову гӯсола кашола карда меоварданд.

*«Хорпуштак».*

### 124. Ҳар кор бо вақту соаташ

иҷрои ҳар коре вақту фурсати мусоиде дорад.

Аз вай муҳимтар корҳо ҳаст, ман имсол ба аспирантура рафтанӣ. ...Ҳар кор бо вақту соаташ.

*С. Улуғзода, «Ҷӯяндагон» («Шарқи сурх»).*

### 125. Ҳар кор карда...

як илоҷе карда, ба ҳар роҳе ки бошад.

— Ҳар кор карда сарбандро месозем!

### 126. Аз ҳар куҷо гап задан

*Ниг.* аз ҳар дар сухан рондан.

Аз ҳар куҷо гап зада, дугонаашро хурсанд карданӣ мешуд.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

### 127. Ба ҳар куҷо ки равӣ, осмон як ранг аст

ҳама ҷо як хел аст, дар ҳама ҷо вазъият як аст.

Хорпуштак «ба ҳар куҷо ки равӣ, осмон як ранг аст» гӯён фикру андешаи зиёде накарда ба як дӯкончаи катакмонанд даромад...

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

### 128. Ба ҳар куҷо пойрас будан

бетарк ба ҳар маърака рафтан, дар ҳама ҷо ҳозир будан.

— Оббо Бобоноре, хуб мӯйсафеди ба ҳар кучо пойрас ҳастед-дия.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 129. Ҳар кию ҳар чӣ шуда мондан

1. аз рӯй додани нохушие, аз ташвиш ва фалокате чӣ кор кардани худро надониста бесаранҷом шудан, 2. ҳар кас дар фикри худ шудан.

Ҳангоме ки дуди ғализ хонаро саросар фаро гирифт, ҳар кию ҳар чӣ шуда монд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 130. Қасеро ба ҳар кӯча даровардан

касеро ба ҳар кор маҷбур намудан.

— Охир чӣ кунам, укоҷон, ишқи ту мана ба ҳар кӯча медарорад: дуруғгӯй ҳам мешавам, девона ҳам мешавам...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 131. Ба ҳар маком йӯрға кардан

1. дар коре фикри қатъӣ надошта, мувофиқи гуфти ҳар кас кор кардан, 2. одами устувору боқатъият набудан.

1. Аммо айб накунетон, чунки мо шогирдҳои усто надидагӣ ҳастему ба ҳар мақом йӯрға кардан мегирем.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

2. Аммо автобусҳои аз шудагиашон пушаймон... ба ҳеҷ тартиботе риоя накарда, ҳар кадом ба ҳар мақом йӯрға мекунанд.

*«Хорпуштак».*

### 132. Ҳар он чӣ ба дег андозӣ, бардорӣ

ҳар кӣ маҳсули кишти худро медаравад, натиҷаи кори худро мебинад.

«Ҳар он чӣ ба дег андозӣ, бардорӣ». Меҳнати бисёр дар пахтазор зоеъ намеравад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## 133. Ба ҳар ош қайлаю (чумча, қошуқ) ба ҳар нон (коса) ҷазза шудан

1. ба ҳар кори одамон бе хоҳиши онҳо мудохила намудан, 2. ба ҳар ҷо сар даровардан.

1. Ба ҳар ош қайлаву ба ҳар коса ҷазза шуда, дар панҷакашу андова, хиштрезиву гаҷзанӣ, наққошию кандакорӣ ба ҳама ёрикор медод.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

2.— Э аҷаб балое ин Пӯлод!— гуфт Раҷаб бо ранги парида, «ба ҳар ош қайлаю ба ҳар коса чумча» шуда, нӯлашро ба ҳама ҷо халондан мегирифтааст-дия!

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

3. Бо се-чор пичинги талху фаҷ афзалияти ба ҳар ош қошуқ ва ба ҳар нон ҷазза нашуда, бетараф монданро фаҳмонда дод.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

## 134. Ба хар ош қатиқ шудан

*Ниг.* Ба хар ош қайлаю ба ҳар нон ҷазза шудан.

1. Мон, бародар, ба ҳар ош қатиқ шудан нагир,— дилтангона ҷавоб дод Юнусбой.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

2. Ман ба мобайни одамон даромада, ба ҳар ош қатиқ шуданро бад мебинам.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

## 135. Аз ҳар роҳ сухан рондан

*Ниг.* Аз ҳар дар сухан рондан.

— Шумо ба пеши бача даромада, аз ҳар роҳ сухан ронда, ӯро ба сулҳ розӣ кунед...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 136. Ҳар рӯз ид нест, ки чалпак (кулча) хӯрӣ

ҳамеша хушию хурсандӣ намешавад, рӯз ба рӯз, сол ба сол баробар нест.

1. Онҳо ба колхозчиён фаҳмонданӣ мешаванд, ки ҳар рӯз ид не, ки чалпак хӯранд. Имсол картошка надида бошанд, зараре надорад. Соли оянда қусурашро мебароранд.

*«Хорпуштак».*

2. Баъд «ҳар рӯз ид нест, ки кулча хӯрӣ» мегӯянд. Мо ба ту ҳар моҳ ёрӣ додан намегирем.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 137. Ҳар садо акси садо дорад

ҷавоби хубӣ хубӣ, бадӣ бадист, ҳар кас натиҷаи амали худро мебинад, ҳар кӣ киштаи худро медаравад.

Дар дунъё чизи номумкин нест. Ҳар садо акси садо дорад, ҳар бало дафъи бало дорад.

*Ғ. Абдулло, «Шери занҷиршикан».*

### 138. Дар ҳар сари гап

1. дар болои ҳар гап, 2. дар ҳар маврид, ҳамеша...

— Дадои Раҷаб дар ҳар сари гап таъна мекарданд, ки «ман меёбаму ту муфт мехӯрӣ».

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 139. Дар ҳар сари чанд гоҳ

ҳар замон, ҳар вақт.

Дар ҳар сари чанд гоҳ аз подшоҳ бавосита ё бевосита рухсат металабид.

*С. Айнӣ, «Алишер Навоӣ».*

### 140. Ҳар сари қадам

1. дар ҳар қадам, 2. зуд-зуд, ҳамеша.

Фактҳоеро, ки ман ҳозир ба шумо мегӯям, навиштан даркор, онҳоро ба дафтарчаи худ қайд карда гирифтаам, ҳар сари қадам даркор мешаванд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 141. Дар ҳар сурат

ба ҳар ҳол.

Дар ҳар сурат ба ин одамон илтифоти махсус зоҳир намудани ин зани баландмақом, ки ҳоло тақдири Толиб ба ихтиёри ӯ супорида шуда буд, ҳодисаи ногуворе буд.

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 142. Ҳар сухан вақтею (ҷоеву) ҳар нуқта мақоме дорад

ҳар кор, ҳар гап вақти мусоиде дорад, 2. суханро бояд дар ҷои муносибаш гуфт.

1. Азизони гузашта «ҳар сухан вақтею ҳар нуқта мақоме дорад» гуфтаанд, ки бисьёр дуруст аст, агар одам гапро ба ҷояш хӯронда тавонад, ҳар касро мот мекунад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2.— Ҳай ҳай, ман шӯхӣ кунам, ту ҷиддӣ гап зада истодай-мӣ?

— Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад, — ҷавоб дод Сафар.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», к. I.*

3.— Чолатон ба дасташон ба ҷои каланд кафлез гирифтанашон боз, анча дилтанг шуда мондагӣ.

— Қафлези ман аз каланди дигарон кам не! Шумо каланд назанед, аз куҷо қадри як қошуқ дами гармро медонед?!

— Ман ҳазл кардам, Саркор, гапам сахт расид-мӣ?

— Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад.

*М. Сайфиддинов, «Ҳусни оламоро» («Шарқи сурх»).*

### 143. Ба ҳар таом пашша шудан

ба кори ҳар кас густохона мудохила кардан, бо мудохилаи худ ба касон халал расонидан.

Мадшо Мадалиев аз рӯзе ки имом шуд, калиди масҷидро ба даст гирифт, ҷомаи макрро ба тан пӯшида ба ҳар таом пашша шуд...

*«Хорпуштак».*

### 144. Аз ҳар тараф

дар ҳар хусус, аз ҳар дар, дар бораи чизҳои гуногун.

1. Мо бо вай аз ҳар тараф сӯҳбат карда нишастем.

*А. Баҳорӣ, «Хотираҳои саёҳати бистрӯза» («Шарқи сурх»).*

2. Одам фиристодам, ки биёӣ, чорта аз ҳар тараф чақ-чақ кунем.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. Қиёфаи ҷиддии Носиров ба ронанда иҷозат намедод, ки аз ҳар хусус гап задан гирад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 145. Ҳар хар мувофиқи худ побанд дорад

1. ҳар кас мувофиқи иқтидори худ молу чиз дорад, 2. ҳар кас мувофиқи ҳоли худ ташвиш дорад.

— Дуруст аст, «ҳар хар мувофиқи худ побанд дорад» гуфтаанд. Бойҳои Бухоро сердастмоя, харидашон калон, мувофиқи ҳамин тайёриашон ҳам зиёдтар вақт мегирад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 146. Ҳар чанд задам, дарнагирифт, мондам ки равад

ҳа́р чанд зӯр зада дидам, кӯшиш кардам, мурод ҳосил нашуд, суханам таъсире накард, маҷбур шудам, ки аз баҳраш гузарам.

Ҳа, ҳа соддагӣ доред! Охир дар урфият мегӯянд, ки «ҳар чанд ки задам, дарнагирифт, мондам, ки равад». Шояд ҳам ҳар чӣ ки аз дастатон омад, кардед, лекин мебинед, ки намешавад, сирру асрор фош шуда истодааст, комиссия баръакси умеду орзуи мо кор кард. Комиссияҳо зӯр баромадаанд, охир дарров таслим намешавед!

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 147. Ҳар чанд дер аст, оҳу ба чанги шер аст

як рӯз не, як рӯз, дертар бошад ҳам, ба даст меафтад.

— Барвакттар ба сой мефаромаданд, аз ду тараф ба доми марг гирифторашон мекардам, — гуфт касе аз пас.

— «Ҳар чанд ки дер аст, оҳу ба чанги шер аст»,— гуфт Мухтор Аҳмадов.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 148. Ҳар чӣ

1. ҳеҷ набошад, ақаллан, 2. хайрият ки...

— Исто ки, усто Оқил, писари ту чӣ тавр? Ҳар чӣ яғон касбу ҳунарро ба даст даровард?

*Ҷ. Икромӣ, «Ғусса»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 149. Ҳар чӣ бодобод

1. ҳар чӣ шавад, шудан гирад, 2. таваккалан.

1. Ба бисьёрии оянда ва равандагон ва аҳли сари бозор нигоҳ накарда, «ҳар чӣ бодо бод»,— гуён ба ӯ ҳуҷум кард...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III.*

2. «Ҳар чӣ бодобод, нақл мекунам» боз аз дилаш гузаронд.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 150. Ҳар чӣ бошад

*Ниг.* Ҳар чӣ ҳам бошад.

Ҳар чӣ бошад, бо бой коратро дониста кун...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 151. Ҳар чӣ кор карда...

ба ҳар роҳе ки бошад, ба ҳар тадбир ки бошад, илоҷе карда.

Дар бистӯми моҳи ноябрь ҳар чӣ кор карда станцияи электрикии нави байниколхозиро ба кор андозанд...

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 152. Касеро ҳар чӣ кор кардан

касеро ба ҳар ҷазои дилхости худ гирифтор кардан; ҳар муомила, ҳар ҷазоеро ба касе раво дидан.

Лекин агар машкоб қаллобӣ кунад, дасташ кaҷ бошад, ба зану фарзанди мардум бо чашми бад нигоҳ кунад, он вақт ҳар чӣ кор карда метавонем.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 153. Ҳар чӣ пеш ояд, хуш ояд

1. ҳар чӣ ба даст дарояд, қонеъ шудан даркор, 2. аз пешомади корҳо набояд маъюс шуд.

Умуман ин давраи ҳаёти Бедил дарвешона буда, дар боби хӯрду хӯрок ҳам монанди қаландарон ба тарзи «ҳар чӣ пеш ояд, хуш ояд» зиндагонӣ мекард.

*С. Айнӣ, «Мирзо Абдулқодири Бедил».*

### 154. Ҳар чӣ фурӯшанд, ба нақд харидан

ба ҳар гапи касон бовар кардан, ҳар гапи носанҷидаро ҳақиқат пиндоштан, ба гуфтаи касе кӯр-кӯрона бовар, эътиқод намудан.

Ба ӯ ҳар чӣ гӯянд, бовар мекунад ва ҳар чӣ фурӯшанд, ба нақд харида мегирад!

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 155. Ҳар чӣ шавам

қасам: гирифтори ҳар нохушӣ, мусибат шавам.

«Агар дуи-дубора ба ҳамин тарафҳо қадамамро монам, ҳар чӣ шавам!».

*Ф. Муҳаммадиев, «Дар роҳи нав» («Шарқи сурх»).*

### 156. Ҳар чӣ шуд, шуд

ҳар чизе ки шуд, шуда гузашт; ба гузашта чорае нест.

Хайр, ҳар чӣ шуд, шуд. Чунон ки дар урфият мегӯянд, мурғ аз қафас раст, тир аз камон ҷаст, ҷаст... шумо хушбахт бошед.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

### 157. Ҳар чӣ ҳам бошад

чӣ тавре ки набошад, ба ҳар ҳол; ба ҳар ваҷҳе, ки бошад.

1. Агар тақдир рафта, бо вай хонадор шуда монӣ, ҳузур мекунӣ! Ҳам ман осуда мешавам, ҳар чӣ ҳам бошад аз они худӣ...

*Ҷ. Икромӣ, «Лаҳзае ки дигар такрор нашуд» («Маориф ва маданият»).*

2. Аксар вақт мардҳо, шавҳарҳо баробарҳуқуқин занҳоро риоя намекунанд; «Онҳо ба ин одат кардаанд», «худи онҳо намехоҳанд, «зан, ҳар чӣ ҳам бошад, зан аст»... мегӯянд.

*Ҷ. Икромӣ ва А. Одинцов, «Аҷоиботи сафар» («Шарқи сурх»).*

3. Ҳар чӣ ҳам бошад, дугона, боварии кас намеояддия...

*«Маориф ва маданият».*

## 158. Ба ҳар ҳол

1. бо вуҷуди ин; чӣ тавре ки набошад, 2. коре карда.

1. Ба ҳар ҳол аз кампир ибо мекард...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. Ба ҳар ҳол зуд либос пӯшида... берун баромадам.

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»).*

3. — Ману ҳамин занам меҳнат карда, кор карда, ба ҳар ҳол як духтарамонро баровардем...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

4. Сангинҷон ҳафт синфро бад-мӣ, нағз-мӣ ба ҳар ҳол хонда ба охир расонид...

*Ҷ. Икромӣ, «Ғусса» («Шарқи сурх»).*

## 159. Аз ҳар ҷо як шингил кардан

дар ҳар боб сухан рондан, дар бораи масъалаҳои гуногун гап задан.

— Аз ҳар ҷо як шингил карда нишастанд.

*А. Деҳотӣ, «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб».*

## ҲАРАКАТ

### 160. Ҳаракату баракат

кӯшишу ғайрат кунӣ, чизе ба дастат медарояд, натиҷа. маҳсули кор вобаста ба саъю кӯшиш аст.

1. Пешравони майдонҳои пахта аз рӯзҳои аввали пахтачинӣ камарро маҳкам баста, ҳаракату баракат гӯён ба майдон даромаданд.

*«Хорпуштак».*

2. Аз ту ҳаракат, аз ман баракат гуфтаанд, ҳаракат кунӣ, бешубҳа, ба мурод мерасӣ, зеро ҷӯянда ёбанда аст.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз, «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»).*

### 161. Ҳаракати беҷо кардан

1. рафтори ношоиста кардан, 2. кори бемавқеъ кардан.

Дониста бошед, ки агар ҳар кадоми шумо ҳаракати беҷо кунед ва ё гапи пасту баланд занед, бе пурсиш ба куштан меравед.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## ҲАРАЛЛА

### 162. Ҳараллаю таралла карда гаштан

сарсариёна, фориғболона умр ба сар бурдан.

1. — Ту боз ҳамон ҳараллаю тараллаатро карда гаштан мегирӣ?

*С. Ғанӣ. «Тӯй».*

2. — Не, ман намемонам, ки ту ҳараллаю таралла карда гардӣ!

*М. Рустамова, «Зайнаб» («Овози ҷавонон»).*

## ҲАРБ

### 163. Ҳарбу зарб

задухӯрд, занозании пуршиддат.

Дар ҳамаи ин ҳарбу зарб Носиров пешоҳанг буд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ҲАРОМ**

### 164. Касе, чизеро ҳаром кардан

аз касе, чизе (масалан: аз девона ҳам) бадтар будан; ба касе, чизе муносиб, сазовор набудан.

— Ин, ҷинниро ҳам ҳаром мекунад: на ақл дорад ва на тамиз.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

### 165. Ҳаром мурдан

1. ба корд наомада худ ба худ мурдани чорпо, 2. бе гуноҳ мурдан, беҳуда талаф шудани касе.

1. — Ман инро бо чарху дуки худ ёфта будам, ҳаргиз гумон надоштам, ки ин гуна моли ҳалоли ман ҳаром бимирад...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Дар ин миёна, чунончи гуфтам, мову ту ҳаром мурда меравем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3. Модом ки сояи одамро дидед, чаро ба ин ҷо омада як-дутаи моро бо ҳамроҳи худ набурдед? Дар ин хел мавридҳо «ҳаром мурдан» ҷудо ҳам осон.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

### 166. Ҳаром мурдани гӯсоларо донам, ба як чакса сабӯс бадал мекардам

*Ниг.* Мурдани падарамро медонистам, ба як чакса сабӯс мефурӯхтам.

Одам пешомади худро аз куҷо донад? Медонистам, асло розӣ намешудам, ки ба он ҷо ба кор дароянд. «Ҳаром мурдани гӯсоларо донам, ба як чакса сабӯс бадал мекардам» мегӯянд.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 167. Ҳаром шудан (-и ҷое ё коре ба касе)

барои касе номумкин шудани истиқомат кардан дар ҷое ё давом додани коре.

— Ҳаргиз,— сар меҷунбонад имом.— Пас аз шармандагии имрӯза ин ҷо ба ман ҳаром шуд.

*С. Улуғзода, «Қисмати шоир».*

### 168. Ҳарому ҳалол (ҳариш)

1. чала-чулпа, нимкола, 2. ноӯҳдабароёна.

1. Ду китобчаро ҳарому ҳалол таҳрир намуд...

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Онҳо ҳарому ҳариш каме кор мекарданду сонӣ пулу моли колхозро дуздида мегурехтанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. То синфи нӯҳум ҳарому ҳариш хонда, бо ҳамин тахтаю тиракашро ғундошта монд.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

**ҲАРФ**

### 169. Ҳарф задан

гап задан, сухан кардан.

1. Акнун на нонро хоида метавонист ва на ҳарф зада.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Барои чӣ ӯ лаб мекушояду овоз намебарорад, ҳарф намезанад, фақат имову ишора мекунаду халос?

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 170. Ҳарфе ба забон наомадан

1. гаперо ба ёд оварда, ифода карда натавонистан, 2. гапи худро фаромӯш кардан.

Асо дар дилаш худро коҳиш мекард, худро беҷуръат, суст ва буздил меномид, вале ҳарчанд фикр мекард, ки чӣ гӯяд, ҳарфе ба забонаш намеомад, мавзӯи суҳбатро гум карда буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ҲАСАН**

### 171. Ҳасан задан

исҳол шудан, дарунрав шудан.

1. З-ин ҳама гуфтор тағофул намуд,
Субҳ зи ҳар мева тановул намуд.
Аз паси он зуд бинӯшид об,
Аз паси он харбуза в-онгоҳ кабоб...

Алғараз, он худсари дур аз тамиз
Хӯрд ба як рӯз чунин чанд чиз.
Оқибати кор ба ҳангоми шом
Хаста шуд, афтод ба бистар тамом,
Печиши ишкам, қаю исҳол шуд,
Бедилу бетоқату беҳол шуд...
Гашт аз ин ҳодисаи пуралам
Шодии атфол мубаддал ба ғам.
Гуфт ба Йӯлдош Ҳасан аз итоб:
— Мекунам имрӯз туро эҳтисоб,
Мезанамат хоҳиши аҳди нахуст,
Зад ба сараш силаи сахти дуруст.
Монд аз ин воқеаи бемисол
Дар даҳони халқ «Ҳасан зад» мақол...

*С. Айнӣ, «Ашъори мунтахаб».*

2. — Дадеш бегоҳ то вақти ифтор, шаб сиҳат буданд. Шоқулхалифа ба ифтор хабар карда буд. Дар он ҷо рафта аз болои ширавор оши орд, аз болои вай кичирӣ, аз болои кичирӣ ду коса харбуза, як нимта тарбуз, аз болои вай палов хӯрдаанд. Мана дар ҳамон ҷо Ҳасан задааст-дия.

*Б. Азизӣ, «Ҳасан задагӣ».*
*(«Хорпуштак»).*

**ҲАСИБ**

### 172. Ҳасиби касеро халта кардан

1. ҳавсалаи касеро аз чизе гардондан, 2. дили касеро аз чизе монондан.

Арслоналӣ бо чолокии ҳайратангез аз ҳар ду дасти ӯ гирифта тела дода-тела дода, аз ӯтов берун баровард. Қувваи панҷаи зӯрманди ҳариф, чи тавре ки мегуянд, ҳасиби ҷӯрабоширо хеле халта карда бошад ҳам, номус сахт гиребонгираш шуда буд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**ҲАСТ**

### 173. Ҳасту нест

буду шуд, тамоми чизи будагӣ, тамоми дороии касе.

Бо умеди моҳона ҳасту нести худро хӯрда будем.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ҲАСТАК-**

### 174. Ҳастак-нарсак

ба микдори кам, андак.

— Дар вақташ ошу кабобро нағз-нағз карда кашида диҳад. Ин тӯи ягон аллофу наҷҷор не, ки ҳастак-нарсак карда кашад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ҲАФТАФАҲМ**

### 175. Ҳафтафаҳм шудан

кундфаҳм, бефаҳм шудан, бефаросат шудан.

— Боз «чаро» мегӯед-а? — бо тамасхур хандид Қобил-лайлак.

— Одам наход то ҳамин дараҷа ҳафтафаҳм шавад.

*«Машъал».*

**ҲАФТОД**

### 176. Аз ҳафтод маҳаллаи касе, чизе безор будан

аз касе, чизе тамоман безор будан.

Акнун бошад, аз ҳафтод маҳаллаи ин кор безор аст.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

### 177. Аз ҳафтод маҳаллаи касе (чизе) безор шудан

аз касе, чизе тамоман безор шудан.

Вай кулакдухтар аз охури боло ем хӯрда, дасташро ба оби хунук назадааст... ҷамъият аз ҳафтод маҳаллаи вай безор мешавад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

**ҲАШ -**

### 178. То ҳаш-паш кардан

1. то ба иҷрои коре шурӯъ намудан, то тайёрӣ дидан ба коре, 2. дар андак вақт, то ана-мана гуфтан.

1. Ин хел одамҳо то ҳаш-паш кардан рӯи одамро дег барин сиёҳ карда мемонанд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. То онҳо ҳаш-паш карда ягон чора дидана, худи пахта ҳам кушода шуда мемонад.

*С. Улуғзода, «Шодмон».*

### 179. Ҳаш-паш нагуфта

*Ниг.* Ана-мана накарда.

Ниҳолҳо, мебинед, ки ҳаш-паш нагуфта ба «акоҳояшон» расида гирифтаанд.

*Қ. Наимӣ, «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»).*

**ҲАҚ (Қ)**

### 180. Дар ҳаққи...

дар бораи...

1. Он мадҳия ва қасидаҳое, ки шоирони дарборӣ дар ҳаққи Маҳмуд навиштаанд, ба назари хонанда хандаовар ё ҳаҷв ба либоси мадҳ менамоянд.

*С. Айнӣ, «Ба таърихи мухтасари халқи тоҷик» («Тақриз») («Шарқи сурх»).*

2. Ин суханон дар ҳаққи Юнусамаки солхӯрда таҳқир буд...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 181. Ҳақ асту рост

ибораест, ки пас аз атса задан мегӯянд ва атсаро ба коре, гапе, ки мавриди баҳс мебошад, фоли нек мепиндоранд, 2. тамоман рост, бе шубҳа.

1. — (Атса дода). Ҳақ асту рост. Мебахшед, камтар шамол хӯрдаам.

*«Маориф ва маданият».*

2. — Ҳақ асту рост, ки мегӯянд: рангрезро таъриф кардан гирӣ, ришашро ҳам ранг мекунад!

*С. Улуғзода ва В. Виткович, «Ибни Сино».*

3. Не, ҳар он ки одами покиза нест,
Коммунист ҳам нест. Ин ҳақ асту рост

*Ғ. Мирзо, «Шеърҳои нав» («Шарқи сурх»).*

### 182. Ҳақро ба ҳақдор кардан

ҳақро ба соҳиби ҳақ баргардондан, ба фоидаи ҳақдор ҳукм кардан.

Аввал мехоҳам, ки замини умумии колхозро ба дасти ҳар кӣ, ки бошад, ҷудо карда гирифта ҳақро ба ҳақдор кунам.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 183. Ҳақ ба ҳақдор қарор гирифтан

ба ҳақдор расидани чизе; ғалаба кардани он ки ҳақ ба ҷониби ӯст.

Баъд аз революцияи мазкур мардум харобаи он биноро тамоман вайрон карда чӯбу хиштҳояшро кашонда ба эҳтиёҷи худ сарф карданд ва дар байни худ мегуфтанд: «охир ҳақ ба ҳақдор қарор гирифт».

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 184. Ҳаққи касеро баста намондан

ба чизе ҳеҷ ҳақ надоштани касе, насиба надоштан.

Ин қадар чӣ ҷанҷол мекунӣ, чӣ, ҳаққатро баста мондаанд?

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 185. Аз ҳаққи касе задан

дар вақти додан, баркашидани чизе ба ҳаққи касе хиёнат кардан, ҳаққи касеро буздидан, касеро фиреб додан.

1. Аз тарозу ҳаққи мардумро мезанад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Хайр, камтар аз ҳаққи мо зада бошад ҳам, ҳеҷ воқеа не, мо намемурем.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 186. Ҳаққи намакро надонистан

нисбат ба касе ки хӯронда, пӯшонда ё чизе додааст, носипосӣ кардан, ношукрӣ намудан, кӯрнамакӣ кардан, некии касеро фаромӯш намудан.

Се нафар каллаҷунбонҳои серманаҳи ин ҷо аз барои он кори ҳастаку нестак аз колхоз ҳақ гиранд ҳам, ҳаққи намакро намедонанд.

*«Хорпуштак».*

### 187. Ҳаққи намакро пос доштан

барои некии касе аз вай сипосгузор будан; ҳурмати касеро, ки неъмате додааст, ба ҷо овардан.

Ҳаққи намакро пос доред, ки ҳаққи намак ба ҳаққи худо баробар аст.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 188. Ба касе ҳаққи нону намак доштан

1. аз тарбияткунанда ва хўронандаи худ мадьюн ва сипосгузор будан, 2. дар гардани касе ҳаққи падарӣ, модарӣ доштан.

Чи тавре, ки шумо тоҷикон, мегўед, онҳо ба ту ҳаққи нону намак доранд.

*Р. Ҷалил, «Шўроб».*

### 189. Ҳаққи чашм

агар дар вақти пухтани хўроке чашми каси бегона ба он афтад, аз он ба вай қадре медиҳанд, ки гўё дили хўрандагон пас аз хўрдани он дард накунад.

Ман ошро кашида як-ду кафгирашро ҳаққи чашм гўён барои ошхонадор дар даруни дег монда, табақи пурпаловро бардошта оварда дар пеши рафиқон гузоштам.

*С. Айнӣ, «Марги судхўр».*

### 190. Ҳаққи қадам

музд барои ба ҷое рафта хизматеро кардан (масалан, ба табиб барои ба хона омада беморро диданаш).

Магар «ҳаққи қадам» гўён бисту панҷ танга намедиҳӣ?

*С. Айнӣ, «Марги судхўр».*

## ҲАҚҚАМ

### 191. Ҳаққам ба зоғ бошад, зоғ амон бошад

қарзи худро аз қарздор талаб накарда, ўро ба ҳоли худаш мондан, қарздор сиҳат бошад, ягон рўз медиҳад.

Қалонони шонапаҳни совхоз бошанд, «ҳаққам ба зоғ бошад, зоғ амон бошад» гўён нисбат ба ин гургҳои дупо раҳмдилӣ мекунанд.

*«Хорпуштак».*

**ХЕҶ**

### 192. Ҳеҷ араб намеғӯяд, ки дӯғи ман турш аст

ҳеҷ кас моли худ ё наздикони худро бад намегӯяд, ҳеҷ кас моли худро паст намезанад.

Агар ту сипоҳ мебудӣ, ё ин ки дуохонӣ мекардӣ, ман туро бо ин ҳикояҳои дурӯғ айб намекардам. Чунки ғайр аз ман «ҳеҷ араб намегӯяд, ки дӯғи ман турш аст...».

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 193. Ҳеҷ воқеа не

*Ниг.* ҳеҷ гап не.

1. Хайр, камтар аз ҳаққи мо зада бошад ҳам, ҳеҷ воқеа не, мо намемурем.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

2. — Тамоман ҷавоб доданд, пои ростам камтар кӯтоҳ шуда монд.
Зебӣ бо афсӯсхӯрӣ дилдорӣ кард:
— Хайр, ҳеҷ воқеа не, ҷонатон саломат мондааст, ҳаминаш давлати калон.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 194. Ҳеҷ гап намешавад

ҳеҷ воқеаи ногуворе рӯй намедиҳад, зараре намерасад.

1. Ту хавотир нашав. Ба мо ҳеҷ гап намешавад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Ҳаминро дон, ки ба ман ҳеҷ гап намешавад, ман мегӯям, ки бо ту сару коре надорам...

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 195. Ҳеҷ гап не (нест)

1. ҳеҷ воқеае рӯй нададааст; ҳеҷ боке не, 2. зараре надорад, 3. ҳеҷ душворӣ надорад.

1. — Чӣ гап, даҳбошӣ?..
— Ҳеҷ гап не, аз давлати шумо кори Қурбонро ҳам баробар кардам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Ҳамин қадар сол раисӣ кардем, ҳеҷ гап набуд, рафиқ Собиров, ана акнун ба ин рӯз омада ба сари мо чормағз мешикастагиҳо пайдо шуда монданд.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

3. — Ҳеҷ гап нест. Сиҳат-саломат. Рафиқ андак камхун аст.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

4. Бо ин гуна одамон 20 центнер не, аз он ҳам зиёдтар ҳосил рӯёндан ҳеҷ гап не.

*«Тоҷикистони советӣ».*

5. — Як бор андак интизор шавад, ҳеҷ гап не.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз, «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»).*

6. Як розишавии ман ҳеҷ гап нест.

*«Занони Тоҷикистон».*

### 196. Ба ҳеҷ гӯр намеравад

ба ҳеҷ куҷо намеравад, намегурезад.

Баъзе вақт пул диҳед ва гоҳо забони хуб кунед, хушомад гӯед, дар ин сурат ба ҳеҷ гӯр намеравад.

*С. Айнӣ. «Дохунда».*

### 197. Ҳеҷ дарде нест, ки даво надошта бошад

ҳеҷ мушкилие нест, ки осон нашавад, ҳар гиреҳ кушоише дорад.

Пиразани кордида ба фикр фурӯ рафт ва пас аз чанд дақиқа сар аз тафаккур бардошта, ба Подшоҳбегим нигоҳ карда гуфт:
— Ҳеҷ дарде нест, ки даво надошта бошад!

*«Гови тилло» («Шарқи сурх»).*

### 198. Касеро ҳеҷ кор карда натавонистан

ба сари касе ҳеҷ як нохушӣ, осебе оварда натавонистан.

1. Агар намехоста бошӣ, нарав ва бо рад кардани ту талаби амир ва раисро туро ҳеҷ кас ҳеҷ кор карда наметавонад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

2. Натарсед, пирам, фаразан ба дасти Салим афтед, ҳам, вай шуморо ҳеҷ кор карда наметавонад.

*С. Улуғзода, «Калтакдорони сурх».*

### 199. Ҳеҷ кор намебарояд (аз чизе)

мақсаде ба даст намедарояд, натиҷае ҳосил намешавад.

Аз риш тарошида, мӯй шона карда, худро ороста карда гаштан ҳеҷ кор намебарояд...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 200. Аз ҳеҷ кор нагаштан

аз иҷрои ҳеҷ як ҳаракати ношоистае рӯ нагардондан; ҳар кори рост омадаро иҷро кардан.

Латофат одати шавҳарашро нағз медонист. Нағз медонист, ки шавҳараш аз ҳеҷ кор намегардад.

*А. Мусаввада, «Печкаи беалав».*
*(«Шарқи сурх»)*

### 201. Ҳеҷ кор намешавад

*Ниг.* Ҳеҷ гап намешавад.

— Ту натарс, ба ту ҳеҷ кор намешавад, боз гашта ба завод меравӣ.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

### 202. Ҳеҷ набошад

ақаллан.

1. Дар он сурат ҳам бояд, ҳеҷ набошад, яке аз ҳамроҳони онҳо монда омада хабар мерасонд...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. — Гап зан, ҳеҷ набошад, ба ман дилата холӣ кун!

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. Охир, ҳеҷ набошад, ба насиҳати ду-сета мо барин мӯйсафедон гӯш мекардагист...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 203. Ҳеҷ монед (мондан гиред)

1. напурсед, ҳоҷати баён нест, 2. ҳад надорад.

1. Шоир Лутфӣ аз ин он қадар ба завқ омад, ки ҳеҷ монед.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт» («Маориф ва маданият»)*

2. Ман шудам қоил ба саъи духтарон,
Сермаҳсул он чунон, ки ҳеҷ мон...

*А. Баҳорӣ, «Сарахбори зиндагӣ».*

3. Баръакси он, магасҳои шилқин чунон бисьёр шуданд, ки ҳеҷ мондан гиред.

*«Машъал».*

### 204. Ҳеҷ не ки

1. бо ҳеҷ ҳол, ба ҳеҷ тадбир, 2. ҳаргиз, асло.

1. Вале моҳҳо мегузаштанду ҳеҷ не ки талаби мо қонеъ гардонда шавад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Чанд бор дар маҷлис гуфтем, маслиҳат додем, ҳеҷ не ки ислоҳ шавад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 205. Ҳеҷ чиз нашудааст

*Ниг.* Ҳеҷ гап не.

— Ба ҳавлии онҳо ҳеҷ чиз нашудааст, фақат ба чаҳорбоғашон як тири тӯп афтода, андак ҷоро хароб кард.

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 206. Аз ҳеҷ чиз рӯ натофтан

*Ниг.* Аз ҳеҷ кор нагаштан.

Ҳама мефаҳмиданд, ки ин одам барои аз мактаб рондани Шарифзода аз ҳеҷ чиз рӯ наметобад.

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

### 207. Ҳеҷ чизро ҳар чиз кардан

як чизи беарзишу нобакорро бо меҳнати зиёд ба чизи арзишнок ва ба чашм намоён мубаддал кардан.

Ҷолаи сахте омада, киштзорро ба замин яксон мекард, онҳо руҳафтода намешуданд, дили худашонро бой намедоданд, дар зери шуоъҳои сӯзони офтоб арақшорон кор мекарданду ҳеҷ чизро ҳар чиз мекарданд ва ҳосили хуб рӯёнда, ба аҳди худ вафо мекарданд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 208. Аз ҳеҷ чӣ ҳар чӣ

аз тамоман набуда андак будагиаш ғанимат аст, аз набудан буданаш дуруст аст (кам бошад ҳам).

Аммо аён буд, ки кам бошад ҳам, як қисми кӯрак нашукуфта мемонад. Хайр, аз ҳеҷ чӣ ҳар чӣ-дия.

*Ф. Муҳаммадиев, «Дар роҳи нав»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 209. Ҳеҷ қисса не

*Ниг.* Ҳеҷ гап не.

1. — Қамакак барои вақтчоқӣ нӯшидем, дадо.
— Хуб, ҳеҷ қисса не...

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. — Акнун, отунҷон, ҳеҷ қисса не, аз гуноҳи Саид гузаред, вай накардааст, мо кардем.

*Р. Ҷалил, «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»).*

3. — Ин қадар безобита нашавед, ҳеҷ қисса не, ба тезӣ чашматон равшан мешавад...

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 210. Ҳеҷ чин намезанад

воқеае, нохушие, мусибате рӯй намедиҳад.

То ман зинда ҳастам, шуморо ҳеҷ чин намезанад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

### 211. Дар ҳеҷ ҷо ҳеҷ гап нею... (несту)

1. ҳама тинҷӣ..., хотирҷамъию..., ҳеҷ воқеае рӯй надодаасту..., 2. яку якбора.

1. Дар ҳеҷ ҷо ҳеҷ гап нею банохост гапи раворавии муаллим баромада монд?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Ман ҳайрон, ки дар ҳеҷ ҷо хеҷ гап несту шумо одамонро ташвиш дода гаштаед.

*Ф. Муҳаммадиев, «Тири хокхӯрда».*

**ҲИК(К)**

### 212. Ҳикки касе дар осмон

мутаккабир, мағрур, ҳавобаланд.

1. Вай ҳамеша сару либоси рангоранги тангу борик ва туфлиҳои ғафси нӯлдароз пӯшида, ҳиккаш дар осмон... мегашт.

*«Газетаи муаллимон».*

2. Ин рафиқони ҳиккашон доимо дар осмон алифро таёқ гӯянд ҳам, хеҷ гоҳ як зина паст намефароянд...

*«Хорпуштак».*

**ҲИКМАТ**

### 213. Ҳикмат шунидан аз лаби Луқмон савобтар

*Ниг.* Қалом аз даҳони Луқмон хуш аст.

Ҳоло мувофиқи мазмуни ин мисраъ, ки «Ҳикмат шунидан аз лаби Луқмон савобтар» гуфтаанд, бевосита аз забони ҳикматбаёнашон шунида шавад, муносиб менамояд

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

**ҲИЛА**

### 214. Аз ҳила ҳалво сохтан

1. ваъдаи ҳавоӣ, хушку холӣ додан, 2. касеро соз карда фиреб додан; дар сеҳру соҳирӣ беҳамто будан.

1. — Бозор нодон, бой бошад, порсол, «аз ҳила ҳалво» сохта, даҳони вайро ширин карда, як қисми заминҳояшро ҳосилгарав карда гирифт.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Бинобар ин колхозчиён нисбат ба ӯ «чашмбанди зӯр, аз ҳила ҳалво месозад» гуён баҳо медиҳанд.

*Т. Усмон, «Одамсурати гургсират» («Хорпуштак»).*

ҲИММАТ

### 215. Ҳимматро баланд кардан (гирифтан)

ҷавонмардӣ, ҳотамӣ, дасткушодӣ кардан.

1. — Ёд надиҳеду ҳимматро баланд кунед, бекзода!

*Ҳ. Карим ва Дунган, «Соли 1916» («Шарқи сурх»).*

2. — Бисьёр хуб, ин тавр бошад, ҳимматро баланд гир, аз хароҷот натарс!

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 216. Ҳимматро паст кардан

хасисӣ, мумсикӣ кардан.

— Хайр, ҳамон ҳавлию боғ аз они шумо.
— Не, не, ҳимматро паст накун!

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

ҲИСОБ

### 217. Ҳисобро баробар кардан

1. қарзи худро дода адо кардан, пардохтани қарз, муомила, доду гирифти худро дуруст кардан, 2. қасоси худро аз касе гирифтан.

1. — Аввал ҳисоби пештарараро баробар кунем, баъд аз он, агар хоҳем, боз ғӯзаи дигар мегирем...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Агар зарур бошад, ман дода истам. Ҳисобашро баъд бо хӯҷаин баробар мекунем.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

3. — Ба муқобили ин зулми ғаддоронаи амир ҷавонони инқилобчии Бухоро, ки дар инқилоби февраль мағлуб шуда буданд, аз инқилоби Октябрь рӯҳ гирифта, хостанд, ки ҳисоби худро бо амир баробар кунанд ва ба муқобили амир бо талаби иҷрои ҳамон фармони ислоҳот, ки аз тарафи амир дарронда шуда буд, хуруҷ карданд.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 218. Ҳисоби чизеро гирифтан

чизеро ҳисоб намудан, чизеро шуморидан.

Афандӣ дар моҳи рамазон ба дилаш мегузаронад, ки «имсол ба мардум нигоҳ накарда, ҳисоби рӯзаро худам мегирам».

*«Латифаҳои тоҷикӣ».*

### 219. Ба ҳисоб гирифтан

1. шуморидан; чизеро қайд намудан, 2. ба назар гирифтан.

Хизматҳои калони ӯро ба ҳисоб гирифта, ба вай нафақаи давлатӣ таъин намуданд.

### 220. Ба ҳисоб даровардан

1. ба рӯихат дохил кардан, қайд намудан, 2. ба эътибор гирифтан.

Аммо роҳбарони колхоз 48 сари онро ба ҳисоб надаровարданд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 221. Ҳисоби дӯстон дар дил

дӯстон додугирифт, қарз, нағзии кардашударо ба забон нагирифта, дар дил нигоҳ дошта, як рӯз ҳатман ивазашро мебароранд.

1. — Як далолат кунетон, дӯстон. Бисьёр не, як солакак кор кунам, бас. Нағзиатонро аз ёд намебарорам, «Ҳисоби дӯстон дар дил» гуфтаанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. — Шумо дар масъалаи тартиб додани ведомость ва дигар ҳисоботҳо худро коҳонда нагардед. Ман тартиб медиҳам, «Ҳисоби дӯстон дар дил».

*«Газетаи муаллимон».*

### 222. Ҳисоби чизе ёфт шудан

ёфт шудани роҳи ҳалли масъалае, ёфт шудани илоҷ, чораи чизе.

1. — Ба чӯбу тахта иҷозат шудааст,— гуфт Шодӣ.— Як вагон... албатта камӣ мекунад, лекин боз ҳисобаш ёфт мешавад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. — Ҳамон рӯз баъд аз ноништа ду ҷӯра алочаи боқимондаро гирифта, ягон ҳисоби зиндагиро ёбем гуфта ба бозор баромадем.

*Ҳ. Карим ва Дунган, «Соли 1916» («Шарқи сурх»).*

3. — Афандӣ рӯзе аз ночорӣ хостааст, ки савдогарӣ карда, ҳисоби зиндагонии худро ёбад.

*«Хорпуштак».*

### 223. Ҳисоби корро гум кардан

чӣ кор кардани худро надонистан; роҳи ҳалли масъалаеро ёфта натавонистан, гаранг, сарсон шуда мондан.

1. — Шумо барин 2—3 каси воҳимачӣ баромада монад, одам ҳисоби корашро гум мекунад.

*С. Саидмуродов, «Шӯҳрати Хорпуштак» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

2. Аз ин сабаб бисьёрии деҳқонон аз босмачиён тарсида, ҳисоби кори худро гум карда, гаранг мешуданд.

*Ҳ. Назаров, «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона».*

### 224. Ҳисоби корро ёфтан

роҳи ҳалли масъала, мушкилиеро ёфтан.

1. Бинобарин шумо ҳам ҳисоби коратонро худатон ёбед, дар назди ревизор ҷавобатонро диҳед.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Ана ман ҳисоби корро ёфтам, дар як мижа задан кисаамро аз пули бедарди миён пур мекунам.

*«Хорпуштак».*

### 225. Ҳисобу китоб

ҳисобот, ҳисобӣ, муҳосиба.

1. Дар ҳисобу китоби ӯ ягон рақам ягон бор ҳам хато намерафт.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Вай баъди ҳисобу китоб ба говҷӯшҳо нигоҳ карда, ҷамъбасти кори имрӯзаи онҳоро хонда дод.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. «Агар дар чунин долу зарби кор сартабельчиро иваз кунем, аҷаб нест, ки ба ҳисобу китоби меҳнат чигил афтад...»

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

4. Бой ҳисобу китобро дар миён овард...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 226. Ҳисобу китобро баробар кардан

*Ниг.* Ҳисобро баробар кардан.

1. Қаримбой дурандешӣ карда, ҳисобу китобашро бо омӯзишгоҳи ҳунармандӣ пешакӣ баробар карда омада буд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. — Мо омадем, ки корро қабул карда гирему шуморо ба уезд гуселонем, ки боқимондаи ҳисобу китобро бо шумо дар он ҷо баробар кунанд...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

## 227. Ҳисоби китоби чизеро бурдан

хисоби чизеро кардан, харҷу дахлро ба ҳисоб гирифтан.

Ҳисоби китоби рӯзи меҳнатро барад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## 228. Ҳисобу китоб кардан

1. ҳисоби чизеро кардан; рӯихати харҷу дахли чизеро тартиб додан, 2. *Ниг.* ҳисобро баробар кардан.

Ӯ ҳозир ҳам аз колхоз 11 сар гӯсфанд қарздор, то ҳол ҳисобу китоб накардааст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## 229. Ҳисобу китоби чизеро чигил кардан

ҳисоботи чизеро дарҳам-барҳам намудан, дар муҳосиба саргумӣ ба вуҷуд овардан.

— Ту, боҷа, хабардорӣ ё не, дар ин ҷо як бӯлак ангишт ҷамъ шуда мондааст, ки ҳисобу китобашро дар бухгалтерия ҳам чигил карда мондаанд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 230. Ба ҳисоби чизе нарафтан

чизеро ҳисоб карда натавонистан, аз ӯҳдаи ҳисоб кардани чизе набаромадан; чи кор кардани худро надонистан.

— Гандум, дон, напурсед. Ба ҳисобаш худам ҳам намеравам...

*Х. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 231. Ба ҳисоб рафтан

ҳисоб шудан, шуморида шудан.

Вазир ё бо таъбири замони Рӯдакӣ гӯем, хоҷаи бузург Абулфазл Балъамӣ аз мардони номӣ, яке аз бузургони давлати Сомон ба ҳисоб мерафт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 232. Ҳисоб чав-чав, бахшиш лак-лак

1. ҳисобӣ бояд аниқу равшан бошад, дар ҳисоб саҳеҳӣ лозим аст, 2. дар ҳисоб гузашт ва бахшиш намешавад, ҳисоб дар ҷои худ, бахшиш дар ҷояш.

— Ду ман гандум дода чор ман гирифта истодаед, агар як миқдор кам шавад ҳам, зарар намекашед.

— «Ҳисоб ҷав-ҷав, бахшиш лак-лак» гуфтаанд гузаштагон, агар ба шумоён инъом карданӣ шавам, вай дар вақти худаш мешавад, ҳозир ҳисобро пухта кардан даркор аст.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ҲИСС**

### 233. Ҳисси пеш аз вуқӯъ

ҳодисаи ҳанӯз рӯй надодаро пешакӣ ҳис намудан.

Ин «ҳисси пеш аз вуқӯъ» дуруст баромад: ҳанӯз офтоб набаромада, Мулло-Абдулфаттоҳ ба мадраса даромада омад.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

**ҲИССА**

### 234. Ҳисса аз қисса

шаммае, баёни ҷузъиёте дар бораи воқеаи калон.

1. Бале, ин сатрҳои ҳаяҷоновар, албатта, ҳиссае аз қисса аст, ки гузаштаи пурмашаққатро ба хотир меоваранд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Он чизе, ки мо нақл кардем, ҳиссае аз қиссаи хонаҷаллобон аст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ҲИҚ**

### 235. Ҳиққи карда натавонистан

чизе гуфта натавонистан, овозе баровcovered натавонистан, чуруққи карда натавонистан.

Аз ин кори аълам муллобачаҳони олуфтаи Ғиҷдувон ор карда рӯйрост он бачаро аз ҳуҷраи аълам бардошта бурданд. Аълам «ҳиққи» карда натавонист.

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

**ҲОЗИР**

### 236. Ҳозирро ҳузур, ғоибро маъзур

аз чизи нағзи насия бади нақд хубтар аст.

— «Ҳозирро ҳузур, ғоибро маъзур». Аз сеялкаҳои трактории насия, сеялкаҳои аспии нақд беҳтар аст.

*А. Сидқӣ, «Ҷӯрасаркор»*
*(«Айёми мо»).*

**ҲОЛ**

### 237. Ҳоли дил гуфтан

сир, замири дил, вазъияти худро ба касе нақлу баён кардан.

Амонбоқӣ дар мушкилиҳо афтода буд. Куҷо равад, чӣ кунад, ҳоли дили худро ба кӣ гӯяд?

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

## 238. Ҳоли зор

1. аҳволи сахт, вазъияти бад, 2. сиёҳбахтӣ, шӯрбахтӣ.

Ба ҳоли зори Фирӯза овоз меандохт ва рӯканию мӯканӣ мекард.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## 239. Қасеро ба ҳол овардан

касеро ба худ овардан, ба ҳуш овардан.

Зуд дасту пои ӯро кушода як пиёла об нӯшонид ва ба ҳол овард.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## 240. Аз ҳол рафтан

1. бемадор, беҳол шудан, 2. аз ҳуш рафтан.

1. Хез, зуд бош, гӯшту равған оварда ошро тайёр кун, ки аз ҳол рафтам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Обрӯи маро рехтед, сухани маро беқурб кардед, ман шуморо тарафдорӣ карда, карда аз ҳол рафтам, акнун бас аст!

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. Вай аз ҳол рафтааст, духтурро чеғ занед.

## 241. Ҳоли касе хароб шудан

1. бад, вазнин шудани аҳволу вазъияти касе, 2. сиёҳ шудани рӯзи касе; ба нохушӣ гирифтор шудани касе.

1. — Ҳолам хароб шуд! Ғуломи сиёҳ шавҳари духтари ман мешудааст.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

2. — Ман ба ту дӯстона мегӯям, ки дигар ин хел номаъқулиатро накун, набошад, ҳолат хароб мешавад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 242. Ба ҳоли худ будан

1. овораи худ будан, 2. машғули кори худ, ғарқи фикру хаёли худ будан.

Пас аз ним дақиқа аз пеши онҳо шахсе дар торикӣ гузашта рафт. Мухтор ва Зайнаб агар руст намешуданд ҳам, вай онҳоро намедид, вай ба ҳоли худ буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 243. Ба ҳоли худ гузоштан (мондан)

1. ба касе, чизе кордор нашудан, ба сари худ мондан, партофта рафтан, 2. касе, чизеро беназорат гузоштан.

1. Бинобар ин ҳамагӣ ба якбора ҳар кор ва ҳар чизеро, ки доштанд, ба ҳоли худ гузошта ба тарафи теғаи кӯҳ—ба боло нигоҳ карда давиданд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Аз ман ранҷӣ ҳам майлаш, аммо маро ба ҳоли худ гузор, ба ман кордор набош...

*Ғ. Абдулло, «Шери занҷиршикан».*

3. Лекин агар ман шуморо ба ҳоли худатон монам, писарам аз дуньё бе зан мегузарад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора»*
*(«Шарқи сурх»).*

4. Ман ӯро ба ҳоли худ намондам ва кунҷковона саволҳо додам...

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

5. Бо китобҳои дарсӣ таъмин намудани мактабҳои қишлоқро ба ҳоли худ гузоштааст.

*«Маориф ва маданият».*

### 244. Ба ҳоли худ партофта мондан

*Ниг.* Ба ҳоли худ гузоштан.

1. Беҳтар ки мунтазир шавем, албатта, моро ба ҳоли худамон партофта намемонанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Сафари Кӯлоб»*
*(«Шарқи сурх»).*

2. — Дар он ҷо навиштаанд, ки раиси «Навобод» пахтаро ба ҳоли худаш партофта мондааст.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 245. Ба (бо) ҳоли худ шудан

машғули кору бори худ шудан, овораи андармониҳои худ гаштан.

1. Ҷавонҳое, ки як дақиқа пештар бо хандаю шӯхӣ кор карда истода буданд, якбора пажмурда ва малӯл гаштанд, ба ранги онҳо хун намонд ва бо ҳоли худ шуданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Достони марди танкшикан».*

2. Агар ҳар кас ба ҳоли худ шавад, кори ҷамъият пеш намеравад.

*Ҷ Икромӣ, «Ситора» («Шарқи сурх»).*

### 246. Ҳоли чию аҳволи чӣ

1. вазъияти ниҳоят вазнин, сахт, 2. *Ниг.* каси чию кори чӣ.

— Лекин, ба шумо дурӯғ, ба худо рост, рангу нуқаташ намондагӣ, ҳоли чию аҳволи чӣ!

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 247. Қасеро ба ҳолу ҷонаш намондан

ба норозигӣ, эътирози касе нигоҳ накарда, маҷбуран ба коре водоштан, бар хилофи хоҳиши касе коре кардан.

1. Шодӣ узр хост, лекин дигарон ба ҳолу ҷони ӯ намонда ба сӯи хонаи Неъматов, ки аз он ҷо чандон дур набуд, гирифта бурданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. — Рашидов ба ҳолу ҷонам намонданд,— гуфт Самеъҷон, ба Шодӣ ҷой дароз карда,— шарикҳо аксарият шуданду маро ба раисӣ интихоб карданд.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ҲОЛАТ**

### 248. Ҳолате даст додан

1. ҳолате рӯй додан, 2. ба ҳолате афтидан.

Бо шунидани он байтҳо он ду касро ҳолате даст дод, ки ба мурдан розӣ буданд.

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

**ҲОЛО**

### 249. Ҳоло ҳамин монда буд?

кори накардагиат фақат ҳамин буд-мӣ?

— Ман ба дадом ҳам гуфтан мегирам...

— Ҳа, ҳоло аз ту ҳамин монда буд! Гуноҳи ман аст, ки туро аз аввал ба сари худ баровларда мондам...

*Ҷ. Икромӣ, «Хурсанда»*
*(«Шарқи сурх»).*

**ҲОҶАТ**

### 250. Ҳоҷати касеро баровардан

1. талаб, хоҳиши касеро иҷро намудан, 2. дар дармондагӣ ба касе ёрдам кардан.

1. — Ҳар вақт ки гурусна монӣ ва ё ба ягон муҳтоҷӣ ва маъталии дигар афтӣ... ягон кор карда ҳоҷати туро мебарорем.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Ба пеши вай бо коре мерафтам, хоҷатамро зуд мебароварду монанди баъзе устоҳои дигар «фардо биё, пасфардо биё» намегуфт...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

3. Рафиқони тоҷик ба мо ҳамеша ёрӣ мерасонанд, мо ҳам ҳоҷати онҳоро мебарорем.

*Ҷ. Икромӣ, «Дар меҳмонии*
*бародарони ӯзбек» («Шарқи сурх»).*

### 251. Ҳоҷати гап нест

исбот кардан лузум надорад, бе гап, худ аз худ маълум аст, ҷои шубҳа нест.

1. Ҳоҷати гап нест. Кифоя аст, ба таҷрибаи чандинсолаи республикаҳои Шарқии советӣ назар андозем, пуч будани ин «ақида» равшан мегардад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. — Ҳа, агар мешуд, ҳоҷати гап набуд...

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои*
*драматургҳои Тоҷикистон»).*

ҲУББ

### 252. Ҳубби ватан аз тахти Сулаймон беҳтар

муҳаббати ватан аз ҳама чиз авлотар аст, ҳеҷ чиз ба меҳру муҳаббати ватан рост намеояд.

— «Ҳубби ватан аз тахти Сулаймон беҳтар» гуфтаанд. Ҳамааш якуним моҳ дар турма будаму озод шуда биёям, ин вайрона ба назарам гулистон намуд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

ХУВВАС

### 253. Ҳуввас карда мондан

хонаи як вақтҳо серодаму ободи касе ба сабаби рафтан ва ё мурдани яке аз аҳли оила ё меҳмони азиз беодаму хомӯш шуда мондан.

Модаркалонамро надида мондам, ӯро як рӯз пеш дафн карда будаанд. Ҳавлии калони мо ҳуввас карда монда буд.

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

ҲУЗУР

### 254. Ҳузури ҷон

роҳат, осоиштагӣ, ҳаловат, хушию хурсандӣ.

1. Қолхоз ҳамин қадар хузури ҷон бошаду мо маҳрум шавем-мӣ?

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. — Ҳузури ҷон ин ҷо будааст.

*А. Деҳотӣ, «Алос ва ҷораи халос» («Занони Тоҷикистон»).*

ҲУКУМАТ

### 255. Ҳукумат рондан

ҳукмронӣ кардан, идораи давлатро дар даст доштан.

1. Шоҳмурод-Маъсумбӣ писари Дониёл атолиқ буда, аз амирони манғити Бухорост, ки дар солҳои 1784—1801 ҳукумат рондааст.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Баъд аз вафоти Маҳмуд авлоди ӯ чанд гоҳе дар шимоли ғарбии Ҳиндустон ҳукумат ронда, дар охир ҷои худро ба ғуриён доданд.

*С. Айнӣ, «Мирзо Абдулқодири Бедил».*

### 256. Ҳукуматро шинохтан

1. ба ҳукумат таслим шудан, 2. ҳукуматеро қонунӣ ҳисоб кардан.

— Агар ҳамин рӯз поям дуруст шуда, қадам мондanам бемалол шавад, агар рафта ҳукуматро нашиносам, занам сеталоқ шавад,— гуфт Исломқул.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

## ҲУНАР

### 257. Ҳунари нав баровардан

ягон нағма, баҳона, гапи нав баровардан.

— Рост мегӯянд, пулро зудтар ба кассаи амонатӣ мондан даркор, мабодо боз ягон ҳунари нав набарорад.

### 258. Ҳунари ҳар кас нест

коре, ки на ҳама кас аз ӯҳдаи иҷрои он мебарояд, коре ки маҳорат ва устуворӣ талаб мекунад.

1. Хондан ҳунари ҳар кас не-дия, гардам!

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

2. Дар байни якуним-ду моҳ ин хел бинои олиҷанобро сохтан ҳунари ҳар кас не.

*«Хорпуштак».*

## ҲУСН

### 259. Ҳусни касе гаштан

костани ҳусни касе, нозебо шудан.

Дид, ки дар охирҳои чашмаш, дар пешона ва рӯяш чин афтода, абрӯяш ғафстар шуда, ва ҳуснаш хеле гаштааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 260. Ҳусни таваҷҷӯҳ

майл, рағбат, тамоюл, диққат.

1. Ҳусни таваҷҷӯҳи Донишро нисбат ба Россия ва халқи рус мо дар нақли ёддоштҳои сафарҳои Россия ва навиштаҷоти дигари ӯ ҳис мекунем.

*С. Улуғзода, «Мутафаккир, халқдӯст, тараққипарвар» («Тоҷикистони советӣ»).*

2. Агар муаллим усто бошад, агар муаллим дарси медодагии худро дӯст дорад, шубҳа нест, ки вай ҳусни таваҷҷӯҳи талабагонро ба даст медарорад.

*Ҷ. Икромӣ, «Муаллим ва нависанда» («Тоҷикистони советӣ»).*

3. Сабур аввал бо ӯҳдабарой ва корбудкуниаш ҳусни таваҷҷӯҳи Гулрӯро ба худ ҷалб намуд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

## ҲУШ

### 261. Ҳуши касе аз сар паридан

1. ҳайрон, моту мабҳут шудан, 2. сахт тарсидан.

1. Хабари бо Рустам-Ашкӣ гурехтани Маҳмудҷонро фаҳмида, ҳуш аз сараш паридааст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

2. Аз ин кирдор ҳуш аз сари ман парид, бо чашмони ҳаросон ба тағоям нигоҳ кардам...

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

3. Чунон дашномҳо дод, ки ҳуш аз сарам парид.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

### 262. Ҳушу ақли касеро дуздидан

касеро мафтуни худ гардондан.

Ҷавонимарги Хадича ҳушу ақли ӯро дуздида, акнун бозӣ карда гаштааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 263. Ҳуши касе ба касе рафтан

1. ба касе сахт нигоҳ карда мондан, 2. бо хаёли касе банд шуда мондан, 3. мафтуни касе гардидан, ошиқ шудан.

1. Ҳушам ба шумоён рафта аз корам ҳам мондам.

*А. Усмонов, «Мубориза».*

2. — Ҳушаш ба духтари зебо рафтагист.

*М. Набиев, «Ҷӯраҳо»*
*(«Овози ҷавонон»).*

### 264. Ҳушу ёд

фикру хаёл

1. Ҳушу ёдам ба ту.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

2. Ҳушу ёди Воҳидов дар хонааш буд.

*Қ. Наимӣ, «Рӯзи равшан»*

### 265. Ҳуши касе кандан

сахт тарсидан.

1. Ҳуши ман канд, пойҳоям аз тарс ба ларза омаданд. Босмачӣ амакамро бо дастаи қамчин тела дода:
— Пеш даро! — гуфт.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

2. Ҳуши Фирӯза канд, он чӣ ки намехост, шуд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 266. Ба ҳуш овардан

касеро ҳушьёр (аз беҳушӣ) кардан, касеро ба худ овардан.

Лекин мегӯянд, ки велосипедсавор ба касалхона бурдаанду ба ҳуш оварда натавониста, аз даст додаанд...

*Ҷ. Икромӣ, «Онҳое ки маргро*
*мағлуб мекунанд»*
*«Маориф ва маданият».*

### 267. Ҳуши касе паридан

*Ниг.* Ҳуши касе кандан.

Вале ҳамин, ки ба роҳ даромада, бо ворииг рў ба рў мешудем, дар ҳақиқат «ҳангам меканд», ҳушам мепарид.

*А. Деҳотӣ, «Ҳаёт қадам мезанад».*

### 268. Аз ҳуш рафтан

беҳуш шудан.

Чашмам сиёҳӣ зада афтидам, аз ҳуш рафтаам, дигар чизеро надонистам...

*А. Раҷабӣ, «Дилсузӣ»*
*(«Истеъдодҳои ҷавон»).*

### 269. Ҳуши худро ба ҷояш овардан

1. ҳушьёр шудан, диққати худро ба як ҷо ҷамъ кардан, 2. ақли худро кор фармудан.

Ба ҳар ҳол маоши аз ин ҳисоб мегирифтагиат на ин ки ба саду ним сад нўшидан, балки ба чойпулиат ҳам намерасад... Ҳушатро ба ҷояш биёр...

*«Маориф ва маданият».*

## ҲУҚҚА

### 270. Ҳуққаи дилро кушодан

гапу сирри дар дил будаи худро гуфтан, арзи ҳол кардан, дарди дили худро изҳор кардан, ҳасрат кардан.

Раис ҳам ҳуққаи дилашро кушода партофт. Худаш ҳам аз заминҳояш дар хавф будааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Тирмор».*

# Ҷ

## ҶАБР

### 1. Ҷабр аз меҳмону сабр аз мизбон

мизбон ба ҳар ноз ва инҷиқии меҳмон бояд тоқат кунад; ҳар рафтор ва гапи ногувори меҳмонро бардорад.

Дар ин вақт камбағалии чизҳои хона, ба ҳам номуносиб афтодани мебель қолину кашидаҳоро хӯронда гап сар кардани Солеҳ мӯи сарамро рост-рост кард. Лекин ба қавли гапе «ҷабр аз меҳмону сабр аз мизбон» лаб газидаму қаҳрамро фурӯ бурда нишастам.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида».*

### 2. Ҷабру ҷафо кашидан

1. азобу машаққатро аз сари худ гузаронидан, 2. зулму тааддӣ дидан.

*Ман дар он ҷо аз дасти Сафар-Амин, Қӯзӣ-Амин, Ҷалолиддин оқсаққол ва дигарҳо аз ин камтар ҷафо накашидам.*

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ҶАВОБ**

### 3. Ҷавоби аҳмак (аблаҳ) сукут (хомӯшӣ) аст

1. дар ҷавоби одами нодон сукут ихтиёр кардан беҳтар аст, 2. бо нодон мунозира карда нишастан бефоида аст.

1.— Тақсир! Хайр аст, ба шумо чӣ шуд? — гӯён садо додам.

— Як афғони аҳмақ маро ба дараҷаи девонагӣ расонд. Бирав паи кори худ ва маро ба ҳоли худ ором гузор! — гуфтанд. Аммо ман дар пурсиш суст наомада гуфтам:

— Ҷавоби афғони аҳмақро ман дода метавонам. Чунки ман дар ҳамсоягии онҳо зоида шудаам ва бо онҳо ба хубӣ ҳолдон мебошам, шумо дилгир нашуда, «ҷавоби аҳмақ — сукут» — гӯён ба осоиши худ машғул бошед. Аммо ба ман гӯед, ки он аҳмақ ба шумо чӣ кард?

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

2. Маҳинхонум, маълум шуд, ки Ҷалолиро дӯст медоред? Сукути шумо аломати ризост.

*А. Ҳамидӣ, «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 4. Ҷавоб гуфтан

ба касе муқобилат нишон додан, истодагӣ кардан.

Бо ин шамшери худ танҳо худам ба онҳо ҷавоб мегуфтам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 5. Ҷавоб дар даҳон мондан

қатъ шудан, бурида шудани ҷавоби касе.

Аммо ин дафъа ҷавоби ман дар даҳонам монд.

*П. Толис, «Тобистон».*

### 6. Ҷавоби касеро додан

*Ниг.* ҷавоб гуфтан.

Ба ин даҳмардаҳо як нигоҳ кунед, ҳар кадомашон ҷавоби чор каси аз моро медиҳад.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 7. Ҷавоби нимдумбул

ҷавоби носаҳеҳ, ҷавоби муҷмал, чатоқ.

Баъзан ба муаллифон ҷавобҳои нимдумбул (ё ба ибораи халқӣ «думаш дар хӯрҷин») менавишт.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

**ҶАВОНИМАРГ**

### 8. Ҷавонимарг шудан

дар айёми ҷавонӣ мурдан, бо марги бемаҳал, ноком мурдан.

Наход ки ман ҳам мисли Шамсия, мисли Савсан ҷавонимарг мешавам?

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ҶАВОНӢ**

### 9. Дар ҷавонӣ даводавӣ, дар пиронсолӣ кодоки сандалӣ

1. Ба ҷавон кӯшишу ғайрат мезебаду ба пир истироҳат, 2. кӯшишу ғайрати айёми ҷавонӣ роҳати пиронсолагӣ мебошад.

— Шабу рӯз даводавӣ мекунӣ, ҳеҷ оромӣ надорӣ...
— Дар ҷавонӣ даводавӣ, дар пиронсолӣ кодоки сандалӣ...

*Қ. Наимӣ, «Ҳабиба» («Айёми мо»).*

### 10. Ҷавонӣ кардан

бемулоҳизагӣ кардан, хомӣ, бетаҷрибагӣ кардан, дар коре.

Амак, вай ҷавонӣ кардааст, шумо аз гуноҳаш гузаред.

**ҶАЗО**

### 11. Ҷазо гирифтан

1. танбеҳ гирифтан, 2. ба ҷавобгарӣ кашида шудан.

1. Дар кори савдо камомад карда, суд шуда, ҷазо гирифта будааст.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. Хушбахтона, ҳамон рӯз Рашид баъд аз дарс ба хонаи холааш рафта будааст, вагарна дурустакак «ҷазояшро мегирифт».

*«Маориф ва маданият».*

### 12. Ҷазо дидан

*Ниг.* Ҷазо гирифтан.

1. — Ҷора ҳамин ки,— мегӯяд Восеъ,— ба ҷабру зулм ҳақ гуфта, тоб оварда шиштан хуб не, шӯриш бардоштан ва ҷазои золимонро додан лозим.

*Ҷ. Икромӣ ва А. Одинцов, «Аҷоиботи сафар» («Шарқи сурх»).*

2. Ҷазояшро аз мо набинад, албатта, аз дигарон мебинад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 13. Касеро ба ҷазо кашидан

1. касеро ба ҷавобгарӣ кашидан, 2. ҷазо додан.

Магар барои ин кораш мо ӯро ба суд надиҳем, ба ҷазо накашем?

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 14. Қасеро ба ҷазо расондан

*Ниг.* Қасеро ба ҷазо кашидан.

Душманатро ба ҷазо расондӣ...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ҶАМЪ**

### 15. Ҷамъ кардани хотир

*Ниг.* Хотири касеро ҷамъ кардан.

— Барои ҷамъ кардани хотири Мухтор гуфт...

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ҶАНГ**

### 16. Ҷанги дасткундал

ҷанги сахт, калон *(Ҷ. И.)*.

— Навакак ҳар ду палонҷ як ҷанги дасткундал карда гирифтанду баъд ҳар дуяшон ҳам ба хонаҳояшон рафтанд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 17. Ҷанги дӯстон то хушк шудани дока

ҷангии дӯстон чандон тӯл намекашад, ба тезӣ мегузарад, дӯстон пас аз якчанд вақти ҷанг боз бо ҳам дӯст шуда меравaнд.

— Лекин шумо то кай хафа шуда мегардед, Хоҷӣ амак? Охир гуфтаанд-ку: «Ҷанги дӯстон то хушк шудани дока».

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 18. Ба ҷанги зану шӯ остонаи дари хона механдад

1. ҷанги зану шӯй тезгузар аст, зану шӯ ҳарчанд бо ҳамдигар сахт ҷанг кунанд ҳам, боз оштӣ мешаванд, 2. байни ҷанги зану шӯ даромадан хандаовар аст.

— Сангинҷон, аз ман хафа нашудӣ? Охир, «сухани рост талх мешавад».

— Чӣ хафа шавам? «Ба ҷанги зану шӯ остонаи дари хона механдад» мегӯянд. Ту хурсанд бошӣ, ман хурсанд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 19. Ҷанг кори шайтон аст

ҷанг кардан кори оқилона нест.

Кӯча аз тамошобин пур шуда буд. Зоҳиран ҳама аз дасти бадкирдориҳои Рӯзӣ ба ҷон омада будаанд, ки касе барои раҳонидани ӯ аз чанголи Маҳдум ҳаракат намекард. Ҳатто тамошобинон шогирди Рӯзиро, ки нафасашро рост гирифта, дубора мехост ба Маҳдум ҳуҷум кунад, ба пеш омадан нагузоштанд ва «ҷанг кори шайтон аст»,— гӯён ӯро боз доштанд».

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

### 20. Ҷанги тан ба тан

ҷанги якка ба якка.

1. Онҳо ба ҷанги тан ба тан даромаданд.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт» («Маориф ва маданият»).*

2. Ӯ бисьёр ин гуна ҷангҳои тан ба танро дидааст.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

### 21. Ҷанги хешон абри баҳорон

*Ниг.* Ҷанги дӯстон то хушк шудани дока.

«Ҷанги хешон абри баҳорон» гуфтаанд. Зану шавҳар андак аз якдигар хафа шудаанд, боз пагоҳ бо ҳам гап зада мераванд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ҶАРАЁН**

### 22. Ҷараён ёфтан

1. давом кардан, 2. ба амал омадан, воқеъ гаштан.

Фаъолияти адабии онҳо дар ҳамин сарзамин ҷараён ёфтааст.

*А. Мирзоев, «Оид ба баъзе масъалаҳои мероси адабӣ ва омӯхта шудани он» («Шарқи сурх»).*

**ҶАНҶОЛ**

### 23. Дар ҷанҷол мондан

гирифтори ҷанҷолу нохушие шудан.

Ягон фалокат шуда дар ҷанҷол намонам.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

**ҶАРОҲАТ**

### 24. Ҷароҳати дил тоза шудан

дарду нохушии гузаштаро ба хотир оварда, ғамгин шудан.

Уро ба ёдам овардию ҷароҳати дилам тоза шуд...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 25. Ҷароҳати дили касеро харошидан

*Ниг.* Ба ҷароҳати касе намак пошидан.

Ҷароҳати дили Зайнабро боз зиёдтар харошид.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

### 26. Ба ҷароҳати касе намак (намакоб) пошидан (рехтан)

дарду алами касеро зиёд кардан, як дарди касеро ду кардан.

1. Ба маҷлиси комсомолҳо рафта будам, имшаб ба комсомолӣ даромадам,— гуфт Носир ба ҷароҳати Абдулло намак пошида.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид».*

2.— Гапи ҳақ гуфтӣ. Ҷӯраҳои падарат мардуми беоқубат буданд, наход ки дар чунин шаҳри калон ба ту кор ёфт нашуд? — Машраб гуё тасаллӣ доданӣ шуда, худ бехабар ба ҷароҳати Умар намакоб пошида монд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. Сабоҳат тамоми вақти холии худро бо Муслима мегузаронид ва ҳар замон ҳавлию ҷой, молу бисоти ӯро таъриф карда, ба ҷароҳати дили шавҳараш намакоб мерехт.

*Р. Ҷалил, «Зиндагӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

ҶАСАД

### 27. Ҷасади касеро ба хок супоридан

мурдаи касеро дафн кардан, гӯронидан.

Ҳамин рӯз ҷасадҳои қурбоншудагонро ба хоки сиёҳ супурданд.

*Алихуш, «Шестопалов»*
*(«Шарқи сурх»).*

ҶАҲАННАМ

### 28. Касеро ба ҷаҳаннам фиристодан

*Ниг.* Ба асфалассофилин фиристодан.

1. Ӯро ҳимоят кунӣ, аввал кори туро тамом мекунам, баъд аз он ӯро ба ҷаҳаннам мефиристонам.

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

2.— Калимаатро хон, ман ҳозир туро ба ҷаҳаннам мефиристонам.

*С. Улуғзода, «Калтакдорони сурх».*

ҶАҲЛ

### 29. Аз ҷаҳл фуровардан

Оташи хашму ғазаби касеро паст кардан, касеро аз қаҳраш гардондан.

Дар ин байн духтарҳо-дугонаҳои келин шӯхию бозиҳо карда суханҳои хандаовар гуфта, Мағфиратро хеле аз ҷаҳл фароварда буданд...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 30. Аз ҷахл фуромадан

1. хашму ғазаби худро фурӯ нишондан, 2. ором ва таскин ёфтан.

1. Ҷӯрабек аз ин хел муомилаи ӯ дар ҳайрат монда, дар ҳақиқат андак аз ҷаҳл фуромад.

*С. Улуғзода, «Ёрони боҳиммат».*

2. Никоҳ накарда, дар ҳамон ҷо мегардем, то даме ки падарат аз ҷаҳл фурояд.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

**ҶАҲОН**

### 31. Аз ҷаҳон рафтан

мурдан, вафот ёфтан.

Ой падарҷонам, падараки меҳнатрӯзиам, бемаҳал аз ҷаҳон рафта, маро ҷаро ятим мононди?..

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 32. Ҷаҳон хӯрдан

ба моли дуньё ҳарис, тамаъкор будан, моли дуньёро ҷамъ кардан.

— Эй падари меҳрубон, ҷаҳон хӯрдан хуб аст, ё ҷаҳон гаштан?

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 33. Ҷаҳон-ҷаҳон

бисьёр, хеле, хеле бисьёр.

1. Дар ҳақиқат, вақте ки асарҳои Чеховро варақ мезанед, ҷаҳон-ҷаҳон маънӣ мегиред.

*С. Ғанӣ, «Устод» («Шарқи сурх»).*

2. Аз он ҷаҳон-ҷаҳон лаззат мебарӣ.

*«Маориф ва маданият»*

**ҶИГАР**

### 34. Ҷигари касе кабоб шудан

*Ниг.* Ҷигари касе хун шудан.

Чаман омад зи дур дар назарам,
Қувват омад ба зонуву камарам,

Лонае дид чашмҳои тарам.
Чун расидам, кабоб шуд ҷигарам.
Дидам, ин нест ошьён, домест.
Оҳ!.. Ман боз ҳам асир шудам.

*А. Лоҳутӣ, «Куллиёт», ҷ. I.*

### 35. Ҷигари касеро об кардан

касеро азоб додан, сӯзондан, дилхун кардан.

Нолаи наи чӯпонӣ мувофиқи зарби ҳамин суруд бо як тарзи ҳазинона баланд шуда, дилҳоро мехарошид, ҷигарҳоро об мекард ва баданҳоро меларзонид.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 36. Ҷигари худро хун кардан

*Ниг.* Ҷигар хун кардан.

Монед, ҷигаратонро хун накунед, маро ҳам беҳуда дар азоб намононед.

*Ҳ. Карим, «Ҳикояҳо».*

### 37. Ҷигари худро хӯрдан

ғаму ғусса кашидан, дар ғам ва ташвиши чизе ё касе дилафгор шудан.

Модари бечора ҳамон шаб ҷигарашро хӯрда баромад.

### 38. Ҷигар хун кардан

азобу машаққати зиёд кашидан.

Ҷигар хун карда хонию туро боз
Фиристонанд бар як ҷои носоз.

*Ф. Ансорӣ, «Гулшан».*

### 39. Ҷигари касе хун шудан

ба азобу машаққат гирифтор шудан, дар азоб мондан.

Охир дар орзӯи мактабхонӣ ҷигари ман хун шуд...

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 40. Ҷигар-ҷигару дигар-дигар

хеш хеш асту бегона бегона аст; дар рӯзи мушкилӣ хешу пайвандон ба ёрдамат мерасанд, на бегонагон.

1.— Хайрият худат будӣ,— аз дил гузаронд Маҷидов.— «Сад кунӣ, ҷигар-ҷигару дигар-дигар будааст».

*«Маориф ва маданият».*

2. Аммо «ҷигар-ҷигару дигар-дигар» гуфтагӣ барин дилаш ба зани пештарааш сӯхтан гирифт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ҶИГАРХУН**

### 41. Ҷигархун шудан

*Ниг.* Ҷигари касе хун шудан.

Писар гуфта ҷигархун шудам.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт» («Маориф ва маданият»).*

**ҶИЗ-ҶИЗАК**

### 42. Ҷиз-ҷизак додан

рашк ва аламИ касеро овардан, сӯзондан.

Шояд барои «ҷиз-ҷизак» додан ба бойҳои мағрури Бухоро бошад, он кас бари пӯстини остинаш аз даст берункардаашро чаппа карда монда буд...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

**ҶИЛАВ**

### 43. Ҷилави касе, чизеро ба дасти худ гирифтан

1. ихтиёри касеро ба дасти худ гирифтан, 2. роҳбарият ва идора кардани кореро ба дасти худ гирифтан.

1. Мирбадал ҳам ҷилави ӯро ба даст гирифта, акнун ба ихтиёри худ ба ҳар сӯ мегардонд...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо». қ. I.*

2. Чун ҷилави корро ба даст мегирад, пеш аз ҳама, ба хешовандон ва ба ёру дӯстони худ ҳавлиҳои дар ҷои хуб воқеъгашта ва тамоман будшударо тақсим мекунад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

3. Ниҳоят, большевикон омаданду ҷилави онро ба дасти худ гирифтанд.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт» («Маориф ва маданият»).*

4. Аз суҳбати имшаба мақсад ҳам ҳамон буд, ки бо маслиҳат ҷилави ҳокимиятро ба даст гирем...

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 44. Ҷилави гапро (суханро) ба тарафи дигар (тараф) гардондан (бурдан)

*Ниг.* Риштаи гапро ба тарафи дигар бурдан.

1. Самадзода зуд ба миён даромада, ҷилави гапро ба дигар тараф гардонда мефиристонад.

*«Газетаи муаллимон».*

2. Аз суханони охирини ӯ як гуна аломати гуссаро дар худаш пай бурд ва барои пинҳон кардани он аломат аз дигарон ҷилави суханро ба тарафи дигар бурда гуфт...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 45. Ҷилави касе, чизе дар дасти касе будан

дар дасти касе будани ихтиёри касе, коре.

Ҷилави ӯ дар дасти ман аст.

*«Хорпуштак».*

### 46. Ҷилави касеро кашидан

1. касеро аз коре боздоштан, 2. касеро танбеҳ додан, адаби касеро додан.

1. Мо ҳамаи онро ба идораи ҷамъияти матлуботи район ва шахсан ба раиси он маълум кардани будем, то ки ҷилави Ғаниҷонро дурустакак кашида монад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Ман, ки ҳатто аз падарам ҳам калтак нахӯрда будам, акнун омада-омада аз як нобакор, ки маро хор медорад ва ҳеҷ кас ҳам ҷилави ӯро намекашад, калтак хӯрдам.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

### 47. Дар чилави касе

аз паси касе, чизе.

— Саидбой дар чилави иноқ ба арк рафта буд...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 48. Чилави касе, чизеро сар додан

касе, чизеро ба сари худ, ба ихтиёри худ мондан.

Вай он гапҳоро базӯр гуфта, боз чилави хандаро сар дод.

*П. Толис, «Ҳикояҳо».*

**ҷим**

### 49. Ҷиму им шуда рафтан

бедарак, бехабар шуда рафтан.

— Дугонаҷон, дили маро ин қадар гум занонда ҷиму им шуда наравед.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 50. Ҷим-ҷит будан

хомӯшӣ ҳукмфармо будан.

«Ду шабу ду рӯз ҳама ҷим-ҷит буд, девона барин шудам»,— мегуфт ӯ.

*А. Деҳотӣ, «Алос ва чораи халос» («Занони Тоҷикистон»).*

**ҷин**

### 51. Ҷин задан

1. ба касе ягон воқеа, ҳодисаи ногувор рӯй додан, 2. аз ақл дур шудан, девона шудан.

1. Ин одамҳоро чӣ ҷин задааст? На ҳушьёрии синфӣ доранду на одамшиносӣ!

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. Охир Одил Саркорро чӣ ҷин зад, ки чанд вақт боз ин хел берӯӣ мекунад?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

3. Одами гандаро ҷин ҳам намезадааст: онҳо ҳанӯз ҳам туппиашонро нимта монда гаштаанд.

*«Хорпуштак».*

**ҶИНС**

### 52. Ба ҷинси худ кашидан

ба таъсири зоти худ ва тарбияи зотии худ рафтан.

Аслаш, ки аз кӯдакӣ Мирбадали дилсиёҳ тарбияашро вайрон кардагӣ, боз ба ҷинсаш мекашад...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо». қ. II.*

**ҶИҒИЛДОН**

### 53. Ба ҷиғилдони худ задан

чизеро азони худ кардан, ба кисаи худ андохтан.

1. Чанд ҳазор сӯм пули давлатро ба ҷиғилдони худ задааст.

*«Маориф ва маданият».*

2. Аз колхоз 416 килограмм қанд гирифта, вале қисми зиёди онро ба ҷиғилдони худ задаанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 54. Ҷиғилдони касе хоридан

дар касе майлу хоҳиши порагирӣ, хӯрдан, нӯшидан пайдо шудан, аз касе пора талаб кардан.

— Хуб, хуб, бегоҳӣ масъаларо ҳал мекунем, ҷиғилдонатон хорида бошад, давош дар кисаи ман.

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

**ҶИҒОН**

### 55. Ҷиғон-сирони касе баромадан

доду фарьёди касе баланд шудан.

Сухани Мансурбой тамом нашуда ҷиғон-сирони модари Нодир, ки кампири 60-сола буд, баромад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

ҶО(Й)

## 56. Ҷо ба ҷо

1. дарҳол, 2. тамоман.

То саҳар бедор хобӣ,
Гар кунӣ наззорае,
Метавонӣ дид онро,
Мақсадат иҷро шавад,
Ҳар чиро, ки даст гирӣ,
Ҷо ба ҷо тилло шавад.

*М. Турсунзода, «Савганд»*
*(«Шарқи сурх»).*

## 57. Ҷо ба ҷо (аз по) афтидан

1. дарҳол аз по афтидан, 2. якбора ғалтида мурдан.

1. Ҳанӯз дашном аз даҳонаш тамом набаромада як тири паррон ба ҳалқаш меравад ва ҷо ба ҷо меафтад.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Ду-се нафар аз онҳо, ки ба фикри гурез афтода ва ё ба аслиҳа даст бурданӣ шуданд, ҷо ба ҷо аз по афтоданд.

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

## 58. Ҷо ба ҷо будани чизе

дар ҷои худ будани чизе, ба тартиби мувофиқ ҷойгир будани чизе.

Хонаи поён, бо вуҷуди набудани соҳибхона, озода рӯфтагӣ, ғундоштагӣ ва ҳамаи чиз ҷо ба ҷо буд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## 59. Ҷо ба ҷо кардан

1. ба ҷои худ гузоштан, 2. ба тартиб даровардан, тахт, тайёр кардан; одамонро мувофиқи мартабаашон ба ҷое шинондан.

1. Мувофиқи нишондодҳои шумо мо ҳозир ҳамаро аз нав ҷо ба ҷо мекунем.

*Ш. Киёмов, «Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат шав»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»).*

2. Ҳуҷҷатҳои шумо додагиро ҷо ба ҷо карда мондам.

3. — Ман одамҳоро ҷо ба ҷо карда мондаам.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

### 60. Ҷо ба ҷо мурдан

дарҳол, тамоман мурдан.

Ана бо ҳамин (бо додани дору — *М. Ф.*) муш ҷо ба ҷо мемурад...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 61. Ҷо ба ҷо шудан

1. ҷойгир шудан, 2. ба тартиб даровварда шудан, тахт, тайёр гардидан.

1. Қорро қабул карда ҷо ба ҷо шавӣ, писаратро мегирам у ман ҳам баромада меравам.

*А. Сидқӣ, «Иродаи зан» («Занони Тоҷикистон»).*

2.— Арӯс омада истодааст, корҳо ҳама ҷо ба ҷо шуд.

*Ҷ. Икромӣ, «Дохунда» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

### 62. Ба касе ҷой баромадан

ба духтар хостгор баромадан.

Лекин ҳеҷ ягон ҷои дуруст набаромада истодааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 63. Ҷои гап (задан) набудан

1. ҳоҷати гап задан набудан, эҳтиёҷ ба гап набудан, 2. муносиб набудани шароит барои гуфтани чизе.

1. Дар ин шароит ва аҳвол аз маданият, адабиёт, илм ва маориф албатта ҷои гап задан набуд.

*С. Айнӣ, «Алишер Навоӣ».*

2. — Хайр, ба Хадичаю Маҳмуду Шодию худамо ҷои гап нест.

Дигар, ин тараф Бобонарзӣ албатта қабул мекунад.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

3. Модом ки худи ӯ нишон додааст, ҷои гап не, розӣ шудам.

*Р. Ҷалил, «Ҳамида»,*

4. Ҷои гап набуд, ман ҳам хомӯш истодам...

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

## 64. Ҷои гарм

1. ҷои осуда, ором, 2. ҷои сердаромад.

1. Ба вай маслиҳат доданд, ки барои андак пул шуда, дар назди Раҷабов руйхунук нашавад ва аз ҷои гармаш маҳрум нагардад.

*«Хорпуштак».*

2. Бовар накунед, павильони гуштро бодиққат як аз назар гузаронед. Вай ҷои гармакак аст.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## 65. Ҷо гарм кардан

1. дар ҷое қарор гирифтан, 2. дар коре устувор ҷойгир шудан.

Акнун бошад, ҳукумат ҳамаи умедашро ба тарафи пойбараҳнагони мамлакат монд; ба онҳо тухми кишт дод, гов дод, асбоби деҳқонӣ дод ва аз онҳо отрядҳо сохт, ки акнун худи фақирони мамлакат дар паи мо афтодаанд; ба ҷое, ки қадам монем, пеш аз он, ки ҷо гарм кунем, ба ҳукумат хабар мерасонанд ва касонеро ҳам, ки моро роҳ додаанд, дастгир мекунанд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## 66. Ҷои гарми касеро хунук кардан

1. ҷои осудаю ороми касеро ба ҷои ноосуда иваз кардан, осоиштагии касеро вайрон кардан, 2. аз як ҷои одаткарда ба ҷои бегонаи номаълум гузаштан, 3. ҷои кори осудаву сердаромадеро аз даст додан.

1. Ҳамин қадар таввалло кардам, ки ба Моғиён барам, розӣ нашуданд. «Биё, писарам, дар вақти пирӣ ҷои гармамро хунук накунам»,— гуфта гардан нафуровардаанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Барои гапҳои майда-чуйда шуда, ин хел бо ситеза ҷои гарми худатонро хунук кардан чӣ лозим?

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

3. Ӯро аз вазифаи экспедитории колхоз беозоракак озод намуда, ҷои гармашро андаке хунук карданду ба сари столи директори артели «Қаҳрамон» шинонданд.

*«Хорпуштак».*

### 67. Ҷой гирифтан

1. воқеъ гардидан, 2. ҷойгир шудан, макон гузидан.

1. Дар болотари ин теға қишлоқи Қизилалма ҷо гирифтааст.

*Ҳ. Мақсудов, «Аз хотироти он айём» («Шарқи сурх»).*

2. Санъатобод аз маҳаллаҳои калон ҳисоб намешавад, аммо чандон хурд ҳам нест, дар он ҷо саҳл кам сад хонавор одам ҷой гирифтааст.

*А. Деҳотӣ, «Алос ва чораи халос» («Занони Тоҷикистон»).*

### 68. Ҷои касе, чизеро гирифтан

1. мансаби касеро гирифтан, 2. ҷонишин, муовини касе гардидан, 3. касе ё чизеро иваз карда тавонистан.

1. Вай, ки дар газета зӯр зада роҳбарони уездро беташаббусу бепарво мегӯяд, барои чӣ мегӯяд? Барои ҳамин ки обрӯи онҳоро резонда ҷояшонро гирад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

2. Ба хондан зеҳн мон, ҷои падаратро гир...

*Р. Амонов, «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».*

3. Ҳазор хешу табори меҳрубонаш бошад ҳам, ҷои падару модарашро гирифта наметавонанд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

4. Лекин ҷои харро ҳеҷ як ҷонвар, ҳеҷ як машина гирифта наметавонад.

*С. Ғанӣ, «Маҳмуди харбоз» («Тоҷикистон»).*

5. Як парча пӯстлохи ҷигдаи қандакро, ки он замон ҷои чои фомилро мегирифт, кафмол карда ба он андохт.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 69. Аз ҷои гуфтаи касе баромадан

нисбат ба касе исбот гардидани гумони касе, рост баромадани пешгӯии касе.

— Ман туро теззеҳни гапфаҳм гумон карда будам, аммо аз ҷои гуфтаам набаромадӣ!

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. IV.*

### 70. Ҷой доштан

асос, сабаб доштан.

1. Ба писари Холиқбой намерасам гуфтанат ҷой доштааст-дия?

*Р. Ҳайдаров, «Ду дилдода»*
*(«Шарқи сурх»).*

2.— Нафаҳмиданатон ҷой дорад.

*Л. Саид, «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 71. Чизеро аз ҷои набудааш (набудагиаш) ёфтан

чизеро аз ҳар ҷо ва ба ҳар роҳе ки набошад, пайдо кардан, ҳатман ва бечуну чаро ба даст даровардан.

1.— Ҳарчи ки хоҳед, аз ҷои набудааш ёфта медиҳам.

*«Хорпуштак».*

2. Ба меҳмонхона «аз ҷои набудааш» гилемҳои пат, кӯрпаҳо ва яккаандозҳои шоҳию атласи барқад ёфта андохта буданд.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

3. Ҳамаи ин қисмҳои соатро ман аз ким-кучоҳо, аз ҷои набудагиаш, аз он дунъё бошад ҳам, ёфта меоварам.

*«Тоҷикистон».*

### 72. Ба ҷои нағз ё бад афтодан

ба хонаводаи нағз ё бад шавҳар карда рафтани духтар, ё аз хонаводаи нағз ё бад хонадор шудани писар.

— Духтаратон хушбахт будааст, ба ҷои нағз афтод.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

### 73. Ҷои нишастан наёфтан

1. бесаранҷом, беқарор гардидан, саросема шудан, 2. асабонӣ шудан.

1. Чанд рӯз боз дилакам бетоқат шуда, ҷои нишастан намеёфтам,— гӯён аз дасти хаткашон мактубро гирифт.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. Мабодо ба ман арз кунанд, ки писар ё духтари фалонӣ чанд рӯз ин ҷониб ба мактаб наомадааст, оқсаққол ҷои нишастан намеёбад.

*«Маориф ва маданият».*

3. Баъди дидани сурати Зулфия ва хондани мақола Сунбула ҷои нишастан наёфт.

*С. Улуғзода, «Навобод».*

### 74. Ҷои нозук

1. ҷои асосӣ, муҳим, ҷои диққатталаб, 2. ҷои суст, заиф.

Мирбадал ҳам «аз ҷои нозуки фикри ҷияни худ» маҳкам дошта, баъдтар мақсади худро зоҳир кард...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 75. Касеро аз ҷои нозук гирифтан

1. касеро дар масъалаи муҳимме банд кардан, оҷиз намудан, дар ягон масъала тарафи сусти касеро даниста, ӯро банд кардан, 2. ҷои заифи касеро ёфта суханро ба он сӯ нигаронидан.

1. Бой аз ҷои бисьёр нозуки ман гирифта буд. Ман он вақтҳо як ғиҷдувонии бисьёр аҳмақ будам, як корро дар роҳи ошной накардан ё карда натавонистани як ғиҷдувониро барои ҳамаи ғиждувониҳо ор медонистам.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

2. Одина бо ин суханварӣ модаркалонашро аз як ҷои бисьёр нозук гирифта буд...

*С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб».*

### 76. Ба ҷои пир асои пир

*Ниг.* Асои пир ба ҷои пир.

Иложе нест. Мегӯям писарро,
Ки гирад аспу шамшери падарро.
Дар ин ҷо пир агар тадбир ҷӯяд,
Ба ҷои пир асои пир гӯяд.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

### 77. Ҷои равғанин

кор ё мансабе ки даромади бисьёр (-и ғайриқонунӣ) дошта бошад.

— Тайёрам ба ҳар ҷои равғанине равам, ки аз хонаамон дур набошад.

*«Хорпуштак».*

### 78. Ҷои сӯзан задан набудан

серодам будани ҷое, дар ҷое ҷамъ гардидани одами бисьёр.

1. Ҳавлии бой бисьёр калон буд, аммо аз бисьёрии тамошобинон дар он ҳавлии калон ҷои сӯзан задан набуд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

2. Дар Регистон ҷои сӯзан задан набуд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

### 79. Ҷои хоби худро тоза кардан

худро ба покӣ баровардан, аз гуноҳ худро сафед кардан.

— Аввал ба ман ҳамин тавр намуд, ки ту ҳам монанди баъзеҳо «ақибмонии» занро баҳона карда, ҷои хобатро тоза кардан мехоҳӣ.

*Ҷ. Икромӣ, «Муҳаббат».*

### 80. Ҷои касе, чизе холӣ (аст)

дар ёди касе, чизе мегӯянд, ки дар ҷамъомаде ҳозир набошад: набудани касе, чизе равшан ҳис карда мешавад.

— Мумкин не, ҳеҷ вақт мумкин не, дар ҳамин вақт ҳам ҷои хар холӣ аст.

*С. Ғанӣ «Маҳмуди харбоз» («Тоҷикистон»).*

### 81. Ҷои Хӯҷаалиро Алихӯҷа гирифт

1. ҷои касеро ишғол кардани каси мисл ва монанди вай, 2. бо иваз шудани касе тағьир наёфтани вазъият, 3. шаклан дигар шуда мазмунан дигар нашудани коре.

— Подшоҳро аз тахташ зада фуровардем гуфта курта-курта гӯшт гирифтему ҷои Хӯҷаалиро Алихӯҷа гирифт, боз пӯсти мо бечораҳоро мекананд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 82. Ҷои шинам будан

ҷои хуш обу ҳавои истироҳатбоб будан.

— Бодомзоратон ҷои шинам будаасту андак тагино менамояд.

*А. Деҳотӣ, «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб».*

### 83. Касеро ҷои шинондан наёфтан

касеро бисьёр иззату эҳтиром кардан.

— Эҳ, агар ҳозир Заррагул мебуд, маро ҷои шинондан намеёфт.

*С. Саидмуродов, «Ҳамшира» («Маҷмуаи пьесаҳо»).*

### 84. Ҷои шубҳа шудан

мавриди шубҳа шудан, мавриди бадгумонӣ шудани касе.

— Лекин мо аз Душанбе ба баҳонаи озуқаковӣ баромада будем, агар тиҳидаст баргардем, дур нест, ки ба пеши онҳо ҷои шубҳа шавем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 85. Ҷои шуда(а)ш

нархи охиринаш, нархеро, ки қабул карданаш мумкин аст.

— Савдогарӣ карда нашинему ҷои шудашро гӯед, савор шуда равем.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 86. Ҷои ғалатии кор

нуқтаи аҷоиб, тааҷҷубовари коре.

Ҷои ғалатии кор боз дар ин будааст, ки барои ҳеҷ кадом фарзандонаш нафақа намедодааст, аз ҳоли онҳо хабар намегирифтааст...

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

### 87. Ҷо ҳасту ҷогаҳ нест

*Ниг.* На пай буду на Ҳайдар.

— Мо ба мурдаи кампир овора шуда, аз қабристон баргаштем, ки ҷо ҳасту ҷогаҳ нест.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ҶОЕ**

### 88. Ба ҷое намерасад

1. ба ҳеҷ дарде даво шуда наметавонад, 2. фоидае надорад.

1. Ваҳгарна даромади ночизи ин кор ба касоне ки аз одат берун бисьёр кор карда наметавонанд, ба ҷое намерасидааст.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

2. Аз лофу кофи хушк ба ҷое намерасад,
Майдони васеъ,
Роҳи сафед,
Марҳамат кунанд!

*М. Аминзода, «Шеърҳо».*

**ҶОГОҲ**

### 89. Ба ҷогоҳи худ нигоҳ карда, пой дароз кардан

*Ниг.* Ба кӯрпаи худ нигоҳ карда пой дароз кардан.

— Хайр, ҳамаашро монед, ки ҳашт хона, зали калон, айвони равон чӣ лозим? Барои чӣ дуошьёнагӣ? Кӣ ин номаъқулиро кардааст? Ба ҷогоҳатон нигоҳ карда, пой дароз кунед, намешавад?

*Ҳ. Содиқ, «Ҳазли падар» («Шарқи сурх»).*

**ҶОМА**

### 90. Ҷомаи амал пӯшидани орзӯю мақсаде

ба орзӯю мақсад расидан, амалӣ шудани орзӯю мақсаде.

1. Ин орзу дар соли 1932 ҷомаи амал пӯшид...

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

2. Зеҳну диққат ба хонданам мондам,

Мақсадам ҷомаи амал пӯшид.

*Ф. Ансорӣ, «Гулдастаи дӯстӣ».*

### 91. Ҷомаи бомаслиҳат (буридашуда) кӯтоҳ намеояд

оқибати кори бомаслиҳат нек аст, бинобар ин дар ҳар кор бояд маслиҳат кард.

1. — Хуб, то фардо фикр карда бинам,—гуфта имрӯза гуфту гузорро ба поён расонида рафтанӣ шуд. Бой:— Боракалло, гап ин-дия, «ҷомаи бомаслиҳат буридашуда кӯтоҳ намеояд» гуфтаанд, фикр кун, маслиҳат кун, ҳар гап бошад, баъд мешавад...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Албатта, шумо раис, ҷавобгари асосӣ ҳастед. Лекин ба гапҳои мо ҳам гӯш карданатон лозим: «ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд» мегӯянд.

*А. Деҳотӣ ва Б. Раҳимзода,*
*«Фоизҷон Таърифхӯҷаев»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 92. Ҷома пӯшондан (ба гап, сухан, дурӯғ...).

1. суханорой, иборапардозӣ кардан, 2. дар гапе муболиға намудан, чизеро аз будаш зиёд карда нишон додан.

1. Суҳбат аз ҳарфи хеш меҷӯшонд,
Ба сухан тоза ҷома мепӯшонд.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

2. «Шаш бор сабуку вазнин ярадор шудам»— гӯям, шумо мебинам, ки ҳайрон шуда мондед. Эҳтимол, ин одам буд-бутуну солимаъзо, ки ягон осори захм аз ҳеҷ

ҷояш намудор нест, ба дурӯғ ҷома мепӯшонад, гуфта хаёл кунед.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

### 93. Ба ҷомаи чизе фаровез нашудан

1. ба чизе баробар шуда натавонистани чизе, 2. ба чизе нарасидани чизе.

Ҳатто пулҳои тагзадаи хоҳараш ба ҷомаи харҷи вай фаровез ҳам намешавад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 94. Ҷомаи худро чаппа пӯшидан

1. зоҳири худро тағйир додан, 2. бадҷаҳл, оташин будан.

1. Ҳоло аз одамон ва тарафдорони амир касоне ҳастанд, ки ҷомаашонро чаппа пӯшида, дар қатори фуқаро дар шаҳр гашта, ба ҳар ҷо оташ мезананд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Глазунов дид, ки бо ин кор муродаш ҳосил нашуд, ҷомаро чаппа пӯшида, роҳи авбоширо пеш гирифт.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## ҶОН

### 95. Ба ҷон

1. бо камоли майлу рағбат, аз сидқи дил, 2. бечуну чаро.

Аммо ҳар чӣ ки вай гӯяд, ба ҷон қабул мекардам...

*Ҷ. Икромӣ, «Тори анкабут».*

### 96. Ҷони касе аз санг будан

1. хеле ҷонсахт будан, ба ҳар гуна сахтиҳо тобовар будан, 2. ба тезӣ ҷон надода, бо марг мубориза кардан.

— Рост, кампири бадмур,— гуфт хаёл карда истода оқсақол.— Рӯзи гузашта Аҳмадҷони машкоб гуфта истода буд, ки ҳолаш бисьёр бад аст, ман ҳатто чӣ тавр ҷаноза хондан ва дафн кардани ӯро фикр карда монда

будам, ана бинед, ки аз кудрати худо боз сиҳат шуда хестааст.

— Ҷонаш аз санг будааст,— гуфт сӯфӣ.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## 97. Ҷон ба каф гирифта... (монда...)

1. аз баҳри ҷон гузашта, ҷоннисорона, аз марг натарсида..., 2. дар кори хавфноке таваккал карда...

1. Аз Талдиқ, Қизиларту, Оқбайтал барин ағбаҳои баланд ҷон ба каф гирифта мегузаштем.

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Вай ҳам дар Германияи худ мисли шумо ду фарзанд дорад ва дар ин ҷойҳо ҷон ба каф гирифта мегардад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

3. Робиа ҷони худро ба каф гирифта, як худаш танҳо дар муқобили се босмачии мусаллаҳ қаҳрамонона ба ҷанг даромад...

*Т. Усмон, «Робиа қаҳрамони даврон шуд» («Машъал»).*

4. Чор писар аз писарони ватан
Монда ба каф ҷон, ба ватан дода тан,
Бо зафар эҷод намуданду фатҳ
Муъҷизаи тоза ба дуньёи фан,
То шуд аз ин муъҷизаи бемисол
Байрақи мо машъали Қутби Шимол

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

## 98. Ҷон ба лаб будан

*Ниг.* Ҷон ба лаб омадан.

Солҳо боз мардум аз ин дард
Муттасил дар азобу ҷон ба лаб аст.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 99. Ҷон ба (бар) лаб омадан

1. дар дами марг будан, 2. безор шудан, ба танг омадан, ба сутӯҳ омадан.

Уфф... Аз велосипеддавонӣ ҷонам ба лаб омад.

*А. Деҳотӣ ва Б. Раҳимзода, «Фоизҷон Таърифхӯҷагв»*

### 100. Ҷон ба лаб расидан

*Ниг.* Ҷон ба лаб омадан.

1. Зуд бош, ҳар чӣ мекунӣ кун, ки ҷонам ба лаб расид.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Охир, дар орзӯи хонумон, ёру диёр, ҷони ҳама ба лаб расид.

*С. Улуғзода, «Қисмати шоир».*

### 101. Ҷони касеро бо пахта гирифтан

1. касеро нафаҳмонда, маккорона куштан, 2. бо суханони зоҳиран нарму ширини ботинан дурушту заҳролуд қаҳру ғазаби касеро овардан.

Аммо эшонӣ ва дуохонӣ як пешаи бисьёр осуда аст, эшон ва дуохон ҳар чанд дар пӯст кандани мардум аз сипоҳ фарқ надорад, лекин ӯ ҷони касро бо пахта мегирад ва дар дасти ӯ гирифтор шудагон ҷон додани худро нафаҳмида мемонанд, ба болои он на танҳо аз ӯ нафрат намекунанд, балки ӯро халоскори худ дониста, ҳамеша ба вай ихлос ва муҳаббат арз мекунанд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

### 102. Ҷон ба саломат бурдан

1. аз марг халосӣ ёфтан, 2. аз балое безарар раҳоӣ ёфтан.

1. Яке аз коргарони роҳи оҳан, ки аз ин террори амир ҷон ба саломат бурда буд, Рӯзимурод буд.

*С. Айнӣ, «Ятим».*

2. Аз дасти суди одили меҳнаткашон ҷонашро ба саломат нахоҳад бурд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 103. Ҷони касеро ба ҳалқ овардан (расондан)

1. касеро сахт азобу машаққат додан, 2. касеро безор кардан, 3. касеро ниҳоят хашмгин ва асабонӣ намудан.

1. — Овардам бек, ҷонамро ба ҳалқам овард. Сагбача сонамро чунон сахт газида гирифт, ки гумон кардам дандонҳояш то мағзи устухонам расид.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. — Ман ғайр аз дӯкони чарчинфурӯшӣ устохонаи пойафзолдӯзӣ ҳам дорам,— гуфт ӯ,— ин садоҳои «туқтуқ», ки ҷони мани беморро ба ҳалқам расонда гӯшамро кар карда истодаанд, аз ҳамон устохонаам меоянд.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

### 104. Ҷон ба ҳалқ омадан

1. азобу машаққати зиёде кашидан, 2. безор шудан, 3. ниҳоят асабонӣ ва хашмгин гаштан.

1. То ба занҳо гап маъқул кардана ҷонат ба ҳалқ меоянд.

*У. Умаров, «Кӣ айбдор?».*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»).*

2. Ин деҳқони миёнҳол худро ҳоло ҳокими ивазнопазири қишлоқ меҳисобид ва ҳавобаландиро ба худ пеша намуда буд. Номи ӯро ба номи падараш ба забон гиранд, ҷонаш гӯё ба ҳалқаш меомад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид».*

### 105. Ҷон бадар бурдан

*Ниг.* Ҷон ба саломат бурдан.

Дар он ҷанги тан ба тан ҷон бадар бурдан кори осон набуд.

### 106. Ба ҷон баробар будан

ниҳоят азиз, пурқимат будан.

Ин китоб ба ҷони ман баробар аст.

### 107. Ҷони касеро баровардан

1. қаҳру ғазаби касеро овардан, сахт оташин кардан, 2. касе, чизеро маҳв кардан, ба ҳалокат расонидан.

1. Дар болокории ин шофери гарданғафс ҷонакамро баровард.

*С. Ғанӣ, «Тӯй».*

2. Як рӯз гӯед, «ба дастам об рез» гӯям, «дастшӯяк ҳаст-ку» гуфта, ҷонамро баровард.

*«Хорпуштак».*

3. Чунон ҷангам, ки ҷонашро барорам,
Ба дасти хеш дар хокаш супорам.

*М. Турсунзода, «Асарҳои мунтахаб».*

### 108. Ҷон (ҷон-пон)-и касе баромадан

1. хаставу лоғар гардидан, 2. оташи қаҳру ғазаби касе аланга задан.

1. Аспдавониро медонем, бе вай ҳам ҷони аспҳо баромада мондагӣ.

*«Машъал».*

2. — Бисьёр гап назан... ҳамин вақт ҷони худам баромада истодааст.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

3. Аз идора раис баромада мегӯянд, ки «оварда бошед, бисьёр хуб кардед, лекин то пагоҳ худатон чаронида меистед». Ҷон-понам баромада рафт.

*«Машъал».*

### 109. Аз ҷон безор кардан

1. касеро ниҳоят танг, дилгир кардан, 2. ҳаёти касеро талх, нохуш намудан.

1. — Хуб, тезтар бароед, дар рӯзи истироҳат одамро аз ҷонаш безор накунед.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. «Як писарбачае маро аз ҷонам безор кардааст»— гуфт ӯ,— ҳар пагоҳ чашмамро хато карда, ягон қисми машинаҳои кӯҳнаро гирифта мебарад.

*М. Боғиров, «Муаллима»*
*(«Тоҷикистон»).*

### 110. Ҷони гап

мағзи мақсад, асос, моҳияти гап.

Наби-Полвон, ки то ҳол аз суханҳои сарбастаи бой чизеро нафаҳмида ҳайрон шуда истода буд, пас аз кушода шудани мақсади бой хурсанд шуда, худ ба худ: — Ана ҷони гап дар ин ҷо будааст,— гуфт...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. — Ана, ҷони гапи маро акнун фаҳмидӣ?

*Ф. Ансорӣ, «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 111. Ҷон гарав, ҷома гарав

дар мавриде гуфта мешавад, ки кас ба харҷ кардан, фидо намудани ҳамаи дору надораш тайёр бошад; як илоҷе карда ҳатман қарзи худро додан.

1.— Аспам набошад, модагов ва барзаговам ҳаст, бечорапарварӣ кунанд, бо маслиҳати шумо «ҷон гарав, ҷома гарав», як навъ карда хурсанд мекунем.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Ҷон гарав, ҷома гарав карда ёфта мебиёрем.

*Б. Азизӣ, «Таҷриба»*
*(«Шарқи сурх»).*

3. — Ман барин падар дошта бошӣ, борат ҳеҷ гоҳ дар мобайни роҳ нахоҳад монд, ҷон гараву ҷома гарав, баъди ду-се рӯз (аз ҳабсхона—*М. Ф.*) бароварда мегирам.

*«Хорпуштак».*

### 112. Ҷон гирифтан

1. ба ҳол омадан, ба ҳаракат даромадан, қувват гирифтан, 2. зинда шудан.

1. — Зуд бош, ки то омадани онҳо лӯбиёшӯрборо хӯрда қадре ҷон гирем.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Ин хабарҳоро шунида, ман ҷон гирифтам...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

3. Дарвозаҳои бастаи шаҳр боз гаштанд, кӯчаҳо, бозорҳо, маҳаллаю кӯчаҳо, масҷиду мадрасаҳо ҷон гирифтанд, рафтуой ва ҳаёти пурғулғула ва серташвиши рӯзона сар шуд...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

4. Мӯйсафеде шоххҳои зиёдатии дарахтони тути сари роҳро, ки аз шуоъҳои офтоби аввалини баҳорон ҷон гирифта, муғча бароварда буданд, бурида партофта, онҳоро ба мисоли арӯсон оро медод.

*«Тоҷикистони советӣ».*

5. Вақте ки ӯ дарс медод, харита гӯё ҷон мегирифт.

*П. Толис, «Дӯсти азиз»*
*(«Маориф ва маданият»).*

### 113. Ҷони касеро гирифтан

1. касеро куштан. 2. қаҳру ғазаби касеро овардан.

Механдаду ба назоратгарҳои турма пичингҳо паронда, ҷонашонро мегирад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 114. Чизе аз ҷони касе гузаштан

1. ба касе сахт таъсир кардани чизе, 2. касеро ба танг овардан, 3. маҷбур кардан.

Чун шатта аз ҷони дузд гузашт, мутасаддӣ шуд, ки хари Афандиро ёфта диҳад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 115. Ҷон (ҷон-ҷон) гуфта...

аз таҳти дил, бо камоли хурсандӣ, миннатдорона.

1. — Харидор шавӣ, ҳар навъ духтар ҷон гуфта ба ту мерасад.

*А. Деҳотӣ, «Паёмҳои дӯстӣ».*

2. — Падари дугонаат ҷон-ҷон гуфта духтарашро медиҳад.

*М. Рабиев, «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»).*

3. — Амакҷон, агар худи шумо ба ман аз китобҳои худатон ёд медодед, ҷон-ҷон гуфта мехондам.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 116. Ҷон (ҷон-ҷон) гуфтан

1. зуд розӣ шудан, 2. миннатдорона қабул кардан.

1. Аздусар болохонаи он кас бекор хобидааст, мо кӯчиданӣ шавем, ҷон-ҷон мегӯянд.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

2. — Қолхозчиён одамони оқиланд. Олими ҷавон ба колхозашон раис шуда мераваду не мегуфтанд магар?
— Ҷон мегӯянд.

*А. Сидқӣ, «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»).*

### 117. Ҷони касе дар азоб шудан

гирифтори азобу машаққат будан.

Падару модар нағз мефаҳмиданд, ки ҷони духтар дар азоб аст.

*Қ. Наимӣ, «Ман бо шумо».*

### 118. Ҷони касеро дар азоб монондан

касеро гирифтори азобу уқубат кардан.

Вале баъзан воқеаҳое рӯй медоданд, ки ҷони Наимро дар азоб мемонданд.

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

### 119. Ҷон дар болои қил будан

ҳаёти касе дар хатар будан.

— Ашраф, ба ман дарнаафт, ки аз ин некӣ намебинӣ, бе ин ҳам ҷонат дар болои қил аст.

*Ғ. Абдулло, «Шери занҷиршикан».*

### 120. Ҷон дар каф (будан)

дар хатар будани ҳаёти касе, ба касе таҳдид кардани марг.

Монанди оби дида андар мижа меравӣ, ҷонат дар кафат...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 121. Ҷон даркор аст

саломатӣ лозим аст.

Хеле монда шудам, ҷӯраҷон. Ба одам ҳам ҷон даркор будагист.

*«Тоҷикистон».*

### 122. То ҷон дар рамақ доштан

1. то қувва доштан, 2. то нафаси охирин.

Бояд то ҷон дар рамақ дорам, барои халосии худ ва духтар кӯшиш кунам.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 123. Ҷон даровардан

1. касеро ба ҳол, ба ҳаракат овардан, 2. зинда кардан.

— Инҳо гуруснаанд,— гуфт қазоқ ба одамони ҳукумат,— аз обу нони дар хӯрҷин буда як қисмашро ба ман биёред, ман ба инҳо ҷон дарорам...

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 124. Ҷон даромадан

1. ба ҳаракат омадан, 2. қувват гирифтан, 3. рӯҳбаланд шудан, хурсанд гаштан.

1. Тез-тез қадам мон, ки пеш аз хӯрдани нон ба поҳоям ҷон даромад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Дар воқеъ, падарам қарз бардошта се-чор бор мурғшӯрбо пухта дода буд, ки ба модарам хеле ҷон даромад, вале барои кори хона ҳанӯз мадораш намерасид.

*К. Носиров, «Орият».*

3. Ҳаво торафт гарм ки шуд, ҷони пахта медарояд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

4. Дар худи ҳамин дам фармон шуд, ки Ҳодибой ҳам парронад. Якбора ба Ҳодибой ҷон даромад.

*Ҷ. Икромӣ, «Достони марди танкшикан».*

5. Райҳонро дар хона дида, ба танаш ҷон даромад...

*М. Шарқӣ, «Пушаймонӣ», («Шарқи сурх»).*

### 125. Ба ҷони касе дармон шудан

1. дар айни зарурат ҳоҷати касеро баровардани чизе, 2. айни муддаои касе будани чизе.

Пулаш бошад ба ҷони мо дармон мешавад. Охир барои хароҷоти тӯй ва сару пои тую Бароат ҳам пул даркор.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. II.*

### 126. Бо (ба) ҷону дил

1. бо майлу рағбати зиёд, 2. аз сидқи дил.

1. Ҳар дафъа ба наздаш бо ҷону дил мерафтам.

*С. Улуғзода, «Субҳи ҷавонии мо».*

2. Агар ин масъаларо фаҳмидан хоҳед, бо ҷону дил нақл карда медиҳам.

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. — Таклифатонро ба ҷону дил қабул мекунем.

*М. Сайфиддинов, «Ҳусни оламоро» («Шарқи сурх»).*

### 127. Ҷон дорад

асос, сабаб дорад.

1. — «Не» нагӯед, даъвои ман ҷон дорад.

*Ф. Муҳаммадиев, «Дар роҳи нав» («Шарқи сурх»).*

2. Ин саволатон ҷон дорад.

*«Хорпуштак».*

### 128. То ҷон доштан

1. то қувват, қудрат доштан, 2. бо тамоми қувва, 3. то ҳадди имкон.

— Ҳар чӣ бошад, ман ба ин кор маслиҳат дода наметавонам, худат медонӣ, лекин то ҷон дорӣ, ин корро накун!

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 129. Ба ҷон задан

касеро ниҳоят безор, дилгир кардан.

Ин кӯҳнапарастӣ тоза ба ҷон зад.

*Ш. Қиёмов, «Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат бош!». («Пьесаҳои якпардагӣ»).*

### 130. Ҷон канда кор кардан

1. бо тамоми зӯру қувваи худ кор кардан, 2. кореро хеле хуб, аз таҳти дил ба ҷо овардан.

Худаш ҳам ҷон канда кор мекунад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 131. Ҷон кандан

дар дами марг будан, ҷон супоридан, мурдан.

Баромад Содиқ аз хона давида,
Равон шуд бо дили пурдарди сӯзон.
Ба чашмаш чарх мезад оби дида
Ки ҳоло шахси хубе меканад ҷон.

*А. Шукӯҳӣ, «Кӯчабоғи ошиқон» («Шарқи сурх»).*

### 132. Ҷон коҳондан (коҳонидан)

азобу машаққати бисьёр кашидан, ҷони худро ба азоб мондан.

1. — Фотима! Чаро ту ин қадар ҷонатро коҳонда кор мекунӣ?

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

2. Бедарак не, ки Мухтор барои Зайнаб ин қадар ҷон мекоҳонад.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

3. Ҳалол меҳнат карда, ҷон коҳондӣ, мубориза бурдӣ,— мегуфтанд онҳо.— Акнун ордени Ленин насиб кунад.

*«Тоҷикистон».*

### 133. Аз ҷони набаромада умед

1. ҳоло, ки ҷон дар бадан ҳаст, ба сиҳатшавии бемор умед ҳаст, 2. азислоҳпазирии коре набояд ноумед шуд.

Аммо дили мо, ки аз шумо ҳоло тамоман намондааст, «аз ҷони набаромада умед» гуфтагӣ барин ин ҳақиқати талхро навиштем.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 134. Ҷон намондан

тамоман хастаю бемадор гардидан, хеле нотавон шудан.

Аз ин рӯ ба одам тавоне намонд,
На танҳо тавон, балки ҷоне намонд.

*С. Айнӣ, «Ҷанги одаму об».*

### 135. Ҷон нисор кардан

1. ҷони худро дар роҳи чизе, касе қурбон кардан, 2. дар иҷрои коре ҷони худро дареғ надоштан, ҷон фидо кардан.

Ба мисли Марьямапа чӣ қадарҳо муаллимон хуни муқаддаси худро рехтаанд, ҷон нисор кардаанд!

*П. Толис, «Дӯсти азиз»*
*(«Маориф ва маданият»).*

### 136. Ҷони нодон дар азоб

одами нодон дар иҷрои ҳар коре азоб мекашад.

1. Омочро аз дасти Самандар гирифта, Шодӣ ба рӯи ӯ нигоҳ кард.

— Эҳ,— гуфт вай,— ҷони нодон дар азоб! Ана агар ин тавр дорӣ, ҳам ба ту осон мешавад, ҳам ба гавҳо.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

2. Агар рафиқ Зарифов дар бораи ободонии роҳҳои колхоз гап нафурӯхта, лабу лунҷи роҳҳои байни колхозро дуруст мекард, ба ин рӯзи бад гирифтор намешуд. Оё маънии аслии зарбулмасали «ҷони нодон дар азоб» ҳамин нест?

*«Хорпуштак».*

## 137. Ҷони одам (будан)

каси ниҳоят одамдӯст, меҳрубон ва ҳалим будан.

1. — Рафиқ Оқилов, шумо бригадирамонро ҳоло нағз намедонед. Он кас ҷони одам.

*Б. Раҳимзода ва М. Рабиев, «Бепарво набошед».*

2. Худи Шоимов ҳам ҷони одам аст, барака ёбад вай.

*Ф. Муҳаммадиев, «Муҳоҷирон».*

## 138. Ба ҷон омадан

1. ба вазъияти ниҳоят сахт афтидан, дар вазъияти бағоят танг мондан, 2. безор шудан, 3. қариб ба ҳалокат расидан.

1. Аҳолии Хуросон ҳам, ки аз зулму ҷабри Ҳусайн Бойқаро ва дарбориёнаш, аз худсариҳои амалдорони маҳаллӣ, аз бетартибиҳо ва қатлу тороҷҳое ки ба сабаби исьёни шоҳзодагон соле чандин бор рӯй медод, ба ҷон омада буданд...

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

2. — Агар чизе хӯрок тайёр карда бошӣ, биёр, ки аз гуруснагӣ ба ҷон омадем...

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. I.*

3. Асп ҳам, ки дар куҷо будани мақсади соҳиби худро надониста, аз давиданҳои беҳосил ба ҷон омада буд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

4. Оқибат банкҳо ба ҷон омада, пули ӯро қабул намекардагӣ шуданд.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

### 139. Ҷон равад-равад, номус наравад

номус барои одам аз ҷон ҳам азизтар ва гаронбаҳотар аст.

Мусобиқа эълон шуд, Нормурод ҳам «ҷон равад-равад, номус наравад» гӯён ба кор даромад.

*С. Айнӣ, «Ғуломон».*

### 140. Ба ҷони касе расидан

1. безор, дилгир шудан, 2. ба вазъияти сахт афтодан, гирифтори мушкилӣ шудан, 3. қариб ба халокат расидан.

Оқибат ҷудоӣ ба ҷонам расид, дар паи ҷустуҷӯи ту афтодам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 141. Ба ҷон расонидан

1. касеро безор кардан, дилгир намудан, ба дараҷаи аз ҷон безоршавӣ расондан, 2. ба танг овардан, гирифтори мушкилӣ кардан.

1. Ба ҷонаш расонданд, маҷбур шуд, ки ариза дода равад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

2. Пӯлодҷон, ки маътали ҳамин мақола буд, чанд бор даромада, ба ҷонам расонд.

*«Хорпуштак».*

3. — Мегӯянд, ки,— гуфт боз шофер,— вай бо босмачиҳо сахт ҷанг карда будааст ва хеле дастаҳои онҳоро шикаст дода, онҳоро ба ҷон расонида будааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

### 142. Ҷони касе сахтӣ кардан

1. тобовар будан, 2. истодагӣ кардан.

— Агар баъди хӯрдани ҳамон лагад боз ҷонаш сахтӣ карда намурда бошад, ба об афтида мурд.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 143. Касеро аз ҷон сер кардан

*Ниг.* Ба ҷон расонидан.

1. Ошноямро ба ҳолаш намондам. Чӣ шуд? Чӣ монд? гӯён аз ҷонаш сер кардам.

*«Барои адабиёти социалистӣ».*

2. — Ҷанг аз ҷонамон сер кард...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 144. Ҷони тоза додан

касеро рӯҳбаланд намудан, шоду хурсанд кардан, ҳузуру ҳаловат бахшидан.

Ҳавои суруд бо ҳавои форами баҳор омехта ба кас ҷони тоза медод.

*С. Айнӣ, «Ёддоштҳо», қ. II.*

### 145. Ҷон халос

озод, фориғ, аз ташвиш фориғ.

1. Агар фуқароро фиреб намедодагӣ бошед, марҳамат карда, аз ҳоким хати халосӣ гирифта бароед ва ба мо нишон диҳед, ана ҷон халос, хона ба хона мешавем.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Хайр кӯр шавад, ба рӯятон чарм кашида як бор дар маҷлис ҳам гуноҳатонро ба гардан гиред, як камтар ваъдаҳои калон медиҳед, бо ду-сетаҳо муомиларо андак мулоимтар мекунед, ана ҳамин. Ҷонатон халос, набошад...

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон).*

3. — Ана, ҷонамон ҳам халос, дигар ба хонаи мо намеоянд.

*«Газетаи муаллимон».*

### 146. Ҷонро халос кардан

1. аз чанголи марг раҳо ёфтан, 2. аз ташвиши касе, чизе озод гардидан.

1. Пагоҳ операция карда, ин рӯдаи кӯри лаънатиро аз ман мебуранду ҷонамро халос мекунанд...

*Ҷ. Икромӣ, «Онҳое ки маргро мағлуб мекунанд» («Маориф ва маданият»).*

2. Хурсандаҷонро ба соҳибаш супорему ҷонамонро халос кунем.

*Ҷ. Икромӣ, «Хурсанда».*
*(«Шарқи сурх»).*

## 147. Ҷон халос хӯрдан

1. аз чизе, касе озод, фориғ гардидан, 2. дар амон мондан.

«Он вақт плани шир сад процент иҷро мешаваду ҷони мо халос мехӯрад»— мегӯянд онҳо.

*«Хорпуштак».*

## 148. Ҷон хонаи мардум, на ғами обу на ғами ҳезум

ба тарзи шӯхӣ дар ҳаққи касе ки ҳамеша меҳмонгардӣ мекунад, мегӯянд.

Модом ки дар хонаи дӯстон ошу нони тайёр ҳаст, чаро дар хона дегу дуд кунонда ва пулеро, ки ба сад машаққат меёбам, харҷ карда ош пазонда хӯрам? «Ҷон хонаи мардум, на ғами обу на ғами ҳезум» гуфтаанд касони хирадманд...

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

## 149. Ҷони худро аз даст додан

кушта шудан.

Бисьёр одамони пулдор дар ду рӯз аз он ҷо гадо шуда мебаромаданд ва ё дар задухӯрдҳое ки дар он шаробхонаҳо рӯй медод, ҷони худро ҳам аз даст медоданд.

*С. Айнӣ, «Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

## 150. Ҷони худро ба бало монондан

худро гирифтори фалокат, мусибат кардан.

— Э, бародар, ба ин корҳо аралаш нашав, ҷони худро ба бало намонон!

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари ноком».*

### 151. Ҷони худро ба (кафи) даст гирифта...

*Ниг.* Ҷон ба каф гирифта...

1. Ду нафар ҷонсупор даркор аст, ки ҷони худро ба даст гирифта ба поён фуроянд...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. Дар ин ҷанг танҳо касе иштирок карда метавонад, ки нисбат ба душмани ваҳшии хунхор нафрату ғазаби бисьёр дошта бошад, хории асириро ба худ ор донисга, ҷони худро ба кафи даст гирифта ва синаашро сипар карда, ба майдон даромада тавонад.

*С. Айнӣ, «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик».*

### 152. Ҷони худро ба ҷаббор додан (супурдан)

1. ҳаёти худро ба хатари марг андохтан, 2. мурдан.

1. Ман дар ин ғазо ҷони худро ба ҷаббор дода, кор кардам.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

2. — Ман нагуфта будам, ки консул ба амир ошност, «ҷони худро ба ҷаббор дода» амирро қӯруқ мекунад?

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

3. — Агар аз ман шарм накунӣ, аз Шариф шарм дор, ки ҷонаша ба ҷаббор супурда чилта немисро куштааст.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

4. Вай ҳам кайҳо ҷонашро ба ҷаббор супорида, аз ин дуньё ба он дуньё ҳиҷрат кард.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

### 153. Аз ҷони худ гузаштан

1. аз ҳаёти худ даст кашидан, 2. ҳаёти худро дареғ надоштан, ҳаёти худро ба хатари калоне андохтан.

Гурезаро, ё моли гурезаро аз дарьё гузаронидан аз ҷони худ гузаштан гуфтан аст.

*С. Айнӣ, «Ятим».*

### 154. Аз ҷони худ даст шустан

аз ҳаёти худ умед кандан.

Агар баъди рафтани ман ба ин духтар осебе расад, шумо аз ҷони худ даст шӯед!

*С. Улуғзода, «Қисмати шоир».*

### 155. Аз ҷони худ сер будан

зиндагӣ кардан нахостан, аз ҳаёт безор шудан.

Ба сӯи бешаи манзилгаҳи шер
Равад гурге, ки аз ҷонаш бувад сер.

*М. Турсунзода, «Ман аз Шарқи озод».*

### 156. Аз ҷони худ сер шудан

ба мурдан розӣ гаштан, аз ҳаёти худ ниҳоят безор шудан.

1. То ҳамин дам сарамро хам карда, хомӯш нишастам, кифоя, дигар аз ҷонам ҳам сер шудам!

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Воқеаи зардолуи одамкуш дар шаҳр овоза шуда рафт ва ин овоза ба гӯши мӯйсафеде расид, ки аз ғояти камбағалии тоқатфарсо аз ҷони ширинаш сер шуда буд...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик».*

### 157. Ба ҷони худ ситам (ҷабр) кардан

1. ба худ нохушӣ, мусибатеро раво дидан, 2. худро ба азобу уқубат маҳкум намудан, 3. худро ҳалок намудан.

1. — Якраҳаи гарданшах телбагӣ карда, ба ҷонаш ситам накунад шудагеш...

*Ҷ. Икромӣ, «Қаҳрамони канори Днепр».*

2. — Агар ҳамин хел фикру хаёл кардан гиред, ба ҷони худатон ҷабр мекунед...

*Ф. Ниёзӣ, «Духтари ҳамсоя».*

3. Дигар ин хел беақлӣ накун, ки ба ҷонат ҷабр мекунӣ.

*П. Толис, «Тобистон».*

## 158. Ҷони ширин

азиз, меҳрубон (дар вақти изҳори меҳрубонӣ аз тарафи калонсолон ба хурдон гуфта мешавад).

— Ана, ҷони ширин, ман дар чӣ хусус гап мезанам.

*«Тоҷикистони советӣ».*

## 159. Ҷон ширин аст

ҳаёт барои ҳар кас азиз аст, ҳар кас ҳам зиндагӣ кардан мехоҳад.

1. Ҳар касе аз шумо, ки ҷонаш барояш ширин бошад, ҳамин вақт аз байни мо дур шуда худро ба гӯшаи биёбон гирад, то ки дар вақти гармии ҷанг аз саф гурехта, сабаби дилшикастагии дигарон нашавад.

*С. Айнӣ, «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик».*

2. Ба одамони доро, махсусан ба хонҳо ҷон хеле ширин аст.

*Т. Усмон, «Кашфи асрор».*

## 160. Чизе ҷон (ҷон-ҷон) шудан

кори калон шудан, аҷоибу ғароиб гардидан.

— Ана, аз ин ҷо омада бинед, ин газета не-ку, ҷон-ҷон шудааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Зӯҳра».*

## 161. Ба ҷони ҳамдигар афтодан

бо ҳамдигар дар ҷангу талош афтидан, занозанӣ намудан.

Онҳо ба ҷони ҳамдигар афтода, дар охир бе ҳол шуда монданд.

## 162. Ба ҷону ҳоли касе намондан

*Ниг.* Қасеро ба ҳолу ҷонаш намондан.

1. Ба ҷону ҳоли хола намонда, хӯрок хӯронданд.

*Р. Ҷалил, «Ҳикояҳо».*

2. Рӯзи сейӯм ба колхоз мухбири газетаи районӣ омада, ба ҷону ҳоли Соҳибамак намонда, расми ӯро гирифт...

*П. Толис, «Ҳикояҳои даҳ сол».*

3. — То кор табъи дилашон нашавад ба ҷону ҳолашон намемонданд.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 163. Ҷонро Ҳоҷикулол насохтааст

ҷони ҳар кас ба худаш ширин аст.
— Ҷони моро ҳам Ҳоҷикулол насохтааст.

*Ҳ. Содиқ, «Ҳазли падар»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 164. Ҷон ҳузур кардан

1. дар роҳат ва осудагӣ будан, ҳузуру ҳаловат кардан, 2. хушҳол, хушнуд гардидан.

1. Тарафи шаб ба концерт даромадам ва аз тамошои он ҷонам ҳузур кард.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт»*
*(«Маориф ва маданият»).*

2. — Оячон, дил холӣ аз ғам мешавад,
Боз хонед то кунад ҷонам ҳузур.

*А. Баҳорӣ, «Сарахбори зиндагӣ».*

### 165. Ҷону ҷигар

1. хешону пайвандон (аз қабили зану бача), 2. дӯсти наздик, дӯсти ҷонӣ.

1. Ин корро фақат ҷону ҷигар, бародар ва дӯст мекунад!

*Ҷ. Икромӣ, «Аз Душанбе*
*то ба Киев» («Шарқи сурх»).*

2. Агар тақдир рафта, ба вай хонадор шуда монӣ, ҳузур мекунӣ! Ҳам ман осуда мешавам, ҳар чӣ ҳам бошад, азони худӣ, ҷону ҷигар...

*Ҷ. Икромӣ, «Лаҳзае ки дигар такрор нашуд» («Маориф ва маданият»).*

**ҶОНБОЗӢ**

## 166. Ҷонбозӣ кардан (намудан)

1. дар иҷрои коре ҷони худро дареғ надошта кӯшишу ғайрат кардан, қаҳрамонӣ, фидокорӣ кардан, 2. муборизаи шадид намудан.

1. Дар майдони муҳориба ҷонбозӣ мекунад...

*«Тоҷикистони советӣ».*

2. Ман ягона писари ҳамин падар будам ва дар вактҳои ҷонбозӣ карда бо босмачиён ҷангида гаштани вай, ман хурд будам...

*Т. Усмон, «Орзуи ҷавонӣ» («Шарқи сурх»).*

3. Аз Бухоро ноумед шудан лозим не, барои Бухоро ҷонбозӣ кардан лозим аст.

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

4. Барои расонидани кадрҳои маҳаллӣ ҷонбозӣ менамуд.

*Ҷ. Икромӣ, «Ҳикоя ва очеркҳо».*

**ҶОНКАНӢ**

## 167. Ҷонканӣ кардан

1. *Ниг.* Ҷонбозӣ кардан, 2. кашмакаш, муноқиша кардан.

— Ин тавр бошад, шумо он ҳама ҷонканиҳое, ки барои бо нархи зиёд фурӯхтани тоқияҳо мекардед, барои худатон набуда, барои манфиати занонатон будааст.

*С. Айнӣ, «Марги судхӯр».*

**ҶОЯШ**

## 168. Ба ҷояш

1. ба мавқеъ, муносиб, 2. хуб, бад не.

Бӯзбала, бағайрат, чаққон, ҳусну ҷамолаш ҳам ба ҷояш!

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

## 169. Дар ҷояш

1. дар ҷои муносиб, 2. вақти муносиб.

— Раҳамро надор! Ҳаққи ҳар сеи шумо, сагбачагонро, дар ҷояш медиҳам.

*Ҳ. Ирфон, «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»).*

## 170. Ҷояш биёяд (ояд)

1. агар лозим ояд, агар даркор бошад, 2. вақти муносиб расад, фурсати мувофиқ ба даст дарояд.

1. Ба аспҳо нигоҳубин менамуд, хона мерӯфт, ҷояш биёяд, хӯрок ҳам тайёр мекард.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

2. Бо ҳамроҳии колхозчиён байни қаторҳои пахтаро каланд мекард, ҷояш ояд, асп етак карда, бо ҳамроҳии ҷавонони дигар пахтазорро культивация менамуд...

*«Тоҷикистони советӣ».*

3. На танҳо аз ягон инженер ё мутахассис гап мехӯрад, балки ҷояш биёяд, ба онҳо сабақ ҳам медиҳад.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт» («Маориф ва маданият»).*

## 171. Чизе аз ҷояш набаромадан

мувофиқи матлаб нашудани чизе, бемавқеъ ва нодуруст баромадани чизе.

1. Нақшаи пешакии Латиф Воҳидов ва калонгариҳои ӯ дар назди раису Улфатов аз ҷояш набаромад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. II.*

2. Ин орзую мақсади ӯ ҳам аз чояш набаромад.

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 172. Дар ҷояш не...

дар ҳолати мӯътадил, аслии худ набудан, беҷо будани чизе.

— Ман дида истодаам, ки ранги рӯят дар ҷояш не...

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

### 173. Касеро дар ҷояш шинондан

адаби касеро додан, таъзирашро додан, танбеҳ кардан.

Ман онҳоро ҳам бо гап, ҳам бо кор дар ҷояш мешинондам!

*Ҷ. Икромӣ, «Ситора» («Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон»).*

**ҶОҒ**

### 174. Ҷоғи касеро бастан

1. касеро хомӯш намудан, аз гап боздоштан, 2. касеро маҳв кардан.

1. Зӯри ҳеҷ кас ба вай намерасад, пеш аз мурданаш ҷоғи вайро бастан илоҷ надорад.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. — Бигузор паррондан гирад, баъд мо ҳам боб карда ҷоғашро баста мемонем...

*Ф. Ниёзӣ, «Вафо», қ. I.*

### 175. Ҷоғ задан

1. бисьёр гап задан, 2. ҳарзагӯӣ кардан.

Онҳо хуб ҷоғ зада лакот шуда, хобашон бурда монд.

*Р. Ҷалил, «Гулрӯ».*

### 176. Ҷоғи касе тафсидан

1. бисьёр дуру дароз гап задан, 2. саргарми гап шудан.

1. Дар вақти мастӣ ҷоғаш тафсида рафт.

*Ҷ. Икромӣ, «Ман гунаҳкорам».*

2. Ҷоғи «одами дуруст» хеле тафсид.

*П. Толис, «Тобистон».*

**ҶУВОЛ**

### 177. Ҷуволи холӣ рост намеистад

1. бо шикамми гурусна ҳеҷ кор пеш намеравад, барои кор кардан саломатӣ, шикамсерӣ лозим аст, 2. аввал хӯроку баъд кор.

1. — Сонӣ, духтари Александр, «ҷуволи холӣ рост намеистад», дилат набардораду иштиҳоят набошад ҳам, ӣлоҷе карда хӯрок хӯрдан даркор.

*Р. Ҷалил, «Шӯроб».*

2. «Ҷуволи холӣ рост намеистад». Аввал шикамро сер кунем, баъд меравем.

*«Тоҷикистони советӣ».*

**ҶУДОГАШТА**

### 178. Ҷудогаштаро гург мехӯрад

1. аз ҷамъият ҷудошуда ба бало гирифтор мешавад, берун аз коллектив ҳоли кас хароб мешавад, 2. пешравии одам дар коллектив аст.

— Бибиҷон, ҳама аз ман рӯ гардонданд. «Ҷудогаштаро гург мехӯрад» мегӯянд. Ҳавохонро аз дугонаҳояш ҷудо накунетон, рафта ҳунар омӯзад.

*«Занони Тоҷикистон».*

**ҶУМЪА**

### 179. Ҷумъа борад, шанбе монад, шанбе борад, кай монад?

ба таври шӯхӣ дар бораи борони муттасили як чанд рӯз боридаистода мегӯянд.

— Ҷумъа борад, шанбе монад, шанбе борад, кай монад? — гуфтаанд,— гуфт вай ба хона даромада.— Ҳоло ҳам, ки шанбе борид, ист накарда зада истодааст.

*Ҷ. Икромӣ, «Шодӣ».*

**ҶУНБИШ**

### 180. Ҷунбиши дегу табақ

1. ташвиши хӯрокпазӣ, 2. кору бори хона, рӯзғор.

Ҳатто ҷунбиши дегу табақ ҳам ба ӯ акнун малол меомад.

*Р. Ҷалил, «Одамони ҷовид», қ. I.*

**ҶУРҒОТ**

### 181. Ҷурғотро сиёҳу дегро сафед гуфтан

*Ниг.* Сиёҳро сафед, сафедро сиёҳ гуфтан.

Ин қаллобони падаркасбу модармерос ҷурғотро сиёҳу дегро сафед мегӯянд.

*С. Ғанӣ, «Табассум».*

**ҶУФТ**

### 182. Ҷуфт кардан касеро бо касе

зану шӯ кардан, шӯю зан кардан, хонадор кардан.

Фирӯзаро бо ту ҷуфт кунем...

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

**ҶУФТАК**

### 183. Ҷуфтак задан

давидан, бо шитоб давидан.

Аз паи муфтхӯрӣ ҳар сӯ ҷуфтак мезанӣ.

*«Хорпуштак».*

### 184. Ҷуфтакро музоаф кардан

гурехтан, гурехта рафтан.

— Ҳоло ту тамом аз дуньё бехабар будай, аввал касе, ки ҷуфтакро музоаф кард, Ҳикмати буз буд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

## ҶӮЙ

### 185. Дар ҷӯи нокаида об намеравад

1. барои пешравии ҳар як кор шароит ва имкониятҳо муҳайё кардан лозим аст, 2. бе заҳмат ҳеҷ кор пеш намеравад.

Ба саҳро баромадам, то бубинам, ки аҳволи он майдонҳои дар аввали июнь чигит шинонидашуда чӣ гуна аст. Дар урфият мегуфтанд, ки «дар ҷӯи нокаида об намеравад».

*Ф. Муҳаммадиев, «Дар роҳи нав» («Шарқи сурх»).*

### 186. Ҷӯйро обу одамро одам вайрон мекунад

одамро одам ба роҳи бад мекашад, одамро одами бад гумроҳ мекунад.

Маъруф писари хуб. Вай модарашро хафа кардан намехоҳад. Ҳар як ҷавони дигари бо ақлу фаросат низ ҳамин хел рафтор мекунад. Ман боварӣ дорам, ки Маъруф туро самимона дӯст медорад. Ба гапу калочаи мардум бовар накун, ки «ҷӯйро обу одамро одам вайрон мекунад».

*«Тоҷикистони советӣ».*

## ҶӮРА

### 187. Ҷӯраи обногузар будан

дӯсти ниҳоят қарин будан.

— Хӯҷаини ман бо қозӣ ҷӯраи обногузар будааст...

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

**ҶӮШ**

### 188. Ҷӯшу хурӯш

1. авҷ, қиём, гармо гармии амале, 2. бесаранҷомӣ, бетартибӣ.

1. Айни ҷӯшу хурӯши кори устохона буд.

*«Тоҷикистон».*

2. Моҳи августи соли 1920 ҷӯшу хурӯши дарбори амир зиёд шуда буд.

*С. Айнӣ, «Дохунда».*

### 189. Бо ҷӯшу хурӯш

1. бо суръат, 2. бо хубӣ.

Қор бо ҷӯшу хурӯш пеш меравад.

*«Тоҷикистони советӣ».*

### 190. Дар ҷӯшу хурӯш будан

дар авҷ будан.

Дар ҳама ҷо кор дар ҷӯшу хурӯш буд.

*П. Толис, «Баҳори колхозӣ»*
*(«Шарқи сурх»).*

### 191. Ҷӯшу хурӯш задан

авҷ гирифтан, тасфида рафтан.

Меҳнат, ғайрат ҷӯшу хурӯш мезад.

*Ғ. Абдулло, «Дар водии бахт»*
*(«Маориф ва маданият»).*

**ҶӮЯНДА**

### 192. Ҷӯянда — ёбанда (аст)

ба даст даромадани чизе, ба мақсаде муваффақ шудан вобаста ба кӯшишу ғайрат аст.

1. «Ҷӯянда — ёбанда» гуфтаанд. Охир маро баҳонаи ҳақиқии тарки сафар ёфт шуд...

*С. Айнӣ, «Восифӣ, ва хулосаи*
*«Бадоеъ-ул-вақоеъ».*

2. — «Ҷӯянда ёбанда аст» мегӯянд, — хандид Пӯлод Қодиров,— барои касе ки он қадар китобро навиштааст, ёфтани сурати шумо душвор набудагист, дӯстам.

*Р. Ҷалил, «Шӯрэб».*

3. — Агар ман ба шумо лозим шавам, ҳамту аз паси дарвоза истода, ба ҳар раҳгузар «Тағоичаро гуфта монед» гӯед, бас! Ман дар як дақиқа ҳозир мешавам. О, мегӯянд-ку: «ҷӯянда — ёбанда!»

*Ҷ. Икромӣ, «Духтари оташ».*

## ФАРҲАНГҲОИ РУҶӮЪКАРДАШУДА


*«Баҳори Аҷам»*, таълифи Рой Тик Чанд (1296 ҳ.—1879 м.).

*«Ғиёс-ул-луғот»*, таълифи Муҳаммад Ғиёссиддин бинни Ҷалолиддин (1242 ҳ.—1827 м.).

*«Бурҳони қотеъ»*, таълифи Муҳаммад Ҳусайн бинни Ҳалаф-ут-Табрезӣ (1062 ҳ.—1652 м.).

*«Фарҳанги Нафисӣ»*, ҷ. I—V таълифи доктор Алиакбар Нафисӣ (1318 ҳ.—1940 м.).

*«Амсол ва Ҳикам»*, таълифи Алиакбар Деҳхудо (1319 ҳ.—1940 м.).

*«Персидско-русский словарь»*, таълифи проф. Б. В. Миллер (1953).

*«Таджикско-русский словарь»*, дар зери таҳрири М. В. Раҳимӣ ва Л. В. Успенская (1954).

*«Краткий таджикско-русский словарь»*, таълифи Я. И. Калонтаров (1955).

*«Англо-русский фразеологический словарь»*, таълифи А. В. Кунин (1955).

*«Немецко-русский фразеологический словарь»*, таълифи Л. Э. Бинович (1956).

## МАЪХАЗҲОИ ИҚТИБОСШУДА. НАСР, НАЗМ ВА АСАРҲОИ ИЛМӢ:

Абдулло, Ғанӣ: «Шери занҷиршикан», «Қарзи виҷдон», «Тӯфон» (бо ҳамроҳии Ш. Киёмов).

Айнӣ, Садриддин: «Тирози ҷаҳон», «Шайхурраис Абуалӣ Сино», «Оби ҳаёт», «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ», «Ятим», «Ҷанги одаму об», «Исьёни Муқаннаъ», «Асарҳои мунтахаб» («Саргузашти як тоҷики камбағал ё ки Одина», «Аҳмади девбанд», «Мактаби кӯҳна», «Ҷаллодони Бухоро», «Марги судхӯр»), «Ёддоштҳо», қ. I, II, III, IV. «Мирзо Абулқодири Бедил», «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ», «Ашъори мунтахаб», «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам», «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик».

Аминзода, Муҳиддин: «Шеърҳо», «Аз ҳар ҷо як шингил».

Амонов, Раҷаб: «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд».

Ансорӣ, Файзулло: «Офтоб дар роҳ», «Гулдастаи дӯстӣ», «Имтиҳон», «Гулшан».

Баҳорӣ, Абдумалик: «Одамони шинос», «Сарахбори зиндагӣ».

Деҳотӣ, Абдусалом: «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб», «Асарҳои мунтахаб», «Паёмҳои дӯстӣ», «Ҳаёт қадам мезанад».

Диёрӣ, Маҳмуд: «Кӯли булӯрин».

Икромӣ, Ҷалол: «Аз Москва чӣ овардӣ?», «Тирмор», «Ҳаёт ва ғалаба», «Як қаҳрамони асрамон», «Роҳи бахт» (бо ҳамроҳии М. Қосимов), «Зӯҳра», «Достони марди танкшикан», «Қаҳрамони канори Днепр», «Ҷавоби Муҳаббат», «Муҳаббат», «Духтари ноком», «Шодӣ», «Гуноҳи кӣ?» (бо ҳамроҳии Е. Мительман), «Ман гунаҳкорам», «Ҳикоя ва очеркҳо», «Тори анкабут», «Духтари оташ».

Карим, Ҳаким: «Садои рӯзҳо», «Ҳикояти устоди «Мисриён», «Оқшуда ва ҳикоятҳои дигар», «Ҳикояҳо».

Лоҳутӣ, Абулқосим: «Девон», «Асарҳои мунтахаб», «Нидои зиндагӣ», «Куллиёт», ч. I—II.

Мирзо, Ғаффор: «Ҳазор раҳмат», «Асрор», «Тоҷи давлат», «Дил дар кафи даст», «Дар диёри дӯстон».

Мирзоев, Абдулғанӣ: «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик», «Биноӣ».

Миршакар, Мирсаид: «Шеърҳо ва поэмаҳо», «Муаллими ишқ», «Қишлоқи тиллоӣ», «Панҷи нооро», «Шеърҳо ва достонҳо», «Афсонаи кӯҳистон», «Ленин дар Помир», «Баҳори тоҷикон», «Тошбек ва Гулқурбон».

Муҳаммадиев, Фазлиддин: «Муҳоҷирон», «Тири хокхӯрда».

Назаров, Ҳабибулло: «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона».

Наимӣ, Қодир: «Соли 1916», «Рӯзи равшан», «Ман бо шумо».

Ниёзӣ, Фотеҳ: «Ватандӯстон» (бо ҳамроҳии С. Ғанӣ), «Интиқоми тоҷик», «Ҳикоя ва очерҳои фронтӣ», «Духтари ҳамсоя», «Вафо», к. I—II.

Носиров, Комилҷон: «Орият».

Обидӣ, Ҳомид: «Қаҳрамонҳои комсомол», «Қаҳрамонӣ», «Пионер дар сарҳад» (бо ҳамроҳии А. Усмонов).

Раҳимзода, Боқӣ: «Ҳаёт ва сухан».

Раҳимӣ, Муҳаммадҷон: «Роҳи равшан», «Тиллои тоҷик».

Саидмуродов, Султон: «Тӯҳмат» (бо ҳамроҳии И. Исмоилов).

Сидқӣ, Аъзам: «Ниҳоли орзу».

Сулаймонӣ, Пайрав: «Маҷмӯаи шеърҳо», «Асарҳои мунтахаб».

Ҷавҳаризода, Суҳайлӣ: «Гулдаста», «Ҳадья ба диловарони Ватан», «Қувваи дӯстӣ», «Мӯъҷизоти халқ», «Хосиятой», «Шеърҳои ҳаҷвӣ», «Гулшани афрӯхта».

Толис, Пӯлодҷон: «Чароғҳо», «Маҷмӯаи ҳикояҳо», «Ҳикояҳо», «Бачагони қишлоқи мо», «Маҷмӯаи ҳикояҳо», «Ҷавонӣ», «Ҳикояҳои даҳ сол», «Тобистон».

Турсунзода, Мирзо: «Ман аз Шарқи озод», «Асарҳои мунтахаб».

Улуғзода, Сотим: «Дар оташ», «Аҳмади Дониш», «Ёрони боҳиммат», «Навобод», «Субҳи ҷавонии мо», «Ибни Сино» (бо ҳамроҳии В. Виткович), «Қисмати шоир».

Усмон, Тоҷӣ: «Кашфи асрор».

Фарҳат, Муҳиддин: «Назми озодӣ».

Шарқӣ, Мустафо: «Ёру ҷӯраҳо».

Шукӯҳӣ, Аминҷон: «Садои дил».

Юсуфӣ, Ҳабиб: «Маҷмӯаи шеърҳо».

Ғанӣ, Самад: «Табассум».

Ҳусейнзода, Шарифҷон: «Сухансарои Панҷрӯд», «Камоли Хуҷандӣ» (Сарсухан).

Ҷалил, Раҳим: «Гулрӯ», «Одамони ҷовид», к. I—II, (1949), «Умри дубора», «Одамони ҷовид», (якҷилда — 1954), «Ҳикояҳо», «Шуроб», «Ҳамида».

## ФОЛЬКЛОР.

«Латифаҳои тоҷикӣ» (тартибдиҳанда А. Деҳотӣ).

«Афсонаҳои халқи тоҷик» (тартибдиҳандагон Р. Амонов ва К. Улуғзода).

«Рубоиёт ва дубайтаҳои халқи тоҷик» (тартибдиҳанда А. Деҳотӣ).

## МАҶМӮАҲО.

«Ҳадья (1938).

«Намунаи адабиёти тоҷик» (1940).

«Барои Ватан» (1941).

«Роҳи пуршараф» (1944).

«Тӯҳфаи ҷавонон» (1946).

«Овози ҷавонон» (1945).

«Айёми мо» (1958).

«Истеъдодҳои ҷавон» (1958).

«Чароғи ирфон» (1961).

## IV. МАҶМУАИ ПЬЕСАҲО.

«Маҷмуаи пьесаҳо» (1947).

«Пьесаҳои якпардагӣ» (1950).

«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ» (1954).

«Пьесаҳои драматургҳои Тоҷикистон» (1950).

«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ» (1950).

«Пьесаҳои якпардагӣ» (Маҷмуа, 1958).

## V. ЖУРНАЛ ВА ГАЗЕТАҲО

«Шуълаи инқилоб» (1919—1921).

«Роҳбари дониш» (1927—1937).

«Барои адабиёти социалистӣ» (1927—1932).

«Шарқи сурх» (1940—1961).

«Пионер-Машъал» (1953—1961).
«Хорпуштак» (1954—1961).
«Занони Тоҷикистон» (1956—1961).
«Тоҷикистон» (1957—1961).
«Тоҷикистони советӣ» (1956—1961).
«Газетаи муаллимон» — «Маориф ва маданият» (1956—1961).

## РӮЙХАТИ ИБОРАҲОИ РЕХТА

### А

Абраю астари касеро чаппа кардан (намудан) А—2
Абраю астари касе чаппа карда шудан А—1
Абраю астари касеро чаппаю роста кардан А—3
Абрӯ хам иахӯрдан А—4
Абҷад ёд кардан А—5
Абҷақи касеро баровардан А—6
Аввал андеша в-он гаҳ (баъд) калом (гуфтор) А—7
Аввал бубин ҷои худ, баъд бимон пои худ А—8
Аввал кор, баъд бозор А—9
Аввал кор, баъд гуфтор А—10
Аввал нон, баъд имон А—11
Аввал пурсиш, баъд кушиш А—12
Аввал таом в-он гаҳ (пас, баъд) калом А—13
Аввал хеш, баъд дарвеш А—14
Аввал чӣ будӣ, гурба, ки лунчи ту варам кард А—15
Аввал як бӯса, баъд самбӯса А—16
Авзои касе беҷо намудан А—17
Авзои касе беҷо (дигар) шудан А—18
Авзояш беҷо барин А—19
Авқоти касеро талх намудан А—20
Авҷ гирифтан А—22
Агар бемор дуруст шуданӣ бошад, табиб ба дари хона меояд Б—187
Агар монӣ А—23
Агар сад ҷон дошта бошад, якеаш халос намешавад С—38
Агар тарсӣ аз хатар, накун орзӯи сафар А—24
Адаби касеро додан А—25
Адаби худро хӯрдан А—27
Адо кардан (чизе, касеро) А—28, А—29
Адо шудан А—30
Аёнро чӣ баён А—31
Аз азми худ гаштан А—32
Аз аккахона булбул рӯидан А—56
Аз анбори холӣ сад ман шолӣ А—89
Аз араќи ҷабин ёфтан А—107
Аз асаб фуромадан А—128
Аз асп фуроянд ҳам, аз узангу намефароянд А—138
Аз афташ А—148
Аз афти кор А—147
Аз ақиби касе афтодан А—156

Аз ақл бегона будан А—162
Аз ақл бегона шудан А—163
Аз ақл берун А—164
Аз аҳамият холӣ набудан А—191
Аз бадгумонӣ баровардан Б—12
Аз бадномӣ баровардан Б—14
Аз байн баровардан Б—20
Аз байн ғурбаи ало гузаштан Б—21
Аз байн ғурбаи сиёҳ гузаштан Б—23
Аз байни ду ангушти худ арши худоро нишон додан Б—26
Аз байни нохун чирк кофтан Б—31
Аз байни панҷа нигоҳ кардан Б—32
Аз байн рафтан Б—33
Аз байн (мӯй) қил нагузаштан Б—37
Аз бало ҳазар Б—59
Аз барои як нахӯд як ҳавз обро хӯрдан Б—80
Аз барф манора сохтан Б—90
Аз баҳри касе, чизе баромадан (гузаштан) Б—139
Аз баҳри ҷон гузаштан Б—142
Аз бекор худо (ҳама) безор Б—180
Аз бекорӣ кадукорӣ Б—181
Аз беморӣ сар бардоштан Б—190
Аз беруни бало будан, дар даруни он будан беҳтар аст Б—198
Аз бечорагии худ мондан Б—223
Аз бинии худ дуртарро надидан Б—243
Аз бинӣ боло гап задан Б—234
Аз бозор мондан Б—272
Аз болои гапи худ баромадан Б—290
Аз боло гузаштан Б—292
Аз болои касе, чизе баромадан Б—284
Аз болои (пушти) касе калонӣ кардан Б—296
Аз болои касе об(-и хунук) рехтан Б—294
Аз болои чизе, касе паридан Б—305
Аз болои чизе сарсарӣ гузаштан Б—313
Аз болои уштур алаф даравидан Б—315
Аз болои уштур ба чизе нигоҳ кардан Б—316
Аз болои ҳунар нон хӯрдан Б—321
Аз болу пар ҷудо шудан Б—281
Аз бом тароша афтидагӣ барин Б—286
Аз борон гурехта ба новадон (ҷола) дучор шудан (вохӯрдан) Б—334
Аз боғу роғ Б—341
Аз ватани худ овора шудан В—13
Аз ваъдаи худ гузаштан В—14
Аз ваҳми ҷон В—35
Аз гап бехбар гаштан Г—59
Аз гап гап баромадан Г—71
Аз гапзанӣ даҳон (забон) мӯй баровардан Г—210
Аз гапи касе баромадан Г—55
Аз гапи худ дармондан Г—181
Аз гап намондан Г—149
Аз гардан соқит кардан Г—235

Аз гирду атроф даромад кардан Г—271
Аз гиребони касе гирифтан (доштан) Г—279
Аз гови шохзан оғили холӣ беҳ Г—303
Аз гов ғадуд Г—304
Аз гул баромадан Г—315
Аз гулӯ нагузаштан (хӯрок) Г—327
Аз гуноҳи касе гузаштан Г—342
Аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор Г—347
Аз гуруснагӣ шикам танбӯр менавозад Г—365
Аз гуфтаи касе баромадан Г—368
Аз гуфтаи касе берун рафтан Г—369
Аз гуфтаи худ гаштан Г—376
Аз гуфтаи худ намондан Г—378
Аз гӯр берун гаштан Г—396
Аз гӯр гирифта ба гӯр задан Г—398
Аз гӯш набаровардан Г—433
Аз гӯшт (гӯшту пӯст) фуромадан Г—464
Аз давлати шолӣ курмак об мехӯрад Д—4
Аз дами худ фуромадан Д—19
Аз дарьё як коса об Д—67
Аз дарьё қатра (об) бахшидан Д—68
Аз дастам корамро гиру аз даҳонам нонамро гир Д—188
Аз дастат чӣ кор меояд? Д—189
Аз даст додан Д—126
Аз дасти касе ба бало мондан Д—81
Аз дасти касе ба дод омадан Д—91
Аз дасти касе ба касе рӯз набудан Д—98
Аз дасти касе баромадан Д—105
Аз дасти касе гузаштан Д—116
Аз дасти касе дод гуфтан Д—125
Аз дасти касе кор меомадагӣ шудан Д—138
Аз дасти касе кор омадан Д—139
Аз дасти касе рӯз надидан Д—168
Аз дасти касе ҳеҷ кор намондан Д—186
Аз дасти худ гузаронидан Д—177
Аз дасти чап хестан Д—180
Аз даст рафтан Д—165
Аз дасту по афтидан Д—156
Аз дасту по мондан Д—159
Аз даҳон афтода Д—207
Аз даҳон баромада мондан (рафтан) Д—210
Аз даҳони касе асал чакидан Д—208
Аз даҳони касе бӯи шир омадан Д—214
Аз даҳони касе шаҳду шакар рехтан Д—252
Аз даҳони худ шакар борондан Д—248
Аз даҳон мондани чизе Д—225
Аз даҳон сақич, аз чашм сурма задан Д—242
Аз девона мепурсӣ, ки моҳ чанд Д—259
Аз дил гапе гузаштан Д—333

Аз дили касе хабар доштан Д—435
Аз дили ростӣ Д—410
Аз дилу ҷон Д—483
Аз дил шустан Д—469
Аз димоғи касе дуд баровардан Д—504
Аз дин баровардан Д—513
Аз дудилагӣ набаромадан Д—572
Аз дунболи касе овезон шудан Д—594
Аз дуньё бехабар будан Д—595
Аз дур даромад кардан Д—602
Аз ду чашма обнӯш шудан Д—562
Аз дуғи касе шавла пухтан Д—609
Аз ёд баровардан Ё—9
Аз ёд баромадан Ё—10
Аз ёд кардан Ё—13
Аз ёд рафтан Ё—18
Аз забонат гардам З—52
Аз забони касе гап задан З—4
Аз забони касе хат гирифтан З—34
Аз забони касе хат навиштан З—36
Аз забони касе шунидан З—45
Аз забон мондан З—20
Аз забон хат додан З—35
Аз забон шаҳду шакар рехтан З—43
Аз замин то осмон фарқ доштан З—80
Аз зери бинии худ дуртарро надидан З—123
Аз зери дасти касе баромадан З—126
Аз зери забон забон баровардан З—133
Аз зери замин мор гузарад донистан З—134
Аз зери нохуни касе чирк ҷустан (кофтан) З—142
Аз зери по баромадан З—148
Аз зери пой баровардан З—147
Аз зери чашм гузарондан З—157
Аз зиндагӣ даст шустан З—174
Аз зин фуроя ҳам, аз узангу намефуроя З—170
Аз изни касе берун набаромадан И—4
Аз имкон берун будан И—17
Аз ин монда, аз он ронда И—21
Ан ин рӯ И—22, Р—197
Аз ин ҷо ронда, аз он ҷо монда И—21
Аз ин ҷост, ки... И—24
Аз итоат баровардан И—40
Аз иштибоҳ баровардан И—57
Аз иштиҳо мондан И—62
Аз кадом гӯр (гӯру лаҳад) К—8
Аз камари падар нарӯида (нашуда) бошам К—64
Аз карнайчӣ як пуф К—82
Аз касе бӯи некӣ наомадан Б—384
Аз касе гап баромадан Г—55
Аз касе гап гирифтан Г—79
Аз касе гапи сахт шунавидан Г—171
Аз касе гап шунидан Г—192
Аз касе дил мондан Д—370
Аз касе забонкӯтоҳӣ доштан З—61
Аз касе курта (ҷома)-е пештар (зиёдтар) дарронадан К—279
Аз касе кӯтоҳӣ гузаштан К—306

Аз касе нағзӣ набаромадан Н—122
Аз касе оташ напаридан О—172
Аз касе рӯи хуш (рӯйхушӣ) надидан Р—270
Аз касе тӯҳмат боридан Т—308
Аз касе чизе баромадан Б—86
Аз касе, чизе даст бардоштан Д—102
Аз касе, чизе дил кандан Д—360
Аз касе, чизе намондан Н—79
Аз касе, чизе чашм пӯшидан Ч—117
Аз касе хато гузаштан Х—83
Аз касе хубӣ дидан Х—247
Аз касе хубӣ набаромадан Х—348
Аз ким-кадом гӯри кӯҳна Қ—109
Аз кор баровардан Қ—143
Аз кор баромадан Қ—144
Аз кор даст кашидан Қ—167
Аз кор мондан Қ—187
Аз кор монондан Қ—188
Аз кор рафтан Қ—206
Аз кор сар набардоштан Қ—211
Аз кору бор мондан Қ—154
Аз кофтан кафи поям варам кард Қ—268
Аз кулӯх оташ (алов) паридан Қ—273
Аз кунда (чӯб) параха паридан Қ—275
Аз кунда параха паррондан Қ—276
Аз куҷоҳо даромад кардан Қ—291
Аз кӯчаи чизе нагузаштан Қ—311
Аз лафзи худ гаштан Л—35
Аз лой гурехта, ба лойдон афтодан Л—55
Аз лой ҳалво сохтан Л—60
Аз маслиҳати касе берун баромадан М—63
Аз маслиҳат набудан М—67
Аз маърака ва маврид баровардан М—85
Аз миён бардоштан М—115
Аз миён рафтан М—131
Азми худро шикастан А—33
Азми ҷазм А—34
Азмро ҷазм кардан А—35
Аз мурданам хабар дораму (аммо) аз ин кор не М—217
Аз наваш партофтан Н—21
Аз назар афтодан Н—33
Аз назар гузарондан Н—40
Аз назар дур надоштан Н—47
Аз назар дур намондан Н—50
Аз назари диққат берун гузоштан Н—44
Аз назари касе гузаронидан Н—41
Аз назари касе гурехтан Н—42
Аз назари эътибор дур мондан Н—62
Аз назар пӯшида мондан Н—56
Аз нархи пиёз бехабар будан Н—86
Аз нишебу фарози роҳ натарсидан Н—148
Аз номат гардам Н—176
Аз ноомади кор атола дандон шиканад Н—208
Аз нохун хун чакидан Н—214
Аз нӯги забон гуфтан Н—233
Аз нӯги забон розигӣ додан Н—234
Аз нӯги хамир фатир Н—251
Аз нӯги чарху дук Н—253

Аз нӯги чизе Н—224
Аз нӯҳ даҳро задан Н—262
Аз об арғамчин бофтан О—9
Азобаш ба сари худаш А—39
Аз об бардоштани ғалбер О—14
Аз об гирифта ба бед задан О—19
Азоби гӯр А—36
Азоби сагро кашидан А—38
Аз об хушк баромадан О—55
Аз об ҳалво сохтан О—59
Аз обҷувози худ гузаронидан О—73
Аз одамгарӣ баровардан О—100
Аз одамгарӣ баромадан О—101
Аз одат берун О—105
Аз олам бехабар будан (хабар надоштан) О—108
Аз они худ зери тағора, аз они кас ҳар ҷо нағора О—125
Аз они худӣ будан О—127
Аз осмон афтидан О—142
Аз осмон ситораро бе нардбон канда гирифтан О—152
Аз осмон ситора хостан О—153
Аз осмон фуромадан О—154
Аз осмон чалпак боридан О—155
Аз охури баланд (боло) ем хӯрдан О—184
Аз паи бечорагии худ рафтан П—3
Аз паи касе, чизе афтидан П—2
Аз паи касе, чизе будан П—4
Аз паи касе, чизе гаштан П—6
Аз паи касе, чизе фаромадан П—11
Аз паи касе, чизе шудан П—12
Аз паи кори худ рафтан П—10
Аз панҷаи касе ҳунар рехтан П—38
Аз паси касе одам фиристодан П—65
Аз паси касе фуромадан П—73
Аз паси коре гаштан П—61
Аз паси кори худ рафта П—62
Аз паси кор шудан П—63
Аз паси панҷа нигоҳ кардан П—66
Аз паси чизе нон хӯрдан П—64
Аз паси чизе рӯзи касе гузаштан П—70
Аз пашша фил сохтан П—90
Аз пеши касе гузаштан П—104
Аз пеши касе фалокат баромадан П—131
Аз пеши назар гузаронидан П—113
Аз пеши назари касе гузаронидан П—114
Аз пеши роҳи касе баромадан П—124
Аз пеши роҳи худ бардоштан П—128
Аз пеши худ П—132
Аз пеш ҷару аз пушт табар П—137
Аз по афтидан П—171
Аз по афтондан П—172
Аз пода омадан П—246
Аз пода пеш чанг бардоштан (хезондан, баровардан) П—247
Аз по даровардан П—185
Аз пои касе гирифтан П—181
Аз пой андохтан П—170
Аз пой ва забон мондан П—189
Аз по мондан П—200

Аз пою домани касе гирифтан П—187
Аз пушти касе офтоб надидан П—291
Аз пушти чизе нон хӯрдан П—290
Аз пушти чизе рӯз гузаронидан П—301
Аз пусти худ баромадан П—321
Аз пушти (паси) шолӣ курмак об мехӯрад П—303
Аз раъи худ гаштан Р—45
Аз ресмон савол диҳед, аз осмон ҷавоб медиҳад Р—51
Аз рикоб фуровардан Р—61
Аз риш канда ба мӯйлаб часпондан Р—63
Аз ришта то сӯзанаш донистан Р—75
Аз роҳ баровардан Р—91
Аз роҳ гардонидан Р—95
Аз роҳ гаштан Р—97
Аз роҳ задан Р—108
Аз роҳи бад баргаштан Р—87
Аз роҳи касе баромадан Р—92
Аз роҳи касе чашм накандан Р—132
Аз роҳи чизе нон хӯрдан Р—119
Аз роҳ мондан Р—114
Аз роҳ монондан Р—117
Аз рӯзаш пештар Р—192
Аз рӯи... Р—198
Аз рӯи гуфт (гуфта) Р—214
Аз рӯи дид Р—218
Аз рӯи дил Р—220
Аз рӯи дил гуфтан Р—221
Аз рӯи касе гузашта натавонистан Р—213
Аз рӯи касе моҳ (маҳ) дидан Р—231
Аз рӯи касе наҳс боридан Р—235
Аз рӯи ноилоҷӣ Р—235
Аз рӯи эҳтиёт Р—277
Аз рӯй ҳой-ҳою аз дарун вой-вой Р—278
Аз рӯ шона, аз так фона задан Р—274
Аз рӯятон гардам Р—295
Аз савдо кану хӯрок зан С—16
Аз савлаташ об ях мекунад С—21
Аз сад гулаш як гулаш нашукуфтааст С—33
Аз сад ҷони касе як ҷонаш амон намемонад С—39
Аз сарат наояд С—289
Аз сарат монад С—288
Аз саратон монад С—288
Аз сараш гардам С—292
Аз сар гузаронидан С—131
Аз сари дастурхон хестан С—138
Аз сари касе гузаштан (-и воқеае) С—134
Аз сари касе гузаштани чизе С—132
Аз сари касе дур нашудани чизе С—141
Аз сари касе ҳавои чизеро берун кардан С—276
Аз сари нав С—178
Аз сари роҳи худ (касеро) дур андохтан С—205
Аз сари роҳ касеро рӯфта партофтан С—203
Аз сари савдои чизе гузаштан С—210

Аз сари худ дафъ кардан С—254
Аз сари худ дур кардан С—255
Аз сари худ соқит кардан С—261
Аз сари чизе гузаштан С—133
Аз сидқи дил С—363
Аз сояи... С—397
Аз сояи худ тарсидан С—407
Аз сухани худ гаштан С—465
Аз сӯрохи сӯзан гузаронидан С—488
Аз сӯрохи сӯзан уштурро гузаронидан С—489
Аз табақ баромадан Т—5
Аз табиби хароб тарс ва аз эшони фарбеҳ гурез! Т—11
Аз таги дил Т—44
Аз таги... дор гурехтан Т—46
Аз таги дуньё гирифтан Т—48
Аз таги замин мор гузарад мефаҳмад Т—50
Аз таги касе бод нагузаштан Т—30
Аз таги нохун чирк кофтан Т—56
Аз таги чашм дур накардан Т—67
Аз таки дил Т—44
Аз тангӣ баромадан Т—121
